**ШАМСИДДИН шоҳин**

# КУЛЛИЁТ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2006

ББК 83 точик
Ш-79

***Ин китоб ба муносибати 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ба табъ расид.***

Таҳия ва тавзеҳоти
*Музаффар Муҳаммадӣ*

Зери назари
*Расул Ҳодизода ва Абдуҷаббор Раҳмонов*

Муҳаррирони масъул:
*Абдулҳамиди Самад, Абдуқодири Рахим*

Муҳаррирон:
*Низом Қосим, Мубашшир Акбарзод*

Ш-79 *Шамсиддин Шоҳин.* Куллиёт. — Душанбе, «Адиб», 2006. 640 саҳ.

Китоб осори мукаммали яке аз шоирони намоёни хавзаи адабии асри Х1Х-и Бухоро Шамсиддин Шохинро фаро гирифтааст, ки бори аввал дар шакли комил пешкаши хонанда мешавад.

**ЕШЧ 99947-32-06-4**

**© Тахия ва тавзехоти Музаффар Мухаммадй, 2006.**

# ПЕШГУФТОР

Шинохт ва бузургдошти гузаштагони миллат яке аз унсурҳои ифтихори ватандорӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар мавриди рӯ овардан ба гузаштаи фарҳанги миллат дар робита бо дарки мақоми гузаштаву имрӯзаи тоҷикон дар густариши тамаддуни башарӣ шоистаи таҳсин аст. Аз ин нигоҳ таҷлили ҷашни муборакн 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, бузургдошти тамаддуни ориёӣ аз воқеаҳои муҳимтарини сиёсӣ ва таърихиву фарҳангии кишвар мебошад, ки дар заминаи он омӯзиши таърихи гузашта ва имрӯзаи илму фарҳанг дар сарзамини тоҷикон ва таъйини нақши намояндагони он дар ривоҷи маънавиёти миллат мубрамияти хосаеро касб мекунад. Дар ҳофизаи таърихӣ нигоҳ доштани арзишҳои маънавӣ яке аз рукнҳои муҳимми худшиносӣ мебошад. Ба ин мақсад рӯ овардан ба осори шоирон ва адибони гузашта ва маърифат андӯхтан аз асарҳои онҳо боиси баланд бурдани худогоҳии миллӣ шуда, доираи ҷаҳонбинии моро афзун менамояд.

Моро зарур аст, ки дар ҳамин замина ба дарки мӯҳтавои осори ниёкони хеш бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намоем ва онҳоро омӯхта барои дастрас намудан ба дигарон талош варзем. Ин гуна муносибат мӯъҷиби боз ҳам бештар пайванд гардидани наслҳо ва робитаи замонҳо дар фарҳанги маънавӣ мегардад.

Таърихи ҳар як сарзамин бо таърихи илму фарҳанги маҳалҳои он сахт пайванд мебошад. Аз ҷумла адабиёти тоҷик дар садаи XIX доманаи васеъ дошта, дар ҳудуди ҷуғрофии васеъ густариш ёфта буд. Ин адабиёт дар тамоми сарзамини Осиёи Марказӣ аз Самарқанд то Бухоро аз Хӯқанд то Балху Бадахшон арзи вуҷуд мекард. Дар асри XIX ва ибтидои асри XX дар баробари доираҳои адабии шаҳрҳои бузурги марказӣ ҳамчун Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд дар шаҳрҳои музофотӣ ва вилоятҳои нисбатан

хурд монанди Кеш, Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз, Бадахшон ва ноҳияҳои дигар низ доираҳои адабии маҳаллӣ вуҷуд доштанд. Ҳарчанд вилоятҳои кӯҳистони тоҷик мисли Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин ва Дарвоз ҳар кадом чун ҳокимияти маҳаллӣ арзи вуҷуд доштанд (танҳо дар солҳои 70-80-и асри XIX амири Бухоро бо ёрии армияи подшоҳии рус онҳоро ба худ тобеъ кард), аммо аз он ҷо ки Бухоро чун пештара маркази илму маданияти халқи тоҷик буд, доираҳои адабиву фарҳангии ин вилоятҳо бо пойтахти аморат робитаи ҳамешагӣ доштанд.

Дар ин давра Кӯлоб, Балҷувон, Сари Хосор, Ховалинг, Кангурт, Қубодиён ва дигарон марказҳои маъмурии Хатлонзамин ба шумор мерафтацд, ки аз асрҳои қадим то асрҳои миёна чун дигар вилоятҳои тоҷикнишин дар ташаккул ва рушди адабиёту фарҳанги тоҷик ҳиссаи сазовори худро гузоштааст. Яке аз онҳо шоир ва олими асри XVIII Сулаймон ибни Абдуллоҳи Хатлонист, ки бо асари худ «Бақо ун-насоеҳ ва рафиқ ус-соликин» (соли таълифаш ЮОЗҳ. / 1594 м.) маълуму машҳур мебошад.

Доираи адабии Хатлонзамин дар асри XIX ва ибтидои асри XX шоирони зиёдеро ба камол расонидааст. Аксари онҳо дар Бухоро таҳсил карда, сипас ба зодгоҳи худ баргаштаанд ва ба ҳаёти адабии Хатлон ворид гаштаанд. Носеҳи Кӯлобӣ, Х,оҷӣ Хусайни Кангуртӣ, Раҳимӣ, Ҳоҷӣ Маҳмудхоҷаи Балҷувонӣ, Мулло Раҷаб, Мирзо Қадам Муҷрими Роғӣ, Мизробхон Хотирӣ ва боз бисёр дигарон аз он ҷумлаанд. Ин шоирон дар рушд ва такомули адабиёти ин давра ҳиссаи беназири хешро гузошта, бо осори гаронбаҳои худ дар баланд бурдани завқи маънавии аҳли ҷомеа таъсири мусбат расонидаанд.

Як гурӯҳи дигар бархостагони Хатлонӣ мебошанд, ки барои таҳсил ба Бухоро рафта, баъд дар он ҷо муқимӣ гаштаанд ва дар ҳаёти сиёсиву адабии Бухоро нақши пурарзише гузоштаанд. Шоирон Мулло Бурҳон ва

падараш Садриддин, Махдуми Кӯлобӣ, Носир, Афсар, Зарра, Бурҳониддини Бисмил, яке аз қозикалонҳои Бухоро - Қозӣ Бадридцин ва писари ӯ Садриддин, шоир ва мударрис Мулло Абдураҳим, ки бо тахаллуси Аҷзӣ шеър гуфтааст ва падари оҳангсоз ва устоди машҳури «Шашмақом» - Фазлиддин Шаҳобов мебошад, аз ин қабиланд.[1]

Аз ин миён месазад номи соҳиби «Куллиёт»-е, ки ҳоло дар даст доред, яъне Шамсиддин Махдум мутахаллис ба Шоҳинро алоҳида ба забон оварем. Шамсидпин Шоҳин аз ситораҳои дурахшони адабиёти форсу тоҷики охири асри XIX мебошад, ки номи ӯ ба воситаи номи падараш Мулло Амон, ки аз донишмандон ва мударрисони машҳури Бухоро будааст, бо номи Кӯлобй алоқаманд аст. Устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин фармудаанд: «Падари Шоҳин Мулло Амон ном кӯлобист, ... аз ватани аслияш ба нияти таҳсили илм ба Бухоро омада, дар ин ҷо таваттун ва издивоҷ карда; Шоҳин дар Бухоро таваллуд ёфта ва касбу камол намудааст».[1 2]

Ҷои таассуф аст, ки дар бораи аҳволу осори Шамсиддин Шоҳин пажӯҳишҳои пурарзише ба вуҷуд омада бошанд ҳам, то имрӯз осори гаронмояи ӯ пурра ба табъ нарасидааст. Зарурати пур кардани ин холигӣ, яъне ба зевари табъ оростани «Куллиёт» - и Шамсиддин Шоҳин, ки хатлониасл аст, дар арафаи ҷашни муборакн 2700-солагии шаҳри Кӯлоб беш аз пеш эҳсос мешавад. Аз ин рӯ бо дарки масъулият амалӣ гаштани чунин як корро амри солеҳ пиндоштем ва даст ба ин кори хайр задем. Чунин пиндоштем, ки омода ва ба нашр супоридани ин Куллиёт яке аз ҳадяҳои арзишманд ба

1. Муф. ниг.: А. Абибов. Доираҳои адабии Бухорои Шаркӣ. Душанбе, «Дониш», 1984.

2. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти точик, М., 1926, с. 361.

ҷашни мазкур хоҳад буд. Ба ин хотир моҳи майи соли 2005 чанде аз донишмандон ҷамъ омадем, ки иҷрои ин кори муҳимро ба анҷом расонем. Роҳбарии ин кори масъулро адабиётшиноси забардаст, яке аз кошифон ва мубаллиғони машҳури Шоҳин, Ходими хизматнишондодаи маданияти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Расул Ҳодизода, таҳияи матни осорро аз рӯи нусхаҳои қаламии мавҷуда адабиётшинос ва матншинос, номзади илмҳои филологӣ Музаффар Муҳаммадӣ, масъулияти. муҳарририи Куллиётро Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самадов ва шоири шинохта Абдуқодири Раҳим, кори назорати матнҳо ва табъу нашрро ин ҷониб ба ӯҳда гирифтанд. Аз он ҷо, ки омӯзиши зиндагӣ ва осори Шамсиддин Шоҳин аз ҷумлаи масруфиятҳои умри бобаракати устод Расул Ҳодизода ба ҳисоб мерафт, ҷамъомадагон боисрор хоҳиш карданд, ки устод навиштани муқаддимаи Куллиётро низ ба зимма бигиранд, ки хушбахтона аз ҷониби эшон рад нагашт.

Инак, пас аз даргузашти камтар аз як сол, ки барои анҷом додани чунин як кори бузург фурсати хеле кӯтоҳ аст, «Куллиёт»-и Шамсиддин Шоҳин бар асоси талабот ва дастовардҳои навтарини илми матншиносӣ дар шакли ҳаддалимкон мукаммал гашт ва ба ҷиҳати муборакбодии 15-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, инчунин бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва Анҷумани форсизабонон ва тоҷикони бурумарзӣ ба мардуми шарифи Тоҷикистон ҳадя мегардад.

Боварӣ дорем, ки дӯстдорони адаби форсӣ - тоҷикӣ аз ин осори гаронбаҳо истифода намуда, ба ҳунари шоирӣ ва адабии Шамсиддин Шоҳин аҳсан мехонанд.

*Абдуҷаббор Раҳмонов,*
*узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор.*

# МУХТАСАРЕ ДАР ШАРҲИ РӮЗГОРИ ШОҲИН

Шоҳин дар адабиёти нимаи дувуми асри 19-и тоҷик аз симоҳои шинохта ва намоёне маҳсуб мешавад. Ин шоири нокоми ҷавонмарг дар тӯли умри кӯтоҳи худ мероси бузурге дар достону маснавӣ, қасоиду ғазал, рубоиву тарҷеот, мухаммасу мусаддас аз худ боқӣ гузоштааст. Муаллифони тазкираҳои замони шоир ва баъдӣ дар шарҳи аҳвол ва осори шоир иттилооти мухтасаре додаанд, аммо ҷузъиёти зиндагии ниҳоят пурпечутоб ва талху ноҳамвори шоир бештар дар осори вай мунъакис гардидааст.

Шоҳин соли 1859 дар Бухоро таваллуд шудааст. Номи ӯ Шамсиддин аст ва ба он лақаби «махдум» мулҳақ буд. Ин лақаб одатан ба ашхосе мансуб мегардид, ки ба хидмат ё умуман ба доираи дарбори амир алоқае доштанд. «Шоҳин» тахаллуси шоирии Шамсиддин буд ва ӯ сабаби онро дар маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» шарҳ додааст.

Шоҳин дар оилаи мударриси одции Бухоро ба дунё омадааст. Падари вай Мулло Амон дар овони ҷавонӣ барои таҳсили илм аз ватани маълуфаш Хатлон ба Самарқанд меояд. Пас аз хатми таҳсил Мулло Амон ба Бухоро меравад ва дар ҳамон ҷо иқомат ихтиёр намуда издивоҷ ҳам мекунад.

Шамсиддин - писари ягонаи оила ба Мулло Амон дар пиронсолӣ (тахминан дар ҳудуди ҳафтодсолагиаш) атои худовандӣ буд. Падар ба тарбияи ӯ саъйи балиге намуд. Шоири ояндаро дар ҳафт - ҳаштсолагӣ ба мактаби духтарон доданд, ки мабодо бачаи ниҳоят қобилиятдори онҳо дар мактаби домуллоҳои маҳалла зери шаллоқу фаллоқ уқубат бибинад. Истеъдоди фавқулоддаи писари хурдсол дар ҳамин мактаби бибихалифаи гумном зуд мавриди таваҷҷӯҳу муҳаббати атрофиён ва билхосса падару модари вай гардид. Кӯдаки даҳ - дувоздаҳсола мафтуни шеъри Ҳофиз шуд, ғазалҳои ӯро аз бар мекард,

бо шавқу завқ мехонд ва ғайри чашмдошти падар ба сурудани шеър оғоз намуд. Ин шеърҳои кӯдакона ва хоми бачагона набуд, аз онҳо акси садои шеъри пуршӯри Ҳофиз ба гӯш мерасид.

Дар аввали солҳои ҳафтодум Шоҳин ба таҳсили мадраса шурӯъ намуд. Бо истеъдоди ҳайратафзо дарсу сабақи мударрисонро аз худ мекард, аз шогирдони ҳамсабақу ҳамсолаш ба дараҷот муқаддамтар буд, то он ҷо ки ба гирифтани ротибаи аълои муллобачагӣ - даҳяки амир (ба таъбири имрӯза - стипендияи ҳукуматӣ) мушарраф гардид. Устодонаш медиданд, ки Шамсиддини муллобача дар оянда мударриси номдори шаҳр хоҳад шуд.

Аммо саъю кӯшишу иштиёқи рағбати Шоҳин аз илм беппар ба шеъру шоирӣ буд. Дар солҳои шогирди мадраса буданаш шеърҳои обдори ошиқона месуруд ва дере нагузашта ӯро ҳамчун шоир шинохтанд - на танҳо дар доираи мадраса, балки берун аз он - дар доираҳои адабии шаҳри шеърпарвари Бухоро!

Шоҳин на танҳо ғазал месуруд, балки дар васфи ҳукмрони замонаш - амир Музаффар (солҳои ҳукмрониаш - 1860-1885) ғоибона мадҳияҳо низ иншо менамуд. Ин мадҳияҳо ҳамоно шукргузории вай барои маоши даҳяки мадраса буд. Қасидаҳои Шоҳин ба гӯши амир мерасид ва чанде аз онҳо шояд ба воситае манзури ҳукмрони замон ҳам гардид.

Шоҳин мадрасаро дар ибтидои соли 1880 хатм намуд. Ҳанӯз ба кори дурусте сар накарда, падараш дар синни 87-солагӣ аз олам гузашт ва бори зиндагии оилаи бесаробон ба дӯши ӯ афтод. Шоҳин, ки дар ин солҳо даромади муайяне надошт, дар тангиву душворӣ умр ба сар мебурд. Дар ин душвориву вомондагӣ яке аз шахсони бонуфузи он давр - Муҳаммад Тоҳирхоҷаи Бухороӣ мутахаллис ба Зарир ӯро ба ҳимояти худ гирифт ва ба шоири ҷавон ҳам ёрии маънавӣ ва ҳам кӯмаки моддӣ

мерасонд. Шоҳин дар назди Зарир тасаввуф ва улуми диниро омӯхт. Барои он ки асбоби рӯзгори худ ва аҳли хонаводаашро таъмин кунад, маҷбур шуд имоматии яке аз масҷидҳои Бухороро ба ӯҳда бигирад. Аммо мансаби имоматиро Шоҳини нозуктабъ барои шоир як кори пасту зиллатовар мешуморид. Чунон ки худи ӯ мегӯяд, дар ҳар маросим бо чашми тамаъ ҳозир шудан ва аз мардум чизу чора ғундоштан кори вазнин ва нанговар буд. Тақрибан солҳои 1885-86 Шоҳин ба назди Абдулқодир ном шахсе, ки дар боргоҳи амир Абдулаҳад парвоначӣ (маъмури корҳои девони амир) буд, ба сифати мирзо ба хидмат медарояд. Ба ин тариқ, Шоҳин ба хидмати дарбори амир қадам гузошт, ки он дар охир барояш бо фоҷиа ба поён расид. Шоҳин ғайр аз вазифаи мирзоӣ, ба фармудаи парвоначӣ (ва шояд дар ин кор дарбориёни дигар низ иштирок дошта бошанд) баъзе китобҳоро нусхабардорӣ ҳам мекард. Ва табиист, ки ӯ ба иншои шеър ҳам машғул буд ва бо ташвиқи парвоначӣ дар мадҳи амир Абдулаҳад, ки соли 1885 ба тахт нишаста буд, мадҳияҳо менавишт. Шоҳин дар муддати кӯтоҳ ҳамчун шоири тавоно, хаттоту нависандаи ҳуҷҷатҳои девони аморат ва шахси фозилу донишманд дар дарбор обрӯю эътибори калон пайдо мекунад. Эҳтимол, аз ҳамин вақт сар карда, қадру манзилати ӯ дар пеши амир Абдулаҳад ҳам баланд шуда бошад. Парвоначӣ ба Шоҳин на танҳо дар дарбор парасторӣ мекард, инчунин ӯро ҳамчун ҷавони лоиқу некхисол қадршиносӣ карда, ба ҳамсарии духтари худ сазовор мебинад. Санаи хонадоршавии Шоҳин тақрибан ба миёнаи соли 1887 рост меояд. Дере нагузашта, дар зиндагии хушҳолона ва саодатмандонаи Шоҳин фоҷиаи аввалин рух медиҳад. Баъди як соли ҳаёти оилавӣ зани Шоҳин ҳангоми таваллуди фарзанди нахустин аз олам мегузарад. Шоҳин ин воқеаи мудҳишро бо як сӯзу гудози навмедона муддатҳо фаромӯш карда натавонист. Шоир тафсилоти нокомиашро аз марги бемаҳали зани ҷавонаш

дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун», ки ба ёди ҳамсари ҷавонмаргаш таълиф кардааст, бо сӯзу гудоз тасвир намудааст.

Баъди ин Шоҳин дигар хонадор шуд, ё не ба мо маълум нест. Аммо он, ки дар ин солҳо пояи шоирии ӯ баландтар ва мартабаю обрӯяш дар дарбор маҳкаму устувор буд, аз шеърҳояш маълум аст. Шоҳин бо шеъри матин ва каломи мавзуни худ аз бисёр шоирони ба мадҳу санои амир номбаровардаи дарбор баландтар меистод. Инро худаш медонист ва ҳаққонӣ ифтихор мекард.

Шоҳин, ҳарчанд дар дарбор ба мартаба расида, дар неъмату фароғат мезист, бо мансабдорони тамаллуқкори амир ва махсусан бо шоиру олимтарошоне, ки аз рӯи зарурат ва барои рӯз гузаронидан дар атрофи ҳукмрони замон остон мебӯсиданд, ҳеҷ мувосо карда натавонист. Ин рӯҳи истиқлолпарвар ва ин табъи озод, ин ростгӯӣ ва суханҳои бепардаи ӯ ва бештар аз ҳама мурооту ҳусни таваҷҷӯҳи хоси амир нисбати Шоҳин буғзу кина ва рашку ҳасади бадхоҳони ӯро бедор мекарданд. Онҳо фурсате меҷустанд, ки Шоҳинро пеши амир бадном карда, меҳру ҳусни таваҷҷӯҳи ӯро аз шоир баргардонанд, ва илоҷаш шавад, худи шоирро аз дарбор дур созанд. Шоҳин муҳити разолатиштимоли дарборро зуд пай бурд, доираи шахсони дарборӣ ва муқаррабони амирро, ки ҳама хушомадгӯй ва кафшбардор буданд, зуд шинохт. Ӯ дар чунин муҳит худро мисли зиндонӣ ҳис мекард, зиндагии худро ҳамчун вазъи зиллату хорӣ тасаввур менамуд. Аз ин ҷост, ки дар шеърҳои ӯ оҳанги шикоят аз вазъи ноҳинҷор ва рӯзгори зиллатовараш хеле баланд садо медод.

Шоҳин муҳити дарбор ва амиру дарбориёнро на танҳо сабабгори бадбахтии шахсӣ медонист. Ӯ ҳар қадар ки бо аҳли дарбор ва худи амир наздиктар ва бештар ошноӣ пайдо мекард, нафрати ӯ ба ин гурӯҳ ҳамон қадар зиёдтар мешуд. Ӯ батадриҷ аз таҷрибаи рӯзгори худ ва кордории амиру муқаррабони ӯ ба хулосае меомад,

ки сабаби бадбахтии мардуми бечора ва беназмию бесарусомонии давлату мамлакат ҳукмрони замон ва арбоби болонишини давлат мебошанд. Ва Шоҳин роҳи аз ин бадбахтии умум раҳоӣ ёфтани раияту мамлакатро меҷуст.

Таърих шаҳодат медиҳад, ки шахсони донишманд ва аҳли илму дониш, ки ба доираи ҳукмронҳои замон даромада буданд, бо осори адабию илмии худ мехостанд ба волиёну ҳукмфармоён роҳи адолат ва инсофро нишон диҳанд. Барои Шоҳин яке аз чунин шахсони бузург Саъдии Шерозӣ буд, ки ба василаи «Бӯстон» роҳи адолат ва ҳислатҳои ҳамидаро ба ҳукмронҳои замонаш тарғиб ва талқин кардааст. Ӯ дар пайравии Саъдӣ ба таълифи маснавие ба номи «Тӯҳфаи дӯстон» шурӯъ мекунад, то дар он масъалаҳои ахлоқ ва расму оини адолатро дар идораи давлат ва умури мамлакату раиятдорӣ бо роҳи панду насиҳат ва ҳикоятҳои тамсилӣ ба миён гузорад, ки барои амир ва зимомдорони давлат роҳнамое бошад.

Аммо ин маснавӣ нотамом монд. Эҳтимол меравад, ки бадхоҳон аз нияту мақсади Шоҳин ба амир хабаркашӣ карда, ӯро дар «насиҳатгӯии» ҳукмрони замон айбдор намуда, фитнаву дасисаҳо ҷуста бошанд. Шоҳин саъю кӯшиши худро дар роҳи беҳтар кардани кори давлат амали беҳудае дониста, аз таълифи ин маснавӣ даст кашид. Ҳоло чанд боби муқаддимавии ин маснавӣ боқӣ мондааст, ки дар онҳо шоир лаҳзаҳои гуногуни зиндагии худ, махсусан солҳои кӯдакияшро хеле хуб ва батафсил ҳикоят кардааст. Дар ҳамин бобҳои муқаддимавӣ андешаҳои шоир дар бораи ҳукмрони адолатпарвар, ки бояд рафоҳият ва равнақи кишварро таъмин намояд, низ баён гаштааст. Аз ҷумла, шоир гуфтааст:

*Ҷаҳонбонию ҳукмронию дод*
*Сазовори он гурди фарзона бод,*

*Ки ҷон бар сари марди доно кунад,*
*Ба коме, ки хоҳад, тавоно кунад.*
*Диҳад ганҷу омӯзад асрори илм,*
*Кунад ҳосили мулк дар кори илм.*
*Чу омӯхт анвои ҳикмат тамом,*
*Диҳад мулки худро ба ҳикмат низом...*
*Ҳамин аст расми ҷаҳонхусравон,*
*Ки доноситоянду душманситон.*

Шоҳин зиндагии дар дарбор гузаронидаашро талафи умри ҷавонӣ медонад, суханҳои мадҳу ситоишашро, ки аввалҳо надониставу насанҷида дар васфи амир ва атрофиёни ӯ гуфта буд, беҳудагӯию ёвахонӣ мешуморад. Он шахсоне, ки онҳоро идеал ва тимсоли хайрияту одамият тасаввур карда буд, дарвоқеъ беаклу гумроҳ ва бадтар аз ҳайвонҳои ваҳшию даранда будаанд:

*Хареро Масеҳо насаб рондаме,*
*Суроро Сурайё лақаб хондаме.*
*Сагеро, ки ҷома даридӣ ба дев,*
*Фаришта аз ӯ даргирифта гирев,*
*Чунон барзрдам. сирати мардумӣ,*
*Ки гӯӣ назода ҷуз ӯ одамӣ.*

Танқидҳои Шоҳин дар нисбати тартиботи иҷтимоӣ ва низоми мамлакатдории амир сахт ва ниҳоят далерона бошанд ҳам, ҳанӯз як шакли мутаносиб ва муназзамро нагирифта буданд. Шоир баъдтар бо «Наводир ул-вақоеъ»- и Аҳмади Дониш шинос мешавад. Ҷасорати фошгӯии Аҳмади Дониш, таҳлилот ва андешаҳое, ки вай дар нишон додани решаҳои беназмӣ ва ҳараҷу мараҷи ҷомеаи он замон анҷом медод, ба Шоҳин таассуроти бузурге гузошт. Ӯ дар қасидае, ки дар мадҳи Аҳмади Дониш навишта буд, ин шахси бузургро яке аз баргузидагони даврони худ ва «Наводир ул-вақоеъ»-ро яке аз асарҳои муҳим

ва зарурии он замон дониста, бо самимият ситоиш кардааст. Ҳам таъсири «Наводир ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва ҳам таҷрибаи зиндагӣ Шоҳинро ба ақидае овард, ки тартиботу тарзи усули давлатдории ҷамъияти он замонро бо ислоҳоту дигаргуниҳои ҷузъӣ беҳтар кардан имконнопазир аст. Барои беҳ намудани аҳволи халқ ва ба назми муайяни адолатпарварона даровардани усули давлатдорӣ ва идораи давлат як инқилоб ва тағйироти куллӣ лозим буд. Шоҳин ин фикрҳои далеронаи худро дар «Бадоеъ ус-саноеъ» ном асари мансураш, ки дар солҳои охири зиндагиаш таълиф шуда, ба бисёр хонандагони замонаш кам маълум буд, баён намудааст. «Бадоеъ ус-саноеъ» бо рамзу истиора, кинояву ташбеҳҳои пӯшида, бо ибораҳои рехтаву пурмаънӣ, ҳамчун мақолу зарбулмасал навишта шудааст ва хонанда дар назари аввал аз нияту мақсади муаллиф зуд огоҳӣ намеёбад. Шоҳин бо ҳамин восита иллату нуқсонҳои амиқи ҷомеаи он замонро фош ва танқиду масхара мекунад ва хулосаи ягонае, ки аз ин танқиду фошгӯиҳо бармеояд, он аст, ки бунёди ҷомеаи замонаро дигар бояд сохт, вагарна илоҷи беҳбудии халқ ва мамлакат ҳосил намешавад. Матолиби ин асарро ба мазмуни зайл маъруз доштааст (бо андаке таҳриру тахфиф: «Ба сабаби он ки ҳуҷуми ғаму андӯҳ маро парешон дошта буд, хостам, ки мувофиқи ҳолам маҷмӯаи шикоят ороста, тарзи иншои аҷибе созам - ба он тарзе ки хонанда баробари хондан бихандад, аммо баъди ба фаҳми мазмуни он расидан бигиряд. Ҳарчанд дар мавриди шикоят кас гиря мекунад, лекин аз он ки хоҳиши гиря кардан сабаби таълифи ин шикоятҳо шудааст, муносиб надидам, ки дар мавриди изҳори шикоят бо иншои он чи, ки танҳо сабаби ашкрезӣ мешавад, маҳдуд бишавам. Гуфтаанд, ки кас ба каси дигар он чиро, ки шахси радкунандаи хубиву зиштӣ таҳаммул мекунад, набояд раво бинад. Бинобар ин, маъниҳои пӯшида қитъа-қитъа дар шакли мазмунҳои хандаовари фиқра-фиқра, то он чо, ки дар доираи қудрати

хомаи бадеънигори ман буд, ҷамъ шуд - ҳамчун сурури қалбу гиряи чашм». Аз ин муқаддима бармеояд, ки муаллиф дар асар на танҳо танқиду мазаммати нешдору тундро, балки инчунин ҳаҷву кинояҳои масхараомезро низ кор фармудааст. Шоҳин ҷамъияти онвақтаро дар зоҳир пуршукӯҳу ботаҷаммул қабул кунад ҳам, асли ботин ва моҳияти онро як масхарабозӣ ва тамошогаҳе медонад, ки ҳар кас аз ин огоҳӣ ёфта наметавонад: «Аллоҳ, Аллоҳ, дунё турфа тамошогоҳе шуда, афсӯс, ки дидаи бино ва дили огоҳ нест, то он чӣ ба дида бинад, ба дил гузорад, он чӣ ба дил гузорад, ба сафҳа нигорад». Шоҳин ба хонанда талқин мекунад, ки ба аҳволи зоҳирии ҷамъият ва намуди берунии корҳо, ки ба назар хубу дуруст меояд, фирефта шудан нашояд, балки ба ботини воқеаҳо, ба зери пардаи ин хубнамоиҳои замон нигоҳ кардан лозим аст: он гоҳ кас мефаҳмад, ки ҳоли ҷомеаву замон то чӣ андоза табоҳ аст, вазъи зиндагии мардум то чӣ андоза пурмусибату кулфатангез аст. Шоҳин ҳам амиру вазир ва ҳам онҳоеро, ки дар ҷаҳолату нодонӣ мондаанд ва ба ин сабаб ба сари раияту мамлакат бадбахтиҳо ангехтаанд, бо суханони обдор ва кинояҳои нешдор сахт танқид мекунад: «Оҳ аз ин давароти муттасила, ки ҳар як аз он ҳамчунин аблаҳеро дар олами кавну фасод бармеангезад, ки обрӯи як олам донишро бо хоки тира мерезад... Чароғи афрӯхтаро ҷое, ки равған диҳанд, доман мезананд, чӣ умеди рӯшноӣ! Ва кӯдаки навомӯхтаро ҷое, ки сим диҳанд, бим медиҳанд - чӣ тамаи ошноӣ... Фарёд аз ин доягони бемеҳр, ки ба атфоли худ ҷои шир хун медиҳанд... Мурғи хонагиро аз бедонагӣ ҳаром мекушанд, то ҳалол шавад ва чӯҷаи сихпарро ба сих мекашанд, то шағол набарад... Гӯсола то гов ва мошоба то палов фарқе натавонанд намуд... Мард дар назари ин тоифа муаннас аст, аз он ки худҳо муханассанд... Агар оина пеши рӯй гузоранд, ҳар чӣ ба худ бинанд, ба дигаре шуморанд. Ҳар ҷо кӯшест, ишон гови он қӯшанд ва ҳар ҷо, ки гӯшест, ишон - хари он

гӯш. Ба худо паноҳ меҷӯям аз ҳасади онҳо ва маро ба зумраи онҳо мулҳақ насоз! Худоё, ба ман ҳақро нишон деҳ ва ба ҳақ пайравӣ намуданро рӯзӣ кун ва ботилро ботил нишон деҳ ва аз ботил парҳез намуданро рӯзӣ кун». Шоҳин дар он муҳити сахту мудҳиши иҷтимоӣ ва дар доираи дарбор, дар рикоби амир фоҷиаи зиндагии худро медид, аз ин вартаи ҳалокат роҳи берун рафтанро меҷуст, аммо пайдо карда наметавонист ва дар яъсу навмедӣ дар охири «Бадоеъ ус-саноеъ» навишта буд:

*«Мо озмудаем дар ин шаҳр бахти хеш,*
*Бояд бурун кашидан аз ин варта рахти хеш.*

Ҳ,ам ба муқтазои ин мақол мехоҳам, ки аз тангнои зиндагӣ, ки машғалаи он ҷуз харбандагӣ нест, ба олами бақо, ки фарохнои озодист холӣ аз татовули бедодӣ, пои реҳлат фаро ниҳам ва вопасмондагонро хайрбоде кунаму дуо диҳам».

Шикоят ва эътирозҳои сахти шоир ғазаби ҳукмрони замонро бедор месохт. Аммо амир Шоҳинро аз дарбор дур накард. Ӯ аз шоир ба тарзи дигар ниқор гирифтанӣ шуд. Вай Шоҳинро ба тариқи иҷборӣ дар хидмат нигоҳ дошта, ӯро дар сафарҳо дар рикоби худ медошт, дар базму маҷлисҳои пур аз фисқу фасодаш ҳамсӯҳбати худ мекард ва ба гуфтани мадҳу ситоиш ва ёваҳо водор месохт. Сахтиҳои зиндагӣ охир ҷисми Шоҳинро ба шикаст оварданд. Вай ба бемории сил мубтало гардид. Вале бо вуҷуди ин, амир ӯро аз назари худ дур намекард. Ниҳоят соли 1894 Шоҳин дар сафари Шаҳрисабз аз по афтод. Дар Қаршӣ Шоҳин тамоман бемори бистарӣ шуд ва, дере нагузашта, аз олам чашм пӯшид. Ӯро дар ҳамин ҷо дафн карданд.

Шоҳин дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри 19 ҳамчун шоир ва нависандаи пешқадам мақоми хоссае дорад. Афкори танқидию иҷтимоии шоир, ки ба муқобили

зулму истибдод равона шудааст, тарғибу ташвиқи ӯ ба роҳи дониш, беҳтар намудани вазъи мамлакату раият, ба ҳимояи мардуми меҳнаткаш ва мазлум бо далерию ҷасорат овоз баланд кардани шоир ӯро баъди Аҳмади Дониш дар адабиёти маорифпарварӣ дар ҷои дуюм мегузорад.

Шоҳин шоири лирик, яъне сарояндаи ишқу ошиқӣ буд. Ӯ дар ин мавзӯи ҷовидонии адабиёти форсу тоҷик ба шоирони бузургтарини ғазалсарои форсу тоҷик, махсусан Саъдиву Ҳофиз, бо камоли маҳорат пайравӣ кардааст. Баробари ин, дар шеър ва махсусан дар жанри ғазал сабки хоси худро вазъ намудааст. Ин, аз як тараф, ба ғазал дохил намудани оҳангҳои танқиди иҷтимоӣ ва, аз тарафи дигар, ба содагӣ ва заминаи воқеият наздик кардани сувароти бадеӣ ва тасвирҳои шоирона мебошад. Шоҳин ҳам дар наср ва ҳам дар назм унсурҳои забони халқӣ ва таъбиру иборaҳои маъмули мардуми тоҷикро дохил намудааст. Ҳамаи ин заминаи халқӣ ва доираи интишори Шоҳинро пурзӯр кард ва ба ҷараёни минбаъдаи инкишофи адабиёти тоҷик таъсири мусбат гузошт.

Мо дар ин мухтасар тавонистем танҳо баъзе лаҳзаҳои зиндагии Шоҳин ва чанде аз мазомини ашъори ӯро ба арз бирасонем. Хонандаи тоҷик имрӯз имконият дорад, ки аз рӯи ин китоби аввалини нисбатан мукаммали шоир аз рӯзгор ва мазмунҳои осори вай тасаввуроти беҳтар ва бештаре дошта бошад.

*Расул Ҳодизода*

# ДАР БОРАИ ТАРТИБ ВА ТАНЗИМИ КУЛЛИЁТ

Инак, осори як чеҳраи мармуз ва шигифтангези адабиёти форсу тоҷики охири садаи XIX - Шамсиддин Шоҳин, ки дар умри 35 солаи хеш тавонист осори ғанӣ ва рангинеро ба ояндагон мерос гузорад, ба ифтихори 15-солагии истиқлолияти Тоҷикистон ва 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, ки зодгоҳи ниёгони ин бузургвор будааст, нисбатан мукаммал ба табъ мерасад.

Бо вуҷуди он ки Шоҳин ва шеъри ӯ аз шӯҳрати тамом бархӯрдор будааст, Куллиёти ӯ на дар замони зиндагии шоир ва на пас аз он мураттаб нагашт. Ба шарофати ихлосмандон ва шогирдони Шоҳин мусаввадаҳои ӯ ҷамъоварӣ ва ҳифз шудаанд. Хидматҳои ҳамин мухлисон ва шогирдони Шоҳин буд, ки мо имрӯз мо ба тартиб додани китоби ҳозир даст ёфтем.

«Тазкиранигорони нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX аз қабили Мирсиддиқи Ҳашмат, Афзалмахдуми Пирмастӣ, Абдуллохоҷаи Абдӣ, Шарифҷонмахдуми Садри Зиё аз шеъри Шоҳин намунаҳо оварда, ба ӯ баҳои баланд додаанд. Аз ин миён Садри Зиё пас аз вафоти Шоҳин дар ҷамъ овардани осори ӯ кӯшишҳои зиёд кардааст. Ӯ ба ғайр аз он ки маснавии «Тӯҳфаи дӯстон»-ро китобат кунонид (ва ҳоло ин нусхаи ягонаи ин асар аст), дар бисёр маҷмӯа ва баёзҳои шахсиаш шеърҳои ба дастомадаи Шоҳинро меғундошт ва дарҷ мекард».[1]

Мирзо Муҳаммад Қобили Ғиҷдувонӣ, ки бо тахаллуси Савдоӣ шеър ҳам мегуфтааст, дар ҷамъоварии мероси мероси адабии Шоҳин хидмати ҷонсупоронае кардааст. Ин мард, ки хаттоти касбй ва мониқаламе буд, дар тӯли чиҳил сол ба ҷамъоварӣ ва тартибу тадвини осори Шоҳин машғул шуд ва ниҳоят соли 1936 маҷмӯаи нисбатан мукаммали осори шоирро ба вуҷуд овард.

1. *Расул Ҳодизода.* Шохин. Нашриёти «1ИДИ1Ц», Л>1пш|Ла, 1474, с.3, 29.

Устод Садридцин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» аз осори Шоҳин 6 ғазал, як қасида, 3 рубоӣ ва чанд порчаро аз маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» ва «Бадоеъ ус-саноеъ» оварда, дар бораи тарҷумаи ҳол, мундариҷа ва вижагиҳои осори Шоҳин маълумоти муфассал додааст.[1]

Дар таҳқиқи ҳаматарафи илмии аҳвол ва мероси адабии Шоҳин хидматҳои профессор Холиқ Мирзозода низ бузург аст. Номбурда аз аввали солҳои чилуми садаи бист аз захираҳои дастнавис шумора ва номгӯи асарҳои шоирро муайян намуд, аз рӯи маълумоти сарчашмаҳо ва ашъори худи шоир тарҷумаи ҳоли ӯро то он ҷо ки мумкин аст, барқарор кард, эҷодиёти ӯро аз рӯи табақабандии даврахо ва асарҳои ҷудогонаи шоир таҳлил намуд.[1 2] Ин асари тадқиқии Х. Мирзозода соли 1956 дар шакли китоби алоҳида ба табъ расид ва то имрӯз аҳамияти худро дар шоҳиншиносӣ гум накардааст.[3]

Х. Мирзозода 1959 маҷмӯаи ашъори мунтахаби Шоҳинро бо ҳуруфи арабӣ ва соли 1960 бо 'ҳуруфи кириллӣ ба чоп расонд. Ҳарчанд, ки дар ин маҷмӯаҳо аз нигоҳи матншиносӣ баъзе нуқсонҳо ба назар мерасад, аз ҳайси таҷрибаи аввалини нашри осори Шоҳин буданашон аҳамияти худро нигоҳ доштанд ва барои нашрҳои минбаъдаи Шоҳин заминае омода карданд.

Таҳқиқи минбаъда, тавсифи нусхаҳои қаламии мерос ва таблиғи осору аҳволи Шоҳин бо номи Расул Ҳодизода марбут аст. Ӯ зимни таълифи китоби «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX» дар бораи аҳволу осори Шоҳин далелу санадҳое бозёфт, ки дар китоби Х. Мирзозода мавҷуд набуданд.[4]

1. *Садриддин Айнӣ.* Намунаи адабиёти тоҷик, М., 1926, с. 352-372.
2. *Р. Ҳодизода.* Шоҳин. Душанбе, 1974, с. 3.
3. *Х. Мирзозода.* Шамсиддин Шохин. Сталинобод, 1956.
4. *Р. Ҳодизода.* Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. Душанбе, 1968.

Р. Ҳодизода соли 1972 зери унвони «Шеърҳои навёфта» чанд шеъри тозаи Шоҳинро ба табъ расонд, ки дар миёни онҳо манзумае вуҷуд дошт, ки аз «Тазкират уш-шуаро»-и Ҳашмат ёфт шуда буд ва он дар ҳеч яке аз нусхаҳои қаламии осори Шоҳин ба назар намерасид.[1]

Пажӯҳиш ва ковишҳои чандинсолаи Расул Ҳодизода дар бораи аҳволу осори Шоҳин дар китоби ӯ бо номи «Шоҳин» соли 1972 ба табъ расид.

Соли 1983 матни интиқодии достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Шоҳин бо кӯшиши корманди илмии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон Лола Сулаймонӣ бо ҳуруфи арабӣ, бо хатти настаълиқи хаттот Мирзо Саъдуллоҳ Аббосзода нашр шуд.[1 2]

Ниҳоят дар шумораи 7-12, соли 1998 бо пешгуфтори нависанда Абдулҳамиди Самад дар таҳияи Абдулқодири Раҳим ва Музаффар Муҳаммадӣ «Бадоеъ ус-саноеъ»-и Шоҳин мунташир гардид.[3]

Акнун, ки бо изни Худованд Куллиёти Шоҳин чоп мешавад, гумон мекунем, ҳамаи онҳое, ки дар шинохт ва тарғиби осори Шоҳин кореро анҷом додаанд, худро хушбахт эҳсос хоҳанд кард. Бар он умед мебандем, ки акнун шинохти осори Шоҳин ба марҳилаи наве ворид ва дар маҷмӯъ бо осори ҳамзамононаш омӯхта хоҳад шуд. Ба табъ расидани ин Куллиёт дар назди муҳаққиқон вазифаи наверо мегузорад, ки нашри интиқодӣ ва боз ҳам пурратари осори Шоҳин аст. Бояд иқрор шавем, ки сарфи назар аз кӯшиш ва муносибати ҷиддитарини илмӣ ба нусхаҳои қаламии мавҷудаи осори Шоҳин ва истифода аз тамоми дастовардҳои илми матншиносӣ бо сабаби кӯтоҳии вақт ва дар дастрасӣ қарор набудани боз якчанд нусхаҳои қаламии нодир нашри интиқодии

1. «Садои Шарк», №7, 1972, с. 74-85 (бо тавсияи Р. Ҳодизода мо ин манзумаро дар ин Куллиёт ҷой додем).
2. *Шамсиддин Шоҳин*. Лайлӣ ва Маҷнун. Матни интиқодй ва мукаддима аз Лола Сулаймонӣ. Душанбе, «Дониш», 1983.
3. «Садои Шарқ», №7-12, 1998, с. 48-61.

Куллиёт аз имкон берун буд. Нашри интиқодӣ дар назди муҳаққиқ чанд талаботеро пеш мегузорад, ки яке аз онҳо бо таҷҳизоти илмӣ омода намудани нашр аст (масалан, дар поварақҳо нишон додани тафовутҳои ҷузъитарини нусхаҳои гуногуни як асар) ва дигар, бо хатте бояд анҷом ёбад, ки дар замони муаллиф роиҷ буд, яъне дар мавриди мо сухан дар бораи хатти арабиасоси тоҷикӣ меравад. Хонандаи закӣ пай мебарад, ки иҷрои ин ҳама корҳо на як солу ду солро мехоҳад.

Ин буд шарҳи мухтасари нашру табъи осори Шоҳин то ба ин марҳила.

Дар ин Куллиёт тамоми осори Шамсиддин Шоҳин, бо истисноӣ якчанд ихтисороти ҷузъӣ, ҷамъ оварда шудааст. Ғазалиёту қасоид, мухаммасоту мусаддасот, таркиббанду тарҷеъбанд ва қитъаву рубоиёту муфрадоти Шоҳин гоҳо пайиҳам ва гоҳо омехта дар нусхаҳои қаламии зерин ҷой гирифтаанд: 1. «Девони Шамсиддин Махдуми Шоҳин маъа рубоиёт ва қасоид ва мухаммасот ва тарҷеъбанд ва «Бадоеъ ус-саноеъ», ки Мирзо Қобили Ғиҷдувонӣ тадвин намудааст ва зери рақами 785 дар захираи Институти шарқшиносӣ ва осори хаттии Академияй илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст;* [1]

1. Чуноне дар боло ишора рафт, ин нусха ва нусхахои дигари қаламие, ки мо аз онҳо истифода бурдем, дар кори тадкиқии профессор Р. Ҳодизода (Шоҳин, Душанбе, «Дониш», 1974) тавсиф ёфтаанд, ки ба сабаби камёб шудани ин китоб мо иқтибос кардани онҳоро мувофиқи тартиби дар боло номбар шуданашон салоҳ донистем. Дар тавсифи нусхаи қаламии №785 чунин омадааст: «...девони мазкурро, ки Савдоӣ дар муддати зиёда аз чил сол ҷамъ намудаасту ба шакли як куллиёти шоир аст, аз нусхаҳои мӯътамадтарин бояд шумурд. Ин нусха ... дар когази хуби хӯқандӣ ба настаълиқи ҷалӣ китобат шудааст. Ҳаҷми хамаи нусха 209 варақ ба андозаи 12,5x19 см аст. Тартиби девон ба ин қарор аст:

1. Ғазалиёт вв. 1б-50а; Рубоиёт, вв. 50а-53б; порчаҳои гуногуни манзум (53б-62а).
2. Қасоид. Дар охири ин қисм ду-се ғазал ва манзумоте чанд аз шоирони он давр дар мадху ситоиши Шохин дарҷ гардидааст, вв. 62б-120б.

2. Баёзи №1075, ки ҳамчунин дар Захираи институти мазкур нигоҳдорӣ мешавад;[1] 3. Нусхаи хаттии №229, ки дар ганҷинаи дастнависҳои Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст;[* 1 2] 4 Дар охири нусхаи №561 пас аз тамом шудани китобати достони «Лайлӣ ва Маҷнун».

Дар нусхаҳои қаламии мазкур (ба истиснои девони тартибдодаи Савдоӣ) ашъори Шоҳин бидуни риояи қоидаи тартиб додани девонҳои адабиёти классикии форсу тоҷик оварда шудаанд. Дар ин Куллиёт мо қариб тамоми ғазал ва қасидаҳои ҳамаи нусхаҳои мазкурро овардем, қарор додем, ки ин қоидаро барқарор созем. Тамоми ғазалу қасидаҳо ва соири ашъор, ки дар ин нусхаҳо такрор омада

---

3. «Бадоеъ ус-саноеъ», вв. 121 6-1326. Дар охири ин қисм таърихи китобатзикршудааст:«15зилҳичча, сана 1353-6 моҳимарти 1936 ба тахрири фақири Мирзо Муҳаммад Қобили Ғиҷдувонӣ мутахаллис ба Савдоӣ».
4. «Лайлӣ ва Маҷнун», вв. 133б-209а; ин ҷо низ таърихи китобат оварда шудааст: «21 ноябри 1937-18 рамазони 1356», китоби номбурда, с. 32.
1. «...Ин баёз бо хати настаълиқи зебои Савдоӣ дар когазҳои оҳарии фабрикӣ ҳамоно баъди революция ба шакли албомҳои хатнависӣ китобат шудааст. Ин баёз асосан шеърҳои шоирони намоёни охири асри Х1Х-ро дар бар намудааст ва аз он ҷумла шеърҳои Шоҳин дар он қисмати зиёдеро ташкил мекунад», ҳамон ҷо, с. 32.
2. Тавсифи ин нусха аз тарафи Р. Ҳодизода хеле муфассал аст ва мо ин ҷо онро бо ихтисор меорем: «...тасҳех ва интиқоди мероси боқимондаи Шоҳин бе ин нусха анҷом нахоҳад гирифт. ...Дар карточкаи инвентарии фонди мазкур ин нусха ба ин унвон дарҷ гардидааст: «Шоҳин, маҷмӯаи муаллиф ба қалами худ» аммо дар худи ин нусха ин унвон ҳеҷ ҷой дида нашуд. Нисбати ин унвон ба ин нусха, албатта, беасос набудааст. Ба назари мо, дар ин чо бештар сарлавҳаҳои газал ва қасидаҳои ин маҷмӯа касро ба ин гумон меорад, ки шояд ин нусха ба қалами худи муаллиф навишта шуда бошад. ...Тамоми ашъори ин нусха асосан ба ду хат китобат шудааст. Аммо ба назари мо ин хати ду шахс набуда, балки нӯги ду хел қалам аст. Тамоми нусха бо настаълиқитезнависи шикастаомез китобат шудааст, дар баъзе чоҳо суръати қалам хондани матнро ба душворӣ андохтааст.

буданд, бо якдигар муқобала ва он байтҳое, ки дар яке аз нусхаҳо ба чашм намерасиданд, илова гардида, бадин гуна дар ин Куллиёт шакли комили ғазал, қасида ва ё рубоӣ ба вуҷуд оварда шуд. Дар ин маврид мо ба калима ва байтҳое, ки дар назари мо равонтару зеботар намуданд, тарҷеҳ додем. Ҳамин усули корро мо ногузир дар мавриди тартиб додани матни достони «Лайлӣ ва Маҷнун» низ ба кор бурдем. Як миқдори ками қасидаҳоеро, ки Шоҳин зоҳиран аз рӯи маҷбурият сурудааст (ташбиб надоранд, ё мадеҳаи хушке беш нестанд) ва аз нигоҳи бадеӣ ҳам чандон аҳамият надоранд, ихтисор кардем.

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» аз рӯи се нусха мураттаб гардид: 1. Нусхаи №561* [1], нусхаи

---

Бо вуҷуди он ки чанде сарлавҳаҳои ашъори ин маҷмӯа бевосита аз номи худи муаллиф оварда шудааст, аммо чанде далелхои қатъие ҳаст, ки нисбати китобати ин нусхаро ба қалами худи Шоҳин рад мекунад... Дар ҳоли ҳозир ... ҳамин қадар хулоса гирифтан мумкин аст, ки ин нусха аз тарафи як нафар мухлис ва ҳамдами Шоҳин бевосита баъди вафоти шоир аз рӯи мусаввадаҳои худи шоир тартиб дода шудааст.

...Котиб дар вақти китобати ин нусха ба ягон тартиби муайяни тадвини девон риоя накарДааст ва дастхатро ба қисматҳои навъхои ашъор низ ҷудо накардааст. Бо вуҷуди ин, ...дар ин нусха ду қисматро пай бурдан мумкин аст: қисмати аввал - ашъоре, ки (ки он ҳам аксаран қасидавӯкитаот аст)ҳамоно бевосита аз мусаввадахои мураттаби шоир китобат шудааст; ашъоре, ки (аксаран ғазалиёт аст) аз мусаввадаву дафтарҳои чудогона гирд оварда, китобат шудааст...», ҳамон ҷо, с. 33-43.

1. «Ин нусхаи ҷомеест, ки дар варақхои 16 - 526 маснавии «Лайлӣ ва Мачнун»-и шоир китобат шудааст. Ҳаҷми варақҳо 12,5х20,5 см аст. Маснавӣ дар коғазхои рангаи фабрикии русӣ, бо нақшҳои соягӣ (водяные знаки), инчунин баъзан дар коғазҳои тунуки хӯқандӣ китобат шудааст. Хати китоб настаълиқи тезнависи начандон зебо ва хонoияш ҳам мушкилтар аст. Матни достон ба тарзи уреб навишта, дар ду-се ва гоҳо дар панҷ қатор ҷой дода шудааст. Гоҳо дар байни ҳамин сутунҳои уреб ба арзи саҳифа байтҳои чудогонаи достон сабт гардидааст. Дар охири достон бе он ки номи котиб зикр ёбад, таърихи хатми китобат оварда шудааст: «Дар сахари душанбе, 4 моҳи рамазонулмуборак тамом ёфт» ва баъд санаи 1312

№1907* ва нусхаи №785, ки дар он «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Шоҳин бо тартиби чорум (охирин) дар варақҳои 133б-209а дарҷ ёфтааст»[2]. Ҳар се нусхаҳои мазкур тахти рақамҳои ишорашуда дар ганҷинаи Институти шарқшиносӣ ва осори хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нигохдорӣ мешаванд.

---

гузошта шудааст. Ин таърих ба 1 марти соли 1895 рост меояд. Баъд аз тамомияти китобати достон дар вв. 53а - 77а ашъори Шоҳин, Ворас ва шоирони дигари гузаштаву асри XIX бидуни тартибе китобат шудааст. Тамоми нусха дар муқоваи зардчаи чармии нарме, ки аз болояш шеърҳо аз худи чарм бароварда навишта шудааст, нигох дошта мешавад, аммо чарм ба мурури замон (ин муқова ҳамоно амали устоҳои пешин будааст) хӯрда шудааст, ки хондани шеърҳо мушкил аст.

Ба ҳамин тариқа, ин нусха ҳарчанд аз рӯи ҳусни хат ва ороиши зоҳирӣ чандон ҷолиб нест, аммо аз рӯи қадимият ва қурби худ ба замони ҳаёти шоир ба назар хеле мӯътамад менамояд», Р. Ҳодизода. Шоҳин..., с.27-28.

1. «Ҳаҷми ин нусха 91 варақ ба андозаи 10х17 см аст. Дар когази хӯқандӣ ба хатти на чандон зебо, аммо хонои настаълиқ китобат шудааст. Дар ҳар варақ матн дар ду қатори бе ҷадвал ҷой дода шудааст; сарлавҳаҳои маснавӣ бо ҷӯшаи сурх навишта шудааст; в. 16 хамоно гум шуда будааст, ки дертар дар когази тунуки хӯқандӣ ба қалами дигаре навишта шудааст. Дар охири матни достон котиб баъд аз ибораи «омин ва раббулоламин, таммат, 1324» як манзумае дар вазни «Лайлӣ ва Маҷнун» навишта дар он сурати воқеаи китобати ин достонро мухтасар баён мекунад. Аз рӯи нақли котиб маълум мешавад, ки касе аз наздикони доираи дарбор омада ба ӯ китобати ин достонро мефармояд.

   *.. .Гуфто, ки мубораки ту бодо,*
   *Зебандаи тораки ту бодо,*
   *Аз ҷониби рукни давлати шоҳ,*
   *Соҳибкараму мурувватогоҳ,*
   *Шоистаи рутбаи аморат,*
   *Боистаи ҳашмату ҷалолат,*
   *Овардаам ин ҳузури ҷонат,*
   *Метоб ба сӯи ин инонат...» (в. 90б).*

   Баъди ин манзума санаи таммати китобат ба ибораи арабӣ навишта шудааст, ки мазмунаш ин аст: «тамом шуд ба дасти Қорӣ Абдурраҳим дар рӯзи 11 моҳи сафар, сана 1324», ки ин таърих ба 6 марти соли 1906 баробар меояд.», ҳамон ҷо, с. 28.
2. Р. Ҳодизода, Шбҳин..., с. 28-29.

Маснавии нотамоми «Тӯҳфаи дӯстон» аз рӯи акси нусхаи №2343, ки асли он дар Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ӯзбекистон маҳфуз аст, тартиб ёфт.[1] Ин нусха яке аз дафтарҳои мусаввадаи Садри Зиёст, ки «барои ҷамъоварии ашъори Шоҳин мавқеи хеле муҳиме дорад ва тайёр кардани матни пурраву интиқодии шоир бе ин нусхаҳо суратпазир нест».[1 2]

«Бадоеъ ус-саноеъ» ягона асари мансури Шамсиддин Шоҳин дар се нусха мавҷуд аст: 1. Нусхаи 129 / III, ки мувофиқи маълумоти Р. Ҳодизода «соли 1312, мутобиқи соли 1894, мелодӣ китобат шудааст ва дар Захираи дастхатҳои АИ Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад»,[3] ки чуноне дар боло гуфтем, ба мо дастрас нагашт; 2. Нусхаи дуввуми ин асар дар дастнависи 785 бо тартиби сеюм дар вв. 1216 - 1326 дарҷ гардидаст; 3. Нусхаи сеюм дар баёзи 1075 мавҷуд аст.

Бояд таъкид кард, ки забони навиштаҳои Шамсиддин Шоҳин хеле рангину ғанист ва, ба андешаи мо, ба шарҳу тавзеҳ ниёз дорад. Бо назардошти он ки имрӯз на ҳама вақт луғатномаҳо метавонанд дастраси ҳамагон бошанд, дар охири Куллиёт овардани тавзеҳи номҳои асосӣ ва шарҳи васеи вожаҳоро зарур донистем.

Ин буд шарҳи мухтасари тартиб ва танзими Куллиёт ва тавсифи нашрҳои хаттие, ки маъхази асосии осори Шоҳин дар ин китоб буданд.

*Музаффар Муҳаммадӣ*

---

1. «Ин маснавӣ ҳоло танхо дар як нусха ба мо расидааст. Маснавии мазкур, ки нотамом аст, дар дастнависи ҷомее, ки дар Тошканд, дар Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон махфуз аст ва он дастнавис ба фармудаи Шарифҷон-махдум Садри Зиё барои китобхонаи шахсиаш китобат шудааст, дарҷ гардидаст. Рақами дастнавис 2343 ва тартиби асар дар дастнавис даҳум аст. Маснавӣ бо дасти яке аз дӯстони Садри Зиё Қозӣ Мулло Назрулло Ӯроқ, мутахалис ба Лутфӣ қаламӣ шудааст, ки инро худи Садри Зиё баъди хатми маснавӣ навишта мондааст». Р. Ҳодизода. Шоҳин, с. 29.
2. Р. Ҳодизода. Шоҳин, с. 29.
3. Р. Ҳодизода. Шоҳин, с. 29.

# ҒАЗАЛИЁТ

**ф ф ф**

Ба авҷи кибриё, к-аз саъйи озодист роҳ он ҷо,
Бикун тарки кулоҳ ин ҷо, шикан тарки кулоҳ он ҷо.
Адабгоҳи таҳайюр шӯхчашмӣ барнамедорад,
Диҳад тарки кулоҳ ороиши тарки кулоҳ он ҷо.
Дар ин маҳфил, ки ҳусн аз ҷилва таъдиби адаб дорад,
Ба забти хештан оина меболад нигоҳ он ҷо.
Бисоти тирабахтӣ файзҳо дорад, машав ғофил,
Ки болад субҳҳо аз пардаи шоми сиёҳ он ҷо.
Бисоти даҳр аз бас вақфи нодонӣ бувад, Шоҳин,
Тавон дар содалавҳӣ дод арзи дастгоҳ он ҷо.

### 0 0 0

.Ало ё айюҳа с-солик, даъи н-нафсу ва қотилҳо,[1]
Ки ин аммора мехоҳад ба чандин саъй ботилҳо.
Дар ин боги пурафсун ғулғули кӯси раҳил ояд
Ба гӯши шоҳиди аврод илҳоми анодилҳо.
Ба тасхири дили бечораи ман кай шавад моил
Сари зулфат, ки дорад баста дар ҳар тори мӯ дилҳо.
Маро накшуд кор аз дасти сӯфӣ, соқиё, май деҳ,
Ки хоҳад нохуни мисрӣ намудан ҳалли мушкилҳо.
Маро аз дурдии май дарду доғи ӯ нарафт аз дил,
Ки натвон чеҳраи хуршеду маҳ андудан аз гилҳо.
Намедонам, куҷо рахти иқомат афканам, Шоҳин,
Дар ин водӣ, ки чун нақши қадам афтод манзилҳо.

1. Аё солик (рохрав), нафсро бирон ва онро бикуш

**ф ф э**

Рӯзгорест ба абрӯи ту ҷанг аст маро,
Рӯи ҳиммат ба дами теғи фаранг аст маро.
Маънии нозук аз он мӯймиён мебастам,
Чи кунам, аз даҳанат қофия танг аст маро.
Раҳ ба сарманзили мақсад натавонад бурдан
Пои ҳиммат, ки дар ин бодия ланг аст маро.
Аз пайи моҳии соқи ту ба по афтодаст,
Сари зулфи ту, ки қуллоби наҳанг аст маро.
Аз камонхонаи абрӯи ту дар дил дорам,
Ки ба ҳар ғамза чи миқдор ханданг аст маро.
Майли ман кардану майл аз ту гирифтан, ҳайҳот!
Ба чи навъ аст турову ба чӣ ранг аст маро?
Мекашад теғ ба сар аз ҳасад абрӯи туам,
Ки чаро домани зулфи ту ба чанг аст маро?
Гӯ, мадеҳ соғари он наргиси фаттон, ки ҳанӯз
Дар сари фоли ту кайфияти банг аст маро.
Дили бечораи Шоҳин ба хами турраи ӯ
Ҳамчу оҳубарра дар чанги паланг аст маро.

## Ф Ф 0

Бисӯхт барқи фано хирмани бақои маро,
Бибурд сели харобӣ зи ҷо бинои маро.
Чи нолаҳо, ки накардам ба кунҷи танҳоӣ,
Касе надиду нафаҳмид моҷарои маро.
Фалак гирифт зи сӯру ба мотамам афканд,
Ба вой-вой қарин кард ҳой-ҳои маро.
Хаёли зиндагӣ аз гам накард озодам,
Тааллуқ аст ба мурдан кунун ризои маро.
Кудурат аз ҳама зоил шавад ба файзи сафо,
Зудудааст кудурат вале сафои маро.
Ба ҳар куҷо, ки равам, фикри узлате дорам,
Кадом гӯшанишин мекунад дуои маро?
Дигар нишонаи бедавлатӣ чи мебошад,
Шикаст болу фурӯ рехт пар ҳумои маро.
Маро зи табъи расо рухсати тамошо нест,
Ки дӯхтанд ба ин ришта дидаҳои маро.
Ба ёди қадди ту боло гирифт оҷизиям,
Шикаст фикри асо қомати дутои маро.
Тариқи ҳайрати он ҷилва баски мепӯям,
Тавоф мекунад ойина нақши пои маро.
Зи бахти хеш шикоят намекунам, Шоҳин,
Ки додаанд ба ҷурми амал ҷазои маро.

**ф ф @**

Ман, ки дар пои ту кардам сари савдоиро,
Бохтам дар сари савдои ту муллоиро.
Бурд завқи лаби ширини ту аз хотири ман
Фикри дарсу тамаи лаълии ҳалвоиро.
Дамаке аз рухи худ парда барандоз, ки ман
Аз рухат об диҳам чашми тамошоиро.
Шукр, бахшид ба ман бандагии хоки дарат
Он, ки дидаст муносиб ба ту мавлоиро.
Табъи Шоҳин, ки ба ширинсуханӣ машҳур аст,
Ҳама аз лаъли ту омӯхт шакархоиро.

**ф © ф**

Санамо, лоларухо, сарвқадо, симбаро,
Ба нигоҳе накунӣ хотири мо шод чаро!?
Бо ту, эй дидадаро, қасри дил аст омода,
Аз рахи дида даро бар дилам, эй дидадаро.
Ба шакар талхии бодом равад, оре, нест
Ҷуз шакарханда илоҷе нигаҳи талхи туро.
Мебарам доғи ғами ишқи ту, эй тозаҷавон.
То сарои дигар, алқисса, аз ин кӯҳнасаро.
Турфа корест муҳаббат, ки ба иғвои хаёл,
Мекашад ҳар нафасам аз паи фикри дигаро.
Мехи оҳан биравад дар ҷигари сангдиле,
Накунад нолаи ман дар дили сахтат асаро.
Дилам аз рӯза гирифтаст, нигоро, маҳи ид,
То зи абрӯи ту бинам, ба лаби бом баро!
Ҳаст хоки қадами шоҳи ҷаҳон бар Шоҳин,
Сандали ҷабҳаву кӯҳли басару тоҷи саро.

**ф ф ф**

Дилбаро, садқа шавам наргиси фаттони туро,
Қади сарву лаби лаълу хати райҳони туро.
То бар он чоки гиребон набарам дасти умед,
Ҳаргиз аз каф наниҳам гӯшаи домони туро.
Дил ба як бор бипардохтам аз фикри китоб,
Дидам он дам, ки хати ғолияафшони туро.
Бо рақибон макун эҳсон, ки аз ин тирадилон
Шиканад, он ки намак хӯрд, намакдони туро.
Як ҷаҳон дил фитад аз ҳар хами зулфи ту ба хок,
Доя, ки шона кунад зулфи парешони туро.
Қурси хуршеду қамар гар биниҳандаш ба канор,
Илтифоте набувад резахӯри хони туро.
Ғайри алтофи ту, шоҳо, кӣ тавонад хуш кард
Табъи Шоҳини дуогӯи санохони туро?

**ф ф ф**

Эй маҳви интизори ту чашми сафеди мо,
Холӣ мабод аз ту канори умеди мо.
Шуд фатҳи боби маъсият аз шаш ҷиҳат, вале
Бар қуфли тавба рост наёмад калиди мо.
Боди сабо зи кӯи ту гар оварад паём,
Бояд зи ранги рафта биҷӯӣ навиди мо.
Шоҳин, чи нукта мезанӣ аз сеҳри Сомирӣ,
К-эъҷози мӯсавист Каломи Маҷиди мо.

**ф ф ®**

Ман кӣ бошам, сар кашам аз хатти фармони шумо,
Ҳар чи ояд бар сарам, ман банда, ҳукм они шумо.
Як сари мискин чи бошад, к-аз шумо дорам дареғ,
Гар дилу ҷон аст, он ҳам бод қурбони шумо.
Дар хами он зулфи чун чавгон дили моро чӣ қадр?
Эй сари афсартирозон гӯйи майдони шумо!
Мекашад доман зи рӯи ноз чун оби зулол
Ашки талхи ман зи лаъли шаккарафшони шумо.
Сад чаман гул атсазан бархезад аз домони хок,
Гар сабо орад насиме аз гиребони шумо.
Бар дили девонаам, эй носеҳон, афсун дамед,
Вақф кардам оҳани сарде ба сандони шумо!
Гар кунад Шоҳин ба васфи он даҳан маҷмӯае,
Мезанад раҳ бар дилаш зулфи парешони шумо.

## ф ф 0

Натавон бар гули рӯи ту зад аз бим гулоб,
К-аз латофат дамадаш оина монанди ҳубоб.
Дили ман аз шикани зулфи ту натвонад раст,
Ҳамчу он саъва, ки афтода ба чанголи уқоб.
Пурбулӯр аст ҳино дасти туро оби ақиқ,
Бошад аз хуни шафақ панҷаи хуршед хизоб.
Зи ту, эй тифли ҷафопешаи ман, чдшми вафо
Бошад аз синаи ангур таманнои шароб.
Догам охир ба шакархандаи лаъли намакин
Кам нашуд наргиси махмури туро заҳри итоб.
Зад рақам дар сифати ҳусни ту Шоҳин ғазале,
Ки ҷуз «Аҳсанта!» касеро нарасад ҳадди ҷавоб.

ф ® ф

Гарам мекушад абруи ӯ, чӣ хуб!
Ки гӯянд: «ас-сайфу мо ҳай зунуб».[1]
Хаёли рухи ӯ ба чашми ғариб
Ҳия ш-шамсу локин би айн ил-ғуруб. [2]
Зи дилҳои ушшоқ бар дори зулф
Кашад фавҷ-фавҷу кушад тӯб-тӯб.
Зи тоби ғамаш устухонам гудохт,
Факайфа л-буюту бидуна л- хушуб? [1 2 3]
Вазид аз сари кӯи ҷонон насим,
Лақад тоба рӯҳӣ бизока л-ҳубуб.[4]
Ҳазар кун зи килки ман, эй муддай,
Ки дуздиву иқрор кардӣ ба чӯб.
Зи лаъли ту Шоҳин бизад чошнӣ,
Ки шеъраш малеҳ асту назмаш азуб.

1. шамшер барои он вуҷуд дорад, ки гуноҳҳо вуҷуд доранд
2. ӯ офтоб аст, аммо ба вакти гуруб
3. хонаи бе чӯб чӣ гуна аст?
4. аз он насим равонам нишот ёфт

**ф © @**

Эй мулоимтар зи тухми нимдунбул ғабғабат,
Рустаи Қаршӣ ҳаловатпарвари кунҷи лабат!
К-ӯ занад бар риштаи ҷони мани маҳзун гиреҳ,
Гар ҳамехоҳад, ки шайхи хонақаҳ бандад табат.
Кулфати айёми ҳиҷрон нагзарад бар хотирам,
Гар ба соле иттифоқ афтад ба ман васли шабат.
Зоҳидо, дар дил чу ман ишқи бути маҳваш турост,
К-аз фалак имшаб гузашт овози «Ё раб! Ё раб!»-ат.
Он маҳи номеҳрубон майли ту дорад, эй рақиб,
Офарин бар ёрии иқболу юмни кавкабат!
Дар канори ҳавзи Кавсар, ростӣ, чун ҳиндуест
Холи мушкине, ки манзил кард дар кунҷи лабат.
Бандаи фатвои ишқам, хезу хуни ман бирез,
Хуни ошиқ гар ҳалол аст, эй санам, дар мазҳабат!
Ҷаҳд кун Шоҳину хоки остони шоҳ бош,
Нест дар ин остон ҷуз хок будан мансабат.

ساقی اگرت هست بسر باده کشیدن | ته جرعهٔ خود با من مخمور بیفشانی

چون کاکل مشکین بجنبین جال پریشان | دنبال خودم تا کی و تا چند کشانی

از نقل لبش گر شکنم روزه مترنج | با زلف که بر هیئت شام رمضانی

بر از نکنه بار غم عشق تو جانا | بر خاطر غمدیدهٔ عشاق گرانی

ای دوست به پیری برسی مرحمتی کن | تا برخورم از دولت وصلت بجوانی

هندو لب چشمهٔ کوثر بزد راه | ایخال تو در کنج لب یار چه </>

شها [illegible] همه جا مدح و ثنای تو بخوانند
باشد که ثواش هم ز ذرهٔ لطف بخوانی

ای غره به افسانهٔ ایام جوانی | خلقی ز غمت پیر شد انطرفه ندانی

معلوم تو حالم نشد از نامه و پیغام | باز آکه کنم شرح غم خویش زبانی

بر گردم و چون اشک زدامانت بگیرم | هر چند مرا از نظر خویش برانی

آنم که سر خود نکنم از قدمت دور | چون زلف اگر در قدم خویش کشانی

آزادی ما از تو بهتر سندی نیست | ای خط رخ یار که توقیع امانی

بیغاله در چین سر زلف تو بگذشت | ما را که کند با صبا مشک فشانی

از زلف خود و روی خود الشوخ لملم | با موی کشانی و با تش بنشانی

*Пора аз газалиёти Шоҳин (дастхатти №785)*

**ф ф ф**

Нарасад сарв бар он қомати дилҷӯ, ки туроcт,
Нарасад мушк бар он зулфи суманбӯ, ки туроcт.
Мехалад бар ҷигарам н-омада аз хона ҳанӯз,
Тири мижгон ба камонхонаи абрӯ, ки туроcт.
Гар чунин мерамад аз сояи мижгон, ҳошо,
Ром гардад ба ман он чашми чу оҳу, ки туроcт.
Як сари мӯй ҷунун кам нашавад аз сари дил,
Ки бувад қайдаш аз он силсилаи мӯ, ки туроcт.
Ояд аз шӯхии чашмони ту дар ханда даҳон,
Пардаи ғунча дарад наргиси ҷоду, ки туроcт.
Сабр аз рӯи туву тоб ба хӯят мушкил,
Чӣ кунам, оҳ аз он рӯю аз он хӯ, ки туроcт.
Рӯзгорест, ки парвардаи шакар, Шоҳин,
Тӯтии нотиқа з-он лаъли сухангӯ, ки туроcт.

**ф @ ф**

Тарзи хирому нози ту з-ин сон, ки дилрабост,
Гар ман ба хоки пои ту ҷон медиҳам, равост.
Ҳаргиз ба вазъи дӯстӣ аз сар намениҳад
Бегонагӣ, ки шеваи он ёри ошност.
Розӣ наям ба таънаи ағёру ҷаври ёр,
Эй дӯстон, чӣ чора кунам, ошиқӣ балост!
Гуфтам: - Дило, биё, ки ба сайри чаман равем,
Ҳарчанд кардам, аз сари кӯи ту барнахост.
То пай барам зи даст ба сарманзили қабул,
Шоҳин, сулуки ман ҳама дар ҷодаи ризост.

**ф ф ф**

Интизори тирабахтӣ баски сайди роми мост,
Сурма аз гарди рами оҳу ба чашми доми мост.
Мо ба риндӣ фориғем аз ному нанги рӯзгор,
Бода аз хуни ду олам обрӯ дар ҷоми мост.
Эътибори фақрро нозем аз тарки нигин,
Он чӣ мемонад ба некӣ, то қиёмат номи мост.
То чӣ сон аз маҳмили Лайлӣ нишон хоҳем ёфт,
Ҳамчу Маҷнун гар на овози ҷарас пайғоми мост?
Ҷуз лаби изҳор кори дигар аз Шоҳин маҷӯй,
Тарҷумони ин таманно санъати иброми мост.

**ф ф ®**

Як қалам аз файзи шеърам рангбор афтодааст
В-арна табъам рашки сад гулшан баҳор афтодааст.
То ба мижгон тифли ашкам найсавор афтодааст,
Гиряам сомони сад шӯхӣ баҳор афтодааст.
Ғайри ҳиҷрон орзуи васлро дар бор нест,
Ҳар ки меҷӯяд канорат, дар канор афтодааст.
Оҳ, к-аз хат тира шуд ҳусни сафопарварди ӯ,
Ҳайф, к-ин оина дар банди ғубор афтодааст.
Дар таманнои хатат ҷӯши хароши ҳайратам,
Хорҳо дар синаам з-ин хор-хор афтодааст.
Ҷуз таҳайюр чораи дигар намебинад ба кор,
Ҳар куҷо оина бо рӯят дучор афтодаст.
Ғайри ҳайрат нест чун оина, Шоҳин, шеваам,
То маро дар хилвати дидор бор афтодааст.

® ® ф

Дареғи ман, ки зи ишқи ту рафтаам аз даст,
Чу он шарори баланде, ки з-об гардад паст.
Қади чу новаки ман бин, ки чун камони заиф
Ба садмаи кашиши бозуи ғами ту шикаст.
Ҳаме зи чашми ту тарсам, ки он сиёҳдарун
Кунад ба куштани ман қасд ҳамчу зангии маст.
Нахуст меҳру вафои туро сиришт магар,
Даме, ки Монии тақдир нақши ман барбаст?
Ки нақш дар дили хотам чунон нагирад ҷой,
Ки нақши меҳру вафои ту дар дилам биншаст.
Чу турраат натавонам, ки сар кунам боло,
Ки теғ бар сарам абрўт мезанад пайваст.
Ситам ба бандаи бечорае кунӣ зи ғурур,
Магар надонӣ, ки эй нозанин, Худое ҳаст?!
Гар аз Худой натарсӣ, битарс аз он, ки бувад
Худойгони раъиятнавози бандапараст.
Хадеви мулк, Худованди халқ, он, ки гирифт
Калиди рўзии тасхири мулки халқ ба даст,
Ки мулкро биситонад ба теғи худ ҳамвор,
Ки халқро бинавозад ба ҷўди худ пайваст.
Зи баски мекунад оҳанги мадҳи ў Шоҳин,
Зи чанги фикрати ў сайди ҳеҷ нукта нараст.

## Ф Ф О

Биё, ки вазъи ҷаҳон тарзи дигар афтодаст,
Ки ҳар кӣ шод дар ӯ зистаст, ношод аст.
Зи ғунча ҳар вараќи гул, ки во шавад ба насим,
Ба фарқи булбули бечора теғи бедод аст.
Наволаҳои ҷигар дар чаман ба даъвати кист,
Ки лола дар табақи обнӯс бинҳодаст?
Чӣ сон ба зӯҳц гирояд дилам, ки муддатҳост,
Ба бонги барбату шурби мудом афтодаст.
На ман кашидаам имрӯз дар қалам хати ишқ,
Ки ишқ хатти нахустини лавҳи эҷод аст.
Гузашт нолаам аз сангу бо ту дарнагирифт,
Дили ту, эй бути чинӣ, магар зи фӯлод аст?
Замона пунбаи ғафлат ниҳодааст ба гӯш,
Вагарна ҳар сари мӯям забони фарёд аст.
Фариштаро чу бад-он зулф мекушӣ дар дом,
Чӣ эҳтимоли халосӣ ба одамизод аст?!
Фақеҳи шаҳр, ки фатво диҳад ба ҳурмати май,
Агар ба мавсими гул дода, ҷои эрод аст.
Ба солҳо накашад нанги тӯҳмати таъмир
Харобае, ки ба сели ҳаводис обод аст.
Нараст ҳеҷ дил аз доми туррааш, Шоҳин,
Магар дили ту, ки бисмил шудаст, озод аст.

**ф ® ф**

Дилбаро, ҳолам хароб аз наргиси фаттони туст,
Хотирам ошуфта аз зулфи абирафшони туст.
Хоҳ аз абрӯ ба теғу хоҳ аз мижгон ба тир,
Турки ман, бо ҳарчи мехоҳӣ бикуш, ҳукм они туст.
Гуфтамаш: - Дарди ту дармоне надорад, чун кунам?
Гуфт: - Эй ғофил, надонӣ? Дарди ман дармони туст!
Ҳар ки паймони вафо барбаст бо майгун лабат,
Гарчи шуд паймонааш пур, бар сари паймони туст.
Гар кунам манъ аз муҳаббат, кай пазирад ҳарфи ман,
Ин дили девонаи ман баски дар фармони туст.
Гуфт:- Мушкилтар зи ҷон кандан чӣ бошад дар ҷаҳон,
Гуфтамаш: - Эй шӯх, ҳалли укдаи тунбони туст.
Гуфтамаш: - Аз гиря чашмам кӯр шуд, хандиду гуфт:
Гарди роҳам тӯтиёи дидаи гирёни туст,
Дил асири турраи хам дар хамат имрӯз нест,
Ҳамчу гӯй афтода умре дар хами чавгони туст.
Соидатро сим мехонанду аз ин ғофиланд,
Кӯҳ-кӯҳи сим пинҳон дар таҳи домони туст.
Аз майи маъшуқ агар зоҳид ҳамеҷӯӣ канор,
Аз раҳи тақво магӯ, аз нестӣ имони туст.
Шеъри Шоҳин шӯҳра з-он рӯ дар малоҳат гаштааст,
К-аз намакпарвардагони суфраи эҳсони туст.

**@ ® ф**

Он ҳуққаи даҳони ту ё тунги шаккар аст,
Ё чашмаи ҳаёт ва ё ҳавзи Кавсар аст.
Хунам хӯриву бок надорӣ, ки хуни ман
Гӯӣ, ҳалолтар ба ту аз шири модар аст.
Ошуфтагим як сари мӯ кам намешавад,
То турраи расои ту ошуфта бар сар аст.
Гар кисааш тиҳӣ бувад аз сим, бок нест
Онро, ки чун ту симбаре хуфта дар бар аст.
Бихром сӯи боғ, ки қадди баланди ту
Саркӯби нахли сарву ниҳоли санавбар аст.
Мустағнӣ аст ҳусни ту чандон, ки пеши ту
Буду набуди ошиқи мискин баробар аст.
То аз даҳони танги ту дорам умеди кор,
Аз хони даҳр рӯзии ман кам муқаррар аст.
Овехта ба ҳар сари мӯ ҷони оламе
Зулфат, ки дар рабудани дилҳо диловар аст.
Гоҳе фаришта хонаму гаҳ хур, гаҳ парӣ,
Баргӯ, ки бо ҷамоли ту з-инҳо чӣ дар бар аст?
Доғам, ки аз қабули ту иззу шараф наёфт
Шоҳин, агарчи аз дилу ҷон бо ту чокар аст.

**ф ф ф**

Дилам ҳамчу минқори булбул ду ним аст,
Ки домони он гул ба дасти насим аст.
Туро з-он қадду кокулу зулф, ҷоно,
Алиф дар миёну зи ду нуну ҷим аст.
Барафрӯхт бар Аймани зулф оташ,
Дили ман, ки бар Тӯри маънӣ Калим аст.
Дилам з-он хами зулф берун наёяд,
Ки чун нуқта дар ҳалқаи нун муқим аст.
Туро зулфу қадду даҳон гуфт, Шоҳин,
Ки дар мусҳафи ҳусн алиф, лом, мим аст.

**ф ф ф**

Доғи ишқи ту ба рухсораи дил холи ман аст,
Аз ту идбор гар ояд ба ман, иқболи ман аст.
Қади шамшоди ту ҳар ҷо, ки равад, аз дунбол
Тани ҳамчун алифу қомати чун доли ман аст.
Ҳар мазаллат, ки ба ман мерасад аз даври сипеҳр,
Рост гӯям, асари шумии афъоли ман аст.
Ҳар куҷо меравам, эй рашки бутон, бахти сиёҳ
Ҳамчу гесӯи ту афтода ба дунболи ман аст.
Кору кочоли дигар нест маро ғайр аз ишқ,
Ишқи хубон ҳама кори ману кочоли ман аст.
Гаҳ ғами дил хӯраму гаҳ ситами дида кашам,
Ин ду худкома, аҷаб, мурдаи ғассоли ман аст.
Ҳусни ошиқсифатон ғайри гирифторӣ нест,
Ҳалқаи дом ба по зинати халхоли ман аст...
Тӯъмаи рӯҳ бувад аҳли хирадро, Шоҳин,
Сайди маънӣ, ки асири хами чанголи ман аст.

**ф ф ф**

Маро, ки ишқи накӯён накӯтарин амал аст,
Хушам, к-аз ин амали нек номи ман масал аст.
Шаби висол, ки вақти нафас кашидан нест,
Бигӯ ба мурғи саҳар, к-ин чӣ бонги бемаҳал аст!?
Қадам ҳамеазанад аз ҳад буруну метарсам,
Ки муддаӣ хари ланг аст, ҷода пурваҳал аст.
Ба қисмати азалӣ гар ту розийӣ, зоҳид,
Зи ман маранҷ ба риндӣ, ки қисмати азал аст.
Маҳил, ки умри азизи ту бигзарад бе васл,
Ки васли ёр чу умри азиз бебадал аст.
Маро ба лаъли лабат ҳайф ояд аз дашном,
Аз он ки талхии сум бо ҳаловати асал аст.
Хирад ба шеъри ту, Шоҳин, аз он бувад, вола,
Ки як ҳадису ҳазораш нукот муҳтамал аст.

**ф ф ©**

Дили сиришта ба дарде, ки дар канори ман аст,
Гарам ғаме расад аз даҳр, ғамгусори ман аст.
Диле, ки гум шуда, ҳаргиз наёфтам асараш,
Барад сабо, ба хами турраи нигори ман аст.
Манам, ки дар раҳи хубон гузаштам аз ҳама кор,
Агар ғалат накунам, кори хуб кори ман аст.
Бигуфтамаш, ки ба хунам ривояте дорӣ?
Бигуфт: - Хатти ғуборе, ки бар узори ман аст.
Ба ёди кӯи ту бигзаштаме зи боғу баҳор,
Ки ёди кӯи ту ҳам боғу ҳам баҳори ман аст.
Саводи шеър, ки кардам ба ёдгор рақам,
Ба рӯи даҳр бимонад, ки ёдгори ман аст.
Ҳар он ки ёфт пару боли маънии Шоҳин,
Агар ба тораки гардун расад, шикори ман аст.

**ф ф ф**

Дилам шикастатар аз турраи бутон шудааст,
Қадам хамидатар аз гӯшаи камон шудааст.
Зи мӯя тоқати ман баски бе рухи ту гудохт,
Танам низортар аз мӯи он миён шудааст.
Ғаме, ки бар дилам омад зи рӯзгори фироқ,
Зи х,ар чи шарх тавон дод, беш аз он шудааст.
Буте, ки бурд дил аз ман ба талъати башарӣ,
Чаро зи дидаи ман чун парӣ ниҳон шудааст.
Бихостӣ, ки таровад зи дида хуни дилам,
Биё, бубин, ки дилат ҳарчи хост, он шудааст.
Ту ҳар куҷо, ки равӣ, ашки ман ба дунболат
Чу соил аз паи соҳибкарам равон шудааст.
Баҳори ҷилваи нозӣ, ки мебарад ташриф,
Ки саҳни кулбаи ман рашки бӯстон шудааст.
Мапурс бе рухи худ ҳоли ҷисми лоғари ман,
Ки ҳамчу чашми ту бемору нотавон шудааст.
Фурӯғи ҳусни туро забту ҳаср натвон кард,
Ки бо талиаи хуршед ҳаминон шудааст.
Ба ҳеҷ бода сабукдил намешавад ринде,
Ки бо майи лаби лаъли ту саргарон шудааст.
Ба рӯзгори ҷавонӣ шавад чу Шоҳин пир
Касе, ки ошиқи он сарви навҷавон шудааст.

**ф ф ф**

Туӣ, ки ҳукми ту қотеъ чу насси Қуръонист,
Туӣ, ки рӯи ту мунтаҷ чу шакли мизонист.
Бувад бақои ту, то ҳаст осмон, аммо
Аз ин дуо хиҷилам, з-он ки осмон фонист.
Фалак, ки қурси маҳу меҳр дар бағал дорад,
Ҳамон зи хони туаш заллаҳои меҳмонист.
Бикун ҳимояти худ аз рақиби девсиришт,
Зи бас даҳони ту ангуштари сулаймонист.
Зи теғи абруи ӯ захм агар хӯрам бар дил,
Шикояте накунам, сарнавишти пешонист.
Чӣ моя ғайри хато баҳри афв арза диҳам,
Ки назди хоҷа ҳамон узри банда нодонист.
Дароздастии зулфи нигорро нозам,
Насиби ман чу сари зулфи ӯ парешонист.
Ҳазор нома навиштем, к-аз таровати ашк
Ҳамин, ки хор шикастем, чашм қурбонист.
Ҳарифи табъи расои ту кас нашуд, Шоҳин,
Зи бас ягонаи офоқ дар сухандонист.

® © ®

Лаъли лаби ту ғайрати ёқути аҳмар аст,
Акси рухи ту нусхаи хуршеди анвар аст.
Ташбеҳ бо кадом ҳаловат тавон намуд
Нӯши лаби туро, ки беҳ аз шаҳду шаккар аст?
Ёқутро ба лаъли ту нисбат намерасад,
Ҳарчанд ин муқобала урфан мукаррар аст.
Он ҷавҳарест хоста аз кону ин зи ҷон,
Конӣ куҷо ба ҷавҳари ҷонӣ баробар аст!
Ҳар дил, ки аз каманди алоиқ канора ҷуст,
Дар чини гесуи чу камандат мусаххар аст.
Дидан тавон шамоили ҷон билмуояна,
Аз ҷисми нозуки ту, ки рӯҳи мусаввар аст.
Эй муҳтасиб, ба шиша мазан зӯри Ҳайдарӣ,
Оҳистатар, ки он на сари Амр Антар аст.
Хаттат ҳаме дамида бар атрофи оразат,
З-он сон, ки бар ҳавошии кофур анбар аст.
Хоҳе ба дида, хоҳ ба дил мекунӣ гузор,
Ҷое ту ҳар куҷо, ки ниҳӣ пой, бар сар аст.
Шоҳин, маро ба чокарии хештан нахост
Шоҳаншаҳе, ки хоки дараш тоҷи қайсар аст.

**ф ф ®**

Дилам ба чанбари зулфат агарчи афтодаст,
Вале хуш аст аз он тоире, ки озод аст.
Закоти ҳусн ба ушшоқи хаста бояд дод
Туро, ки ҳусни накӯ давлати Худодод аст.
ЧИ гуна дил канам аз васлат, эй санам, ки дилам
Ба фурқати ту ҳазину ба васли ту шод аст.
Чи сон ба боғ равам бе ту, к-аз назораи гул
Гиреҳ зи хотири ман бе рухи ту накшодаст.
Маранҷ, эй гули навруста, аз тазаллуми ман,
Ки кори булбули бечора доду фарёд аст.
Ҷаҳон, ки ҷилва кунад дар назар чу соҳати боғ,
Чу ахди лоларухон сахт сустбунёд аст.
Гузашт умру накардӣ вафо ба ваъдаи хеш,
Магар ба ваъдаи ту рӯзи ҳашр миъод аст?
Латифаест рухат мунтахаб зи дафтари ҳусн,
Ниҳода бар сари он наргиси ту чун сод аст.
Зи сайри боғ ба васли ту фориғам, зеро
Ки оравзи ту гулу қомати ту шамшод аст.
Лабат ба бодапарастӣ ҳамекунад таклиф,
Дили маро, ки ба зухду салоҳ муътод аст.
Зи кулбаи дили Шоҳин харобтар ҷо нест,
Вале хаёли ту чун по ниҳод, обод аст.

**ф ф ф**

Мудом табъи ман аз ваҷҳи ёр ночоқ аст,
Ки субҳу шом рафиқи рақиби айғоқ аст.
Ба ишқ агар надиҳад тан дилам, ба зулф супор,
Илоҷи кӯдаки мактабгурез фаллоқ аст.
Миёни дарду ғами ишқи ту назири дилам
Ҳамон ба маъракаи кӯбкорӣ ӯлоқ аст.
Ба ҷуфту тоқ нашуд равшанам, ки аз чӣ сабаб
Нигори ман ба ҷафо ҷуфту дар вафо тоқ аст.
Чунон далер ба куфрам ба боби фатвии май,
Ки дар ҷавоб масоил имоми қишлоқ аст.
Зи баъди бодаи талх аз барои ҳалқосо
Ба ҷои қанди Канорискиям қавунқоқ аст.
Ба ҳеҷ ваҷҳ мулоим наметавон кардан
Дили туро, ки ба сахтӣ мисоли қайроқ аст.
Нигори ман, зи рақибон макун таваққуи пул,
Ки ҳарчи бо ту расад з-ин ҷамоа, шилтоқ аст.
Агарчи ҳаст ба зоҳир бути ман олуфта,
Вале ба додани оғӯш сахт қултоқ аст.
Ба ҳамзабонии Шоҳин кӣ мекунад даъво,
Ки ин ҳарифи сухандон зиёда таллоқ аст.

ф ® ф

Дилам шикаставу тан хаставу ҷигар хун аст,
Биё, бубин, ки маро бе ту зиндагӣ чун аст.
Ғами дилам ба қиёсу ҳисоб н-ояд рост,
Ки аз ҳисоб бурун в-аз қиёс берун аст.
Ба ҷомахоб зи май маст хуфтааст нигор,
Дило, бикӯш, ки имшаб шаби шабехун аст.
Маро ба ваъдаи ту ҷои эътимод намонд,
Ки кору бори ту пайваста макру афсун аст.
Ту рафтӣ аз барам, эй сарвиноз, аз пайи ту
Зи ҳар ҳадиқаи чашмам равона Ҷайҳун аст.
Ба решҳои дилам баҳри нолапардозӣ
Ғамат чу захмаи мутриб ба тори қонун аст.
Бирав ба майкада, аз зарқ хирқа пок бишӯй,
Ки лойи зери хуми бода беҳ зи собун аст.
Дилам ба соғари май майл мекунад доим,
Магар ба наргиси махмури ёр мафтун аст?
Кунад ба шеъри ту, Шоҳин, ақидаи комил
Касе, ки мухлиси ашъори табъи мавзун аст.

**ф ф ф**

Бад-ин ғалат, ки вай андар сари вафои ман аст,
Агар ба теғ бибуррад сарам, сазои ман аст.
Гарам биҳишт муяссар шавад, намебахшам,
Ба ҷуз гули рухи ҷонон, ки муддаои ман аст.
Худо нахоста, бегона мешавам аз дин,
Чаро ки он бути бегона ошнои ман аст.
Чу Ҷам ба ҷоми ҷаҳон, бин, саре надорам аз он,
Ки нақши пои ту ҷоми ҷаҳоннамои ман аст.
Маро рухи ту ба кокул ишора мефармуд:
Ҳазар зи рӯзи сиёҳе, ки дар қафои ман аст.
Ба як ишора адо кун баҳои хуни маро,
Ки як ишора зи теғи ту хунбаҳои ман аст.
Сагат ба пои ҳақорат бизад сари ману гуфт:
Гарон мабош, ки изои ту ба пои ман аст.
Чи ғам, агар фалакам укда афканад, Шоҳин,
Чунин ки нохуни фикрат гиреҳкушои ман аст.

© © ©

Саъйи ваҳшат зи бас оинаи тасхири ман аст,
Нақши по ҷилвагаҳи ҳалқаи занҷири ман аст.
З-ин чаман ранги бинозям ҳама бар дӯши ҳавост,
Гӯӣ, аз бӯи гулобу гили таъмири ман аст.
Гар аз инам нашуд иршод, аз он хоҳам ёфт,
Ман, ки дар роҳи иродат ҳама кас пири ман аст.
Чу ниҳам бозуи ҳиммат ба хами шасти дуо,
Кунгури арши иҷобат асари тири ман аст.
Шарафи хусравии мулки сухан Шоҳинро
Файзи шогирдии устоди ҷаҳонгири ман аст.

**ф ф ф**

Лаби ту қути дилу қуввати равони ман аст,
Вале чӣ суд, ки дур аз лабу даҳони ман аст.
Равам ба гоми нахустин ҳазор марҳала пеш,
Ба ҷустуҷӯи ту гар бод ҳаминони ман аст.
Ба васфи лаъли масеҳодами ту з-оби ҳаёт,
Ҳазор чашма равон аз сари забони ман аст.
Ҳазор дастагули яъс мезанам бар сар,
Зи хорзори ҳаводис, ки бӯстони ман аст.
Ба ҳайратам, ки чаро бар нишона н-ояд рост,
Хадангҳои таманно, ки бар камони ман аст.
Зи ҳаҷри дарди ту худ сӯхтам, чӣ мехоҳӣ
Зи ҷони хаста, ки дар ҷисми нотавони ман аст.
Ту мениҳӣ лаби худ бар лаби рақиб, аммо
Ба лаб расида зи шавқи лаби ту ҷони ман аст.
Ба даври хатти ту эминам аз татовули ишқ,
Ки хати даври рухат сархати амони ман аст.
Нишонд гарчи ба комам, чу ашк мамнунам,
Ҳанӯз чашми ту дар банди имтиҳони ман аст.
Адӯ ба ҳарфи ман ангушт агар ниҳад, Шоҳин,
Қалам чу ноҷаи оҳехта дар банони ман аст.

ф © ф

Парӣ зи шарми рухат чеҳра дар ниқоб гирифт,
Лаби ту равнақи кайфият аз шароб гирифт.
Агарчи буд туро чеҳра мусҳафи раҳмат,
Касе, ки дид хатат, ояти азоб гирифт.
Рухат надошт саводе ба дарси фитна магар,
Ки дар бағал зи хати анбарин китоб гирифт.
Саводи хатти ту гардид равшан аз ораз,
Баромад аз ҳама гавғо, ки офтоб гирифт.
Аз он саманд, ки куштӣ савора чун хуршед,
Ҳилоли бӯса зи наълу маҳ аз рикоб гирифт.
Ҷабину рӯи ту ҳар кас, ки дар арақ бинад,
Тавонад аз гулу хуршеду маҳ гулоб гирифт.
Ишора кард нигоҳат ба ишва, к-он абрӯ
Ба теғи ноз пайи қатли ман шитоб гирифт.
Нигори ман, аҷабам з-он хату рухи арақин,
Ки чун рақам зада бар сафҳае, ки об гирифт.
Зи бас ба номи ту тавшеҳ кард бар Шоҳин,
Бад-ин ғазал натавонад касе ҷавоб гирифт.

ф ® ф

Бачост хусни бутон, гарчи сад никоб гирифт,
Ки мавчро натавон дар тахи хичоб гирифт.
Хаёли рӯи ту осон нашуд муяссари дил,
Базӯр оина домони офтоб гирифт.
Зи инфиоли убусат чунон гудохтаам,
Тавон зи чини чабинам мухити об гирифт.
Кашида пои иродат зи хонаи маъмур,
Чу сел хар кӣ рахи водии хароб гирифт.
Камоли фитратам ошӯб мекунад дар бор,
Гусаст риштаи ман хар кадар, ки тоб гирифт.
Дар ин бисот, надонам, фасонае чӣ гузашт,
Чуз ин, ки дидаи Шохин камини хоб гирифт.

©©©

Бе туам ҷои иқомат гӯшаи майхона аст,
Кору борам дар ҳавоят гиряи мастона аст.
Он, ки бар дарди дилам хун мехӯрад, ҷуз бода нест
В-он, ки мегиряд ба ҳолам, шишаву паймона аст.
Он, ки бар болини ман месӯзад, он ҷуз шамъ нест
В-он, ки аз гирди сарам мегардад, он парвона аст.
Ҳар чӣ мебинам ба чашм аз осмон, бозича аст,
Ҳар чӣ мехонад ба гӯшам рӯзгор, афсона аст.
Ҳар нигаҳ аз мадди ҳайрат тори зуннор асту бас,
Ҳар мижа аз ашки ҳасрат сабҳаи саддона аст.
Ҳар чӣ дидӣ пеши мардум, хӯрда бар Шоҳин магир,
К-ӯ ғуломи туст, гар ҳушёру гар девона аст.

ф © ф

Аз мо ба дигарон сари меҳру вафот чист?
Эй бемурувват, ин ҳама ҷавру ҷафот чист?
Яксар ба интизори ту фарш аст ҷону дил,
То по ниҳодаӣ, бинигар, зери пот чист!
Ҷӯшида ахтар аз дили хуршеду моҳтоб,
Яъне арақ дамида зи рухсораҳот чист?
Чун зарра гар ба васли ту восил намешавам,
Беҳуда парфишонии ман дар ҳавот чист?
Хубон агар ба теғи ситам кардаанд қасд,
Шоҳин, ту ҳам бикӯш, ки тири дуот чист?

**ф ф ф**

Қаддам зи бори ҳаҷр шикастан гуноҳи кист?
Бар ман дари висол бубастан гуноҳи кист?
Лаълат ба гоҳи бӯса макидан гуноҳи ман
Ҷонам ба новаки мижа хастан гуноҳи кист?
Ёди ту кардан, аз ҳама растан гуноҳи ман,
В-аз ман барои ғайр гусастан гуноҳи кист?
Ҷурми ман аст васли ту ҷустан ба накди ҷон,
Аммо фиреб додану ҷастан гуноҳи кист?
Эй маҳ, ба интизори ту будан гуноҳи ман,
Бозомадан ва менанишастан гуноҳи кист?
Накди дилам рабудану лекин зи дасти ман,
Ҳар лаҳза ҳила кардану растан гуноҳи кист?
Пинҳон дили шикастаи Шоҳини хастаро
Дар печи зулф бурдану бастан гуноҳи кист?

**ф ф ф**

Гар ба ин оина акси ӯ нузуле карданист,
Мумтанеъ дар олами имкон ҳулуле карданист.
Баски з-ин саҳро ба таъҷили ҷунун бояд гузашт,
Ваҳшати реги равон ҳам тез бӯле [1] карданист.
Аз тағофул матлаби ушшоқро фаҳмида гир,
Дарки ин маънӣ ба найранги духуле карданист.
То кай аз арзи амал бошем дар хавфу риҷо,
Ё бар ӯ додан ҷавобе, ё қабуле карданист.
З-ин биёбон метавон, Шоҳин, ба осонӣ гузашт,
Ихтиёри саъй агар таслими ғуле карданист.

1. Зудбош!

**ф ® ф**

Дардо, ки дарди ишқи ту дармонпазир нест.
З-ин дарди бедаво дили моро гузир нест.
Ворастае кучост, ки чун ман ба сад ниёз
Дар ҳалқаҳои зулфи камандат асир нест?
Набвад муқими хилвати оина ғайри акс,
Яъне, ки чуз хаёли туам дар замир нест.
Танҳо на ман зи бори ғамат пир гаштаам,
Ку навчавон, ки аз ғами ишқи ту пир нест?
Гармиву нармие, ки бувад дар сурини ту,
Дар пӯстини қокуму қурси панир нест.
Он талъате, ки аз рухи хубат диҳад фурӯғ,
Бар офтоби равшану моҳи мунир нест.
На ҳур, на парӣ, на фаришта, на одамӣ,
Билчумла дар латофати ҳуснат назир нест.
Ҳар сӯ, ки меравам, ба салом оядам ғамат,
Гӯё, ки рӯшиноси ғамат чуз фақир нест.
Захме, ки аз нигоҳи туам бар чигар расад,
Бовар кун, эй санам, ки ба пайкону тир нест.
Аз баҳри нафъи хеш кунад даллагӣ рақиб,
Ин хар агарчи восита бошад, сафир нест.
Оҳу ба ҳар диёр фаровон бувад, вале
Шоҳин, чу чашми дилбари мо шергир нест.

**ф ® ®**

Ин манам, к-андар сарам ғайри ҳавои ёр нест,
Ҷуз ҳавои ёр, оре, ошиқонро кор нест.
Гуфтаӣ: Ҷуз бӯсаву оғӯш дорӣ ҳоҷате?
Худ ҳамедонӣ, нигоро, ҳоҷати изҳор нест.
Қурьаи дониш зи ҳар кишвар ба як кас мезананд,
З-он ки дар ҳар осмон ҷуз кавкабе бисёр нест.
Дам мазан аз фазлу дониш дар ҳузури зоҳидон,
К-ин харонро ҳосиле ҷуз каллаву дастор нест.
Чашми бемори ту доим хуни мардум мехӯрад,
Чун кунад ин кофари бераҳм, агар бемор нест.
Ҳар кӣ дорад ҳамчу ман нисбат ба он ҳури сафед,
Гӯ: - Туро чун соя ҷое ҷуз таҳи девор нест.
Мекунам такрор васфи ҳусн дар таҳсили ишқ,
Баски шуғле толибонро беҳтар аз такрор нест.
Мекунам ҳар лаҳза бар хатти ту такрори назар,
Баски бо аҳли назар шуғле беҳ аз такрор нест.
Чун ту кам хезад ба зебоӣ зи хубони ҷаҳон,
З-ин ҳама ахтар, бале, ҷуз ҳафт тан бисёр нест.
Мӯкашонам мебарад сӯи ту он зулфи сиёҳ,
Хат маёвар, з-он ки ҳоҷат бо хатти эҳзор нест.
Толибам ман худ ба дашном, эй писар, тезам макун,
Иштиҳо гар соф бошад, ҳоҷати очор нест.
Абри найсон дасти шоҳу килки Шоҳин аст, дон
Варна дар олам ҷуз ин ду абри гавҳарбор нест.

**Ф © 0**

Зоҳид ба Каъба гар сару кори намоз дошт,
Шоҳин ба хоки пои ту рӯи ниёз дошт.
Дар кӯи фақр ҳар кӣ ғуборе ба сар фишонд,
Бар тахту тоҷи Хусраву Ҷамшед ноз дошт.
Савдои ишқ рутбаи ошиқ кунад баланд,
Маҳмуд буд он, ки ҳавои Аёз дошт.
Дар базми мо нишасту навои Аҷам шунид,
Он кас, ки майли нағмаи хорогудоз дошт...
Бар тақвӣ эътимод намудан нометавон,
Дил бар намоз, эй, ки ниҳодӣ, «маноз» дошт.
Шоҳин, на фикри мадраса дорам, на хонақаҳ,
Яъне, ки ишқам аз ҳама андеша боздошт.

**ф © ф**

Як сару гардан нигори ман чу аз гулшан гузашт,
Обро оби хиҷолат то сару гардан гузашт.
Шамъи иқболе, ки ман афрӯхтам, аз бахти бад
Чун шарар дар санг пинҳон аз таҳи доман гузашт.
Бо забони чарб ҳар, к-ӯ нарм кард он шӯхро,
Метавон гуфтан, ки ҳарфаш аз дили оҳан гузашт.
Дил ба з^вқи холи ӯ аз туррааш маҳрум монд,
Аз барои донае ин аблаҳ аз хирман гузашт.
Гарчи ҷавшанпӯш шуд дил аз ҳуҷуми доғи ишқ,
Захми мижгони чу пайконаш ҳам аз ҷавшан гузашт.
Бар дили хунгаштаам охир чӣ раҳм орӣ, сипеҳр,
Тифли ман, эй доя, аз меъёри парвардан гузашт.
Аз дили ман бигзарад, ҷоно, нигоҳи гарми ту,
Ҳар замон чобуктар аз барқе, ки бар эман гузашт.
Баски дур аз дӯстон хушдил наям аз зиндагӣ,
Умри ман пайваста дар андешаи мурдан гузашт.
Гӯ, наварзад ишқ, ҳар кас барнатобад ҷаври ёр,
Ҳар кӣ аз гунҷишк тарсад, бояд аз арзан гузашт.
Кас гумон созад эеҳи пироҳанам сурх аст, лек
Хуни ман дар интизори теғат аз гардан гузашт.
Ҳар кӣ дорад орзуи ном чун санги нигин,
Умри ӯ аз ковиши меҳнат ба ҷонкандан гузашт.
Нест, Шоҳин, завқи шеърам он қадарҳо в-арна ман
Шоирам чандон, ки натвон дар сухан аз ман гузашт.

**® ф ф**

Эй лабат шакарфишону турраат анбарсиришт,
Талъати хуршед пеши хубии рӯи ту зишт.
Ҷазбаи ишқи ту берун мекунад аз рохи шавқ
Зоҳидонро аз савомеъ, роҳибонро аз куништ.
Он на хуршед асту маҳ, к-аз ҳайрати ҳуснат сипеҳр
Мезанад ҳар рӯзу ҳар шаб, эй санам, дар сина хишт!
Бо чунин ҳусни диловезе, ки ҷоно, мар-турост,
Не фаришта аз фалак хезад, на ҳуре аз биҳишт.
Хост, то чоки гиребони адам созад руфӯ,
Пайкари моро ғамат бориктар аз ришта ришт.
Шарҳи шавқат менавиштам, дйдаи хунбор гуфт:
Ҷои сурхиҳош бигзорӣ, ки ман хоҳам навишт.
Ҳар куҷо тухми муҳаббат буд, деҳқони азал
Ҷамъ карду як ба як дар синаи Шоҳин бикишт.

ф ® ф

Маро чу шона бибояд ба каф ҳазор ангушт,
Ки то барам ба хами турраи нигор ангушт.
Ҳанӯз як ваҷабам аз ту ҷои дурӣ нест,
Агарчи риши ту шуд бар заҡан чаҳор ангушт.
Касе, ки даст ба зулфи ту зад далерона,
Шигифт нест, барад бар даҳони мор ангушт.
Агар ба гул нигарам бе рухи ту дар гулшан,
Занад ба чашми ман аз роҳи таъна хор ангушт.
Ғамат харош диҳад решаҳои ҷони маро,
Чунонки мутриби ҳозиқ занад ба тор ангушт.
Фалак барои ҳаводис агар амин талабад,
Кунад ба сӯи манн, албатта, рӯзгор ангушт.
Магар ҳисоби ғаму дард мекунад маълум,
Қадам, ки хам шуда чун аз паи шумор ангушт.
Пас аз вафоти ту, Шоҳин, суханварон сӯзанд,
Ба ҷои шамъ туро бар сари мазор ангушт.

**® ф ф**

Дилбаро, ороми дил ё роҳати ҷон хонамат,
Баски зебой, туро ҳам ину ҳам он хонамат.
Бо чунин ҳусне, ки чашми ошиқон ёбад фурӯғ,
Офтоби базм ё шамъи шабистон хонамат?!
Қиблаи аҳли вафо ё Каъбаи арбоби шавқ,
Лафз бисёр аст, худ гӯ, то бад-он сон хонамат.
Ваъдаҳо кардӣ, вале осори он зоҳир нашуд,
Сахттамкин гӯямат ё сустпаймон хонамат?
Ман намегӯям, ки сарви гулшанӣ ё нахли боғ,
Бо қадат ин ҳардуро ҳам рост натвон хонамат.
Лаб ба шаккархандае бикшову дар тан ҷон бубахш,
То зулоли салсабилу оби ҳайвон хонамат!
Ё фурӯғи дида, ё меҳри фалак, ё шамъи базм,
Он чи зебад бо ту, худ гӯ, то ки он сон хонамат.

**ф ф $**

Эй хотирам ошуфтаи гесӯи сиёҳат,
Бечора дилам волаи рухсори чу моҳат.
Нозук дали ман чун кунад, эй наргиси ҷонон,
К-аз ҷавшани ҷон мегузарад тири нигоҳат.
Бошад, ки ниҳӣ по ба дилу дидаи ман ҳам,
Фарш аст далу дадаи ман бар сари роҳат.
Гар тЛасъалаи ишқ надонад, гунаҳе нест,
Муфтӣ, ки нахонда ба ҷуз асбоби фақоҳат.
Дар ваҷҳи ҳасан гарчи парӣ шӯҳраи даҳр аст,
Аммо нашунидем ба ин ҳусну малоҳат.
Меҳрам бифизояд ба ту ҳар бор ки бинам
Он донаи холе, ки бувад меҳри гиёҳат.
Аз чашми бада халқ бад-ин ҳусн, ки дорӣ,
Пайваста Худованда ҷаҳон бод паноҳат!
Эй кишвари хубӣ ба ту гардида мусаллам,
Ту шоҳиву хубони ҷаҳонанд сипоҳат.
Шоҳин, туӣ он сӯхтадил бе рухи он моҳ,
Аз хӯшаи Парвин гузарад шӯълаи оҳат.

## Ф 0 Ф

Аз чашми ту кардем ба абрӯи ту он баҳс,
К-аз бодапарастон ба ҳилоли рамазон баҳс.
Бо абрӯву мижгони ту ҳарфе натавон зад,
Азбас кунад охир ба хадангу ба камон баҳс.
Аз шӯхии наргис нарамад чашми ту, к-аш нест
Бар хотири устод зи шогирди гарон баҳс.
То ҳақ тарафи кист, Худоро, ки намудем,
Ман бо сари кӯи туву зоҳид ба ҷинон баҳс.
Н-орад ба дами сарди ту, носеҳ, дили ман тоб,
К-аз ғунча муҳол аст ба сармои хазон баҳс.
Аз бозуи пирӣ, ки ба тадбир тавоност,
Саҳл аст ба сарпанҷаи нерӯи ҷавон баҳс.
Гуфтам, зи лабат бӯсам, дашноми даҳан дод,
Шоҳин, беҳ аз ин нест ҷавобе ба чунон баҳс.

**ф © ф**

Эй ситонида ба ҳусн аз ҳамаи хубон боҷ,
Каҷкулоҳон паи таъзим туро дода хироҷ.
Сурма шуд гарди суми тавсани ту Қайсарро,
Аз ғубори дарат Искандару Хоқонро тоҷ.
Бошам аз дарди ғаму ҳаҷри ту озурда чунон,
Ки набошад ба‘ ҷуз аз доруи васли ту илоҷ.
Ҳамчунон гашта зи ғам пайкари ман нарму ҳарир,
Пахтаро мегузаронад зи ҳалоҷӣ ҳаллоҷ.
Мутанаъим шуда Шоҳин зи ғуломии дарат,
В-арна мебуд ҳама умр ба ноне мӯҳтоҷ.

**0 0 0**

Хатат нишони ривоҷу рухат мисоли сабоҳ,
Ба ёди ин ду манам фориғ аз сабоҳу равоҳ.
Зи нофа мӯи ту хуштар ба ҷоъилу з-зулмот,
Зи моҳ рӯи ту беҳтар ба фолиқ ул-исбоҳ.
Зи ганҷи хонақаҳам дил гирифт, эй сӯфӣ,
Ба боми майкада зан баъд аз ин салои фалоҳ!
Арӯси тавба диҳам гар талоқ, маъзурам,
Маро ба духтари раз баски додаанд никоҳ.
Битоб нури камол аз мушаббакоти вуҷуд,
Ки ҳаст садри ту мишкот, дил дар ӯ мисбоҳ.
Хатои хеш дар он боргоҳ арза диҳам,
Ки мекунанд хатои нарафтаро ислоҳ.
Қадам ба водии исён агарчи зад Шоҳин,
Мабанд бар рухи ӯ боби тавба, ё фаттоҳ!

## Ф Ф 0

Ба зулфу рӯи ту хунам чунон шудаст мубоҳ,
Ки ҳеҷ як нагузоранд шомро ба сабоҳ.
Зи шавқи кӯи ту поям намерасад ба замин,
Фанаҳну индака тайран, латайра ғайри ҷаноҳ.[1]
Ту ҳамчу рӯҳ маро дар бар омадӣ, лекин,
Рақиб мерасад аз пай чу қобизи арвоҳ.
Шудаст бе маҳи рӯи ту чашми ман баҳре,
К-аз ӯ ба киштии нӯҳ чарх бигзарад маллоҳ.
Биёву сулҳ бад-ин маслиҳат бикун, зоҳид,
Ману тариқати риндӣ, туву тариқи салоҳ.
Нагашта субҳ шаби васл, бонг кард хурӯс,
Лақад зарабтуҳу ё айюҳа р-рақиб фасоҳ.[I. 2]
Намекунам тамаи фатҳ аз касе, Шоҳин,
Зибас ба ганҷи маонист килки ман мифтоҳ.

I. Мо дар назди ту парандаем, а.ммр парандаи беканот.
2. Эй рақиб, корамро кардам, акнуц фарёд зан!

**Ф 0 ®**

Изо таҳоҷамакалҳумму фашрабалақдоҳ,
Фарубба мушкилу инҳалла мин зуҷоҷати роҳ.[1]
Ба ёди зулфу рухаш нагзарад шабе бар ман,
Ки хуни дида нарезам зи шом то ба сабоҳ.
Магӯ, ки дарди ғамаш дар дил аз куҷо омад,
Раъайту филҷусаси кайфа йанфадуларвоҳ.[1 2 3]
Хати рухат, ки аз он сеҳри Сомирӣ варақест,
Лақад раоҳу фаалқал Калим билалвоҳ?
Ба дасти пири муғон тавба кардаам зи вараъ,
Фамо аъӯду лав анбоқ ҳуссаматиннассоҳ.[4]
Маро забони ту, носеҳ, чунон халад дар дил,
Ки нештар ба ҷароҳат фурӯ барад ҷарроҳ.
Зи рӯи ӯ талаби бӯса то ба кай, Шоҳин?
Чу возеҳ аст талаб, нест ҳоҷати эзоҳ.

1. Вақте ки андӯҳ ба ту хучум мекунад, қадах биёр бинӯш,
   (Зеро) гохо мушкилиҳо аз маи шиша ҳал мешаванд.
2. Дидам, ки аз часадхо чӣ гуна чонхо бурун мераванд.
3. Чун Калим ӯро бидид, суратхоро партофт.
4. Тамоми носехон насихат кунанд ҳам, барнамегардам.

### 0 0 0

Хатти мушкини ту сабзу лаъли гавҳарбор сурх,
Рост чун тӯтӣ ба хунам кардаӣ минқор сурх.
То ту боз ой, ба хуни дил сарои дидаро
Кардаам аз хомаи мижгон дару девор сурх.
Нест боке, гар ба хунам сурх шуд чашми ту, лек
Офати бемор бошад чеҳраи бемор сурх.
Сурхии рухсори ман набвад далели ишрате,
К-ин қадар аз ашки хунин кардаам рухсор сурх.
Мехӯрад зоҳид фиреби зӯхд, Шоҳин, ғунчасон,
Дар қабои сабз дорад ҷомаву дастор сурх.

$ $ $

Бӯса аз лаъли туам дар ивази ҷон афтод,
Буд ин кола гарон, шукр, ки арзон афтод.
Хортар пеши сари зулфи ту ҷону дили мост,
З-он зару сим, ки дар дасти каримон афтод.
Дили ман аз занаху зулфи ту чун Юсуфи Миср,
Гарчи аз чора бурун гашт, ба зиндон афтод.
Хату холи ту ба лаб то ба сари оби ҳаёт,
Хизру ҳиндубачае дасту гиребон афтод.
Арғувон аз шафақи чеҳраи гулнори ту шуд,
Хирмани оташ аз он рӯ ба гулистон афтод.
Суфтам аз мисқаби алмос, кашидам бар гӯш
Дурри ҳар нуктӣ, КиЗ-он ҳуққаи марҷон афтод.
Дили Шоҳин ба хами зулфи ту дорад таслим,
Чӣ кунад, гӯй, ки андар хами чавгон афтод.

**ф ф ф**

Гирди моҳат, ки хати ғолиягун мегардад,
Бар мани дилшуда сармашқи ҷунун мегардад.
Воқиф аз субҳи шафақ гаштаму аз дояи чарх,
К-аз ҳасад шир ба пистони ту хун мегардад.
Ҳалқаи нуни хати рӯи туро нозам аз он-к
Моҳ чун нуқта дар он ҳалқаи нун мегардад.
То танам, ин ҳама аз мӯи миёни ту забун,
То дилам, аз даҳани танги ту хун мегардад...
Ба лаби чашмаи ҳайвон чу Хизир, Шоҳинро,
Хати сабзи ту маро роҳнамун мегардад.

**ф ф ф**

Сунбул аз печу хами турраи ӯ тоб хӯрад,
Сарв пеши қади ӯ бар лаби ҷӯ об хӯрад.
Эй шакарлаб, ҳаваси рӯи ту дар сурати субҳ
Меҳри дӯғест, ки дар косаи маҳтоб хӯрад.
Дудмони караманд ин ду, чӣ қозӣ, чӣ раис,
Ихтиёр аст, чӣ саҳбову чӣ дӯшоб хӯрад.
Ибрат омӯз зи танбӯр, ки Шоҳин, созад
Нола дар парда, агар захмаи мизроб хӯрад.

**© ф 0**

Уқоб тири ту чун шаст аз камон бихӯрад,
Навола аз дили ушшоқи нотавон бихӯрад.
Гарам ғами ту диҳад даст чун таоми лазиз,
Дили гурусна ба сад дасту сад даҳон бихӯрад.
Ҳалол бод шароби ақиқ он касро,
Ки нуқлро зи лаби лаъли дилбарон бихӯрад.
Зи лаб зулол деҳ аз холи дона бо дили ман,
Ки мурғ ром шавад, он гаҳ обу дон бихӯрад.
Маро зи дарду балои ту нест роҳи гурез,
Балои ту ба дилу дарди ту ба ҷон бихӯрад.
Ғами ту мурғи диламро чу бози ишкамсер
Нафас - нафас бигузорад, замон-замон бихӯрад.
Ба сурх кардани лабҳои хеш лахти дилам
Нигори сангдили ман чу барги пон бихӯрад.
Агар ғами дили Шоҳин намекунӣ бовар,
Қасам ба чони ту, эй сарви навҷавон, бихӯрад!

**Ф Ф ©**

З-он шӯхи шарархӯ, ки касе ком надорад,
Кӯ сӯхтае, то тамаи хом надорад?
Чун кӯдаки инҷиқ, ки кунад алла ба алвонҷ,
Ҷуз дар хами зулфат дилам ором надорад.
Зоҳид, зани ту аз таҳи дарвоза намерафт,
Чун шуд, ки гузоре ба лаби бом надорад?
Холу рухи ӯ дида зи зулфаш машав эмин,
Ин дона ба дунбола магӯ дом надорад.
Эй соқии гулрух, лаби майгун, ки ту дорӣ,
Кайфияти он лаб маи гулфом надорад.
Дерест, ки дар кӯи ту, эй бехабар аз мо,
Қосид бари мо н-ояду пайғом надорад.
Аз нашъаи ишрат ҳама афсурдадимоғанд,
Ҷам низ дар ин базм сари ҷом надорад.
З-инъом чӣ пурсӣ, ки дар ин ахд кирокаш
Мушти алафе ҷониби инъом надорад.
Як бӯса дилам аз лаби ту карда гадоӣ,
Гӯ зуд бидеҳ, тоқати ибром надорад.
Сӯфӣ, тарафи савмаа каш байтали худро,
Хуш дор, ки майхона раҳи ом надорад.
Номи ҳама кас бурдиву коми ҳама додӣ,
Шоҳин магар, эй тӯраписар, ном надорад?

**ф ф ф**

Қурбони ту ҷонам, кӣ маро аз ту ҷудо кард?
Боре, зи кафам домани васли ту раҳо кард.
Лаъли ту табиб аст, дили ғамзада бемор,
Эй кош, бар ин ғамзада лаъли ту даво кард.
Як лаҳза набуд аз дили ман зулфи ту фориғ,
Акнун шудамаш сайд, фаромӯш чаро кард?
Ҷавре, ки зи андози нигоҳи ту қазо монд,
Як-як ба ман абрӯи сиёҳи ту қазо кард.
Эй чашму чароғи ҳама, донӣ, ки ба ҷонам
Чашмони сиёҳи ту ба ҳар ғамза чиҳо кард?
Шоҳин, гули мақсуд мачинод аз ин боғ,
З-он дилбари гулчеҳра маро ҳар кӣ ҷудо кард!

**0 0®**

То дил ҳавои сабр, на савдои боғ кард,
Яъне, ки ишқ аз ду ҷаҳонам фароғ кард.
Бошад чи сарфа замзамае андалебро,
Он ҷо, ки зоғ зеру баму коғ-коғ кард.
Он хол нест сонеи қудрат ба ҳусни сунъ,
Баҳри нишона бар рухи хуби ту доғ кард.
Хуни диле, ки буд, ба яғмои дида рафт,
Мино ҳар он чи дошт, нисори аёғ кард.
Шоҳин, гар аз назири ту ҷӯяд касе суроғ,
Бояд даруни байзаи анқо суроғ кард.

ф ф ф

Нигори ман, ки зи чини ҷабин табассум кард,
Тараҳҳумест, ки дар пардаи тазаллум кард.
Зи ҷайби ҳар гули ин боғ медамад сад чок,
Кадом ғунчадаҳан як саҳар табассум кард?
Ҳазор мавҷ хурӯшидам он суи ҳастӣ,
Зи худ бурун натавон он қадар талотум кард.
Чу зоҳид аз паи оби вузӯ чӣ даст барам,
Ба хоки пои ту мебоядам таяммум кард.
Шикаста шаъни садаф, ибрати сухансанҷӣ
Ки рехт мавҷи гуҳар, ҳар куҷо такаллум кард.
Ҳуҷуми доғу ғами меҳри чеҳри моҳрухе
Чу чарх синаи моро бисоти анҷум кард.
Чӣ нисбат аст ба Бедил камина Шоҳинро,
Ки қатраро натавон ҳаминони қулзум кард.

**ф ф ф**

Чашми бадмасти ту гар қасди ҳалокам дорад,
Лек мижгони ту дар сояи токам дорад.
Завқи гул кардани ҳарф аз даҳанат мерезад,
То куҷоҳо сари фитрат ба мағокам дорад.
Тарзи шӯхӣ бинигар: мурдаму он тифл ҳанӯз
Бозии бӯлъаҷабе бар сари хокам дорад.
Накашам тӯҳмати касрат, ки зи олоиши ғайр
Сайқали меҳри ту чун оина покам дорад.
«Насри талқин»-и ҳарифон нашунуд он, ки ба ноз,
Гӯш бар замзамаи нағмаи «Рок»-ам дорад.
Аз саро дамдама то фарқи Сурайё чидам,
Гар самак тантана то авҷи Симокам дорад.
Таъна, Шоҳин, ба шақоиқ занадам доғи ҷигар,
Ханда бар ҷайби ҷунун синаи чокам дорад.

**0 0 0**

Чӣ ҷафоҳо, ки ба ман он бути танноз накард,
Ҷӯрагӣ бо дигарон карду ба ман ноз накард.
Ҳеҷ гоҳе нашудаст ин, ки ба иғвои рақиб
Ҳар куҷо дида маро арбада оғоз накард.
Панҷаи толеи ман монда магар дар таҳи санг,
Ки шабе тугмаи он банди қабо боз накард.
Дар хами турраи шабранг диламро чу улоқ,
Чӣ тақимҳо, ки ҳамон турки чапандоз накард.
Нақши матбӯи ту Монӣ натавонист кашид,
Турраи ҳур агар ҷои пари қоз накард.
Он чи чашму лабат омӯхта, Ҳорути Масеҳ,
З-ин мамар шӯъбадаву з-ин қабил эъҷоз накард.
Ба харидории васли ту зи бас камбағалам,
Мани савдозадаро кас ба худ анбоз накард.
Толибе нест, ки он ҳилагар аз ваъдаи хом
Бӯсае дода ба найрангу шатал гоз накард.
Нафасе нест, ки дар бораи хусрав, Шоҳин
Аз таҳи ҷону дил оҳанги дуо соз накард.

**ф ф ф**

Маро ба хотир аз ин навъ орзу гузарад,
Ки аз ниёми туам теғ бар гулӯ гузарад.
Маро ба сирри миёни ту нест ҳадци вуқуф,
Агарчи диққати андешаам зи мӯ гузарад.
Ҳамеша пеши камони ту мениҳам сари хеш,
Магар хаданги ту рӯзе аз ин кадӯ гузарад.
Маро зи файзи бузургон бувад таваққӯъ аз он,
Ки оби баҳр талотум кунад, ба ҷӯ гузарад.
Ба чанги мӯҳтасиб афтад агар гиребонам,
Мабод дасти ман аз домани сабӯ гузарад.
Аз ин зиёда макаш арра бар сарам, гардун,
Раво мадор, ки нахли ман аз нумӯ гузарад.
Сазад ба хеш тафохур кунӣ аз он, Шоҳин,
Кам аст, чун ту сухансанҷи нуктагӯ гузарад.

**ф ф ф**

Оҳ аз он чашм, ки теғи нигаҳаш хун резад,
Хун кунад сад дилу аз ҳар мижа берун резад.
Бе ту, боз ой, ки дар кунҷи ғамам хуни сиришк
Аз сари ҳар мижа монандаи Ҷайҳун резад.
Хусни Лайлӣ гар аз ин қисм кунад пардадорӣ,
Рӯзаке ношуда оби рухи Маҷнун резад.
Ашки худ, то нашавад фош ба мардум розам,
Мекунам ҳифз, надонам ба чӣ афсун резад.
Қомати хамшуда бар қатъи ҳаёт аст далел,
Сақфи кошона агар бишканад, устун резад.
Ҷуз ба май доғи риёро натавон шуст аз дил,
К-ин на чиркест, ки аз ҷома ба берун резад.
Рост бар соғари ушшоқи ту хоҳад афтод
Санги ҳар ҳодиса з-ин гунбади вожун резад.
Аз дили сӯхтаам кош кунад майли газак
Он, ки дар соғари зар бодаи гулгун резад.
Бесабаб наргисаш аз хоб ба шаб боз нашуд,
Хоҳад ин турк, ки хунам ба шабехун резад.
Хдр касе дида саводи қалами Шоҳинро,
Вола гардад, ки дигар тарҳу чӣ мазмун резад.

**® ® О**

Ё Раб, он абруи пайваста саломат бошад,
Рухи чун гул, лаби чун баста саломат бошад.
Вақти он шуд, ки хат андар лаби ту ҷой гирифт,
Чашми шахдо ба мани хаста саломат бошад.
Гар зи мо камбағалон он бути сарбоз гурехт,
Рӯ зи машқи тахи гулдаста саломат бошад.
Рӯзаке домани васли ту фитад дар чанғам,
Гар лаби ҳавзу сари раста саломат бошад.
Гӯ маяфкан ба сарам соя дигар, сарви сиҳӣ,
Бо ман он қомати барҷаста саломат бошад.
Мекушад бар ситаму ҷавр, ки ояд зи фироқ,
Гар ба Шоҳин дили хунбаста саломат бошад.

## 0 Ф 0

Ба пои сарви чаман об агар равон бошад,
Равон ба пои ту, эй сарви ман, равон бошад.
Муҳаббати ту бувад андаруни сина маро
Бад-он масоба, ки эар андаруни кон бошад.
Ба ҳеҷ ҷо нарасад нолае, ки мӯҷиби он
Ҷафои наргиси макҳули дилбарон бошад.
Бипӯш чеҳра зи ағёр з-он, ки чеҳраи хуб,
Ҳамон беҳ аст, ки аз чашми бад ниҳон бошад.
Агар зи арши барин бигзарад, сазовор аст,
Саре, ки фарш бар ин хоки остон бошад.
Биё, ки бе гули рӯи ту кунҷи зиндон аст,
Агарчи кулбаи ман саҳни бӯстон бошад.
Ба як-ду рӯза ҷафое, ки аз ту Шоҳин дид,
Дил аз ту барнаканад, шояд имтиҳон бошад.

**ф ® ф**

Маи муғона ба бонги чағона хуш бошад,
Маро ба ин ду фароғ аз замона хуш бошад.
Равоқу манзари чашму дил аст омода,
Карам куниву наёрӣ баҳона, хуш бошад.
Агарчи бод ба дастам зи турраи ту, вале
Фитодааст чу дар дасти шона, хуш бошад.
Чи ғам ба холи туам аз хатат, ки сайди ҳарис,
Ба зери дом бувад гарчи дона, хуш бошад.
Чу офтоб, ки шуд равшан аз миёни саҳоб,
Хат аз ду сӯву рухат дар миёна хуш бошад.
Маро таваққӯи ком аз камони абруи туст,
Расад чу тири амал бар нишона, хуш бошад.
Ба шеъри ман силаи туст ваъдаҳои дурӯғ,
Зи ту фусуну зи Шоҳин фасона хуш бошад.

## <3 Ф Ф

То лаъли туро ханда ба ҳангоми ғазаб шуд,
Хун гашт, гиреҳ баст, ба табхола лақаб шуд.
Аз марги рақиб ин ҳама ғамгин натавон буд,
Бодо ба фидои ту, ки гар мурд, аҷаб шуд.
Сар то қадамам обила ҷӯшид дар ин роҳ,
То пои ман осуда зи ташвишу тааб шуд.
Ман аз аҷамӣ шиква надорам, ки ба хубӣ,
Ғоратгари ҷону дилам он турки араб шуд.
Ҳар лаҳза дусад шиша шикастем зи мастӣ,
Беҳушии мо гар маи бозори Ҳалаб шуд.
Ҷуз ранҷи таҳассур набарад роҳ ба мақсуд
Ҳар кас, ки дар ин бодия беҳуда талаб шуд.
Шоҳин, тамаи бӯса намудем, барошуфт,
Берун магар ин шева зи қонуни адаб шуд?

## Ф Ф 0

Маҳви ҷилвааш гаштам, то рухаш намоён шуд,[1]
Рафтам он қадар аз худ, к-ойина ба сомон шуд!
Гиряе намесозад манъи инбисоти дил,
Ғунчаро куҷо шабнам тугмаи гиребон шуд?!
Андак-андак ин уммед дар паи надомат рафт,
Пушти дасти мо кам-кам назри захми дандон шуд.
Реша то давонад ток, ҷилвагоҳи ангур аст,
Кӯшише ба арз омад, обила намоён шуд.
Дар ҳавои васли ӯ дӯш гиряҳо кардам,
Қатра-қатра ашки ман дона-дона марҷон шуд.
Бе тараддуди асбоб ҳал намешавад мушкил,
К-аз кашокаши нохун кори уқца осон шуд.
Гашт ҳосили Шоҳин шавкати фалотунӣ,
Баъд аз ин ба Хатлон ҳам гирудори Юнон шуд.

1. Ин ғазал аз мунтахаби ашъори Нақибхони Туғрал («Гиёхи мехр», Душанбе, «Ирфон», 1986) аз дохили мухаммаси ӯ бар газали Шохин гирифта шуд.

## 0 Ф Ф

Гаҳ дилам сӯи хату гаҳ сӯи гесӯ мекашад,
Ин дили шайдо маро ҳар лаҳза ҳар сӯ мекашад.
Дид табъи нозуки ман аз даҳони носеҳон
Он ҷафоҳое, ки мӯи сар зи поку мекашад.
Хосса, гар аз кӯчароҳи бачабозӣ воқиф аст,
Иллату миннат чаро ҳар шаб зи бону мекашад.
Аз миёнаш то сурин ҳайрони ин андешаам,
К-ин чунин кӯҳи гаронеро ба як мӯ мекашад.
Эй рақиб, аз бепулӣ дар пеши он вахшӣ ғизол
Хиҷлате дорам, ки на уштур, на ёбу мекашад.
Гар на ёд аз қомати ӯ мекунад дар бӯстон,
Бар сари сарв аз чӣ кумрӣ бонги «ку-ку!» мекашад.
То магар ёбад нишон з-он ёри ҳарҷоӣ рақиб,
Чун саги хундон дару деворро бӯ мекашад.
Мебарад машшота чун бар нофаи мушки ту даст,
Дуди ҳасрат аз димоғи нофи оҳу мекашад.
Х,амчу сарв озода аст он кас, ки дар фасли баҳор
Рахти айшу комронӣ бар лаби ҷӯ мекашад.
Бар сурини нарми ӯ ҳар кас, ки зад паҳлӯи ноз,
Пушт бар болини айшу бистари қу мекашад.
Гар сари Шоҳин фитад бар хоки ин давлатсаро,
Андак-андак бахташ аз иззат ба зону мекашад.

## Ф О 0

Эй ҷону дили халқ ба гесӯи ту дар банд,
Равшан зи рухи хуби ту анвори Худованд.
Аз гесуи дилбанд кунӣ банда дили халқ,
Эй банда, дили халқ бад-он гесуи дил банд.
Хуре ба масал модару ризвон падар афтад,
Ҳошо, ки ба рӯи қадам ояд чу ту фарзанд.
Қанде набувад чун лаби ширини ту дар Миср,
Себе набувад чун рухи хубат ба Самарқанд.
Талх аст маро коми дил аз сабр, Худоро,
Хуш кун ба шакарханда аз он лаъли шакарханд.
Хурсандии парвона ба дидори чароғ аст,
Шоҳин ба чунин аст зи дидори ту хурсанд.

**ф ф ф**

Чашми масти ту ба оҳуи ҳарам мемонад,
Хати сабзи ту ба райҳони Ирам мемонад.
Дилаке нест, ки сад пора накардаст ба ноз,
Абруи ӯ, ки ба шамшери дудам мемонад.
Навбати васли ту, эй сарви равон, дамбадам аст,
Ки расад бо ман агар, соҳиби дам мемонад.
Санги сад ҳодиса бар сар хӯрад аз дасти рақиб,
Бар сари кӯи ту ҳар кас, ки қадам мемонад.
Дил ба мероси ман, эй симбарон, хуш макунед,
Ки зи ман монд ҳамин дарду алам мемонад.
Гар бимонад зи ману ёр ба олам номе,
Номи меҳр аз ману з-ӯ номи ситам мемонад.
Нест як дам, ки ба доман нафишонад гавҳар,
Чашми ман бар кафи арбоби карам мемонад.
Ҳаргиз огаҳ нашуд аз сирри муҳаббат зоҳид,
Ман надонам, ба чӣ ин каллаварам мемонад.
Гар Масеҳ аз фалак орад ба ту панди падарӣ,
Сухани ӯ ба замин бо ту ба «лам» мемонад...
Зиндагӣ яксара ранҷ аст, вале осоиш
Муфти он кас, ки дар оғӯши адам мемонад.
Ҳар касе рафт, нишоне ба ҷаҳон монад аз ӯ,
Лек, Шоҳин, зи ман ин як-ду рақам мемонад.

**ф ф ф**

Дилам ба тоқи баланди ду абруят шуда банд,
Чи сон шавад, агар афтад аз ин ду тоқи баланд?
Намуд аз лаби лаъли ту касби ширинӣ,
Ҳадиси ман, ки занад таъна бар ҳаловати қанд.
Фитода ҳалқаи гесӯ ба рӯи наргиси ту,
Чунон ки гардани оҳу кашад касе ба каманд.
Зи зулф бар дили ман ваҳшати дигар мафзо,
Ки нест ҳоҷати қамчин задан ба аспи даванд.
Забон дароз макун бар дили ман, эй носеҳ,
Ки сад занӣ, нахалад бар замини сахт каланд.
Ба як нигоҳ кунад сайди сад ҳазор оҳу,
Шавад савора агар турки ман ба пушти саманд.
Ниҳодаанд ба каф накди ҷону дил ушшоқ,
Бигӯ, ки нархи яке бӯса аз лабони ту чанд?
Лабат ба ханда фароҳам шавад бад-он хубӣ,
Ки барги лола ба барги дигар диҳӣ пайванд.
Дили рақиб биҷӯиву ёди ман накунӣ,
Чи суд аз он, ки шавад шод ғайру мо гиламанд?
Зи сардмеҳрии айём пайкарам бифсурд,
Худойро, ба ман, эй офтоби ҳусн, биханд!
Замона бар сари шеъри ту ҷон диҳад, Шоҳин,
Ки шуд ба хидмати шоҳаншаҳи замона писанд.

**ф ф ф**

Ба гул зи рӯи ту ҳар кас хумор мешиканад,
Замона дар назараш неши хор мешиканад.
Лаби ту равнақи оби ҳаёт мерезад,
Хати ту қимати мушки татор мешиканад.
Татовуле, ки аз ӯ рафт бар дил, ин ҳама чӯб
Зи шона бар сари зулфи нигор мешиканад.
Ҳадиси ваъз кам аз чӯбдасти Барзӯ нест,
К-аз ӯ шақиқаи Исфандиёр мешиканад.
Касе назад сухани ҳақ магар, ки чун Ҳаллоҷ
Замона бар сари ӯ чӯби дор мешиканад.
Ба ҳайратам, ки чаро мӯҳтасиб пиёлаи май
Нуҳуфта мехӯраду ошкор мешиканад?
Масанҷ гуфтаи Шоҳин ба ҳарфи муддаиён,
Ки санги хора дури шоҳвор мешиканад.

**ФФФ**

Қадам зи бори ҷафоҳои ёр мешиканад,
Чу шохи нахл, ки пур шуд зи бор, мешиканад.
Хате, ки медамад аз гирди лаъли мушкинат,
Зи рашк бар ҷигари ғунча хор мешиканад.
Ҳазор кори хато сар занад агар зи рақиб,
Ягон-ягон ба ман он нобакор мешиканад.
Маро ба май зи хумори лабат хуш ояд аз он,
Ки ин хумори майи хушгувор мешиканад.
Зи рӯзгор маҷӯ қадр, агар туро хунарест,
Ки қадри аҳли ҳунар рӯзгор мешиканад.
Назар ба чашми ҳақорат ба нақши хокии ман
Макун, ки санъати устоди кор мешиканад.
Кадом теғ, ки Шоҳин, на аз тариқи ҷафо,
Дудаста бар сарам абрӯи ёр мешиканад?!

ф ф ®

Лабат ба тарзи табассум даме, ки ханда кунад,
Ба ханда халқи ҷаҳонро ба хеш банда кунад.
Рақиб агарчи туро нағз дид, даст мадеҳ,
Ҳаромияст, мабодо, ки кори ганда кунад.
Зи изтироби дилам чашмат ӯфтад дар ноз
Чу оҳуе, ки рам аз тозуи даванда кунад.
Шифо ба муждаи васли ту ёфтам, тарсам,
Ки интизори қудуми ту боз канда кунад.
Ман аз Худои ҷаҳон ҷуз ту кас намехоҳам,
Туро Худои ҷаҳонам басу басанда кунад.
Ҷаҳон сарову фалак гӯиё саробон аст,
Ки касби нафъ зи ояндаву раванда кунад.
Намехарад ба яке мӯ ҳукумати Кашмир
Қаландаре, ки зи шоли дарида жанда кунад.
Нахоҳад аз тани ман бурд нанги урёнӣ
Ҳазор хирқа гарам осмон ланганда кунад.
Бигӯй, то кунад озоди ишқ Шоҳинро,
Ба расми садқа гар озод аз паранда кунад.

## 0 0®

Сиришки сурхи ман абри баҳорро монад,
Аз он сиришк рухам лолазорро монад.
Дилам ҳамерамад аз турраи каҷи ту аз он,
Ки неши ақрабу дандони морро монад.
Зи сӯзи ғам сари ҳар устухон ба пайкари ман
Ба кунҷи ғамкада шамъи мазорро монад.
Шабе, ки мегузарад бар ман аз шиканҷаи ҳаҷр,
Ҳамон уқубати рӯзи шуморро монад.
Дилам ба кори дигар гашта моил аз васлаш,
Бигӯ, ки ваъдаи бӯсу канорро монад.
Бад-он сифат, ки ҳикоят кунанд Маҷнунро,
Мани ситмзадаи хору зорро монад.
Зи бас танам шуда аз лоғарӣ чу пайкари чанг,
Садои нолаам овози торро монад.
Ба ҷои об бубояд гуҳар кунад исор,
Агар муҳит кафи шаҳриёрро монад.
Фиғони ман ба ҳавои қаду хаёли рухат
Навои қумриву савти ҳазорро монад.
Зи бахти тира шикоят агар кунад Шоҳин,
Бигӯ, ки домани гесӯи ёрро монад.

**ф ф ф**

Бингар, ки ёр майл ба ағёр мекунад,
Бар рағми мо ба гуфтаи ӯ кор мекунад.
Оби равон, ки бӯса занад пои сарвро,
Изҳори бандагӣ ба қади ёр мекунад.
Бо ҳар касе ба ваъдаи худ мекунад вафо,
Навбат агар ба мо расад, инкор мекунад.
Резад шакар ба доманаш аз гӯшаи даҳан,
Ҳар кас ҳадиси лаъли ту такрор мекунад.
Нозам ба миъҷари лаби ҷонон, ки вақти хат
Фирӯза аз ақиқ падидор мекунад.
З-он пештар, ки акси ту Монӣ занад рақам,
Монанди акс пушт ба девор мекунад.
Ғайр аз шароби лаъли ту фикри даво хатост
Он дам, ки чашми масти ту бемор мекунад.
Гуфтӣ: «Маё, ки мекунам аз дидани ту ор»,
Эй ман фидои он, ки зи ман ор мекунад.
Ҷуз фикри турраи ту наёяд ба хотираш,
Шоҳин даме, ки майл ба ашъор мекунад.

**ф ® ф**

Ёри ман бар чеҳра зулфи худ парешон мекунад,
Офтоберо ба зери абр пинҳон мекунад.
Гарчи накшояд гиреҳ аз кори шабнам, з-он ки гул
Ашки ӯро тукмаи банди гиребон мекунад.
Дил барад чашмаш зи ман в-он гоҳ биспорад ба зулф,
Ҳамчу дузде мезанад роҳеву эҳсон мекунад.
Бе туам гар зиндагӣ мушкил бувад,ҷоно, чӣ ғам,
Гар сарам охир ба як дам теғат осон мекунад.
То занад паймонаи айши ҷаҳонеро ба санг,
Он бути паймоншикан бо ҳар кӣ паймон мекунад.
Пур мадеҳ коми рақиб аз лаьли худ, к-он носипос
Чун намакпарварда шуд, қасди намакдон мекунад.
Мемакад ҳар дам сари гесӯи худ аз баҳри тоб,
Афъиеро тарбият бо оби ҳайвон мекунад.
Эй дил, аз зулфу занахдонаш раҳоӣ мушкил аст,
Аз хами занҷир агар растӣ, ба зиндон мекунад.
Ҳар киро чун ашк ҷо дар дида дод он бевафо,
То баҳам мижгон задан бо хок яксон мекунад.
Чашми масташ ғорати дил карду зулфи кофираш
Шуд парешон, ин магар тороҷи имон мекунад?
Ҳарчи аз дасти хазон омад ба ҷони дӯстон,
Бар дили Шоҳин ғами ҳиҷрони ӯ он мекунад.

**Ф ® 0**

Он бевафо, ки лутф ба ушшоқ мекунад,
Худро зи дилбарон ба вафо тоқ мекунад.
Эй ринд, агар зи бода кунад манъ мӯҳтасиб,
Хдргиз макун, ки пири муғон оқ мекунад.
Мискин дилам зи зулфи ту нолад ба хештан
Чун кӯдаке, ки бим зи фаллоқ мекунад.
Он гулписар, ки бод димоғаш шакар мудом,
Аз васли хеш табъи маро чоқ мекунад.
Чобук чу турраи ту набошад ба сайди дил,
Аспе, ки чандала паи ӯлоқ мекунад.
Хунам хӯрӣ, гузор бар оташ дилам, зи бас
Тарвиҳи кори бода қавурдоқ мекунад.
Он абруи муқаввас агар зеҳ кунад камон,
Аввал ба тири ишва маро чоқ мекунад.
Хоҳам зи лаъли он бути сарбоз бӯсае,
Фарқи сарам ҳавола ба қундоқ мекунад.
Уммеди пул макун зи рақиби шумурдабоз,
Кори туро ба шилаву шилтоқ мекунад.
Ҳар дам матои сабри маро чашми масти ту
Ғорат ба сони мардуми Қипчоқ мекунад.
Шоҳин, ба дастёрии табъи гуҳарфишон
Доим мадеҳи хусрави офоқ мекунад.

**ф ф ф**

Ҳоҷиби кӯи ту дар бар рухи мо во накунад,
Чӣ кунад банда, ки ҷуз кӯи ту маъво накунад?!
Мекунад дард зи ҳар сӯ, чӣ зи хатту чӣ зи хол,
Он кӣ аз рӯи ту тарки раҳи савдо накунад.
Маҳи ман, парда чу аз рӯй гузорӣ, дигар
Маҳ ба рӯят сухан аз дафтари даъво накунад.
Ман, ки дорам сари савдои харидории ӯ,
Ҷон ба боло диҳамаш, гӯй ки боло накунад.
Фориғ аз зулф ба рӯяш, бинигар Шоҳинро,
Ки уқобе ба сараш ояду парво накунад.

@ ф @

Вақти он шуд, ки ҳарифон маи гулранг зананд,
Маи гулранг ба оҳанги дафу чанг зананд.
Ошноӣ натавон кард ба хубон, ки агар
Аз сари сулҳ дароӣ, сухан аз ҷанг зананд.
Аз рақибони ту дар чанги бало афтодам,
Ё раб, ин тираниҳодон ба бало чанг зананд.
Ба сари сабза нишинанду лаби оби равон,
Гоҳ сабзоб бинӯшанду гаҳе банг зананд.
Сӯфиёнро набувад гар ҳаваси сим, чаро
Чун хари гурсина дар савмааҳо ҳанг зананд?
Бар сари кӯи ту арбоби ҳасад бисёранд,
Ки агар пой ниҳам, бар сари ман санг зананд.
Ман ба сад ҳила лабе тар нанамудам аз ту,
Дигарон ҷоми лаболаб ба чӣ найранг зананд?
Мениҳанд аз сари таслим сар андар қадамат
Шаҳриёрон, ки қадам аз сари авранг зананд.
Хӯрда бар гуфтаи Шоҳин натавонанд гирифт
Нуктасанҷон, ки дам аз донишу фарҳанг зананд.

ф ф ❂

Дар тaҳайюр баски дар вайронӣ ободам кунанд,
Ку шикасти ранг, то таъмири бунёдам кунанд?
Он қадарҳо шахси ман маъдуми мутлақ нест, нест,
Гар яке оина бардоранд, эҷодам кунанд.
Аз сабуквазъӣ зи ҳарфи мардум оям дар ситез,
Шӯълаам, яъне ба таҳрики нафас бодам кунанд.
Мебарандам шишаҳо ҳар як ба афсуни дигар,
То магар овораи мулки паризодам кунанд.
Аз сияҳбахтон набояд ҷуст ғайр аз хомушӣ,
Сурма болидам, чӣ сон таклифи фарёдам кунанд?
Мекашанд охир зи ҷонам нолаи «Во ҳасрато!»,
Гарчи дар аввал ба афсуни амал шодам кунанд.
Ҳар нафас Шоҳин ба акди наварӯси маъние
Ҳаҷлаи андеша ороянду домодам кунанд.

**® ф ф**

Он, ки ба хубӣ масали моҳ буд,
Моҳвашон чокару ӯ шоҳ буд.
Он чӣ зи лаб гул кунадам, нола аст,
Он чӣ зи дил сар кашадам, оҳ буд.
Ҳосили мо мояи беҳосилист,
Донабари хирмани мо коҳ буд.
Ҳеҷ суи Каъба напайвандаме,
Гар ба дари майкадаам роҳ буд.
Маслаки таҳқиқ, ки Шоҳин супурд,
Бадрақааш тинати огоҳ буд.

**ф ф ф**

Фикри хамӯшии ту ҳаловатасар шавад,
Чун нола укда шуд, ба дили найшакар шавад.
Дил дар шиканҷи зулфи ту хоҳад ватан гузид,
Ин байзаро гузор, ки ошуфтатар шавад.
Чашме, ки нангарад ба ту, он чашм кӯр бод!
Гӯше, ки нашнавад зи ту, он гӯш кар шавад!
Бар ман хабар расид, ки шуд мӯҳтазар рақиб,
Кардам дуои хуш, ки аз ин ҳам батар шавад.
Шоҳин, агарчи шубҳа наёмӯхт, одам аст,
Эй муддаӣ, мабод касе чун ту хар шавад!

* * *

То дил андар хами он зулфи парешон наравад,
Сари шӯридаи ман бар сари сомон наравад.
Нест сарве ба чаман, к-аз сари хиҷлат шуда об,
Дар қадамҳои ту, эй сарви хиромон, наравад.
Сокини савмаоро дағдағаи кӯи ту нест,
Он, ки хӯ кард ба гулхан, ба гулистон наравад.
Нашавад то ба гиребони қабои ту гиреҳ,
Чун шикан дасти ман аз гӯшаи домон наравад.
Кулфати чоҳ кифояст, бигӯ Юсуфро,
Гар Зулайхо накунад ҷавр, ба зиндон наравад.
Ҳар киро гӯш ба гулбонги саҳаргоҳи ман аст,
Ёдаш аз замзамаи мурғи саҳархон наравад.
Домани васли ту мушкил шавад аз чанги рақиб,
Ҳамчу ҷон аз тани афсурда, ки осон наравад.
Рояти назм чу Шоҳин ба Бухоро афрохт,
Гар сухан қаҳт шавад, нукта ба Фарғон наравад.

**ф ф ф**

Ҳаргиз зи ман мабод, ки з-инсон хато равад,
К-аз зулфи ӯ киноя ба мушки Хито равад.
Бо нақши пои ӯ, ки бувад қиблаи мурод,
Файзи иҷобат аз кафи дасти дуо равад.
Дил мебарад зи лаъли туам орзуи ком,
Бигзор, то мариз ба дорушшифо равад.
Хӯрдам ба хоки пои ту аз бас ба кеши ишқ,
Савганд набвад он, ки ба номи Худо равад.
Ҷуз ман, ки даст бар сари зулфи ту мезанам,
Ку заҳрае, ки кас ба дами аждаҳо равад.
Мо ҳам ба хоки майкада хоҳем ҷабҳа суд,
Гар шайхи хонақоҳ ба рӯи ҳаво равад.
Шоҳин ниҳад ба хоки дарат ҷабҳаи умед,
Маҷнун аз остонаи Лайлӣ куҷо равад?

ф ф ф

Агар вуҷуди араз тобеи маҳал набувад,
Ба ғайри лаъли ту ҷони маро халал набувад.
Зи нуктаи даҳанат кист то занад ҳарфе,
Чӣ муддаӣ, ки аз ин нукта дар ҷадал набувад.
Чунин, ки масъалаи кӯҳл шӯҳрате дорад,
Ба ҷуз шарофати он чашми муктаҳал набувад.
Ба ҳарза даст мазан бар амомаи зоҳид,
Нигар сари амак, эй нури дида, кал набувад.
Чу аз ҳадиси лабаш нукта мезанӣ, Шоҳин,
Чӣ гуна ҳарфи туро лаззати асал набувад?!

**ф ф ф**

Гар ба наззораи боғам ҳавасе меояд,
Бе туам гул ба назар хору хасе меояд.
Омадӣ бар сари болинаму дил бар дари чашм
Ба умеди нигаҳи бозпасе меояд.
Ҳаст аз ашку нафас рӯфтаву обзада
Хонаи дил, магар имрӯз касе меояд?
Бода гар зӯр бувад, маҳфили моро чӣ халал,
Ки дар ӯ мӯҳтасибе ё асасе меояд.
Дил зи ёди қади ӯ майли хами зулфаш кард,
Булбул аз шохи гуле дар қафасе меояд.
Ёр ҳар ҷо, ки равад, ҳаст рақиб аз дунбол,
Нест шаҳде, ки на бар вай магасе меояд.
Гар биҷӯяд хабар аз мурдани Шоҳин, гӯед,
Нафасе ой, ки аз вай нафасе меояд.

**ф ф ф**

Гар хок шавад дил, ба таманнои ту шояд
В-ар хун чакад аз дида, ба савдои ту бояд.
Ку нохуни иқбол, ки сарпанҷаи тақдир
То укдаам аз кори фурӯбаста кушояд.
Ҳаргиз шуда бошад, ки чу ман ҳарзахаёле
Бо дилбари худ бесабабе тунд барояд?
Нодида гуноҳе, паи андешаи ботил,
Беҳуда дили нозукаш озурда намояд.
Озурд агар ҷон зи ту, ранҷид в-агар дил,
Бозат дилу ҷонам, агар ойӣ, бигарояд.
Боз ой, ки Шоҳин накунад чеҳра пур аз хок,
То ҷабҳа ба хоки кафи пои ту насояд.

**© ф ф**

Ба уммеде, ки дар вайронаам дилдор меояд,
Бурун ҳар лаҳза ҷонам аз бадан сад бор меояд.
Надонам нағмапардози хаёли кист дил, ёД»аб!
Ба гӯшам, к-аз нафас ҳар дам садои тор меояд.
Хамӯшӣ сурма мерезад зи бими яъс дар комам,
Ба арзи матлаби дил бар лаби изҳор меояд.
Бувад рӯи ту аз бас хат, ҳуҷум оварда бар гирдаш
Гуле, к-аз диданаш дар дида мавҷи хор меояд.
Зи худ маҳвам ба завқи куфри зулфаш он қадар, Шоҳин,
Ба чашмам риштаи тасбеҳ ҳам зуннор меояд.

**ф ф ф**

Шабе ба ёди ту будам, ки субҳгоҳи навид
Арӯси нома сар аз ҳаҷлаи лифофа кашид.
Саводи хатту ғубори баёзи оразии моҳ
Намуд аз рақами коғази сиёҳ сафед.
Чунон савод, к-аз ӯ шому субҳ айш кушуд,
Чунон баёз, к-аз ӯ субҳу шом ид дамид.
Нахуст арзи дуо гуфт аз ҷаноби туам,
Ки то яке шунавонид, сад ҳазор шунид.
В-агар аз он, ки миёни ману ту маъҳуд аст,
Ишора хост, ки пайваст бо ту, ё ки бурид.
Ҷавоби нома биёростам, ки бинвисам,
Аз он чӣ гӯш зи ҷонон шунид, дида надид.
Давот шарҳи диле тар накард коми қалам,
Ниҳод қуфли баён меҳр бар забони калид.
Надод фурсати ноқис иҷозати таҳрир,
Надид ҳавсалаи танг рухсати тасвид.
Бас аст бо ту агар ин қадар кунам ашъор,
Ки эй ба дарки сухан фарду в-эй ба фаҳм фарид.
Аз он миён, ки бар он рафт урфи аҳди қадим,
Канора меравад имрӯз роҳу расми ҷадид.
Инон кашидан аз ӯ беҳ, ки камбағал сайёд
Чӣ дом метанад аз бахри оҳуе, ки рамид.
Парирухе, ки аҷаб набвадаш агар гӯяд:
Ба офтоб дарафтоду бар қамар печид.
Аҷабтар он ки ба як лаблабу лаби лаълаш
Гирифт шӯҳра, ки каллахаре газиду макид.
Зиёда ҳарф чӣ лозим, ки нома Шоҳинро
Башора медиҳад инак, дами висол расид.

**ф © ©**

Эй маро ҳамчун суринат гашта чашми тар сафед,
Бе рухат, боз о, ки чун чашмам нагардад сар сафед.
Гарчи орам қиссаи ҳаҷри ту сад раҳ дар қалам,
Ҳамчунон аз оби чашми ман бувад дафтар сафед.
То ту ой, ҳамчу наргис з-интизори мақдамат
Дидаи навбодагони боғ шуд яксар сафед.
Нест нури субҳ, пиндорӣ шаби ҳаҷри ту чарх
Карда бар сар чун аҷузи мотамӣ чодар сафед.
Нест осон ишқи юсуфталъатон, ҳушёр бош!
Карда доғи ин азизон чашми пайғамбар сафед.
Субҳ агар гул кард гардун, бе саводи шом нест,
Шир н-ояд доим аз пистони ин модар сафед.
Гарчи соқаш мӯи хиҷлат афканад дар чашми шир,
Лек садчандони он соқ аст болотар сафед.
Доғи накбат метавон бурд аз ҷабини толеам,
Чун ҳумо гар зоғро гардад шабистон пар сафед.
Фикри бикрам тарбият ҳаргиз надид аз рӯзгор,
Рафт чандин иду монд ангушти ин духтар сафед.
Нест пирӣ мӯҷиби ҳурмат фақеҳи шаҳрро,
Ҳукми он дорад, ки Шоҳин, гашт ёли хар сафед.

@ ф ®

Шуд фасли гул, азимати сайри чаман кунед,
Гар фурсат аст, як-ду-се рӯзе ватан кунед.
Ҷоме, ки мекашеду нишоте, ки мекунед,
Дар пои гул кашеду ба рӯи суман кунед...
Гар хирқа в-ар китоб ба симе равон диҳед,
В-он сим сарфи сӯҳбати он симтан кунед.
Тангаш ба бар кашед чу ҷон коми дил аз ӯ,
Ҳосил ба шаккари лабу себи зақан кунед.
Лекин ба шарти он, ки дар аснои он нишот
Ёд аз муқими гӯшаи байтулҳазан кунед.
Шоҳинсифат ба ёди қадаш ҷон агар диҳам,
Аз нахли сарв тахтаи тобути ман кунед.

**Ф © Ф**

Эй ҳарифон, вақти гул дар бӯстон маҷлис кунед!
Лоларӯе иттифоқ афтад, ба худ мӯнис кунед!
Аз лабаш бӯседу май нӯшед, аммо вақги хоб
Ҷой дар пои гулу дар сояи наргис кунед!
Дар хузури хубрӯён арзи дониш хуб нест,
Маст гардед аз маи рангину тарки ҳис кунед!
Ҳаст чун қалбошноӣ назди хубон мӯътабар,
«Аз тило гаштан пушаймонем, моро мис кунед!»
Илтимоси банда, Шоҳин, ин бувад, эй дӯстон,
К-андарон маҷлис даме ёд аз мани муфлис кунед!

**ф ф ф**

Қосиде ку, ки фиристем ба ҷонон коғаз,
То бибӯсад кафаш аз ҷониби мо он коғаз.
Ба тани хаста, ки аз кулфати ҳиҷрон фарсуд,
Мерасонад зи туам роиҳаи ҷон коғаз.
Пеши рухсори ту бечора фалак аз маҳу меҳр
Мебарад тӯҳфа чу бар соҳиби девон коғаз.
Нест аз биме ту ёрои навиштан моро
В-арна бисёр бувад килку фаровон коғаз.
Заҳрае ку, ки кунад қосиди мо арзи паём,
Магараш худ биситонӣ зи гиребон коғаз.
Баъди дидан ба хами зулф неҳ, ар бинвисам
Аз ғами дил ба хати ғолияафшон коғаз.
Гар нависад ба ту Шоҳин вараҷе, ранҷа мабош,
К-аз раият набувад ор ба султон коғаз.

® ф ©

Зи бод мешунавам бӯи нофаҳои татор,
Магар кулолаи мушкин зи сар кушод нигор?
Агар ба фарзи масал бингарам ба наргиси боғ,
Кунад ишора зи рӯи адаб ба наргиси ёр.
Зи чашми мasти ту, соқӣ, хумори мо бифузуд.
Биёр ҷоми муравваќ, ки бишканем хумор!
Ба ёди зулфрухат рӯзи ман қарини шаб аст,
Бад-он Худой, ки лайл офаридаасту наҳор.
Мудом кори ту ҷавр аст, ин чӣ хӯю мизоҷ?
Ҳамеша фикри ту зулм аст, ин чӣ расму шиор?
Зи кофарони сияҳпӯш умеди раҳм хатост,
Ту низ чашми мурувват зи чашми ёр мадор.
Зи накди меҳру вафое, ки бо ту месозам,
На завқи бӯса бувад дар дилам, на шавқи канор.
Куҷо равам, ки чу ҷаввола тоби фуркати ту,
Зи хатти шӯъла ба гирдам кашидааст ҳисор.
Шаби фироқи туам мӯнисе намебошад
Ба ҷуз диле, ки ба тири ҳаводис аст фигор.
Мусаввире, ки яқин сурати бадеи ту дид,
Ниҳад чу сурати дидор пушт бар девор.
Табиб чораи дардам қарор дода ба сабр,
Чӣ сон кунам, ки маро нест бе ту сабру қарор?
Латоифе, ки дар ашъори банда Шоҳин аст,
Надидааст кас аз шоирони нуктагузор.

## Ф 0 $

Эй акси рӯят аз маҳи тобон зиёдатар,
Нӯши лабат зи чашмаи ҳайвон зиёдатар.
Тӯбо бад-он назокату хубӣ, ки гуфтаанд,
Ҳошо, бувад зи қомати ҷонон зиёдатар.
Наргис, ки шӯхчашмии олам насиби ӯст,
Набвад аз он ду наргиси фаттон зиёдатар.
Аз ҷон зиёдатар набувад ҳеҷ чиз, лек
Назди ман аст васли ту аз ҷон зиёдатар.
Гашт аз баҳори муждаи васли ту синаам
Дар хуррамӣ зи соҳати бустон зиёдатар.
Дур аз ҳарими кӯи ту ушшоқро бувад
Саҳни чаман зи гӯшаи риндон зиёдатар.
Заҳмат мабар табиб, ки бемори ишқро
Рағбат бувад ба дард зи дармон зиёдатар.
Дар водии фироқи ту бе дасту по касе,
Раҳме, ки набвад аз мани ҳайрон зиёдатар.
Ағёр ҳам шиканҷаи ишқи ту мекашанд,
Лек ин қадар, ки банда аз эшон зиёдатар.
Шоҳин ғуломи ҳиммати он хусравам, ки ҳаст
Дар салтанат зи қайсару хоқон зиёдатар.

® ® ф

Фаррух он толеъ, ки бинам дар канори ёр сар,
То кашам бартар аз ин нӯҳ гунбази даввор сар.
Мениҳад булбул барои гул ба пои хор сар,
Пас чӣ сон бояд кашид аз хидмати ағёр сар?
Мениҳам ҳар гаҳ ба фикри он хати рухсор сар,
Мекашад аз дидаи ман ҳам гулу ҳам хор сар.
Як раги гардан чу шамъ ин ҷо намоёнам ҳанӯз,
Гарчи дорам дар раҳи таслим чандин бор сар.
Оламеро дар муҳити зиндагонӣ чун ҳубоб,
Рафт бар боди фано аз даъвии изҳор сар.
Баски, Шоҳин, ҳеҷ кас шоистаи таслим нест,
Мениҳам дар пои худ ҳамчун хати паргор сар.

© © ©

Кушой пардаву бар фарқи офтоб андоз,
Зи мушки бофта бар рӯи маҳ ниқоб андоз.
Чӣ офтоб, чи маҳ дар баробари рухи ту,
Ҳар он ки чеҳра барафрӯхт, дар ҳиҷоб андоз.
Гарат ба сӯҳбати риндони пок майле ҳаст,
Биёву хирқаи олуда дар шароб андоз.
Саводи маърифат аз хатти ёр ҳосил кун,
Марав ба мадрасаву пушт дар китоб андоз.
Бинеҳ ба панҷаи унноб шонаи шамшод,
Ба рӯи лола, ба зулфи бунафша тоб андоз.
Ҳамеша хуни дили худ нисори дида кунам,
Ки гуфтаанд: накӯӣ куну дар об андоз.
Кабоб шуд дили Шоҳин зи тоби хашми ту, лек
Биханду мушти намак дар дили кабоб андоз.

## О Ф 0

Рафт дил аз дасту ҳайратпарварам аммо ҳанӯз,
Гашт барҳам оина, сайқалгарам аммо ҳанӯз.
Марг ҳам аз табъи ман вазъи парешонӣ набурд,
Сӯхт яксар пайкарам, хокистарам аммо ҳанӯз.
Сад баҳор омад ба имдоди ману чун барги гул
Аз заифӣ такясози бистарам аммо ҳанӯз.
Кардаам сомони сад мастӣ май аз бебаҳрагӣ,
Як даҳан хамёза ҳамчун соғарам аммо ҳанӯз.
Як қалам таҳрир кардан нест, Шоҳин, тоқатам,
Хома дорад саъйи чандин дафтарам аммо ҳанӯз.

**Ф Ф Ф**

Мароcт дидани рӯи ту субҳу шом ҳавас,
Хаёли ту ба дилам бигзарад нафас ба нафас.
Ту хуфта ғофилу маҳмилкаши матои ғурур,
Ба гӯш мерасад аз чор сӯй бонги ҷарас.
Чунин ки қасд паи қатли ошиқон дорӣ,
Зи дастбурди ҷафоят намераҳад як кас.
Кунанд нағма ба боғи ҷаҳон ба тарзи наве
Ба шохи гул ҳама зоғону булбулон ба қафас.
Шаҳо, ба бандаи Шоҳин зи мансабу аъмол,
Ба хоки даргаҳат афкандаам ҷабинам, бас.

**ф ф ф**

Дили бечора, ки ҳар шаб ба фалак фарёдаш
Мебарад, кист, ки аз зулф ситонад додаш.
Гар ба савганд ба ман аҳди навозиш бандӣ,
Чун ба худ менигарам, мекунам истибдодаш.
Тифли ман ҳарфи вафо ҳеҷ назад бо ман, ҳеҷ,
Ҳама таълими ҷафо кард магар устодаш?
Андар ин боғ ниҳоли тарабе сар накашид,
Сарсари ҳодиса то бар наканад бунёдаш.
Ҳар кӣ тавқеи муҳаббат ба сари хеш ниҳод,
Шаш ҷиҳат дарду ғам ояд ба муборакбодаш.
Хок гардидаму чун бод гузашт аз сари ман,
Ба чӣ тақриб, Худоро, гузарам бар ёдаш?
Табъи Шоҳин, ки ба алтофи сухан машҳун аст,
Ҳаст вайронаву карданд ба ганҷ ободаш.

## 0 0®

Урёнтане, ки сар ниҳад аз аҷз бар дараш,
Бахшад зи лутф кисвати кофур дар бараш.
Берун чакад зи дидаи хаффоши моҳтоб,
Гар ними шаб тулӯъ кунад меҳри ховараш.
Ман бода аз сuroҳии воруна мекашам,
Дар гардиш оваранд ба базме, ки соғараш.
Оё бувад, ки аз мадади бахти чорасоз
Дар риштаи умед кашам бори дигараш,
Он гавҳари нафис, ки Шоҳин зи рӯи лутф
Месуфтаме ба мисқаби ёқути аҳмараш?

**ф ф @**

Дӯш омад барам, афканда ду гесӯ ба ду дӯш,
Анбарин силсилаҳо рехта дар гардану гӯш.
Даст дар гарданам андохт чу зулфи худу гуфт,
Ки дилат ҳалқаи гесӯи маро ҳалқа ба гӯш.
Чуниву чун шабу рӯзат ба сар омад бе ман,
Бо кӣ меҳӯрдӣ паймона, куҷо кардӣ нӯш?
Гуфтам: - Эй гул, ба ду чашму ба ду зулфи ту қасам,
Ки нашуд як нафас аз гиря ду чашмам хомӯш.
Гоҳ аз нохуни ғам дил чу нигинам ба харош,
Гоҳ аз оташи дил сина чу дегам ба хурӯш.
Чун шунид ин сухан, афшонд зи лаб шукру бигуфт,
К-эй суханҳои ту ширинтар аз шаккару нӯш.
Бе ту савганд ба паймона, ки ман низ шабе
Май нанӯшидаму будам чу хуми бода ба ҷӯш.
Лек имшаб чу туро дидаму хурсанд шудам,
Дар дилам не ғами дӣ монду на андешаи дӯш.
Рафтам аз худ, чу ба гӯш омадам ин гуна хитоб:
«Дар сар аз шавқи сурудам на хирад монду на ҳуш».
Шудам аз ваҷди тараб хурраму фархунда чунон,
К-ояд аз ҷилвагаҳи арши барин ваҳйу сурӯш.
Шуд чу фориғ зи сухан, хост маю соғару ронд,
Сухан аз майкадаву муғбачаи бодафурӯш.
Ба ҳавои лаби ёқутиву марҷонии хеш
Бода нӯшиду бишуд гармсар аз нӯшонӯш.
Гуфт: - Наврас, ба банону ба забони ту қасам,
Ки маро то бувад ин зулфи сияҳ ғолияпӯш,
Аҳд кардам, ки аз ин пас нашавам ҷуз ту ба кас
Ошное, накунам ҷуз сухани поки ту гӯш.

**ф ф ф**

Ҳама аҷзои ту хубу ҳама аъзои ту хуш,
Ҳама ҷои ту ба хубӣ зи ҳама ҷои ту хуш.
Нест сарве ба чаман чун қади раънои ту хуб,
Нест моҳе ба фалак чун рухи зебои ту хуш.
Хуштар аз ҷон набувад тӯҳфа, агар фармоӣ,
Кунам ин тӯҳфаи хуш назри кафи пои ту хуш.
З-он чунон зиндагие, к-аз ту ба ҳирмон гузарад,
Ба ту савганд, ки мурдан ба таманнои ту хуш.
Хуш бувад таъми шакар, лек ба коми ман аз ӯст
Заҳрханде зи лаби лаъли шакархои ту хуш.
Ҳама дилбастагии хуш ба яке дораду ман,
Бастаам дил ба хами зулфи сумансои ту хуш.
Пеши он моҳ бинеҳ ҷону дилу сар, Шоҳин,
То кадомин кунад аз ин ҳама колои ту хуш.
Хуш димоғи ҳамаро кардаӣ, Шоҳин, аз назм,
Бод дар боғи ҷинон манзилу маъвои ту хуш!

© ф ®

Ба рағми ман ба рақибон масоз сӯҳбати хос,
Ки аз ҳуҷуми ғаму рашк нест роҳи халос.
Макун ба қавли рақибон дили маро маҷрӯҳ,
Ки ҳаст ояи мансус «ал-ҷурӯҳа қисос!».[1]
Зи дарди ҳаҷр раҳон, бо висоли хеш расон,
Мараз, ки гашт чу музмин, чӣ ҷои истихлос?
Туро нисор кунам дил, агар туӣ мутриб,
Фидои ту бикунам ҷон, агар туӣ раққос.
Ба Каъба аз дари хусрав чӣ меравӣ, Шоҳин,
Бас аст хоки дараш ҷабҳаро матофу манос!

1. Ишорат ба ояи каримаи 45-ум аз сураи панҷуми Қуръони маҷид «ал-Моида»: Ва катабно алайхим фихо анна н-нафса би н-нафси ва л-айна бил-айни ва л-узуна би л-узуни ва с-сина би с-синни ва л-ҷурӯҳа қисос..., яъне, дар он барои онҳо навиштем, ки барои равон равонро ва барои чашм чаш.мро ва барои гӯш гӯшро ва барои дандон дандонро ва чарохатҳо қасос аст...

**Ф 0 Ф**

Туроcт аз ду тараф зулфу дар миён ораз,
Намуда сайди дилам зулфу қасди ҷон ораз.
Мапӯш зулф ба ораз зи ман ба хашм, агар
Кунам шикоят аз он зулф ё аз он ораз.
Туӣ ниҳода ниҳон зери зулф орази хуш
Ва ё нуҳуфта суман зери займарон ораз.
На сарвро бувад андар чаман чунин қомат,
На моҳро бувад андар фалак чунон ораз.
Хаёли рӯи ту партав диҳад ба синаи ман,
Ки моҳро нашавад дар катон ниҳон ораз.
Ниқоб ғунча чу афканд, гул бирафт ба бод,
Ту ҳам зи парда макаш ҳарза то тавон ораз.
Дареғи умр, ки Шоҳин, гузашт шому саҳар
Ба гуфтугӯи фалон зулфу бисмадон ораз.

**ф ф ®**

Эй, ки зи мушки тар бувад бар рухи чун маҳат нуқат,
Килки қазо чӣ гуна зад бар рухи маҳ нуқат ғалат.
Нест ба кеши ошиқӣ ҳамчу мане бад-ин насақ,
Нест ба фанни дилбарӣ ҳамчу ту кас бад-ин намат.
Гуфтиву рафтӣ аз барам он чӣ ба манн, хушам, вале
Беш аз ин марав ғалат, беш аз ин магӯ сақат!
Ҷуз ту ба доди ман касе ҳеҷ намерасад аз он,
Ақбала индак фаҳасаб, аъраза индака фақат.[1]
Гирди рухи ту ҳола шуд то хати анбарин ҳаме,
Дид рухи турову маҳ дод ба бандагит хат.
Мурғи саҳар ҳамезанад бонг, ки: - Зери пои гул,
Хуни хурӯс рехтан хуш бувад аз даҳони бат.
Шоҳин, аз он чӣ зад рақам килки ту бар ҷаридаҳо,
Баҳриву бадра-бадра дур рехта дар канори шат.

1. Касе назди ту омад, бидон, ки аз ту руй гардонад.

## 0 Ф Ф

Эй оразат тапонча зада бар узори хат,
Доғе ниҳода холи лабат дар канори хат.
З-ин сон ки рӯзгори ҷаҳоне сияҳ аз ӯст,
Ё Раб, ҳамеша бод сияҳ рӯзгори хат!
Мавҷи арақ, ки мечакад аз тарфи ин узор,
Гӯӣ кашида шаддаи гавҳар ба тори хат.
Бар хоксори ишқ набинад зи рӯи боз,
То чашми ҳусн во нашавад бар ғубори хат.
Шуд тӯтиёи дидаи ҳусни ту, варна буд
Чашми сафеди рӯи ту аз интизори хат.
То ҷони оламе нагудозад ба доғи ғам,
Бояд ба оби теғ нишонӣ шарори хат.
Бар тарфи лолазори ту он наргиси ғизол
Сунбул чарад зи гулшани мушкинбаҳори хат.
Шоҳин, зи ҳар рақам, ки ба мадҳаш нигоштам,
Гуфтам ҳазор таблаи анбарнисори хат.

**ф ф ф**

Зи лутфи ту шаби васлат шудам чунон маҳзуз,
Ки кас нагашт зи шодӣ ба мисли он маҳзуз.
Зи рӯи ту шуда гулҳои гулситон масрур,
Зи тарзи қомати ту сарви бӯстон маҳзуз.
Зи чашму рӯю лаби лаъли ту ба гулшани ҳусн
Ба хоб наргису гул обу нордон маҳзуз.
Зи бандагии дарат шод шуд чунон Шоҳин,
Ки кас нагардад аз ин гуна дар ҷаҳон маҳзуз.

**ф ф ф**

Эй кош, ҷон кунад зи тани нотавон видоъ
3-он пештар, ки мекунад он дилситон видоъ.
Сарв аст комати туву бустон канори ман,
Ин турфа сарв мекунад аз бӯстон видоъ.
Гуфтй: «Кунам видоъ!», зи ман ҷон видоъ кард,
Эй бевафо, маёр дигар бар забон видоъ.
Ҷоно, гар ихтиёри видоат ба дасти мост,
Худ гӯ, ба ихтиёри кӣ кардаст ҷон видоъ?
Кардӣ ба манн, ҳар он чӣ ба душман намекунанд,
Номат бурида бод зи рӯи ҷаҳон, видоъ!
Гуфтам: «Кай аз рақиб намоӣ видоъ?», гуфт:
«Рӯзе, ки мекунад зи замин осмон видоъ».
То бишнавад нигор, кунад ёди ин ғариб,
Шоҳин, радифи шеъри ман афтод аз он видоъ.

**Ф о ®**

Рафт домони висолат зи кафи зор, дареғ!
Нест мумкин, ки расад боз дигар бор, дареғ!
Дар шаби васл даҳонам гуҳарафшон мебуд,
Шудам аз фурқати ту дидаи хунбор, дареғ!
Ҳамраҳи ҳури ҷинон дев намоён дидам,
Гуфтам: «Афсӯс, ки шуд ёр ба ағёр, дареғ!»
Ҳаст булбул ба ҳавои рухи гул масти нишот,
Худ ба дом афканадам дида ба бозор, дареғ!
Ҳалқаи зулф, ки дар гардани ҷон буд, Шоҳин,
Додам аз даст кунун ҳалқаи зуннор, дареғ!

**ф ф ф**

Дарегу ҳайф, ки бигзашт рӯзгори шариф,
Пайи шумораи сайфу шито, баҳору хариф.
Зи чашму дил гуҳару дур мароcт омода,
Нисор мекунам ҳар гаҳ, ки оварӣ ташриф.
Расида меҳри ҷамоли ту чун ба авҷи камол,
Ғанӣ ту аз ҳама таърифу ҷумлаи тавсиф.
Ба каф гирифта равон накди ошиқи содиқ,
Куҷост накд бибозад ба мӯҳраи ту ҳариф?
Ғасалсарост ба мадҳи ту хомаи Шоҳин,
Зи баҳри шеър гуҳар тоза оварад ба радиф.

**ф ф ф**

Биё, биё, ки ба васли туам ба ҷон муштоқ,
Марав, марав, ки ба ҷон омадам зи дарди фироқ.
Ба ҷурми ғайр ба ман неш мезанӣ, оре,
Ки дона чумчуқу бедона мехӯрад шаллоқ.
Расан ба гардани устози мактабӣ афтад,
Ки пои тифли ман озурда кард аз фаллоқ.
Равад фақеҳу зи дунбол нури чашми ӯ
Чу ноқае, ки равад аз қафои ӯ тайлоқ.
Шикастани дилам, эй турк, агар намехоҳӣ,
Чаро ба гӯшаи абрӯ шикастаӣ қалпоқ?
Танат агарчи зи қаймоқи хом нармтар аст,
Дилат гарав барад аммо ба сахтӣ аз қайроқ.
Сурини лоғари ӯ шуд насибаи Шоҳин,
Бале, ки тӯъмаи боз аст рони қашқалдоқ.

**© ф 0**

Рафтиву сӯхт ҷони ман аз тоби иштиёқ,
Эй кош, бо висол мубаддал шавад фироқ.
Рӯят надида сер, дами васл бигзарад,
Гар аз ҳазор шаб ба яке афтад иттифоқ.
Тоқ аст қомати ту, валекин ба ҷилва ҷуфт,
Ҷуфт аст абруи ту, валекин ба фитна тоқ.
То ошно кунам саги кӯи туро ба хеш,
Аз пардаҳои чашм ниҳам пеши ӯ ялоқ.
Чандон даридааст гиребони тоқатам
Дасти ғамат, ки нест дигар қобили ямоқ.
Чандин қизил аёқ[1] дигар кард гандагӣ,
Ту бо мани ситамзада гаштӣ қизил пучоқ.[1 2]
Бар дил шиканҷаҳост зи зулфи сиёҳи ту,
Чун дузд мангарӣ, ки занад миршаб таёқ.
Аз тангаҳои навқирави банда ёд кун,
Бе пул биё кунун, ки шудам қирриву ятоқ...
Бо ман тағофул ориву бо ғайр таппа-тахт,[3]
Эй бадцимоғ бо ману бо ғайр чуфту тоқ.
Зоҳид, маро ба қавли ту ҳеҷ эътимод нест,
Мӯ то ба мӯ хилофиву раг то ба раг нифоқ.
Баҳри ҳалола рӯй ба риндон ҳамекунад,
Сӯфӣ магар намуд зани хеш се талоқ?
Зоҳид, ба роҳи савмаа чандон намедавӣ,
Афсурда шуд магар сапалу суда шуд таёқ?
Ман борҳо шудам ба хаёли вараъ мурид,
Шоҳин, зи шайхи савмаа хидмат накарда оқ.

---

1. ҷоми сурх (киноя аз май)
2. кордисурх
3. дар гӯиш: омода, мехрубон

❁ ❁ ❁

Ба боварит қасам меҳӯрам ба ҷони фироқ,
Ки қути ман ҳама шуд хуни дил зи хони фироқ.
Дило, бисӯхт зи оҳи ту хонумони қарор,
Чаро намезанӣ оташ ба дудмони фироқ?
Фироқи туст чу афъӣ, манам зи ҷаври фалак
Ба сони мӯҳра ниҳон дар таҳи забони фироқ.
Зи пешгоҳи висоли ту то расад хабаре,
Ниҳодаем сари худ бар остони фироқ.
Сафинаи дили ман кай расад ба соҳили васл
Зи чор мавҷаи дарёи бекарони фироқ?
Ба рӯзгори висоли ту рафт, он чи бирафт
Ба ман зи ҷавру ҷафои ту дар замони фироқ.
Ба ҳар ҷафо, ки кунад, сабр мекунӣ, Шоҳин,
Гар аз ту шиква кунад, хок дар даҳони фироқ.

**® ф ф**

Ба санои ту, ки оҷиз бувад аз вай идрок,
Наҳну ло накдиру из айна ано, айна санок.[1]
Тира шуд гавҳараки дидаи ман бе рухи ту,
Баски сад Даҷла фузун рехтам аз гавҳари пок.
Ҷуз мани ғамзада, к-аз дида кашам хуни ҷигар,
Кас ҷигаргӯшаи худро накашонад бар хок.
Гар Масеҳам зи фалак аз паи дармон ояд,
Бе ту мушкил, ки раҳад ҷони ман аз қайди ҳалок.
Гар нашуд мӯътақиди бодапарастон зоҳид,
Аз чӣ баҳри вузӯ аз ток тарошад мисвок?
Ҳар куҷо ваҳми нишоте бувад аз роҳи ҳасад,
Ҳам аз он ваҳм маро чарх кунад истидрок.
То чӣ арзад, ки ба пои ту фишонад Шоҳин,
Кона лӣ муҳҷатун из ҷиъту ҷаъалноҳу фидок.[I. 2]

---

I. Мо нотавонем, пас ман куҷову санои ту куҷо.
2. Қа.мон як чон доштам, омадам ва онро фидои ту кардам.

© © ©

Алайк, дар ҳама бобат диҳад Худой камол,
Чунон камол, ки набвад дар ӯ нишони завол.
Ҳамат ба фаҳми дақоиқ кунад дақиқ ур-раъй,
Ҳамат ба дарки ҳақоиқ кунад ҳақиқ ул-бол.
Агар сипеҳр ба номи ту қуръа андозад,
Ба саъди кавкаби бахти туаш барояд фол.
Ба сад саодати фирӯзиву наҷоҳ бурун,
Арӯси бахти ту омад зи ҳуҷлаи иқбол.
Ба ҳеҷ мартаба ғофил наметавон будан,
Зи мардумони табаҳинтизои шумсигол.
Ҳар он чӣ хайру савобе, ки сар кашид аз мо,
Ба чашми аҳли ҳасад нест ғайри шарру вубол.
Навиди амру саломат агарчи матлуб аст,
Навиштанист зи кайфияти муҷории ҳол.
Навиштанист агар имтинону гар гилаест,
Дар он қибола, ки бо дӯстон кунанд ирсол,
Ки дӯстро шавад аз имтинон зиёда хулус,
Ки дӯстро гила набвад далели ранҷу малол.
Навишта мӯътабар асту писанд нест в-агар
Чӣ бӯи мушки сиёҳе, чӣ ранги коғази ол.
Зи дӯстон гила, Шоҳин, наметавон кардан,
Ки шуд шикасти қалам монеи китобати ҳол.

**ф ф ф**

Эй гарав бурда зи маҳ ҳусни ту бар ваҷҳи ҷамил,
Пеши лаъли ту ҳаме оби ҳаёт аст сабил.
Чашми ман баччаи нилӣ шуда аз гиря, чаро
Гузар, эй Юсуфи мисрӣ, накунӣ ҷониби Нил?
Накунад қатьи тамаъ мӯҳтасиб аз ришва, бале,
Ба ҷуз аз хоки сияҳ пур нашавад чашми бахил.
Рӯзгорест, ки аз мотами ёрони қадим,
Чеҳраи шоҳиди бахтам шуда андуда ба нил.
Беривоҷии ҳунар бин, ки ман аз даври фалак
Ранҷи бисёр кашам дар тамаи музди қалил.
Ҳар кӣ аз фазлу ҳунар баҳраи куллӣ бардошт,
Гардиши даҳр кунад ҳамчу манаш хору залил...
Монд Шоҳин ҳамагӣ дар тутуқи шеър ниҳон,
Варна худ карда зи ақсоми фазоил таҳсил.

**ф ф ф**

Шикастахотирам аз гардиши замона мудом,
Бирез, соқии гулчеҳра, дар пиёла мудом,
Дили рамидаи ман дар шиканҷи турраи туст,
Мисоли тоири ваҳшӣ, ки ӯ фитад дар дом.
Ба зери пои ту чун сабза сарв паст шавад,
Кунӣ ба сӯи чаман гар ба ҳусни ҷилва хиром.
Шабе зи лаъли ту хоҳам гирифт коми умед,
Агар ба васли туам ёварӣ кунад айём.
Рухат зи ғурфаи манзар ба чашми ман тобад,
Чунон ки моҳ диҳад равшанӣ зи гӯшаи бом.
Ману зи васли ту уммеди коми дил кардан,
Зи ҳар тасаввури ботил ниҳӣ тавақҡӯи хом.
Ту меҳрубон нашудӣ, бахт бо туам нарасонд,
Шикоят аз ту кунам боз, бахти нофарҷом.
Маро чи рутба, ки лофи ғуломии ту занам,
Ки бо ғуломи ғуломи туам камина ғулом.
Ҳикояти шаби ҳаҷри ту гар кунам тақрир,
Ба бомдоди қиёмат наёбад он итмом.
Ақиқбода ҳалол аст дар шариати ишқ,
Валек бе лаби лаъли ту гуфтаанд ҳаром.
На Каъба монеъ, не дайр садди роҳ шавад,
Ба шавқи кӯи ту Шоҳин, ки бастааст эҳром.

**Ф 0 Ф**

Ёди он шабҳо, ки аз гетӣ фароғат доштам,
Бо бутони тозарӯ то субҳ сӯҳбат доштам.
Дар тариқи лоуболӣ ҳам ниҳон, ҳам ошкор,
Бо қаландармашрабон тарҳи садоқат доштам.
Ҷои миннат нест бо ман чархро, к-аз хони ӯ
Чун маҳи нав бо лаби ноне қаноат доштам.
Гоҳ таълими усулу гоҳ талқини фурӯъ,
Як ба як тамҳиди асбоби ҳидоят доштам.
Ваҳ, чӣ бадбахтам, ки худ мунтаҷ нашуд ғайри маҷоз
Базли маҷҳуде, ки дар касби ҳақиқат доштам.
Бар далели дониши ман гӯш нанҳод осмон,
В-арна бар даъвии худ чандин ривоят доштам.
Ҳосили илми мани бечора аз идбори бахт
Шарру офат шуд, агар чашми шарофат доштам.
Гар куйад чандин ситам бар ҷони ман гетӣ, равост,
То чаро з-он кинаҳӯ чашми мурувват доштам.
Ёфтам аз остони шоҳ, Шоҳин, обрӯ
Ман, ки рӯи аҷз бар хоки мазаллат доштам.

**ф ф ф**

Мо дуо мекунем, ӯ дашном,
Ошиқонрост ин ҷавоби салом.
Шираи ток бо қаи занбӯр,
Турфа шаръист ин ҳалолу ҳаром.
Эй басо дил, ки з-ӯ дар оташи ғам
Сӯхт аз интизори ваъдаи хом.
Бо сабо зулфи ӯ чӣ пардозад,
Натавон бодро гирифт ба дом.
Чун фиристем қосиде суи ӯ,
Меравад ранг пештар зи паём.
Базм гарм аст, бе ҳиҷоб нишин,
Набарад кас либос дар ҳаммом.
Эй сабо, аз манаш гузор навид,
Ки ғуломест бо ту Шоҳин ном.

**Ф Ф 0**

Шикастахотиру ранҷуру нотавон шудаам,
Биё, бубин, ки дилат \ар чи хост, он шудаам.
Ба ғайри хору хасу меҳнатам наёмад пеш,
Ба ҳар тараф, ки чу оби равон равон шудаам.
Маро чу шохи суман кард тарбият айём,
Вале чӣ суд, ки маҳруми бӯстон шудаам.
Ба ҳар кй майл кунам, мекунад канора маро,
Ба хотири ҳама чун бори ғам гарон шудаам.
Дудаста нуқли ғаму ғуссаам ба пеш гузошт,
Ба хони ишрати ҳар кас, ки меҳмон шудаам.
Зи хоки тира ба сад поя камтарам, аммо
Гумон кунанд халоиқ, ки осмон шудаам.
Ба ҳеҷ кисватам аз тан нарафт урёнӣ,
Фурӯғи моҳаму дар пардаи катон шудаам.
Ман он гулам, ки зи ошӯби бесуботии даҳр,
Накарда тоза димоғи кассе, хазон шудаам.
Аҷал тафаққуди ҳолам намекунад в-арна
Ҳазор бор аз ин зиндагӣ ба ҷон шудаам.
Ба ҳеҷ боб маро нест рӯи хурсандӣ,
Ҷуз ин қадар, ки ғуломи шаҳи ҷаҳон шудаам.
Ба фазлу дониши худ ҳайф оядам, Шоҳин,
Ки ман ба ин ҳама ганҷ аз чӣ ройгон шудаам.

ф ф ®

Сухан ҳар он чи, ки хуштар бувад, манаш гуфтам,
Гуҳар ҳар он чи, ки беҳтар бувад, манаш суфтам.
Вале чӣ суд, ки умрам ба ғунчагӣ бигзашт,
Ба бод рафтаму чун гул ба боғ нашкуфтам.
Басо шудаст, ки то по ба дидаам бинҳанд,
Ба домани мижа роҳи бародарон руфтам.
Басо шудаст, ки нашнуфта, ёва баргуфтам,
Басо шудаст, ки баргуфта ёва нашнуфтам.
Басо шудаст, ки аз ман нарафту баргуфтанд,
Басо шудаст, к-аз ишон гузашту пазруфтам.
Замона гарчи маро дар хирад ягона намуд,
Ба сад шиканҷа вале кард осмон ҷуфтам.
Надидам ин ҳама ҳосил зи рӯзгори вуҷуд,
Ҷуз ин қадар, ки ба шоми адам фурӯ рафтам.
Дамида бар сари хокам алаф, ки то донӣ
Надода гардиши гетӣ улуфаи муфтам.
Набаста сурати ҷамъияте ба худ, Шоҳин,
Зи тундбоди аҷал чун ғубор ошуфтам.

## О Ф Ф

Як бӯса аз он орази гулфом гирифтам,
Яъне ба муроди дили худ ком гирифтам.
Дар халқаи зулфи ту задам дасти иродат..
Дар зери нигин маҳкамаи Шом гирифтам.
Дидам, ки чунин бар ҳама инъоми ту ом аст,
Дасти тамаъ аз домани ибром гирифтам.
Алминнату лиллаҳ, ки зи шогирдии Маҷнун
Дар хиттаи дониш зи хирад ном гирифтам.
Аз симбарон то шавадам ком муяссар,
Шоҳин, сифати лунгии ҳаммом гирифтам.

**ф ф ф**

Ба кафши ҷустуҷӯ дӯшина шаб наълу патак кардам,
Ба сад ҷо гаштам, аз ҷое ҷавонеро дарак кардам.
Нагардад то рақиби фитнакор аз бӯғи дег огаҳ,
Ба қӯши хештан оварда пинҳонӣ намак кардам.
Арақ бар гирди лаълаш, дидам, аз рухсора мерезад,
Бар ӯ аз пардаҳои чашми худ тафкӣ ҷавак кардам.
Шудам гаҳ садқаву гоҳе балогардони он маҳваш,
Тақал ҳар кӯчароҳе дошт, бо ӯ як ба як кардам.
Бигуфтам: - Мубталои доғи ҳиҷронам чаро кардӣ?
Бигуфто: - Ҳар чӣ кардам бо ту, аз тарси амак кардам.
Ба умеде, ки боре коми дил ҳосил кунам аз ӯ,
Сари худро, агарчанде, ҳақорат кард, так кардам.
Чунон оғӯши гарме дошт он шӯхи сияҳҷурда,
Ки дар оғӯши ӯ аз ғояти гармӣ тулак кардам.
Рақиби сифларо бемор бишнидам, давон рафтам,
Табиб ороста худро, зи ҷояш турмасак кардам.
Зи васли ҷонфизои ӯ чунон сархуш шудам, Шоҳин,
На тарсу биме аз ахтар, на ваҳме аз фалак кардам.

**ф ф ф**

Шаб, ки гул дар табақу бода ба соғар кардам,
Базми туркона ба ёди рухи дилбар кардам.
Омад он дилбари ман, дар қадамаш баҳри нисор
Аз сари ҳар мижа исори гуҳар сар кардам.
Аз лаби ӯ, ки гуле бо шакар омехта буд,
Гаҳ ҳавои гулу гаҳ хоҳиши шаккар кардам.
Гуфтамаш: - Чист ба тарфи рухат он хатти сиёҳ?
Гуфт: - Бар хуни ту, эй дилшуда, маҳзар кардам.
То ба домони ту гарде нанишинад аз роҳ,
Ҳамчу ҷайби худаш аз хуни ҷигар тар кардам.
Хок бар фарқи ман, аз бӯсаи беҷоталабӣ
Хотири ёру дили хеш мукаддар кардам.
Ҳар кӣ бишнид, ба кӯтаҳназарӣ хонд маро,
Нисбати қадди ту ҳар гаҳ ба санавбар кардам.
Гоҳ бо зӯру гаҳе бо зару гаҳ бо зорӣ
Ҳар куҷо содарухе буд, мусаххар кардам.
Ба умеде, ки ту по бар сари ин хок ниҳӣ,
Хешро пеши ту бо хок баробар кардам.
Пеш аз он дам, ки ниҳам пои талаб дар раҳи ишқ,
Мурдани хеш дар ин роҳ муқаррар кардам.
Ҷигари сӯхта, Шоҳин, ба Худо, иксир аст,
Ки ба ҳар хок дамидам нафасе, зар кардам!

**Ф Ф ф**

Қурбони лаби лаъли шакархои ту гардам,
Мафтуни хати ғолияпирои ту гардам.
Лаб мегазӣ, эй шӯх, надонам, ки чӣ гӯй,
Аз нозукии тарзи адоҳои ту гардам.
Як ҷои ту тахсис ба куштан натавон кард,
Эй ман ба ту шайдо, зи ҳама ҷои ту гардам.
Ҷон назри саропои ту гуфтам ба шаби васл,
Рухсат бидеҳ акнун зи саропои ту гардам.
Имшаб шаби васли ту натақ нозада бахтест,
Бигзор тавалло, зи таваллои ту гардам...
Гуфтӣ, ки ба Шоҳин занадам дарду балоҳо,
Кай мезанад, аз дарду балоҳои ту гардам?!

**ф ф ф**

То мубталои ишқи ту, эй бевафо, шудам,
Аз дӯстони якҷиҳати худ ҷудо шудам.
Донистаме, ки меҳр ба ошиқ намениҳӣ,
Дониста ошиқи маҳи рӯят чаро шудам?
З-ин беш тоқатам ба ҷудоӣ намондааст,
Гар мекушӣ, бикуш, ки ба маргам ризо шудам.
Ҳаргиз даме ба кӯи ту нагзорадам рақиб,
Гӯё, ки ӯ сагу мани мискин гадо шудам.
Дӯкони эътибор қумоше чу ман надошт,
Ё Раб, чӣ куя зад, ки чунин нораво шудам.
Сангиндилӣ чунон, ки напурсӣ зи ҳоли ман,
К-аввал чӣ будам аз ғамат, охир чиҳо шудам?
Кардӣ адои бӯса ба ҳар кас, аз он миён
Ман чун намози мардуми коҳил қазо шудам.
Дар ғурбатам, ба васли худ афзо ҷалои табъ,
Чун ман ту гуфта, аз ватани худ ҷудо шудам.
Шоҳин, гузашт сити камолам зи нӯҳ фалак,
То ман муқими хоки дари подшо шудам.

® ф ®

Ба шӯхи моҳпайкар, сарви симинбар гирифторам,
Ба гесӯи чу чанбар, лаъли чун шакар гирифторам.
Ту бар рухсора зулфи худ чу чанбар ҳалқа месозӣ,
Мани ошуфта бар он зулфи чун чанбар гирифторам.
Ба болои баландат, эй писар, якбора мафтунам,
Ба гесӯи камандат, эй санам, яксар гирифторам.
Нагашт аҳволи ман аз бадгумонӣ боварат ҳаргиз,
Туро, эй бадгумон, бо табъи нобовар гирифторам.
Хатат бар гирди ораз то рақам зад маҳзари маҳбус,
Ба қайди ишқат аз мазмуни ин маҳзар гирифторам.
Куҷо омад мизоҷи ман ба ислоҳ аз парихонӣ,
Мани девона чун бо он парипайкар гирифторам.
Чи мебинӣ, мунаҷҷим, аз ривоҷи толеи Шоҳин,
Ба моҳи фитна чун аз бахти бадахтар гирифторам.

ф ф ф

Шукр лиллаҳ, ба висолат дили хуррам дорам,
Он чӣ асбоби нишот аст, фароҳам дорам...
Фориғам аз шарафи фоқа зи ташвиши ҷаҳон,
На ғами кисаву не ғуссаи дирҳам дорам.
Ошноӣ ба рақибам сабаби васли ту шуд,
Кардаам сайд, зи бас калби муаллам дорам.
То мураххам ба нидое кунам аз ғайр туро,
Сабақ аз баҳси мунодии мураххам дорам.
Ҳаст мӯҳлик чу ба омос кашад истисқо,
Аҷаб аз зиндагии шайхи музаххам дорам.
Васл чун ҷаҳли мураккаб буваду ишқ басит,
Ишқро бар талаби васл муқаддам дорам.
Дили ман сокиту зулфат мутаҳаррик зи насим,
Ин дуро қоида ин аст, ки мудғам дорам.
Каъбае чун Ҳаҷаруласваду Замзам бо худ,
Аз дили сӯхтаву дидаи пурнам дорам.
Душман аз теғи забон гар занадам захм, чӣ бок,
Ки ман аз вазъи мулоим ҳама марҳам дорам.
Ба насаб хоҷа кунад фахр, маро фахр бас аст
Дудмоне ба нубувват, ки зи Одам дорам.
Ба навиштан натавон шеъри маро кард тамом,
Гарчи з-ошуфтадилӣ завқи сухан кам дорам.
Ғайр аз ин чист маро давлати узмо, Шоҳин,
Ки ғуломии дари хусрави олам дорам.

**ф ф ф**

Як шаб висоли ёр чунон шуд муяссарам,
К-омад ба ноз, такя заду хуфт дар барам.
Аз бас ба ноумедии худ будам устувор,
Медидамаш аёну намегашт боварам.
Гуфтам, ки умри ман ҳама бигзашт дар фироқ,
Акнун чунон мабод, ки аз васл бар хурам.
Таҳқиқи худ намудаму дарёфтам, ки ӯст,
Дил шуд зи дасту ҷон зи тану ҳуш аз сарам
Эй вой, агар висол чунин асту кулфаташ,
Бошад ҳазор бор аз он ҳаҷр беҳтарам.
Охир ба сад машаққату меҳнат ба забти хеш
Пардохтам, ки рӯ надиҳад ҳоли дигарам.
Рафтам канораеву нишастам умедвор,
Шояд, ки хонадам ба канори худ аз карам.
Мижгон зи хоби ноз кушуду маро надид,
Гуфт: - Эй фалон, куҷо шудӣ аз рӯи бистарам?
Ҷастам зи ҷои хешу задам бӯса бар замин,
Гуфтам: - Чӣ хидмате, ки бувад, банда чокарам.
Шоҳин, ба рӯи сафҳа чу хома ба фарқи хеш
Тақрир аз ин зиёда кунам, теғ меҳӯрам.

**$ ф ф**

Сиёҳҷурда нигори арабнасаб писарам,
Куҷост, ҳамчу ҳумо соя афканад ба сарам.
Чу доғ мечакадам ашки гарм, метарсам,
Мабод сар кашад аз дида оташи ҷигарам.
Шавад зи бахт, ки ташвиш оварӣ ба сарам,
Ки ҷону дил ба қудуми мубораккат супурам.
Шароб хуни дилеву кабоб лахти ҷигар,
Бас аст, пеши ту хайруттаъом мо ҳазара-м.[1]
Далели ишрати ман з-ин чаман гудохтан аст,
Чу лола зинати гул дошт доғи дил ба сарам.
Ба ним бӯса ташаффо бикун ба дарди дилам,
Ба ним ханда тасалло намо ба чашми тарам.
Ба хоки пои ту хоҳам ҷабини худ судан,
Нашуд вагарна ба сандал илоҷи дарди сарам.
Чунон рабудаӣ аз қавм маркази хоке,
Ки ҷуз ба чарх наёбанд чун Масеҳ асарам.
Манам ба ёди ту дар ҳар маҳалла кӯй ба кӯй,
Ба ҷустуҷӯи ту дар ҳар диёр дарбадарам.
Хаданги чобукам, эй нозанин, зи ман парҳез,
Ки гар ба синаат оям, ба пеш мегузарам.
Маро ҳавои уруҷе ба сар фитода, вале
Самуми ҳодиса яксар бисӯхт болу парам.
Зиҳӣ ба мавҳибати ёри меҳрубон, Шоҳин,
Муҳаққақ аст саросар камоли мунтазарам.

1. бехтарин таъом он аст, ки хозир аст.

**® Ф Ф**

Чӣ гуна дар назари ҷилваи ту манзурам,
Ки ҳамчу оина аз чашми хеш мастурам.
Ба гуфтугӯи туам рашки дастгоҳи Калим,
Зи тоби оташи шавқи ту ғайрати Тӯрам.
Ризо ба куштани худ кас намедиҳад, лекин
Агар ризои ту бошад, биё, ки маъзурам.
Чунон ба ёди ту дар хок метапам, гӯӣ,
Ки дар муҳити амал моҳии сақанқурам.
Зи шӯри гиряи ман гар туро ҳазар будӣ,
Чаро зи ханда намак судай ба носурам?
Ғаму нишоти ҷаҳон тавъаманд, маълум аст
Зи иттифоқи сари солу моҳ Ошӯрам.
Агарчи шӯҳра ба шоҳиниям, вале, Шоҳин,
Зи дасти чарх гирифтори чанги усфурам.

**ф ф ф**

Кай бувад, ё Раб, ки ҷо дар водии Салмо кунам,
То тасалло дидаро з-он хоки нурафзо кунам?
Чанд бошам дар ҳавояш заррапаймои ҳазиз,
Дар қиёсороияш тамсили истиқро кунам.
Шавқам истидъои он дорад, ки дар базми ҳузур
Рози дил дар ҳазрати ҷонони худ ифшо кунам.
Афканад шояд, ки ногаҳ як назар бар ҳоли ман,
З-он сабаб худро ба ҳарфи шеър пинҳон ҷо кунам.
Ҳамчу мусиқор, Шоҳин, дам ба дам аз този шавқ,
Мезанам боле ба худ, то оташе пайдо кунам.

## @ ф ф

Дар ишқ аз ин зиёда чӣ тадбир мекунам,
Яъне, ки тан ҳавола ба тақдир мекунам.
Фориғ наям зи нолаи пинҳону ошкор,
Ин ноларо гаҳе баму гаҳ зер мекунам.
Хуршеду моҳ мечакад аз нав, ки хомаам
Ҳар ҷо ҳадиси рӯи ту таҳрир мекунам.
Як шамма нози ҷилваи ту оварам ба фарз,
Чандин ҳазор оина тақрир мекунам.
Шоҳин, зи табъи равшану бахти сиёҳи хеш,
Субҳам, вале ба шом табошир мекунам.

**ф © ©**

Шабе, ки ёд зи васли ту, моҳпора, кунам,
Зи ашки хуншуда доман пур аз ситора кунам.
Зи осмон ба сарам чун ситора борад санг,
Гар аз канори ту, эй маҳ, даме канора кунам.
Ба боми дайр қадам мезанам, чӣ зӯр маро,
Ки баҳри зӯҳд равам ҷой дар мағора кунам.
Зи қирқиюзбачагон хотирам гирифта чунон,
Ки ихтиёри зан аз мардуми ҳазора кунам.
Таҳи тақора кун, эй мӯҳтасиб, гуноҳи маро,
Вагарна айби туро чӯб бар нақора кунам.
Ту худ зи хона наёӣ бурун, ман аз лаби бом
Назар ба сӯи ту чанд аз паси тавора кунам?
Дилам ба тобу танам дар таб аст, ҳайронам,
Ба ин ду дард дар ин бекасӣ чй чора кунам?
Ба ҷуз фироқи ту доғам намедиҳанд нишон,
Ба ёди васли ту ҳарчанд истихора кунам.
Ҳазор сол фузун умр боядам, Шоҳин,
Ки то яке зи ҳазорон ғамаш шумора кунам.

**ф Ф 0**

То назар бар рӯи он хуршедманзар мекунам,
Ҳамчу абр аз гиря ҷайбу остин тар мекунам.
Гуфтам аз бечорагӣ комам диҳад он маҳ, надод,
Баъд аз ин бо ӯ раҳи олуфтагӣ сар мекунам.
Мақсад аз бӯсу канорам имтиҳоне беш нест,
Гар шавад ин ҳар ду ҳосил, фикри дигар мекунам.
Гуфтаӣ: «Пинҳон биё шабҳо», бигӯям: «Аз рақиб
Нест боке, гар бубинам, ҷома бар сар мекунам».
Дорам аз даврон саре чун гӯй дар чавгони ишқ,
Тӯҳфаи сумми саманди он диловар мекунам.
Ман, ки дорам чеҳрае ҳамчун зару ашке чу сим,
Кофарам, гар ёди симу пешаи зар мекунам.
Гуфтамаш: - Ҳусни ту бар хуршед паҳлӯ мезанад,
Гуфт: - Агар хуршедро бо худ баробар мекунам.
Ҳарчи даврон дар кафи ман мениҳад ваҷҳи маош,
Сарфи роҳи шоҳиду минову соғар мекунам.
Чун ҳилолам ҷуз лаби ноне намебахшад сипеҳр,
Чанд кӯшиш аз паи ризқи муқаддар мекунам?
Ман, ки худ осудаам дар сояи сарви қадат,
Таъна бар болои шамшоду санавбар мекунам.
Ғайри яъсам ҳосиле, Шоҳин, намебахшад чаро
Ҳар таманное, ки дар хотир муқаррар мекунам?

## О ф Ф

Ба кунҷи мадраса то чанд қилу қол кунам,
Зи хоки майкада он беҳ, ки касби ҳол кунам.
Даме, ки мӯниси ҷони манӣ, ҳанӯз кам аст,
Дуои ҷонат агар сад ҳазор сол кунам.
Кушой парда зи рухсору ҷони ман биситон,
Ки оҳи вопасат аз вақт интиқол кунам.
Мукаддар аст дилам бе ҳузури ҷилваи ту,
Биё, ки оина пардозаму мисол кунам.
Маро фишори гулӯ бе хароши ҳайрат нест,
Чу сина дард кунад, лоҷарам суол кунам.
Даҳони худ натавонӣ зи офарин бастан,
Агар ба гӯши ту ороиши мақол кунам.
Паре кушоям агар дар ҳавои ӯ, Шоҳин,
Ҷаҳону ҳар чи дар ӯ ҳаст, зери бол кунам.

**ф @ ®**

Дамбадам аз гиря фикри дарди дигар кардаем,
Неши мижгоне ба ёди захми дил тар кардаем.
Нест бе фарсуди саъй андешаи таҳсили ҷоҳ,
Обила гаштем, то сомони афсар кардаем.
Мо заифонро шикаст охир хумори бехудӣ,
Гардиши ранге, ки дар базми ту соғар кардаем.
Нотавониҳо панохи нотавонон будааст,
Мо ҳам акнун такя бар паҳлӯи лоғар кардаем.
Дар уруҷи рутба, Шоҳин, оҷизӣ дарбори мост,
Бе пару болем агар, парвоз бартар кардаем.

**ф ф ©**

Манам, ки рашк барад икди лӯълу аз суханам,
Бад-ин сухан ҳама дам дам зи хубии ту занам.
Намерасад даҳанам, доғам. эй муборакрӯ.
Ба чашми худ, ки туро дидааст, бӯса занам.
Наям ба кӯи ту, эй нозанин, ғариб. ки ман
Ба дурии ту ғарибам, агарчи дар ватанам.
Ниҳодаам ба кафи дасти хеш накди равон,
Биё, ки дар кафи пои муборакат фиканам.
Ситамгаре, ки ҷафо вазъу хӯи ӯст, туӣ,
Ситамкаше, ки вафо фикру зикри ӯст, манам.
Зи баъди маргам агар шустушӯ кунад ғассол,
Бигӯ зи латтаи софии май кунад кафанам.
Сухан ба меҳру вафои ту мекунад Шоҳин,
Вале чӣ суд, ки бовар намекунӣ суханам.

**ф ф ф**

Ман, ки аз доираи аҳли хирад берунам,
Дидаам рӯи ту лайливаш, аз он Маҷнунам.
Соқии ишқ паи дафъи хумори лаби ту
Ивази бода ба соғар бичашонад хунам.
Бахти маймуни маро бин, ки фалак чун лӯлӣ
Медиҳад рақс ба ҳар маърака чун маймунам.
Сайди афъӣ ҳама созанд ба афсун, аммо
Ин аҷаб, афъии зулфи ту диҳад афсунам.
Бо ман, эй меҳри ҷаҳонгард, бас аст ин давлат,
Ки ба дунболи ту чун соя барад гардунам.
Ман куҷову тамаи васли ту кардан боре,
Аз ту бар банда итобе нашавад, мамнунам.
Воизо, нукта зи қонуну вараъ камтар зан,
Ки мани ринд басе воқиф аз ин қонунам!
Фитнаи даҳр кунад қасди ман аз ҳар тарафе,
Ки чаро наргиси фаттони туро мафтунам.
Натавон шуст маро чирки мазаллат зи ҷабин,
Гар дусад ман ба масал сарф шавад собунам.
Лоақал қадри хазафпора надорад, Шоҳин,
Дар баҳо гарчи физояд зи гуҳар мазмунам.

**ф ф ф**

Қад барафроз, ки болои туро банда шавам!
Рух барафрӯз, ки симои туро банда шавам!
Лаби чун лаъли худ, эй мах,, ба шакарханда кушой,
То лаби лаъли шакархои туро банда шавам!
Ёри ман, зулфи сумансо бинамо ҳалқа, ки ман,
Ҳалқаи зулфи сумансои туро банда шавам!
Ҷилва кун, эй ту саропо ҳама шӯхӣ, ҳама ноз,
Ки ба ҳар ҷилва саропои туро банда шавам!
Нигаҳе бар ман аз он наргиси шаҳло андоз,
Нигаҳи наргиси шаҳлои туро банда шавам!
Эй мусаффотар аз оина туро соиду соқ,
Соиду соқи мусаффои туро банда шавам
Мерабоӣ дили Шоҳин ҳама аз тарзи адо,
Дилбаро, тарзи адоҳои туро банда шавам!

**ф ф ф**

Маро олуда бо хун аст ҷайб аз гиря, доман ҳам,
Биё, то вораҳад дил аз гузори фурқатат, тан ҳам.
Ба хоки турбати ман мекунӣ бозӣ, зиҳӣ тифле,
Ки нагзорӣ маро фориғ нишастан баъди мурдан ҳам.
На роҳи он, ки боз оям, на рӯи он, ки баргардам,
Бале, бо ёр пайвастан бувад мушкил, буридан ҳам...
Ҳавоят як сари мӯ аз сари ман кам нашуд охир,
Гарам теғи ҳаводис борад аз гардун ба гардан ҳам.
Сари ташрифи ғурбатхонаи мо дорад, эй риндон,
Кунун май дар сабӯ бояд намуд, оташ ба гулхан ҳам.
Маро аз шеър гуфтан нанг меояд аз он, Шоҳин,
Ки дорад ҳар ҳарифи ёва номи шоирӣ, ман ҳам.

**Ф 0 Ф**

Мо аз ту ба ҷуз ҷафо надидем,
Кардем вафо, вафо надидем.
Аз чашми ту, к-он балои ҷон аст,
Ғайр аз нигаҳи ало надидем.
Эй мардуми дида, чанд гӯӣ:
Мо мардумии шумо надидем.
Хубон ҳама душмананд, ҳаргиз
З-ин тоифа ошно надидем.
Сад бор агар туро бубинанд,
Гӯянд, ки мо туро надидем!
З-ин мардуми нохудо мурувват,
Шоҳин, ба ҳақи Худо, надидем!

® ф ®

Лаб аст он, ё ақиқ аст он, рух аст ин, ё баҳор аст ин,
К-аз он шуд коми ман сероб в-аз ин шуд фикри ман рангин?
Ба ҳангоми арақ, дорам шигифт аз рӯи ангушташ,
Ки аз бадре фишонад бо ҳилоле хӯшаи Парвин.
Агар ораз барафрӯзад в-агар боло барафрозад,
Маҳ аз чарх офарин хонад ба ӯ, сарв аз замин таҳсин.
Касе дидаст ҷононе, ки дорад чун нигори ман
Рух аз моҳу лаб аз лаълу қад аз сарву бар аз насрин?
Лаби шаккарнисору зулфи мушкафшони ӯ бинад,
Наёрад корвон дигар шакар аз Мисру мушк аз Чин.
Агар дар по фишонад турра, афтад дар замин афъӣ,
В-агар бар чеҳра тобад зулф, печад бар фалак таннин.
Ба дафъи захми чашм аз қадду рӯяш дар чаман доим
Кашад сарви сиҳӣ дасти дуо, гӯяд суман: омин!
Чӣ сон бо ғунчаву сунбул даҳону турраш монад,
Ки ғунча нест шаккарбору сунбул нест атрогин?
Бад-он монад, ки дар минқор гирад барги гул тӯтӣ,
Ба манъи ман зи бӯси лаб газад ҳар гаҳ лаби зерин.
Чаман ҳар лаҳза аз сарве нигорад маънии мавзун,
Кунад то мисраи барҷастае қадди туро тазмин.
Нишони тешаи Фарҳод шуд аз Бесутун зоил,
Чӣ Ширинӣ, ки меҳри туст боқӣ дар дили Шоҳин?!

ф © ©

Моҳи рухсори ту аз зери ниқоб ояд бурун,
Ончунон к-аз пардаи субҳ офтоб ояд бурун.
Ё Раб, он бахти мусоид ку, ки дар оғӯши ҷом
Чун арӯс аз хиҷлаи мино шароб ояд бурун.
Дил ба арзи пучмағзе сарфакорӣ дидааст,
Қатра чун аз худ тиҳӣ гардад, ҳиҷоб ояд бурун.
Ҷонам аз банди ғамат озод кай хоҳад шудан,
Саъва натвонад, ки аз чанги уқоб ояд бурун.
Дар арақ, Шоҳин, тамошо дорад эъҷози рухаш,
То чӣ сон аз чашмаи хуршед об ояд бурун.

$ $ $

Эй ба лаб лаълу ба рух лола, ба қад сарви равон,
Назари марҳамате ҷониби ин камбағалон!
Фасли саҳрост, агар даст диҳад, сомон кун
Кадаҳи бода, бути сода, лаби оби равон.
На гули рӯи ту бо сабзхати ҷамъшуда
Офтобест, ки дар бурҷи ҳамал карда қирон?
Табъи маъниасарам хавф барад аз носеҳ,
Зани зоянда тааммул кунад аз онакалон.
Ман ба як дил накунам қатъи назар аз зулфат,
Эй фидоят дили Шоҳину дили халқи ҷаҳон!

**ф ф ф**

Ба ҳавои лабу дандони ту, эй офати ҷон,
Гаҳам аз дида чакад лӯълӯъ, гоҳе марҷон.
Ишқ бар ҷони ман он мекунад имшаб, ки агар
Бар дили кӯҳ кунад, кӯҳ дарояд ба фиғон.
Оташин рӯи ту оташ ба ниҳодам мезад,
Аз сари зулфи ту гардам, ки даромад ба миён.
Он шаби тира, ки зулфат ба сар андохт маро,
Гар шикоят кунам, эй моҳ, надорад поён.
Сарвро бо қади дилҷӯи ту нисбат нарасад,
Сарв нахлест ба ҷо мондаву қадци ту равон.
То задам бӯса чу соғар ба лаби нӯшинат,
Чун сурохӣ ҳама хуни дилам ояд зи даҳон.
Хоҳад аз сарсари ҳиҷрони ту аз по афтад,
Ҳайф аз қомати Шоҳин, ки дарахтест ҷавон.

**ф ф ©**

Бурида бод забони суханварони замон,
Зи бас ба таънаи Шоҳин кушудаанд даҳон.
Хирад кай аз сари тавфиқ мекунад инсоф,
Шавад ба дидаи таҳқиқ ин нуҳуфта аён,
Ки зери сақфи сипеҳру фарози саҳни замин,
Кадом арсаи гетӣ, куҷо басити ҷаҳон,
На дар маҳосини атвораш аз назар асаре,
На дар макорими ахлоқаш аз адил нишон.
Ба фарқи фалсафӣ Искандари қаламрави фикр,
Ба чашми сӯфия дорои кишвари ирфон.
Ба коми аҳли иродат равони ширу шакар,
Ба ҷони мункири бадбахт дарди бедармон.
Зиҳӣ камол, фаё,[1] марҳабо, намебинам,
Таборакаллаҳаш аз ғайри бандагӣ нуқсон.
Чӣ мекунӣ гила аз мардуми замон, Шоҳин,
Ба гӯши хар натавон дод ҳарза бонги азон.
Гузор, то ки занад шиква аз ту аҳли ҳасад,
Саги гурусна биҳил, то бияфшурад анбон.

1. Ҳиссачаи арабии нидо, ки муродифи тоҷикияш «Эй!» аст.

**ф ® ф**

Афзуние ба ёди ту то чанд костан?
Ҷуз ту касе туро натавонад сипостан.
Дар сина доғи ишқи ту чун нақш дар нигин,
Дар дида акси рӯи ту чун дар либос тан.
Оғӯши ман канори туро ин масал бувад,
Дилро ҳисори синаву ҷонро асоси тан.
Эй осмони кинавару чархи пурситез,
То кай ситеза сохтану кина хостан? I
Бадри тамом будаму дардо, ки чун ҳилол
Бигзашт аз ҷафои ту умрам ба костан. \
Дониста неҳ қадам, ки чу ашк андар ин тариқ
Аз по фитодан аст, зи ҷо барнахостан.
Шоҳин, биҳил, ки мо гуле аз боғи дигарем,
Моро ба дигарон натавонӣ қиёстан.

**Ф 0 ©**

Саросар оинаболида аст пайкари ман,
Ба ҳайратам, ки чӣ кас ҷилва кард дар бари ман.
Зи файзи хиҷлати ҷурм он қадар наям огаҳ,
Ҷуз ин, ки Кавсари накд аст ҷабҳаи тари ман.
Маро ҳунар ҳама сармояи сияҳбахтист,
Чӣ рангҳо, ки ба сомон накард ҷавҳари ман.
Ба базми бехудиям ҷоми бода ҳоҷат нест,
Бас аст гардиши ранге, ки баст соғари ман.
Чунон ба ҷилваи ӯ маҳви ҳайратам, Шоҳин,
Ҳазор оина ҳеҷ аст дар баробари ман.

**ф ф ф**

Маро дил мекашад имшаб ба васлат анҷуман кардан,
Ба чандин сӯз чун парвона шамъе дар лаган кардан.
Ба завқи он миён чун мӯ ба худ х,ар лаҳза печидан,
Зи лутфи он сурин ангушти ҳайрат дар даҳан кардан.
Кашидан бода аз минои ёқутӣ ба ҷоми зар,
Дар оғӯши садаф дурдона чанде аз Адан кардан.>
Надорам чун либоси зиндагӣ ғайр аз сияҳбахтӣ, |
Пас аз маргам зи хоки тира мебояд кафан кардан.
Дар ин биниш, ки дорӣ дар ғарибӣ боядат, Шоҳий,
Ба сони мардумак дар дидаи мардум ватан кардан.

**ф ф ф**

Гар чунин ояд дамодам сели об аз чашми ман,
Хонаи мардум шавад охир хароб аз чашми ман.
Ҳар касе равшансаводи нусхаи сӯзи дил аст,
Мекунад мазмуни сад бах,р интихоб аз чашми ман.
Баски мегирям ба ёди наргиси махмури ӯ,
Чун гулӯи шиша меояд шароб аз чашми ман.
Бар муҳити ашк биншонад фалакро чун ҳубоб,
Гар тариқи гиря омӯзад саҳоб аз чашми ман.
Шаб ба ёди талъати ту гар ниҳам паҳлӯ ба хоб,
Мешавад равшан саҳаргаҳ офтоб аз чашми ман.
Иқтизои ҳусни саркаш як қалам бепардагист,
Ӯ ғалат бар чеҳра мепӯшад ниқоб аз чашми ман.
Чашми ман аз ашки хунин гашта чун зарфи ҳино,
То кунӣ бар дасти худ, эй маҳ, хизоб аз чашми ман.
Баски омад бе туам паҳлӯи осоиш ба санг,
Умрҳо шуд рахт барбастаст хоб аз чашми ман.
Гар касе пурсад зи ман кайфияти тӯфони Нӯҳ,
Медиҳад, Шоҳин, гузори дил ҷавоб аз чашми ман.

**ф ф ф**

Эй хати мушкин, ватан бар тарфи рухсораш макун,
Равнақи ҳуснаш мабар, беқадру миқдораш макун.
Гарчи ту султони ҳуснӣ, дорад ӯ ҳам кишваре,
Бар азизи кишваре шукре бикун, хораш макун.
Бас бувад бемории чашмат зи ташвиши хумор,
Ёри ин нозофарин, аз ғамз бемораш макун.
Ҳусни худро ҷилва бо ҳар булҳавас, ҷоно, мадеҳ,
Нашканад то қадри коло, рӯи бозораш макун.
Гуфтамаш: - Нозуктар аст аз барги гул рухсори ту,
Гуфт: - Агар донӣ, чунин аз бӯса озораш макун.
Сабр кун бо талхии дашноми он ширинадо,
Ё умеди ком аз лаъли шакарбораш макун.
Гуфтамаш: - Шоҳин умеди бӯса дорад аз лабат,
Гуфт: - Уммеде, ки мумкин нест, изҳораш макун.

**ф ф о**

Бахри хотири шабнам вазъи ғунча пайдо кун,
Гирям бубин, яъне, тугмаи қабо во кун.
Фасли навбаҳор омад, азми сайри саҳро гир,
Ҳамчу лола якчанде фикри дафъи савдо кун.
Зарра восили хуршед мешавад, ту ҳам яъне,
Хешро ба найранге дар канори ӯ ҷо кун.
Оламе ба ёди ӯ маҳви ҳайрат аст ин ҷо,
Даҳр наргисистон аст, чашми ибрате во кун.
Аз Худо наметарсӣ, ҳоли ман намепурсӣ,
Охир ин чӣ бедод аст, андаке мувосо кун.
Ваҳ, туро кӣ гуфт охир, эй ситамгари кофир,
Дилрабову мункир шав, ҷон ситону ҳошо кун?
Арзи мову ман, Шоҳин, он қадар камоле нест,
Варна бар сухандонон хӯрда гиру расво кун.

**ф ф ®**

Эй лабат лаълу қадат сарву рухат лола барин,
Зада хат гирди рухат ҳалқа ба маҳ ҳола барин.
Шудаӣ воқифам аз камбағалӣ, варна чаро
Нест имсол ба ман меҳри ту ҳарсола барин?
Чӣ куни каттагӣ аз пушти рақибон бо ман,
Чӣ парӣ аз сари мех ин ҳама гӯсола барин?
Ба сафедӣ танат, эй он, ки гарав бурда зи барф,
Бе ту хуни дилам аз дида чакад жола барин.
Чанд дар пои ту чун обила сар монда рақиб?
Чанд бӯсида лаби лаъли ту табхола барин?
Гоҳ анбори висоли ту шикофад чун муш,
Гоҳ бодоми ту лесад сари гӯсола барин.
Доғ бар сина манеҳ ин қадарам варна зи оҳ,
Мекашам гирди ту оташ хати ҷаввола барин.,
Гардам аз нози ту з-он пас ба канорат гирам,
Набувад аз пайи дандона, бигӯ, мола барин?
Тамаи дӯстии ман макун, эй маҳ, зи рақиб,
Меҳрубонтар набувад амма ба кас хола барин.
Қадри деринагӣ андеша намо, гарчи бувад
Банда дар ишқи ту савдогари бекола барин.
Насазад даъвии Фитрат ба ту дар боби сухан,
Лоақал шеъри ту, Шохин, набувад Вола барин.

ф ф ф

Эй маҳи лоғармиёну эй бути фарбеҳсурин,
Ман ба фикри ину онам гаҳ чунон, гоҳе чунин
То шавад равшан, ки дар хубӣ яди байзо турост,
Соиди симини худ берун барор аз остин.
Мӯ бар андомам ба ранги пӯстин хезад зи рашк,
Чун туро гирад рақиб, эй маҳ, ба зери пӯстин.
Илтимоси бӯса гар хоҳам намуд аз лаъли ту,
Ё ҷавобаш гардиши чашм аст ё чини ҷабин...
Гар ту биншинӣ, нишинад сад ҷаҳон ҷон аз ясор,
В-ар ту бархезӣ, бихезад сад ҷаҳон дил аз ямин.
Умрҳо шуд меравад аз чашми Шоҳин ҷӯи об,
Боварат гар нест, эй сарви равон, боз ову бин!

® ® ф

Ку он саодат, ки нимрӯзӣ ту хуфта бошиву ман дузону
Нишаста бӯсам туро ба нармӣ, гаҳ аз кафи по,
гаҳ аз ду абрӯ.
Гузор, ҷоно, ки холи мушкин зи тарфи рӯят
канам ба дандон,
Раво набошад, ки пои зиллат ба рӯи мусҳаф
ниҳода ҳинду.
Зи дашти ҳирмон кӣ мерасонад ба самъи Лайлӣ
ниёзи Маҷнун?
Магар ки банданд номаи ӯ ба думми шеру ба
шохи оҳу.
Марост табъе бад-ин расой, марост шеъре
бад-ин равонӣ,
Ки ҳар ду бурданд гӯи сабқат зи табъи Салмон,
зи шеъри Хоҷу.
Чаро ба васли ту майли минӯву ёди ҷаннат кунам,
ки дорад
Шамими зулфат, насими ҷаннатфизои кӯят ҳавои минӯ.
Агарчи сеҳр аст шеър, ёрон, зи килки Шоҳин
ҳазар бибояд,
Кунад фузунтар аз он чӣ карда асои Мӯсо ба
сеҳри ҷоду.

**ф @ ф**

Бурд дил аз дасти ман зулфи парешони ӯ,
Кард сияҳ бахти ман наргиси фаттони ӯ.
Баски таровид шаҳд гоҳи сухан аз лабаш,
Гашт пур аз ангубин чоҳи -занахдони ӯ.
Мешиканад қадри лаъл ашки гуҳарбори ман,
Мебарад оби гуҳар лаъли сухандони ӯ.
Он ҳама лаъле, ки буд дар ҷигари ман ниҳон,
Яксара чашми тарам рехт ба домони ӯ.
Мурғи дили ман бувад, он ки зи шаб то саҳар
Нола кунад чун ҳамом бар сари айвони ӯ.
Боди сабо дамбадам қофила дар қофила
Ғолия бар Чин барад аз хати райҳони ӯ.
Оҳуи Чинро кашад пои тавахҳуш ба дом
Силсилаи турраи ғолияафшони ӯ.
Абрӯи ӯ гар кунад гӯшакашӣ чун камон,
Рахна ба дин барзанад новаки мижгони ӯ.
Гарчи ба васлам накард, шод ба дашном кард,
Дар ҳаққи Шоҳин бас аст ин ҳама инъоми ӯ.

**ф ф ®**

Қулай кардам, ки нофаҳмонда бӯсам аз даҳони ӯ,
Рамиду дод нафрин ҳарчӣ омад бар забони ӯ.
Лабаш дар ханда мерезад шакар аз ҳуққаи гавҳар,
Вале коми умедам барнаёмад аз лабони ӯ...
Ҷудо шуд аз кафам ангушту нагрифтам зи домонаш,
К-аз он дасти таманно ҳалқа гардад дар миёни ӯ.
Надонистам зи ғафлат қадри айёми висол, акнун,
Дареғ, аз ҳар кӣ меҷӯям, намеёбам нишони ӯ.
Аз он рухсори оташнок мебӯсад рақиб, овах!
Зи тоби рашк месӯзад маро оташ ба ҷони ӯ.
Зи хоки остонаш ёфтам, Шоҳин, муроди худ,
Ниҳодам чун сари ҳиммат ба хоки остони ӯ.

**ф ф ф**

Хатти ту гарди ғолия гирди қамар зада,
Аз мушки суда мӯҳр ба дурҷи гуҳар зада.
Ташбеҳ ҷуз ба ҷавҳари ҷон нораво бувад
Лаъли туро, ки ханда ба ёқути тар зада.
Чашми ту зоғакест, ки дар зери зулфи ту
Аз офтоби рӯи ту бар соя бар зада.
Эй ҷони ман тасадцуқи ҷони ту, афв кун
Ҳар кӯтаҳӣ, ки аз мани бечора сар зада.
Болои нозуки ту зи ширинии хиром
Бас укдаҳо, ки дар ҷигари найшакар зада.
Дорӣ хаёли куштани ман в-арна баҳри чист
То соид остини ду дасти ту бар зада?
Донӣ, манам ғуломи шаҳе, к-аз сари ниёз
Ҷавзо каманди чокарияш бар камар зада.
Бар ман макун ситам, ки зи дастат ба назди шоҳ
Хоҳам гирист, дасти тазаллум ба сар зада.
Эй хусраве, ки маснади қадрат чу офтоб
Бар чорумин сипеҳри улув поя барзада.
Килки қазо навишт чу туғрои давлатат,
Бар рояти ту ояи фатҳу зафар зада.
Шукри Худо, ки меҳри туро ёфт оқибат
Шоҳин, агарчи буд баловубатарзада.

**ф ф ф**

Муҳаббати ту ба ҷонам чунон асар карда,
Ки аз раҳи мижа хуни дилам бадар карда.
Сабурӣ аз ту муяссар намешавад, ки ғамат
Зиёда буд, фироқат зиёдатар карда.
Тавофи кӯи ту ҳар кас, ки азм кард, кафан
Ба ҷои ҷомаи эҳром худ ба бар карда.
Фиғони ман ба фалак рафт, бо ту дарнагирифт,
Магар, ки гӯши туро панди ғайр кар карда?
Ишораи хами меҳроби тоқи абрӯят
Зи кунҷи савмаа тақвимро бадар карда.
Ҷафо хуш аст зи хубон, вале ба ошиқи худ,
Ба ман чунон, ки ту кардӣ, кӣ ин қадар карда?
Ибо зи тарки сарам нест дар раҳи ту, ки ман
Нахуст рӯз ба ишқи ту тарки сар карда.
Нишони исми шарифи ту ёфт чун Шоҳин,
Касе, ки бар сари ҳар байти ман назар карда.

### ® ф ф

Эй ба боло чун санавбар в-эй ба ораз ҳамчу моҳ
В-эй ба болои санавбар дода маҳро ҷойгоҳ.
Ҷуз ба болои ту, рухсори ту, эй афсуни халқ,
Ҳеҷ кас дидаст дар рӯи санавбар қурси моҳ?!
Донаи холи туро нозам, ки аз ҳиҷрони он
Чеҳраи гулнори ман паҳлӯ занад бар ранги моҳ.
Хуш бихӯр хуни маро, к-Эзид ба чун ту дилбаре
Аз барои хуни манн, ҳошо, ки бинвисад гуноҳ.
Гар сари мӯ кам кунам меҳр аз маҳи рухсори ту,
Бод ҳамчун зулфи шабгуни ту рӯи ман сиёҳ.
Дил маро раҳ бо занахдони ту зад, худ шуд асир,
Рост гӯянд он чӣ: бошад чоҳкан дар зери чоҳ.
Аз чӣ рӯ сабз аст, медонӣ, хати пушти лабат,
Мехӯрад азбаски об аз чоҳи ҳайвон ин қабоҳ.
То бибӯсам ҳамчу хоки раҳ зи сумми тавсанат,
Мекунам ҳар ҷо, ки ой, хештанро фарши роҳ.
Оламе аз бӯсаву оғӯш мамнунанд, лек
Қонеъ аст аз давлати васли ту Шоҳин бо нигоҳ.

**ф ф ф**

Эй зулфи сунбулат зада бар арғувон гиреҳ,
Афканда сад гиреҳ ба раги ҷон аз он гиреҳ.
Шуд фикратам ба дил зи дами сарди носеҳон,
Чун решаҳои нахл зи боди хазон гиреҳ.
Пайвастаем гар чу тану ҷони ман, рақиб
Чун риштаи гусаста бувад дар миён гиреҳ.
Мӯе зиёда нест миёни ту, дилбаро,
Кардӣ бар он миёни камар аз чӣ сон гиреҳ?
Афтад гиреҳ ба ҷони ман аз рашк, агар сабо
Бикшоядат зи турраи анбарфишон гиреҳ.
Теғест ҷавҳарӣ ба кафи турки бодамаст,
Ё додааст чашми ту бар абрувон гиреҳ.
Чашмам сиришк бар мижа монанди соҳирон
Бандад чунон, ки туф зада бар ресмон гиреҳ.
Аз турраи ту риштаи фикри маро фитод,
Чун он ки бар каловаи бевазанон гиреҳ.
Шоҳин зи тирабахтӣ агар шиква сар кунад,
Афтад чу тори зулфи туаш бар забон гиреҳ.

**ф ф ф**

Чу рабудаӣ дили ман ба тариқи ошноӣ,
Зи ту ҳошалиллаҳ акнун, ману тоқати ҷудоӣ.
Ҳама нозиву такаббур, ҳама ҷавриву тазаллум,
Дили оламе, надонам, ба чӣ шева мерабоӣ?
Надиҳам зи даст домони ту, то бувад маро ҷон,
Ки агар равӣ, дигар бор чу умр барнаёӣ.
Бикушой турра, яъне бинамой чеҳра, яъне, •
Ки расам ман аз шаби тира ба рӯзи рӯшноӣ.
Аҷабам, ки бо ту дорад сари ихтилот зоҳид,
Магар аз ту ком гирад ба фусуни порсоӣ?
Паи чораи муҳаббат чӣ раҳи илоҷ пӯям,
Ки муқаррарам шуд акнун, ки ту дарди бедавоӣ.
Макун орзуи дигар чу ҳавои ӯст бар сар,
Ба санам чӣ кор дорӣ, ту ки бандаи Худоӣ.
Ману иштиёқи дидор, рақибу хаёли дигар,
Зи ту ҳар диле хаёле, зи ту ҳар саре ҳавое.
Караме, ки банда Шоҳин бари гул ба сони булбул,
Чӣ хуш аст агар ту бошӣ, кунад ӯ ғасалсароӣ.

**ф @ ф**

Эй ки набвад чун дили сахтат ба сахтӣ хорае,
То кай ин сангиндилӣ дар бораи бечорае?
Дил ҳазорон пора хоҳам кард аз теғи ғамат,
То диҳам пайванд бар ҳар тора мӯят порае.
Баски доғат бар дилам чун собит, эй маҳ, нақш баст,
Мечакад ҳар ашки ман аз дида чун сайёрае.
Аз заифӣ дар такопӯи ту, эй мижгонбаланд,
Аз асо холӣ намебинам-кафи назорае.
Бегумон дил аз бари ушшоқи мискин мебарад,
Нест ҳамчун турраат дар дилбарӣ таррорае.
Дид чун дил дар даҳон омад маро аз ғусса, гуфт:
— Шӯъла дар минқор дорад мурғи оташхорае.
Ку диле, к-оворагарди кӯчаи зулфи ту нест,
Эй муқими ҳар хами зулфат дили оворае.
Модари гетӣ зи бас хушк аст пистонаш зи шир,
Мемакад ангушти ҳасрат тифли ҳар гаҳворае.
Бар ҳалоки ҷони ӯ ҳаргиз нахоҳам ҳукм кард,
То хадангат аз дили Шоҳин нагирад порае.

**ф ф $**

Имшаб чӣ шаб аст ин, ки дар оғӯши ман астӣ,
Дар сина чу дил, балки чу ҷон дар бадан астӣ!
Шабнамсифат аз рӯи ту фирдавс ниҳон аст,
Эй тозагул, охир, зи кадомин чаман астӣ?
Умр он ҳама норафта, ки реше бадар орам,
Кан решаи ҷони ман, агар решакан астӣ.
Ту шамьиву парвонасифат гирди ту гардам,
Чандон, ки ба ҷону дили ман шӯълаЗан астӣ.
Ин Кавсари накд аст, мапиндор даҳбнаш
В-ин чашмаи Замзам, на ки чоҳи зақан астӣ.
Беҳуда қадам вомагузор аз дили Шоҳин,
Азми сафарат чист, ки хуш дар ватан астӣ!

❁ ❁ ❁

Ба тарки эътибор он беҳ, ки озоде қарин афтӣ,
На к-аз шӯҳрат ба ранги ном дар банди нигин афтӣ.
Ту нодониста ҷо, биншастӣ, эй чини ғазаб варна,
Табассум будаӣ, ҳар гаҳ, ки бар лаб аз ҷабин афтӣ.
Туро, эй мулки ҷону дил, мусаххар то чӣ бархезад,
Ба иззи салтанат дар базми мо маснаднишин афтӣ.
Чу зад паҳлӯ ба бистар, ман зи пешу пас гумон кардам,
Ба тарзи маслиҳат гуфтам: - Чунон. Гуфто:
- Чунин афтӣ.
Ба тавсифи миёни ӯ қадам поён манеҳ, Шоҳин,
Мабодо аз кафал лағживу бар чоҳи сурин афтӣ.

**Ф Ф Ф**

Аз сари хеш чаро зулф ба по афкандй,
Боз рӯзи сияҳе бар сари мо афкандӣ?
Мӯниси дарду ғам, эй ҷон, дилаке буд маро,
Даррабудӣ зи бари ман, ба куҷо афкандӣ?
Дӯш дар турраи ӯ даст задам, гуфт ба ноз:
Хештанро зи чӣ дар доми бало афкандӣ?
Теғ бастиву задам фол паи марги рақиб,
Чун бидидам, ба ҳамон теғ маро афкандӣ.
Кардӣ аз бӯса тамаъгинаму ранҷидӣ, лек
Оҳ аз ин ҳилаам, аз хеш ҷудо афкандӣ.
Новаки ишва ба абрӯи камондори ту буд,
Рост гӯ, эй бути бераҳм, киро афкандӣ?
Эй шаҳи кишвари хубӣ, набувад мӯҷиби ор,
Аз карам гар назаре сӯи гадо афкандӣ.
Пешпо додиву омад сари ман аз қадамат,
Эй фидои ту сарам, сахт ба ҷо афкандӣ.
Он сурину кафали туст ва ё кӯҳеро
Ба яке мӯй бубастӣ, ба қафо афкандӣ?
Тан намедод ба ишқи ту дили саркаши ман,
Оқибат дар раҳи таслиму ризо афкандӣ.
Рост бар синаи бекинаи Шоҳин омад
Ба масал тири ҷафое, ки хато афкандӣ.

**Ф Ф ©**

Эй рабуда дилам ба айёрӣ,
Дилбарӣ, лек турфа таррорӣ!
Эй ҳазорон ҳазор ҷони азиз,
Аз ғамат ӯфтода дар хорӣ.
Гарчи хубит аз ҳад афзун аст,
Аллаҳ-аллаҳ, макун ҷафокорӣ,
Гар ту з-ин ҳусни бениҳояти хеш
Ба шиори вафо сазоворӣ.
Эй лабат рашки лаъли румонӣ
В-эй хатат насхи мушки тоторӣ.
Ҳар насиме, ки чун дили ушшоқ
Дар хами турраи ту шуд сорӣ,
Дур набвад ба чорсӯи Хитой,
Ки кушояд дукони атторӣ.
Гар дилам шуд зи устувории фикр
Меҳвари осмони ҳушёрӣ,
Туаш аммо зи кӯдакии мизоҷ
Гӯйӣ чавгони лаъб пиндорӣ.
Ба ту лозим, ки ҳамчу зулфи худаш,
Ба ду дасти адаб нигаҳ дорӣ.
Юсуфи Мисри фазл шуд, Шоҳин,
Ту Азизӣ, намо харидорӣ!

**0 Ф ®**

Ба юки сина кун ҳоли дили ошуфта тақрире,
Ки хоби зулфро аз шона меҷӯянд таъбире.
Бинозам ҳуснро, к-аз хатти мушкин кард он ораз,
Ниҳод аз соя чун бар гардани хуршед занҷире.
Манеҳ пои талаб, то раҳ напӯяд бар дари масҷид,
Маҳил дасти иродат, то нагирад домани пире.
Ба арзи печу тоби турраат ҳамдарди занҷирам,
Надорад ҳарфи ман ҷуз дар дили девона таъсире.
Куҷо Беҳзод, Шоҳин, баркашад мӯи миёнашро,
Магар аз хатти мавҳуме намояд килк тасвире.

ф ® ф

Ҷонҳо фидои ҷони ту, эй ҷони зиндагӣ,
Боз о, ки нест бе туам имкони зиндагӣ.
Бошад хати ту сабзаи сарчашмаи ҳаёт,
Бошад лаби ту лаъли Бадахшони зиндагӣ.
Эй марг, чун ба тафриқа сулҳам намекунӣ,
То чанд дасти мову гиребони зиндагӣ?
Паймонае бинӯш, ки даврон ғанимат аст,
Эй бехабар зи ҳастии паймони зиндагӣ.
Шоҳин, даруни хона ба ҷуз гӯри танг нест,
Охир, чӣ мезанӣ дари сомони зиндагӣ?

**ф ф ф**

Эй он, ки туро нест назиреву мисоле,
Аллоҳ, мабинод камоли ту заволе.
Ҳар дам ба висолем, сухан аз сари шавқ аст,
Мо аз ту ба фикреву ту аз мо ба хаёле.
Як раҳ зи рахи лутф қадам неҳ суи бемор,
К-ин дил шуда маҷрӯҳ зи ғам ҳол ба ҳоле.
Гар муддаии васли ту имрӯзу пагоҳам,
Эй кош муяссар шавадам дар маҳу соле.
Шоҳин, ба сари хома, ки машшота кунй, кун,
Рухсораи авроқ надорад хату холе.

### ф ф ф

Эй дар чамани ҳусни қадат тоза ниҳоле
В-аз оинаи рӯи ту хуршед мисоле.
Дидам ба хами зулфи туву чашми ту, гуфтам:
«Дар сояи шамшод ғунудаст ғизоле».
Ҳоил шуда дар байни ҷабини рухат абрӯт,
Чун дар васати Зӯҳраву Хуршед ҳилоле.
Моем ба дунболи ту ҳар кӯча давидан,
Кӯшидани ботил ба таманнои муҳоле.
Он кист, ки аз давлати васли ту тавонад,
Будан чу мани ғамзада қонеъ ба хаёле.
Гӯям ғами дил бо ту ба шарте, ки нагирад
Оинаи табъи ту зи ман гарди малоле.
Инам, ки ба шабҳои фироқи ту тани ман
Аз мӯя чу мӯе шуда, аз нола чу ноле.

© © ©

Биё, то бо ҳам омезем ранги бодаву ҷоме,
Диҳем оғози касратро зи кори ваҳдат анҷоме.
Чӣ сон дур аз ту, ҷоно, чашми тамкин доштан аз ман,
Ки бе васли гуҳар ҳаргиз надорад баҳр ороме.
Бинозам, к-он баҳори ҳусн ҳангоми хиромидан
Чаманҳо нақш мебандад, агар вомениҳад гоме.
Туро мебояд аз нақши нигин омӯхтан ибрат,
Ки ғайр аз ҷонканӣ сомон надорад пешаи номе.
Ба исён ноумед аз раҳмати Яздон машав, Шоҳин,
Ки ин ҷо сад саҳар гул мекунад аз пардаи шоме.

**$ $ ф**

Эй беҳтар аз фариштаву бартар зи одамӣ,
Ақли мусаввариву равони муҷассамӣ.
Мо мубталои ранҷу ту бар ранҷ роҳатӣ,
Мо дардманди ишқу ту бар дард марҳамӣ.
Таьвизи ҷони худ зи ту хоҳем аз он, ки ту
Гар ҷисми хокиӣ, ба шараф исми аъзамӣ.
Аз даъвии субот ба як ҷуръа сулҳ кун,
Эй маҳзари навишта, ту мавқуфи хотамӣ.
Ғофил аз он, ки нақш бар ин сикка барканaнд,
Чун нақши сикка дар талаби симу дирҳамӣ.
Инак, туро талиаи меҳр аст дар камин,
Эй он, ки хуфта дар варақи гул чу шабнамӣ.
Шоҳин, ҳадиси ишқ фурӯ хон аз он, ки ту
Дар сирри ҳар чӣ ҳаст, дар ин парда маҳрамӣ.

**ф ф ф**

Нозанин дилбарако, чанд ба ман ноз кунӣ?
Банди тунбон ба канори дигарон боз кунӣ?
Ман, ки тухм аз таҳи лаклак ба шатал бистонам,
Ту чунон шӯъбадабозӣ, ки маро гоз кунӣ.
Ваъдаи ҷӯрагӣ, эй дилбари покизагуҳар,
Одамизода қаҳат зад, ки ба сарбоз кунӣ?
Зоҳид, аз бодапарастон чӣ шунидӣ, ки мудом,
Ҳар куҷо давра шавад, шиква зи носоз кунӣ?
Эй хурӯси саҳарӣ, чист ба ман кинаи ту,
Ки шаби васл саҳар ношуда овоз кунӣ?!
Маҳрами роз туро ҳамчу мане мебояд,
Ҳайф бошад, ки ба ҳар нокасу кас роз кунӣ.
Ваъдаи бӯса намудӣ ба ману ҳам ба рақиб,
Ваҳ, чӣ сон гар талаби ҳақ кунам, иқрор кунӣ.
Бишнавам панди ту, воиз, ба масал саблати хеш
Ҳамчу мӯи сари мотамзада зан ғоз кунӣ.
Ҳаргиз осон зи кафи ман натавонӣ растан,
Гар пару бол бурун ориву парвоз кунӣ.

**ф ф ф**

Эй рашки парӣ, ғайрати хубони ҷаҳонӣ,
Хубон ҳама ҷисманд, дар он ҷисм ту ҷонӣ.
Исо наӣ, аммо агар аз ишқи ту мирам,
Хоҳӣ, ки ба як ишва кунӣ зинда, тавонӣ.
Соқӣ, агарат ҳаст ба сар бода кашидан,
Таҳҷуръаи худ бо мани махмур чашонӣ.
Чун кокули мушкин ба чунин ҳоли парешон
Дунболи худам то каю то чанд кашонӣ?
Аз нуқли лабаш гар шиканам рӯза, макун манъ,
Эй зулф, ки бар ҳайати шоми рамазонӣ.
Ҳаргиз накунад бори ғами ишқи ту, ҷоно,
Бар хотири ғамдидаи ушшоқ гаронӣ.
Эй дӯст, ба пирӣ бирасӣ, марҳамате кун,
То бархӯрам аз давлати васлат ба ҷавонӣ.
Ҳинду ба лаби чашмаи Кавсар набарад роҳ,
Эй хол, ту дар кунҷи лаби ёр чӣ сонӣ?
Шоҳин ҳама ҷо мадҳу санои ту бихонад,
Бошад, ки туаш ҳам зи раҳи лутф бихонӣ.

**ф ф ®**

Эй ғарра ба афсонаи айёми ҷавонӣ,
Халқе зи ғамат пир шуд, ин турфа надонӣ.
Маълуми ту ҳолам нашуд аз номаву пайғом,
Боз о, ки кунам шарҳи ғами хеш забонӣ.
Баргардаму чун ашк зи домони ту гирам,
Ҳарчанд маро аз назари хеш биронӣ.
Онам, ки сари худ накунам аз қадамат дур,
Чун зулф агар дар қадами хеш кашонӣ.
Озодии моро зи ту беҳтар санаде нест,
Эй хатти рухи ёр, ки тавқеи амонӣ.
Бе ғолия дар чини сари зулфи ту бигзашт,
Моно, ки кунад боди сабо мушкфишонӣ.
Аз зулфи худу рӯи худ, эй шӯх, диламро
Бо мӯй кашониву ба оташ бинишонӣ.
Дар васфи ҷамоли ту надонам чӣ нависам,
Он чӣ ба тасаввур гузарад, беҳтар аз онӣ.
Қосид, бубар аз ман варақе ҷониби ҷонон,
Гарчанд ба ҳар гом задан ҷон бiситонӣ.
Пандам нашунидӣ ба вафо ҳеҷ, магар кард
Ин дурри гаронсанг ба гӯши ту гаронӣ?!
Шоҳин, ки чу ӯ табъи равон нест касеро,
Гӯӣ, зи қади сарви ту омӯхт равонӣ.

## ф 0 ф

Дилам рабудиву дар қасди бурдани ҷонӣ,
Агар ғалат накунам, сахт номусулмонӣ.
Ман аз ҷафои ту чун рахт баркашам зи ҷаҳон,
Туро чӣ суд пас аз марги ман пушаймонӣ?!
Расидааст ба лаб ҷонам аз машаққати ҳаҷр,
Биё, ки дар қадамат ҷон диҳам ба осонӣ.
Ҷуз ин қадар набувад хубии туро нуқсон,
Ки қадри ошиқи мискини худ намедонӣ.
Фитодааст ба дасти сабо чу хотири ман,
Ба турраи ту муборак шавад парешонӣ.
Зи пушти туст рақиби даҳанкалон, в-арна
Ба ман ту, эй бути олуфта, боби дандонӣ.
Зи бас ҷафои ту бар ошиқон зи ҳад бигзашт,
Ниҳод қоидаи ишқ рӯ ба вайронӣ.
Гирифт мавҷаи ашкам чу абр домани баҳр,
Ҳанӯз, эй бути ман, ҳамчу ғунча хандонӣ.
Туро чӣ фоида аз ошноии ағёр,
Ҷуз ин, ки хотири ушшоқи худ биранҷонӣ.
Гадоии сари кӯи ту ҳар кӣ ҳосил кард,
Ба ними ҷав нахарад шавкати Сулаймонӣ.
Зи юмни тарбияти хусрави ҷаҳон, Шоҳин,
Шуда мусаххари ту кишвари сухандонӣ.

**«З Ф «З**

Эй ки аз қади расо ғайрати сарву чаманӣ,
Сарвӣ, эй моҳ, ба қад, лек ба ораз суманӣ.
Лабу дандони ту, эй сарвқади симандом,
Беҳтар аз лаъли бадахшониву дурри аданӣ.
Лаби майгуни ту аз ғояти сурхӣ, ки дар ӯст,
Натавон фарқ намудан зи ақиқи яманӣ.
Эй сияҳчашм, аҷаб нест, ки дар дида кашад,
Аз ғубори қадамат сурма ғизоли хутанӣ.
Бар сари кӯи ту, бигзор, қароре гирам,
Умрҳо шуд, ки малулам зи ғами беватанӣ.
Гуфтамаш: - Шонасифат панҷа ба зулфи ту занам,
Ханда зад, гуфт: - Илоҳӣ, ба бало панҷа занӣ!
Гуфтамаш: - Бӯса бидеҳ аз лаби худ. Гуфт: - Чаро?
Гуфтамаш: - Зар биниҳам дар кафи ту. Гуфт: - Канӣ?
Кард хосияти лаъли лаби ҷонон, Шоҳин,
Тӯтии табъи маро шӯҳра ба шакаршиканӣ.

$ $ ©

Наям ман ҷуз ҳамин оворгарди кӯҳу ҳомуне,
Зи худ бегона, яъне Лайлиеро гашта Маҷнуне.
Дили ман бӯсаи дашномомези ту меҳоҳад,
Ба тахмири гулу қандам макун таклифи маъҷуне.
Ба вазъи матлаб аз кайфу ками имкон қаноат кун.
Ки ин ҷо ҳеҷ кас воқиф нашуд бар чандеву чуне.
Таҳайюр гаҳ зи чашмакҳои ашкам анҷум орояд,
Сазад, гар гардиши рангам кунад таъмири гардуне.
Ба тақлиде чӣ сон шоистаи таҳқиқ гардидан,
Ки натвон ворасид эъҷозро аз роҳи афсуне.
Чӣ гӯям аз расоиҳо, ки чун сарвам дар ин гулшан
Ҷуз аз беҳосилӣ сомон надорад табъи мавзуне.
Зи шуғли нола фориғ нестам, то зиндаам, Шоҳин,
Ки мебошад нафас дар синаам чун тори қонуне.

**ф ф ®**

Он на зулф аст, ки бар чеҳра барандохтаӣ,
Халқро рӯзи сиёҳе ба сар андохтаӣ.
Ман туро мардумаки дидаи худ медонам,
Ту маро ҳамчу сиришк аз назар андохтаӣ.
Аз хатти сабз, ки бар тарфи узори ту дамид,
Анбарин ҳола ба даври қамар андохтаӣ.
Аз камонабруи худ бар ҳадафи синаи ман
Тир андохта аз пай, дигар андохтаӣ...
Як тараф меҳнати ҳиҷрону дигар таъни рақиб,
Бар сари ман чи балову батар андохтаӣ.
Гашт то лаъли шакарвори ту моил ба сухан,
Фитнаи тоза ба ҳар раҳгузар андохтаӣ...
Ба шакархандаи лаъли лаби худ Шоҳинро
Намаки суда ба реши ҷигар андохтаӣ.

**ф ® ф**

Мӯҳтасиб манъи ғалат мекунад аз хӯрдани май,
Зуққуҳ ан тулқиҳу лав кона замона фаъалай.[1]
Гарчи аз хӯрдани май манъ кунад зоҳири шаръ,
Инна ман яъшақу лав ясқиҳу, ло баъса ладай.[1 2]
Гар диҳӣ коми дилам, толибам аз ҷон, аммо
Чи тавон кард, муяссар нашавад ҷои қулай.
Медиҳад ранги гул аз тарфи узори ту шафақ,
Мезанад бӯи абир аз хами зулфи ту тулай.
Таби ҳаҷри ту маро ҳаст дар айёми фироқ,
Хуштар аз оташи афрӯхта дар мавсими дай.
Сӯзиши ҳаҷри туро чора ҳамон дарди дил аст,
Лайса лилҳарқати мо йаълиҷуҳо иллалкай.[3]
Ишрате беҳтар аз ин нест, ки аз дасти нигор
Бикашӣ ҷом ба овози дафу нағмаи най.
Гуфтамаш: - Бӯса бидеҳ. Ханда заду гуфт: - Чаро?
Гуфтамаш: - Ваъда накардӣ? Ба ғазаб гуфт, ки: - Кай?
Ҳирси Шоҳин ба висолат сабаби ҳирмон шуд,
Хӯрдани бода зи ҳад беш, бале, орад қай.

1. Онро бичаш, агар ӯ (мӯхтасиб) омад, ҷавобашро ба зиммаи ман гузор.
2. Онро агар касе бирезад, ки ишкварзӣ мекунад, барои ман кори бад нест.
3. Барои сӯхта дигар давое нест, магар сӯзонидан.

**ф ф ®**

Туй, ки коми ман, эй шӯхи хушкафал, надиҳӣ,
Муроди хотири ушшоқи камбағал надиҳӣ?
Зи рӯи лутф ба дашноми талх шодам кун,
Агарчи бӯса зи лабҳои чун асал надиҳӣ.
Нахоҳӣ он, ки шавад рӯзгори халқ сиёҳ,
Инони ғамза бар он чашми муктаҳал надиҳӣ.
Чӣ сон зи васли ту хоҳам канори кори дигар,
Ба бӯса коми мани хаста лоақал надиҳӣ?
Чӣ гуна кӯҳи сурини туро кунам тавсиф,
Ки Рахши фикри маро роҳ бар кутал надиҳӣ?
Маро чу навбати васл имшаб аст дар ҳама умр,
Ту он намой, ки айши маро халал надиҳӣ.
Дилам зи ишқи ту хун шуд, ба туррааш биспор,
Қадаҳ пур аст, Худоро, ба дасти шал надиҳӣ.
Туро ба ин тани нозук рақиб дархӯр нест,
Чӣ мешавад, ки ба ин аблаҳи дағал надиҳӣ?
Рақиб ишқ надорад, маҷӯ дилаш ба висол
Бар он давоҷаи фазлат, ки бо касал надиҳӣ.
Ба шила дил зи ту, Шоҳин, рабудӣ он рӯхар,
Кунун бикӯш, ки ҷон аз раҳи шатал надиҳӣ.

# ҚАСИДАҲО

## ДАР МАДҲИ АМИР

Атоно замону минаддаҳри асфо,
Касимои салмо ва ваҷҳи салимо.
Замон биҳи тахфируларзу тариан,
Каваҷҳилҳабиби изо мо талаҳҳо.[1]
Расидаст навбат, ки абри баҳорӣ,
Садафро кунад пур зи лӯлӯи лоло.
Чаманро диҳад об чун чашми Вомиқ,
Суманро диҳад тоб чун зулфи Узро.
Ниҳад лолаву сабза лаълу зумуррад
Ба домони кӯҳу гиребони саҳро.
Ҳаме барфурӯзад гули сурх ораз,
Ҳаме барфарозад сиҳӣ сарв боло.
Кунад абр рухсораи гул мунаввар,
Кунад бод гесӯи сунбул мутарро.
Ҳаме наргис орад булурина соғар,
Ҳаме гунча гирад зуҷоҷина мино.
Дар ин ахд табъи маро мадҳи Султон,
Кааннаҳ набизун язуқу ва йалхо.[1 2]
Ало шаҳриёре, ки дасту дили туст,
Яке ғайрати кон, дигар рашки дарё.
Бинозад маҳу меҳр бар тахту бахтат,
Зиҳӣ тахти олӣ, зиҳӣ бахти воло.
Ба маншури иқболу тавқеи давлат
Нигорад Аторуд ба номи ту туғро.
Туро гашта атрофи олам мусаххар,
Туро гашта асбоби шодӣ муҳайё.

---

1. Замона барои мо аз (чизҳои) дунё софтаринашро овардааст, чун чехраи ёри зебо ва рӯи салим (исмҳои хос будани Салмо ва Салим низ истисно нест).
   Замона таровати заминро бо он тару тоза нигоҳ доштааст,
   Чун рухи ҳабибе, ки акнун хат баровардааст.
2. Мисли он аст, ки шароб завки дӯст доштанро падид меорад.

Ба мӯҳрат ҳавошии ҷонҳо мувашшаҳ,
Зи кинат амории дилҳо муарро.
Русуми салотини мозӣ якояк
Пазируфт дар рӯзгори ту имзо.
Зи бас хидмате н-ояд аз дасти Шоҳин,
Ки шоиста афтад ба раъйи муалло,
Нигорад ба мадҳи ту з-ин сон қасоид,
Ки чун ғурраи субҳи ид аст ғарро,
Ҳаме то занад достоне ба маҷлис,
Дам аз водии Айману Тури Сино.
Бувад чеҳраи давлату рӯи бахтат
Фурӯзанда ҳамчун кафи дасти Мӯсо.

## ДАР МАДҲИ АМИР

Ҳуснат фузуду меҳри ту кам шуд зи ошиқо,
Алъона мо нурику камо кунта собиқо.[1]
Донистам он, ки бо ту вафо нест, варна ман
Карран ахазту минка алалаҳди мавсиқо.[1 2]
Мо борҳо муоҳада кардем бо ту, лек
Мо кунти билуҳуд камо кунти восиқо.[3]
Гуфтӣ ба васли хеш навозам туро шабе,
Ҷаррабту мо ваъадти биҳи ласти содиқо.[4]
Дил барнадорам аз ту, агар ҷон диҳам, зи бас
Қад ашкалат алаййа каашкол мантиқо.[5]
Кам кун ҷафо, ки аз ту шикоят ҳамебарам,
Индаламир из ҳува биладл фоиқо.[6]

1. Ҳоло мо туро ба ҳамон сурате мебинем, ки дар собиқ будӣ.
2. Дар бозгашт аз ту дар бораи аҳд паймон мегирифтам.
3. Дар ваъдаҳои худ ҳамчунон устувор набудӣ ва нестӣ.
4. Санҷидаам, ки ба ваъдахои худ ҳаргиз содиқ нестӣ.
5. Мантиқ барои ман чун ашкол нофахмост.
6. Назди амир, агар ӯ дар адл баланд аст.

Шохе, ки аз сиёсати ӯ бехтар аз анис
Инналбуюта йаҳрусу ман кона сориқо.[1]
Шоҳаншаҳе, ки миҳчаи тӯғаш чу офтоб,
Йамҳуззалом мин дуҷуниддаҳр биллиқо.[1 2]
Гардун ба ҷои об кунад пур зи шаҳци ноб,
Лав қола лиссиқояти билмоъ идҳиқо.[3]

## ДАРМАДҲИАМИР

Эй фурӯхишта зи сунбул ба рухи лола ниқоб,
Эй зи ёқути тар оварда ба рӯй анбари ноб.
Аз ҳаё рӯи ту, эй он, ки намояд гули нор
В-аз арақ соқи ту, эй он, ки таровад симоб.
Рӯи гулнории туст он, ки кашад аз гул нор,
Соқи симобии туст он, ки барад аз сим об.
Бар убур аст ҳино дасти туро оби ақиқ,
Ё шуд аз хуни шафақ панҷаи хуршед хизоб.
Сарви болои ту гӯист дарахти симин,
Зулфи шамшоди ту гӯист муанбар лаблоб.
Каъбаро ҷуз сари кӯи ту набошад манзил,
Қибларо ҷуз хами абрӯи ту набвад меҳроб.
Фитна дар хоб шуд аз наргиси мастат бедор,
Кас надидаст чунин фитнаи бедор ба хоб.
Доғам охир ба шакархандаи лаъли намакин,
Кам нашуд наргиси махмури туро заҳри итоб.
Мункиронро рухат аз хат ба яҳудӣ гӯӣ,
Яди байзои Калим аст баровард китоб.
Хати рӯят, ки ҳиҷоби назари ахёр аст,
Хори чинист, ки аз боғ кунад манъи давоб.
Чун қадаҳ бӯса ба лаъли ту зад, аз ҳасрати он
Меравад хуни дил аз дида ба минои шароб.

1. Хонаҳоро касе посбонӣ мекунад, ки дузд буд.
2. Зулмоту тирагии дунёро бо разм махв месозад.
3. Агар гӯяд, ки (онро) бо об лабрез кунанд.

Ҳалқа дар даври рух аз зулфи мусалсал макшо,
То тасалсул накунад шом ба даври маҳтоб.
Барнадорам дил аз он донаи холи лаби лаъл,
Гарчи гардад ба сарам чархи зумуррад дӯлоб.
Дил агарчанд наҳанг аст, наховад растан,
Чун хамир аст сурини туву кокул қуллоб.
Гар муяссар шавад ангушт ниҳам бар қоқум,
Дӯши нарми ту, ки паҳлу назанад бар санҷоб.
Чанд шабҳо зи ғамат сӯзам чун шамъи саҳар,
Сар ба байғулаи пайғора ниҳам, дурри наёб.
Нест чун доғи ғаме, к-аз дили ман мерезад,
Хуни ашке, ки дар оташ чакад аз чашми кабоб.
Мондам аз пой ба савдои висолат, баргир,
Рафтам аз даст зи яғмои фироқат дарёб.
Обам аз сар ба таманнои ту бигзашт саҳар,
Лек комам нашуд аз васли ту тар ҳамчу сароб.
Мекунам мояи ҷон пешкаши макдами ту,
Мекунӣ боз чаро ин ҳама чун умр шитоб.
Чӣ шавад, к-аз шиками бат бикашӣ чашми хурӯс
В-аз сари тор ниҳӣ силсила дар пои рубоб.
То ба сози сухан аз замзамаи мадҳи касе
Зӯҳраро захма занам дар раги ҷон чун мизроб.
Кист он, к-ӯ сазадаш ақли кул аз рои савоб,
К-аз паи ҷузъии ҳар амр кунад истисвоб.
Хоҳад асбоби мабонӣ зи шиораш автод,
Ҷӯяд автоди маонӣ зи шуураш асбоб.
Марҳабо, эй, ки бурун бурда макорим зи шумор,
Ҳаббазо, эй, ки фузун карда маҳосин зи ҳисоб.
Эй, зи арбоби хирад бурда гарав аз ҳама ваҷҳ
В-эй ба асҳоби ҳунар дода сабақ дар ҳама боб.
Ҳар куҷо фикри ту чун баҳр гуҳар афшонад,
Мениҳад косаи дарвеза садаф ҳамчу ҳубоб.
Он чӣ абкори маонӣ, ки бувад парданишин,
Бо ту дар ҷумлаи андеша кунад рафъи ҳиҷоб.
Кард бурҷос ба Бирҷиси қадар хонаи қавс,

То ба тавқеи қазо номи туро дод хитоб.
Рӯзгорест, ки Авво ба сари минбари чарх
Бар кавокиб чу хатибон-т ситояд алқоб.
Осмон аст ба амри ту ҳаме дар таку дав
В-офтоб аст зи наҳйи ту ҳаме дар табу тоб.
Бахту иқбол диҳад бӯса ба дастат чу инон,
Ҷоҳу иҷлол ниҳад дида ба поят чу рикоб.
Гар кунад қасд сурури ту, ғам аз айшу сурур
Мо даноссуддата анбоқ алайҳилбаввоб.[1]
Бе ту ин хитта зи абнои замон аст ғариб
Ҳамчу гулшан, ки равад булбулу монад ба ғуроб.
Бо ту з-ин қавм ба ҳукми хирад андоза равад,
Қазяе несташон, салб кунам ё эҷоб?
То бувад хомаи Шоҳин, ки нигорад хуршед,
Иртифои фалаку мадҳи туро устурлоб.
Дӯстони ту ҳаме дар асал афтад чун мум,
Душманони ту ҳаме заҳр хӯрад чун ҷуллоб.

## ДАР МАДҲИ АМИР

Вақти он шуд, ки шавад аз асари ранги саҳоб
Осмон гоҳ пари ақъаку гаҳ боли уқоб.
Бар сари кӯҳ ниҳад бод кулаҳ қоқуми барф
В-аз дили баҳр кашад абр гуҳардонаи об.
Гоҳ аз таблаи шангарф фишонад кофур,
Гоҳ аз кӯраи зангор фишорад симоб.
Соқие ку, ки дар ин аҳд зи минои булӯр
Диҳадам бодаи ёқут ба оҳанги рубоб?
То ки дар мадҳи шаҳаншоҳи ҷаҳон афшонад
Чун садаф банда зи ҳар нукта басе дурри хушоб.
Марҳабо, хусрави офоқ, ки бахту давлат
Бод пайваста туро, он ба инон в-ин ба рикоб.

1. Ба боғе, ки дарахтони сидра дорад, наздик наметавон шуд, зеро он дарвозабон дорад.

Туӣ он моҳ, ки дар коргаҳи чархи нуҷум
Сиккаи саъд ба номи ту занад чун зарроб.
Гар мунаҷҷим асар аз нақши кафи пои ту ёфт,
Барнадорад бари хуршеди фалак устурлоб.
Осмон аст туро манзари фирӯза равоқ
В-офтоб аст туро хаймаи заррина таноб.
Ҳилми тамкини ту кӯҳест, надорад поён,
Лутфи эҳсони ту баҳрест, надорад поёб.
Ҳама фархунда ба аҳди ту, чӣ хос асту чӣ ом,
Ҳама осуда ба даври ту, чӣ шайх асту чӣ шоб.
Нест дар нола дар ин давр ба ҷуз риштаи соз,
Нест дар гиря дар ин аҳд ба ҷуз ҷоми шароб.
Ҳар куҷо азм кунӣ, бод туро азми дуруст!
Ҳар тараф рой занӣ, бод туро рои савоб!
Бод ҳар ҷо, ки бувад васфи ту унвони сухан,
Бод ҳар ҷо, ки бувад мадҳи ту туғрои китоб.
Нест Шоҳин, ки занад лофи санохонии ту,
Набувад мадҳи қамар дархӯри кирми шабтоб.
Дамбадам аз хами гардуни муқаввас ояд
Сари бадхоҳи туро девсифат тири шаҳоб.

## ДАР МАДҲИ УСТОДИ ХУД ВА ПИСАРИ Ӯ ҚОЗӢ МИР БАДРИДДИН

Эй толеъ аз ҷабини ту анвори офтоб
В-эй равшан аз замири ту асрори офтоб.
Нозад ба наъли сумми саманди ту моҳи ту,
Соянд ба хоки пои ту рухсори офтоб.
Дар ҳар қадам, ки барниҳӣ аз хона субҳгоҳ,
Бошад зи моҳ анҷумат исори офтоб.
Номи муборакат, ки бувад ҳирзи ҷони ман,
Бисмиллаҳест бар сари тӯмори офтрб.
Бар сатҳи чарх ноз напарварда дар канор
Чун нуктаи вуҷуди ту паргори офтоб.
Ҷинси нафиси меҳри ту, ки зарра густурад,

Хоҳад шикаст равнақи бозори офтоб.
Охир ба толеи ту барояд, агар, намуд
Сайри буруҷ кавкаби сайёри офтоб.
Аз осмон бақои ту хоҳад ба сад ниёз,
Орад чу субҳ рӯй ба девори офтоб.
Шоҳин ғуломи туст, маяндозаш аз назар,
К-аз зарра маслиҳат набувад ори офтоб.

## ДАР МАДҲИ АМИР МУЗАФФАР

Касе мабод чу зулфи каҷат парешондаст,
Ки гаҳ барад суи дил дасту гаҳ суи ҷон даст.
Аз он ба санг занам тешаи умед, ки ту
Намебарӣ суи паймона баҳри паймон даст.
Чу шохи гул, ки насимаш ба рӯи сабза кашад,
Худойро, ба ман, эй сарвқад, маяфшон даст.
Чи сон зи нахли қадат бар хурад, ки осон нест
Ба шохае, ки набудаст, бурдан осон даст.
Ҳамомакӣ сари гесӯ, дареғам ояд аз он,
Ки зангие зи чӣ шӯяд ба оби ҳайвон даст?
Ҷафо бурун мабар аз ҳад, вагарна хоҳам зад
Ба зайли отифати шаҳриёри Тӯрон даст.
Рафеъпоя амирӣ, ки баҳри хидмати ту
Ба рӯи сина гузоранд шаҳриёрон даст.
Рабуда куббаи чатрат зи фарқи меҳр кулоҳ,
Фишурда пои сарират ба фарқи кайвон даст.
Ба ҷомае, ки тирозад фалак ба душмани ту,
Ба ҷои тугма занад бахя бар гиребон даст.
Зи мидҳати ту як ангушт руқъа натвонам,
Бувад агар ба ҳар ангушти ман ҳазорон даст.
Агар ба мадҳи ту дастонсаро шавад Шоҳин,
Барад ба ҳусни суруд аз ҳазордастон даст.



*Пора аз як қасидаи Шоҳин (дастхатти №1075)*

## ДАР МАРСИЯИ ДӮСТИ ХУД ШОИРИ
### ноком иноят

Чун маҳ ба даври чарх ҳар он кас камол ёфт,
Ҷуз костан аз ӯ натавон чун ҳилол ёфт.
Ҳар фикр аз ӯ гузошт ба хотир, хато гирифт,
Ҳар рой аз ӯ гумошт ба ботин, муҳол ёфт.
Аз лутфи табъ равнақи чинӣ агар гузашт,
Дар чор сӯқи даҳр касоди сафол ёфт.
Оҳанги ишрат он, ки чу барбат намуд соз,
Аз дасти рӯзгор басе гӯшмол ёфт.
Шарти висоқ ҳар кӣ ба аҳди замона баст,
Аз роҳат инфисолу ба ранҷ иттисол ёфт.
Гетӣ накард қазяе аз иттифоқ акд,
К-охир на аз тариқи инод инҳилол ёфт.
Ҳар сиғае, ки домани сиҳҳат фаро гирифт,
Дар гавҳар аз тасарруфи даҳр эътилол ёфт.
В-ин нафси шумро, ки ба тан ҳар кӣ парварид,
Баҳри шиканҷи ҷон чу саг андар ҳивол ёфт.
Гӯӣ, ки доббаест, ба мартаъ чаро намуд,
Дунболи ҳирс хоҷа агар гашт, мол ёфт.
В-ин чашмаи ҳаёт, ки заҳри ҳалоҳил аст,
Хизраш ғалат намуд, ки оби зулол ёфт.
Ҳар кас, ки чун сафина дар ин баҳри беканор
Пои сукун ниҳод, сари интиқол ёфт.
Гар қуръаи умед ба фоли ҳаёт зад,
Охир ба марги хеш аз он қуръа мол ёфт.
Бар қазяи қазо кӣ тавонад илоҷ кард?
Бар қудрати қадар кӣ тавонад маҷол ёфт?
Барноие ба қуввати бозу ба кор бурд,
Рустам шикасти панҷа аз ин пиразол ёфт.
Биншаст ҳар кӣ бар сари «Алҳамд» чун алиф,
Поёни кори хеш, чу пардохт, дол ёфт.
Ҳаргиз сари камол наяфрохт кас, магар
Чун дона зери хок нишасту ниҳол ёфт.

Монанди он касе, ки чу симурғ пар кушуд,
Қофи ҳазор фазлу ҳунар зери бол ёфт.
Фикраш ҳаме ба сози балоғат таноб баст,
Килкаш ҳаме ба кӯси фасоҳат давол ёфт.
Ҳар ҷо, ки тофт тавсани рояш инони сулҳ,
Н-орад саманди ҳавсала роҳи ҷалол ёфт.
Ҳар маъние, ки дошт сари ваҳшат аз уқул,
Ақлаш чунон рабуд, ки дар по иқол ёфт.
Обе ба ғайри назмаш натвон гуҳар̄ навашт,
Сеҳре ба ҷуз ҳадисаш натвон ҷалол ёфт.
Ташҳир мекашид зи ҳусни мақоли ӯ,
Субҳон агарчи шӯҳра ба ҳусни мақол ёфт.
Чандин ҳазор ойина сайқал намуд, лек
Ойинадори сунъ ҳамин як мисол ёфт.
Гардуни пир аз сари ғайрат гирифт кин,
З-он хурдадоние, ки ба он хурдсол ёфт.
Доғе ба дил ниҳод, ки чун шамъ оташам
Аз дил забона дод, ба сар иштиол ёфт.
Дар мотами мусибаташ аз мӯя шуд чу мӯй,
Аз нола ҳар кӣ пайкари ман ҳамчу нол ёфт.
Шоҳин кашид нолаву афзуд оҳу гуфт,
«Афсӯс, нури дидаи биниш завол ёфт».[1]
Ё Раб, ба ҳаққи он, ки аз ин тирахокдон
Табъи малӯли ӯ ҳама гарди малол ёфт,
Биншон ба садри зирваи нозаш, ки з-ин ҳазиз
Яксар шикаст пояи ризфи ниол ёфт.

## ДАР ШИКОЯТ АЗ АҲЛИ ДИЁР

Дар ин диёр, ки қавмаш сагони одамрӯст,
Вафо маҷӯ, ки дилу рӯяшон зи оҳану рӯст.
Ба чашми ибрати ин кӯртинатони ҳасад
Ҳазор гулшан агар гул кунӣ, на ранг, на бӯст.

1. Бо ҳисоби абчад ба 1303 х.қ. (1886 м.) баробар аст.

Агар ба ханҷари кин синаи ту бишкофанд,
Зананд тир, ки ин сӯзане барои руфӯст.
Ҳазор баҳр агар мавҷ барзанӣ ба вифоқ,
Ҳанӯз улфаташон бо ту об бар лаби ҷӯст.
Хуш он масал, ки зи бегона дӯст гар будӣ,
Шикамба бар тани мардум чаро нагаштӣ пӯст?
Ба ин ҷамоа барад аз сари висоқ намоз
Ки заҳри неш ба каждум фузунтар аз орӯст.
Шифо биҷӯй ба роҳи талаб зи талхии сабр,
Ки сабри талх басо дардмандро доруст.
Пайи тавозӯи ин қавм маҳ аз эшон кост,
Сари ҳилол агар бар фалак расид, фурӯст.
Зи ихтилот ба ҳар тан, ки мар-танам дорад,
Ҳамон муомила, к-аз пои санг фарқи сабӯст.
Ба ҳар гуҳар нигарам, тирарӯст ҳамчу хазаф,
Ба ҳар садаф сипарам, хушкмағз ҳамчу кадӯст.
Чӣ гуна вокашам аз банди яъс пои умед,
Чунин ки бар сари ман аз замона дасти ғулуст?
Ба ҷои об дами теша гар диҳанд, чи сон
Дар ин ҳадиқа ниҳоли маро маҷоли нумӯст?
Маро на ҳавсалаи интиқом аз душман,
Маро на дағдағаи чашми отифат аз дӯст.
Барои зар накашам туршрӯии мардум,
Маро на иллати сафро, на рағбати лимӯст.
Зи дасти мошитаи даҳр дар парешонӣ
Маро дилест, ки чун шона дар хами гесӯст.
Лабам ҳанӯз зи дил тарҷумон нагашта зи халқ,
Ҳазор ханҷари заҳробдода вақфи гулӯст.
Гаҳам ба авҷ кашад, гаҳ занад ба хок чу меҳр,
Надонам ин фалаки сифларо чӣ вазъу чӣ хӯст.
Замона он ҳама шеърам напарварад, Шоҳин,
Магар, ки шеър арӯсу замона модаршӯст.
Ҳазор таблаи мушк афшурад ба ҳар рақаме
Қалам, ки дар кафи ман рашки нофаи оҳуст.
Кушой дида маро бар ҷароиди ашъор,
Гарат ба дил ҳаваси сайри равзаи минӯст.

## ДАР БАЁНИ БЕСУБОТИИ ДАҲР

Кӣ дид роҳати гетӣ, ҷуз ин ки рӯзе панҷ
Гузошт умр ба меҳнат дар ин сарои сипанҷ.
Расид бо ҳама осоиш аз сипеҳр, вале
Ба ҷони ман нарасид аз замона ғайри шиканҷ.
Агар сипеҳр ҳамин аст, аз замона манол,
Вагар замона чунин аст, аз сипеҳр маранҷ.
Гарат ба меҳр расад сити созу думбаку кӯс,
В-арат зи маҳ гузарад ғулғули дахомаву санҷ,
Мабош ғарра, басо Кайқубоду Искандар,
Ки рӯзгор ба чандин ҳазор меҳнату ранҷ
Ба рӯи тахта нишонидаш аз таҷаммули тахт,
Ба кунҷи хок кашонидаш аз таҳаммули ганҷ.
Биёву дасти иродат чу ман ба дайри муғон
Ба оби дида бишӯ, аз ду кавн то оранҷ.
Ба рағми дидаи ҳосид бикаш пиёлаи май,
Ба косаи сари зоҳид бинеҳ наволаи банҷ.
Гузор бори тааллуқ зи дӯши озодӣ,
Сабуктанӣ мадеҳ аз даст дар паи хафранҷ.
Ба фоқа ҳар кӣ қаноат намуд, муфт ғаност,
Ки ношито накунад имтиёзи мошу гуранҷ.
Мадор чашм зи мардум ба ҷуз иборати зишт,
Ки интисом муҳол аст аз даҳони сиканҷ.
Ба гӯши турк мазан парда аз навои Аҷам,
Маҷӯй гармии бозори Ҳинд дар Урганҷ!
Мабоз ҳарзасаре чун пиёдамӯҳра, агар
Наӣ савораи фарзини арсаи шатранҷ.
Чӣ эътибор физоӣ ба қадри фурсати умр,
Ки даҳ даҳ аст, чи даҳ як шумориву чӣ ду панҷ.
Чаро судоъ зудуду бухори ҳирс ба сар,
Зи печутоби ҳасад в-аз чӣ дар шикам қӯланҷ?
Ту худ куҷо шудӣ, эй ҷомаву амоматироз?
Амомаат ба сари меху ҷома бар оданҷ!

Аз ин мухаддира ҳаргиз махӯр фиреби ҷамол,
Ки зери парда нуҳуфтаст чеҳраи ожанг.
Гузор дил ба сари кору меҳри ҷононе,
Ки рафт аз сари ман дар ҳавои ӯ фарҳанҷ!
Зи мункирони ту, эй Юсуфилақаб, чӣ аҷаб,
Буридаанд агар дастҳо ба ҷои туранҷ!
Дамида хатти ту бар лаб чу неш дар бари нӯш,
Фитода зулф бари рӯ чу мор бар сари ганҷ.
Намуд зулфи ту аз гӯшаҳои чашм камин,
Кушуд чашми ту аз ҳалқаҳои зулф шиканҷ.
Агар муқобили чашмат нашуд касе ба фиреб,
Вале ҳарифи нигоҳат нагашт дар найранҷ.
Ба фитна ҳар нигаҳи туст ғайрати Кашмир,
Ба кина ҳар мижаи туст дастгоҳи Фаранҷ.
Ҳазор ҷон биситонӣ зи роҳи ишваву ноз,
Ҳазор дил бирабоӣ ба тарзи ғамзаву ғанҷ.
Гаҳе зи лаъли ту дар дил ҳавои ҷуръаи ҷом,
Гаҳе зи холи ту бар сар хумори нашъаву банҷ.
Ба арзи қиссаи шавқи ту пухтамағзонро,
Бисӯхт маънии хом оташи ибораи ланҷ.
Биҳил, биҳил, ки касе пай намебарад, Шоҳин,
Ба қадри дурии ин раҳ ба пои обиласанҷ!

## ДАР МАДҲИ АМИР ВА СИФАТИ АМИРОБОД ҲАНГОМИ ГУЛИ СУРХ

Шукр лиллаҳ, ба чаман сар зада чандон гули сурх,
Ки чаман пур шуда то ҷайб зи домон гули сурх.
То саҳар боз кунад ғунча суроҳии ақиқ,
Мениҳад ҷоми тараб дар кафи даврон гули сурх.
Карда булбул ба сабо рост навои Ушшоқ,
Гашта дар мадҳи шаҳаншоҳ ғазалхон гули сурх.
Подшоҳе, ки зи юмни карамаш гашта ҷаҳон
Тоза з-он гуна, ки аз файзи баҳорон гули сурх.
Абри эҳсонаш агар рашҳа ба ҳомун орад,

Мешавад бистару болини ғизолон гули сурх.
Арғавон теғаш агар ҷилва кунад ҳамчу баҳор,
Шавад аз хуни адӯ сабзаи майдон гули сурх.
Ҳар саҳар карда нисори қадамаш аз шабнам,
Акди дурри Адан аз ҳуққаи марҷон гули сурх.
Ё Раб, ин хулди барин ё ки Амиробод аст,
Ки зи хокаш ба сар андӯхта ғилмон гули сурх.
В-ин чи қаср аст дар ин хулд, ки меъмори ҳунар
Ҷои коҳу гилаш андуда ба райҳон гули сурх.
Хусрави ахд дар он хуш бинишаста, гӯӣ
Меҳри Ховар ба фалак ё ба гулистон гули сурх.
Аз ҳаримаш, ки бувад Каъбаи ҷон, тавфкунон
Меравад халқи ҷаҳон хурраму хандон гули сурх.
Мӯр агар пои малах назди Сулаймон овард,
Ман ба ин шеър барам назди Сулаймон гули сурх.
Банда Шоҳин зи ғуломони фақир асту бувад
Тӯҳфа дар хидмати шоҳон зи фақирон гули сурх.

## ДАР МАДҲИ АМИР

Дишаб, ки буд пуршафақ аз бода ҷоми чарх,
Ороста моҳ ҷашни кавокиб ба боми чарх.
Гетӣ навохт кӯси саодат ба номи моҳ,
Даврон бирехт бодаи ишрат ба коми чарх.
Анҷоми ишрате шуда оғози кори моҳ,
Субҳи саодате шуда сомони шоми чарх.
Кас нест хӯрдагири савобу ваболи моҳ,
Кас нест бозхоҳи ҳалолу ҳароми чарх.
Чарх аз раҳи вифоқ натобад иноне моҳ,
Моҳ аз сари висоқ нагирад зимоми чарх.
Чарх аз тариқи рифқу мадоро мутеъи моҳ
Моҳ аз сабили тавъу иродат ғуломи чарх.
Аз баҳри ном моҳии матлаб ба шасти моҳ,
В-аз дашти ком ваҳшии мақсад ба доми чарх.
Ман дар камин зи ғайрати ин шева сӯхтам

Сад фикри пухта бар сари савдои хоми чарх,
К-аз чарх то куҷо расад ин эҳтишоми моҳ,
В-аз моҳ то куҷо бувад ин эҳтироми чарх.
То кай ба фарқи хокнишинон ба кина моҳ
Хоҳад кашид теғи шаҳоб аз ниёми чарх.
Охир бувад, ки талъати меҳраш дарафканад,
Ногаҳ ба теғи субҳ ливои заломи чарх.
Он моҳ кист? Ахтари бахти шаҳаншаҳӣ,
К-аз ҳукми ӯст рост ба ҳикмат низоми чарх!
Чарх оварад ба бандагии ӯ паёми моҳ,
Моҳ оварад ба чокарии ӯ саломи чарх.
Эй он ки боргоҳи ҷалоли туро расад
Аз мулки қудс муждаи моҳу паёми чарх.
Хуршеду моҳ баҳри ту дар зери зин кашанд
Ҳар субҳу шом аблақи зарринлагоми чарх.
Ҳам хомавар ба дафтари ҳукмат дабири моҳ,
Ҳам номабар ба арсаи мулкат ҳамоми чарх.
Чун номи номии ту нишондӣ ба мӯҳр меҳр,
Овозаи баланд аз он ёфт номи чарх.
То ҳаст васфи меҳри вуҷуди ту дар миён,
Кӯтоҳ нест қиссаи моҳу каломи чарх.
3-ин сон ки интиқом зи Шоҳин ҳамекашад,
Уммед он, ки боз диҳӣ интиқоми чарх.
Яъне, ки бишкуфон гули умеди ман чу моҳ,
То тар кунам ба бӯи маонӣ машоми чарх.
Чун ман накарда дар сифати меҳри ту тамом
Дар ҳеҷ давр кас сухани нотамоми чарх.
То чархро фурӯғ бувад аз тулӯи моҳ,
То моҳро субот бувад аз давоми чарх.
Ҷуз бурҷи толеи ту мабодо масири моҳ!
Ҷуз хоки даргаҳи ту мабодо мақоми чарх!

# ДАР МАДҲИ АМИР

Шаби гузашта ҳакиме таноҳию л-абъод,
Намуд даъвии бурҳони салламӣ бунёд,
Ки буъд агар набувад мунтаҳӣ хуруҷи ду хат,
Зи нуқтаест муҷавваз ба арсаи эҷод.
Мисоли соқи мусаллас равона аз ду тараф,
Бад-он сифат, ки ба ҳадде вуқуф натвон дод.
Пас аз хуруҷи ду хат мумкин аст фарзи хутут,
Миёни он ду бурун аз иҳотаи аъдод.
Чунон ки гар хати аввал бувад ба қадри зироъ,
Ба як зироъ бувад сонӣ аз нахуст зиёд.
Бар ин муқоиса ҳар хат, ки баркашанд аз тахт,
Дар имтидод бубояд фузун зи фавқ афтод. -
Дар ин ҷамеъ бувад, лоҷарам, хате мавҷуд,
Ки шомил аст ба амсоли ин ҳама оҳод.
Барӣ бувад зи ниҳоят чу он хати шомил,
Зи ҳаср байн ду ҳосир шавад далел фасод.
Чу гашт фориғ аз ин, эҳтиҷоҷ хост ҳаким,
Ки аз мусомата ваҷҳе дигар кунад бунёд.
Амон надодаму бинмудамаш ду гесӯи ёр,
Ки ҳарчи дошт ба хотир падид, рафт аз ёд.
Гирифт дасти ману гуфт аз раҳи таслим,
Ки эй ту, дар фани ҳикмат ба сад чу ман устод,
Чи бошад ин ду каманде сиях, ки ишваи он
Қавоиди ҳикамиро ҳамедиҳад барбод.
Бигуфтамаш, ки маро низ дар фунуни бадеъ
Зиёдатар зи ту масруф гашт истеъдод.
Вале кӣ ҳарчи муқаррар намуд аз ҳар фан,
Намуд ҳуҷҷати ишқам ба акси он иршод.
Хушам ба ишқ, ки ҳар нуктааш ба ҳар фанне,
Бувад ҷавоб ба эроду дар ҷавоб эрод.
Кунун муҳассили дарси вафои хубонам,
Ки чашми бад ба ҷамоли бадеъашон нарасод.

Зи касби илм фитодам ба истифодаи ишқ,
Задам зи савмаа бар дайр, ҳарчи бодо бод!
Ману тахайюли рӯю қаде, ки хоҳам хуфт
Аз он ба тобаи хуршеду сояи шамшод.
Ало шаҳе, ки дуову санои ҳазрати туст
Фариштагони самовотро беҳин авроД.
Ба рӯзгори ту шод аст ҳар кас аз ваҷҳе,
Ман аз лиқои туву халқ аз атои ту шод.
Зи таффи теғи ту мамлӯ шудаст аз оташ,
Даруни хасми ту монанди кӯраи ҳаддод.
Ба рӯзи размни ту Сӯҳробро кӣ хонад ял?
Ба гоҳи азми ту Гаршасбро кӣ хонад род?
Ту гар ба хасм занӣ аз паи ҳиросати шаръ,
Кунад асокири ғайбӣ туро зи ғайб имдод.
Муқаррар аст, ки обои сабъа шуд иннин,
Даме, ки шахси ту аз уммаҳоти арбаъа зод.
Замони салтанататро қазо муқаррар кард
Масофате, ки равон мабдаъ асту миод.
Ба боргоҳи ту омадшуди амирон аст,
Чу иҷтимоъи халоиқ ба ҷомеи аъёд.
Туӣ, ки барзадаӣ тунбаки ҷалолатро,
Ба чор навбати шоҳӣ даволи истибдод.
Зи ноз тораки ҳиммат ба чарх месояд,
Ба пойбӯси ту Шоҳин чу ёфт истисъод.
Ҳамеша то ки бувад дар масолеҳи маданӣ,
Тибои халқ ба расми муоҳадат мӯътод,
Зафар чунон ба ту ахди мувосалат бандад,
Ки то ба рӯзи ҷазо барнагардадаш миод.

## ДАР КОҲИШИ БАЪЗЕ ҲАМСӮҲБАТОН

Шунидам, ки бо ман касе кина дорад,
Шикоят бари дӯстон мегузорад.
Барошуфт табъам, ки он бемурувват
Чаро кина аз ман ба хотир гуморад.
Сиёҳӣ чӣ шуд дар миён, к-аз адоват
Рақам то ба лавҳи садоқат нигорад.
Кашад рӯзгораш забон аз паси сар,
Фалак дидагонаш ба кизлик барорад.
Чунон бод аз фоқа ҳолаш, ки ҳаргиз
Сари хеш нохун наёбад, ки хорад.
Гирифт остини хаёлам тааммул,
Ки андеша з-ин боб маънӣ надорад.
Гар ӯ бад бувад, чашми некӣ надорӣ,
Ки аз бад касе чашми некӣ надорад.
Ту аз хӯрдадонӣ нигар пеши поят,
Гарат аблаҳе пушти дасте фишорад.
Харе ё саге аз сари сидқу заннат
Гарат кина гирад в-арат дӯст дорад,
Аз он кинагирӣ в-аз он дӯстдорӣ
Гарат нек хонад в-арат бад шуморад,
Чу андеша аз гирудораш надорӣ,
Биҳил, то бигирад, биҳил, то бидорад.
Ба неку бадаш чун туро нест коре,
Биҳил, то бихонад, биҳил, то шуморад.
Хуш он кас, ки Шоҳин, зи рӯи мадоро
Ба душман тариқи мавааддат супорад.

# ҚАСИДА ДАР ҶАВОБИ ФИТРАТ*

Асқуфи чарх, ки фирӯза фалозар бошад,
Ҳар замонаш ба сарам гардиши дигар бошад.
Ҳам зиёнат ба сари ман зи замона ояд,
Ҳам кудурат ба дили ман зи кадевар бошад.
З-инчунин аср, ки дар пои хум афтода хатиб,
З-инчунин ахд, ки хар бар сари минбар бошад.
Ин чӣ оганда мазоқест дар ин даври хаёл,
Ки ҳамими фалақӣ шарбати Кавсар бошад.
Ҳама бедордилу ваҳйи самовӣ хонанд,
Он ки дар хобу гаронҷонии бистар бошад.
Ҳар киро дорисам аз сидқ ба омӯзиши ман
Сиркаву шир на, бал ҷавзиву шаккар бошад.
Хоса он луҷҷаи диниш, ки ҳазорон ғаввос
Чун манаш дар шати ҳар наҳр шиновар бошад.
Дӯшам омад зи бараш ҳурнажоде, ки хаташ
Мушки азфарзада бар лолаи аҳмар бошад.
Бар рухи озарияш турраи анбарогин
Бар сари ганҷ фурӯ хуфта чу аждар бошад.
Дар чаман ҷуз қади он сарви суманбар ҳаргиз
Надиҳад ёд касе сарви суманбар бошад.
Кас надидаст ба ҷуз абрӯи он зӯҳраҷабин
Бар сари моҳ ҳилоле, ки ду пайкар бошад.

---

1. Дар девони қасоид (дастнависи 229) котиби он дар сарлавҳаи ин касида чунин овардааст: «Дар ҷавоби байте, ки Фитрати олифитрат ба доъӣ ирсол дошта, ки дар ӯ шоибаи ҳиҷо бувад, навишта шуд, ки дар ӯ мазиннати сӯъи адаб бад-он ҳазрат аст ва ш-шукру лиллаҳ, ки силсилаҷунбони маваддат гашт. Ва золика л-байту ҳозо:

*Худфурӯшй касали кӯҳна бувад зоҳидро,*
*Мекунад ишва ба ҳар ҷо зани даллола барин».*

Дар девони ғазалиёт (дастнависи 1436) низ дар тафсили ин қасида сарлавҳае мавҷуд аст, ки чунин аст: «Вақте ки Шохин мақтаи газал:

Он на абрӯву на гесӯст, ки бар лашкари ҳусн
Зулфиқори Аливу дурраи Уммар бошад.
Чашми ман аз шафақи чеҳраи гулнории ӯ
Дар рамад аз яроқон дидаи абҳар бошад.
Аз дилам қуфл ба зулфайн чу занҷир зада,
То касеро на калиде-ш бар он дар бошад.
Сурати ӯ гузарад ақли муҷассам ба хаёл,
Пайкари ӯ ба назар рӯҳи мусаввар бошад.
Донае чанд дур(р) аз ҳуққаи ёқут фишонд,
Ки Адан з-он ҳама ҷинсест, муҳаққар бошад.
К-эй туро доираи фазл ба худ хонда мадор,
Гар ба коми ту на ин чархи мудаввар бошад.
Чун ту мухтори ҷаҳоне шудаӣ чун хуршед,
Ку дигар чарх ба қадҳи ту мухайяр бошад?
Таъна бар халқ мазан, хоса ба Фитрат, ки писанд
Нест он таъна, ки аз моҳ ба ахтар бошад.
Гуфтам: Эй неши ҳадисат ба мазоқам чун нӯш,
Аз чӣ бо ман зи ту ин тӯҳмати мункар бошад?
Ман, ки н-орам ба назар Анвариву Саъдиро,
Шиква аз Фитратам оё ба кӣ бовар бошад?
Эй, ки дар салтанати мулки сухан Субҳонро
Бар сар аз хоки кафи пои ту афсар бошад.

---

*Насазад даъвии Фитрат ба ту дар боби сухан,*
*Лоақал шеъри ту, Шоҳин, набувад Вола барин*

нисбат ба худ гуфта, лекин домулло Қурбони Фитрат аз тавҷехи маънии зоҳирӣ ранҷида, дар бораи Шоҳин ин байтро иншо карда, фиристодаанд, ки

*Худфурӯшӣ касали кӯҳна бувад Шоҳинро,*
*Мекунад ишва ба ҳар ҷо зани даллола барин.*

Шохин баъд аз шунидани ин мақол ва мушохидаи ин хол ба тариқи истеъҷол ба тамхиди чанд байт он байти фиристодаи Фитратро истиқбол менамояд».

В-эй, ки бар сафҳаи олӣ рақами хомаи ту
Чун тагарге ба рухи лола муқаттар бошад.
Бишканад яхчаи фикри ту, агар икди сухан
Садди Искандару дарвозаи Хайбар бошад.
Ваҳ чи бореву чи коне, ки ба ҷайби доман,
Баҳру конро зи ҳадиси ту дуру зар бошад.
Дигаронро ба ту ёрои ҷидоле нарасад,
Рӯбаҳ он нест ҳамоварди ғазанфар бошад.
Бо парешоншуда авроқи маонии бадеъ,
Фитрати туст, ки шерозаи дафтар бошад.
Чун ту дар меҳвари таҳқиқ кӣ гардад марказ?
Чун ту бар маркази тадқиқ кӣ меҳвар бошад?
То ба бӯе зи ҳадиси ту расад фикри дақиқ,
Х,ама тан гунчасифат зайли мусаммар бошад.
Ахтари толеи масъуди ту дар авҷи камол
Офтобест, ки бар торуми ахзар бошад.
Дарди ҳар бад, ки шунидаст накӯии туро,
Тонаҳуллоҳ алалхайр анишшарр [1] бошад.
Ман, ки сайқалкаши оинаи меҳрам, ба чӣ рӯ
Зи ман оинаи табъи ту мукаддар бошад?
Гар маро дасти сухан дода Худо, кина магир,
Панҷ ангушт кӣ дидаст баробар бошад?
Ба зарирӣ натавон зевари бут баст ҳино,
Боядат сурх зи ожирии озар бошад.
Манам он маъракаорои ҳиҷо, к-аз дастам
Ханҷари Мушфиқӣ омодаи ханҷар бошад.
Дар ҷарида паи овозаи маънӣ килкам
Чун садоест, ки бар табли Сикандар бошад.
Пардаи дидаи тори назари Хоқонӣ
Рақами килки маро сафҳаи мистар бошад.
Гар бувад Унсуриву Асҷадиву Фирдавсӣ,
Бо манаш нисбати хармӯҳра ба гавҳар бошад.

1. Худованд ӯро аз шарр хеле хуб шӯридааст.

Лутф дар табъу ҳунар дар кафу дар дил хирадам
Музмар он гуна, ки дар ойина ҷавҳар бошад.
Ҳал кунам уқда ба сарпанҷаи андеша чунон,
Ки ба ангушти набӣ моҳ мусаттар бошад.
Дар муҳити суханам киштии гардун гӯӣ
Аз маҳу меҳр ба худ баста ду лангар бошад.
Наи килки ман агар соз кунад рашҳаи шеър,
Бар фалак дафтари Шеъро чу дафи тар бошад.
То Сурайё зи саро дамдамаи фазлам рафт,
Чӣ кунам, гӯши куҳансолфалак кар бошад.
Худфурӯшӣ накунам, лек зи даъво холӣ
Набувад он ки ҳунарманду суханвар бошад.
Зани даллола магӯ маънии бикрам дар лафз,
Чун арӯсест фурӯҳишта ба чодар бошад.
Касали кӯҳна, ки эдун ба касе ҳаст, бигӯ
Бо ман ояд, ки дами Исавӣ эдар бошад.
Нестам зоҳид, дар базми фалак зӯҳрасифат,
Шафақи меҳр маро бодаи соғар бошад.
Тӯҳмати ишваи ҳарҷоиям аз ту, боре,
Аз бузи мода ғалат бар шутури нар бошад.
Кош ояд, ки сиголем ба ҳар ду рӯзе,
Аз қазо бар ману ту он чӣ муқаддар бошад.
То бубинем: Кӣ дар фазл саромад ояд?
То бидонем: Кӣ дар разм диловар бошад?
Беҳ, ки бо ман нашавад аз ту бари якдигар,
Кинаи аҳли сухан гарчи муқаррар бошад.
Табъи ман дашна, ҳадиси ту фасона-ст, мабод
Дашнаи тири манат охта бар сар бошад
Хомаам бин, ки чунин сайфи ситеғе бингошт,
Хост то аз паи кадводаи кайфар бошад.
Оре, оре, надиҳад кина ба пайдо зи касе,
Он, ки обу гилаш аз сидқ мухаммар бошад.
Он, ки афзуда маро рутбаи Шоҳинӣ гуфт:
Дигарон пеши ту камтар зи кабӯтар бошад.

Ҳар куҷо боз кунӣ боли сухан, лафз туро
Дар ҷаҳон маънии нозук таҳи як пар бошад.
Ҳон, ки ҳар ҳарфи ман эй муддаии хурдашинос,
Ангубинест, дар ӯ сабри Сақутар бошад.
Дидаам ояе аз мусҳафи шеърат муҳкам,
Мутташобеҳ шуда бояд, ки муфассар бошад.
Ҳар хашансор набояд, ки бувад бози Ҳусайн,
Ҳар ниғушок набояд, ки паямбар бошад.

## ДАР МАДҲИ АМИР АБДУЛАҲАДХОН

То кай он бедодгар бар синаам ханҷар занад,
Захми он ногашта беҳтар, ханҷари дигар занад?
Хуни ман аз шавқ болад то сари зонуи ӯ,
Гар ба қатли ман зи рӯи соқ доман барзанад.
Гар муаззин васфи қадду қоматаш гӯяд, хатиб
Наъраи «Аллоҳу акбар!» бар сари минбар занад.
Эй басо шабҳои танҳоӣ, ки бе рӯи маҳат
Оҳи ман силӣ ба рӯи торуми ахзар занад.
Ҳар сухан, к-аз оразу холи ту гуфтам, к-аз шараф
Гоҳ бар хуршед печад, гоҳ бар ахтар занад.
Аз сари таълим ҳамчун сарв бархезад зи ҷо,
Ҳар рақам, к-аз васфи қаддат хома бар дафтар занад.
Ҳар киро коми дил аз лаъли лабат як сӯ нашуд,
Аз ду сӯ дасти надомат чун магас бар сар занад.
Ҷавр кам кун варна аз дасти ту Шоҳин шикваҳо
Дар ҳузури шаҳриёри маъдалатгустар занад.
Эй шаҳаншоҳи фаридунфар, ки қаҳру лутфи ту
Тоҷ бар Фагфур бахшад, теғ бар Қайсар занад.
Мекунад дар дида мӯҳр аз нақши поят касби нур
Ҳамчу айёре, ки накд аз кисаҳои зар занад.
Камтарин аз шаҳнагони мулки ту набвад шигифт,
Гар дуволи салтанат бар кӯси Искандар занад.
Қуббае, к-он бар фарози хаймаи худ барзадӣ,
Аз фарози чархи ҳафтум хайма болотар занад.

Ҳар гулу ҳар шабнаме, к-андар баҳори фазли туст,
Хӯрда бар ёқут гирад, таъна бар гавҳар занад.
Гар нависад маҳзари иқбол бар номат сипеҳр,
Ҳафт ахтар хотами фатво бар он маҳзар занад.
Эй панoҳи оҷизон набвад зи имдоди ту дур,
Панҷа бар шери жаён гар рӯбаҳи лоғар занад.
Аз ниҳеби савсани теғи ту душман хешро
Дар миёни обу оташ ҳамчу нилуфар занад.
Ҳар касе фориғ ба даврони ту гарми пешаест,
Он яке тасбеҳ гирад в-он дигар согар занад.
То аз ин давлатсаро чунам ба уммеди қабул,
Ҳар кӣ нақши орзу бар сафҳаи хотир занад.
Соҳиби иқбол нагзорад, ки ҷуз давлат касе
Ҳалқаи рухсат дар ин давлатсаро бар дар занад.

## ДАР ҲАҶВИ ШАХСЕ БАД

Дар зери бори даъвию аз ҳарфу савти бад,
Арродасон ағаннию ҳамчун баъир ағад.
Эй ҳарф аз забони ту барқи изо хатаф,[1]
В-эй савт аз даҳони ту раъди из иртаад.[1][2]
Дар корзори ҳавсала камтар зи саълабӣ,
Дар гирудори валвала афзунтар аз асад.
Бо ман сари муҷодалаат, ин чӣ ҷуръат аст,
К-он ҷо паланг ҳарба кунад, гурбаро чӣ ҳад?
Маҳзи ҷаҳолативу гумон кардаӣ шуур,
Айни ҳамоқативу писандидаӣ хирад.
Гар даъвӣ ихтиёр кунӣ, нестат сабат
В-ар манъ иътиёр кунӣ, нестат санад.
З-ин сон ки сар ба сар ҳама шаккиву ҳам занӣ,
Мушкил туро зи файзи яқин баҳрае расад.

1. вақте кӯр мекунад
2. вақте меларзонад

Дар ҳар маҳалла бар сифати фитна мумтаҳан,
Дар ҳар диёр бар ҳасаби кина мунтақад.
Маъҷуҷсон ба ҳар тарафе майл гар кунӣ,
Банданд пеши рӯи ту аз пушти дас(т) сабад.
Фаввора мезанад зи димоғи ту дуди ҳикд,
Алғайзу ҳина йӯқидак аннору филкабад.[1]
Байна л-амосиле ба машоих ту мӯътабар,
Умму л-хабоисе ба муханнас ту мӯътамад.
Эй синаи сипеҳр зи дасти дар харош
В-эй чашми рӯзгор зи рӯи ту дар рамад.
Воҷиб, гарат сипеҳр кунад хок бар замин,
Лозим, гарат замона ба боди фано диҳад.
Ҳар кас, ки по шикаст туро, набвадаш дият,
Ҳар кас, ки сар бурид туро, набвадаш қавад.
Эй чуна з-имтиёзи ту аблӯҷ дар назар
В-эй ҷифа дар мазоқ зи идроки ту рағад.
Дебост дар бари ту, гар аз кашша кисватат,
Зебост бар сари ту, гарат салла аз сабад.
Шояд, агар кунанд туро хилъат аз кафан,
Бояд, агар кунанд туро зинда дар лаҳад.
Таббат ядо абик бимо кадда вактасаб,[1 2]
Парварда то ки Бу Лаҳабе мислак алвалад.[3]
Дар рӯзи ҳашр уммак ҳаммолаталҳатаб,[4]
Қидат ило ҷаҳаннаму билҳабл мин масад.[5]
Бо ҳар кӣ ҳусни васфи ту гуфтам, фақад нафа,[6]
Бо ҳар кӣ васфи ҳусни ту кардам, фақад ҷаҳад.[7]

1. Ғазаб туро месӯзад, зеро ҷигари ту пур аз оташ аст.
2. Мазмун аз ояти якуми сураи «Масад»: Бигузор дастони падарат нобуд шаванд, ки бо онҳо кор мекард ва рӯзӣ меёфт.
3. ... мисли ту писаре
4. модари ту хезумкаш аст
5. Мазмун аз ояти чоруми хамон сураи «Масад»: «...модари хезумкашат бо ресмон аз бофтахои нахл ба дӯзах кашида шавад».
6. инкор кард.
7. бовар накард.

Билихтилоф бойанака лоҷарам ғадан,[1]
Билиттифоқ мин Раббика алявму илтаҳад.[1 2]
Натвон даноими ту баён кард дар ҳисоб,
Натвон қабоиҳи ту аён кард дар адад.
Бо ин ҳама хасоиси авсоф дар ҷаҳон
Номи ту бод шӯҳра ба зиндиқи мултаҳад.
Шоҳин, манол ин ҳама аз аҳли рӯзгор,
Яъне ки нест шиква муносиб зи дому дад.
Чун бад бад аст, шеваи некӣ тамаъ мадор,
Бигзор саг кунад аф-афу хар занад лагад.

## ДАР ҲАМДИ ХУДОВАНД, НАЪТИ ПАЙҒАМБАР ВА АЛҚОБИ ЧАҲОР ХАЛИФАИ РОШИДИН - АБӮБАКР, УМАР, УСМОН ВА АЛӢ

Шабе чи шаб, ки на он шаб, сабоҳи маҳшар буд,
Маро, ки обила дар пою даст бар сар буд.
Ба саъйи роҳи амал чун сипеҳр бар сари по
Зи даст обилаам зеби моҳу ахтар буд.
Сарам кадучаи омоҷу даст дасти хаданг,
Сипандам обилаи пою пой миҷмар буд.
Фиғони ман, ки аз ӯ мурғи арш шуд дар чарх,
Накард гӯш магар, гӯши осмон кар буд.
Сабо набурд саломам ба пойбӯси гуле,
Ки шабнами варақаш офтоби Ховар буд.
Камина руста гиёҳе ба сояаш тӯбо,
Наме зи чашмаи нӯшаш раҳиқи Кавсар буд.
Набудаш он лабу дандон, ки анҷуман ба шафақ,
Ниҳон ба ҳуққаи марҷон чу икди гавҳар буд.

1. Рӯзи оянд аз рӯи ихтилоф, ночор туро тарк кардаст.
2. Имрӯз иттифок афтодааст, ки Худованди ту аз ту рӯ гардонидааст.

Ҳаменамуд ба сони калаф ба чеҳраи моҳ,
Хаташ, ки суда ба кофур ҳамчу анбар буд.
Ба ғайри он рухи майгун, ки дар арақ шабнам
Надида об касе ҳамнишини Озар буд.
Ғизолаест мушаббак ба тири абҳари ӯ,
Ва ё канораи алмос гирди абҳар буд.
Зи кӯтаҳӣ наниҳам сарв дар баробари ӯ,
Ки ӯ зиёдатар аз ин дарозу камбар буд.
На нуқтаи даҳан аст он, на сатҳи ораз ин,
Ки Ҷоми Ҷам бари оинаи Сикандар буд.
Сари суроҳӣ агарчанд шуд зи пунба сафед,
Ҳанӯз аз лаби ӯ майпараст соғар буд.
Миёни ӯ, ки ба мӯе кашида кӯҳи сурин,
Ба шаъре магар овехта ду пайкар буд.
Ба ҳуққабозиям ин хома аз сараш чодар
Накард боз, к-аш он ҳуққа зери чодар буд.
Фитода зулмати кокул ба чашмаи ҳайвон-ш,
Чунонки бар дари ганҷина хуфта аждар буд.
Нагуфт, к-эй ту шаҳаншоҳи кишвари хубӣ,
Ба ёд ор фалонат, камина чокар буд.
Гаҳе ба меҳварат афтода буд чун марказ,
Гаҳе ба марказат истода ҳамчу меҳвар буд.
Агар ту неш фишурдӣ, ҳам ӯ-т будӣ нӯш,
Агар ту заҳр фишондӣ, ҳам ӯ-т шаккар буд.
Зи ишқи ту бари ағёр дар адовату буғз
Ба хориҷиву ба шиӣ Аливу Уммар буд.
Надида шахди табассум зи ғунчаи нӯшат,
Чу шабнамаш ҳама тан маҳви дидаи тар буд.
Чи куфр рафт ба арзонии балийя аз ӯ,
К-аш аз ту ин ҳама қаҳти атийя кайфар буд.
Дилаш гаҳе зи занахдон, гоҳе аз зулфат
Фитода дар буни чоҳи шиканҷи чанбар буд.
Гаҳе ба вартаи тоб аз ту буд чун моҳӣ,
Гаҳе дар оташи таб аз ту чу самандар буд.

Басе туро падарӣ кард, эй хуҷастаписар,
Магар, ки хуни падар бо ту шири модар |уд?
Ба ҷуз хати ту, ки мӯҳраш намуд меҳри рухат,
Ба хуни ӯ чи ривоят, кадом маҳзар буд?
Махоҳ ин ҳама бедод, дод хоҳ, битарс,
Аз он Худой, ки додор ҳасту довар буд.
Худои оламу одам, ки дар ҳиҷоби адам
Ҷаҳон чу шӯълае андар ниқоби ахгар буд.
На дар нишеб аз ин соҳати мусаттаҳ асар,
На дар фароз аз ин гунбади мудаввар буд.
На ҳам табоеи сифлӣ дар он муҷассам гашт,
На ҳам ҷавоҳири улвӣ дар ин мусаввар буд.
Баҳори сурату мо арзи ин ҳама яксар
Тиҳӣ зи ранги ҳаюлову бӯи ҷавҳар буд.
На ҳам азал ба абад банд чун калид ба қуфл,
На коф дар бари нун ҳамчу ҳалқа бар дар буд.
На ҳам сипеҳр зи раҳ аз ситора бар тани моҳ,
На офтоб ба фарқи сипеҳр миғфар буд.
Х,ар он чи ҳаст, ҳамебуд қатра ё дарё,
Ҳама музабзаби лайса лас,[1] ӯ муқаррар буд.
Набуд равзаи имкон, вале димоғи адам
Зи мушкбӯ гули ҳастии ӯ муаттар буд.
Нишон набуд зи Чин он гаҳ ӯ, ки шуд Фағфур,
Асар набуд зи Рум он дам ӯ, ки Қайсар буд.
Бихост то ки ниҳад аз бутун асоси зуҳур,
Бад-он намат, ки зи воҳид бинои аксар буд.
Қалам ба лавҳ нигорид аз қазову қадар,
Ду ҳарф, к-ин ҳама девони ҳафт кишвар буд.
Ғараз аз ин ҳама амвоҷ, з-ин ҳама асдоф
Дар ин муҳит дури Аҳмади паямбар буд.
Паямбаре, ки зи хоки дараш ба·фарқи русул
Хушо ба мулки нубувват, ки дурри афсар буд.

1. будан набудан

Касе, ки дидаи таҳқиқ дар аҳад чун мим
Кушуд, н-оядаш Аҳмад аз ӯ, ки дигар буд.
Баёни соҳири ман з-он банони мӯъҷази ӯст,
Ки байти беҳ ба ду мисраъ аз ӯ мусаттар буд.
Ба ҷустуҷӯи мисолаш зи парчами ҷавҳар
Ниҳода оина мӯи сару қаландар буд.
Зи ман таҳийя бар ӯву ба чор ёраш бод,
Ки ӯ ба ин ҳама чун маҳ миёни ахтар буд.
Ҳам ӯ чу пайкару ин чор буд чун унсур,
Ҳам ӯ чу киштиву ин чор ҳамчу лангар буд.
Яке халифаи аввал, ки аз хилофати ӯ
Ба ноз суда сари арш пои минбар буд.
Дигар халифаи сонӣ Умар, ки аз адлаш
Уқобу саъваву бозу магас баробар буд.
Зи эҳтиёт чунон дар замин ниҳод асос,
Ки дар фалак рухи Зӯҳра ба зери миъҷар буд.
Дигар халифаи солис, ки мӯҳтарам ҳарамаш
Зи дудмони набӣ аз ду нур анвар буд.
Ба ҳар замин, ки арақ рехт аз ҳаё Усмон,
Зи хоки ӯ ба дили нофа мушки азфар буд.
Дигар халифаи робеъ Алӣ, ки дар кафи ӯ
Чу Фарқадон ба фалак фарқи Амри Антар буд.
На ҳам саре ба тани кофир аз дами теғаш,
На ҳам даре зи сарангушти ӯ ба Хайбар буд.
Ҷаҳон, ки гашта зар аз ҳамду наъту алқоб аст,
Зи юмни хомаи Шоҳини кимиёгар буд.
Маро ки з-ин ба таҳийят ба сафҳа рашҳаи килк
Чу шабнамест, ки бар рӯи гул муқаттар буд.
Таҳийят аз ману аз килки ман бар он шаш бод,
Аз ин рақима нишон то ба рӯи дафтар буд.

## ШИКОЯТ

Шабе нарафт, ки оҳам ба осмон нарасид,
Дилам зи ғояти андӯҳ бар даҳон нарасид.

Намерасад ба ту арзу ниёзи ман, доғам
Чу бедиле, ки паёмаш ба дилситон нарасид.
Гузашт нолаи ман аз фалак, туро ғам нест,
Магар ба гӯши ту, эй ёри меҳрубон, нарасид?
Ҳазор тири амал шаст додаам зи камон,
Ки ҳеҷ як зи қабули ту бар нишон нарасид.
Бигуфтам, он ки агар дил равад, расад дилдор,
Дареғу дард, ки ин ҳам бирафту он нарасид.
Агарчи меҳнату ғам мерасад ба аҳли вафо,
Вале чунонки манам бо касе чунон нарасид.
Ба ҳайратам, ки чаро мӯҷиби малолати туст
Ҳадиси ман, ки ба гӯши касе гарон нарасид.
Навозише накунӣ бар мани шикаста магар,
Ҳанӯз бандагии ман ба имтиҳон нарасид.
Бубин сиёҳии бахтам, ки бо камоли ҳунар,
Расид ҷон ба лаб, аммо лабам ба нон нарасид.
Ҳазор нахли ҷавон аз ғамат ба хок афтод,
Чаро ниҳоли ҳаёти маро хазон нарасид?
Расид бо ҳама маншури меҳрубонии шоҳ,
Вале ба тораки Шоҳини нотавон нарасид.

## ДАР МАДҲИ АМИР

Хуш бувад ҷоми маю бонги наю рӯи нигор,
Базлаи шоириву пои гул овози ҳазор.
Ман ҷуз ин шаш ба ҷаҳон ҳеҷ нахоҳам аз бахт,
Бахт ин аст, агар даври фалак гардад ёр.
Гар касе мужда бад-ин шаш диҳад аз бахт маро,
Ҷони ширин кунам аз шодии ин мужда нисор.
Фаррух он кас, ки кашад бодаву он гоҳ кашад
Дар канори чамане сарвқадеро ба канор.
Нағмаи мутрибу тарзахмааш ояд зи ямин,
Ғулғули булбули хушлаҳҷааш ояд зи ясор.
Ҳар замонаш ба адои сухани шавқангез
Равнақи айш диҳад шоираки базлагузор.

Оҳу сад оҳ, к-аз ин ҷумла нашуд ҳосили лаҳн
Ғайри шеъре, ки бувад мояи сад олами ор.
Боре, ин айш киро даҳр намудаст ба ком,
Боре, ин бахт киро чарх намудаст ба кор.
Хусраверо, ки ба хоки дари ӯ чархи баланд
Аз раҳи мартаба чун хок бувад бемиқдор.
Алҳақ, эй шоҳ, бад-ин айш сазовор туӣ,
Гар ғам аз мулки ту, эй шоҳ, гирифтаст фирор.
Шод бош, эй малик, аз бахт, ки дар навбати ту
Ҳама айём нишот асту ҳама фасл баҳор.
Асари тарбияти туст, ки Шоҳин имрӯз
Бар Уторуд қалами насх кашид аз ашъор.

## ДАРМАДҲИАМИР

Эй, ки занад лаъли ту ханда ба ёқути тар
В-эй, ки кунад сарви ту дағдаға бар найшакар.
Наргиси махмури ту гашта қарини ҳилол,
Сунбули пурчини ту гашта ниқоби қамар.
Ғамзаи ту ростӣ бораи шоҳаншаҳ аст,
К-он биҷаҳад чун ҳаданг в-ин биравад чун назар.
Муттафиқуннаҳзатанд, мухталифулмунтаҳаз,
К-ин сипарад бар ҷиҳот в-он гузарад аз ҷигар.
Бораи гардуннавард, он ки ба ҷавлони ӯст,
Моҳнишони қадам бод ғубори асар.
Сарсаре андар убур, оташе андар сууд,
Сарсари хорогудоз, оташи дарёгузар.
Фориси он бора кист, он ки чу минқори боз,
Боз кунад бо ҳусом фарқи адад то камар?
Таъбия чун қубба аст хиргаҳи ӯ дар сипеҳр,
Тарсиа чун парчам аст, рояти ӯро зафар.
Эй, ки ба ночих канӣ аз тани душман ғилоф
В-эй, ки ба ханҷар ниҳӣ аз дили ҳосид гуҳар.
Гарчи Муиззӣ сутуд пояи Санҷар, вале
Хомаи Шоҳин суруд мадҳи ту з-он хубтар.

## ДАРМАДҲИАМИР

Шаби гузашта нигорам намуд истифсор,
Ки чист боиси ӯ дори нилгун паргор.
Чӣ ҳикмат аст, ки ин лӯъбати куроишакл
Зи хеш чун дили ушшоқ салб карда қарор.
На курраест ба сатҳе чунон ниҳода, ки ҳаст
Хутути он мутавозӣ, нуқоти он ҳамвор.
На дар рикоби таковар давад чу шотири шоҳ,
На нома ҷониби ошиқ барад чу қосиди ёр.
Агар тафаррӯҳи маҳз аст боиси ҳаракат,
Кифоя аст яке, чист мӯҷиби такрор?
Ҷавоб додаму гуфтам, ки эй ба сайқали фаҳм,
Зудуда з-ойинаҳо сири ҳар сухан зангор.
Назар ба қавли ҳаким ин сипеҳри нилиро
Таоқуби ҳаракоти таваллии адвор,
Аз он бувад, ки диҳад мумкинотро ташриф,
Зи ҳаҷлагоҳи хафо дар басораи афкор.
Вале барои ман ин истидора з-он бошад,
Ки гардад аз сари султони офтобшиор.
Зиҳӣ шаҳаншаҳи фирӯзбахти олиқадр,
Ки то бувад, бувад аз бахту қадр бархурдор.
Агар ситора шавад ҷуз ба ҳукми ӯ равшан,
Дигар сипеҳр кунад ҷуз барои ӯ рафтор.
Кунад ба теғи ғазаб тораки ситора ду ним,
Кунад ба тири ситам синаи сипеҳр фигор.
Шаҳо, ба мидҳати ту нуктаҳои Шоҳинро
Хирад чу ҳофизи мусҳаф ҳамекунад такрор.

## ҲАМДИ СУБҲОНАҲУ ВА НАЪТИ ПАЯМБАР (С)

Лакалмаҳомиду ман ло йуҳитуҳулафкор,
Ва кайфа йаълуну ман истасарра биластор.[1]
Яке зи гулшани ҳамди ту бишкуфонам гул,
Агарчи ҳар сари мӯям забон шукуфта ҳазор.
Шиори ҳамди ту бар табъи беушуури ман аст,
Ба пои ланг супурдан тариқи ноҳинҷор.
Ту он муҳаккими ҳикмат, ки моҳ то анҷум,
Ту он муқаддири қудрат, ки чарх то адвор,
Ба илми ҳикмати ту ҷумла ёфтаст масир,
Ба қадри қудрати ту ҷумла ёфтаст мадор.
Ба завқи ту дили Санъон бишуд ғамитарсо,
Зи шавқи ту сари Мансур гашт пояи дор.
Ба пои моҳ сари меҳр афканиву кунӣ
Саводи лайл ниқоби рухи баёзи наҳор.
Гирифта меҳри ту дар сина ҳамчу дур(р) ба садаф,
Ки бурҷи ахтари дурҷи ақиқ гашта анор.
Наҳанги рози ту дар баҳр карда моҳӣ асир,
Намуда шери жаёнро ба бар ғизола шикор.
Бувад зи наҳйи ту собит кавокиби собит.
Бувад ба амри ту сайёр анҷуми сайёр.
Бувад ба арсаи майдони сунъат аз вусъат
Фитода ҳалқаи ин ҳафт гунбади даввор.
Паи назораи осори ту кушояд чашм
Миналғусун изо мо тазоҳаралазҳор.[1 2]
Агар карам кунӣ, аз нор бардамонӣ нур,
В-агар ғазаб кунӣ, аз нур барҷаҳонӣ нор.

---

1. Ҳамд бар туст аз он касе, ки андешааш хамаро фаро гирифта наметавонад
Ва чи гуна метавонад ошкоро созад он чиро, ки зери пардаҳо ниҳон аст.

2. Вакте аз шохахо гулхо падид меоянд.

Фаанта ман биҳи ашҷор талқаҳу бириёҳ,
Ва анта ман биҳи йалқилғамом биламтор.'
Шавад зи ту ҳама дар буқьаи адам махфӣ,
Кунӣ ба саҳни вуҷуд ончунон ки буд изҳор.
Фаявма таҳшурулаҷсод таҳсубулаьмол,
Ва ҳина таҳсубулаъмола таншуруласфор.[1 2]
Ҳазор йуср бар он кас, ки медиҳӣ зи ямин,
Ҳазор уср бар он кас, ки мениҳӣ зи ясор.
Зи ту мусаллами муслим бувад ниёзи наим,
Зи ту азоби ҷаҳим аст кайфари куффор.
Ман он гулам, ки ба боғи амал зи бебаргӣ
На рангзарди хазонам, на тозарӯи баҳор.
Чи рӯ намоядам оё, ки нест тӯҳфаи ман,
Ҷуз ин ду дида, ки гардад ба рӯи фазли ту чор.
Ба офтоби қиёмат ҳаме бихоҳам сӯхт,
Нагустарад агарам соя Аҳмади Мухтор.
Паямбаре, ки ҳаме зери сояи идбор
Барад ҷамоаи ашрору фирқаи ахёр.
Дуаспа ҳеҷ ба гардаш паямбарон нарасанд,
Паямбарон ҳама, гӯӣ, пиёда, ӯст савор.
Зи ҷайби ӯ ҳама гул чида дар канори чаман,
Ба доманаш ҳама дур рехта Адан зи канор.
Мудом бод зи Шоҳин равон дуруду салом
Ба зоти поки Набиву саҳобаи атҳор.

## ДАР МАДҲИ АМИР

Чун сар зад офтоби муламмаъ зи кӯҳсор,
Шангарфгун ҳисори фалак гашт нуқракор.

---

1. Ва ту оне ҳастӣ, ки аз ӯ дарахтон бо шамол бордор мешаванд
Ва ту оне ҳастӣ, ки абрҳоро бо боронҳо мепайвандӣ.
2. Ва рӯз, ки ҷасадҳои мурда бармехезанд ва шумори аъмол сурат мегирад
Ва он даме, ки шумори аъмол ба сафҳахо навишта мешаванд.

Бози сафед бар забари тоқи нилгун
Биншасту кард зоғи сияҳ аз миён канор.
Бо оби зар бишуст агарчи саводи шаб,
Андуда буд рӯи ҷаҳонро ба ранги қор.
Чун шаҳсавори Рум синонро алам намуд,
Шуд мунҳазим сипоҳи шаҳаншоҳ инкисор.
Аз миғфари зиреҳ маҳу анҷум зи осмон
Бар ҳифзи хеш салбу салаб кард ихтиёр.
Меъмори сунъ хост, ки айвони чархро
Афзояд аз нигоштани шамс зарнигор.
Бингошт қурси шамсу аз он зери парда шуд
Нақши маҳу нигори кавокиб чу рӯи ёр.
Эй он ки аз нуқуди кавокиб фалак намуд
Дар сумми тавсани шаҳи Тӯрон гуҳар нисор.
Эй хусраве, ки таъна занад бар риёзи хулд,
Аз давлати ту фохираи кишвари Бухор.
Дар маснади хилофат аз онат нишондаанд,
То чор рукни шаръ шавад бо ту мустаор.
Ғайр аз гули мадеҳи ту нангошт бар варақ
Шоҳин, ки ҳаст хомаи ӯ рашки навбаҳор.

## ДАР МАДҲИ АМИР ВА ВАСФИ САЙРИ ШИРБАДАН

Соқӣ, биёр бода, ки аз файзи навбаҳор
Фирӯза гашт гетиву фархунда рӯзгор.
Густурда сабза чатри зумуррад ба рӯи шаб,
Берун кашида лола сар аз ҷайби кӯҳсор.
Ҳам бар зада шукуфа сар аз шохи арғувон,
Гӯё, ки ҷамъ гашта ба ҳам пунбаву шарор.
Ҳам ғунча бастааст сари ҳуққаи ақиқ,
Ҳам гул кушодааст сари нофаи татор.
Булбул санои шоҳи ҷаҳон хонда дар чаман
Ҳамчун хатиб бар сари минбар ба шохсор.

Мунҳим, бидеҳ қадаҳ, ки зи ганҷинаи хаёл,
Дар мадҳи шоҳ ганҷи маонӣ кунам нисор.
Шоҳи замона, хусрави гетӣ, хадеви мулк,
К-аз рои ту низоми ҷаҳон гашта устувор.
Колои илму фазл зи ту ёфта ривоҷ,
Оини адлу дод зи ту гашта ошкор.
Ҳукмат ниҳода боҷ ба шоҳони боҷгир,
Қаҳрат рабуда тоҷ зи шоҳони тоҷдор.
Чун ту надида дидаи айём номвар,
Чун ту назода модари иқбол шаҳриёр.
Гардун ба хидмати ту кашида ба чокарӣ
Дар гӯши худ зи ҳалқаи хуршед гӯшвор.
Чун бар ҳилоли наъл саманди ту бӯса дод,
Пушти замин ба рӯи фалак дорад ифтихор.
Гардан зи ҳукми теғи ту н-овард тофтан,
Душман, ки бод фарқи сараш фарши пойдор.
Шоми мутобиони ту бодо чу субҳи ид,
Субҳи мухолифони ту бодо чу шоми тор.
Аз хоки поки Ширбадан абри лутфи ту
Овардааст тоза биҳиште ба рӯи кор.
Анбар сиришта аст заминаш ба ҷои хок,
Гул сар кашидааст зи хокаш ба ҷои хор.
З-он сон, ки кохи чарх ба хуршед равшан аст,
Ҳар сӯ даруни косаи қаср аст зарнигор.
Ҷашне дар ӯ зи лутфи ту барпост, пеш аз ин
Ҷашне Каён надошт бад-ин гуна гирудор.
Ҳар сӯ чу ғунча баста камар, шоҳидон ба рақс
Кокул ба дӯш дода шикан, зулф бар узор.
Чун мутрибон ниҳода ба каф даф паи сурур,
Дар рақс об омада, дар навҳа обшор.
Овои кӯс бонги нақора ҳамезанад
Бар айш ас-салову ба андӯҳ ал-фирор.
Ҳар сӯ ниҳодаанд дар ӯ сурате аҷиб
Аз моҳ то ба моҳиву аз мӯр то ба мор.

Шояд дуои шайх кунад ними шаб асар,
Ё он ки оҳи ринд равад субҳдам ба кор.
Бар неку бад атои ту з-он рӯст гуфтаанд,
К-аз ҳар диле раҳест ба дарбори Кирдгор.
З-он ҷумла неку бад, ки дуои ту мекунанд,
Бошад камина низ дуогӯи хоксор.
Хонам санои зоти ту фиссубҳ' доимо,
Созам дуои ҷони ту филлайл ваннаҳор.[1 2]
Дар дил хиёли туст, ба кон ганҷи шойгон,
Бар лаб ҳадиси ту, ба садаф дурри шоҳвор.
Авсофи ту чунон, ки бурун аст аз ҳисоб
В-ахлоқи ту чунон, ки фузун аст аз шумор.
Савсансифат агар ҳама тан кардаам забон,
Натвонамаш адои яке кардан аз ҳазор.
Мадҳи ту кори чун мани кӯтоҳақл нест,
Кӯтоҳие агар равад аз банда даргузор!
Шоҳо, ба фоқа нест чу Шоҳин касе ба даҳр
Маъруфи ҳар маҳаллаву машҳури ҳар диёр.
Ҷуз бар мадори ҳукми ту набвад қарори мулк,
То чархро мадору заминро бувад қарор.

## ДАР МАДҲИ АҚЗАЛҚУЗЗОТ МИРЗО МУҲАММАДШАРИФ СУДУР

Қосид расид муждаи маҳдуми рӯзгор,
Овард чун ба мурғи чаман мужда навбаҳор.
Афрӯхт ранги чеҳраи ман чун ба гул чаман,
Биздуд ранҷи хотири ман чун ба мул ҳумор.
Гуфт: - Эй хиҷил, зи килки ту бар дафтари сухан
Машшотае, ки ғоза ниҳад бар рухи нигор.
То кай чу шӯъла мӯътакифӣ дар канори ранг,
То кай чу мӯҳра мукtанифӣ дар даҳони мор?

---

1. ба вақти субҳ
2. шабу рӯз

Ту чун садаф хамӯшу ман истода бар сарат,
Аз дурҷи лаъл лӯълӯи лоло кунам нисор.
Чандин фурӯғи маҷлиси рӯҳониён мабош
Дар тангнои ҳуҷра чу шамъи сари мазор.
Бар худ абас матан, ки дар ин базмгаҳ ниҳон
Дар пардаи суруд намонад навои тор.
Дархурди арзи ҳазрати он маҳзари фунун,
Зан бар ҳарири гул рақам аз нофаи татор.
Шеъри баланд тарҳ кун он сон, ки рафъаташ
Бар фарқи офтоб ниҳад пои ифтихор.
Дигар қасида хоҳу ғазал хоҳу маснавӣ,
Аз ҷинси шеърҳо чӣ, ки дорӣ, биё, биёр.
Гуфтам, ки эй ҳадиси ту дар гӯши ҷони ман
Беҳ з-он расад, ки муждаи суре ба сӯгдор.
Оё надонӣ он, ки миёни суханварон
Ҳамчун имоми сабҳа манам соқит аз шумор?
Не бар ман эҳтимом касеро, на эътино,
Не бар ман илтифот касеро, на эътибор.
Инак, дар ин диёр манам аз сафои табъ,
Ойинае, ки қадр надорад, на рангубор.
Чун бошад он, ки тӯҳфа барам пеши дур хазаф,
Чун гардад он, ки ҳадя кунам назди ғунча хор?
Эй сайрафӣ, ки бар маҳаки имтиҳон занад,
Раъйи мунири ту зари хуршедро иёр.
Бошад зи фикри соқибу маънии равшанат
Хуршед дар баробару ойина дар канор.
Ҷуз табъи софии ту, ки дорад сафои об,
Дар мазраи камоли ту кас нест обёр.
Дар истифозаи ҳикам аз мӯбади сипеҳр
Онӣ, ки бонги хеш нишюӣ зи кӯҳсор.
Баҳрест хотири ту, ки бошад тамом дур(р),
Нахлест қомати ту, ки бошад тамом бор.
Фарзанди арҷманди хадеви замонаӣ,
Гаҳ он, ки ёфт пояи давлат бад-ӯ қарор.
Қозикалони шаҳри Бухоро, ки номи ӯ,

Дар улкаҳои Рум занад кӯси иштиҳор.
Ӯ осмони рафъату ту моҳи осмон,
Ӯ ҷуйбори ҳикмату ту сарви ҷӯйбор.
Дасти сахои туст ба исори симу зар
Аз эҳтизози бод чу нахли шукуфадор.
Гардун ба майли хатти шуьоъийи офтоб
Аз хоки остони ту бардошт сурмавор.
Муҳкам бувад иродати ту дар замири ман,
Чун он ки сим дар дили санг аст устувор.
Шоҳин ҳамеша сайди кабӯтар кунад, вале
Ин турфа шуд кабӯтари хулқи туро шикор.
Манзури ман зи мадҳи ту ҷуз дониши ту нест,
Яъне маро зи ахди тавақҷӯъ гумон мадор.
Доно гумоштам, ки сурудам ба шаъни ту,
Варна ба мадҳи мардуми нодон маро чӣ кор?
Мадҳе, ки аз ниҳоди тавақҷӯъ кашид сар,
Бо дигарон тафохуру лекин мазост ор.
Аз ҳафтхони чарх лаби нон кифоя аст
Онро, ки чун ҳилоли қаноат шуд ихтиёр.
Мо домат арриёҳ тараввуҳ алалғусун,
Мо золат алғусун тағаввус иласимор,[1]
Бодо туро шукуфта рухи дӯст чун суман,
Бодо туро кафида дили хасм чун анор.

## ҚАСИДАИ ФИРОҚИЯ ДАР ҲАМДИ СУБҲОНАҲУ

Эй бод, агар саҳаргаҳат афтад раҳи гузор
Бар кӯи ёр, арзи ниёзи манаш гузор.
З-он пештар, ки бандӣ эҳроми он ҳарам,
Аз роҳи Чин дарову тариқи ҳарам сипор.

1. То вакте ки бодхо шохаҳоро мечунбонанд,
То вакте ки шохаҳо ба сӯи мевахо шино мекунанд.

Дар бар ҳали шамомаи мушки татор гир,
В-аз тан ба оби чашмаи Замзам бишӯ ғубор.
В-аз ман расон салом, бибӯсаш ба дида по,
Ҳар ҷо, ки пешат ояд, дайёри он диёр.
Аз хоки остон-ш, ки кибрити аҳмар аст,
Бар фарқи ифтиқор бинеҳ тоҷи ифтихор.
Аз дар даро ба гармӣ чу аз хуни бода ҷом,
В-аз по нишин ба зор чу аз захми захма тор.
Гоҳе ба сони чашмам чун абр дур фишон,
Гоҳе ба сони килкам чун нофа мушк бор.
Бикшой лаб ба лоба, басе базли базла кун,
Чанде ба истиғосаву чанде ба эътизор.
Чун сабри талхи ман зи лаби шаккарини ӯ,
Нӯши ҳадиси хеш биёло ба неши мор.
Бар кӯяш, эй зи дасти ту, дар нола ҳар тараф
Аз дӯстон ҳазор, чу дар бӯстон ҳазор.
Эй ҷавр дар ниҳоди ту чун нақш дар нигин
В-эй зулм дар мизоҷи ту чун ранг дар баҳор.
Эй гоҳи кина вазъи ту чун коҳ дар хафоф
В-эй вақти лутф табъи ту чун кӯҳ дар вақор.
То бурдбори ишқи ту бар дӯши дил фалон
Якбора дар фироқи туаш рафт бурдбор.
Бас шомҳои тира, ки дур аз ту то саҳар
Гиряд зи сӯзи сина чу шамъи мазор зор.
Дар дида аз ту обашу дар сина оташ аст,
Оташ ҳаме ба сар раваду об дар канор.
Хобаш намебарад, ки ба ёди гули рухат
Хораш ба дида афканад аз сина хор-хор.
Хун аст дил чу ғунчаву миноҳ то бувад
Дар даври лола наргиси мастат пиёладор.
Дар ёди себ он зақан андар гулӯи ӯст,
Ҳамвора оби нор хурад гаҳ чу оби нор.
Аз хуни ашк дар хаваси рӯи хатти ту
Субҳи сафеди ӯст шафақҷӯш шоми тор.



*Пора аз як қасидаи Шоҳин (дастхатти Л°229)*

Гоҳе ҳаме бинолад аз даври осмон,
Гоҳе ҳаме бигиряд аз ҷаври рӯзгор.
Сайёраҳои ашкаш бе рӯи моҳи ту
Н-орад, ки осмон ба савобит кунад шумор.
Ҳар оҳи сард аз дили пурдард баркашад,
Чун субҳ дар басити замин созад интишор.
Аз гиря дар фироқи ту чашму канори ӯ
Гӯӣ нишонда бар сари ҳавзест обшор.
Оби ҷигар чакида зи мижгон ба доғи дил,
Аз бобзан чу хуни газак бар сари шарор.
Аз кимиёи ишқи туаш гашта чеҳра зар,
Мапсанд, то ба хоки сияҳ бошадаш иёр.
Омехт чун ба шаҳди вафо дар мазоқи ҷон,
Заҳри ҷафои ту диҳадаш таъми хушгувор.
То тори ҷон зи тан гусилонад ба ҳилае,
Пайваста дил ба нохуни фикрат кунад фигор.
Ҳар кас, ки номи ёр барад, гӯяд: «Алҳазар!»,
Ҳар кас, ки ҳарфи ишқ занад, гӯяд: «Алфирор».
Набвад ба шарҳи шарҳаи дил бе ту мӯънисаш,
Дар тангнои ҳуҷра сивоссақф валҷидор.[1]
Дорад ба сар ҳавои ту филбукру валишо,[1 2]
Дорад ба дил хаёли ту филлайл ваннаҳор.[3]
Гоҳе ба назми икд мадеҳат диҳад низом,
Гоҳе ба насри накд саноят кунад нисор.
Эй бепадар, зи модари ҳаҷри ту муддатест
Пистони ғусса мемакад он тифли ширхор.
Охир кӣ гуфтат ин ҳама бехи ҷафо нишон
В-оё кӣ хондат ин ҳама тухми вафо макор?
Чуз ту касе намекунад ин шева ибтикор,
Ҷуз ту касе намекунад ин пеша ихтиёр.

---

1. ғайр аз сакф ва девор
2. дарсубхушом
3. шабу рӯз

Дар ғори сина меҳри туаш чун паямбар аст,
З-он анкабутвор танад бар даҳони ғор.
Ағёр кофиранд, мабодо ба кофирон
Рози паямбар афтадаш аз парда ошкор.
Сайди шикори туст, ту сайёди ӯстӣ,
Сайёд сайди худ наҳилад, гар кунад шикор.
Дерест з-он диёр-ш нахонӣ ба хеш лек,
Охир чӣ ҷавр ин, ки биронӣ-ш з-ин диёр?
Ту меҳрӣ, ӯст зарра, зи зарра чӣ ҷои нанг,
Ту шоҳӣ, ӯст банда, зи банда чӣ ҷои ор?
Чун дар ҳавои ком зимоми дилаш туrост,
Аз каф манеҳ зимомаш, коми дилаш барор.
Созад вагарна кори ту чун тарфи доманат
Рӯзе ба даст афтадаш аз бахти созгор.
Дар пастии ту лак-лакаш оянд гар ба пеш,
Чун лаклакат нишонадат андар сари манор.
Н-орад ба ҷуз таҳаммули неши ҷафо дигар,
Афтад тарфи домани гул чун ба дасти хор.
Он беҳ, ки дӯстро нашавад инчунин ба дӯст,
В-он хуш, ки ёрро наравад инчунин зи ёр.
Паймо тариқи ишқ, ки паймонааш ба санг
Ояд ҳар он ки набвад паймонаш устувор.
Ибрат аз ин зиёда чӣ хоҳӣ, ки паст шуд
Дар бевафоӣ аз ҳама хубонат эътибор.
Накди вафо аз ӯ чу ба ағёр бохтӣ,
Омоҷи се буҷул шудат хиштаи қимор.
Озори ӯ махоҳ, ки дар кунҷи бекасӣ
Ҳар субҳдам, ки мевазам аз тарфи марғзор,
Мебинамаш нишаста чу шамъест нимсӯз,
Дасти дуо кушода ба даргоҳи Кирдгор,
К-эй дар вафот бохта Айюб тан ба кирм
В-эй дар ҳавот охта Мансур сар ба дор.
Аз лутфи туст олиму ҷоҳил ниёзманд
В-аз ҷуди туст зоҳиду фосиқ умедвор.

Аз лангари ту маъбараи чархро сукун
В-аз нуқтаи ту доираи арзро мадор.
Дар оташи шафақ фиканӣ уди меҳрро,
Бандӣ ба мушк бофта чатре-ш аз бухор.
Бухтии чархро ҳама дар дасту пову дӯш
Занги тило ниҳиву имории зарнигор.
Чашми ҷаҳон бидӯзӣ чун дидаи уқоб
Рухсори маҳ фурӯзӣ чун чеҳраи нигор.
Аз дона нахл оварӣ в-аз нахл шохаҳо
В-аз шохаҳо шукуфа кашӣ в-аз шукуфа бор.
Рангин зи лутфи туст сару рӯи арғувон,
Сӯзон зи бими туст дилу синаи чанор.
Бар абраши ҳаво зи ту барбаста абр рахт,
Бар аблақи само зи ту гардида маҳ савор.
Гар ринд в-ар фақир, зи ту гармпеша аст,
Онро ба ёр шуд дилу в-инро диле ба ёр.
Бар ҷои он, ки бурд ба наззорае дилам,
Биншонд ҷон дар оташам аз тоби интизор.
Бар ҷои ман ҳар он чи намуд аз шиканҷа ранҷ,
Бинмо барои ҷоизааш бар яке ҳазор.
Соқӣ аз он ақиқи ямонӣ, ки дар сабӯст,
Пур кун сабук қаробаву ратли гарон биёр.
Бар ман равон бидеҳ, ки аз он оби оташин
Обе равон фишонам бар оташи хумор.
То рӯ ба рӯи ёр кунам арзи ҳоли хеш
Чун об аз изтиробу чун оташ аз изтирор.
Эй гавҳари ту суфта дар ҳуққаи ақиқ
В-эй оҳуи ту хуфта бар тарфи лолазор.
Ёқути ту навишта зангор бар ҷабин,
Кофури ту сиришта шангарф бар узор.
Хоҳад шудан дучор маро чашми иштиёқ
Бар сурати бадеи ту гардад агар дучор.
Халқест аз фироқи ту дар банди ифтироқ,
Ҷамъест дар ҳузури ту дар қайди эҳтизор.

## ДАР МАДҲИ АМИР

Гузашт моҳи сиёму расид фасли баҳор,
Ба шодмонии ин ду башора бода биёр.
Биёр бода, ки моҳи сиём агарчи гузашт,
Расид аз паи моҳи сиём фасли баҳор.
Кунун, ки сабзаву гул сар бурун кашид зи хок,
Ба хатти ёр ишорат кунанду орази ёр.
Киноятест, ки бар орази мухаттати ӯст,
Ба рӯи сабза бикаш ҷоми бода дар гулзор.
Ҳилоли ид ба бонги баланд мегӯяд:
Ки аз ҳилолии май чора кард ранҷи хумор.
Чӣ мавсимест, ки ҳар булбуле ба шохи гуле
Ба ин қасида кунад мадҳи шоҳро такрор:
Ки эй гирифта ба авди ту кори мулк қарор,
Адолати ту шуда ҳисни шаръро меъмор.
Ба тахти номия оромиши баҳор диҳад,
Ба ҳар диёр, ки афтад туро ҳавои гузор.
Ситам ба аҳди ту шуд муртафеъ, чунонки зи шер
Ба кунҷи беша ба рӯбаҳ намерасад озор.

## ДАР МАДҲИ АМИР

Эй зада таъна саводи рақамат бар гавҳар,
Рақамат рехта бар сафҳаи дафтар гавҳар.
Туӣ он зевари дониш, ки ба ҳангоми рақам
Мекашад килки ту бар риштаи мистар гавҳар.
Ҳар рақам, к-аз қаламат бар варақи ол афтод,
Ҳаст зебанда чу андар табақи зар гавҳар.
Ҳиммати туст бад-он мартаба олӣ, ки бувад
Аз хазафреза ба назди ту фурӯтар гавҳар.
Шавад аз афсари ту зинати гавҳар афзун,
Гарчи бошад ба масал зинати афсар гавҳар.
Ҳар кабӯтар, ки ба қасри ту гузидаст ватан,
Ивази байза нишонад ба таҳи пар гавҳар.

Баски чун лаъл нашуд таъбия бар хотами ту,
Дасти афсӯс занад яксара бар сар гавҳар.
Ба нисори ту кашад бо табақи фирӯза
То саҳар з-аввали шаб торуми ахзар гавҳар.
Дур набвад, ки зи ҳамнисбатии қомати ту
Оварад ҷои самар шохи санавбар гавҳар.
Тай кунад фикри ту ақсоми маонӣ з-он сон,
Ки бурун оварад аз баҳр шиновар гавҳар.
Хоки пои ту ба Шоҳин бувад иксири мурод,
Бенаворо кунад, оре, ки тавонгар гавҳар.

## ДАР МАДҲИ АМИР

Саҳар даромад нигорам аз дар, фиганда ба рух зи турра миъҷар,
Кулоҳи заррин ниҳода бар сар, қабои гулгун кашида дар бар.
Саводи хатташ ба хуни мардум зи мушки азфар навишта: «маҳбат»[1],
Шиканҷи зулфаш ба гардани дил зи сунбули тар ниҳода чанбар.
Маро ҳамедид, к-аз фироқаш нишаста будам ба бистари ғам,
Бад-он гудозе, ки бошад оташ, нуҳуфта андар миёни ахгар.
Гирифт дастам ба меҳрубонӣ, кашид бо худ, ки ҳон, фалонӣ,
Зи гардиши даҳр чанд монӣ ба кунҷи ғурбат чунин мукаддар?!
Зи даври гардун макун шикоят, зи сайри ахтар мабар тазаллум,
Агар ба комат нагашт гардун в-агар ба ҳукмат нарафт ахтар.

1. «мухаббат» дар назар аст.

Чаро ки ҳар кас, ки кард дар бар ба ҳусни фитрӣ
ҳулийи дониш,
Алаззарура[1] кунад сипеҳраш палоси накбат
тирози пайкар.
Хирадваре ку, ки хуни фикраш насӯхт аз ғусса
дар раги дил,
Ки чун муолиҷ ҷафои даҳраш ба набзи роҳат
надӯхт наштар.
Ба гиря гуфтам, ки нозанино, наям мукаддар
зи ҳеҷ бобе,
Ҷуз ин ки васлат зи юмни толеъ нашуд замоне
маро муяссар.
Ҳамин саодат зи юмни дониш кифоя бар ман,
к-аз ин васила
Шудам, Худоро ҳазор миннат, ба шоҳи Тӯрон
ғулому чокар.
Зи баъди умре, ки аз афозил фазоили ман
муфаззал ояд,
Шудам ба фазлаш ба сад тафаззул зи ҷумла афзал
мани муҳаққар.
Кадом фозил, ки дар диёре ба аҳди шоҳе ба рӯзгоре,
Зи роҳи дониш ба эътиборе, ки ман шудастам,
шуда муқаррар?
Зиҳӣ навозиш, ки ҳар замонам атийяти ӯ ба
ҳадя бахшад
Ба дӯши урён либоси атлас, ба ҷайби холӣ қурозаи зар.
Сухан чӣ лозим дароз кардан, ки ҳар таманно,
ки буд бо ман
Зи лутфи шоҳам ба ваҷҳи аҳсан шуда муяссар
ба ҷуз ту дилбар.
Ба дурбошӣ зи чашми мастат, ба бенасибӣ зи
шаҳди лаълат
Намонда умрест дар дили ман ҳавои бода,

1. хатман

хаёли шаккар.
Марост роҳат ҳамеша лоғар, марост меҳнат
ҳамора фарбеҳ,
Аз он ки дорӣ, ту симпайкар, сурини фарбеҳ,
миёни лоғар.
Маро зи ишқат фитода ҳоле, ки ҳеҷ кофар
чунин мабодо,
Ки гар балое зи сар гузорам, ба ҷонам ояд
балои дигар.
Замонае шуд, ки бе висолат тиҳӣ димоғам зи
нашъаи май,
Биё, Худоро, нишаста чанде ба ҳам гузорем
даври соғар.
Бувад, ки кардам бад-ин атийят, ки дидам аз
шаҳ паи ситоиш
Ба мастии май, ба матлаи нав зи табъи нозук
қасидагустар.
Худойгоно, кафи чу баҳрат шиори бахшиш агар
кунад сар
Шигифт набвад, ки дурри лоло шавад ба қимат зи
мӯҳра камтар.
Ҷаҳонситоно, ниҳоли миллат зи оби теғат
гирифт кувват,
Фузунтар аз он ки тифли оҷиз шавад тавоно зи
шири модар.
Фурӯғи ҳуснат ба дида тобад, даме, ки ой бурун
зи хилват,
Бад-он таҷаммул, ки меҳри рахшон кунад
таҷаллӣ зи қасри Ховар.
Зи таъни румҳат гирифта даҳшат равони турку
ниҳоди тозӣ,
Зи саҳми теғат фитода оташ ба хони хону
қасри қайсар.
Агар хатибе ҳадиси Шоҳин, ки дар мадеҳи ту
гуфта, хонад,

Фалак бибӯсад бад-он бузургӣ ба эҳтиромаш зи
пои минбар.
Ҳамеша, ё Раб, ду чиз бодо, ҷаҳонмадоро,
ду чиз бо ту-
Фалак дамодам туро муовин, замин саросар туро
мусаххар!

## ДАРМАДҲИАМИР

Саҳар табираи давлат чунин кашид нафир,
Ки омад аз сафари хайр шоҳи оламгир.
Чи мужда буд, Худоро, ки аз шунидани он
Хурӯши айш бурун омад аз сағиру кабир.
Маро, ки буд дилу дида аз ду сӯ муштоқ
Ба хокбӯсии нақши суми саманди амир.
Шуд аз шунидани ин мужда хотири ман хуш,
Чунонки умри ҷавонӣ дубора ёбад пир.
Биноз, мулки Бухоро, ки дар ту бозояд,
Шаҳе, ки зинати тоҷ асту обрӯи сарир.
Ало амири муаззам, ки бо ҳазор назир
Фалак надида чу килкат ба улви рутба назир.
Қазо ба чашми адуви ту ҷои сурма кашад
Зи хоки маърака рӯзи ваға ба чӯбаи тир.
Ба ҷуз вағои ту вирди забон намебошад,
Маро, ки ғайри ҳавои ту нагзарад ба замир.
Ба хайр бод бақои ту, то ҷаҳон бошад,
Ки бар бақои ту вобаста аст хайри касир.
Инояти ту, ки меъмори ҳар хароба бувад,
Намуд хотири вайронаи маро таъмир.
Аз он ба хоки дарат мениҳанд рӯи намоз,
Ки ҳаст хоки дарат дар шараф беҳ аз иксир.
Дар ин қасида, ки Шоҳин намуд мадҳи ту, гуфт
Ба узри ҳар рақаме сад ҳазорҳо тақсир.

## ДАРМАДҲИАМИР

Гӯиё чашми ту ҷоду шуду Мӯсо наргис,
Ки гирифтаст асо дар яди байзо наргис.
Чашм аз фарқи сараш бозкашиданд, магар
Гирди ҳамчашмии чашмон бувад авво наргис.
То ту софӣ шудаӣ, аз лати чашмат шудааст
Гили паймона гулу пунбаи мино наргис.
Гар на бар хушнигаҳон танг шуд аз чашми ту шаҳр,
Аз чӣ умрест ватан карда ба саҳро наргис?
Алами сафҳа ба каф дорад аз он гар чашмат,
Он чӣ омӯхт, фусун мекунад иншо наргис.
Остин чидаву мушти заре оварда равон,
То нигоҳе кунад аз чашми ту савдо наргис.
Туркчашми ту камин кардаву тарсам, ки диҳад
Бегумон мушти зари хеш ба яғмо наргис.
Як нигаҳ бар гули рӯят натавонад дидан,
Пой то сар шуда гар чашми тамошо наргис.
Додат аз хушнигаҳӣ боҷ, ки инак, доруст
Дорад аз омили чашмат хати тамғо наргис.
Ҳар саҳар з-он лаби уммед фароҳам орад,
Ки кунад бӯса зи чашми ту таманно наргис.
Гул зи рӯи ту агар ҷой кунад бар сари сарв,
Худ зи чашми ту ниҳад бар сари гулҳо наргис.
Гар ба наргис нигарам ҷониби чашми ту, маро
Газад ангушт, ба чашмак кунад имо наргис.
Чашми бадмасти туро ёфта дар айни хумор,
Ки гирифтаст ба каф соғари саҳбо наргис.
Гар на бо чашми ту соғар зада дар боғ, чаро
Доғи май рехта бар рӯи мусалло наргис?
Қади мавзуни ту шамшод бувад ё аръар?
Чашми фаттони ту бодом бувад ё наргис?
Нест бо қадди чу шамшоди ту ҳамсар аръар,
Нест бо чашми чу бодоми ту ҳамто наргис.

Гашта аз шавқ бурун бар сари мижгон чашмаш,
То назар карда бар он наргиси шаҳдо наргис.
Аз ҳаловат наи наргис наи шаккар гардад,
Гар занад бӯса бар он лаъли шакарҳо наргис.
Доғам аз ҳиндуи холат, ки зи рухсораи туст,
Хуфта бар саҳни чаман таҳгули боло наргис.
Як қади найза фурӯ омада хуршеду моҳ,
Ба тамошои ту бархоста аз ҷо наргис.
Хуфта дар сояи сунбул, магар оҳубарра аст,
Ё туро зери хами зулфи сумансо наргис.
Низ нохун гузароненд-ш, фароҳам накунад,
Панҷаи хеш зи домони ту асло наргис.
Дафтари шиква кашам пеши шаҳаншаҳ, чун гул
В-он чи бар ҷони манат кард ситамҳо наргис.
Шаҳриёре, ки бурун оварад абри карамаш
Аз сари хор суман в-аз дили хоро наргис.
Эй, ки аз баҳри нисори ту кунад аз шабнам,
Табақи сим пур аз лӯълӯи лоло наргис.
Гар ишорат равад аз чашми ту монанди насим,
Гирди офоқ занад пӯя ба як по наргис.
Гар ба теғаш ҳама тан қатъ кунӣ чун савсан,
Накашад сар зи хати ҳукми ту қатъо наргис.
Қибла пиндораду дасте ба дуо бардорад,
Гар кунад дида ба нақши қадамат во наргис.
Нест аз хосияти талъати симои ту дур,
Ки барафрӯзад аз ӯ дидаи аъмо наргис.
Бар сари чӯбаи дор охта даврон сари ӯ,
Худ ба даврони ту сар охта гӯё наргис.
Баҳри ромишгарии маҳфили пирӯзии ту
Най ниҳодаст ба лаб ҳамчу Накисо наргис.
Хоҳад аз лутф ҳадисат лаби гӯё ғунча,
Ҷӯяд аз хоки раҳат дидаи бино наргис.
Ба қудуми ту паи таҳния дар саҳни чаман
Менавозад дафу най ғунча ҳаме бо наргис.

Дар мадеҳи ту варақ аз гули маҳ мехоҳад
Шеъри Шоҳин, ки занад бар сари Шеъро наргис.

## ДАР МАДҲИ АМИР

Дӯшина шоми ғам, ки фалак буд анҷумаш,
Чун дӯли осиё, ки кунӣ пур зи гандумаш.
Ашкам инони мавҷаи дарё гирифта буд,
Мегашт осиёи фалак аз талотумаш.
Ногаҳ ба дил зи дида саманди хаёли шоҳ
Бигзашт чун шиҳоб, вале тар нашуд сумаш.
Яъне, ки пур шавад агар аз қатра то муҳит
Аз латмаи ҳаводису шӯри тасаррумаш,
Н-орад халал аз он ки нигаҳбони ӯ Худост,
Бунёди эҳтишом асоси тааззумаш.
Шоме, ки шуд зи тахти ту якпоя офтоб,
З-он гашт пои мартаба бар чархи чорумаш.
Дар маҳфиле, ки моҳ диҳад ҷоми зар туро,
Орад сипеҳр бодаи хуршед аз хумаш.
Гар Зӯҳра чанг гираду Ноҳид даф занад,
Ғайр аз навои мадҳи ту набвад тараннумаш.
Меҳр аст сояи ту, ки дар азми Шарқу Ғарб
Бошад гаҳе тааххуру гоҳе тақаддумаш.
Рахши туро, ки ҳайъати гардун нигоштанд,
Шакли Маҷарра мекашам аз сурати думаш.
Оёти адлу дод чу тифлони мактабӣ
Хоҳанд хусравон зи ту ҷустан таалумаш.
Аз ғуссае, ки шоҳиди мақсад ба чашми ман
Нанмуд аз ту чеҳраву диданд мардумаш.
Чандон ғубори ҳасратам ангехт бахти бад,
К-аз дида дил фурӯ нанишонад ба қулзумаш.
Овардаме ба дида хиёлат магар зи лутф
Бинад тазаллуми дилу ояд тараҳҳумаш.
То инъиқоди марҳаматат бахшад инҳилол,
Шартияе, ки нест илоҷи талозумаш.

Хизри дилам ба чашмаи ҳайвон вузӯ накард,
К-аз хоки пои туст умеди таяммумаш.
Лутфи ту ғунчаест, ки дар боғи орзу,
Гул пираҳан дарида ба завқи табассумаш.
Як ток, к-аз ҳадиқаи фазли ту сар кашад,
Болад ҳазор нашъа хумистон зи торумаш.
Шоҳин, ки гуфт мадҳи ту, омӯхтӣ садаф
Санҷидани гуҳар зи тариқи такаллумаш.
То ҳаст аз атои ту дар бораи ғулом
Имкону эҳтимоли ҷавози тавaҳҳумаш,
Ҳар кас, ки аз тариқи ҳасад бо ту бингарад,
Дар дида бишканад мижа аз неши каждумаш.

## ДАР МАДҲИ АМИР ВА СИФАТИ БАРФ

Так зад саманди боди хариф аз диёри барф,
Рӯи ҷаҳон гирифт ба зери ғубори барф.
Баҳман барои ғозафурӯшӣ ба саҳни боғ
Бикшод аз ҳаюни ҳаво танги бори барф.
Аз касрати тарашшӯҳи абру ҳубуби бод
Офоқ ҳисни жола шуду шаб ҳисори барф.
Чун тоҷирон, ки кисвати қоқум ба бар кашанд,
Пӯшида шохҳои дарахтон дисори барф.
Сар то сари ҷаҳон шуда равшан ба сони субҳ,
То гашт мунташир дами кофурбори барф.
Чун шоҳидони тоза дар оғӯши марди пир,
Навбовагони боғ шуда дар канори барф.
То Нуқра - хинги шаҳ наниҳад пой бар замин,
Гардун чу сим кард ба роҳаш нисори барф.
Эй хусраве, ки чеҳраи бахти ту дар фурӯғ,
Чун тифл нили аҷз ниҳад бар узори барф.
Ё Раб, мутеи ҳукми ту раъйи сипеҳр бод,
З-он сон ки ҳаст дар кафи бод ихтиёри барф.
Шоҳин, ки умр сарфи ҳавохоҳии ту кард,
Равшан шудаст рӯзи вай аз рӯзгори барф.

## ҚАСИДАИ БАҲОР

Боз санҷид ба мизони мувозот ҳамал,
Ки наёмад зи ҳам айёму лаёлӣ афзал.
Ҷаст аз зовияи ҳут бурун чун маҳи нав,
Бигирифт аз кафали абраши гардун фаҳаҷал.[1]
Фарвадин бозуи ин пайкари кӯҳлӣ барбаст,
Наштари номия то он ки кушудаш акҳал.
Шуд чу оини тафоул ба маволид атам(м),
Нисбати амзиҷа гардид ба мабдаъ акмал.
Абр дар бораи асҳор баромад ба карам,
Бод дар унсури ашҷор даромад ба амал.
Аз қадам сабза барафрохт то домани тиҳ,
То магар лола фурӯ рехт аз ӯ фарқи ҷабал.
Кӯҳ аз лола кулаҳ бар сар ороcт ҳулӣ,
Дашт аз сабза қабо дар бар пирост ҳулал.

## ҚАСИДАИ ФАХРИЯ ДАР МАДҲИ УСТОДИ ХУД МУҲАММАДҶОН ТОҲИРХОҶАИ ҶӮЙБОРӢ МУТАХАЛЛИС БА ЗАРИР

Онам, ки кӯси таҳния зад ҳафт ахтарам,
То баркашид нӯҳ фалак аз чор унсурам.
Печид тайласону Масеҳам ба дӯш дод
Оби даҳони Хизр зи пистони модарам.
Дар мандили азоим аз он дарнишаст меҳр,
То дур созад офати ифрит аз сарам.
Дар дафъи захми чашми замона маҳ аз нуҷум
Чандин сипанд рехт ба заррина миҷмарам.
Дар разму базму ҳазм сазад гар ниҳанд пеш
Баҳром теғу Зӯҳра дафу Тир дафтарам.
Бигрифт ақл аввалам андар канор, хонд
Рӯҳуламин ба гӯши дил Аллоҳу акбарам.

1. ... ва ба ду по рост истод.

Дар пояи камолу ҷамол аз улувви табъ
Аз Муштарӣ зиёда, ба Кайвон баробарам.
Килку давоти ман, ки нишоне ба ростӣ
Дод аз ниҳоли Тӯбиву аз ҳавзи Кавсарам.
Бар мункирони шеър бувад ҳуҷҷат он, ки ман
Бар шоирон ба муждаи ҷаннат ҳамебарам.
Дар сафҳае, ки хатти мусалсал кашам зи шеър,
Ҳуро занад ба шаър дар он сафҳа мистарам.
Кас нест дар ҷаҳони мусаддас ҳарифи ман,
З-ин шаш муҳити баршуда якдона гавҳарам.
Чашми шигифти халқ ба ангушт барканад
Бозичае, ки сар кашад аз зери чодарам.
Гар пояи камоли маро бар фалак ниҳанд,
Чун нек бингаранд, ба сад поя бартарам!
Бо ин тақаддус аз чӣ фитодам дар ин мазиқ,
Охир на кофарам, ки ҷаҳим аст кайфарам.
Дандон ҳамезанад саги нафсам ба устухон,
То ман бад-ин наволаи шоиста дарх(в)арам.
Он кас, ки бар ҷаридаи номам қалам кашид,
Донам, ки бар ҷаридаи номаш чӣ густарам.
Лекин насими кист, ки андар баробараш
Чун гул ба ҳарза пардаи номуси худ дарам.
Ашъори ман далели камолам кифоят аст,
Дар даъвие ки мекунам, ин аст маҳзарам.
Хосияти асар биситонад ҳаме ба вом
Иксири аъзам аз нафаси кимиёгарам.
Гӯ, муддаӣ, бикӯб лагад, к-аз туам гурез
Набвад, ки ман Масеҳаму инак туӣ харам.
Он тоирам, ки сар кашад аз бим зери бол,
Худ мурғи арш агар шунавад сайти шаҳпарам.
Шодам ба айши хеш, ки дар ҳаҷлаи хаёл
Ҳамчун арӯс шоҳиди маънист дар барам.
Дар дидаи камол чу биниш ба мардумам,
Бар тораки ҷалол чу лӯълӯ ба афсарам.
Гар шуд сухан муҳит в-агар шуд латифа нахл,

Ман он муҳитро дуру он нахлро барам.
Худ гӯиё ҳаюлои ман ҷинси олияст,
Дар ҳар назар ба сурати навъе мусаввaрам.
Дар дидаи ҳасуд чу хобида новакам,
Дар синаи ҳариф чу оҳехта ханҷарам.
Ҳошо, ки дар саҳифаи афлок тай шавад
Авсофи бениҳояту ахлоқи бемарам.
Аз осмон расид маро ном Шамси дин,
З-он дар сипеҳри мартаба хуршеди анварам.
Худ толеъ аст бар ҳама анвори ман, чӣ бок,
Гар мункири талеа бувад мурғи шабпарам.
Донад ҳар он ки рамзи ҳақиқат шикофтаст,
Олам шуюни маҳз ба ҷуз ман, ки мазҳарам.
Арзи табоеи ҳама аҷром, улувву сифл,
Дорад ба ман қиёму надонам чӣ ҷавҳарам.
Мизони илму фазл ба ман ёфт устувор,
З-он дар забони халқ ба Шоҳин муаббарам.
Шоҳини ман агар пари андеша во кунад,
Бошанд вахшиёни маонӣ кабӯтарам.
Бар дасти чархи пир биларзам ба худ зи бас,
Чандон пурам, ки лаб ба лаби хатти соғарам.
Кӯр аст бахт, чун талабад мар маро, ки ман
Афтода ҳамчу мӯҳра дар ин сатҳи ағбарам.
То ҳаст осмон, нарасад файзи ман ба кас,
Дар аҳди ин лаим чу вақфи мудаббарам.
Дар зоҳирам таҷаммулу дар ботин аст фақр,
Дар ком заҳр дораму дар даст шаккарам.
Бандам тариқи ҳодисае гар ба сад тааб,
Ояд ҳазор ҳодиса аз роҳи дигарам.
Рӯбоҳбозии фалакам сарфае набурд,
З-он рӯ набурд сарфа, ки шибли ғазанфарам.
Ман аз падар канора дар ин баҳри беканор
Чун ойина фитода зи дасти Сикандарам.
Шукри Худо, ки чун падар аз ман канора ҷуст,
Шуд илтифоти хоҷаи офоқ ёварам.

Уммедворам аз карами Нӯҳи ҳимматаш,
К-ин киштии шикаста ба ҷуде бароварам.
Эй хоҷа, к-аз маёмини анфоси поки ту
Офоқу анфус аст ба ҳикмат мусаххарам.
Килки ман аз мадеҳи ту сарву санавбар аст,
К-осуда зери сояи сарву санавбарам.
Худро чу нукта ҷо кунам андар ҳадиси хеш,
Шояд ки дар замири ту з-ин ҳила бигзарам.
З-ин пас наям ятим, ки ҷӯяндам аз падар,
Номи муборакаш ба табаррук ҳамебарам.
Номи ту Тоҳир аст чу зоти ту, банда низ
З-ин исми аъзам аз ҳама вусмат мутаҳҳарам.
Суд аст мадҳи ман, ки зи иззи қабули ту,
Хармӯҳра мефурӯшаму дурдона мехарам.
Ман бистуҳаштсола ҷавонам, зи файзи ту
Дар маърифат мударриси шайхи муаммарам.
Гар хутбаи камоли ту хонам ба қудсиён,
Дар зери по ниҳанд зи нӯҳ чарх минбарам.
Симобу талқу мис чӣ кунам ҳал, аз он ки ҳаст
Хоки дари сарои ту кибрити аҳмарам.
Ахбори ҷому ойина з-ин сон ки гуфтаанд,
Дидам чу нақши пои ту, гардид боварам.
Ҳаргиз мабод, вокашам аз хидмати ту сар,
Гар осмон шавам зи шараф, хоки ин дарам.
Эй пешвои Оли Набӣ, чокарам туро,
Чун умматам ба Оли Набӣ, гар на чокарам.
Ин корномае, ки намудам ба мадҳи ту,
Ангушт мегазанд, чӣ Монӣ, чӣ Озарам.
Набвад аҷаб, чу нофакушои мадеҳи туст,
Аз нӯги хома гар бичакад мушки азфарам.
Ё Раб, ки бод маъбари фазли ту дастгир
Дар банди чор мавҷаи нӯҳ баҳри ахзарам.

## ДАР ШИКОЯТ АЗ ФАЛАК

То кай, эй чархи муарбад, зи паи кинаи ман
Фитнаи даҳр барангезиву ошӯби заман.
Чанд ошуфтагии табъу парешонии дил,
Бубарӣ роҳати ҷон аз ману осоиши тан?
Дур набвад, ки ба даври ту кунад кӯтани фил
Даъвии ҳамсарии нофаи оҳуи Хутан.
Зарра бар меҳри ҷаҳонтоб занад ханда зи ту
В-аз ту хармӯҳра ниҳад таъна бари дурри Адан.
Зи ту хатти санамон хуфта дар оғӯши ғубор
В-аз ту сар то қадами зулфи бутон вақфи шикан.
Орифонро зи ту бо симбарон ҳаст висоқ,
Сим бар санг задан аз раҳи силӣ бастан.
Нест бо анбари соро шарафи хоки сияҳ,
Нест бо парри ҳумо рутбаи хошоки лаҷан.
Зи ту ояд сари осоиши мино бар санг
В-аз ту сарпанҷаи дай чок занад ҷайби чаман.
Бо ҳама накди зар аз дасти ту дар гӯшаи боғ
Ғунча аз фоқа занад бахя ба ҷайб аз доман.
На гуле руста, ки хоре нафишурдӣ дар пош,
Нест ганҷе, ки зи афъиш нагардад хозан.
Зи ту овораи саҳрои хамӯшӣ булбул,
Зи ту дар садри чаман батту заған карда сухан.
Зи ту ҳарфе натавонист, ки орад ба забон,
Шуд забон гарчи саропой такаллумсавсан.
Нестат субҳ ба ҷуз соғари доғе бар каф,
Нестат шом ба ҷуз дуди чароғе равшан.
Гардбод аз ту ба як гӯша наёрист қарор
В-аз ту селоб ба як беша наёрист ватан.
Баҳр дархост дур аз кони ту, з-онаш сомон
Нашуд аз мавҷ ба сар ҷуз кафи афсӯс задан.
Дида ҳар гаҳ, ки ба хони ту кунад боз ҳубоб,
Дорад аз бими ту дар хеш шикам дуздидан.

Бигзарад аз ҷигари гову бидӯзад дили об
Тири баркe, ки расад аз ту ба ҷони хирман.
Кист то аз ту мукофот надид охири кор,
Минка лав шамма суруран аҳадун, зоқа ҳазан.[1]
Зи ту пирояи айш аст ду олам озор,
Ду ҷаҳон неш бувад нӯш туро пироман.
Ҳама чун куштаи теғи ту шуд, инак Шоҳин,
Биниҳод аз сари таслим ба поят гардан.
Ҳамаро куштӣ, агар мекушиям, зуд бикуш,
То бубинам, ки маро кушта чӣ хоҳад кардан.

## ДАР МАДҲИ АМИР

Ту з-ин бӯстонҳо наӣ, аз кадомӣ?
Ки сарвӣ ба боло, вале мехиромӣ.
Лабатро ба ширинӣ, эй нукди маҷлис,
Тавон кард ташбеҳ бо шеъри Ҷомӣ.
Дилам гар дучори ту гардад, хурӯшад
Чу карнои сарбоз вақти саломӣ.
Ба қад гарчи, эй моҳ, сарви баландӣ,
Ба рух гарчи, эй сарв, моҳи тамомӣ.
Ҷаҳоне ғуломи ту шуд, аз чӣ мӯҷиб,
Магар шаҳриёри ҷаҳонро гуломӣ?
Ало шаҳриёри мукаррам, ки набвад
Ба аркони шаръ аз ҳулал ҷуз ту ҳомӣ.
Ба ҳар сӯ, ки азм оварӣ, менамояд
Бариди зафар бо ту фаррух паёме.
Ҳамебур дили душманон, чун синонӣ,
Ҳамебур сари ҳосидон, чун ҳисомӣ.
Ба аҳди ту аз бим дар ҷои киса
Бибуррад равон дасти худро ҳаромӣ.
Сурудаст дар мадҳи ту табъи Шоҳин,
Раҳи назми Саъдиву шеъри Имомӣ.

1. Зи ту кас шод кашид буӣ, мазид аз ту ҳазан.

## ДАР МАРСИЯ ВА ТАЪРИХИ ФАВТИ ЯКЕ АЗ МАШОИХИ ТАРИҚАТИ ҒАВСИЯ

Дар ин сароча, ки меъмори ӯст вайронӣ,
Тамаъ мадор, ки то даври осмон монӣ.
Ҳар он чӣ парда кушояд зи оливу софил,
Ҳар он чӣ ҷилва намояд зи қосиру донӣ,
Агар ба дидаи таҳқиқ бингарӣ, бошад
Ба рӯи сафҳа чу нақше зи хонаи Монӣ.
Надонӣ он, ки чӣ сон об меравад дар баҳр,
Ҷуз ин қадар, ки ба рӯяш сафина меронӣ.
Кушой дидаву бингар, ки чун ба рафтани умр
Кунад назора пас аз марг чашми қурбонӣ.
Хуш он, ки бори тааллуқ ниҳӣ зи дӯши талаб,
Ки раҳ ба манзили мақсад барӣ ба осонӣ.
Бад-он масоба, ки Ҳоҷӣ Муҳаммад аз олам
Гузид қурби ватан дар ҷавори рӯҳонӣ.
Бишуд ба латмаи тӯфони қудс дарёӣ,
Бишуд ба арсаи майдони қурб ҷавлонӣ.
Зиҳӣ рашиди замон, муршиди замона, ки буд
Аз ӯ ба маслаки ирфон сулуки иқонӣ.
Намуда дар сафи гарданкашони олами қудс
Ба зӯри ҷозибаи қурб каллаҷунбонӣ.
Сулуки Қодирӣ аз ӯ гирифта буд ривоҷ,
Чунонки назми қасоид зи табъи Хоқонӣ.
Чу дид ҳар кӣ дар ин боғ, ғунчасон нашкуфт,
Чу гул ба дасти насим аст дар парешонӣ.
Гузашт панҷуми моҳи ҷумодиюлаввал,
Қадам ба олами боқӣ ба олами фонӣ.
Равонаш аз қафаси сина рӯзи сешанбе,
Кушуд боли тафарруҷ чу мурғи зиндонӣ.

Шабе гузашт пас аз зӯҳри чоршанбе шуд
Зи юмни макдами ӯ гӯри тира нуронӣ.
Куҳан аҷузаи гетӣ паи мусибати ӯ
Ба бар кашид либоси сияҳ чу насронӣ.
Касе зи хомаи анбарғумомаи Шоҳин
Бихост, к-аз паи таърихи ӯ чӣ бархонӣ?
Бирехт хуни дилу зад рақам, ки шуд марҳум:
«Камина ходими дарбори Қутби Ҷелонӣ».[1]
Ҳамеша бод мунаввар чу офтоби мунир,
Даруни турбати покаш зи нури яздонӣ.

1. Бо ҳисоби абчад 1298 хиҷрӣ, баробар ба 1881 мелодист.

# МУСАДДАСОТ ВА МУХАММАСОТ

❁ ❁ ❁

З-ин сон ки хоҳиши даҳр ҷуз шӯру шар набошад,
Бадтар дар ин замона айб аз ҳунар набошад,
Суди матои дониш ғайр аз зарар набошад,
Одам касе нахонанд онро, ки хар набошад,
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад!?

То кай диҳам зи айём тан дар балои меҳнат,
Бинам зи даҳр меҳнат андар қафои меҳнат,
Ҳеҷам наомад, эй чарх, роҳат ба ҷои меҳнат,
Акнун дилам гирифтаст з-ин тангнои меҳнат.
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад!?

Чун эътибори гетӣ сармояи малол аст,
Ҳар давлате, ки ояд, омодаи завол аст,
Уммеди роҳат аз даҳр андешаи муҳол аст,
Ин як-ду рӯза ҳастӣ хоб аст ё хаёл аст.
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад!?

То кай ба ваъдаи шир Ширин диҳад фусунам,
Чун Кӯҳкан кашонад дар пои Бесутунам,
В-он гаҳ кушояд аз дил бар дида ҷӯи хунам,
Ку тешае, ки иқбол оҳе занад бурунам?
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
То бар сарам аз ин зол захми дигар набошад.

Акнун ки толеи ман пайваста дар вубол аст,
Субҳам тамом шом аст, айшам ҳама малол аст,
Ҳар давлате, ки бинам, омодаи завол аст,
Дар даҳр бо чунин ҳол будан басе муҳол аст,
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
К-аз наҳс ахтаронро бар ман назар набошад.

Бо фазлу илму дониш чун шӯҳра гашт номам,
Аз рашк рехт гетӣ заҳри ҳасад ба комам,
Даврон ғубори андӯҳ афканд дар машомам,
Субҳи умедам ин дам шуд тиратар зи шомам,
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
То захмҳо ба ҷонам з-он кинавар набошад.

Шоҳин, ба аҳди дониш беш аст ҷаври гардун,
Ҳар кас, ки дониш омӯхт, то ҳаст мехӯрад хун,
Акнун зи аҳли фазлам бишмурд бахти вожун,
Мебоядам кашидан з-ин варта рахт берун,
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Шояд зи душмани фазл он ҷо асар набошад!

ф ф ф

Дӯш меомад ба чандан ишва он нозофарин,
Аз ду сӯ афканда бар рухсора зулфи анбарин,
Карда чашмаш аз паи дил бурдани халқе камин,
Гуфт чун дидаш ба ногаҳ зоҳида хилватнишин:
Чашм агар ин асту зулф ин асту нозу ишва ин,
Алвидоъ, эй зуҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дан!

Менамояд гарчи манъ аз пешаи риндӣ маро,
Гоҳ фикри зӯҳду гаҳ андешаи тақвӣ маро,
Лек чун бинад ҷунун саргарми ин маънӣ маро,
Медаҳад аз раҳзанӣ талқини ин даъвӣ маро:
Чашм агар ин асту зулф ин асту нозу ишва ин,
Алвидоъ, эй зӯҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дан!

Ман, ки даст андар хами он зулфи хам дар хам занам,
Ҳошалиллаҳ, баъд аз ин аз зӯҳду тақво дар занам,
Сар ба сар оини ақлу расми дан барҳам занам,
Ҳарчи пеш ояд ба ҷуз ҳарфи муҳаббат, кам занам.
Чашм агар ин асту зулф ин асту нозу ишва ин,
Алвидоъ, эй зӯҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дан!

Борҳо гуфтам, ки тарки пешаи Маҷнун кунам,
Ишқи он лайливаш аз конуни дал берун кунам,
Қомати ҳамчун алиф аз бори тақво нун кунам,
Чун наёрам аз муҳаббат тавба кардан, чун кунам?
Чашм агар ин асту зулф ин асту нозу ишва ин,
Алвидоъ, эй зӯҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дин!

Буд зоҳид пеш аз ин аз ҳоли Шоҳин дар шигифт,
То чаро нақди дилу динро ба ғорат дод муфт,
Шукр лиллаҳ гашт равшан бо вай ин рози нуҳуфт,
Дид чашму зулфу нозу ишваи он шӯху гуфт:
Чашм агар ин асту зулф ин асту нозу ишва ин,
Алвидоъ, эй зӯҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дан!

ф ф ф

Дӯш баҳри пурсиши ман он бути оличаноб,
Омад аз зулфи мусалсал бар рух афканда ниқоб.
Соате нагзашта ҳамчун зулфи худ дар печутоб
Хӯрд ҷоми май паёпай, шуд зи таъсири шароб.
Таб баровар(д) моҳи тобонам, бишуд ҳолам хароб,
Мисли маҳ буд, дар ҳарорат гашт акнун офтоб.

Эй фалак, раҳме, ки он нозофарин бетоб шуд,
Пайкари симини ӯ дар ларза чун симоб шуд.
Бахти бедорам чу чашми масти ӯ дар хоб шуд,
Аз шуниданҳои афғонаш дили ман об шуд.
Таб баровар(д) моҳи тобонам, бишуд ҳолам хароб,
Мисли маҳ буд, дар ҳарорат гашт акнун офтоб.

Эй табиби меҳрубон, фикри мудово карданист,
Нисбате бо ӯ аз ин тақриб пайдо карданист.
Хештанро дар ҳарими васли ӯ ҷо карданист,
Хусни ӯ аз таб дуболо шуд, тамошо карданист.
Таб баровар(д) моҳи тобонам, бишуд ҳолам хароб,
Мисли маҳ буд, дар ҳарорат гашт акнун офтоб.

Тоқатам шуд тоқ аз бемории он гулбадан,
Рафт ақлам аз сару сабр аз дилу рӯҳ аз бадан.
Аз ғами беморӣи ӯ дар тани ман ҷони ман,
Бар сари болини ӯ сӯзад чу шамъ андар лаган.
Таб баровар(д) моҳи тобонам, бишуд ҳолам хароб,
Мисли маҳ буд, дар ҳарорат гашт акнун офтоб.

Ҳамчу шамъ аз ғуссаи бемории он симтан
Гоҳ дар хилват ҳамесӯзам, гаҳе дар анҷуман.
Не маро дар дил шикебоист, не роҳат ба тан,
Эй Худоро, лутфу раҳме кун ба ҳоли ёри ман.
Таб баровар(д) моҳи тобонам, бишуд ҳолам хароб,
Мисли маҳ буд, дар ҳарорат гашт акнун офтоб.

Ёр бемор асту ман ғамгин, намедонад касе,
Қиссаи пурғуссаи Шоҳин намедонад касе,
Яккалам ранҷи мани мискин намедонад касе,
Мурдам аз дарду ғамаш, лекин намедонад касе.
Таб баровар(д) моҳи тобонам, бишуд ҳолам хароб,
Мисли маҳ буд, дар ҳарорат гашт акнун офтоб.

# МАРСИЯИ МУСАДДАС[1]

Дардо, ки аҳд бишкаст даврони сустпаймон,
Бурд аз кафи умедам ду дона дурри ғалтон.
Тар кард хуни ашкам аз дида то ба домон,
Ҳар сӯ, ки рӯ намояд, ояд ғами фаровон.
Як сӯ фироқи аҳбоб, як сӯ видои ҷонон,
Ёрон, чӣ ҳол бар ман, як рӯз ду мусибат.

То он ду моҳдора раҳт аз ҷаҳон бибурданд,
Яксар фурӯғи биниш аз дидагон бибурданд.
Афғони халқи олам бар осмон бибурданд,
Кулфат ба дил фузуданд, роҳат зи ҷон бибурданд.
Як сӯ фироқи аҳбоб, як сӯ видои ҷонон,
Ёрон, чӣ ҳол бар ман, як рӯз ду мусибат.

Доғам, ки даври гардун бо кас вафо надорад,
Коре ба мустамандон ғайр аз ҷафо надорад,
Бо ҷаври ӯ тафовут шоҳу гадо надорад,
Дарде ба ҷонам андохт, гӯӣ даво надорад.
Як сӯ фироқи аҳбоб, як сӯ видои ҷонон,
Ёрон, чӣ ҳол бар ман, як рӯз ду мусибат.

---

1. Дар сарлавҳаи ин марсияҳо котиб чунин овардааст: *«Ду фарзанди дилбанди Амир Абдула.ҳад дар як рӯз фавтида, худи Амир аз ғояти сӯзу гудоз ба марсияи онҳо ин байтро гуфта:*

*Як сӯ фироқи аҳбоб, як сӯ видои ҷонон,*
*Ёрон, чӣ ҳол бар ман, як рӯз ду мусибат,*

*Шоҳин ба як мухаммасу як мусаддасу як ғазал ин шаҳбайтро ба марсияи шаҳзодагон тазмин мефармояд»*. Мо низ ин марсияҳоро ба ҳамон тартибе, ки дар нусхаи қаламӣ омадааст, меорем.

З-ин зулму з-ин татовул, эй рӯзгор, шарме,
Эй киначӯй, раҳме в-эй нобакор, шарме.
Охир кӣ гуфт, эй чарх, аз кас мадор шарме,
Гар шармат аз касе нест, аз шаҳриёр шарме.
Як сӯ фироқи аҳбоб, як сӯ видои ҷонон,
Ёрон, чӣ ҳол бар ман, як рӯз ду мусибат.

Шоҳин латоифи ин як-як намуд идрок,
То, к-аз латифае гашт воқиф ба ҳусни сират.
Домони беқарорӣ бар каф гирифт в-он кӣ
Гуфт аз барои таърих як рӯз ду мусибат.
Як сӯ фироқи аҳбоб, як сӯ видои ҷонон,
Ёрон, чӣ ҳол бар ман, як рӯз ду мусибат.

Золи сипеҳр ҳар субҳ ҷаъди сапед во кард,
Савсан кабуд пӯшид, гул пираҳан қабо кард,
Шабнам гиристу булбул дар боғ навҳаҳо кард,
Шоҳин, ҳар он чӣ карданд, як-як ба ҷони мо кард.
Як сӯ фироқи аҳбоб, як сӯ видои ҷонон,
Ёрон, чӣ ҳол бар ман, як рӯз ду мусибат.

## МАРСИЯИ МУХАММАС

То кай ситеза созӣ, эй чархи бемурувват,
Бар дӯши ман гузорӣ бори ҳазор меҳнат,
Сели ғамам барафканд бунёди сабру тоқат,
Не завқи ҳашматам монд, на орзуи шавкат,
Охир чӣ мотам аст ин бар шоҳу бар раият?!

Имрӯз кина сар кард бо ман сипеҳри гардон,
Бар шамъи базми айшам гетӣ фишонд домон,
Доғам ниҳода бар дил, сабрам рабуда аз ҷон,
Як сӯ фироқи аҳбоб, як сӯ видои ҷонон,
Ёрон, чӣ ҳол бар ман, як рӯз ду мусибат?!

То рӯзгори ғаддор оини фитнаро сохт,
Ду сарви навҷавонро як-як зи по дарандохт,
Бар дудмони шоҳӣ туғрои кина афрохт,
Дилҳои сарваронро аз фикри айш пардохт,
Пешонии тараб монд бар зонуи надомат.

З-ин пеш офтобе дар абри ғам ниҳон шуд,
Сад чашма хун зи ҳар чашм дар мотамаш
равон шуд,
Ин бас набуд, бозам доғи дигар ба ҷон шуд,
К-аз бӯстони иқбол ду тозагул хазон шуд,
Афтод оташи ғам андар бинои ишрат.

Соқӣ, шароби софӣ бар хоки тира андоз,
Мутриб, ба захмаи тор қонуни айш манвоз,
Шоҳид, ба ғозакорӣ рухсори худ мапардоз,
Эй навҳагар, замоне биншину навҳа оғоз,
То ман ба гиря шӯям аз лавҳи дил кудурат.

Ҳарчанд зории халқ бар осмон баромад,
Хун шуд дили ҷаҳоне, аз дидагон баромад,
Шӯр аз замона бархост, сӯз аз ҷаҳон баромад,
Чун иқтизои тақдир бар акси он баромад,
Шуд сар ба сар дуоҳо шармандаи иҷобат.

Ҳон, эй дили ситамкаш, то он ду нури дида,
Рахт аз ҷаҳон кашиданд, ком аз ҷаҳон надида,
Моем дур аз он ду, бар тан қасаб дарида,
Доман зи базм чида, дар кунҷи ғам хазида,
Бо чашми пур зи хуноб, бо ҷони пур зи ҳасрат.

Эй ҳамдамони дилсӯз в-эй маҳрамони ғамхор,
Фикре, ки з-ин мусибат дастам бирафт аз кор,
Дар кунҷи хона гирйем то чанд рӯ ба девор,
Хоҳам агар намудан ғамҳои сина изҳор,
Оташ фитад ба комам, бандад забон ҳарорат.

Ё Раб, чӣ оташ аст ин, зад дар ҷаҳон шарора?
Дар ҳисни шодмонӣ андохт бурҷу бора,
Бас шишаҳои нозук омад ба санги хора,
Миқрози марг бубрид бар ҳар тане фавора,
То зери хок рафтанд пиру ҷавон ба навбат.

Эй шоҳи чархмаснад в-эй моҳи меҳрафсар,
Эй сояи Худованд в-эй ноиби паямбар,
Аз гӯшаи кулоҳат гум шуд агар ду гавҳар,
Аҷри ту баҳр-баҳре гавҳар диҳад муқаррар,
Аз резиши самар нест бар нахли тоза заҳмат.

Гар гул бирафт аз боғ, бодо баҳор боқӣ!
В-ар шарфа рехт аз кох, бодо ҳисор боқӣ!
Чун маст менамояд дар сар хумор боқӣ,
Ранҷе, ки бинӣ аз даҳр, бар худ мадор боқӣ,
К-андар қазои як ранҷ ояд ҳазор роҳат.

Эй фотиҳи хазоин, бозуи ҳиммат аз ту,
Чашми ҷаҳон, ки боз аст бар хони неъмати ту,
Туғрои фатҳ дорад маншури давлати ту,
Шукри Худо, ки густурд чатри ҳимояти ту
Бар тораки халоиқ залли атову раҳмат.

Шоҳин, ки нотавонест дар кунҷи ғам фитода,
Паҳлӯи нотавонӣ бар хоки аҷз дода,
Хоҳад мудом аз бахт дасти дуо кушода:
К-иқболи шоҳ бодо, ё Раб, аз ин зиёда!
Аз бахт ҳарчӣ ҷӯяд, ёбад ба қадри ҳиммат!

## ҒАЗАЛИ МАРСИЯ

Аз ошёни давлат ду тоири саодат,
Карданд дар яке рӯз ҷо дар риёзи ҷаннат.
З-ин мотами ҷигарсӯз бо ҳар кӣ бингарам, ҳаст
Бар сина дасти афсӯс, дар дида ашки ҳасрат.
Чун сели ғам барандохт бунёди шодмонӣ,
Моем монда чун мавҷ бар сар кафи надомат.
Аз нолаи амирон в-аз навҳаи канизон
Давлатсарои шоҳӣ шуд арсаи қиёмат.
То наъши он ду шаҳзод шуд ҷилвагар чу товус,
Чун абр сели хун рехт аз дидаи раият.
Буданд он ду зевар дур мулки салтанатро,
Он як фурӯғи иқбол в-ин як шукӯҳи давлат.
Дардо, ки арки олӣ бинмуд аз он ду холӣ
Даврони номувофиқ, гардуни бемурувват.
Аз даҳр агар шарофат бинӣ, мабош мағрур,
К-андар шарофати ӯст вобаста сад шар офат.
Дурри гаронбаҳо буд он ҳарду, лек айём
Дурри гаронбаҳоро нашнохт қадру қимат.
Гар з-он, ки шоҳиди бахт ҷо дар канори кас кард,
Бар коми дил гирифтан чархаш надод рухсат.
Рафтанд дӯстдорон бар хоку мо бимондем,
Бар хоки он азизон монанд лавҳи турбат.
Гирам, ба марги аҳбоб тоқат тавон намудан,
Аммо ба доғи фарзанд натвон намуд тоқат.
Оташ ба ҷонам афрӯхт доғи муҳаббати дӯст,
Афтад илоҳӣ оташ дар хонаи муҳаббат.
Ё Раб, тасаллие бахш шоҳаншаҳи ҷаҳонро,
То аз дили раият берун равад кудурат.
Эй шаҳриёри олам, шо(д) бош, к-ин ду доғ аст,
Ин як нишони ғуфрон в-ин як далели раҳмат.
Бошад вафоти фарзанд фазлу каромат, аммо
Дархурди ҳар касе нест ин фазлу ин каромат.

Ойини кибриёӣ мизони адлу ҷуд аст,
Ранҷе ба кас набахшад бе дастмузди роҳат.
Шаҳзодагон агарчи карданд бевафоӣ,
Бод аз ҳаводиси даҳр шоҳи ҷаҳон саломат!
Танҳо на хотири ту з-ин ғусса шуд гаронбор,
Даврон ба дӯши мо низ барбаст бори кулфат.
Ҳар гаҳ ғубори андӯҳ бар табъи шоҳ биншаст,
Аз табъи шоҳ дорад бар бандагон сироят.
Андар фироқи фарзанд бар лавҳи зар таровид,
Аз нӯги хомаи шоҳ ин байти ботароват:
«Як сӯ фироқи аҳбоб, як сӯ видои ҷонон,
Ёрон чӣ ҳол бар ман, як рӯз ду мусибат».
Шоҳин латоифи ин як-як намуд идрок,
То, к-аз латифае гашт воқиф ба ҳусни сират.
Домони беқарорӣ бар каф гирифту он гаҳ
Гуфт аз барои таърих: «Як рӯзу ду мусибат».

## МУХАММАСИ ШОҲИН БАР ҒАЗАЛИ СОДИҚ

Онӣ, ки дурӯғии каломат
Пайдост зи ваъдаҳои хомат,
Эй шӯҳра ба хулфи ваъда номат,
Гуфтӣ, ки диҳам зи лутф ҷомат,
Ман бандаи лутфи нотамомат.

Гуфтӣ, ки ба кинаат ситезам,
Хуни ту ба теғи ғамза резам,
Хоки ту ба боди фитна безам,
Гуфтам зи ҷафо намегурезам,
Он рӯз, ки мешудам ғуломат.

Эй ҳар мижаи ту чун хаданге,
Зулфат чу уқоби тезчанге,
Доим ба манат чарост ҷанге?
Ҳар дам чӣ занӣ параш ба санге?
Мурғе, ки намепарад зи бомат.

Акнун ки зи чашми мо нуҳуфтӣ,
Беҷурм ба тарки мо бигуфтӣ,
Рафтиву ба базми ғайр хуфтӣ,
Ҷом аз кафи душманон гирифтӣ,
Хуни дили ошиқон ҳаромат.

Шоҳин на туро ҳарифи содиқ,
На ҷоми туро шароби роиқ,
Дардо, ки зи даҳри номувофиқ,
Даври фалаки дуранги ошиқ,
Як бор намешавад ба комат!

## МУХАММАСИ МУЗТАРИБ БАР ҒАЗАЛИ ҚАСИДАИ ШОҲИН ДАР МАДҲИ ДОНИШ[1]

Бе занну ваҳму бе ламу бе лову райбу шак,
Бошад туро вуқуф зи омадшуди малак,
Табъи ту ангубини каромотро чалак,
Эй як варақ зи дафтари фазли ту нӯҳ фалак,
Сайти камоли ту зи само рафта то самак.

Бошад савоб, он чи туро дар хаёл рафт,
Рафтӣ ба манзиле, ки дар ӯ Дониёл рафт,
Дар сидқи ин мақол басе қилу қол рафт,
Ҳар даъвие, ки аз ту ба фазлу камол рафт,
Бирҷис мӯҳр карду Уторид навишт сак.

Зоти ту ҳаст мухбири асрори нӯҳ сипеҳр,
Пай бурдаӣ зи илм ба осори нӯҳ сипеҳр,
Донистаӣ маротиби адвори нӯҳ сипеҳр
Авзои ҳафт ахтару атвори нӯҳ сипеҳр,
Бар дониши баланди ту пайдост як ба як.

Эй дафтари румузи ҳикамро намуда тай,
Дар шоҳроҳи олами асрор бурда пай,
Овозаи камоли ту бигрифта Руму Рай,
Эй фитратат ба сина чу дар обгина май,
В-эй нуктаат ба хома чу дар бобзан газак.

---

1. Котиб дар сарлавҳаи ин мухаммас чунин овардааст: *«Шоҳин ба Аҳмад-Махдум Ӯроқи Мунаҷҷим ва Доништаллаллус, мулаққаб ба Аҳмади Калла зиёда мӯътақид буда. Баъд аз ин ки Афзал Махдум Муҳаррири Пирмастӣ бо вуҷуди нисбати шогирдӣ ҳурмати устозиро фурӯ гузошта, бо иқтизои табиати шоирӣ лаб ба ҳаҷви Дониш кушуда, Шоҳин қасидае гарро дар мадҳи Дониш суруда. мазамматн Афзалро намуда. Музтариб Ҷунайдуллоҳ Махдум, ки яке аз мухлисони Аҳмад Махдуми Дониш буда, дар боби ҳаҷв кам касе аз тири забони ӯ растааст, он қасидаи Шоҳинро мухаммас кардааст».*

Ҳар кас, ки ҳаст мункири фазли ту, нокас аст,
Дар чашми эътибор вуҷудаш кам аз хас аст,
Ҳон, суратат ба гавҳари маънӣ муҷаннас аст,
Нисбат туро ба Аҳмади мурсал ҳамин бас аст,
К-ин номи нек байни туву ӯст муштарак.

Азбаски покдиниву қалбат мутаҳҳар аст,
Номи хушат ба манзили мақсуд раҳбар аст,
Некии ному фазли Худованди Акбар аст,
Чун иттиҳоди исму мусаммо муқаррар аст,
Гар хонамаш паямбари охирзамон, чӣ шак?!

В-аз нудрати саноеи ту ақл гашта лол,
Ҳар як зи ҳам аҷиб бувад кимиёмисол,
Дода Худой зоти туро ин ҳама камол,
Дидам «Наводир»[1] -и туву аз сафҳаи хаёл
Кардам вақоеи ҳукамои гузашта ҳак.

Аз руқъаҳои васфи ту офоқ пурнавид,
Созад Худой ҳикмати ту дам ба дам мазид,
Аз туст роҳи ҳикмати юнониён падид,
Бар ганҷу сеҳр фикри гуҳарсанҷи ту калид,
Бар накди фикр табъи сухандони ту маҳак.

Он, к-ӯ набуд ба мартаба наъли туро широк,
Ту дар фазои чархиву ӯ дар нишеби хок,
Нисбат дар ин миён зи само буд то Симок,
Гар лофи афзалӣ ба ту зад аблаҳе, чӣ бок!
Танбури эътибори туро, к-ӯ бувад харак,

1. «Наводир ул-вақоеъ»-и Ахмади Дониш дар назар аст.

Н-орад ба рӯи кор чу ту чархи чанбарӣ,
Хатм аст бар ту фазлу ба ҳазрат паямбарӣ,
Ҷоми Ҷамиву лавҳи сафои Сикандарӣ,
Арбоби фазл бо ту наёранд ҳамсарӣ,
К-он ҷо уқоб ҳамла барад чун кунад чакак.

Арбоби фазлро зи камоли ту сина реш,
Бинҳода борҳо маҳаки имтиҳон ба пеш,
Гардида мунфаил зи хиҷолат ба фикри хеш,
Шеъри малеҳ гар кашамат сад ҷамоза пеш,
Сахл аст бо ту чун ба қарокӯлиён намак.

Бо ҳирзи шеър аз тани хуршед таб рабуд,
Баҳромро тапонча ба рух зад, салаб рабуд,
Аз чанги Зӯҳра олати лаҳву тараб рабуд,
Шоҳин, ки хомааш зи Уторид қасаб рабуд,
Чархаш занад ба азми мадеҳи ту ҳайта лак,

Мадҳи ту нест лоиқи ҳар марди булфузул,
Аз аблаҳӣ ба дониши ту кай расад ҷаҳул,
Анқо куҷо ба доми кабӯтар кунад вусул,
Аз чанбари хаёл бипечад сари нузул,
Мадҳи ту чун кабӯтари ёбоӣ аз катак.

Эй афзалу л-афозилу раъсулмуҳандисин,[1,2]
Фазли Худо ҳамеша ба зотат бувад қарин,
Ояд бари ту тӯҳфа зи ҳуккоми Ҳинду Чин,
Ё Раб, фурӯғи зоти ту монод бар замин,
Ҷовид чун талиаи хуршед бар фалак.

1. Ин чо биё!
2. Бехтарини фозилон ва сари мухандисон

Дар олами фано нахӯрад аз ҳаёт бар,
Якборагӣ зи дафтари ҳастӣ шавад назар,
Рӯҳи хабиси ӯ ба ҷаҳаннам кунад мақар,
Ҳар хирасар, ки бо ту шарирӣ кунад чу хар,
Ҳар тирадил, ки бо ту бахилӣ кунад чу саг.

Дар солу моҳу ҳафта набинад рухи палав,
Умраш шавад тамом ба таҳсили нону ҷав,
Доим бисоти хонаи ӯ бод дар гарав,
Аз табъи сарди хеш шавад ҳамчу хар катав
В-аз хӯи гарми хеш кунад ҳамчу саг тулак.

Эй Музтариб, макун ту дигар ёд музтариб,
Бодо зи изтироби ту озод Музтариб,
Бодо ҳамеша бандаи ношод музтариб,
Ҳар ҷо ҳасуд ҳаст, талаф боду музтариб,
Шошад ба ҷомахобу р..яд бар сари тубак.

# ТАРҶЕЪБАНД
# ВА
# ТАРКИББАНДҲО

## ТАРҶЕЪБАНД[1]

Зани ҳамсоя, ки хубиш фузун буд зи ҳад,
Бар лаби бом чу сарви чаман афрохта қад.
Карда чун меҳр ба бар хилъати кофурии сунъ,
Аз тан афканда чу оина бурун далқи намад.
Ҳар тараф чархзанон бо зани ҳамсояи хеш
Дошт гоҳе сухан аз поғаву гоҳе зи сабад.
На ғами таъну маломат ба сараш аз мардум,
На зи шавҳар ба дилаш воҳимаи мушту лагад.
Гуфтам: - Эй лода, мадав бар лаби ҳар бом чу моҳ,
Ки мабодо шавадат номи накӯ шӯҳра ба бад.
Гуфт: - Дар хона чӣ сон зинда тавон раст кунун,
Ки зи гармии ҳаво мурда нахобад ба лаҳад.
Гуфтам: - Эй ғарра ба гармои зимистон гашта,
Ҷад циву Далв ба худ сохта Ҷавзову Асад.
Ҳеҷат аз мардуми дерина наёяд дар гӯш,
Магар ин нуктаи деринаи арбоби хирад:

Ҳут агар ҳутӣ кунад,
Мардума дар қуттӣ кунад.

Гуфт: - Эй сода бирав, бешам аз ин қисса махон,
Абас аз таъна макаш бар сари ман теғи забон.
Ин на аҳдест, ки ояд зи зимистон сардӣ,
В-ин на асрест, ки гармӣ расад аз тобистон.
Накунад партави хуршедам агар чораи кор,
Бас бувад сояи иқболи шаҳаншоҳи ҷаҳон.
Офтобест, ки аз авҷи шараф бар сари халқ,
Гар сипеҳр аст, дигар хок битобад яксон.
Ҳама парвардаи фазлаш чи фақиру мунъим,
Ҳама осудаи адлаш чи гадову султон.

1. Чуноне аз сарлавхаи ин тарҷеъбанди шӯхиомез маълум мешавад («... фй мадхихи хасба мо амриҳи»), он дар мадхи амир ва бо амри худи ӯ гуфта шудааст.

' Подшоҳон ҳама оранд ба дарбораш боҷ,
Гарчи Искандари аҳданду Сулаймони замон.
Гар савора суи майдон равад, ояд ба назар
Офтоби фалакаш сурати гӯйу чавгон.
Нуктаи мардуми дерина дар ин давр чунон
Гашта афсона, ки хонанд ба шӯхӣ тифлон:

Ҳут агар ҳутӣ кунад,
Кампира дар қуттӣ кунад.

Эй шаҳаншоҳи фалакмаснади хуршедафсар,
Муштариталъати маҳҳашмати анҷумлашкар,
Гашта фағфур мутеи туву қайсар тобеъ,
Гашта иқбол ғуломи туву давлат чокар.
Набувад чун ту ба авранги ҷалосат соҳиб,
Набувад чун ту дар иқлими адолат сарвар.
Чун ту дар гулшани иқбол нарӯида гуле,
Чун ту аз модари иқбол назоида писар.
Насазад ғайри туро тоҷи шаҳомат бар фарқ,
Насазад ғайри туро хилъати шоҳӣ дар бар.
Ба ҷуз аз дасти сахои ту набахшад зар кон,
Ҷуз кафи ҷуди ту дарё нафишонад гавҳар.
Чашмаи лутфи ту гар дод нишон аҳли биҳишт,
Тар насозанд лаби худ ба зулоли Кавсар.
Боди қаҳрат вазад ар бар сари бонуи ҳаҷим,
Ба ҷуз ин нукта наёрад ба забон ҳарфи дигар:

Ҳут агар ҳутӣ кунад,
Кампира дар қуттӣ кунад.

Эй, ки аз шоҳиди бахти ту бад-ин лутф камол,
Натавон ёфт дар оинаи гетӣ тимсол.
Фитна дар хиттаи ислоҳи ту ваҳмест хато,
Зулм дар кишвари адли ту хаёлест муҳол.

Карда хам қомати худ аз сари гардун умрест,
То ки бар наъли саманди ту диҳад бӯса ҳилол.
Боргоҳи ту тавон Каъбаи исломаш хонд,
К-ояд аз ғулғулаи кӯси ту овози Билол.
Гашта аз бими ту ҳамхона ба ҳам пашшаву фил,
Гашта аз хавфи ту ҳамхона ба ҳам шеру шағол.
Баски лутфи ту амим аст, чӣ ҳоҷат ба тамаъ,
Баски эҳсони ту ом аст, чӣ ҳоҷат ба суол.
Карда сар то сари офоқ зи маҳ то моҳӣ
Партави меҳри вуҷуди ту зи бас моломол.
Пирзолони ҷаҳонро нашавад бовари табъ,
Ин сухан гарчи шуда шӯҳра дар афвоҳи риҷол:

Ҳут агар ҳутӣ кунад,
Кампира дар қуттӣ кунад.

То бувад ломиаи ховарӣ аз чархи барин,
Соягустар ба сари хокнишинони замин,
Баҳру бар тобеи рои туву Искандари Мод,
Чун Сулаймон шавадат деву парӣ зери нигин.
Ҳама дар ҳукми ту бошад, чӣ замину чӣ замон,
Ҳама фармони ту ҷӯяд, чӣ макону чӣ макин.
Рақс дар кафшкани маҳфили нози ту равад,
Гарчи дар базми фалак Зӯҳра бувад садрнишин.
Ҳар киро моида аз хони ту бошад маҳу меҳр,
Косаи дӯғ намояд ба назар қурси ҷавин.
Ба дуои ту агар даст кушоянд башар,
Малак аз боми фалак наъра барорад: «Омин!».
Эй, ки мадҳи ту Худо хонда ба заллаллоҳӣ,
Гарчи набвад сифати зоти ту ҳадди Шоҳин.
Ба санои ту вале банда ба уммеди қабул
Кард ин мисраи барҷаста мусамман тазмин:

Ҳут агар ҳутӣ кунад,
Кампира дар қуттӣ кунад.

# ТАРКИББАНД

Бе ту ашкам зи дидагон ояд,
Дилам аз ғусса бар даҳон ояд,
Он чи аз васли гул кашад булбул,
Бо ман аз фурқати ту он ояд,
Хуни ашкам расида то зону,
Магузораш, ки то миён ояд.
Ишваи абруи ту бар дили ман
Ҳамчу тирест бар нишон ояд.
Напазирам ба ҷои ту маҳро,
Бар замин гар зи осмон ояд.

Беш аз ин аз барам канора макун,
Кардаӣ як карат, дубора макун.

Дилбаро, рашки бӯстон шудаӣ,
Ғайрати моҳу ахтарон шудаӣ.
Зӯҳраро ҳусн то чӣ ҳад бошад,
Ҳамчунон, балки беҳ аз он шудаӣ.
Чанд гӯӣ, ки ҳамчу наргиси ман
Аз чӣ бемору нотавон шудаӣ?
Ин надонӣ, ки з-он ду наргиси маст
Ошиқонро балои ҷон шудаӣ.
Бар ту ҷурме намениҳанд, чаро
Ки чунин аз чӣ дилситон шудаӣ?

Айби ошиқ набошад он, ки нигор
Мебарад дил зи дасти ӯ ночор.

Эй сарам хоки остонаи ту
В-аз канори дил ошёнаи ту.
Гиреҳ аз турра боз кун, ки кунам
Дили садчоки хеш шонаи ту.

Вах, чӣ ширин лабе, ки бо ушшоқ
Нуқли маҷлис буд фасонаи ту.
То дили оламе шикор кунӣ,
Зулфи ту дому хол донаи ту.
Ҳар куҷо савти дилкаше бархост,
Хӯрд бар гӯши дил таронаи ту.
Баски ҳастӣ кушодапешонӣ,
Шоҳиди бахти шоҳро монӣ!

# ҚИТЪАҲО

ф ф ф

Бӯса аз холи зери зулфи ту кас
Морро мӯҳра аз даҳон гирад.
Чеҳра зери ниқоб агар гирӣ,
Моҳ бар авҷи осмон гирад.

Ф Ф ©

Набошад ба нодон раҳи маслиҳат,
Ба ғайри мудоро накӯкорро.
Агар барнаёяд бари бор хар,
Бубояд бари хар барӣ борро.

Ф Ф Ф

Шабе ҳадиси ту мехостам, ки арза диҳам,
Нидои вайҳакам аз шаш ҷиҳат расид ба гӯш:
Ки эй сиперда ба худ ҷодаи хаёли муҳол
Гузор ҳарза, дар ин шеваи хатира макӯш!
Касе, ки ғошияи фазлаш аз сари таслим
Кашад дабири Аторуд ба осмон бар дӯш.
Туро чӣ дағдаға, Шоҳин, ки дар ҷаридаи шеър
Кунӣ иҳота ҳадиси Камолу ӯ хомӯш.

Ф Ф Ф

Некуӣ кун бар он ки некӣ хост,
К-аз ту ин номи нек мемонад.
Мепазад ош дар сафол, вале
Рӯсиёҳӣ ба дег мемонад.

Ф Ф ®

Эй осмони кинавару чархи пурситез,
То кай ситеза сохтану кина хостан.

Бадри тамом будаму дардо, ки чун ҳилол
Бигзашт аз ҷафои ту умрам ба костан.

**0 0 0**

Зубдаи авлоди салотин, ки хонд,'
Хутбаи иқбол ба номаш хатиб.
Хомаи Шоҳин, ки зи иншои ӯ,
Сафҳаи офоқ гирифтаст зеб.
Кард ба таърихи ҷулусаш рақам,
«Наср миналлоҳи ва фатҳун қариб».[1] [2]

**0 0 0**

Шарҳи шавқат менавиштам, дидаи хунбор гуфт:
Ҷои сурхиҳош бигзорӣ, ки ман хоҳам навишт.
Хдр куҷо тухми муҳаббат буд, деҳқони азал
Ҷамъ карду як ба як дар синаи Шоҳин бикишт.

1. Дар таърихи ҷулуси Амир Абдулаҳад гуяд.
2. Бо хисоби абчад ба соли 1303 х.к. (1892 м.) рост меояд

# РУБОИЁТ

ф ф ф

Эй он ки бадан зи сими хом аст туро,
Рухсора беҳ аз моҳи тамом аст туро.
На ҳуриву на малак, на одам, на парӣ,
Худ гӯ, ки чи синфиву чӣ ном аст туро?!

**Ф Ф Ф**

Зулфи сияҳу рӯи сафед аст ин ҷо,
Шоми рамазону субҳи ид аст ин ҷо.
Моҳи рухи ӯ зи хатти райҳон хати насх
Бар носияи мӯҳр кашидаст ин ҷо.

**Ф ® Ф**

Эй хилъати салтанат ба болои ту рост,
Гар даъвии салтанат кунӣ, бо ту сазост.
Ҳар салтанатеро каму кост, вале
Дар салтанати ту нест ҳаргиз каму кост.

**«Э Ф Ф**

Ҳар кас ба фусун ягонаи даврон аст,
Чун ман набувад, гар ба масал шайтон аст.
Лекин накушуда нохуни тадбирам
Банде, ки туро ба риштаи тунбон аст.

**® Ф ®**

Нахле, ки ба сарв хӯрда гирад, қади туст,
Шамъе, ки ба моҳ ханда дорад, хади туст.
Гар моҳ зи осмону сарв аз бустон
Бо қадду хади ту саҷда орад, ҳади туст.

**® ф ф**

Бигдохта тан ҳамчу ҳилолам зи ғамат,
Дар дасти замона поймолам зи ғамат,
Чун мурғи қафас шикастаболам зи ғамат,
Алқисса, басе хароб ҳолам зи ғамат.

**Ф Ф Ф**

Эй он ки зи обу хокиву оташу бод
В-эй ҷисми мураккаб шуда з-ин чор аздод.
Имрӯз бизан дар оби оташгун ҷом,
Фардот диҳад хоки туро чарх ба бод.

**0 0 0**

Шоҳо, фалакат бандаву маҳ чокар бод,
Хуршед зи афсарат яке гавҳар бод.
Ман бандаи гумраҳам зи нодонии хеш,
Фазли ту маро ба сӯи ту раҳбар бод.

**Ф Ф Ф**

Шодам, ки маро замона ёвар гардид,
Иқбол мутеъу бахт чокар гардид,
Васли ту зи чарх солҳо меҷустам,
Сад шукр, ки имшабам муяссар гардид.

**0 0 0**

Чархам, ки ба анвои фунун ҷомеъ кард,
Чун моҳи навам ба ними нон қонеъ кард.
Боз аз чи сабаб ба фикри таҳсили маош
Авқоти маро чу саъйи худ зоеъ кард.

**0 0 0**

Онӣ, ки маҳу меҳр туро ёвар шуд,
Баҳром мутеъу Муштарӣ чокар шуд.
Ноҳид ҳарифи базму кайвон ҳоҷиб,
Тир оянигору осмон дафтар шуд.

**0 0 0**

Чун ман на дуре ба қаъри Уммон бошад,
Чун ман на гуле ба тарфи бустон бошад.
Аммо чӣ кунам, ба чашми ин бехирадон
Хору гулу дурру санг яксон бошад.

**0 0 0**

Эй он, ки шудӣ савора бар аспи саманд,
Сарҳои диловарон дарорӣ ба каманд.
Дар хонаи зин ҳар кӣ туро дид, бигуфт:
Бас хона, ки ин савора хоҳад барканд.

**0 0 0**

То давлати васли ту муяссар нашавад,
Меҳрат зи дилу ҳавоят аз сар нашавад.
Сад бор диҳам дар қадамат ҷони азиз,
Ин турфа, ки бо дили ту бовар нашавад.

**0 0 0**

Дар ишқи ту кори ман ба сомон нарасид,
Аз васли ту дарди ман ба дармон нарасид.
Бе лаъли ту мурдаму нагуфтӣ ҳаргиз,
К-ин ташнаҷигар ба оби ҳайвон нарасид.

ф ф $

Хуни дилам аз дард ба дармон нарасид
В-ин ҷодаи бекарон ба поён нарасид.
Аз нолаи ман гӯши малоик кар шуд,
Доғам, ки чаро ба гӯши ҷонон нарасид.

Ф Ф Ф

Гар дид баҳор, гул ба бустон рӯид,
Ҳар дона ба зери хок рафт, он рӯид.
Чун дона ба зери хок хубон рафтанд,
То дарди дили яке аз эшон рӯид.

Ф Ф Ф

Ҷоно, ба чӣ монад лаби ту? Бо шаккар!
Ёро, ба чӣ монад хати ту? Бо анбар!
Монанди ту фарзанд наояд ба вуҷуд,
Гар моҳ бувад модару хуршед падар.

Ф Ф Ф

Эй чашми бад аз чеҳраи иқболи ту дур
В-аз чеҳраи ту чашми ҷаҳон ёфта нур.
Манзур ба чашми халқ агар кӯҳл бувад,
Дар чашми ман аст хоки поят манзур.

ф ф ф

Эй фазл, ту дастгири ман, дастам гир,
Сер омадаам зи хештан, дастам гир.
То чанд кунам тавбаву то кай шиканам,
Эй тавбадеҳе, тавба шикан, дастам гир!

® ф ф

Эй дарду ғаму ранҷи ту бо ман ба талош,
Чун ҷамъи гурусна бар сари суфраи ош.
Ту ҷони маниву ҷони ман аз санг аст,
Номи ту ниҳодаанд з-он восита Тош.

ф ф ф

Ё Раб, зи карам шодии ғамнокон бахш,
Сустии маро ба саъйи чолокон бахш.
Гар покии ман сарф ба нопокон шуд,
Нопокии ман ба покии покон бахш.

ф ф ф

Эй он ки туро ба ҷуз ҷафо набвад кеш,
Ҳаррӯза вафои ман бувад беш аз пеш.
Ту меравию ман аз паят саргардон
Монанди саге, ки гум кунад соҳиби хеш.

ф ф ф

Эй қурраи айн, қозии шаръи шариф,[1]
Асли ту шариф аст, тӯӣ фаръи шариф.
Ин аст дуои ман, ки Ё Раб, гардӣ
Монанди падар баҳравар аз шаръи шариф.

ф ф ф

Дарди дили моро кӣ даво кард? - Висол.
Коми дили моро кӣ раво кард? - Висол.
Овораи арсаи ҳавасро, алҳамд,
Масрури ҳусули муддао кард висол.

1. Дар мадхи қози Мирзо Мухаммадшарифи Судур.

ФФФ

Эй ҳамчу маҳи дуҳафта дар айни камол,
Ё Раб, ки камоли ту мабинод завол.
Аз гардиши даврон нанишинад ҳаргиз
Бар ҳошияи хотири ту гарди малол.

ФФФ

Мо оташи савдо ба сар афрӯхтаем,
Чун шамъ бинои офият сӯхтаем.
Моем, ки чун лола зи саҳрои вуҷуд
Доғи дилу хуни ҷигар андӯхтаем.

ФФФ

Ошуфта хаёле ҳамчу сунбул дорам,
Олуда ба хун узор чун гул дорам.
Дар қури муҳаббат дили на пухта, на хом,
Монандаи тухми нимдунбул дорам.

Ф © Ф

Эй хоки дари кӯи шумо тоҷи сарам[1]
В-эй қуввати бозуву фурӯғи басарам.
Созад чу падар замона эъзоз маро
Аз воситаи ин ки шуморо писарам.

ФФФ

То қуввати по бувад, ба сӯят гузарам,
То дида диҳад нур, ба рӯят нигарам.
Чун дида зи нуру по зи рафтан монад,
Биншинаму ҷон дар орзуят супарам.

1. Дар хакки Зарир гуфта.

ф © ©

Ё Раб, чӣ бало, замона гашта вайрон?!
Инсоф ба хоки тира гардида ниҳон.
Бар кинаи дасторсафедон гардун
Аз фирқаи эзоркабудон гардон.

© © ©

Тавсифи рухи хуби ту кардан натавон,
Пиромуни офтоб гаштан натавон.
Аз зулфи ту кас чӣ гуна хоҳад дам зад,
Шаб роҳи дарозу дур рафтан натавон.

© © ©

Эй хотири халқ, оламе шод аз ту,
Маъмураи илму шаръ обод аз ту.
Ҳар мулк, ки з-ин пеш нашуд фатҳи касе,
Он мулк ба расми пешкаш бод аз ту.

© © ©

Хокам бар сар, ки бе ту дар майхона
Мехӯрдаму ханда мезадам мастона.
Дидам, ки ту дар миён наӣ, гирякунон
Хун менӯшам кунун ба сад паймона.

© © ©

На чашми ту соғарест аз мул гӯӣ,
На зулфи ту дастае зи сунбул гӯӣ.
На холи рухи ту гашта дар Рум ғариб,
Афғонбачае зи мулки Кобул гӯӣ.

ф ® ф

Атрофи ҷаҳон чу бод гаштем басе,
Хокисифат одаме надидем касе.
Чун об ҳама равон ба рӯи хошок,
Афрӯхта мисли оташ аз баҳри хасе.

Ф Ф Ф

Оне, ки ба пои ман ҷабин месудӣ,
Наълайни маро ба остин месудӣ.
Ман синаи худ ба дӯши ту месудам,
Ту синаи хеш бар замин месудӣ.

@ ® Ф

То бӯса зи рӯи хеш бо ман додӣ,
Коми дили ман ба ваҷҳи аҳсан додӣ.
Гар хӯрд рақиб тир аз мижгонат,
Гӯё ба саги газанда сӯзан додӣ.

# ШЕЪРҲОИ НОТАМОМ ВА ФАРДИЁТ

**® ф ®**

Шавқи дидори ту шуд аз бас ҷунунтаъсири мо,
Чашмаи хуршед бошад ҳалқаи занҷири мо.
Дар сулуки ишқ тақво умр зоеъкардан аст,
Мекунад бар бода таҳризи ҷавонон пири мо.
Мову Шоҳин пой то сар дастгоҳи фитратем,
Кардаанд аз хоки Афлотун магар тахмири мо.

**Ф Ф $**

Биё то баркашем аз сина оҳи дарднок имшаб,
Расонем аз самак сайти фиғонро то ба хок имшаб.
Надорад хирқаи девонагон гар остин, Шоҳин,
Биё дасти ҷунун берун кашем аз ҷайби чок имшаб.

**ф ф ®**

Нола бар моҳ расад, оҳ зи Парвин гузарад,
Гар ба ман мегузарад шаб ҳама ҳамчин гузарад.
Дард агар саҳл бувад, нест шикаст он ҳама кор,
Чӣ кунам кор зи андозаи тамкин гузарад.
Касби дониш, пас аз он даъвии рифъат, ҳошо,
Кай чунин дағдаға бар хотири Шоҳин гузарад.

**Ф Э Ф**

Доно агар ба арзи хирад дафтаре кушуд,
Девона ҳам сафинаи мӯи саре кушуд.
Дар сина баҳри куштанам он шӯх раҳм накард,
Яъне ки аз ҷаҳони ҳаётам даре кушуд.
Шоҳинсифат ба авҷи камол ошён гирифт,
Ҳар кас, ки дар ҳавои ту болу паре кушуд.

© © ©

Дардо, ки дарди ишқ ба дармон намерасад,
В-ин ҷони ношикеб ба ҷонон намерасад.
Шоҳин гузор пешаи тавсифи зулфи ёр,
Роҳе сипардаӣ, ки ба поён намерасад.

© © ©

Баъди марг аз ҳасрати дил ин қадар умедворам,
К-аз шарори оҳ афрӯзад чароғе дар мазорам.
Бе ҳузурат дар ҳузури дигарон набвад ҳузурам,
Дар канорат аз канори ҳар ду олам дар канорам,
Ҳар куҷо сарпанҷаи андеша бар ёдаш кушодам.
Мешавад, Шоҳин, ҳазорон маънии ваҳшӣ шикорам.

© © ©

Шаб ҳама шаб арзи дилро бе ибо кардам ба ӯ,
Аз рақибам шикваҳо бе муддао кардам ба ӯ.
Алғараз гуфто ба ман: - Ку, ки вафо кардам ба ӯ,
Ҳар кӣ ошиқ гашт бо ман, ман ҷафо кардам ба ӯ!

© © ©

Сарви озоде, ки сар то по ба ноз ороста
В-аз ҳарири ҷон танашро хилъате пироста.
Банда Шоҳин дар ҳавои чеҳраву абрӯи ту
Чун ҳилолу бадр гоҳ афзуда, гоҳе коста.

© © ©

Ҷуз ин қадар набувад ишрате зи даҳр писандам,
Ки шоҳидон ба чаман вақти гул пиёла диҳандам.

© © ©

Агар ушшоқро ҳирмон ба қадри орзу бошад,
Насиби мо нахоҳад шуд висолат дар қиёмат ҳам.

**0 0 0**

Ё Раб, чӣ шуд, он ёри сафаркарда наёмад
В-он сабру шикеб аз дилу ҷон бурда наёмад.

**©00**

Ҳазор маънии нозук намудам аз ҳар ҳарф,
Нашуд назокати табъам ҳанӯз бовари мардум.

**0 0 0**

Баски, Шоҳин, атласу кимхоби хосеят надод,
Баъд аз ин дар ошиқӣ пашминапӯшӣ мекунам.

**® Ф 0**

Моҳи хуб аст, Худоро, сари хум боз кунед,
Вақти ишрат шуда, қонуни тараб соз кунед.

**0 0 0**

Фасли гул мерасад, эй бодакашон, дам ба дам аст,
Бода нӯшед, ки бе бода нишастан ситам аст.

**0 0 0**

Айшро муждаи тамҳид диҳад боди баҳор,
То ҳарифон шикананд аз маи гулранг хумор.

**0 0 0**

Ҳоли он сӯхта аз давру замон бод хароб,
К-оташи дил нанишонад ба яке ҷоми шароб.

**0 0 0**

Андар ин аҳд, ки ҳар лола ба каф гирад ҷом,
Аз маи пухта дар оташ бификан тақвии хом.

**0 0 0**

Ҳаббазо фасли баҳоре, ки ба ороиши боғ
Мезанад яксара бар хуни кабӯтар пари зоғ.

**0 0 0**

Баъди сӣ рӯз шавад пушти замин рӯи сипеҳр,
Чеҳра аз май шафақӣ кун ту ҳам имрӯз чу меҳр.

**0 0 0**

Ростӣ, мужда ба ушшоқ расонид сабо,
Ки кунад булбул бар орази гул сози наво.

**0 0 0**

Ҳама ҷо гашта дар ин фасл пур аз ғулғули соз,
Чи Ироқу чи Аҷам ё чи Сифоҳон, чи Ҳиҷоз.

**0 0 0**

Базми туркона биёрову бизан захма ба руд,
Бикаш аз шӯълаи овози худ аз хоро дуд.

**0 0 0**

Моҳи ман тарфи рух аз шиққаи хиргоҳ намо,
Доғ дар синаи меҳру ҷигари моҳ намо.

**0 0 0**

Чини сунбул ба рухи лола ба унноб битоб,
Сунбули тофтаро кун ба рухи лола ниқоб.

# ДОСТОНИ
# «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

*Бисмиллоҳи р-раҳмони р-раҳим*

*Алҳамду лимулҳими л-ҳақоиқ,*[1]
*Ва ш-шукру лимунъими д-дақоиқ.*[1 2]
Мо аъзаму шаънак,[3] эй Худованд,
Ҷуз худ зи ҳама бурида пайванд.
Ту аз касу кас зи ту назода,
Не хона туро, на хонавода.
Кас дар ту намерасад, ки чунӣ,
К-аз ҳитаи ақлу фан бурунӣ.
Эй зоичабанди фоли ҳастӣ,
Тавқеъкаши мисоли ҳастӣ.
Ҷуз ту ҳама офаридае ҳаст,
Нақшат, ки ба ҳар ҷаридае ҳаст.
Фармони ту баҳру бар гирифта,
Ин шӯъла ба бому дар гирифта.
Сур аз туву низ мотам аз ту,
Захм аз туву низ марҳам аз ту.
Ҳар лутф туроcт, қаҳр дар пай,
Ҳар нӯш туроcт, заҳр дар пай.
Тимсоли тараб агар бубастӣ,
Аз килк ғамаш даруна хастӣ.
Ҳар хитта ба сафҳа даркашидӣ,
Хитта дигараш ба сар кашидӣ.
Шамъе, ки фурӯхтӣ ҷабинаш,
Бодест нишаста бар каминаш.
Ҳар моҳ, ки аз туаш камол аст,
Дархӯрди камоли ӯ завол аст.
Ҳар кунгурае баланд кардӣ,
Аз ҳодиса дар каманд кардӣ.

1. Сано ба илхомбахши ҳакиқатхо.
2. Шукри бахшояндаи дакиқахо, яъне лахзаҳои зигндагӣ.
3. Чӣ бузург аст сифати ту!

Аз тарбияти ту нахл бар хӯрд,
Чандон ки баланд шуд, табар хӯрд.
Дар рӯз най, ки аз ту нур аст,
Он рӯз на пешгоҳи гӯр аст.
Ҳар сар, ки зи чатри маҳ бурун аст,
Дар чанбари ҳукми ту забун аст.
Онӣ, ки ба ной кӯза бастӣ,
Ҳам кӯзаи туст, гар шикастӣ.
Гар лутфи дигар накӯҳиш ояд,
Мо банда, ту подшоҳ, шояд.
Оташ ба ниҳоди ман ту безӣ,
Заҳроба ба коми ман ту резӣ.
Аз домани туст даст кӯтоҳ,
Чун дасти гадо зи домани шоҳ.
Ҳар кас, ки ба ҳукми ту ситезад,
Хуни худ бедареғ резад.
Бо теғи ту сар супурдан авло,
Дандон ба ҷигар фишурдан авло.
Бошад, ки ба вазъи нотавонӣ
Раҳм оварӣ, он чунон ки донӣ.

## МУНОҶОТ БА ДАРГОҲИ ҚОЗӢ юл-ҳоҷот[1]

Аллаҳ, чи Худои нозанинӣ,
Дархӯрди ҳазор офаринӣ.
Эй бор, Худои олам ул-ғайб,
Илми ту барӣ зи васмати райб.
Дар зоти ту гар хирад ниҳон аст,
Ашё бизавотиҳо[2] ниҳон аст.
Асрори ниҳони ман ту донӣ
В-андӯҳи гарони ман ту донӣ.

---

1. довари хама ниёзмандихо, яъне Худованд.
2. Ба зоти худашон.

Аз ғусса дилам, ки лахт-лахт аст,
Мум аст, вале зи хора сахт аст.
Ҳарчанд ба сина ҷо-ш дорам,
Сад панди гираҳкушо-ш дорам.
Гуфтам, агарат зи нома бинвохт,
Аз айш гирифту дар ғам андохт,
Гар бахти туро фалак забун кард,
Ҳар шир, ки дода буд, хун кард,
Чун кор ба ихтиёри мо нест,
В-ин кори қазост, кори мо нест,
Зинҳор ки бар қазо ризо деҳ,
Ҳар ҷурм, ки рафт, бар қазо неҳ.
Котиб, ки қалам фитад писандаш,
Пайванд бурад зи банд-бандаш.
Хуш бош ба хеш, ин иродат
Пиндор аломати саодат.
Бардошт нафиру гуфт: «Афсӯс,
Бар чӯба чи ғам, ки латта бар гӯш.
Ман бори ту мекашам, туро чӣ?
Ман заҳри ту мечашам, туро чӣ?
Ҳар ғам, ки туро насиб ояд,
Як-як ба мани ғариб ояд.
Гар бар раги устухон алам рафт,
Ҷуз бар мани гӯштпора кам рафт.
Эй бехабар аз ҳақиқати рӯз,
Ман ҳима кашам, ту оташ афрӯз.
Бархез, ки оташам баланд аст,
Бод аст маро, ҳар он чи панд аст.
Бигзор, ки ҳамчу шамъ сӯзам,
Гаҳ мираму гоҳ барфурӯзам.
Алқисса, дилам зи мотами хеш
Реш аст, зи ғусса бар сараш неш.
Ҳинҷор шикеб менапӯяд,
Дунболи салоҳ меначӯяд.

Дорад зи ғам андаруни сина
Ҳангомаи сангу обгина.
Ё Раб, ба карам ту даст гираш,
Магзор ба қайди ғам асираш.
Пардоз хазинаи хаёлаш,
К-аз фикри дигар расад малолаш.
Чашм аз рухи дигарон бидӯзаш,
Ҷуз дар ғами хештан масӯзаш.
Ғамҳои куҳан бибар зи ёдаш,
Гар бод, ҳамин ғами ту бодаш.

## ДАР НАЪТИ САРВАРИ КОИНОТ, НАБӢ АЛАЙҲИ С-САЛОМ

Эй хутбаи ту ба олами пок,
Лав лока лимо халақталафлок?*
Эй воситаи вуҷуди олам,
Буди ту далели буди олам.
Эй шаммаи кохи офариниш
В-эй меваи шохи офариниш.
Ту лавҳаи дафтари вуҷудӣ,
Ту лӯълӯи афсари вуҷудӣ.
Аз одаму насли одам афзал
В-аз ҳажда ҳазор олам афзал.
Дар рутба худои дуввуминӣ,
Гар ҳаст худо ду, ло буд иннӣ?
Эй хайли ту аз малак зиёда
В-эй қадри ту аз фалак зиёда.
Шаръи ту, ки шореъи биҳишт аст,
Ҳар шаръ, ки буд, дарнавиштаст.
Бар хайли паямбарон ту шоҳӣ
В-онҳо ҳама ахтару ту моҳӣ.

1. Агар ту набудӣ, барои ҷи афлокро офаридӣ?
2. Будани ман ногузир аст.

Донои румузи қудси ҳурмат,
Мифтоҳи кунузи унсу иззат.
Ҷурми ту нукоти ҳафт айвон,
Омӯхта бар чаҳор аркон.
Азми ту, ки ними тарфатулъайн
Тай карда бисоти қоби қавсайн.

## ГУ ФТОР ДАР СИФАТИ МЕЪРОҶИ САЙЙИД УЛ-МУРСАЛИН*

Он шаб, ки талиаи саҳар дошт
В-аз меҳр талиа бештар дошт.
Овард бариди осмонӣ
Якчанд навиди меҳрубонӣ,
К-эй ҷинси нафиси ҳафт бозор,
Бархез, ки накд шуд харидор.
Бозори ту гарм шуд, ба нарх ой
В-аз пушти замин ба рӯи чарх ой.
Ин гуфту Буроқи тундхашме,
Хуршедрухе, ситорачашме,
Дар зери рикоб чун маҳат кард
В-аз азми сипеҳр огаҳат кард.
Дар пушти Буроқ чун нишастӣ,
Саф дар сафи осмон шикастӣ.
З-ин манзараҳои ҳафтгона
Гаштӣ сӯи ломакон равона.
Ҳафт ахтару нӯҳ фалак наваштӣ,
Ҷибрил Буроқ ҳам биҳиштӣ.
Танҳо зи сародиқоти имкон
Кардӣ ба бисоти қурб ҷавлон.
Чандон ки намонд бӯъд дигар,
Ҷуз ними камону балки камтар,

1. Сайид ул-мурсалин - сарвари пайга.мбарон

То пардаи ғайб бардаридӣ,
Дидори Худои хеш дидӣ.
Карданд ба хеш ошноят,
Доданд даруни парда ҷоят.
Ҳар сир, ки зи дигарон нуҳуфтанд,
Як-як ба ту нонуҳуфта гуфтанд.
Чун мулк яқин мусаххарат шуд,
Ангези ҷаҳони дигарат шуд.
Даррафтиву рафтанат чунон нарм,
Баргаштиву ҷои хуфтанат гарм
В-ин ҷумла, ки дар сухан даромад,
Як чашм задан фурӯтар омад.
Дунболаи шаб, ки панҷаи хур
Аз таблаи қир бехт кофур,
Бо аҳли сафо намоз кардӣ
В-асрори шабона боз кардӣ.
Бӯбакр нухуст кард изъон
В-онгоҳ се ёру ҷумла ёрон.
Оини паямбарит шуд рост,
З-он гуна ки хасмат аз ҳасад кост.
Пайваста дуруд бар равонат
Бодову ба ҷумла дӯстонат.

## ГУФТОР ДАР МАДҲИ АМИР АБДУЛАҲАД

З-он пеш раҳи фасона гирам,
Гесӯи сухан ба шона гирам,
Аз лӯълӯи аҳди шоҳи кишвар
Бар тораки нома бандам афсар.
Шоҳе, ки ба ёрмандии бахт
Бар моҳ кашид пояи тахт.
Офоқ гирифту ҳукмрон шуд,
Дорои замину осмон шуд.



*Пора аз достони «Лайлӣ ва Маҷнун»*
*(дастхатти №561)*

Эй шӯҳра миёни шаҳриёрон,
Тоҷи сари ҷумла тоҷдорон.
Эй ғурраи носия адолат
В-эй қурраи босира ҷалолат.
Эй ҷавҳараи хазинаи илм
В-эй кунгураи сафинаи илм.
Эй дидаи илму фазлро пилк
В-эй гавҳари ҳалли икдро силк.
Эй ахтари бурҷи бахту иқбол
В-эй гавҳари дурҷи ҷоҳу аҷлол.
Эй пояи адл аз ту маҳкам
В-эй шеваи зулм аз ту барҳам.
Эй ҳукмравои мулки шоҳӣ
В-эй ротибабахши мурғу моҳӣ.
Хуршеди сарири осмонсадр,
Баҳроми шукӯҳи муштариқадр.
Абдулаҳад, он ки ҳафт кишвар
Бар номи вай аст сиккагустар.
Аз бахти баланд дар замона
Гардид чу номи худ ягона.
Навбатзани давлати муаббад,
Таҷдидкуни ҳазору сесад.
Эй воқифи ҳикмати Илоҳӣ,
Донои сапедиву сиёҳӣ.
Ҷоми Ҷаму оинай Сикандар
Дар тинати софи туст музмар.
Зилли ту ба кун факон залил аст,[1]
Зиллиллохит[1] [2] бад-он далел аст.
Эй бар сари халқ сояи Х,ақ,
Дар ахди ту ёфт мулк равнақ.
Пешонии ҳафт тоқи афлок
З-он саҷда барад ба домани хок,

1. Сояи ту (чун сояи Худо) дар ин ҷаҳон тул̄онист.
2. Сояи Худо буданат

Гар тавсани ту гаҳи такопӯ
Нақши қадаме кашид бар рӯ.
Эй карда туро Худо худованд,
Орӣ бошӣ зи шибҳу монанд.
Гирам, ки намунаи ту пайдост,
Он байзаи зери боли анқост.
Эй сиккаи ту халифатуллоҳ,[1]
Аз коргаҳи ту дар ҳумо моҳ.
Ин ҳафт фалак, ки тӯи бар тӯст,
Як палла ба вазни ҳиммати туст.
Эй зинати тоҷу тахти Тӯрон,
Эй мулк тану ту андар ӯ ҷон.
То навбати мулк бар ту доданд,
Миннат ба ҷаҳониён ниҳоданд.
Он юмну шараф, ки дар Бухорост,
Дар навбати давлати ту пайдост.
Таърихи нишастани ту бар тахт
Шуд ахтари юмн аз сари бахт.
Эй шоҳиди бахт бар канорат
В-эй қоиди бахт пешкорат.
Равшангуҳаре зи насли Одам,
Фахрулбаладиву[1 2] фахри олам.
Эй хотами давлатат дар ангушт
Ирси падар аст пушт дар пушт.
Меъроҷи ситора бурҷи бахтат,
Меҳроби сипеҳр пои тахтат.
Теғи ту, ки садди оҳанин аст,
Барбаста миёни куфру дин аст.
Дар мулки ту, к-аз ситам барӣ бод
В-аз адли ту дам ба дам фарӣ бод,
Бо хасм раҳи гузар намонда,
Ҷуз марг раҳи дигар намонда.

1. ҷонишини Оллох
2. фахри ватан хастй

Эй дасти ту абру рӯи ту меҳр,
Фархунда аз ин ду мулкро чеҳр.
Ҷамшеди замон, Сикандари аҳд,
Даввори маҳиву довари махд,
Осоиши ҷони бандагонӣ,
Аҳсанта! Зиҳӣ, Худойгонӣ!
Шоҳин киву лофи мидҳати ту,
Санҷидани қадру қимати ту.
Кай шеъри маро ба худ писандӣ,
К-аз фикри баланди ман баландӣ.
Мадҳи ту тавон намуд анҷом,
Рӯҳулқудус[1] ар расонад илҳом.
Сад сол агар чунин нигорам,
Як мадҳи ту аз ҳазор н-орам.
Он беҳ, ба дуо кунам тамомаш
В-аз мушки дуо диҳам хитомаш.
То ҳаст зи саъду наҳс аҷром,
Омину хатар, хавосу аъвом,
Хосони дарат ба амн дар-бод,
Аъвоми адӯт дар хатар бод.
Ҳар сӯ, ки бирафт хайзуронат,
Иқбол ба худ кашад инонат.
Ҷовид бимон ба мулк сармад,
Чун он ки ба шаръи худ Муҳаммад.

## ГУФТОР ДАР ХАРОБИИ ДУНЁ

Қуръон, ки шифои ҳар сақим аст,
Туғрош алиф, лом, мим аст.
Мазмуни алам ривояти ӯ,
З-он шакли алам бидояти ӯ.
Туғрои китоби осмонӣ
Шакли алам аст, гар бидонӣ.

1. рӯхи муқаддас

Ман чун ба алам насозам оғоз
Дебочаи ин саҳифаи роз.
Ин нома, ки нусхаи шиканҷ аст,
Қуръони ҳазор оя ранҷ аст.
Туғрош ба хуни дил нависам,
Ҳангомаи обу гил нависам.
Ин чор гуҳар, ки ҳар мизоҷанд,
Зидданд ба ҳам, дар имтизоҷанд.
Пайваста ба қуввати тафоул,
Ноком ба риштаи таодул,
Ногаҳ чу мизоҷи асл тобад,
Ҳар як ба висоқи худ шитобад.
Ин ҳайкали чоргона бунёд,
Аз ҳам шиканад, чу ахгар аз бод.
Бунёди замона сахт суст аст,
Ҳар аҳд, ки баст, нодуруст аст.
Ин ҳафт бисоти печ дар печ
Аз ҳеч ки ҳаст, ҳеч дар ҳеч.
Ин кишта, ки ҳосилаш хазон аст,
Обаш дами теғу дона ҷон аст.
Бошад дами дос тез кардан,
Бурридани решаҳои гардан.
Ҳаргиз ба ҷаҳон ҳавас мабандӣ,
Пайванд ба ҳеҷ кас мабандӣ.
Ҳуш дор, ки чархи ӯ ситодаст,
Хас пеш ба рӯт, шӯъла бод аст.
Аз чун ту касе чи бок дорад,
Сад ҳамчу ту зери хок дорад.
Дар косаи ӯ гар ангубин аст,
Заҳраш ҳама дар таҳи нигин аст.
Ин девниҳоди одамихор
Дев аст, валек одамивор.
Аввал ба ту гирад ошноӣ
В-он гоҳ тариқи бевафоӣ.
Чун он, ки ба ман ҳамин намат кард,

Аввал сара в-он гаҳе сақат кард,
То хонаву ҷои қобилам дод,
Пас рахт ба дӯши маҳмилам дод.
Бунёди маро зи бех барканд,
Афканд танам ба хок, сар канд.
Дунболи ғизолаи дилам бурд,
Банди ҷигарам ба гург биспурд.
Фарёд, ки умри ман ба сар рафт,
Нурам зи сиришк аз назар рафт.
Дардо, ки бад-он маҳи ҳисорӣ
Сандуқаи қабр шуд иморӣ.
Нодида рухаш, тамом шуд кор,
Афсӯс, ба ҳашр монд дидор.
Даҳ моҳ нарафта буду даҳ рӯз,
Рӯ дод чунин ғами ҷигарсӯз.
Бечора сарам, ки хок бодо,
Дар қайди ҳазор ғам фитодо.

## ИНАК, ДАР МАРСИЯИ ҲАЛИЛАИ АФИФАИ ХУД ГӮЯД, НАВВАРА Л-ЛОҲУ МАРҚАДАҲО[1]

Эй дудаи дудмони исмат,
Навбодаи бӯстони исмат.
Эй хонаи сад ҳазор нозам
В-эй пардаи сад ҳазор розам.
Эй хуфта миёни хоку хора,
Ҷуста зи канори ман канора.
Хуршеди маниву дар заминӣ,
Иқболи ман аст, к-инчунинӣ.
Нозат зи кадом хона ҷӯям,
Розат ба кадом парда гӯям?

1. Оллох кабрашро пурнур гардонад.

Эй рашки зулоли зиндагонӣ,
То чанд дар оташам нишонӣ?
Эй баста аз ин сароча маҳмил
В-эй карда миёни хок манзил,
Доман зи кафам бурун намудӣ,
Дастам ба занах сутун намудӣ.
Симои ту аз фаришта буд беҳ,
Гар дид фаришта, гуфт: «Зеҳ, зеҳ!»
Ин турфа, ки девхонаи гӯр,
Бо чун ту фаришта гашт дархӯр.
Эй карда зи кохи обнӯсӣ
Дар ҳаҷлаи оҷ наварӯсӣ.
Ҳар мартабае, ки бӯ кашидам,
Аз хоки ту бӯи ҷон шамидам.
Сар то қадами ту ҷони ҷон аст,
Аз мурдани ту шигифтам он аст.
Эй ҷони азизи ман, куҷой,
Дур аз бари ман, бигӯ, чарой?
Ахде, ки ҳазор бор бастӣ,
Якбора чи шуд, ки баршикастӣ?
Мавте, ки пас аз валодат афтад,
Дар мартабаи шаҳодат афтад.
Ҷои ту аз ин мамар биҳишт аст
В-ин ғусса хуш аст, гарчи зишт аст.
Рӯзе, ки чу нахл барфитодӣ,
Паҳлӯ ба фароши марг додӣ.
Зад рӯҳи ту такя бар ароик,
Тобуткаши ту шуд малоик.
Болои маро шикаст доданд,
Мандили ғамам ба даст доданд.
Мерафтаму то канори пушта
Жулида чу мурғи нимкушта.
Ман рафта зи пеш чун симобе,
Наъши ту зи пай чун офтобе.

Ҳар тори маҳосинам чу мижгон
Гардида зи ашк шохи марҷон.
Афғони маро ҳамешунуфтӣ,
Мерафтиву ҳеч менагуфтӣ.
Танҳо на ғамат ба ман асар кард,
Хунам зи дилу нам аз ҷигар кард,
К-ин ғусса зи ман фузунтар афтод,
Бар волии мулки Шеробод.
Ӯ чун падар аст, вой бар вай,
Худ сабр диҳад Худой бар вай.
Ҳарчанд ғамат ба ман шигарф аст,
Ман шавҳарам, ӯ падар, чӣ ҳарф аст?
Тарсам ҷигараш кабоб гардад,
Кам-кам дилаш аз ғам об гардад.
Эй аз ҳама даст баркашида,
Аз шавҳару аз падар кашида.
Гирам, ғами мо ду тан нахӯрдӣ,
Фарзанди азизи худ чӣ кардӣ?
Ин тифли хуҷастарӯ, ки имрӯз
Чун мурғ шудаст дастомӯз.
Монд ӯ зи ту ноф нобурида
В-аз шири ту чошнӣ надида.
Қатъи сила, эй асила, мапсанд,
Аз мо се нафар, хусус фарзанд
В-ар не, мани нотавон ба худ гир
В-оинаи хеш дар намуд гир.
Магзор, ки бе ту занг гирам,
Тимсоли дигар ба чанг гирам.
Не, не, зан агарчи моҳу меҳр аст,
Дар поя фузунтар аз сипеҳр аст.
Ту бонуву ӯ каниз доим,
Камтар зи каниз низ доим.
Ҳошо, ки дилам ба зан гарояд,
Ҷуз ту дигарам ба хотир ояд.

Онро, ки шароб мекунад нӯш,
Сирка мписанд, к-оварад чӯш.
Акнун, ки рухи ту дар назар нест,
Шом аст, талиаи назар нест.
Аз марг чи фарқ зиндагонӣ?
Эй хок ба фарқи зиндагонй.
Дур аз ту зи ҷон мушаввашам ман,
Борест ба тан, ки мекашам ман.
Хуррам саҳаре, ки муждагонӣ
Бахшанд, ки ҳон ту ҳам намонӣ.
Дар паҳлуи ту диҳанд борам,
Бар лавҳи мазори худ нигорам.
Моем ду наварӯси хуфта,
Ҳарфе ба муроди дил нагуфта.
Чун шамъ ҳамин ки сар кашидем,
Сар дар кафи пои хеш дидем.
Нашкуфта хазон шудем чун гул,
Н-осуда равон шудем чун мул.
Аз ҳаҷла қадам бурун ниҳодем,
Дидем лаҳад, дарун ниҳодем.
Чун санг нигин маҷӯ зи ҳосил,
К-ам мӯҳри лаб аст оташи дил.
Будем бисоти ғам навишта
Чун ширу шакар ба ҳам сиришта.
Акнун ки нуҳуфта зери гӯрем,
Нуқли сари хони мору мӯрем,
Онҳо, ки ба хони мо нишастанд,
Бас нуқл ба расми залла бастанд,
Шарт аст ба мо кунанд эҳсон
Як оя зи ояҳои Қуръон.
Бунёди ҷаҳон, ки бениҳод аст,
Аз оташу обу хоку бод аст.
Аздод гар иттисол дорад,
Зуд аст, ки инфисол дорад.
Ҳар сабза, ки сабз шуд, чу хошок

Ноком кунад мароға бар хок.
З-ин гуна рақам занам каму беш,
Аз хотири хаставу дили реш.
Ҷамъе, ки ба хоки мо нишинанд,
Чун лавҳи мазори мо бубинанд,
Хонанд ҳадиси оташинам,
Гӯянд ҳазор офаринам.
В-он гоҳ ба рӯҳи мо - ду ноком,
Бахшанд таҳияте ва л-икром.

## ГУФТОР ДАР СИТОИШ ВА НАСИҲАТИ ФАРЗАНДИ ДИЛБАНДИ АРҶМАНД*

Эй рӯи ту чун маҳи дуҳафта,
Аз умри ту панҷ ҳафта рафта.
Бодо рухат аз рухи қамар беҳ,
Ҳар ҳафта зи ҳафтаи дигар беҳ.
Эй мавҷаи оби зиндагонӣ
В-эй нури чароғи шодмонӣ.
Эй навбати аввалини аҳдам
В-эй зинати дӯшу зеби махдам.
Эй шохи нахустнахли иқбол
В-эй моҳи меҳини авҷи иҷлол.
Чун ҷунбиши аввали қалам шуд,
Як нуқта кам аз хатти адам шуд
В-он нуқта ба тӯл кард ҷавлон,
Шуд хатти вуҷуд аз ӯ намоён
В-он гоҳ ба самти арз кӯшид
Чандон ки либоси сатҳ пӯшид.
З-он пас сӯи умқ кард рафтор,
Ҷисме чу ту шуд аз ӯ падидор,
Чун ҷисми ту нашъаи равон ёфт,
Худро зи карона дар миён ёфт.

---

1. Баҳисоби абҷад 1305 хиҷри мешавад, мутобиқбо 1887.

Боз омада акди ҳикматомӯз,
Таърихи ту гуфт: «Бахти фирӯз».
Гар з-он ки бузургият насиб аст,
Иншоаллоҳ, анқариб аст.
Он кун, ки бузургахд гардӣ,
Фарзонаи ҳафт маҳд гардӣ.
Зинҳор ба ҳирфати падар кӯш,
Дар дидаи мардум аз ҳунар ҷӯш.
Оини хирад ба даст овар,
Моҳии ҳунар ба шаст овар.
Номи падарат, ки Шамсидин аст,
Нураш зи ту ғарраи ҷабин аст,
Магзор, ки дар кусуф афтад,
Хаз ними баҳои сӯф афтад.
В-ар илми сиёқа пеш гирӣ,
Дунболи ниёи хеш гирӣ,
Ҷахде куну марди озмун шав,
Монанди ниёву бал фузун шав.
То барканӣ аз набарди тадбир
Дандони палангу нохуни шер,
Ханҷаркаши тирзан ту бошӣ,
Қалбафгану сафшикан ту бошӣ.
Гар вусъ расад бар он ду ҷода,
Мирад чи савору чи пиёда.
Гар ҷориҳа, дар чунон бикун сарф,
Бар ҳарб бубанд тарфу бар ҳарф.
Ҳам соҳиби сайф, ҳам қалам бош
В-аз файзи ду нашъа мӯҳтарам бош.
Азми ту кунад ду шева дар кор,
Шохи ту диҳад ду мева дар бор.
Ҳар ҷо, ки равӣ, писанд оӣ,
Пеши ҳама сарбаланд оӣ.
Гар асл талаб кунӣ в-агар фаръ,
Берун маравӣ зи шореи шаръ.

Шаръ аз ту баландпоя гардад,
Иқболи туро ҳимоя гардад.
Шаръ аз ту агар фурӯғ гирад,
Бозӯи ту бе дурӯғ гирад.
Ҳар кас, ки ба шаръ устувор аст,
Дар ҳар ду сарой растагор аст.
Номи ту, ки Нури дин ниҳодам,
Ҳуш дор, ки бахри ин ниҳодам.
Ҳар ҷо, ки гузори содарӯест,
Ғофил манишин, ки ҳарзагӯест.
Аз заҳмати нафс агар тавон раст,
Натвон зи забони мардумон раст.
Не фикри ватан, на ёди зан кун,
Наҳве куну умр сарфи фан кун.
Чун домани фан ба каф дарояд,
Коми ту зи ҳар тараф барояд.
Донӣ, падарат чи гуна кас буд,
Мурғеву нуҳуфта дар қафас буд.
Чун дониши ӯ гирифт шӯҳра,
Ҳамхонаи моҳ гашту Зӯҳра.
Эй гашта ба шири доя мӯҳтоҷ,
Аз меҳр ҷудо, ба соя мӯҳтоҷ.
Модар, ки бувад ба меҳрубонӣ,
Садчанди падар, агар бидонӣ,
Чун тарки ту гуфт, аз ҷаҳон рафт
В-осуда ба равзаи ҷинон рафт,
Ҳиммат зи каси дигар чи ҷӯӣ?
З-ин кони хазаф гуҳар чи ҷӯӣ?
Панди падаронае, ки гуфтам
В-ин чанд дури дарӣ, ки суфтам,
Бояд, ки ба гӯши ҳуш дорй,
Дурр аст, ғаниматаш шуморӣ.
Эй толеи саъд бахти масъуд,
Ҳар ҳақ, ки ба зиммаи манат буд,

З-ин панд, ки бар ту во намудам,
Аз зиммаи худ адо намудам.
Гар муқбилӣ, ин ривоя ганҷ аст,
В-ар мудбирӣ, ин ҳикоя ранҷ аст.

## ГУФТОР ДАР САБАБИ НАЗМ ВА ТАЪЛИФИ КИТОБИ МУСТАТОБ

Соқӣ, қадаҳи шароб пеш ор,
Мутриб, раги удро ба неш ор,
К-ин ҷодаи бекарон кунам тай,
З-овои суруду нашъаи май.
Ин нусха, ки ёфт зеби унвон
Аз номи касе, ки мири мирон,
Он мир, ки қиблаи умедам,
Биноии дидаи сапедам.
Чун хостамаш тироз додан,
Ногуфта фасона боз додан.
Аммо ба тариқае, ки шояд
В-авзои маро муносиб ояд,
Дидам, ки маро намуд гардун
Аз мотами Лайлие чу Маҷнун.
Афсонаи он ду дархурам шуд,
Садди раҳу расми дигарам шуд.
Бастам ба ҳазор пухта хомӣ,
Пирояи Хусраву Низомӣ.
Девончаи ишқ боз кардам,
Поёни сухан дароз кардам.
Он ғусса, ки кардамаш ба дил хун,
Додам ба ҳамин баҳона берун.
Буд пешам аз ин хуҷаста ҳила,
Дил пилаву ғусса кирми пила.
Чун чархи фасона дарнишондам,
Кирм аз дили пила барфишондам.

Эй вой бар он ситамкашида
В-аз дасти ситам ба ҷон расида,
К-аз санъати шеър баҳравар нест,
Доғаш ба дил аст з-он гузар нест.
Аз хуни даруна дар малол аст,
Берун натаровадаш, чи ҳол аст!
Чун шиша дилаш пур аст аз мул,
Холӣ накунад магар ба қулқул.
Маъҷуни муфарраҳӣ, ки хонӣ,
Шеър аст, ҷуз ин дигар надонӣ.
З-ин пеш, ки хотирам нафарсуд,
Дар дидаи эътибори ман буд.
Чи дафтари шеъри худ, чи дигар,
З-анбонаи куҳнадӯз камтар.
Бо ин ҳама хотири гуҳарбор,
Бо шеър надоштам сару кор.
Акнун, ки ғамам ба дил нишастаст,
Бар рух дари ишратам бубастаст,
Инак, ману шуғли ин фасона,
То ғам кунад аз дилам карона.

## ОҒОЗИ АФСОНАИ САРОПО ПУРОШӮБ ВА ТАРОНАИ ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУНИ ДИЛХУН

Шоҳин, ки саманди азм зин кард,
Оҳанги фасона инчунин кард,
К-аз омириён бузургсоле,
Фархундарухе, хуҷастафоле
Солори қабилаи араб буд,
Донои саҳифаи адаб буд.
Аз хайли буруна фавҷ бар фавҷ
В-аз рахти даруна авҷ дар авҷ.
Асбоби фароғат аз замона
Будаш ҳама, ҷуз чароғи хона.

Бо ин ҳама зар, ки дошт дар кеш,
Мӯҳтоҷи чароғи хонаи хеш.
Зан дошт, вале надошт фарзанд,
Дил дошт, вале надошт дилбанд.
Ҳар к-ӯ ба шараф тараф надорад,
Гар нест халаф, шараф надорад.
Сад хона чу ганҷи шойгон аст,
Фарзанд ки нест, ройгон аст.
З-ин ғусса сараш сапед гашта,
Шамшоди қадаш чу бед гашта.
Мегуфт: - Аз ин чӣ рӯзгор аст,
Гар ман биравам, кӣ ёдгор аст?
Гар нахли маро зи по фишонанд,
Ку шоха, ки ҷои ман нишонанд?
Гар з-он, ки садаф шикаст, ғам нест,
Ҷояш зи гуҳар пур аст, кам нест.
Гар хӯша зи бун буранд бозаш,
Аз дона кунанд сарфарозаш.
Бечораи ман, ки гар бимирам,
Пайдост, ки кист ҷойгирам.
Алҳамд ба рӯҳи ман кӣ хонад?
Гард аз сари турбатам кӣ ронад?»
Мегуфту ҳамегирист чун шамъ
Чи бар дари худ, чи бар дари ҷамъ.
З-он ҷо, ки сияҳ сапед дорад,
Ҳар навмедӣ умед дорад,
Иқболи фарӣ муқобилаш шуд,
Ҳар чиз, ки буд, дар дилаш шуд.
З-он ғам, ки ханданги худ камон кард,
Ногоҳ ханданг бар нишон кард.
З-он шохи фусурда навгуле руст,
Дар шохаи шӯра сунбуле руст.
Пиронасар он чунон писар ёфт,
К-аз талъати чеҳр бар қамар тофт.

Рӯяш сумане зи сарв руста,
Лаълаш шакаре ба шир шуста.
Чун чашми падар ба рӯи фарзанд
Афтод, кушод аз дилаш банд.
Шукронаи ин атийя ҳолӣ
Ганҷина зи ганҷ кард холӣ,
Орост саро, хазина пардохт,
Андӯхта ҳар чи дошт, андохт.
Аз шодии он маҳи дуҳафта
Бар омада дод расми рафта.
Ҳар-ч омада буд, рафта пиндошт,
Аз омада-рафта даст бардошт.
Ҳар меҳр, ки дошт, бар писар баст,
Бар сина ниҳод, бар ҷигар баст.
Фармуд ба доя, к-аз гулобаш
Шӯяд тани ҳамчу офтобаш,
Парварда кунад ба ширу шаккар,
К-аз ширу шакар шавад фузунтар.
Чун доя ниҳод дар канораш,
Кард, он чи ки гуфта шуд, ба кораш
В-он моҳ ба тарбият чунон нур,
Афзуд, ки чашм буд аз ӯ дур.
Аз ҳусн дароздастие ёфт,
К-ӯ панҷаи меҳр бар қафо тофт.
Ҳар ҳафта зи ҳафта хубтар шуд,
Буд парданишину пардадар шуд.
Охир чу ҷазира буд мақомаш,
Шуд Қайси Ҷазирагард номаш,
Оворагияш чу буд дар пай,
Омад лақаби «ҷазира» бар вай.

## ГУФТОРИ ПУРШАРОР ДАР ИШҚ ВА ОШИҚ ШУДАНИ МАҶНУН БА ЛАЙЛӢ

Ин доя магӯ, ки шир дорад,
Лавзина маҷӯ, ки сир дорад.
Шираш махурӣ, ки ҷумла хун аст,
Феннаш мадиҳӣ, ки зуфунун аст.
Ин сулҳфурӯши оқибатҷанг
Дар каф қадаҳ аст, дар бағал санг.
Ҳар бода, ки дар аёғи кас рехт,
Берун зи раҳи димоғи кас рехт.
Чун он ки ба Қайси нотавон кард,
К-аш сабза намуд, бас хазон кард.
Хонандаи ин куҳан ривоят
Аз чарх кунад чунин ҳикоят:
К-он моҳи дуҳафта он қадар тофт,
К-аз ҳафта ба ҳафта фаррухӣ ёфт.
Шуд ҷаъдаш зинати баногӯш,
Шуд рӯяш моҳи парниёнпӯш.
Аз файзи хирад чу баҳравар шуд,
Омодаи касби ҳар ҳунар шуд.
Донист падар фурӯғи рӯяш,
Паҳлӯи адиб дод ҷояш,
То он ки кунад адиби доно
Бар дониши ҳар фанаш тавоно,
Созад ба тариқи меҳрубонӣ
Омӯзаи ҳикмати ямонӣ
Ҳам дафтари фалсафӣ кушояд,
В-асрори фалак бад-ӯ намояд.
Дасташ ба қалам кунад кушода,
К-аз тири фалак шавад зиёда.
Доно чу ба ҳоли Қайс шуд банд
Беҳтар зи падар ба ҳоли фарзанд.

Паҳлӯи худаш ба лутф биншонд,
Ихлос дамиду абҷадаш хонд.
Фармуд ба меҳтарони мактаб:
К-эй заллабарони хони мактаб.
Ин тифл, ки тарфи тоза бастаст,
Ҳин тоза ба хони мо нишастаст,
Гиред чу лавҳ дар канораш,
Созед наволае ба кораш.
Қайс он ҳама илтифоти устод
Диду бишукуфт чун гул аз бод.
Биншаст миёни он тавила,
Ӯ оташу дигарон фатила.
Зону зада з-он суи дабистон
Якчанд бутони норпистон.
Аз духтару аз писар ду рӯя
Саф баста чу сабза ҷӯ ба ҷӯя.
З-он шавқ, ки дошт Қайс дар сар,
Мекард ҳадиси ханда аз бар.
Шуғли сабақ ончунон рабудаш,
К-аз паҳлуи худ хабар набудаш.
Ногаҳ ба баҳонае, ки шояд,
Дар ишқ, бале, баҳона бояд.
Сар аз сари лавҳи симбар кард,
Рӯ сӯи бутони симбар кард.
Дид он, ки нишаста офтобе,
В-аз рашк нуҳуфта дар ниқобе.
Аз турраи худ ба мӯшикофӣ
Мекард ба маҳ парандбофӣ.
Лаълаш ба мазоқи ҷон ниҳода,
Шӯри намаку сурури бода.
Чашмаш ба ҳазор фитна ҳамчашм,
Лаълаш чу ба ханда буд дар хашм.
Гар з-он ки карашма соз кардӣ,
Сад чашма зи чашм боз кардӣ.

Абрӯи каҷаш, ки чун камон буд,
Ҳар гӯша ҳаданги ӯ равон буд.
Болош, ки бори себ баста,
Буд сарвеву лек нимраста.
Зулфаш шуда аз ҷабину аз чеҳр
Чанбаркаши Зӯҳраву Маҳу Меҳр.
Рӯяш ба талиа аз қамар беҳ,
Лаълаш ба ҳаловат аз шакар беҳ.
Шаккаршикане ба талхгӯӣ,
Дилсайдкуне ба тундхӯӣ.
Моҳе, ки ниҳода даври айём
Аз нисбати зулф Лайлияш ном.
Чун номи худаш зи турра донист,
Озодии дигараш раво нест.
Акнун, ки маҳе бад-он тамомӣ
З-он турра кашад сиёҳномӣ,
Чун Қайс сапедном гардад,
В-он сайд буруни дом гардад.
Он бут гираҳе бар абрувон зад,
Зулф аз сару дӯш бар миён зад.
Ошуфт ба зулфу абруваш кард,
Дар силсила аз маҳи наваш кард.
Чун кори хирад тамом кардаш,
Маҷнуни замона ном кардаш.
Маҷнун, ки дилаш бирафт аз даст,
Ӯ низ миён ба дилбарӣ баст.
Айёри карашмаро инон дод,
Даллолаи ишваро забон дод.
То дар ивази дилаш дилаш бурд,
Гар дона фишонд, ҳосилаш бурд.
Алқисса ба ҳам асир гаштанд,
Омеза чу шавду шир гаштанд.
Маҷнун рақами ъамол мешуст,
Лайлӣ вароқи хаёл меҷуст.

Маҷнун зи ҷигар шарора мебехт,
Лайлӣ зи ду дида об мерехт.
Маҷнуну ҳавои васл дар сар,
Лайливу тирози шарм дар бар.
Маҷнун сухан аз висол гуфта,
Лайлӣ ба забони ҳол гуфта.
Маҷнуну сутӯҳи фавҷ дар фавҷ,
Лайливу сиришки мавҷ дар мавҷ.
Он пардадарӣ шиор мекард,
В-ин парда ба рӯи кор мекард.
Он ҷомаи офият ҳамесӯхт,
В-ин руқъаи оқибат ҳамедӯхт.
Чандон ки назорагӣ хабар ёфт,
Он рози нуҳуфта дар назар тофт.
Ин гуфт ба ёр в-он ба ағёр,
То парда фитод аз рухи кор.
Чун оташи ишқ гашт афзун,
Аз хона забона дод берун.
Ин ҳодиса дар ҷаҳон самар шуд,
Ҳар кас бишуниду бохабар шуд.
З-ин шӯъла шарар ба ҳар фатила
Бурданд қабила бар қабила.
Ин дур, ки ба ҳар канора суфтанд,
Бар модари Лайлияш бигуфтанд.
Модар чу аз ин хабар шуд огоҳ,
Бардошт нафиру баркашид оҳ.
Андеша ба худ намуд аз ин роз:
Афтод кунун ба дасти ғаммоз.
З-он пеш, ки оби рӯ бирезад,
Кӯшам, ки шарора барнахезад.
Фарзанди азизи худ талаб кард,
Гаҳ лутф намуд, гаҳ ғазаб кард:
К-Эй рӯҳи падар, равони модар,
Аз рӯҳу равон ба мо ду беҳтар.

Ту порае аз ҷигар марой,
Ту нуриву дар назар марой.
Эй сахтии даҳр нокашида,
В-эй талхии умр ночашида.
Ошуфтаи кист хотири ту,
В-андешаи чист дар сари ту?
Гӯши ту гарон зи гавҳари кист?
Бахти ту забун зи ахтари кист?
Чун норвани ту шохи бед аст,
Ё сурх гул ас(т), чаро сапед аст?
Дилсӯхтаи кадом хомӣ?
Заҳробакаши кадом ҷомӣ?
Поят ба кадом гил фурӯ рафт,
К-андар қадамат ҳазор ҷӯ рафт?
Донам, ки сари чи кор дорӣ,
Дар сар чи маи хумор дорӣ.
Рози ту чи ман, чи ғайр донад,
Номи ту ба ҳар чи ҳар кӣ донад.
Эй навгули сад баҳор гашта,
Минқорхури ҳазор гашта,
Бо он ки ту сарви навҷавонӣ,
Зери пари фохта ниҳонӣ.
Шаҳдиву пари магас гирифта,
Мурғиву раҳи қафас гирифта,
То чанд абас тамаъ намой,
Аз ҳар касу нокас ошноӣ.
Ҳуш дор, ки чарх бемадор аст,
Ҳар гул, ки намудааст, хор аст.
Гар бодаи хушгувор дорад,
Ҳон дарди сару хумор дорад.
Ҳаргиз ба турунҷи ӯ мабар даст,
К-аш теғи нуҳуфтае дар ӯ ҳаст.
Гар ганҷ намуд, мор пиндор,
Аз мор битарс, ганҷ бигзор.

Чун таҷриба нестат, зи ман гир,
Аз модари пири хештан гир.
Гирам, раҳи ин ҳавас гирифтӣ
В-ин раҳ, ки гирифтаӣ, барафтӣ.
Ояд сари офият ба сангат,
Ё шер занад, ё палангат.
Ин раҳ, ки дар ӯ на сар, на пояст,
Ҳуш дор, ки коми аждаҳояст.
Розат гар аз ин зиёда шуд фош,
Расвои ҷаҳону охират бош.
Ҳар ҷо, ки ғубори нанг бинӣ,
Доман нанишаста беҳ ки чинӣ.
Ишқи ту агар зи шубҳа пок аст,
Тӯҳмат, ки дар ӯст, шубҳанок аст.
Мегуфт, вале ба гӯши духтар
Будӣ ба масал ду коху ду дар.
Пиндошт зи равзане дарояд
В-аз равзанаи дигар барояд.
Аз духтари хеш дасту дил шуст
В-аз шавҳари хеш маслиҳат ҷуст.
Ӯ низ аз ин хабар барошуфт,
Биншаст ба пеши духтару гуфт:
К-эй бори ҷаҳон ба дӯш баста,
Пушти мани нотавон шикаста.
Хурдиву ғами бузург дорӣ,
Тозибача, кори турк дорӣ.
Аз дил ба забон шудан чӣ лозим?!
Расвои ҷаҳон шудан чӣ лозим?!
Омӯхтаӣ магар зи мактаб
Ҳарфи занаху ҳадиси ғабғаб?
Мактаб на, ки девхона будаст,
К-афсуни парӣ туро рабудаст.
Чун дида даричаи хаёл аст,
Дар сина гузаргаҳи малол аст,

Бояд, ки ба ҳифзи дида кӯшӣ,
То бар сари мардум об нӯшӣ».
Лайлӣ сухани падар чу бишнид,
Оҳе бикашиду ҷома бидрид.
З-он панд, ки кард беҳузураш,
Метофт даруна чун танӯраш.
Мерехт сиришку оҳ мекард,
Бар рӯи падар нигоҳ мекард.
Донист падар, ки дарднок аст,
Паҳлӯкаши бистари ҳалок аст.
В-он дард зи бистари ҳалокаш
Хоҳад бурдан ба зери хокаш.
Хомӯш шуду дари саро баст,
Рухсора ба қиблаву дуо баст.
Чун гирди маҳаш кашид ҳола,
Бинмуд ба эзадаш ҳавола.
Лайлӣ чу даруни парда ҷо кард,
Тӯмори ғами нуҳуфта во кард.
Ғамҳои даруна дод берун,
Бар хок мароға кард пурхун.
Ҳар оҳ, ки аз ҷигар кашидӣ,
Селе ба рухи қамар кашидӣ.
Хунобаи дил зи дида меронд
В-аз ҳоли дарун қасида мехонд:
К-имрӯз манам даруни парда,
Сад пардадарӣ ба парда карда.
Занҷири ғамам ба по кашиданд,
Маҷнуни маро зи ман бириданд.
Шуд танг дилам, даҳони вай ку?
Шуд мӯй танам, миёни вай ку?
Гаштам зи ғамаш чунон кӣ гӯяд,
Боз аз мани нотавон чӣ ҷӯяд?
Эй бод, ки пайки ошиқонӣ,
Маҷнуни маро ба ман расонӣ.

К-аз дасти ту наврасида моҳе
Имрӯз фитода зери чоҳе.
Аз меҳр агар бар ӯ натобӣ,
Зуд аст, к-аз ӯ асар наёбӣ.
Мегуфту ба сина санг мекӯфт,
Бар худ дари сулҳу ҷанг мекӯфт.

## ГУФТОР ДАР ҶУДОИИ МАҶНУН АЗ ЛАЙЛӢ

Аллаҳ, аллаҳ, зи даври гардун
В-аз ҷуръаи ман чашид Маҷнун.
Дар садри ғамаш чу бор доданд,
Паҳлӯи манаш қарор доданд.
Мо ҳар ду фурӯғи як чароғем,
Мо ҳар ду шароби як аёғем.
Як шоҳиду лек бар рухи ӯ,
Моем зи ду тараф ду гесӯ.
Аз бахт магар умеди некист,
К-ин ранҷ, ки мекашам, шарикист.
Ранҷе, ки зи осмон кашидам,
Танҳо на ба дигарон кашидам.
Не, не, ғалатам, ки он ҳама ғам
Аз хони ман аст луқмаи кам.
Гар Лайлии ӯст аз назар дур,
Лайлии ман аст хуфта дар гӯр.
Ин ҳар ду гам аз чӣ бекарон аст,
Худ гӯ, ки тафовуташ чӣ сон аст?
Хоҳад ғами ман дарунааш хаст,
Лекин ду-се сол дар миён ҳаст.
К-ин кор бад-он расид шояд,
Аз дафтари ман варақ кушояд.
То дар танаш аз рамақ нишонест,
Анбози манаш шудан раво нест.

## РАФТАНИ МАҶНУН РӮЗИ ДИГАР БА МАКТАБ ВА НАЁФТАНИ ЛАЙЛӢ ВА ҶОМА ДАРИДАНУ ХОК БА САР КАРДАН

Соқӣ, қадаҳи шароб пур кун,
Ашки ман аз он ақиқи дур кун.
То дидаи Қайсро кунам пур
Дар ёди ақиқи Лайлӣ аз дур.
Лайлӣ чу дари сарой барбаст,
Бе парда даруни парда биншаст.
Ҳар субҳ, ки кард тифли анҷум
Падруди адабсарои торум.
Маҷнун ба адабсаро ҳамерафт,
Дил пешу ғам аз қафо ҳамерафт.
Медид, ки бурҷ ҳасту маҳ нест,
Ороста маснад асту шаҳ нест.
Мехӯрд дарунӣ неш хомӯш,
Хомӯш бурун, даруна дар ҷӯш.
Лавҳаш ба канор, дил канора,
Сӣ пора дарун, бурун сепора.
Ҳарфе, ки ҳаменамуд такрор,
Дар маънии зулф буду рухсор.
Ӯ дар сабақи фироқи ҷонон
Нашканҷ ҳаме гирифташ аз он.
Мехонду хабар надошт к-он чист,
Он хона куҷост, мизбон кист.
Аз донаи ашку дурри суфта
Рӯи варақаш фурӯ гирифта.
Оташ ба даҳону об дар чашм,
Андеша ба узру ишқ дар хашм.
Хунаш зи ҷигар ба дида бар шуд
В-аз дида ба доманаш гузар шуд.
Ҳарчанд ба нӯки остин рафт,
Хок аз сари чашма з-остин рафт.

Ҳаргиз нашуд он, ки камтар ояд,
Чун чашма, ки пок шуд, физояд.
Тӯфони бало зи сар гузашташ,
Пайкони ғам аз ҷигар гузашташ.
Охир варақ аз варақ ҷудо кард,
Ҳар руқъа ба ҳар тараф раҳо кард. «
Берун шуду хок бар сар ангехт,
Хок аз сару хун зи дида мерехт.
З-он бод, ки бар сараш ҳамегашт,
Мерафт чу бод бар сари дашт.
Аз мӯя чу мӯ, зи нола чун нол,
Мерафт назорагӣ зи дунбол.
Девонагие чунон ки донист,
Мекард чунон ки метавонист.
Он санг ба даст, ин ба доман,
Он гарм ба ханда, ин ба шеван.
Ҷамъе-ш зи меҳр дар насиҳат,
Қавме-ш ба танз дар фазиҳат.
Маҷнун, ки ба ишқ дошт пайванд,
Не таъна ба худ гирифт, не панд.
Ҳарчанд танаш ба санг хастанд,
Марҳам ба ҷароҳаташ набастанд,
Пайвастагие, ки дошт бо ёр,
Нагзошт, ки рӯ кунад ба ағёр.
Охир зи миёни халқ барҷаст,
Дар домани дашт рафту биншаст.

## РАФТАНИ МАҶНУН БА ДАШТ ВА РАФТАНИ ПАДАР БА СУРОҒИ ФАРЗАНД ВА БА ХОНА ОВАРДАНИ Ӯ

Оҳубара чун ба кӯҳу дар шуд,
З-ӯ оҳуи пир дар хабар шуд.
Мискин падараш ба сӯгворӣ
Мекард ба тан саводкорӣ,

Дунболи писар чу бод мерафт,
Чун хома ба ҳар савод мерафт.
Ногаҳ шағабе, ки мешунидаш,
Шуд бадрақаи раҳи умедаш.
Чун дар паи он шағаб равон шуд,
Фарзанди нуҳуфтааш аён шуд.
Дарёфт, ки дар гиреваи кӯҳ
Танҳост, нишаста дар ғам анбӯҳ.
Ҳар чашм чу чашмае равона,
Худ моҳии ташна дар миёна.
Меноладу мезанад ба дил санг,
Кӯҳаш ба фиғон шуда ҳамоҳанг.
Як нола ҳазор бонг гашта,
Як ҳабба ҳазор донг гашта.
Ин диду падар бирафт аз ҳуш,
Бигрифт сари писар ба оғӯш.
Мешуст ба дида гарди рӯяш,
Мерафт зи хештан ба бӯяш.
Мегуфт, ки эй фурӯғи дида,
Оромдиҳи дили рамида.
Бархез, ки модарат хароб аст
В-аз нолаи фурқатат кабоб аст.
Мапсанд, ки мо аҷузаву пир
Бе рӯи ту бигсилем занҷир.
Донӣ, ки зи дастбурди айём
Ташти ману ӯст бар лаби бом.
Мӯи занахи ману сари ӯ
Гардид сапед мӯй то мӯ.
Чун сар ба висода паст монем,
Мавқуфи занах задан ҳамонем.
Андӯхтаем сад ҷаҳон боғ,
Як лола ту в-он ҳам ин ҳама доғ.
Ин умр, ки пой дар рикоб аст,
Монанди сафина рӯи об аст.

Магзор, ки бигзарад ба ботил,
Худ ноқа равад набаста маҳмил.
Гӯянд, ки зиндагӣ азиз аст,
Гар зиндагӣ ин бувад, чӣ чиз аст!
Хдргиз чу ту сарви навҷавоне
Норуста ба тарфи бӯстоне.
Чун бинамат аз кашокаши ғам
Монандаи тавқи фохта хам.
Худ гӯй, ки ҳеҷ офарида
Ранҷе, ки ту мекашӣ, кашида?
Ман пайкарам, эй писар, ту ҷонӣ,
Лекин чу падар наӣ, надонӣ.
Рахна зи камона гар кушояд,
Бе парма ту гӯ, чӣ кор ояд.
Ранҷи ту зи ту ба ман фузун аст,
Гар об шудӣ ту, банда хун аст.
Гар қаля зи тоби шӯъла ҷӯшад,
Худ шӯъла ба дег мехурӯшад.
Гар дузд зи киса зар рабояд,
Теғаш ба гулӯи киса ояд.
В-ар бар сари шамъ доман афшурд,
Аз соҳиби хона молу ҷон бурд.
Эй шамъи сарои меҳнатафрӯз,
Ҷони ману ҷони хештан сӯз.
То чанд чу шамъ барфурӯзӣ,
Шаҳ хуфта ба маснаду ту сӯзӣ!
Онро, ки чароғи хона кам нест,
Аз сӯхтани ту ҳеҷ ғам нест.
Сад мисли ту хостгор дорад,
Гар хостаӣ, чӣ кор дорад?
Гирам, ки чуз ӯ дигар нахоҳӣ,
Гар меҳр в-агар қамар нахоҳӣ,
Нашнидаӣ он, ки лаъл аз санг
Ояд ба тариқи саъй дар чанг.

Эй толиби оби зиндагонӣ,
Хизри ту манам, агар бидонӣ.
Паймудани дур зи баҳр ҷаҳл аст,
Ғаввос ки ҳаст, кор саҳл аст.
Ман донаму ҷидду ҷаҳд кардан,
Гар моҳ бувад, ба маҳд кардан.
Гар ҳур бувад, агар намирам,
Охир ба канизии ту гирам.
Маҷнун чу навиди васл бишнид,
Ниме бигиристу нима хандид.
Аз шавқ зи ҷои хештан ҷаст,
Бӯсид замину боз биншаст.
Гуфт: -Эй қадамат навиди уммед,
Музди қадамат биҳишти ҷовид,
Ин ҳарф, ки мезанӣ ба тахмин,
Эй кош, фаришта гӯяд омин.
Узрест, ки банда бар ту хонад,
Бовар накунӣ, Худой донад.
Ин раҳ, ки бувад қадам ниҳодан,
Бар теғи бараҳна сина додан.
Гар ман ба раҳе чунон фитодам,
Аз еилии осмон фитодам.
06 аст, ба табъи хеш хомӯш,
Гар ҳаст шарора, мезанад ҷӯш.
Шабнам, ки ба сабза орамидаст,
Чун меҳр дамид, нопадид аст.
Ҷӯлоҳа катони сахт бофад,
Чун партави маҳ расад, шикофад.
Бингар, ки уруҷи шоха чун аст,
Гар теша расид, сарнагун аст.
Ман низ раҳи салоҳ пӯям,
Ишқам чу инон кашад, чӣ гӯям?!
Осуда дари бало накӯбад,
Бар хор бараҳна по накӯбад.

Рақсад чу фалак ба мастии худ,
Пайдост дароздастии худ.
Чун ишқ гирифт остинам,
Нагзошт, ки фурсате нишинам.
Овард бад-ин макон, ки дидӣ,
Ман н-омада, пештар расидӣ.
Акнун, ки зи ишқ дардмандам,
Аз панд фузун шавад газандам.
Гар чораи дарди ман намоӣ,
Бахшӣ ба табибам ошноӣ,
Гар з-он, ки ба оташам кашонӣ,
Дунболи ту меравам, ту донӣ.
Гар теғ занӣ ба гардани ман,
Охир падарӣ, на душмани ман.
Гирам, ки ҳадиси рафта баргашт,
Бозам сари кӯҳу домани дашт.
Гар ваъда, ки мекунӣ, дурӯғ аст,
Худ гӯ, ки дурӯғро фурӯғ аст?
Меҳӯрд падар барои фарзанд
Як неву ду не, ҳазор савганд.
Чун тир ба ин нишона омад,
Ҳамроҳи падар ба хона омад.

## ОМАДАНИ МАҶНУН АЗ КӮҲ ҲАМРОҲИ ПАДАР БА ХОНА ВА ДИДАНИ МОДАР ӮРО ВА СИТОИШИ Ӯ

Маҷнун чу ба сад хурӯшу андӯх
Чун сел ба хона омад аз кӯҳ,
Модар ба ҳазор иззу нозаш
Мехонд таҳийяти дарозаш.
К-эй тозагули баҳори хубӣ,
В-эй равнақи рӯзгори хубӣ,

Эй решаи чашму риштаи ҷон,
В-эй зинати коху зеби айвон,
Эй накди хазинаи умедам,
Чатри сияҳи сари сапедам,
Эй гӯшакаши камони ҳасрат,
Новакфигани нишони ҳасрат,
Эй оташи хирмани ҷавонӣ,
В-эй доғи ҷабини зиндагонӣ,
Эй бар ҳама оризу тавоно,
Девона ба ном, лек доно,
Чун аст, ки хотират гарон аст,
Хун аз дилу дидаат равон аст?
Тире, ки туро нишона дорад,
Нисбат ба кадом хона дорад?
Ашки ту равона аз паи кист?
В-ошуфта димоғат аз маи кист?
Донам, ки дилат хароби ишқ аст,
В-ин мастият аз шароби ишқ аст.
Аммо биҳилаш, ки бо ту х(в)аш нест,
Оҳу чу ҷамоза боркаш нест.
Бар худ ситаме агар намоӣ,
Бар мо ситаме дигар намоӣ.
Гар пунба шарорае барафрӯхт,
Хуш дор, сарои бевазан сӯхт!
Ман нахли туро ба дил нишондам,
Обаш зи ду дида барфишондам.
Афсӯсам аз он, ки охири кор
Худ меваи талх медиҳад бор.
Ман мушт пур аз ҳавои ангушт
Аз ҷой ҳамеравам, мазан мушт.
Маҷнун, ки шунид ҳарфи модар,
Бигдохт, чунон ки мум озар,
Чун мум забони чарб бикшод,
Аз озари дил забонаҳо дод:

К-эй дида ғамам ба ҷои шодӣ,
Эй кош чу ман писар назодӣ.
Ҳар панд, ки медиҳӣ писанд аст,
Талх аст, чу сабр судманд аст.
Аммо чӣ кунам, ки ишқи саркаш
Гар панд шунуд, мекунад ғаш.
Мӯътод нагашта, гар хӯрад май,
Нобурда фурӯ, ҳамекунад қай.
Коре, ки салоҳи рӯзгор аст,
Бешармӣ агарчи шуд, ду кор аст:
Ё тан расадам ба васли ҷонон,
Ё аз тани ман бурун равад ҷон.
Модар чу шунид ҳарфи фарзанд,
Наздик шуд он ки бигсалад банд,
Лекин чу надид чораи хеш,
Тимори писар гирифт дар пеш.
Асбоби арӯсӣ он чи бояд,
Пардохт бад-он намат, ки шояд.
Бо Саййиди Омирӣ супурдаш,
То Саййиди Омирӣ бибурдаш.

## РАФТАНИ ПАДАРИ МАҶНУН БА ХОСТГОРИИ ЛАЙЛӢ АЗ БАРОИ МАҶНУН ВА НАВМЕД БАРГАШТАНИ ОН ДИЛХУН

Ганҷури хазоини маонӣ,
Мисбоҳи зуҷоҷаи амонӣ,
Афсунрақами фасонатақрир,
Ҷодунафаси фариштатасхир,
Дарвешқабои шоҳаврaнг,
Рӯбоҳнамои шероҳанг,
Дарроҷакушои ҳисни номус,
Тороҷдиҳи матои афсӯс,
Аз доғи писар нишаста дар хун,

Яъне падари ғариби Маҷнун,
Чанде зи қабила пеши худ хонд,
В-ин маслиҳате, ки рафта буд, ронд.
В-онҳо ҳама марҳабо-ш гуфтанд,
Мо банда, ту шоҳ бош, гуфтанд.
Карданд ба шарти ҷонсупорӣ
Ороиши ноқаи иморӣ.
Гаштанд равон ба хуштарин ҳол,
Ӯ пешу ҷамоаташ зи дунбол.
Аз рафтани Омирӣ бад-он маҷц
Чун ёфт хабар қабилаи Наҷд,
Пеш омада сӯи хона бурданд,
Ҳам нузл гирифта, ҳам супурданд.
Шуд хон ниҳода дар миёна,
Бардошта аз миёни хона.
Саййид гуҳаре зи ҳар тараф суфт,
Бо меҳтари он қабила баргуфт:
К: - Эй аз ту маро умеди ёрӣ,
Уммед, к-умеди ман барорӣ.
Моҳе, ки туро даруни пардаст,
Хуршеди маро фасона кардаст.
З-он пеш, ки дар муҳоқ афтад,
Бо моҳи ту ҳамвисоқ афтад.
Бошад, ки ба юмни он ду мо ҳам
Пайванд ба ҳам кунем муҳкам,
В-ин як дами вопасин, ки дорем,
Чи айшу чи ғам, ба ҳам барорем.
Чун меҳтар аз ин сухан шуд огаҳ,
Зад хандаву гуфт: - Оваҳ, оваҳ!
Аз чун ту касе, ки хурдадонӣ,
Ҳайф аст чунин фасонахонӣ.
Фарзанди ту, к-аз назар нуҳуфтаст,
Афсуни парӣ дар ӯ гирифтаст.
Девонагии тамом дорад,
Маҷнуни замона ном дорад.

Нафрини ваят, ки офарин аст,
Шарти падарӣ, бале, ҳамин аст.
Ман духтари хеш дӯст дорам,
Бар душмани акд чун супорам?!
Гар даст надориям зи доман,
Ҳон ё ту равӣ зи даст, ё ман.
Чун меҳтари Наҷд ин сухан гуфт,
З-ӯ Саййиди Омирӣ барошуфт.
То оташи фитна барнахезад,
В-оби рухи ду қабила резад,
Дам нозада, бар ҷамоза биншаст,
Рахт аз сари кӯҳи Наҷд барбаст.
Боз омада, парда кард холӣ,
Як-як ба аҷуза гуфт ҳоле.
Маҷнун, ки буруни парда мебуд,
Ҳар чиз, ки гуфта буд, бишнуд.
Воқиф чу зи гуфтаи падар гашт,
«Аллоҳ маъак»[1] бигуфту баргашт.
Пироҳани хештан қабо кард,
Дар домани дашту кӯҳ ҷо кард.
Аз домани дашт хок мерӯфт,
Бар теғаи кӯҳ фарқ мекӯфт.
Мегуфт, ки: - Эй ду такягоҳам!
В-ин пушти ман, он дигар паноҳам,
Сад бор зи саҳни ғурфаи деҳ,
Паҳнову баландии шумо беҳ.
Аз болишу бистари пару хаз,
Хору хазафи шумо муаззаз.
Аз модару аз падар ғамам нест,
К-иқболи шумо бас аст, кам нест.
Гар қадри шумо - ду тан надонам,
Чӣ хоку чӣ санг, дар даҳонам!

1. Худо ёрат!

Гар худ падарам ба донае чанд
Бифрефту кард дар қафас банд.
З-он меҳр, ки бар шумо ниҳодам,
Сад рахна аз он қафас кушодам.
Ин гуфту ҷабин ба хок молид,
Гаҳ кост зи ғусса, гоҳ болид.
Гаҳ ҳамчу бунафша зад ду зону,
Гаҳ сабзасифат кашид паҳлӯ.
Гар бар сари хору хас ҳамехуфт,
Сад узр бад-ӯ нахуст мегуфт.
В-ар бар сари сангаке нишастӣ,
Сад бӯса ба рӯи сайг бастӣ.
Гар бод ҳамевазид, аз бим
Мекард бар ӯ ҳазор таъзим.
Барҷаста зи ҷо салом медод,
Оҳиста чунин паём медод:
К-эй бод, ки иззу маҷд бодат,
Зинҳор гузар ба Наҷд бодат,
Ин руқъа, ки бар ту мекунам боз,
Бар гӯшаи боми Лайлӣ андоз.
Баргӯй ба сад ҳазор зорӣ:
К-эй моҳи нишаста дар иморӣ.
Ман номагузори ошиқонам,
Ҳар лаҳза ба ҳар тараф равонам.
Мотамзадае зи рӯи даште
Инак, ба ту гуфт саргузаште:
К-эй по ба каманд банд карда,
Девори саро баланд карда,
Эй карда даруни парда маскан,
Дар кӯҳ дарида пардаи ман.
То сарви ту нахли хонагӣ гашт,
Ман хайма задам чу лола бар дашт.
Маҷнун, ки зи васли туст маҳрум,
Чун бум ҳамеравад ба ҳар бум.

Дар хона ғамаш, ки гашт анбӯҳ,
Шуд дашт ба дашт, кӯҳ бар кӯҳ.
Ман шиша ба хорасанг карда,
Ту бода ба бод чанг карда.
Ман латмахӯри даволам, афсӯс,
Ту таблзани сарои номус.
Ман доғ фишонда бар сари ях,
Ту хуфта ба рӯи бистари нах.
Ман гарм нишаста доғ бар доғ,
Ту пой фишурда боғ бар боғ.
Ҳошо, ки тариқи ёрӣ ин аст,
Оини вафогузорӣ ин аст?!
Эй кош, надидаме ба рӯят,
То дил накашидаме ба сӯят.
Акнун, ки инони дил шуд аз даст,
Сӯи ту гарон рикобиям ҳаст.
Гар хок кунад ғамат ба кинам,
Бархезаму дар раҳат нишинам.
То аз тани ман бувад нишоне,
Хоҳам ба ту гуфт нимҷоне.
Ё Раб, ки ҳавот бар сарам бод!
Чун ҳаст, аз он фузунтарам бод!

## РАФТАНИ МАҶНУН БОРИ ДУВВУМ БА ТАРАФИ ДАШТ ВА РАФТАНИ ХЕШОН Б А ДИДАНИ Ӯ

Дубора чу он хуҷаста фарзанд
Дар домани дашт рахт афканд,
Хешон ҳама дар тараддуди ӯ
Гаштанд равона кӯй дар кӯ.
Ногаҳ хабараш зи кас шуниданд,
Як-як ба висоқи худ расиданд.
Аз рафтани халқ ҷавқ дар ҷавқ
Шуд соҳати дашт арсаи савқ.

В-он пири шикастапушт аз пушт
Омад зи шигифт бар лаб ангушт.
Дид он, ки нишаста он ҷигарреш,
Ҷӯи намаке зи ашк дар пеш.
Чун кӯраи оташ аз тафи меҳр
Тан тофта, лек чашм бар чеҳр.
Гуфт: - Эй писар, ин чӣ беқарорист?
В-эй сӯхта, ин чӣ хомкорист?
То чанд ба худ ҷафо намудан,
Бо сангдилон вафо намудан?
Гирам, ки дар ин алам шудӣ хок,
Гӯянд, ки хас каму ҷаҳон пок.
Кас дарди туро даво наҷӯяд,
Гар хок шавӣ, дуо нагӯяд.
Номи ту ба ошиқӣ алам шуд,
З-он тахтаи машқи ҳар қалам шуд.
Номонда зи ман сари мазоре
Ё раҳгузари бузургворе,
К-он ҷо нашудӣ рухи ниёзам,
Мушти намаку сари пиёзам.
То аз шарафи чунин тазаррӯъ
Карданд ба ман туро табаррӯъ,
Аз шодии рӯи чун ту фарзанд
Бардошта аз хазинаам банд.
З-он фикр, ки аз ҳунар барӣ баҳр,
Нӯшоба адиб хӯрду ман заҳр.
Гар он ҳама ранҷ бо ту бурдам,
Баргӯ, ки чӣ дастранҷ хӯрдам?!
Чун дил ба сияҳсаре супурдӣ,
Бар мӯи сапеди ман чӣ кардӣ?!
Подоши вафо ҷафо намудӣ,
Хоса ба падар чаро намудӣ?!
Девонагӣ ар кунӣ, тавон зист,
Занҷир гусастанат вале чист?

Имрӯз, ки мавсими тавоф аст,
Поёни шаби умед соф аст.
Бар ҳар чӣ ки рафт аз ту бо ман,
Меҳри падарӣ кашид доман.
Бархез, ки роҳи чора пӯем,
Дар Каъба муроди хеш ҷӯем,
То раҳ ба ҳарими хос ёбӣ,
В-аз қайди ҷунун халос ёбӣ.
Маҷнун сухани падар чу бишнуфт,
Ангушт ба дида монду баргуфт:
К: - Эй хоки раҳат саводи дида,
В-эй субҳи умедро сапеда,
Гар чораи кори ман тавонӣ,
Мекун ба тариқае, ки донӣ.
Гар Каъба ҳамеравӣ в-агар дайр,
То бар асари ту мекунам сайр.
Ҳарчанд, ки қиблаи намозам
Бошад сари кӯи дилнавозам,
Лекин чу ризои ту дар он ҷост,
Натвон ба ҷуз аз ризои ту хост.
Ин гуфту зи ҷои хештан ҷаст,
Эҳроми тавофи Каъба барбаст.
То ҳар ду ба пои Каъба рафтанд,
В-аз ҳалқаи Каъба баргирифтанд.
Мекард падар зи синаи реш
Изҳори ниёзмандии хеш:
К-эй соҳиби Каъба, нотавоне
Дидаст ситам зи остоне.
Бечора ҷавони номурод аст,
Мафтуни рухи паринажод аст.
Барбаста чу ишқ роҳи ақлаш,
Бар кӯи ҷунун фитода нақлаш.
Маҷнуни ба ғам фигандаи туст,
Фарзанди ман асту бандаи туст.

Он кун, ки раҳи хирад шиносад
В-оини накӯ зи бад шиносад.
Аз офати ишқ деҳ амонаш,
В-аз қайди ғами ҷаҳон раҳонаш.
Маҷнун зи ҳадиси ӯ барошуфт,
Лоҳавлазанон ба хашм мегуфт:
К-эй хоста фурқатам аз он маҳ,
Аз ҳамчу дуо наъузу биллаҳ.[1]
Он хоста меҳр нест, кин аст,
Оини дуо надонӣ, ин аст:
К-эй соҳиби хона, талхкоме,
В-аз бодаи ғам кашида ҷоме.
Овозаи кӯи бенишонӣ,
Афтодаи роҳи нотавонӣ.
Барбоддиҳи матои роҳат,
Бунёдкуни бинои тоат.
Дар шефтагӣ тамом гашта,
Маҷнуни замона ном гашта.
Рӯ сӯи ҳарими ҳурматат кард.
Дарюза зи юмни ҳимматат кард.
Уммед, ки аз дараш наронӣ,
Аз роҳи инояташ бихонӣ.
Он металабам, ки меҳри он моҳ
Тобад ба дилам пагоҳу бегоҳ.
Шавқаш ба сарам замон-замон деҳ,
Доғаш ба дилам нафас-нафас неҳ.
Бар Каъбаву Рабби Каъба савганд,
К-аз Лайлии худ намебурам банд.
Дар зиндагиям ғамаш ба ҷон бод,
В-аз баъди сарам дар усутухон бод.
Ин гуфту ба роҳи дашт баргашт,
Баргашт чунон ки бод дар дашт.
Мискин падараш ба роҳи дигар
Шуд сӯи қабила даст бар сар.

1. Ба Худо паноҳ мебарем.

## ХОСТГОРӢ КАРДАНИ НАВФАЛ ЛАЙЛИРО БА ҶИҲАТИ МАҶНУН ВА МАСОФ НАМУДАНИ Ӯ БО ҚАБИЛАИ ЛАЙЛӢ АЗ ҶИҲАТИ БЕМАЙЛИИ ОНҲО

Туғрокаши ин саводи нома
Бар нома чунин кашид хома:
К-он оҳуи аз ҳарам рамида
Мешуд суи дашт норамида.
Ногоҳ расид шаҳриёре
Зеҳ карда камон паи шикоре.
В-аз пушт савора хел дар хел,
Пур карда канори дашт чун сел.
Маҷнун чу бидид оҳуи маст
Хӯрдаст ниҳеби сахт аз он шаст,
Ҳамчашмии ёр садди роҳаш
Гардиду намуд узрхоҳаш.
Мискин ба тариқи узрхоҳӣ
Шуд ҷониби шаҳриёр роҳӣ.
Гуфт: - Эй, ба шукӯҳи подшоҳӣ,
Бигрифта зи моҳ то ба моҳӣ.
Эй боҷситони тоҷбахшо,
В-эй қадри рафеъу садри воло.
Эй пушти замона бозуи ту,
В-эй шери сипеҳр оҳуи ту.
Онӣ, ки ба мушти пилафган
Аз пил сар афканиву ҳам тан.
Ҳайф аст фишурдан ончуноне
Дандон ба адими устухоне.
Чун шери фалак туро шикор аст,
Бо оҳуи лоғарат чӣ кор аст?
Ҳон, аз сари хуни ӯ гузар кун,
Бемории чашми ӯ назар кун.

Донӣ, ки ба Лайлияст ҳамчашм,
Ку заҳра, ки мебарӣ бар ӯ хашм?!
Гар теғ ҳамекашӣ ба бемор,
Он теғ ба фарқи хеш бигзор.
Аз ишқ магар хабар надорӣ,
Бар чашми буте гузар надорӣ?!
К-он чашми сиёҳи фитнаангез
Бардӯхтаӣ ба новаки тез.
Хусрав чу шунид, рафт аз даст,
Бишкаст камону шаст бигсаст.
Шуд аз сари зину дар вай овехт,
В-аз ҳуққаи ангубин гуҳар рехт,
К-эй кӯҳнаварди даштпаймо,
Ҷодусухани фариштасимо,
Чун нукта ҳамезанӣ зи Лайлӣ,
Донам зи чӣ хайлу дар чӣ майлӣ.
З-ин пеш басат шунида будам,
Меҳри ту ба ҷон гузида будам.
Акнун, ки висол шуд муяссар,
Инак ту шаҳиву банда чокар.
Маълуми ту нест к-аз нишонам
Онам, ки ба Лайлият нишонам.
Навфал манам он, ки ҳафт торам
Аз саҳми ман ӯ фитода дарҳам.
Ҳар сӯ, ки рикоби ман гарон шуд,
Бахтам чу даванда дар инон шуд.
Гаштаст зиёда, шукр лиллаҳ,
Хайлам зи ситора, қадрам аз маҳ.
Тирам чу ба сар катон бибинад,
Мӯй аз сари фарқадон бичинад.
Аз зарбати сиккаам ба дирҳам
Саҳм аст дили адӯ-м аз ҳам.
Чархам ҳама дам ба посбонӣ
Чашм аст шабонгаҳ, ар бидонӣ.

Яъне, ки бад-ин қадар таҳаммул
Ман хори туам, туӣ маро гул.
Ман бар ту хушам зи ту бар он маҳ,
Бовар накунӣ, ҳазор биллаҳ.
Акнун, ки манам туро ҳавохоҳ,
Хоҳам ба ҳавои ту задан роҳ.
Дастам пас аз ин ба кор н-ояд,
То ёри ту дар канор н-ояд.
Ин гуфту саворае талаб кард
В-оини арӯсие аҷаб кард.
Фармуд: - Бирав бад-он қабила,
Биспор ба меҳтар ин васила.
Баргӯ зи манаш, ки: -Эй саромад,
Бархез, ки бахт бар дар омад.
Рухсора ба ин ҳашам, ки дорам,
Пеши ту ба хок мегузорам.
К-инак писаре ба ҳар фан устод,
Бо ман писар асту бо ту домод.
З-ин пеш муносибаш нахондӣ,
Нохонда муносибаш бирондӣ.
Чун ёфт кунун ба некфолӣ,
Аз нисбати ман нажоди олй.
Уммед, ки дарх(в)ари ту бошад,
Ҳам уқдаи гавҳари ту бошад.
Акнун, ки манам бад-ӯ писаргир,
Домодии ӯ ту ҳам зи сар гир.
В-ар худ сар аз ин сухан битобӣ,
Бешубҳа сазои хеш ёбӣ.
Қосид чу бирафту бурд пайғом,
Овард ҷавоби бесаранҷом.
Навфал зи ғазаб чу шер ғуррид,
Занҷир гусасту банд буррид.
Бархосту теғ бар камар баст,
Бар ашқари барқпӯя биншаст.

Орост ба хубтар сипоҳе
Дар домани Нaчд размгоҳе.
Ҳам меҳтари Наҷц уштулум кард,
Дум дар думи бӯқ говдум кард.
Бардошт дурӯя табли овоз
В-аз рӯи алам дирафш шуд боз.
То ҳар ду қабила барфитоданд,
В-аз кина ба ҳамдигар фитоданд.
Аз садмаи теғи мағзполо
Афтод саре, ки гашт боло.
Ҳар тир, ки чобук аз камон рафт,
То охири саф ягон-ягон рафт.
Пайконрасон ба тундхашмӣ
Аз сина ҳамекушод чашме.
Ханҷар, ки забон дароз мекард,
Рози дили хасм боз мекард.
Ночах, ки ба сина даст мебурд,
Аз паҳлуи дил навола меxӯрд.
Бар ҳар кӣ фурӯ шудӣ зи торак,
Маргаш зи камин задӣ муборак.
Жӯпин, ки ҳамешуд аз сари даст,
Зери бағали адӯ ҳамехаст.
Аз ғулғули кӯсу нолаи ной
Мекӯфт аҷал ба ҳар тараф пой.
Навфал ба шукӯҳи бозуи хеш
Меронд шукӯҳи хасм аз пеш
Чун оташи тез дар найистон,
Чун сарсари тунд дар гулистон.
Ҳар сӯ, ки ниҳод рӯи ашқар,
Барканд сару фиканд пайкар.
Мекард равон ба захмкорӣ
Ду нима савораву саворӣ.
Чун зеҳ ба камон фурӯ кашиданд,
Ҷони ҳама дар каду кашиданд.

Ҳар кас, ки ба кини ӯ шудӣ гарм,
Аз зарби амуд кардияш нарм.
Мебурд синон ба синаҳо зуд
Чун оҳани тафта бар дили уд.
То қалби сипоҳи хасм бишкаст,
В-аз қалб суи ҷаноҳ пайваст.
Ҳам майманаро ба ямн андохт,
Ҳам майсараро ба яср пардохт.
Меҳтар чу шикасти хештан дид,
Доман зи ғубори разм барчид.
Шуд дашна ба даст сӯи хиргоҳ,
То боз кунад сар аз тани моҳ.
Худ дӯст ба дасти хеш куштан
Беҳ з-он, ки фитад ба дасти душман.
Накде, ки кунад адӯ ҳалокаш,
Анбошта беҳ ба зери хокаш.
Ҳар хона, к-аз ӯ гузар кунад сел,
Баркан, ки дигар набаркунад сел.
Акнун, ки сипеҳр рӯ ба ҳок аст,
Гар паҳлуи моҳ шуд, чӣ бок аст!
Дарё, ки дар ӯ нишони нам нест,
Гӯ, бирка, ту хушк шав, ки ғам нест.
Маҷнун, ки ба ҳар тараф назар дошт,
Бар ҳар сари куштае гузар дошт,
Ҳар кушта, ки з-он қабила медид,
Бар гиряи худ васила медид.
Мехонд ба расми сӯгворӣ
Сад марсия бар сараш ба зорӣ,
К-эй кушта, кушанда хок бодат,
Раҳмат ба равони пок бодат.
Аз бахти шаҳодатат қарин бод,
Ҷои ту биҳишти анбарин бод.
Марге, ки зи роҳи дилбар ояд,
Аз умри Хизир накӯтар ояд.

Эй теғибалофигандаи дӯст,
Ту кушта наӣ, ки зиндаи дӯст.
Дар роҳи ризои дӯст мурдӣ,
Пиндор, ки номи нек бурдӣ.
Иқболи кушандаат забун бод,
Гарчанд, ки Навфал аст чун бод.
Ногаҳ назараш ба меҳтар афтод,
Пурсиду диҳандааш хабар дод.
Фаҳмиду давид сӯи Навфал,
Чун Рахш зи рон гирифта нахҷал.
Гуфт аз сари сӯз, к: - Эй ҷигарсӯз,
Шуд бештарам зи пештар сӯз.
Ту дар садади гиреҳ кушодан,
Гардун зи паи гиреҳ ниҳодан.
Дар риштаи бахт агар гиреҳ нест,
Охир беҳ аз он, ки ришта бигсист.
Нохун ба гиреҳ масоз чобук,
К-ин риштаи ман басест нозук.
Ту теғ ба дигарон кушодӣ,
Чун менигарам, ба ман ниҳодӣ.
Ҳар тир, ки мезанӣ ба душман,
Он тир расад ба синаи ман.
Донӣ, ки ҳақиқати сухан чист?
Боре, сари кинаат ба ман чист?
Гирам, ки ту марди шергирӣ,
Бар оҳуи худ макун далерӣ.
Ман толиби он маҳам, гар ӯ рафт,
Гӯ бар сарам осмон фурӯ рафт!
Миннат зи туам зи ҳад фузун аст,
Аммо чӣ кунам, ки кор чун аст.
Навфал чу шунид ҳарфи Маҷнун,
Ноком кашид даст аз хун.
Афсӯс ба ҷони он ҳазин кард,
Бар шумии бахташ офарин кард.

Падруд намуду марҳабо гуфт,
Бар васлаи Лайлияш дуо гуфт.

## РАФТАНИ МАҶНУН БА САРИ КУШТАГОН ВА ТАҲИЙЯТ ХОНДАНАШ БАР ЭШОН ВА ХУДРО БАР ҚАТОРИ АМВОТ АФКАНДАН

Чун маърака шуд зи хайл холӣ,
Маҷнун шуду шуғли лоуболӣ.
Мерафту ба куштагон ҳамедид,
Мегашту ягон-ягон ҳамедид.
К-аз таъни синону захми пайкон
В-аз ҷаври сипеҳру кини даврон
Бас сарвқадони симпайкар
Чун сабза ба хок хуфта андар,
Тан кӯфта, дил тиҳӣ зи кина,
Дасте ба занах, дигар ба сина,
Танҳову сарон ба ҷӯяи хун
Рафта чу сафина рӯи Ҷайҳун,
Медиду ба фарқ хок мебехт,
Хуноби ҷигар зи дида мерехт.
Мегуфт ба худ, ки эй балокаш,
В-эй наъли бало зи ту дар оташ,
Бахти бади туст, к-ин азизон
Гаштанд ба хоки тира яксон.
Гуфтанд туро, зи ҷон гузаштанд,
Афсӯс, ба ройгон гузаштанд.
Эй фитнаи даҳр бар сари ту
В-эй кисвати наҳс дар бари ту,
Эй шумии толеи ту эдун,
Тарсам, ки фитад ситора дар хун.

Эй кош ту ҳам дар ин миёна
Бар тир яке шудӣ нишона.
То дар сафи куштагони Лайлӣ
Будӣ ба ту ҳам нишони Лайлӣ.
Боре нашудат насиба ин бахт,
Афган ба қатори куштагон рахт.
Бошад, ки ба юмни ҳамҷаворӣ
З-ин хок ту низ сар барорӣ.
Ин гуфту миёни хоку хун шуд,
Чунон ки зи куштагон фузун шуд.
З-он сон ки шиори куштагон кард,
К-аз кушта тафовуташ тавон кард.
Ногаҳ ба сараш нишаст зоғе
Чун бар сари куштае чароге.
Минқор чу гоз баркашида,
То барканадаш чароғи дида.
Маҷнун ба қудуми он ҷафокеш
Мегуфт таҳийяте зи ҳад беш:
К-эй тоири фаррух, аз кучоӣ
В-охир ба кӣ дорӣ ошноӣ?
Ҳастӣ чу надида меҳрубонам,
Миннат зи ту сад ҷаҳон ба ҷонам.
Баргӯ, ки чӣ буд ихтиёрат,
Афтод бад-ин тараф гузорат?
Гар з-он, ки ба дидани ман оӣ,
Дар дидаи ман нишин, ки шоӣ.
Чун дар ту ҳаме саводи Лайлист,
Хуштар зи туам ба дида майлест.
Лекин чӣ кунам намекунад суд
Ин омаданат, ки баҳри ман буд.
Ман мурда, ту зинда, маслиҳат чист?
Номурда чӣ гуна метавон зист?
Бигзашт ба ман фироқи ҷонон,
З-он гуна, ки сер гаштам аз ҷон.

Тан дар сафи куштагон супурдам,
Ҷони ману ҷони ту, ки мурдам.
Мурдан ба ҳазор поя некӯст
Аз зиндагие, ки бе рухи ӯст.
Он гар накунам ғалат, шунуфтӣ,
Марги ману азми раҳ гирифтӣ.
В-ар не агарат хабар намебуд,
Далқи сияҳат ба бар намебуд.
Эй ҷома сиёҳ карда бар ман
В-эй заҳмати роҳ бурда бар ман
Чун дӯстии ту дилнишин аст,
Уммеди дили ман аз ту ин аст:
Минқори чу кизлике, ки дорӣ,
Бояд ки ба чашми ман гузорӣ.
Чашмам чу бурун кашӣ зи хона,
Бар Лайлии ман барӣ нишона.
Гӯй, ки: зи куштагони ин кӯ
Аз баҳри ту мурдае сухангӯ
Худро ба қатори куштагон кард,
Ин тӯҳфа ба хидмат армуғон кард.
Дарёб, ки рафт кораш аз даст,
Биншаст ба хок тираш аз шаст.
Чашмаш, ки рухи ту дид, хун шуд,
Минқори маро нигар, ки чун шуд!
Ин ҳам ба умеди он фиристод,
К-ин биниву аз вай оварӣ ёд.
Бин гавҳари чашми он сияҳрӯз
Чун мӯҳраи чашм бар катиф дӯз.
Мегуфт чунину он сияҳзоғ
Мехост ниҳад ба дидааш доғ.
Бархост зи гӯшае ҷавоне,
Пайваста хаданг бар камоне.
Зад бар дили зоғ, к-он тараф шуд,
Маҷнун бархосту дар шағаф шуд,

К-эй сангдил, ин чи меҳрубонист,
В-эй тирзан, ин чӣ шахкамонист?!
Бар пайки умед пай буридӣ,
Пайванди маро зи вай буридӣ.
Гар тирзанӣ, ба рӯзи разм ой,
Най бод шавад ба шамъи базм ой.
Акнун ҳавасе, ки дил биронад,
Бар Лайлии ман кӣ мерасонад?
Ман мурда будам, чунон ки дидӣ,
В-ар з-он, ки надидаӣ, шунидӣ.
Он ҷо нурам чу бар сар омад,
Ҷони дигарам ба тан даромад.
Дидй, ки чӣ сон бар ӯ шукуфтам,
Як-як сухане, ки буд, гуфтам.
Аз тири ту, к-он ба синаат ёд
Нобурда паёми ман барафтод.
Ин гуфту гирифт зоғи мурда,
Зад наъра, ки: - Эй чароғи мурда!
Афсӯс зи чашми чун чароғат,
К-ӯ хуфту ба ман фитод доғат.
Ин лаҳза, ки ахтарам ҳаметофт,
Чашмам зи рухи ту равшанӣ ёфт.
Ногаҳ чу чароғи субҳ хуфтӣ,
Доғи дигарам ниҳода рафтӣ.
Минқори ту дошт оби ҳайвон,
К-аз вай бичакид бар танам ҷон.
Чун зинда намудию бимурдӣ,
Аз зиндагиям чӣ баҳра бурдӣ?
Марде, ки аз ин қибал шунуфта,
Ҷон бо дигаре супурда рафта.
Бечора ҷавон ба узрхоҳӣ
Гуфт: - Эй маҳи дар шуда ба моҳӣ,
Эй роҳи ҷунун намуда ишқат
В-аз ақл инон рабуда ишқат,

Он зоғ, ки нури дида хонӣ,
Буд милкаши ту, гар бидонӣ.
Минқори кашида дошт чун неш,
То чашми туро кунад бад-он реш.
Аз захм ҳаданг ар фишурдам,
Ту нек бидон, ки нек кардам.
Девона бигуфт: - Агар чунин аст,
Ин низ тариқате зи кин аст.
Донӣ чӣ ситам, ки бар ман омад,
Як-як зи ду чашми равшан омад.
Нагзоштӣ он, ки зоғ гирад
В-аз вай дили ман фароғ гирад.
Як душманам арчи шуд ба хун ғарқ,
Ду душманам андар аст бар фарқ.
Ҳиндубачае зи пеш бурдӣ,
Ду зангии мастро чӣ кардӣ?
Аз заҳмати ин ду вораҳонам,
То дӯстии туро бидонам.
Гар з-ин ду диҳӣ маро раҳоӣ,
Бошад санаде бар ошноӣ.
Дубора ҷавони некмаҳзар
Гуфт аз сари узр, к: - Эй бародар,
Гирам, ки ду дида душмани туст,
Охир на, ки чашми равшани туст.
Гар ёри ту дар канор ояд,
Бе дида, бигӯ, чӣ кор ояд?
Бе дида ба хулд агар дароӣ,
Чун он ки даромадӣ, бароӣ.
Гуфтӣ, ки ба теғ чашми ман гир,
Боре, раҳи хашми хештан гир.
Чашме, ки ба чашми ту ситезад,
Хун гардаду қатра-қатра резад.
Бар неши ҷафо чунон равад чашм,
К-аз хашм назар кунад бад-он чашм.

Хоре, ки ба домани ту афтод,
Он хор ба рӯи чашми ман бод.
Гар дидаи ман туро ба кор аст,
Боз ой, ки теғ дар канор аст.
Бархезу ба теғ озмояш,
Берун куну худ нишин ба ҷояш.
В-ар не, сухане чунин магӯям,
Рухсора ба хуни дил машӯям.
Озурдани дида ҷаҳли сирф аст,
Эй дида, гузор ин чӣ ҳарф аст?!
Девона кашад зи мардум озор,
Аммо надиҳад ба мардум озор.
Ту даст ба кини худ кушодӣ,
Бар мардуми чашми худ фитодӣ.
Маҷнун чу аз ин сухан шуд огоҳ,
Аз сина кашид оҳи ҷонкоҳ.
Гуфт: - Эй дилу дида хоки роҳат.
Қурбони забони узрхоҳат.
Х,ар узр, ки гуфтаӣ, қабул аст,
Маъзур, ки хотирам малул аст.
Ишқам зада ончунон раҳи ақл,
К-охир нашиносам аз сукун нақл.
Чун ақл ба кори ишқ хом аст,
Худ нафъ чиву зарар кадом аст?
Ин гуфту шуд аз миён бадар рафт,
То дида ба ҳам зад, аз назар рафт.
Маҷнун чу гирифт роҳи ҳомун,
Он ғамзада монд ҷои Маҷнун.
Шуд сӯи қабила синакӯбон,
В-аз дашт ба сина хокрӯбон.
Мерехт сиршки хун зи дида,
Мегуфт нашид бар кашида:
К-эй дилшуда аз барои Лайлӣ,
Ҷон бохта дар ҳавои Лайлӣ.

Эй дода таноби дониш аз даст,
Бинам магарат таноб бигсаст.
То чанд ба худ ситеза кардан?
То бар сари пӯя ранҷа кардан.
Ояд зи сиях,сарон сиёҳӣ,
Ту рӯи сапед аз чӣ хоҳӣ?
Табъи ту аз ӯ шакар сиголад,
Ӯ равғани қоз бар ту молад.
Ту хуррам аз он, ки ком гирӣ,
Ӯ дар ғам аз он, ки ном гирӣ.
Эй санги ба рӯи ӯ фитода,
Ту сангиву ӯст сими сода.
Гар сим ба санг банд гардад,
Бар санг ҳаме газанд гардад.
Бар ҳамчу касе, ки сим санг аст,
Сулҳаш ҳама зери санг санг аст.
Ҳайф аст зи офият гузаштан,
Маҷнун шуда кӯҳу дашт гаштан.
Мегуфту сараш ба сина дар буд
В-аз ҳаллаи Лайлияш гузар буд.
Лайлӣ, ки даруни парда буд банд,
Бишнид чунину парда афканд.
Шуд бар лаби бому зад наҳибаш,
Биншонд ба сӯи худ қарибаш.
Гуфт: - Эй ба ғамам рафиқ гашта,
Маҷнуни маро шафиқ гашта,
Дар шаҳр ду подшаҳ нагунҷад,
Ду сар ба яке кулаҳ нагунҷад.
Бигзор, ки ишқ кори ту нест
В-ин ёри ман аст, ёри ту нест.
Беҳуда забон макаш, забон деҳ,
З-он гумшуда ёри ман нишон деҳ.
Баргӯй, ки чист кору бораш,
Бораш ба куҷову чист кораш?

Дар кунҷи кадом ғор хуфтаст?
Боре, ба кадом ёр хуфтаст?
Шабх.о ба кӣ рози сина гӯяд?
Бо кӣ раҳи меҳру кина ҷӯяд?
Гар такя намуд, бистараш чист?
В-ар хоб рабуда, бар сараш кист?
Афтода ба рӯи хоку хора
Бар ёди кӣ дорад истихора?
Чун аст нишаста дар биёбон
Аз тобаи офтоби тобон?
Обаш кӣ диҳад ба ташнакомӣ,
Ёдаш кӣ кунад ба некномӣ?
Охир кӣ фишонад аз сараш хок?
В-ашкаш кӣ кунад ба остин пок?
Ҳеҷаш ба забон ҳадиси ман ҳаст?
Ё худ ҳама дарди хештан ҳаст?
Он ёри зи ман ҷудо фитода
Дар силсила аст ё кушода?
Рухсора ба хок агар гузорад,
Болиш ба таҳи сараш кӣ дорад?
Лайлӣ манаму ба рӯзи сахтам,
Чун номи худ аст, тира бахтам.
Аз реш ғами даруна реш аст,
Ҳар нӯши ба ман расида неш аст.
Маҷнун чӣ, ки сад ҳазор Маҷнун,
Гар ҳаст, ғами ман аст афзун.
Ӯ бар сари кӯҳ ҳамчу лола,
Ман ҳамчу маҳ андаруни ҳола.
Ӯ бар сари кӯҳ лола дар чанг,
Ман ҳамчу ақиқ дар дили санг.
Поям накушудааст айём,
То дар паи ӯ ҳамезадам гом.
Донистаме он, ки чун нишастаст,
Дар сабза ва ё ба хун нишастаст.

Акнун, ки ту дидаӣ ҷамолаш,
Баргӯ, ки чӣ гуна аст ҳолаш?
Он лолаи ман ба дашт чун аст?
Доғаш ба дилу ба чашм хун аст?!
Он тоқ ба меҳр бо вафо ҷуфт
Бигрист ба ҳой-ҳою баргуфт:
К-эй нӯши лабат ба ҳарф ширин,
Фарҳодкуни ҳазор Ширин.
Девонаи ту ба арсаи разм
Дорад ба миёни куштагон базм.
Зоғон ҳама бар сараш нишаста,
Гӯрон ҳама пайкараш шикаста.
Чашмаш, ки ба ғусса хун таровад,
Розист бад-он, ки зоғ ковад.
Гар новаки ман намешуд аз кеш,
Мешуд суи ту асокаш аз пеш.
Лайлӣ чу шунид, рафт аз ҳуш,
Мекӯфт тапонча бар баногӯш.
Меканд зи фарқи сарв сунбул,
Мерехт ба рӯи настаран мул.
Бечашмии ёр чун гумон кард,
Ангушт ба чашми худ равон кард.
Бар наргиси худ чу фундуқ афрошт,
Он мард ба чобукӣ нигаҳ дошт.
Нагзошт, ки оҳуе чунон маст
Пайкони ҷафо хӯрад аз он шаст.
Гуфт: - Эй ба вафову аҳд муҳкам,
Дарди ту ба ҷони хаста марҳам,
Ҳон шамъи умедро фурӯғ аст,
Биллаҳ, валлаҳ, ки бедурӯғ аст.
Бар чашм ситеза мардумӣ нест,
Бе чашм фаришта одамӣ нест.
Бигзор, ки рӯзи васли дилдор,
Гар чашм нашуд, куҷост дидор?

Осуда зи офат аст ин ганҷ,
Ту гавҳари худ чӣ медиҳӣ ранҷ?
Эй ғамзада, тарки ин ҳавас кун,
Ошуфтагиям бас аст, бас кун.
Озори шумо ду тан шунидам,
Озурда шудам кунун, ки дидам.
Ку дида, ки бингарам Худоро,
К-озори дигар расад шуморо?!
З-ин гуна тасаллие, ки медод,
Шуд хотири Лайлӣ андаке шод.
Аз шодии хеш кард шодаш,
Бинмуд ба хайр хайрбодаш.

## ТАЛАБИДАНИ НАВФАЛ ПАДАРИ МАҶНУНИ ДИЛХУНРО ВА САВОБДИДИ Ӯ ТАЗВИҶИ МАҶНУНРО БА ДУХТАРИ НЕКӮАХТАРИ ЗУЛФОН АНБАРИ ХУД

Афсонатирози аҳди пешин
З-ин сон ба фасона дод оин:
К-он рӯз, ки Навфали сипаҳдор
Печид инон зи азми пайкор,
Мерафт, вале ба ҳоли Маҷнун
Меронд зи дида ҷӯяи хун.
Хун аз дами теғ пок мекард
В-андӯҳи дареғнок мекард.
Чун рафт, ба рӯи тахт биншаст,
Бар рӯи қабила ҷашн барбаст.
Марде талабид, ҳуҷҷаташ дод,
Бар Саййиди Омирӣ фиристод.
Саййид ба ҳазор ҷабҳасоӣ
Пеш омаду кард ошноӣ.
Навфал ба навозише, ки донист,
Бинвохт чунон, ки метавонист.

Гуфт: -Эй падари қабила, чунӣ?
В-аз теғи фироқ дар ҷунунӣ?
Фарзанди ту аз чӣ аз ту дур аст?
Чун бе рухи ӯ дилат сабур аст?
Охир зи чӣ ёри ӯ нагардӣ,
Пиромуни кори ӯ нагардӣ?
Дидӣ, ки надида як назар беш,
Ман аз ғами ӯ чӣ сон шудам реш?
Бо ин ҳама айшу комронӣ
Хӯрдам ғами ӯ, чунон ки донӣ.
Сар дар сари кори ӯ ниҳодам,
Сарҳои сарон ба бод додам.
Аз мардуми Наҷд кас намондам,
Илло сари ӯ зи тан фишондам.
Лекин нагузошт бахти ноком,
К-аз бодаи айш пур кунад ҷом.
Афтод чу дар миён баҳона,
Ӯ шуд суи дашт, мо ба хона.
К-аз он, ки намекуниш ёрӣ,
Боре, сари маслиҳат чӣ дорӣ?
Баргӯ, ки илоҷи он ҷавон чист,
Доруи мизоҷи он ҷавон чист?
Саййид сухане чунончи бишнид,
Хуни ҷигараш зи дида ҷӯшид.
Гуфт: - Эй сари сарварони олам,
Олам ҳама тан, ту ҷони олам.
Маҷнун, ки ғуломзодаи туст,
Парвардаи хонаводаи туст.
Донӣ, ки асири банди ишқ аст
В-овехта дар каманди ишқ аст.
З-оғӯши падар канор карда,
Оворагӣ ихтиёр карда.

Панди ману панди кас нагирад,
Гуфтем басеву бас нагирад.
Ҳарчанд, ки дар паяш давидем,
Ҷуз ранҷаи по дигар надидем.
Онро, ки хирад зи дил карон кард,
Худ гӯ, чӣ илоҷ метавон кард?
Ман меҳнати ӯ фузун кашидам,
Гар ту наҳилӣ, манаш ҳилидам.
Ман пир шудам, ту навҷавонӣ,
Гар бор ҳамекашӣ, тавонӣ.
Онҳо, ки зи бахт подшоҳанд,
Акди кулу сояи Худоянд.
Бегона бад-он ҷамоа ахд аст,
Ҳар кор, ки мушкил аст, саҳл аст.
Рои ту бар ӯ агар битобад,
Гар хок бувад, чу зар битобад.
Ин кор агар барояд, аз туст,
В-ин укда агар кушояд, аз туст.
Навфал зи ҳадиси пир бишкуфт,
Чун ғунча даҳан кушода, баргуфт:
К-эй ёфта бахтам аз ту зевар,
Ту Хизрӣ, агар манам Сикандар.
Ҳарчанд раиятиву дарвеш,
Дар чашми манӣ зи подшаҳ беш.
Ҳон, маслиҳатест, бо ту гӯям,
Фарзанди туро салоҳ ҷӯям.
З-овардани ту аз ин қабила
Мақсуд ҳамину ҷашн ҳила.
Он аст, ки гавҳари насуфта
Дорам ба ҳарамсаро нуҳуфта.
Дар ҳусн зиёдатар зи Лайлист,
З-он гуна, ки ин мах, ӯ суҳайлест.

Гар вуслаташ уфтад ба Маҷнун,
Шояд ки шавад зи қайд берун.
Чун дил ба висоли ин кунад хуш,
Лайлӣ шавадаш зи дил фаромуш.
Чун пиру қабила ин шуниданд,
Ангушт зи офарин газиданд.
К-ин шоҳ сари гадо чӣ дорад,
З-ин дағдаға муддао чӣ дорад.
Фарзанд яке фитад чу дар банд,
Кас банд куҷо ниҳад ба фарзанд.
Инҳо ҳамагӣ салоҳҷӯист,
Мардонгиясту нармхӯист.
Пир аз сари аҷзу нотавонӣ,
Бал аз раҳи шавқу шодмонӣ
Гуфт: - Эй карами ту дастгирам,
Эй бахти ҷавону ақли пирам.
Қурбони ту он чи меҳрубонист,
Дар пириям ояти ҷавонист.
Девонаву бистараш замин аст,
Худ донӣ, агар сазои ин аст.
Изҳори чунин чунон чӣ ҳоҷат,
Он ҷо, ки аён, баён чӣ ҳоҷат?
Банда ману ӯст бандазода,
Сар бар хати бандагӣ ниҳода.
Гар лутф куниву гар биронӣ,
Бар бандаи хештан тавонӣ.
Мисоқи вафо чу шуд мусаҷҷал,
Бар пир иҷоза дод Навфал.
То ваҷҳи арӯсӣ он чӣ бояд,
Андозаи ҳоли худ намояд.

## БАШОРАТ ДОДАНИ ПАДАРИ МАҶНУН АЗ НАВФАЛ БА ТАЗВИҶИ ДУХТИ ХУД БО МАҶНУН ВА ТАРАДДУД НАМУДАНИ Ӯ МАҶНУНРО АЗ КӮҲУ ДАШТ ВА БА ХОНА БУРДАНИ Ӯ

Чун пир башорате чунон ёфт,
Дар колбади фусурда ҷон ёфт.
Монанди ҳаюни барқрафтор,
Мекард ба ғарбу шарқ рафтор.
То рафт ба ҷахд аз ҳад афзун,
Дар бодияе, ки буд Маҷнун.
Дидаш сару тан нишаста бар хок,
Дил пора ба теғи ғам, ҷигар чок.
Хораш зи ду сӯ гирифта доман,
Хокаш таҳу рӯ кашида бар тан.
Аз сӯзи ҷигар чунон мушавваш,
К-ӯ дар ғаму ғам аз ӯ дар оташ.
Бархе зи гиёҳ баста бар сар,
Лахте зи адим карда дар бар.
Сар бар сари зонуи таҳайюр,'
В-аз хуни ду дида доманаш пур.
Чашмаш, ки ба фарқ таҳ нишаста,
Гӯӣ шабаҳе ба чаҳ нишаста.
Ҷӯе шуда ашкаш аз шиканҷа,
Мӯе шуда пайкараш зи ранҷа.
Чун тунги шикастааш даҳан боз,
Беруну дарун магас ба парвоз.
Гар дом гузашта, дигар ояд,
Огаҳ на, ки рафт ё ки ояд.
Аз меҳр бирафт бар сари ӯ,
Биншаст чу соя дар бари ӯ.
Оҳиста кашид дар канораш,
Зад бӯса ба фарқу бар узораш.

Аз дида бирехт бар рухаш об,
К-аз вай биравад хаёл ё хоб.
Маҷнун чу сар аз хаёл бар кард,
Нарма-нармак бад-ӯ назар кард.
Нашнохту боз дида пӯшид,
Бечора падар зи ғам хурӯшид:
К-эй дидаи ман, валек бенур
В-эй ҷони фитода аз барам дур.
З-ин сон ки шудӣ зи нотавонӣ,
Бинӣ падари худу надонӣ.
Чун ҳарфи падар шунид Маҷнун,
Шуд аз шикани хаёл берун.
Бархост ба сад машаққат аз ҷо,
Нохоста, ӯ фитод аз по.
Чун дидпадар, фитод он маст,
Бардошт ба дӯш ҳамчунон маст.
То он, ки ба хона омад он пир,
Хун аз бару мавҷи обаш аз зер.
Модар чу писар бад-он мамар дид,
Лахти ҷигар аз назар бадар дид.
Оғӯш кушоду дар бағал кард,
Атраш ба раҳи димоғ ҳал кард.
Мӯяш бисутурду тан бишусташ,
Овард ба ҳолу ҳол ҷусташ.
Маҷнун чу кушод дидаи хеш,
Дид он ду танаш нишаста дар пеш.
Расми писарӣ бар он дуто чист,
Бинмуд ягон-ягону бигрист.
Мерехт зи дурҷ лаълу гавҳар:
К-эй ҷон падару шафиқ модар!
В-он ҳар ду зи роҳи меҳрубонӣ
Карданд ҳам-аш гуҳарфишонӣ.
Дар пеш ниҳода хони неъмат,
Доданд наволааш ба навбат.

Он як зи сараш магас ҳамеронд
В-ин як ба бараш самар ҳамехонд.
Гуфташ падар: - Эй хуҷаста фарзанд,
То чанд буридан аз ту пайванд?
Банд аз бари мо буридан аз чӣ,
Банди дигарон кашидан аз чӣ?
Моем ду пири ғамкашида
В-аз дасти ғамат ситамкашида.
Ҳон, то накунӣ, ки ранҷа бошем,
В-аз дасти ту дар шиканҷа бошем.
Донӣ, ки зи умри мо чӣ рафтаст,
К-он мунтазири пагоҳу ҳафтаст.
Гар чарх бинои мо бирезад,
Дубора зи хоки мо чӣ хезад?
Имрӯз зи мо рух ар битобӣ,
Фардост, талаб кунӣ, наёбӣ.
Бас мӯҳра, ки дар каф аст, хор аст,
Чун гум шуда, дурри шоҳвор аст.

## ИН АСТ ҲИКОЯТЕ, КИ ЭЙ ДИЛ ГУФТА БА ТАРИҚУ ТАРЗИ ТАМСИЛ

Гӯянд муаммаре замин кофт,
В-аз зери замин қиматрае ёфт.
Чун парда кушод аз рухи кор,
Хокистари кӯҳна дошт дар бор.
Муште бигирифту мобақо' рехт,
Гил карду ба обу хокаш омехт.
Ногаҳ, ки ба сайрафӣ намудаст,
Он сим, вале фусурда будаст.
Афсурд чунон ки шуд баробар
Ранги рухи ӯ ба гунаи зар.

1. Боқимонда

Ақл аз сару аз танаш равон рафт,
Охир ба ҳамин ғам аз ҷаҳон рафт.
Моему қиматра хонаи мост,
В-он сим дар ин қиматра барҷост.
Ҳон ёфтаӣ, мазан ба хокаш,
В-ар на, ту хӯрӣ ғами ҳалокаш.
Ҳарчанд раҳи ҷунун сипорӣ,
Борӣ, ду-серӯза ҳушёрӣ,
З-ин вақт чу мо шудем дар гӯр,
Дигар туву дашту улфати гӯр.
Дирӯз, ки Навфалам ба худ хонд,
Бурду бари худ ба лутф биншонд.
Духташ, ки миёни халқ шӯҳраст,
Дар ҳусн фузун зи Моҳу Зӯҳраст,
Инак ба ту васла карданӣ шуд,
Маҳро ба Суҳо супурданӣ шуд.
Гар з-он, ки ту майли ӯ намоӣ,
Ёбӣ зи ғами ҷунун раҳоӣ.
Гар ишқ бувад, на бар яке банд,
К-аз ҳусн бувад ба ҳар яке банд.
Булбул ба гуле агар назар дӯхт,
Аз вай бигирифту бар дигар дӯхт.
Ҷон бар сари як гул ар фишондӣ,
Як сол зиёдатар намондӣ.
Парвона, ки ошиқи чароғ аст,
Филҷумла ба дигаре фароғ аст.
Гар шуд зи чароғаке фаротар,
Ояд ба сари чароғи дигар.
Лайлӣ кӣ бувад, ки бар чунон кас
Дил бахшаду ҷон диҳад равон кас?
Ӯ сангу ту шишаӣ, биё, мон,
З-ин ҳар ду дуруст нест боймон.
Гар санг ба пои шиша шуд паст,
Охир сари шиша бин, ки бишкаст.

Ҳар дил, ки чу шиша дар бағал бурд,
Нобурда ба санг мекунад хурд.
Он девсиришти бемурувват
Дев аст, вале фариштасурат.
Ҳаргиз ба ту рои раҳматаш нест,
Ҷуз рои газанд заҳматаш нест.
Безорам аз ӯ, агар ту зорӣ,
Безории ман ба худ гузорӣ.
Маҷнун зи ҳадиси сарди эшон,
Чун турра зи бод шуд парешон.
Лекин зи раҳи ризоталошӣ
Нагзошт забон ба дилхарошӣ.
Гуфт, ончи ризои модарон аст,
Албатта ризои мо дар он аст.
Эй қадри шумо ду тан гузида,
Он як зи дилам, дигар зи дида.
Гар заҳр ба ман диҳеду шаккар,
Охир падари манеду модар.
Ҳар, к-ӯ ба шумо ду тан гузин аст,
Чӣ деви дусар, чӣ ҳури ин аст.
Ё Раб, ки маро ҳам он гузин бод,
Такдир гар ин бувад, ҳамин бод!
Ин гуфту ниҳод сар ба зону,
Хуш шуд дили хоҷа, ҷони бону.

## ОИНИ ҶАШНУ СУРУР НАМУДАН АЗ БАҲРИ ТАЪРИС ВА НИШОТАНГЕЗӢ КАРДАНИ ҚАБИЛАИ МАҶНУН БА ТАЗВИҶИ МАҶНУНИ ДИЛХУН

Соқӣ, ту маи муғона баргир,
Мутриб, ту раҳи тарона баргир,
К-имшаб гули фитна дар шакар хуфт,
Ошуфтадиле ба моҳ шуд ҷуфт.

Дар зоҳири ҳол агарчи акд аст,
Инсоф диҳӣ, талоқи накд аст.
Гетӣ, ки чунин никоҳ дорад,
Ҳуш дор, сари мазоҳ дорад.
Танҳо на бар ин ду фитна сар кард,
Бар ман ҳам аз ин зиёдатар кард.
Порам ҳама айшу комронӣ,
Имсол шиканҷу хастаҷонӣ.
Порам ҳама доман аз шакар пур,
Имсол зи хун чашми тар пур.
Порам ҳама сар ба зонуи моҳ,
Имсол сари ману буни чоҳ.
Порам ҳама гӯш бар тарона,
Имсол ба навҳаву фасона.
Порам ҳама дасти ёр бар дӯш,
Имсол тапонча дар баногӯш.
Порам ҳама килк бар ҷарида,
Имсол алиф ба тан кашида.
Дастури ҷаҳон, бародар, ин аст,
Айшаш ба миён, ғамаш камин аст.
Алқисса, тирозпайкари ишқ,
Дурҷи дуру бурҷи ахтари ишқ.
Нуқли сари хони бенавоӣ,
Занҷираи пои мубталоӣ,
Селоби бинои айшу роҳат,
Девори сарои ранҷу меҳнат,
Силихӯри дасти ҳафт ахтар,
Сангафгани фарқи чор гавҳар,
Омоҷи хаданги таъну нафрин,
Ғоратгари мулки сабру тамкин,
Байгӯланишини кӯҳу ҳомун
Машҳур ба номи неки Маҷнун.
Розӣ чу ба гуфтаи падар шуд,
Ғамҳои дароз мухтасар шуд.

Он оҳани сард нарм карданд,
Ҳангомаи сур гарм карданд.
Бастанд ҷиҳози обнӯсӣ
Бар дӯши ҷамозаи арӯсӣ.
Ҷуллаш зи паранд бар сару тан,
Зангаш зи тило ба дасту гардан.
Ду рӯ ба ду ҳавдаҷи мурассаъ,
Аз пӯшиши парниён муқаннаъ.
Ороста ҳар як андаруна
Аз ҷинси қумош гуна-гуна.
Тозибачае маҳоргираш,
К-аз шаҳди инон рабуда шираш.
Зулфаш чу фитода дар баногӯш,
Рӯяш шуда моҳи парниёнпӯш.
З-ин қисм ҷамозае инонгир
Як мил фузун кашид он пир.
Гардид равона сӯи Навфал
Бо нузли пасину узри аввал.
Навфал ҳам аз он тараф равон шуд,
Искандару Хизр ҳаминон шуд.
Чун рахт ба борагӣ кашиданд,
Хуршед ба бурҷи маҳ кашиданд.
То муддати як маҳ аз қабоил
Хонданд чӣ тоҷиру чӣ соил.
Доданд чунон ба сур оин,
Маҳ гуфт дуову чарх омин.
Чун ёфт муҳимми сур анҷом,
Доданд ба ақди он ду пайғом.
Хубони қабила ҷамъ гаштанд,
Парвонаи он ду шамъ гаштанд.
Биншаст фақеҳу хутба сар кард,
Маҳро ба висоқи меҳр дар кард.
Маҷнун чу даруни ҳаҷла дар шуд,
Моҳеш бидиду ҷилвагар шуд.

Дид он, ки бутест халлухирӯй,
Афганда ба дӯш миъҷар аз мӯй.
Рӯяш ба талиа офтобе,
Мӯяш ба шамома мушки нобе.
Тунги шакараш даруна гавҳар,
Чун ақди гуҳар буруна шаккар.
Зулфи сияҳаш ба кунҷи абрӯ
Чун боли уқобу шохи оҳу.
Болош зи гесӯи муанбар
Сарвеву бунафша руста бар сар.
Гар нуқта даҳони вай тавон гуфт,
Ҷои сухан аст, кай тавон гуфт.
Абрӯи каҷаш бувад камонгир,
Бе тир ҳамефиганд нахҷир.
Нозукбадане, ки дар чамидан
Чун шоха зи бод дар хамидан.
Аз абруву қадду зулфи он моҳ
Доно зи ҳуруфи ҷон шуд огоҳ.
Маҷнун чу бидид, офарин гуфт,
Лайлии дувум, бал аввалин гуфт.
Оинаи рӯи ёр пиндошт,
Бар вай назаре зи лутф бигмошт.
В-он моҳ чу дид шафқат аз вай,
Омехт ба вай чу нуқл бо май.
Омезиши он ду чун қабила
Диданд чу шӯъла бо фатила,
Дар маҷмара бо сипанд карданд,
Дафъи ҳасаду газанд карданд.
Карданд равон сафина дар май,
Маҳ ҳой намуд, осмон ҳай.
Овои табира бар фалак рафт,
Ҳангомаи рақс бар малак рафт.
Чун нағмаи чанг бар фалак хост,
Шуд қадди хамидаи фалак рост.

Най зер нишасту май забар шуд,
Айш омаду ғам каноратар шуд.
Ноҳидвашон суруд гуфтанд,
Бар нағмаи чангу уд гуфтанд.
Парвинсифатон мутеи рӯе,
Зӯҳраманишон ба «ёр»-гӯӣ.
Аз рӯи бутони маҷлисафрӯз
Он шаб шуда рашки талъати рӯз.
То он ки шуд аз сарои Ховар
Бар тоқи сипеҳр машъали х(в)ар.
Аз шамъи ситора ташти торам
Пардохта шуд чу субҳро дам.
Маҷнун зи сарои подшоҳӣ
Шуд сӯи висоқи хеш роҳӣ.
Дунболаи ӯ маҳи ҳисорӣ,
Бар шуд зи ҳисор бар аморӣ.
Бо рахту ҷиҳези аз ҳад афзун,
Омад ба дари сарои Маҷнун.
Маҷнун зи қудуми ӯ хабар ёфт,
Аз шавқ бағал кушода биштофт.
Бардошт чунонки ғунча аз шох,
Оварду нишонд бар сари кох.
Биншасту ғазал суруду май хӯрд,
Май дар паи пай ба рӯи вай хӯрд.
Мехонд суруди ошиқона,
Мақсад Лайливу ӯ баҳона.
Гесӯш гирифта шона мекард,
Дар сӯзи дарун тарона мекард.
Мегуфт, ки ин каманди ҷон аст
В-аз турраи Лайлиям нишон аст.
Сад шукр, гар ӯ нашуд муяссар,
Инам чу ту Лайлияст дар бар.
Дарвеш чу шамъи хона ёбад,
Гӯ маҳ ба фалак дигар натобад.

Модар, падараш чу ин шуниданд,
Аз шавқ зи ҷои худ париданд.
Гуфтанд ба васли Меҳр бо Маҳ
Аз кини фалак наъузу биллаҳ[1].

## ШУНИДАНИ ЛАЙЛӢ АҚЦИ ДУХТАРИ НАВФАЛРО БА МАҶНУН ВА ШОДИИ МАҶНУН БА ВАСЛИ Ӯ ВА БЕТОҚАТ НАМУДАНИ ИШҚ ЛАЙЛИРО, БА ОТАШИ МУҲАББАТ КАБОБ ШУДА, АЗ СӮЗИ ДАРУНИ ПУРХУН НОМА НАВИШТАН

Гӯянд, ки он ду моҳу ахтар
Гаштанд ба ҳам чу широ шаккар.
Овозаи он ду дар ҷаҳон рафт,
Лайлӣ бишуниду аз миён рафт.
Аз гиряи талх сирка ангехт,
Сирка зи лабони чун шакар рехт.
Гуфт: - Ин чӣ ҳикоят аст, ё Раб!
К-аз вай дили ман расида бар лаб.
Ин нахл, ки шоху барг овард,
Чун гашт, ки бори марг овард?
З-он мужда, ки ҷон аз ӯ гарояд,
Албатта ки марг хуштар ояд.
Донист, ки худ асири бандам,
Боз аз чӣ ниҳод зери бандам?
Гар буд ба дастам ихтиёраш,
Медодам дар ду дида бораш.
Лекин чӣ кунам, ки бахт ин кард,
Ӯро фалаку маро замин кард.

1. Ба Худо панох мебарам.

Афсӯс, ки аҳди баста бишкаст,
Тире, ки ба шаст буд, барҷаст.
Афъӣ чу нишаст бар сари ганҷ,
Андар талабаш абас бувад ранҷ.
Он мӯҳра, ки дар даҳони мор аст,
Осон шуданаш аҷиб кор аст.
Гар шохи рутаб баланд афтад,
Кӯтаҳдастӣ писанд афтад.
Нафъе расад ар ба нуқли бозор,
Бар хона нишин ба ганҷи хирвор.
Мегуфт чунину нола мекард,
Бар толеи бад ҳавола мекард.
Аз ғусса дилаш ҳазор пора,
Берун наму андарун шарора.
Дар ной шарар ба ҷои обаш,
Дар чашм хасак ба ҷои хобаш.
Саъйи нафасаш ба сина ханҷар,
Мадци нигаҳаш ба дида наштар.
Онро, ки даруна реш бошад,
Аз неши шиканҷ беш бошад.
Ҳар узв, ки шуд ба теғ афгор,
Бахшад намакаш фузунтар озор.
Гар хона ба хок бошадаш майл,
Чун гардад, агар фаро расад сайл?
Бунёди дарахт агар бувад суст,
Аз ҷунбиши бод уфтад чуст.
Чун ӯ ғами ишқ дошт з-ин пеш,
Рашк омаду кард ғуссааш беш.
Аз ишқ дилаш газанд гардид,
Аз рашк ҳазорчанд гардид.
Гардид ғами дилаш зиёда,
Ғам гашт савора, ӯ пиёда.
Бархоста хона кард холӣ,
Нагзошт касе дар он ҳаволӣ.

Бикшод кулолаҳои мушкин,
Шуд соҳати хона арсаи Чин.
Асбоби нишотро бадар кард,
Ғамро талабиду гиря сар кард.
Ашке, ки зи дида кард роҳӣ,
Биншаст дар об ҳамчу моҳӣ.
З-ин ҳам чу дил аз ғамаш напардохт,
Бархосту тарҳи дигар андохт.
Бинвишт рақимае ба Маҷнун
Аз хуни даруну ашки берун.
Биспурд ба қосиду фиристод,
К-ин нома бубар ба назди домод.
Аввал зи манаш бибӯс торак,
Пас гӯй, арӯси нав муборак.
Гар нома навишту гар сухан гуфт,
Зинҳор туаш расон ба ман, гуфт.
Қосид чу расонд номаи дӯст,
Маҷнун бикашид мағз аз пӯст.
Дид он, ки навиштааст бар вай:
К-эй заҳр ба ман, ба дигарон май.

## МАЗМУНИ НОМАИ ЛАЙЛӢ БА МАҶНУН

Ин нома, ки нусхаи малол аст,
Сатраш ҳавасу хаташ хаёл аст.
Бар номи Худои шебу боло,
Мо аъзаму шаънуҳу таъоло.[1]
Дандонаи қуфли ганҷи ҳастӣ,
Сатри вараќи баланду пастӣ,
Ганҷури кунузи ақлу биниш,
Донои румузи офариниш,

1. Чӣ бузургу олист сифати ӯ (Аллоҳ).

Шабрӯзнамову рӯзшабкун,
Авзои замона мунқалабкун,
Ошуфтакуни саре ба мӯе,
Оинакуни диле ба рӯе,
Чун он ки сарам ба мӯи Маҷнун,
З-он сон, ки дилам ба рӯи Маҷнун.
Маҷнун, ки дили маро рабуда,
Маҷнун, ки ғами маро фузуда.
Маҷнун, ки дарида пардаи ман,
Маҷнун, ки харобкардаи ман.
Эй маъраzи ин ниёзмандӣ,
В-эй матмаҳи ин хаёлмандӣ,
Ин нома, ки баҳри ту навиштам,
Дар вай ҳама хуни дил сириштам.
Ҳон, ин шакар аст, заҳр дорад,
Лутф аст, даруна қаҳр дорад.
Яъне ту на он касӣ, ки з-ин пеш
Аз хотири ман буридӣ аз хеш.
Ҷуз ман набудат пазира дигар,
Ҳарчанд падар в-агарчи модар.
Манзил набудат зи ранҷи анбӯҳ,
Ҷуз домани дашту қуллаи кӯҳ.
Ёди манат аз назар намерафт,
Доғи манат аз ҷигар намерафт.
Хӯрдат ҳамагӣ зи ғуссаи ман,
Гуфтат ҳамагӣ зи қиссаи ман.
Гар дида ба меҳру моҳ кардӣ,
«Лайлӣ» гуфтиву «оҳ!» кардӣ.
Акнун чӣ шудат, ки кор чун шуд,
Аз ман дигаре зи ман фузун шуд?!
Ӯ аз зари сода шуд хуҷаста,
Ман оҳани мӯриёна баста.
Инсоф агар ба шоназан нест,
Зулфе, ки дар ӯст, гӯ, ба ман нест?!

Гар сайрафӣ уфтод қаллоб,
Чӣ мӯҳраи хар, чӣ гавҳари ноб.
Гирам, ки ба ҳусн ӯ зиёд аст,
Чун ман на канизи хоназод аст?
Он кас, ки саманди тунд дорад,
Харлошаи худ куҷо гузорад?
Сад хона агар паранд андӯхт,
Пашмина, ки зад, дар оташаш сӯхт.
Ишқи ту ҳама хаёлу бозист,
Ин ҷома ғалат магӯ намозист.
Дунболаи шаҳват он ки афтод,
Гар модахаре бидид, дил дод.
Ҳайф аз ту, ки аҳди ишқ бастӣ,
Пас қимати ошиқон шикастӣ.
Зан ноқиси ақлу дин, шунидам,
Дар боби ту, бин, зи хеш дидам.
Афсӯс, ки ранги арғавонӣ
Кардам зи ғами ту заъфаронӣ.
Рӯям, ки ба моҳ хӯрда мебурд,
Гардид зи силии ғамат хурд.
Қаддам, ки ба сарв таъна мечид,
Шуд аз ғами ту чу шохаи бед.
Матъуни ҷаҳон шудам зи дастат,
Дар гӯша ниҳон шудам зи дастат.
Хун аз лабу обам аз ҷигар рафт,
Ақл аз сару нурам аз назар рафт.
Ҳар узви ман аз ҳазор ҷо реш,
Бар реши ман аз ҳазор сӯ неш.
Обам ба гулӯ чу теғ ояд,
Моҳам ба назар чу меғ ояд.
Дар хона кунам чу нолаи зор,
Оянд ба танг аҳди бозор.
Ту хуфта чу мор бар сари ганҷ,
Ҳамсоя зи ман фитода дар ранҷ.

Ту нуқл ба дасту бода дар ком,
Ман заҳр ба кому санг дар ҷом.
Ту паҳлуи ёр хуш нишаста,
Ман паҳлуи хеш баршикаста.
Ту гӯш ба бонги барбату чанг,
Ман санг ба фарқу фарқ бар санг.
Охир чӣ кунам, чӣ чора созам,
В-ин мӯҳраи ишқ бар кӣ бозам?!
Чун қуръа нахуст бо ту афтод,
То охири фол ҳамчунин бод.
Ман аз ту буриданам наояд,
Гарчанд, ки оядам, нашояд.
Ҳарчанд бад-он нигор ёрӣ,
Гаҳ-гаҳ зи камина ёд орӣ.
Васли ту мисоли чашмай об аст,
Ман ташна, агар диҳӣ, савоб аст.
Аз чашма ҳазор кас хӯрад об,
Як тан манам, эй рафиқ, дарёб.
Маҷнун чу бидид ин, биҷӯшид,
Ҷӯшид дарун, бурун хамӯшид.
Бигрифт қалам, ҷавоб бинвишт,
Хун хӯрд, вале чу об бинвишт.
Зад мӯҳр, ба дасти қосидаш кард,
Қосид шуду пеши Лайлӣ овард.
Лайлӣ чу кушод он навишта,
Дид он, ки дар он чунон навишта.

## ҶАВОБИ НОМАИ МАҶНУН БА ҶИҲАТИ ЛАЙЛӢ

Оғози рақимаи ҷигарсӯз
Бар номи Худои ҳикматомӯз.
Афрохта кохи ҳафт торум,
Афрӯхта шамъи моҳу анҷум.

Рӯзидиҳи мурғу низ моҳӣ,
Қисматкуни фақру низ шоҳӣ.
Аз батни садаф гуҳаркашанда,
В-аз коми қасаб шакаркашанда.
Дар ғусса фиганда, шодмон кард,
В-аз хок гирифта, осмон кард.
Меҳрам ба маҳи дигар фузуда,
В-осуда зи Лайлиям намуда.
Лайлӣ, ки маро даруна хаста
В-алмос ба ҷои пунба баста.
Лайлӣ, ки балои ҷони Маҷнун,
Бори дили нотавони Маҷнун.
Эй карда нахуст дилрабоӣ
В-он гоҳ шиори бевафоӣ.
Аввал ба ҳазор лутф хонда,
В-он гоҳ надида ҷурм, ронда.
Эй бурда дилам ба ғамзаву ғанҷ,
В-он гоҳ фиганда дар ғаму ранҷ.
Аввал ба висол карда шодам
В-он гоҳ намуда хайрбодам.
Оне, ки дилат чу ном тираст,
Чашми ту ба хуни халқ хираст.
Озори дили касе мапиндор,
К-озордиҳанда бинад озор.
Акнун, ки гирифтаам сари хеш,
Боре, сари худ маёр дар пеш.
Ҳарчанд рухи ту офтоб аст,
Зинҳор матоб, вақти хоб аст.
З-ин пас ману меҳри духти Навфал,
Мӯина нашуд, хушам ба махмал.
Гар ташна ба об дастрас нест,
Чун соғари шир ҳаст, пас нест.
Қолист маро чу фарши хона,
Гӯ: - Хез ҳасир, аз миёна!

Инам чу дамоғ хуш шуд аз май,
Сирка нахӯрам, ки оварад қай.
Безорам аз он, ки зори ман нест,
Ёри дигар аст, ёри ман нест.
Донӣ, ки ба ман чиҳо намудӣ?
Чун кор чунин чаро намудӣ?
Охир, ки ба лутф мешудӣ нарм,
Аввал чӣ шудӣ ба кини ман гарм?
Ҳошо, ки ниҳам ба ту дигар дал,
К-ин дил набувад гар ӯ ҳама гил.
Дилро ба касе диҳӣ, ки донад,
Дил донаду дар бағал нишонад.
Гар мил кашида шуд назар боз,
Кай сурма бувад зи хок мумтоз.
Сарроф агар надорад эҳсос,
Бинҳад ба зуҷоҷа ҳукми алмос.
Онро, ки зуком дар димоғ аст,
Шак нест, ки бе мизоҷи боғ аст.
Чун дал зи ту, тирадал, гирифтам,
Домони бути чигил гирифтам.
Шодам ба рухаш чунон ки булбул
Дорад шодӣ ба дидани гул.
Ӯ сарви баланду ман тазарваш,
Эй ҷони танам тазарви сарваш.
Чун бистари нарм ҳаст тайёр,
Хокистари гарм нест даркор.
Чун боғ мусаххарам, чӣ гулхан!
Чун ханда муяссарам, чӣ шеван!
Чун ғоза ба чеҳра, чист нилам,
Чун сурма ба дада, чист милам?
Ҷое, ки суруди чанг барпост,
Бар ғулғулу ҷанг, гӯ, кӣ бархост?
Аз айш ба ранҷ кас наяфтад,
Як бор фитод, пас наяфтад.

Бар гуфтаи худ, ки гуфтамат фош,
Ман якдилаам, ту яктараф бош!
Равшан чу шудат саводи хома,
Дигар мафирист пайки нома.
З-он нома, ки номи ман наёбӣ,
Бинвисиву коми ман наёбӣ,
Беҳуда ба хеш ранҷ мапсанд,
Бар килку баён шиканҷ мапсанд.
Ногашта навиштаи ту такрир,
Ин чарх, ки риштаӣ ту, баргир.
Аз табъи ту хӯи бад нахезад,
Лек оби рухам дубора резад.
Донам, ки ту бар сари вафоӣ,
Инак, сари ман, агар рабоӣ.
Чун нома тамом дид Лайлӣ,
Бигристу қасаб дарид Лайлӣ.
Гесӯ бибуриду рӯ харошид,
В-аз санг диле ба худ тарошид.
Мегуфт: - Диле зи санг бояд,
К-аз ӯҳдаи ин ғамам барояд.
В-ар не, дили ман, ки гӯштпораст,
Кай марди набарди ин шарораст?
Ин гуфту дубора нома во кард,
В-андеша дар ӯ ҷудо-ҷудо кард.
Дар охири нома дид ҳарфе,
Хушдил шуду баст тоза тарфе.
В-он маҳ бигирифт нома чун тир,
Бинвишт тамоми узру тақсир.
Биспурд ба пайку пайк бурдаш,
Бурду ба нигори ӯ супурдаш.
Маҷнун, ки чу нур нома бикшод,
Чун уди шамома анбарободд,
Як-як чу ба сатри ӯ назар кард,
Ин нукта зи нома сар бадар кард.



آغاز رقیمهٔ جگرسوز   بر نام خدای حکمت آموز
افروخته کوخ هفت طارم   افروخته شمع ماه و انجم
از بطن صدف گهر کشنده   وز کام قصب شکر کشنده
در غصه فکنده شادمان کن   وز خاک گرفته آسمان کن
مردم همه دیگر فزوده   وارسوده ز لیسیلم نموده
لیلا که مراد و روح چشمه   والماس بجاب سینه بسته
لیلا که بدی جان مجنون   یار دل ناتوان مجنون
ای کرده تخت دلربایی   ونگاه شعار بیوفایی
اول بهزار لطف خوانده   ونگاه ندیده جرم رانده
ازرده دلم بعمزه میخ   ونگاه فکنده در غم ریخ
اول بوصال کرده شادم   ونگاه نموده هجر بادم
اینک دل تو چو نام تیره است   چشم تو بخون خلق خیره است

*Пора аз достони «Лайлӣ ва Маҷнун» (дастхатти №1907)*

## НОМАИ ЛАЙЛӢ БОРИ ДУВВУМ БА МАҶНУН БАЪД АЗ ТАҚСИРИ АЗ ҲАД АФЗУН ВА АЗМИ КӮҲ НАМУДАНИӮ

Ал-ҳамд, ки бӯи орзу ҳаст,
В-ин нахли фусурдаро нумӯ ҳаст.
Аш-шукр, ки шоми ноумедӣ
Дунбола ҳамедиҳад сапедӣ.
Ҳарчанд, ки сайди бахт рам кард,
Он рам, ки намуда буд, кам кард.
Шуд арчи ниҳолам аз табар паст,
Гар ман накунам ғалат, самар ҳаст.
Яъне, ки ту дил буридӣ аз ман
В-аз ман дигаре гузидӣ аз ман.
Уммед, ки боз бар сар ойӣ,
Чун ҷони азиз дар бар ойӣ.
Эй васли ту мояи ҳаётам,
Васли ту зулолу ман наботам.
Ин умр, ки бе ту дар гузор аст,
Марг аст, валек дар шумор аст.
Гар рафт ба саҳв в-ар ба амдо,
Тақсир пазиру ҷурм бахшо.
Гӯӣ, ки расан бибур, буридам,
Хоҳӣ, ки қасаб бидар, даридам.
Ҳар чиз туро ризои хотир,
Онам шуда мудцаои хотир.
Хатте, ки чӣ каҷ кашӣ ту, чӣ рост,
Аз вай қадаме наёрам орост.
Қурбони сарат, фидои ҷонат,
Ҳар чизи азизи онам онат.
Донӣ, чӣ шарар даруни сангам?
Дар пардаи гунча ҳамчу рангам!

Аз дасти шикаста то чӣ ояд,
К-аз вай гила кардани ту шояд.
Гаштам зи ғамат чу абри озор,
Ту гӯиям он, ки кас маёзор.
Озори ту ҳар қадар фузун аст,
Озори маро нигар, ки чун аст.
Озурдатарам аз он, ки гӯӣ,
Оворатарам аз он, ки ҷӯӣ.
З-он хун, ки ду дидаам фишондаст,
Дар тан ба ҷуз устухон намондаст.
Чун нахли ман аз табар фишондӣ,
Боз арраи дигарам чӣ мондӣ?!
Аз ман рақаме намонд, илло,
В-он ҳам нашуда зи даст, боз о!
З-он рашк, ки дар канори моҳе
Дар об нишастаам чу моҳӣ,
На хӯрд ба ман, на хоб монда,
Илло тане андар об монда.
Якчанд зи ишқ агар бинолам,
Садчанд зи рашк дар малолам.
Ту хуфта ба ноз дар бари ҷуфт,
Ман дур зи ту, на хӯру на хуфт.
Осуда туӣ даруни ҳаҷла,
Аз дида манам кушода Даҷла.
Ту даст ба гардани нигорӣ,
Ман хуфта чунин ба хоку хорӣ.
Оҳ аз тани чун суман, ки дорам,
Дар бистари хор мегузорам.
Гар заҳри фироқи ман чашидӣ,
Май аз лаби дигаре кашидӣ.
Гар теғи ғамам туро ҷигар хаст,
Васли дигаре-ш марҳаме баст.
Афсӯс, бад-ин ҷигаршикофӣ
Васлат накунад маро талофӣ.

Хубони қабила пеш дар пеш
Аз захми мананд неш дар неш.
Лекин чӣ кунам, ки ҷуз ту яксар
Бар захми ман аст неши дигар.
Ман толиби ту, ба х,ар чӣ хонӣ,
Гар толиби дигарӣ, ту донӣ.
Ман солики як раҳам, на ду раҳ,
Аз булҳавасӣ наъузу биллаҳ.
Ин номаи анбариншамома
Дарёфт чу зинати хитома,
Қосид чу гулаш ба сар нишонид,
Он ҷо, ки расиданӣ, расонид.
Маҷнун чу кушод номаи ёр,
Бардошт аз ӯ гуҳар ба хирвор.
Пардохта шуд дилаш зи хона,
Бардошта шуд каҳаш зи дона.
Бозори ҷунун дубора шуд гарм,
Ҳам нанг канора карду ҳам шарм.
Хуноба зи дидагон равон кард,
Пашмина ба ҷои парниён кард.
Афзун зи нахуст шуд газандаш,
Якчанд на, сад ҳазор чандаш.
Бечора арӯс дар ҳарам монд,
Шуд Лайлии дуввумин, ба ғам монд.
Модар, падараш чунон ки донӣ,
Монданд бад-он шикастаҷонӣ.
Шуд ҷониби дашт, гашт роҳӣ,
Зад хома нахуст дар сиёҳӣ.
Чун шарҳи ғами дили ҳазин кард,
Таҳрири саҳифа инчунин кард.

## НОМА НАВИШТАНИ МАҶНУН ДАР ҶАВОБИ НОМАИ ЛАЙЛИ

Ал-ҳамд, ҷунун рафиқи ман шуд,
Ва ш-шукр, ҷазираам ватан шуд.
Аз зулмати хона бозрастам,
Бар нури ҷазира барнишастам.
Растам зи хаёли хомбозӣ,
Бастам сари кори тахтсозӣ.
Оини навам чу хома бишкаст,
Нақши куҳанам ба сафҳа биншаст.
Яъне ту, ки Каъбаи умедӣ,
Эҳроми маро ба худ гузидӣ.
Бастӣ чу ба сози шавқ шӯъба,
Ман Робиа гаштаму ту Каъба.
Хондӣ ба худам, Худо маронод,
В-ин силсила бод, то ҷаҳон бод.
Эй баста ба ишқ тарфи тоза,
В-эй суда ба рӯй шавқи ғоза.
Бар ваъда туро гар устуворист,
Ин хомтамаъ ба пухтакорист.
Гар з-он ки сарам сапед гардад,
Дунболаи ин умед гардад.
Ҳаргиз нашавад, ки даст гирам,
Гар з-он, ки фитам, ту даст гирам!
Оғози вафо чу ёбад анҷом,
Монад зи ману ту дар ҷаҳон ном.
Аз мурда чу монд зинда номе,
Аз ҳар кӣ расад бад-ӯ саломе.
Ҳастӣ нафасе чу бештар нест,
В-он низ ба ғайри нештар нест.
Роҳат ба ҷаҳон касе надидаст,
Дидаст ҷаҳон басе надидаст.

Чун охири кор зери хок аст,
Ҳар ҷо, ки қадам занам, ҳалок аст.
Онро, ки хирад шавад пазира,
Аз хона чӣ фарқ то ҷазира?
Он беҳ, ки ба кӯҳу дашт гардам,
Ҳар сӯ, ки хаёл гашт, гардам.
Ҳам табъ маро гиреҳ кушояд,
Ҳам рой туро хуҷаста ояд.
Ояд ба яке карашма ду кор,
Ҳам лаъл фитад ба даст, ҳам ёр.
Бояд ту ҳам аз тариқи ёрӣ
З-ин гумшуда гоҳ ёд орӣ.
Гар з-он, ки намешавӣ ба комам,
Гоҳе ба ҷарида деҳ паёмам.
Магзор, ки аз гаронии дил
Ман мираму ҳамчунон ту ғофил.
Ҳам низ зи рӯи меҳрубонӣ
Бинвоз гаҳе, агар бидонӣ.
Ганҷе, ки ниҳон ба ганҷхонаст,
Бар ранҷиши хотират баҳонаст.
Гоҳ аз ману ту ба ранҷ афтод,
Дар ранҷ ба фикри ганҷ афтод.
Вай ҷуфти ман аст, хоҳари туст,
Ҳам укдаи иқди гавҳари туст.
Эй вой ба ман, ки ин ду ноком
Аз дасти ман аст заҳр дар ҷом.
Хуш кори бадест, нек кардӣ,
Бар худ дигаре шарик кардӣ.
Ту хуш ба падар нишину модар,
Ӯ кунҷи фироқу доғи шавҳар.
Гӯшаш, ки падар ба панд гирад,
Унноби лабаш ба қанд гирад.
Ё худ бибарад ба туррааш даст
В-аз вай фиканад ба ҳалқи худ шаст.

Ё худ кӣ ниҳад ба ҳарфи ӯ гӯш?
В-аз ҳуққаи ӯ кунад шакар нӯш.
Ё худ кӣ мазад май аз лаби ӯ?
Ё себ газад зи ғабғаби ӯ.
Эй он, ки аз ин ҳама нишотам
Афканда чу мӯҳра бар бисотам,
Ҳон, мӯҳра бибоз баъд аз инам,
То мӯҳраи хештан гузинам.
Донӣ, ки ба ҷони ман чӣ дард аст?
Дарде, ки ҳарифи ӯ на мард аст!
Аввал, ки ба ишқи хеш хондӣ,
Аз кулфати мактабам раҳондӣ.
Акнун, ки ба ишқ медиҳӣ майл,
Ҳуш дор, ба хона мениҳӣ сайл!
Аз сур ба мотамам кашонӣ,
Заҳробаи мотамам чашонӣ.
Бо ин ҳама гар ҷафо гузинӣ,
Донам, ки зи дасти ман чӣ бинӣ.
Чун нома тамом шуд, ба ҷосус
Биспурд ба сад ҳазор афсӯс.
Ҷосус ба даст бӯса додаш,
Бинмуд ба гиря хайрбодаш.
Ӯ монд дар ин ҷазира танҳо,
Аз домани хеш банд бар по.
Не қуввати он, ки роҳ пӯяд,
Не тоқати он, ки раҳ биҷӯяд.

## ВИДОЪ НАМУДАНИ МАҶНУН ХОНАРО ВА МАҚОМ КАРДАН БА ҶОНИБИ КӮҲУ ДАШТ ВА ДАР ФИРОҚ МОНДАНИ АРУС ВА ФАРЁДИ Ӯ АЗ МУҲАББАТ

Он рӯз, ки баргирифт Маҷнун
Аз ҷазбаи шавқ роҳи ҳомун,

Гӯянд, ки он арӯси зебо
Бидрид ба тан ҳариру дебо.
Мешуст ба мавҷи ашк аз хашм
Аз сурмаву ғоза оразу чашм.
Аз суффаву хона то ба даҳлез
Мекард зи хуни дида гулрез.
Бар зулфи сияҳ кушод медод,
Рӯзи сияҳе ба бод медод.
Дам-дам чу дуҳул нафир мекард,
Кофур ба латма қир мекард.
З-он хун, ки ба дида рехт пайваст,
Мехост ба хуни худ ниҳад даст.
Он пиру аҷуза баргирифтанд,
Дурӯя чу ҷон ба бар гирифтанд.
Суфтанд ба гӯш дурри пандаш,
Карданд зи панд пойбандаш.
Он пири суханвари хирадманд
Омехт чунин ба коми ӯ қанд:
— Эй оқила, ин чӣ ҳарзаҷӯшист,
Ханҷархариву ҷигарфурӯшист.
Девона ба дашт шуд равона,
Хушёр чӣ мекунад ба хона?!
Тан з-он ки сари маҳаш гирифтаст,
Ҳам ишку ҷунун раҳаш гирифтаст.
Ин ҳафта агар фароз ояд,
Он моҳ, ки рафта, боз ояд.
Ту ҳарза ба хуни худ ситезӣ,
Хуни ману ин қабила резӣ.
Донӣ, падари ту подшо аст,
На подшаҳ он, ки аждаҳо аст.
З-ин кина агар ба мо ситезад,
Хуни ҳама марду зан бирезад.
Гирам, набувад ҷуз ӯ қарорат,
Ҳозир кунамаш ба рӯзгорат.

Ин гуфт, зи хона бар дар омад,
Дар ҳар қадаме ба сар даромад.
Биспард фарози кӯҳу ҳомун,
Пай бурд ба хобгоҳи Маҷнун.
Дид он, ки нишаста офтобе
Аз гиря чу моҳии дар обе.
Хуфтаст чу чашми хеш хира,
Мондаст чу бахти хеш тира.
Паҳлӯ зада, бистараш муғелон,
Болини сараш сурини гӯрон.
Аз парри уқоб чатр бар сар,
В-аз чарми паланг сатр дар бар.
Шерон даҳан аз шикор баста,
Пиромуни ӯ ҳисор баста.
Ӯ хуфта зи ранҷи ишқ бемор,
Ҳар дому даде бар ӯ парастор.
Ин диду аз ӯ фиғон баромад,
Гӯӣ зи танаш равон баромад.
Маҷнун чу нафири сахт бишнид,
Бардошт сару рухи падар дид.
Шуд нолакунон ба сӯи он пир,
Аз синакашӣ равона чун тир.
В-он дому дадон аз он ду афгор
Диданд ба ҳамдигар сару кор.
Лобуд зи миён канора карданд,
Ранҷур ба набздон супурданд.
Аз вай чу падар канор пур кард,
Ҷайбаш зи сиришк пур зи дур кард.
Чанде бигиристу баъд аз он гуфт:
К-эй ҷуфт ба ишқу тоқ аз ҷуфт!
Баргӯй, ки ин чӣ рӯзгор аст,
В-ин кор, ки мекунӣ, чӣ кор аст?!
Охир зи чӣ деви х(в)ад шудастӣ,
Ҳамхонаи дому дад шудастӣ?

Ҳайф аз ту, ки ҳамчу подшоҳе,
Гардад ба висоқ ҳамчу моҳе.
Ту он ҳама иззу ноз як сӯ
Кардиву задӣ ба хок паҳлӯ.
Он рӯз, ки азми дашт кардӣ,
Боз он чӣ зи сар гузашт кардӣ.
Он маҳ зи ту бештар ҷунун кард,
Ту он чӣ намудаӣ, фузун кард.
З-он ғам, ки ба сина дошт андар,
Мехост ниҳад ба сина ханҷар.
Бархоста, дасти ӯ гирифтам,
В-аз ашк ба шустушӯ гирифтам.
Бар васли ту то нарафт ваъда,
Нанмуд аз он қиём қаъда.[1]
Бархез, ки он хуҷаста фарзанд
Дур аз ту зи хеш бигсалад банд.
Гар Навфали гурд гардад огаҳ,
Бар мо чӣ кунад, наъузу биллаҳ.
Аз доғи писар зи ҳавли ин бим
Бигдохт танам чу кӯраи сим.
Ин шӯъла, ки барзадӣ ба ҷонам,
Афрӯхт даруни устухонам.
Ранҷе, ки нишаст бар тани ман,
Аз марг кушод равзани ман.
Ҳар бор ба шоха мезадӣ даст,
Ин бор табар ба реша биншаст.
Ҳарчанд табира жарф некӯст,
Аз зарбати сахт афганад пӯст.
Боз ову ба ҷуфти худ қарин бош,
Чун ман биравам, ту ҷонишин бош.
Маҷнун, ки ба ишқ буд муҳкам,
Нагзошт, ки беш аз ин занад дам.

1. Яъне боло буд, ба поин нанишаст.

Гуфт: - Эй падар, ин чӣ тарзабонист,
Бар мурда ҳадиси зиндахонист!
Гӯӣ аҷалам ба сар расидаст,
Бар ман зи ту пештар расидаст.
Ман мурдаам аз ҳалоки худ пеш,
Гар вақти ту ҳам расад, маяндеш.
Фарзанди ту гар сухан сарояд,
Аз кӯҳ ҳам он садо барояд.
Гар хост зи пову гар барафтод,
Ангор хасест дар кафи бод.
Гар мурда наям, чунон ки бинӣ,
Ваҳшам зи чӣ карда ҳамнишинӣ?
Биншину рухи маро бубин сер,
«Ал-ҳамд» [1] бихону роҳи худ гир.
В-ар ҷуфти ман аз ту ҳоли ман ҷуст,
Баргӯ хабари ҳалоки ман чуст.
Бечора падар зи ҳоли Маҷнун
Бишкаст сару нишаст дар хун.
Гуфт: - Эй зи ту дидаи маро нур,
Нуриву вале зи дидаам дур.
Ҳар панди ман аст беҳтар аз нӯш,
Маъзурӣ, агар намекунӣ гӯш.
Гар сина в-агар ҷигар харошӣ,
Ман розиям аз ту, ҳар чӣ бошӣ.
Лекин вараҷе хуҷастамазмун
Бинвис бар он бути ҳумоюн.
Рӯзе ду, ки ин шикаста мирад,
Ӯ шефтагӣ зи сар нагирад.
Умрам зи ғамат расид поён,
Боре, ба ҳузури дил диҳам ҷон.
Маҷнун бигирист ҳамчу хома,
Бинвишт чунин ба ҷуфт нома.

1. Сураи Фотиха дар назар аст.

## НОМА НАВИШТАНИ МАҶНУН БА ЗАВҶА, БА ДАСТИ ПАДАР ДОДАН ВА ВИДОЪ НАМУДАНИ Ӯ

Субҳоналлаҳ, фалак чиҳо кард,
К-аз чун ту маҳе маро ҷудо кард.
Ҳарчанд ба зоҳир аз ту дурам,
Аз роҳи хаёл дар ҳузурам.
Эй оинаи ҷамоли хубӣ,
Ҳам меваву ҳам ниҳоли хубӣ.
Дорам касале, ки саръ ном аст,
Ранҷурии ман аз ӯ тамом аст.
Чун шуд сари маҳ, фурӯғ гирад,
Ҷуллоби маро ба дӯғ гирад.
Ноком ба дашту кӯҳ гардам,
То фориғ аз ин сутӯҳ гардам.
Не Лайливу не дигар баҳона,
Ин аст сухан, дигар фасона.
Гар з-он, ки ман аз ту бар канорам,
Меҳри ту даруни сина дорам.
З-ин ранҷ, ки аз ту гаштаам дур,
Ранҷураму боз бе ту ранҷур.
Доранда чу бар сарам гузар кард,
З-аҳволи ту як ба як хабар кард.
Болои ғамам ғами дигар шуд,
Ошуфтагиям зиёдатар шуд.
Гар шӯриши хотирам намебуд,
Мекардам дастбӯси ту зуд.
Лекин чӣ кунам, ки ҳол ин аст,
В-ин ранҷ ба ҳоли ман қарин аст.
Гар офиятам Худой бахшад,
Дар бурҷи ту ахтарам дурахшад.
То рафтани ман накун нафире,
Фарзанди аҷуза бошу пире.

Пайваста ризои он ду меҷӯй,
Дар роҳи ризои он ду мепӯй.
Номурда гарат ба хидмат оям,
Ман ҳам ба ту бандагӣ намоям.
Чун нома тирози хатм пирост,
Бигрифт падар, зи ҷой бархост.
Падрудкунон нашид бархонд,
Хун аз дили худ ҳам аз шарар хонд:
К-эй чашми ману валек тира,
В-эй бахти ману валек хира,
Акнун, ки манам тану ту ҷонӣ,
Ман зуд равам, ту дер монӣ.
Ман мегузарам, ҷаҳон туро бод,
Осоиши ҷисму ҷон туро бод.
Ман гарчи чу лола мебарам доғ,
Озода ту зӣ чу сарви ин боғ.
Падруд, ки рахт бар ҷамозаст,
Мавқуфи туам, агар иҷозаст.
Падруд, ки ҳин ҷаноза барпост,
Такбири чаҳоргона бархост.
Падруд, ки хона зери сайл аст,
Захмӣ шуда поймоли хайл аст.
Падруд, ки аз камингаҳи умр
Шуд марг бурун в-аз ӯ раҳи умр.
Ин гуфту зи ҷой шуд ба ҷояш,
Зад бӯса зи фарқ то ба пояш.
Бигзошту з-он миёна омад,
Гирён-гирён ба хона омад.
Он нома ҳавола бар санам кард,
Худ такя ба бистари адам кард.
Мурғи фалакӣ сар аз ҷаҳон кард,
Бар шохаи тӯбӣ ошён кард.
Дид он ҳама ранҷу аз ҷаҳон рафт,
Чун ганҷ ба кунҷи хокдон рафт.

Дунё, ки бақиаи сароб аст,
Дар дидаи ташна мавҷи об аст.
Рӯзе ду раҳи талаб нагирад,
Ҳам ташна дар он талаб бимирад.
Осуда касе, ки ҳамчу Маҷнун
Афганд зи хона рахт берун.
Дар беша ба кунҷи чашма биншаст,
Шуст аз худу ҳар кӣ ғайри худ даст.
Мапсанд дар ин раҳ аз давидан
Ҷуз обила пойранҷ дидан.
Гар роҳи талаб ҳамекушоӣ,
Он кун, ки зи қайди худ раҳоӣ.

## РАФТАНИ ПАДАРИ МАҶНУН БО ДИЛИ ХУН АЗ ОЛАМ ВА ШУНИДАНИ МАҶНУН ВАФОТИ ПАДАРРО ВА НОЛАВУ АФҒОН НАМУДА ДАР ХАТИРАИ ПАДАР ЭЪТИКОФ НИШАСТАНИ Ӯ

Маҷнун, ки видоъ бо падар кард,
Биншаст дар об, ҷома тар кард.
Буд ашк равон зи чор ҳаддаш
Як найза баландтар зи қаддаш.
Ногаҳ хабари падар шунидаш,
Тири дигаре ба дил хазидаш.
Бардошт ғиреву з-он миён шуд,
Колива ба ҳар тараф равон шуд.
Гоҳе ба қадам, гаҳе ба сар рафт,
То бар сари турбати падар рафт.
Сандуқаи қабри ӯ'ба бар танг
Бигрифт чунон ки шӯъларо санг.
Бикшод зи дида рӯди хуне,
Дар сина суруди арғунуне.

Гаҳ синаву гаҳ канори абрӯ
Мекӯфт ба санги турбати ӯ.
Мегуфт, ки эй амини аҳдам,
То ахди сабо зи ахди махдам.
Эй рахт фиканда дар таҳи хок,
Ҳайф аст ба хок гавҳари пок.
Бархез, ки ҷон фидот созам
В-ин мӯҳраи нима бо ту бозам.
Чун моҳ ту уфтода дар салх,
Инам ману умри талх дар талх.
Ин талхии умр кам фитодаст,
Аз талхии марг ҳам зиёдаст.
То чанд буруни дар бизорам,
Бикшою бигир дар канорам.
Гар ҷурми манат зи ҳад гузаштаст
В-аз ман дили нозукат бигаштаст,
З-он рӯ, ки накӯият камоҳист,
Гар ман бадам, аз ту некхоҳист.
Афсӯс, ки гавҳарам зи каф шуд,
В-ин накди гарон буд, талаф шуд.
Акнун кӣ ба ғам шавад шарикам
В-аз роҳи бад афканад ба некам?!
Бар пӯзиши ман, кӣ пой кӯбад,
Гарди ғамам аз ҷабин кӣ рӯбад?!
Гар з-он, ки сарам ба хок шуд паст,
Боре ба сарам кӣ мениҳад даст?!
Биншаст ғамам ба сар чу каргас,
Нагзошт зи ман ҷуз устухон бас.
Вақт аст, ки эй ҳумои иқбол,
Пиромуни ман фурӯ ниҳӣ бол.
Роҳе ба ғалат агар сипардам,
Инак ба ту узр пеш бурдам.
Гар шафқати ту намепазирад,
Эзид ба хатои ман бигирад.

Гирам ба вуболи ман биҳиштӣ,
Ман дар сақарам, ту дар биҳиштӣ.
Меҳри падарӣ чунин нашояд,
Афвам бинамо, ки афв бояд.
Ин гуфт паи тасаллии дил,
Орост дар он хатира манзил.
Дар сӯги вай эътикоф биншаст',
Дар дурди май ӯ зи соф биншаст.

## ШУНИДАНИ ЛАЙЛӢ ФАВТИ ПАДАРИ МАҶНУН ВА РАФТАНИ ЛАЙЛӢ БА БАҲОНАИ ТАМОШОИ БОҒ БА ТАСАЛЛӢ ДОДАН ВА АЗ ПЕШ БАРОМАДАНИ ИБНИ САЛОМ ВА ОШИҚ ШУДАНИ Ӯ БА ЛАЙЛӢ ВА БА АҚДИ ХУД ДАРОВАРДАН ЛАЙЛИРО

Гӯянд, ки Лайлии ҷигархор
Аз мотами Қайс шуд хабардор.
Донист фиганда он сияҳбахт
Пиромуни турбати падар рахт.
Боғе ба саводи он замин дошт,
К-аз сабзаи хулд хорчин дошт.
Зад ҳила, ки аз баҳонаи боғ
Марҳам бниҳад ба рӯи он доғ.
Чанде зи канизакони маҳрӯй
Бигрифту равона шуд бад-он сӯй.
Ногоҳ зи пеш раҳнаварде
Шуд Ибни Салом ном марде.
Бо шавкати аз фалак зиёда,
Бо ҳашмати аз малак зиёда.
Худ пеш, саворагон зи дунбол,
Омад ба инон, бурид иқбол.

Чун бод ниқоби Лайлӣ афрошт,
Он мард бидиду дил бад-ӯ дошт.
Чун сурати ҳол кард маълум,
Ноком равона шуд суи бум.
Фармуд миёнҷии сухандон
Гардад суи Наҷд борагирон.
Чун рафт миёнҷиву хабар бурд,
Овард гуҳар, агар шакар бурд.
Солор ба шукр ҳуққа пур кард,
Дурҷи даҳанаш тамом дур кард.
Пирост дигар барои тансуқ
Гавҳар ба харита, зар ба сандуқ.
Аз анбару уд, мушку сандал
В-аз хаззу паранду тузу махмал,
З-он гуна, ки дар шумор н-ояд,
Дар ҳасри саду ҳазор н-ояд.
Фармуд ба хосагон, ки бастанд,
Бастанду тариқи Наҷд хастанд.
Нақд омаду аз паяш харидор
Бирбуд беҳин матои бозор.
Дар ҳуҷраи хос бурду дар баст,
В-он меҳр ба бурҷи моҳ пайваст.
Мехост дар оташ афганад наъл,
Дар коми садаф фурӯ барад лаъл.
Нашкуфта гуле шукуфта гирад,
Дурре, ки насуфта, суфта гирад.
Лайлӣ, ки амини он гуҳар буд,
Меҳреш ба номи Қайс дар буд.
Нагзошт дар ӯ хиёнат афтад,
В-аз дасти амин амонат афтад.
Бардошта силие ба нерӯ,
Он дилшударо кашид бар рӯ.
К-аз садмаи он фитод бар пушт,
Бархост зи ҷо, газид ангушт.

Гуфт: - Эй санам, ин чӣ тарзу оин?
Нозат бикашам, вале на чандин.
Гар даст маро ба пушт бандӣ,
Ҳуш дор, ҳанӯз дар камандӣ.
Бас тифл фитад зи шоха бар хок,
Бархезаду меваро хурад пок.
Гар риштаи шаст моҳие канд,
Сайёд гаҳе ба шасташ афганд.
Хом аст агар, на реш нахҷир,
Кай бод диҳад ба саблати шер?
Лайлӣ чу шукӯҳи он ҷавон дид,
Озурдани тан салоҳи ҷон дид.
Чобук сари теғ дар зақан кард,
Оҳанги ҳалоки хештан кард.
Солор зи гуфта шуд пушаймон,
Барҷасту гирифт дасти ҷонон.
Гуфт: - Эй ба вафои ишқ муҳкам,
Маҷнун ба ту банда бод, ман ҳам.
Дидори ту мар маро кифояст,
З-ин нахл чу мева нест, соя ст.
Аз нохунат ар фитад қулома,
Он теғ бувад маро ба хома.
З-он дашна, ки мениҳӣ ба худ ранҷ,
Он дашна нахуст бар сарам санҷ.
Он зиндагие, ки бе ту бигзашт,
Бодест, гузашт бар сари дашт.
Мапсанд, ки бе ту зинда бошам,
Ту зинда бизӣ, ки банда бошам.
Лайлӣ чу нишаст фориғ аз вай,
Чун меъдаи ногувор аз қай
Пардохт ба хештан панохе,
Ҳар лаҳза ғамеву ҳар дам оҳе.
Мехонд ҷаридаҳои Маҷнун,
Гаҳ об зи дида рехт, гаҳ хун.

Ҳар бод, ки бар сараш вазидӣ,
Коҳе ду-се аз паяш давидӣ.
Меҷуст зи вай паёми Маҷнун,
Мегуфт ба вай саломи Маҷнун.
Қосид чу ба вай сухан намегуфт,
Баргашта ба доғи ғам ҳамехуфт.

## ШУНИДАНИ МАҶНУН ШАВҲАР КАРДАНИ ЛАЙЛИРО ВА ОҲУ НАДОМАТ КАРДАНИ Ӯ

Маҷнун, ки ҳаменамуд зорӣ
Бар хоки падар ба сӯгворӣ,
Ногоҳ яке зи ҳамсаронаш
Овард саре бар остонаш.
Маҷнун ба тариқи ҳолҷӯӣ
Гуфташ: - Чӣ касиву аз чӣ гӯӣ?
Чун сурати ҳоли ӯ аён шуд,
Маҷнун ҳама тан бар ӯ забон шуд.
Як-як зи раҳу диёр пурсид
В-он гоҳ нишони ёр пурсид.
Гуфт он сарамард, к: - Он сияҳсар,
Бар тарки ту гуфту кард шавҳар.
Ҳечаш зи ту ном бар забон нест,
Ангошта Қайс дар ҷаҳон нест.
Ӯ хуфта канори шавҳари худ,
Ту карда зи хор бистари худ.
Ӯ бар сари қасру ҷом дар чанг,
Ту дар бари гӯру сина бар санг.
Ӯ рафта ба лаъб бом бар бом,
Ту заҳр кашида ҷом дар ҷом.
Тан зан, ки шиори оқил ин аст,
Маҷнун ҳам агар шудӣ, чунин аст.

З-ин пеш, ки ҷода дошт поён,
Беманфиате набуд ҷавлон.
Акнун, ки намерасӣ ба ҷое,
Беҳуда макӯб дасту пое.
Маҷнун чу шунид ҳарфи он мард,
Печид ба ҳар рагаш дигар дард.
Шуд ҳар сари мӯ ба тан синонаш,
Бишкаст синон дар устухонаш.
Печид чунон, ки мӯ дар оташ,
Ҷӯшид чунон, ки меъда дар ғаш.
Гаҳ гиряву гоҳ нола мекард,
Ду даст ба сар ҳавола мекард.
Аз наргиси худ ба як карашма
Мерехт зи хун ҳазор чашма.
Азбаски бизад замон-замон ҷӯш,
Афтод зи пой, рафт аз ҳуш.
Лахте чу ба ҳуш боз омад,
Боде зи раҳи ниёз омад.
Гуфт: - Эй ғаму низ ғамх(в)ари ман,
Ҳам санги сару ҳам афсари ман,
Гарчанд ба ғурфаам ниҳодӣ,
Домони худам ба чанг додӣ.
Боре бирасон, агар тавонӣ
Пайғоми манаш, чунон ки донӣ.
Ин нома, ки бингарам дар ӯ беш,
Гар з-он ки тавонияш, бибар пеш.
Фарзона ҷавони некфарҷом
Гардид бар ӯ кафили пайғом.
Маҷнун ба шигифт нома сар кард,
Дар нома сухан аз ин мамар кард.

## НОМА ФИРИСТОДАНИ МАҶНУН ВА ОҒОЗИ ГИЛА КАРДАНИ Ӯ АЗ ЛАЙЛӢ ЗИ ҲАД БЕРУН

Аз баъди ситоиши Худованд,
К-ӯ дод маро ба ишқ пайванд,
Аз ман ба ту бод, эй ҷафокеш,
Эй кеши ҷафо гирифта дар пеш.
Эй гашта ба айш ҳамдами ғайр,
Ту захми маниву марҳами ғайр.
Паймону вафо чӣ буду чун шуд?!
Паймона чӣ буд, ки вожгун шуд?!
Ин хум, ки зи бода буд дар ҷӯш,
Мушти намаке, ки кард хомӯш.
Он дастдароз кист бе ранҷ
Бардорад қуфл аз сари ганҷ?
Толеъ ба кӣ ёр шуд, ки ногоҳ
Афганд ба хок пахдуи моҳ?
Он шир, ки мор хӯрд, қай кард,
Рағбат натавон дигар ба вай кард.
Сад фарсах агар зи ту ҷудоям,
Сад чанди дигар агар физоям,
Дигар нашавад, ки орамат ёд,
Ту хок шав, он ки ман шудам бод.
Гар ёр чунин, надида бодо,
Номаш зи ҷаҳон бурида бодо!
Афсӯс зи ҷуфти меҳрубонам,
К-ӯ буд даруни сина ҷонам,
Ҷон бар сари ман фишонда доим,
Ман хуфтаву ӯ ситода қоим.
Паҳлӯи маро ба дастмолӣ
Аз ранҷ ба рифқ карда холӣ.
Аз ҳамчу маҳам ҷудо намудӣ,
Рӯзи сияҳам ба сар кушудӣ.

Ё Раб, ки ту ҳам ба рӯзи мо бош,
В-аз мӯъниси хештан ҷудо бош.
Чун нома навишту бар ҷавон дод,
Бигрифт ҷавон, бирафт чун бод.
Оварду ба Лайлияш расонид,
Лайлиш ба дидагон нишонид.
Мазмуни вай он чӣ буд, андӯхт,
Гаҳ об шуд аз фурӯғу гаҳ сӯхт.
Гирён-гирён гирифт хома,
Бинвишт чунин ҷавоби нома.

## ҶАВОБИ НОМА НАВИШТАНИ ЛАЙЛӢ БА МАҶНУН ВА УЗР ГУФТАНӮРО

Туғрои сухан ба номи додор,
К-ӯ дод маро зи ишқ озор.
Аз ман ба ту бод, эй балосанҷ,
В-эй аз паи ман фитода дар ранҷ.
Донам, ки ҷафои ман кашидӣ,
Як зарра вафои ман надидӣ.
Лекин чй кунам зи гардиши даҳр
Ман нӯшаму ӯ фитода дар заҳр.
Донӣ, ки ба гарданам каманд аст,
Аз модару аз падар ду банд аст.
Дар васлаи ғайр агар фитодам,
Аз хоҳиши ин ду барфитодам.
Гар домани ман ба чанги ғайр аст,
Олуда чу нест, кори хайр аст.
Бечора надид ғайри ҳирмон,
Чун дев зи хотами Сулаймон.
Ин дурҷ, ки сар ба мӯҳр дорам,
Ҷуз бар гуҳари ту кай гузорам?

Аз хор чу гул набинад озор,
Кай домани гул ба худ кашад хор?
Гар лаъл даруни санг шуд пок,
К-уммед фитад ба дасти ҳаккок.
То чанд дарахт хушк монад,
Фардо нигарӣ, самар фишонад.
Лайлӣ, ки гадои хирмани туст,
Гарде зи ғубори домани туст,
То худ нафишонияш, нарезад,
Лекин чу фитод, барнахезад.
Ҳуш дор, ки нест шарти хубӣ
Бар маст ғубори мушт кӯбӣ.
Инам ҳама гар ба ҳаҷла ёр аст,
Сӯги падари туам шиор аст.
Ҳар ғам, ки туро дарун харошад,
Мискин ба ту ҳам насиб бошад,
Дар шодиву ғам туро шарикам,
Мапсанд ба ман бадӣ, ки некам.
Бар марги рақиб шуд ризоят,
Аҳсан-т, Худо кунад кифоят.
З-ин хоста хуррамам, на ғамгин,
Бод аз ту дуову аз ман омин.
Чун ёфт саҳифа ҳусни анҷом,
Бигрифт ҷавону тунд зад гом.
Овард, ба назди Қайс бигзошт,
Қайсаш ба ҳазор бӯса бардошт.
Аз маънии нома тоза шуд аҳд,
Барбаст дубора тифл дар маҳд.
Он рахна, ки дар ҳисор афтод,
Аз фатҳи даричае-ш бикшод.
Он ишқ, ки дошт, бештар шуд,
Гӯӣ, ки шукуфа буд, самар шуд.
Бар хоки падар барои Лайлӣ
Мекард равон зи ашк сайле.

# ОШНО ШУДАНИ САЛИМ БА МАҶНУН ВА ҶОНБОЗӢ НАМУДАНИӮ

Гӯянд Салими Омирӣ ном
Марде ба суроғи Қайс зад гом.
Соҳибҳунаре, шигарф доно,
Доно ба хирад, ба зар тавоно.
Аз базлу карам қабилапарвар,
В-аз хайлу ҳашам тавилагустар.
Якчанд ба кӯҳу дашт биштофт,
Охир зи хатираи падар ёфт.
Дид он, ки нишаста бар сари гӯр,
Пиромуни ӯ зи дому дад шӯр.
Оҳубарае ба бар гирифта,
Бар вай назар аз дигар гирифта.
Бӯсида зи чашми ӯ дамодам,
К-ин дода зи чашми ёр ёдам.
Ин диду зи ноқа бар замин шуд,
Ҳар дому даде-ш дар камин шуд.
З-он шавқ, ки дошт аз ҳад афзун,
Густох давид сӯи Маҷнун.
Домон сари меҳри ӯ бидиданд,
Даст аз сари кини ӯ буриданд.
Ӯ дар бари Қайс гарм биншаст,
В-аз лутф кашид дар сараш даст.
Маҷнун чу кушод дида бар вай,
Бегона гумон намуду зад ҳай.
Домон ҳама чанг тез карданд,
Бар куштани вай ситез карданд.
Бечора зи роҳи узрхоҳӣ
Гуфт аслу насаб бад-ӯ камоҳӣ,
К-ин банда, ки чокари қадим аст,
Холи туву номи вай Салим аст.

Маҷнун чу шинохт, пеш хондаш,
В-аз заҳмати дому дад раҳондаш.
Бо вай сухане ба узр мегуфт,
Ҳам узр бигуфту ҳам пазируфт.
Пурсид зи вай нишони модар,
В-аз ёру бародарони дигар.
Донист Салим, к-он ҷигарреш
Дорад ҷигаре ба модари хеш.
Чандон зи ниёзи ӯ сухан кард,
К-он хаста азимати ватан кард.
Модар чу шунид, аз саро шуд,
Фархунда арӯсаш аз қафо шуд.
То ҳар ду ба Қайс дарфитоданд,
Чун гул ба сари шакар фитоданд.
Бурданд ба хонааш ба сад ноз,
Биншондандаш ба маснади ноз.
Модар ба муҳимми табх пардохт,
Чуфташ ба ҳазор лутф бинвохт.
Шусташ сару шона кард мӯяш,
Оина ниҳод пеши рӯяш.
Мезад ба сару ба фарқ дасте,
Мегуфт: - Бубин, ки чун шудастӣ!
Моҳи ту муқорини завол аст,
Шахси ту намунаи мисол аст.
Қадди ту, ки буд сарви чолок,
Чун сабза шудаст паст бар хок.
Кас чун ту ба худ ситам насозад,
Овораи кӯи ғам насозад.
Онро, ки маҳе-ш дар ҳиболаст,
Ҳошо, ки ба ахтараш ҳаволаст.
Чун ман ба ту мекунам канизӣ,
Дил бар сари бонуе чӣ резӣ?
Ношукрии кас аз ин фузун чист,
К-аз шаҳд гузашту дар намак зист?

Маҷнун ба навозиши тамомаш
Омехт чунин шакар ба комаш,
К-эй ҷониману зи ҷон зиёда,
Ҳар чизи азиз, аз он зиёда.
Чун бадрақаи раҳ аст такдир,
Дар пӯя дар аст, нест тақсир.
Тире, ки инон диҳад камонаш,
Он кист, ки баркашад инонаш!
Чун кӯҳ ба зер афканад сайл,
Манъаш накунад чи хона, чӣ хайл.
То ишқ инон сабук насозад,
Маҷнун чу саманди тунд тозад.
Донам, ки ту офтобӣ, аммо
Хаффош ба шаб кунад тамошо.
Тан зан, ки аз ин сухан чӣ зояд,
Девона ба бандагӣ гарояд.
Ҳар ҷо, ки равам, дуот гӯям,
В-ар пеши туам санот гӯям.
Ин қисса биёву мухтасар кун,
Ҳарфе зи мақулаи дигар кун.
Чун дид арӯс он ситамкаш,
Аз гуфтани панд мекунад ғаш.
Бигристу кард қисса кӯтоҳ,
Бархонд бар ӯ аъозакаллоҳ.[1]
Модар чу зи кори табх осуд,
Хоне-ш зи туту пут бикшуд.
Маҷнун, ки намуд истифоза,
Рӯҳи малакӣ зи бас риёза,
Ҳарчанд намуд модараш ҷаҳд,
Не майл ба шир карду не шаҳд.
Он кас, ки зи дил наволахор аст,
Бо суфраи дигараш чӣ кор аст?!

1. Худо нигохат дорад!

Бар хони ғам ар занӣ дузону,
Ҳоҷат нафитад ба табхи бону.
Охир чу ду-се кулича бигрифт,
Чун бод раҳи дарича бигрифт.
Шуд бар сари дашт, боду дон дод,
Бо ин ҳама мизбон забон дод.
Модар чу умед аз писар канд,
Паҳлӯ ба фароши марг афканд.
Хешон ҳама наъши ӯ бибурданд,
Дар паҳлуи шавҳараш супурданд.
Дунё, ки матои ӯ ҳалок аст,
Ҳар кас, ки дар ӯ шудаст, хок аст.
Ҳар тифл бизод, к-ӯ зи модар,
Маргаш биниҳод наъш бар дар.
Гетӣ, ки сарочаи хаёл аст,
Уммеди бақо дар ӯ муҳол аст.
Гар нахл сари нумӯ бигирад,
Дасти табараш гулӯ бигирад.
Ҳар гул, ки зи шох сар фаро кард,
Бодаш ҳама руқъа-руқъа во кард.

## ХАБАР ЁФТАНИ МАҶНУН АЗВАФОТИМОДАР

Маҷнун, ки ба дашт кард манзил,
Биншаст аз оби дида дар гил.
Дубора Салими ғамкашида
Шуд бар сари он расан бурида.
Зад навҳаву гуфт: - Эй ҷаҳонгард,
Модар чу падар зи ту карон кард.
Ҷаври ту кашиду тарки ту гуфт,
Дар паҳлуи шавҳараш, ки ӯ хуфт.
Маҷнун чу шунид марги модар,
Бигдохт чунон, к-аз об шаккар.

Шуд бар сари турбаташ ба зорӣ,
Нолид ба расми сӯгворӣ.
Афтод миёни қабри он ду,
Месуд ба ин ҷабин, ба он рӯ.
Гаҳ бар сари ин намуд афғон,
Гаҳ дар бари он нишаст гирён.
Хешон ба бараш гузар гирифтанд,
В-он доғи куҳан зи сар гирифтанд.
Ғам он ҳама тарҳи гиря ангехт,
Аз ҳар мижа мавҷа-мавҷа хун рехт.
Чун фотиҳа хонда шуд, пас аз сӯз
Гаштанд ба рӯи Қайс фирӯз.
Он бӯса ба фарқу ин ба по кард,
Он гуфт санову ин дуо кард.
Гуфтанд, замона инчунин шуд,
Ҷо сохта баҳри ҷонишин шуд.
Бигзор кунун шиори авбош,
Чун рафт падар, ту ҷонишин бош.
Мо меҳтарии туро гузинем,
Хӯи падари ту аз ту бинем.
Ҷуфти ту рашки офтоб аст,
Дур аз ту чу моҳи нав хароб аст.
Боз ову фурӯғи дигараш деҳ,
Дасте зи ҳимоя бар сараш неҳ.
Маҷнун, ки зи панд буд маъзур,
Чун гӯр рамид аз сари гӯр.
Шуд бар сари дашту рахт андохт,
Чун ваҳш ба ваҳш боз пардохт.
Дастури куҳан, ки дошт, нав кард,
Дилро ба ҳазор ғам гарав кард.
Чун марги падар бидиду модар,
Бибрид тамаъ зи умр яксар.
Чун умр ба хуфта боди чуст аст,
Паймудани бод нодуруст аст.

То чанд чу шӯъла дар хурӯшӣ,
К-ин бод нишаст, ҳон хамӯшӣ!
Бар умр мазан, ки мавҷи об аст,
Ҳар кас, ки дар об зад, хароб аст.
Имрӯз ба кох мекунӣ ҷой,
Фардост ба хок афшурӣ пой.
Ҷовид кӣ дар ҷаҳон нишаста?
Илло, ки нишаста, рахт баста.
Дунё, ки пулест бар сари об,
Ҳон, то нарасида об, биштоб!

## ОМАДАНИ ЛАЙЛӢ БА ДИДАНИ МАҶНУН

Лайлӣ чу шунид сӯги Маҷнун,
Аз хона ба ҳила гашт берун.
Маҳмил ба ҷамоза басту ҳай зад
В-аз ранг саманди бодпай зад.
Чобук ба висоқи ӯ фурӯ шуд,
Дар пӯзиши ҳоли зори ӯ шуд.
Чун дид пиёдаро савора,
Паҳлӯ ба гил асту сар ба хора.
Бинад рухи ёри хеш дар хоб,
Хуфтаст, зи гиря бистараш об.
Чанде зи дадони одамихор
Бар вай зи раҳи шааф парастор.
З-он шавқ, ки дошт бар рухи ӯ,
Афрӯхт зи рӯи фаррухи ӯ.
Не бим зи дому не зи дад кард,
Ангези висоли ёри х(в)ад кард.
З-он меҳр, к-аз ӯ бидида домон,
Бигрифт якеш тарфи домон.
Ӯ рафт, сабук нишаст бебок,
Бардошт сараш ба зону аз хок.

Гардаш зи ҷабину ашкаш аз рӯ
Меруфт ба зулфи анбаринбӯ.
Маҷнун зи шамими турраи ёр
Гардид зи хоби ноз бедор.
Чун дида ба рӯи ёр бикшод,
Дубора зи ҳуш рафту афтод.
Лайлӣ ҳам аз он ҷазаъ, к-аз ӯ дид,
Бар хок зи ҳуш рафту ғалтид.
Шуд бод дар он миёна маҳрам,
Омехт шамими ҳарду бо ҳам.
Он баҳра аз ину ин аз он ёфт,
Дар як нафас он ду мурда ҷон ёфт.
Муштоқ зи ҷои хеш ҷастанд,
Чун ширу шакар ба ҳам нишастанд.
Гуфтанд фасонаи куҳан боз,
Карданд зи меҳру кина оғоз.
Ҳар ҷавр, ки дида буд Маҷнун,
Мегуфт ба лутфи аз ҳад афзун:
К-эй марҳами реши синаи ман,
В-эй қуфли дари хазинаи ман,
То меҳри туро ба ҷон гузидам,
Аз модару аз падар буридам.
Нодида рухи ман ин ду мурданд,
Ғамҳои маро ба гӯр бурданд.
Ҷуфтам, ки нишаста дар висоқ аст,
Аз ақд ду рӯз пас талоқ аст.
Сад хона пур аз ҳарири чинӣ,
Дар хок нишастаам, бубинӣ.
Ҳар ҷаҳд, ки мекунам, даранг аст,
Ҳар нуқл, ки мемазам, шаранг аст.
Имрӯз, ки ҳамчу оташи тез
Кардӣ ба суроғи ин хас ангез.
З-он гуна маро ба сӯз бинод,
К-аз ман накунад дигар ғамат ёд.

З-ин беш маро намонда тоқат,
К-аз дасти ғамат кашам мазаллат.
Лайлӣ чу шунид ҳарфи ҷонон,
Пошид шакар зи лаъли хандон.
Гуфт: - Эй зи нишот дур гашта,
Аз гӯр бурун ба гӯр гашта,
Ҳарчанд фироқи ман кашидӣ,
Инак, ба висоли ман расидӣ.
Воқиф чу шудам, ки модари ту
Бигзида канора аз бари ту.
З-он омадаам, ки ёр бошем,
З-ин ғусса ба ҳам ҷигар харошем.
З-ин пеш надод фурсатам даст,
К-андар қадамат саре кунам паст.
Акнун, ки нишастаем бо ҳам,
Ту хуш бинишин ба айш, мо ҳам.
Ҳар чиз ҳавои туст, он кун,
Гоҳе зи даҳон, гаҳ аз миён кун.
Дар дурҷи ақиқи ман гуҳар рез,
В-аз ҳуққаи нӯши ман шакар без.
Девор баланду боғ пургул,
Дар кандани гул макун тааллул.
Ин нахли рутаб, ки бор бастаст,
Гар даст расост, шох бастаст.
Чун ҷом лаболаб аст, даркаш,
Неҳ бобзани газак дар оташ.
Гар себ ҳамехӯрӣ в-агар нор,
Нахле, ки туруст, баста ду бор.
Он ҷо, ки уқоб бо куланг аст,
Гӯ тӯъма бихӯр, чӣ ҷои ҷанг аст!
Чун саъва ба чанги боз агар хурд,
Бе он, ки гирифт хурда, бархӯрд.
Маҷнун ба далерие, ки донист,
Ҷуз бӯса дигар наметавонист.

Бо он ки набуд ҳеҷ монеъ,
Бар бӯсу канор гашт қонеъ.
Чун нохуни шер шуд шикаста,
Чӣ суд гавазни дарнишаста.
Тӯтӣ, ки намуд хӯрда минқор,
Таклифи шакар бад-ӯст озор.
Онро, ки мизоҷ ногувор аст,
Бо хӯрдани шарбаташ чӣ кор аст?
Чун зулмати шаб кашид чодар,
Бар талъати офтоби Ховар,
Лайлӣ ба саводи он шаби тор
Чун маҳ суи хона кард рафтор.
Маҷнун зи қафо давид чандаш,
Афтод ба пой чун камандаш.
Лайлӣ ба видои он ҷигарреш
Гардид аз ӯ зиёдатар реш.
Бӯсид сару таҳийяташ хонд,
Узраш биниҳоду борагӣ ронд.
Маҷнун чу зи васли ёр шуд дур,
Биншаст чунон, ки буд ранҷур.

## ОШНО ШУДАНИ САЛОМИ БАҒДОДӢ БО МАҶНУН

Гӯянд, ки буд навҷавоне,
Дар боби сухан ҷаридахоне.
Аз ишқ қилодааш ба гардан,
В-аз сӯз шарорааш ба хирман.
Аз ишқи буте низор гашта,
Афсонаи рӯзгор гашта.
Иқбол Салом карда номаш,
З-он ном зи ҳар тараф саломаш.
Чун қиссаи Қайсу шеърҳояш
Бишнид, зи ҷо бирафт пояш.

Шуд бар сари он, ки баршитобад,
В-он гумшударо магар биёбад.
Рӯзе ду ба хидматаш ниҳад сар
В-андӯзад аз он муҳит гавҳар.
З-он шеър, к-аз ӯ шунида бошад,
Дар мастабаҳо гуҳар бипошад.
Бар дӯши ҷамоза баст маҳмил,
Биспард раҳу бурид манзил.
Шуд пои ҷамоза дар талаб хурд,
То рахт ба манзили ғараз бурд.
Дидаш писаре чу моҳи тобон
Афтода ба хок дар биёбон.
Дар сояи хорбун нишаста,
Ваҳшаш зи ду сӯ тавила баста.
Аз дур салом карду биншаст,
Бӯсид замину даст барбаст.
Маҷнун зи таҳийяте, к-аз ӯ дид,
Пиромуни худ бихонду пурсид.
Гуфт: - Эй сарам аз ту дар қилода,
Савдои ту бар сарам фитода.
Чун номи ту шӯҳра шуд ба Бағдод,
Шеъри ту ба ҳар қабила афтод.
Ман шеъри туро самоъ кардам,
Лобуд ҳамаро видоъ кардам.
З-он омадаам ба хидматат пеш,
То аз ту ниҳам барода дар реш.
Аз бодаи ту хизоб кардам
В-аз оташи ту кабоб кардам.
Аз шеъри ту сафҳаҳо кунам тарҳ,
Ғамҳои дарун аз он диҳам шарҳ.
В-ин ним рамақ, ки дар танам ҳаст,
Дар пои ту резам аз сари даст.
Маҷнун ба тариқи озмоиш
Кардаш ба чунин намат ниёиш,

К-эй дар ҳаваси муҳол рафта,
Дунболаи эҳтимол рафта.
Ин раҳ, ки рикоби ман гарон аст,
Хобида ба ҳар қадам синон аст.
Пое нанихӣ, ки аз кафи пой
Тире бикунад ба синаат ҷой.
Алмоси шикаста аст хокаш
В-осуда ба ҳар камин ҳалокаш.
Ҳар сабза, ки аз канори ӯ руст,
Теғест ниҳода бар кафи даст.
Осон натавон гузаштан аз вай,
Худ маслиҳат аст гаштан аз вай.
Парвардаи нозро чӣ ёра,
Паҳлӯ фиганад ба хору хора!
Даст аз сари ин хатир баркаш,
Эй пунба, қадам манеҳ дар оташ.
Ҳарчанд аз ин мамар сухан гуфт,
Дар гӯш Салом ҳеҷ нашнуфт.
Гуфт: - Эй самар, аз латифахонӣ
Мақбули ҷаҳон ба тарзабонӣ,
Аз баҳри Худо маронам аз хеш,
Ман решаму ту макун дигар реш.
Гар бо ту шудан наметавонам,
Боре суханат ба Наҷц хонам.
Маҷнун ба умеди он, ки шояд
Ҳарфаш ба самои Лайлӣ ояд.
Тан дод ба ӯ ба ҳамвисоқӣ,
То чун гузарад ҳаёти боқӣ.
Чун гашт Салом рӯзаке чанд
Бо вай чу гуле сиришта бо қанд.
Омӯхт қасида бар қасида,
Бинвишт ҷарида бар ҷарида.
З-он ҷо, ки на хӯрд буду не хоб,
Яксар зи тани Салом шуд тоб.

Рахташ чу зи роҳи истиқомат
Афтод ба офат аз саломат.
Ночор аз ӯ намуд падруд
В-аз ранҷ бишуд, ба роҳат осуд.
Маҷнуну канори дашту домон,
Биншасту шикаст по ба домон.

## ҚИССАИ ЗАЙДИ АРАБ ВА МИЁНҶӢ ШУДАНИ Ӯ МИЁНИ ЛАЙЛИВУ МАҶНУН

Гӯянд, ки деви одамирӯй,
Дар ишқи буте ба дев ҳамхӯй.
Аз шеваи мардумӣ чу Маҷнун
Девонагияш намуда берун,
Машҳур ба номи Зайд гашта,
Дар ишқ асири қайд гашта.
Дар илму адаб ягонаи даҳр
В-аз шӯру шааф фасонаи шаҳр.
Ганҷинаи табъаш аз гуҳар пур,
Маҷмӯаи шеъраш аз шакар пур.
Шеъре зи хаёл агар навиштӣ,
Шеъро-ш ба оби зар навиштӣ.
Бо духтари амми хеш дар банд,
Ӯ низ ба ин гирифта пайванд.
В-он ҳар ду ба ҳам гирифта майле,
З-он гуна, ки гашта Қайсу Лайлӣ.
Мебуд ҳамеша хостгораш,
Бо хоста ам нагашт ёраш.
Чун киса ба зар надошт obод,
Он ҷинси гарон ба дигар афтод.
Дур аз ғами он чунон нигоре
Мерафт ба ҳар шабе диёре.

З-он ҷумла шабе ба нолаву оҳ
Афтод ба кӯи Лайлияш роҳ.
Лайлӣ зи таронаи ҳазинаш
Чун моҳ бурун шуд аз каминаш.
Пурсид, зи рози ӯ, хабар ёфт,
Ҳамрозии ӯ ба хеш дарёфт.
Бинвохту рози худ бад-ӯ гуфт,
Ҳар роз, ки дошт, мӯ ба мӯ гуфт.
Бандаш зи вафо ниҳод бар пой,
Додаш ба ҷавори хештан ҷой.
Ҳар гаҳ, ки ҳавои ёраш афтод,
Бо вай қаламе заду фиристод.
Ӯ рафтиву ҳоли Қайс дидӣ,
Нозук ғазале аз ӯ шунидӣ.
Кардӣ, чу шудӣ ба Лайлии зор,
Ҳам дидаву ҳам шунида изҳор.
Лайлӣ бисуруд шеъри Маҷнун,
Медод ғами даруна берун.
Рӯзе зи раҳи хабаргузорӣ
Мекард ба дашт пайсупорӣ.
Аз дур нашиди Қайс бишнид,
К-аз лаззати он нашид печид.
В-он шеъри тараш чунон асар кард,
К-афтод ба хоку гиря сар кард.
Пеш омаду гуфт аз сари қаҳр:
К-эй нӯш, ғалат фитода дар заҳр.
Он кас, ки чунин гуҳар тарошад,
Чун санг чаро ҷигар харошад?
Шеъре, ки туро́ст, беҳ зи лӯълӯст,
Дар хок нуҳуфтанат на некӯст.
Ман ҳам чу ту ишқи ёр дорам,
Бингар, ки чӣ сон қарор дорам.
Ҳарчанд, ки неш мезанад ёр,
Ман нӯш ҳамехурам зи ағёр.

Аз нафси ҷавон малул бошӣ,
Чун пир шавӣ, ҳамул бошӣ.
Булбул ба баҳор мехурӯшад,
Чунон ки хазон расад, хамӯшад.
Маҷнун зи ҳадиси он хирадманд
Шуд тунд чу селу банд барканд.
Гуфт: - Эй ба ғалат фитода дар ман,
Чун хеш қиёс карда бар ман.
Бори хари худ ба ман чӣ монӣ?
Боре, ки ту мекунӣ, ту донӣ.
Оинаи худ ба ман манеҳ пеш,
Ман ростравам, ту каҷ маяндеш.
Нафсе, ки туро кашид дар қайд,
Ман хуш ба каманд кардамаш сайд.
З-олоиши нафс он, ки пок аст,
Зиндаст ба ишқ, гар ҳалок аст.
Осоиши ман ба беқарорист,
Хурсандии ман ба сӯгворист.
Аз модару аз падар назодам,
К-ин ишқ фитода дар ниҳодам.
Гар хатти ҷабин тавонияш шуст,
Инак сару гардани ман аз туст.
В-ар он ки зи ӯҳда барнаёӣ,
Ангушт ба кинам аз чӣ хоӣ.
Гар номабарист бо манат нафъ,
Он нафъ зи хеш кардамаш дафъ.
Нафъе, ки зи заҳрасанҷ ояд,
З-он нафъ ҳазор ранҷ ояд.
Чун Зайд ҳадиси Қайс бишнуфт,
Хомӯш нишасту маъзарат гуфт.
Дигар назадаш сухан аз ин боб,
В-ар зад, бизадаш ба ҳусни одоб.

## ВАФОТ НАМУДАНИ ИБНИ САЛОМ ВА ШУНИДАНИ МАҶНУН ВАФОТИ РАҚИБРО

Ҷовид ҳаёти он дилафгор,
К-ӯ мурд, надид доғи дилдор.
Гар хона фитод, хонагӣ ҳаст,
Чун хонагӣ аст, хона ҳеҷ аст.
Гар рӯз сиёҳ бар садаф шуд,
К-ӯ монд, вале дураш талаф шуд.
Аз тунг чӣ суд? Шаккараш нест!
В-аз ҳуққа чӣ нафъ? Гавҳараш нест!
Он шоха, ки нест гул ба бораш,
Тан зист ба шӯъла ё ба хораш.
Чунон ки манам зи фурқати дӯст
Оташ ба ниҳоду хор дар пӯст,
Хокам ба сар аст, сина бар санг,
Сулҳам ба гам асту бо тараб ҷанг.
Не пой, ки роҳи нақл гирам,
Не сабр, ки банди ақл гирам.
Дар дидаи ман шикаста хор аст,
Дар синаи ман хазида мор аст.
Не тоқати дар ватан нишастан,
Не қудрати барги роҳ бастан.
Ороми дил аз дилам рамида,
Фарҳанги сар аз сарам парида.
Дастам таҳи сангу пушт бар кӯҳ,
Осоишам андаку ғам анбӯҳ.
Аз марг чу ҳар касе гурезад,
Ман толиби ӯ, басе гурезад.
Гар з-он ки зи ришта рехт гавҳар,
Он ришта гусастанаш накӯтар.
Дил тоқати зиндагӣ надорад,
Лекин фалакаш намегузорад.

Фарёд зи дасти чархи нилӣ,
К-афганд дар оташам ба силӣ!
Оташ ба дилам чу санг карда,
Дар сӯхтанам диранг карда.
Гетӣ, ки дудаста зад ба теғам,
Бар марг чӣ мехӯрад дареғам?!
Эй кош аз ин гареваи сахт
Чун Ибни Салом баркашам рахт.
Гӯянд, ки он ҷафокашида
Дар васл ғами фироқ дида,
Соле ду агарчи зист бо дӯст,
Монанди ду мағз бо яке пӯст,
Лекин чу накард ком ҳосил,
Ранҷеш гарон фитод дар дил.
З-ин ранҷ, ки дар дилаш асар кард,
Пирояи зиндагӣ забар кард.
Умре, ки на бар муроди мард аст,
Бо марг мудом ҳамнабард аст.
Ҳарчанд, ки мӯбадон илоҷаш
Карданд, нашуд фарӣ мизоҷаш.
Не нӯш илоҷ шуд, на марҳам,
То он ки ниҳод дида бар ҳам.
Дар нома зи Қайс, к-он дуо рафт,
Имрӯз ба арзи муддао рафт.
Ҳар ҷо зи ниҳоди реш оҳест,
Аз марг дар ӯ кушода роҳест.
Бо зиндадилон ба рифқ пеш ой,
В-ар на, тамаи ҳаёт манмой!
Лайлӣ чу зи рафту омади ҷуфт
Пардохта дид хона, бишкуфт.
Аммо ба тариқи хонадорӣ
Пӯшид либоси сӯгворӣ.
Бигрист ба расми мотамӣ зор,
Не аз ғами ӯ, ки аз ғами ёр.

Дар дил ҳамагӣ ҳавои дилбар,
Лекин ба забон ҳадиси шавҳар.
Аз дида сиришк ҷӯя мекард,
Бе таънаи халқ мӯя мекард.
Маҷнун чу шунид мотами ӯ,
Шуд аз ғами хеш дар ғами ӯ.
З-он ҷо, ки ба неку бад назар дошт,
В-аз неку бади ҷаҳон хабар дошт,
Нашкуфт аз ин навиду барҷаст,
Бар турбати ӯ бирафту биншаст.
Бигрист чу сӯгиён ба хокаш,
Мехӯрд дареғ бар ҳалокаш,
К-эй хор, ту гар буридӣ аз гул,
Инак, зи қафои туст булбул.
Дунё ба касе вафо накардаст,
Танҳо ба ту ё ба мо накардаст.
Ҳар кас, ки дар ин ҷаҳон қадам монд,
Сар ҷои қадам чу шамъ афшонд.
Ҳар гул, ки аз ин чаман дамидаст,
Охир аҷалаш ба сар хазидаст.

## ДАЪВАТ НАМУДАНИ ЛАЙЛӢ МАҶНУНРО БА ХИЛВАТКАДА БАЪД АЗ СӮГИ ШАВҲАР

Он рӯз, ки он хуҷастаманзар
Пардохта шуд зи сӯги шавҳар,
Бар вай ҳама кас қафо гирифтанд,
Дар манзили хеш ҷо гирифтанд.
Касро ба сарои ӯ гузар на,
Худ монда, дар ӯ каси дигар на.
Чун хона зи ғайр дид холӣ,
Дар ҳуҷраи Зайд рафт ҳолӣ.

Гуфт: - Эй.ба вафо ягонаи аср,
Холист кунун зи марду зан қаср.
Вақт аст, ки Қайсро бихонӣ,
Пайғоми маро бад-ӯ расонӣ.
Ин буғча, ки пур зи хаззу дебост,
Пироя бар он нигори зебост,
Пироя диҳӣ ба ину онаш
В-он гаҳ суи ман кашӣ инонаш,
То пахлуи худ кунам аз ӯ пур,
Ҳамришта бувад ақиқ бо дур.
Зайдаш ба дуои бениҳоят
Пазруфту шукуфт аз ин иноят.
Чобук сӯи Қайс рафт андар,
Перост ба замвараш сару бар.
Овард, ба садри қаср биншонд,
Лайлӣ ба сараш хазина афшонд.
Маҷнун ба нишоти рӯи ҷонон
Наздик шуд аз тан афшурад ҷон.
Шавқ он ҳама тунд гашт чун бод,
К-афтод ду сӯ ду нахли шамшод.
Зайд аз ҳунари бахурсоӣ
Кард он ду бухорро ҳавоӣ.
Чун дар бари ҳар ду ҷон даромад,
Аз ҳар ду тараф фиғон баромад.
Он нола чу арғунун гирифта
В-ин коса чу май ба хун гирифта.
Он савсани садзабон фаромӯш,
В-ин хумми пур аз шароб беҷӯш.
Ҷуз нола ҳадиси орзу на,
Хум пур зи шаробу дар сабӯ на.
Лайлӣ, ки дилаш зи даст мешуд,
Мехост баланду паст мешуд.
Охир ба машаққате зи ҳад беш
Овехт ба ӯ чу тир дар реш.

Худро ба канори ӯ фурӯ бурд,
Бӯсе-ш чу теғ дар гулӯ бурд.
Маҷнун шаафе аз ӯ чунон дид,
Чун коҳ ба каҳрабо бипечид.
Ду шамъ ба як лаган яке сӯхт,
Ду тир ба як нишон яке дӯхт.
Ду рӯҳ ба як бадан даромехт,
Ду мурғ ба як қафас даровехт.
Рӯзеву шабе бад-ин тараннум
Мерафту навои муддао гум.
Ишқ аз ғараз ар чунин бувад пок,
Як ҷома надорад аз ду тан бок.
Ду нақш ба як паранд хобад,
Пайдост зи ҳам чӣ баҳра ёбад.
Лайлӣ ба забони шаккаромез
Аз дурҷи ақиқ шуд гуҳаррез,
К-эй барқзабони оташиндам,
Баргӯ, чӣ нишастаӣ чунин дам.
Умрест, ки толиби висолӣ,
Акнун ки расида, дар малолӣ.
Дурре, ки ба дурҷи ман ниҳуфтаст,
Месой, ки суфта ё насуфтаст.
Он ғунча, ки дар хасак гирифтам,
Бингар нашукуфта ё шукуфтам.
То чанд нуҳуфта монад ин роз,
Хез, аз рухи роз парда андоз.
Дар нома чиҳо намудаӣ дарҷ,
Бас сарзанише, ки кардаӣ харҷ,
Чун тири расида бар нишона,
Бингар, ки дурӯғ буд, ё на.
Маҷнун ба фунуни тарзабонӣ
Бинмуд чунин шакарфишонӣ:

К-эй шаади лаби ту нӯши ҷонам,
Қути дилу қуввати равонам.
Ҳон, аз ту маро зи худ тасаллист,
Як оина вақфи ду таҷаллист.
Ман чун ба канори кас фитодам,
Ҳарчанд, ки пешу пас фитодам,
Бо ман чу ту нақши як нигинӣ,
Донам, ки ту низ инчунинӣ.
Чун аз кафи ман бирафт номус,
Бар ту нахурам назар бар афсус.
Домони ман ар ба хок олуд,
Он хок ба домани ту ҳам буд.
Акнун, ки манам чу сим сода,
Ту аз зари шашсарӣ зиёда.
Моем ду бода дар яке ҷом,
Чун пухта якеву дигаре хом.
Чун тафриқа дар миён нагунҷад,
Гар вахми ғалат бувад, кӣ санҷад?
Гар ёва зи рӯи рашк гуфтам,
Узраш ҳама хуни ашк гуфтам.
Бипзир, ки сидқ устувор аст,
Ишқи тарафайн барқарор аст.
Оинаи мову туст беранг,
Тимсоли вафост ранг бар ранг.
То бод ҷаҳон, ҳамин вафо бод,
Омини малак бар ин дуо бод.
Ин гуфту зи қаср рафт берун,
Садчанд зиёда гашт Маҷнун.
Дар қаср ба ҳаҷр монд Лайлӣ,
Хур рафт, бимонд чун суҳайле.
Мекард назар ба рафти Маҷнун,
Мерехт зи дида ҷӯяи хун.

## РАФТАНИ ЛАЙЛӢ АЗ ДОРУЛФАНОБА ДОРУЛБАҚО

Дар мавсими дай, ки соҳати боғ
Гардид чу чашми хуфта дар доғ,
Метохт дуасба боди сарсар,
Мезад сари нав бар он ба ханҷар.
Маҷмӯаи гул варақ фишонда,
Мурғони чаман сабақ фишонда.
Ҳар шоха ба зарби сарсари тез
Чун дасти карим шуд гуҳаррез.
Гул соғару ғунча шиша аз даст
Афгандаву хуфта бар замин аст.
Гесӯи бунафша монд аз тоб,
Бод аз рухи ёсамин бибурд об.
Афтод кулоҳи лола бар хок,
Бодаш бикашид сар ба фитрок.
Гардид бисоти сабза чида,
Нодидаву дида шуд надида.
Лайлӣ, ки аз ин чаман гуле буд,
В-аз вай ба чаман таҳаммуле буд,
Боди аҷалаш кашид силӣ,
Барги суманаш намуд нилӣ.
Аз барги суман бирафт обаш,
Афтод ба зардӣ офтобаш.
Болош, ки сарви наврасе буд,
Афтода ба хок чун хасе буд.
Лаълаш, ки аз ӯ зулол мерехт,
Аз таффи ҷигар шарор мебехт.
Он рӯз, ки аз канори дилдор
Афтод канора, гашт бемор.
Барбаст исоба бар сари хеш,
Печид ба ҷома пайкари хеш.

Шамшоди қадаш чу барги шамшод
Аз ларзаи таб ба ларза афтод.
Аз ранҷи тану шиканҷаи дӯст
Бигдохт ҳам устухону ҳам пӯст.
Чашме, ки ба ҳар назар диле бурд,
Хуни дил аз ӯ ба доман афшурд.
З-он ранҷ танаш чунон гарон шуд,
К-аз заъф чу тори парниён шуд.
Чун дид аҷал ба дар нишаста,
Умраш ба раҳил рахт баста,
Модар талабиду маъзарат хост,
В-оини васиятӣ баророст.
Бар модари худ ба сад таҳийят
Бинмуд бад-ин намат васийят,
К-эй модари меҳрубони ғамхор,
Парварда гулу надида ҷуз хор,
Бо ман ҳама шир карда дар ҷом,
В-аз ман ҳама заҳр дида дар ком,
Ҳарчанд ки ранҷи ман кашидӣ,
Роҳат сари мӯ зи ман надидӣ.
Ҳон, оташи кина бар дар омад,
В-айёми шиканҷаат сар омад.
Рӯзе ду зи хор ранҷ бурдӣ,
Ҳин, хор зи пои худ фишурдӣ.
Паймонаи ман нигун шуд аз марг,
З-ин нахл на шоха монд, не барг.
Ошӯби замона дар замин шуд,
Дасти ситаме дар остин шуд.
Аз оина занги ғам зудуданд,
Тимсоли тараб дар ӯ намуданд.
Афъии сияҳ зи ганҷ бархост,
Осуда нишин, ки ранҷ бархост.
Селе, ки туро ба рахту кӯ рафт,
Инак, ба мағоки худ фурӯ рафт.

Эй дар ивази шарофат аз ман
Дида ҳама шарру офат аз ман,
Ҳарчанд ба ранҷи мо дар астӣ,
Охир чӣ кунӣ, ки модар астӣ?!
Чун ман ҷигари туам, дигар реш,
Чун аст набуданат ҷигар реш.
Ранҷе, ки маро ба тан дарояд,
Он ранҷ туро ба ҷон гарояд.
Гар теша ба лаъл мебарад даст,
Аввал сари санг меканад паст.
Тифле, ки гирифт мева дар чанг,
Зад бар сари шоха пештар санг.
Дар хона фитад ҳаме тазалзул
В-он гоҳ зи тоқ шишаи мул.
Ин ҳукм зарур аст, бипзир,
Ин хурда зи ман ба хештан гир.
Айби ту, ки мар маро бизодӣ,
Бар шири даранда шир додӣ.
Аввал чу намудай басичам,
Чун ҳеч шудам, мазан ба ҳечам.
Он кун, ки равад пас аз вафотам
Он лутф, ки рафт дар ҳаётам.
Бар мурдаи ман ба меҳрубонӣ
Бинмой чу зинда ҷонфишонӣ.
Маҷнуни маро, ки бас гиромист,
Бо мӯҳри манаш хати ғуломист,
Зинҳор зи сӯги ман хабар деҳ,
Бар шефта шӯрише дигар деҳ.
Бикшой кулолаи сиёҳаш
Дурӯя ба рӯи ҳамчу моҳаш.
Ҳам ҷаъди сапеди хеш бикшой,
Ӯ гиря кунад, ту навҳа орой.
Боз ор ба бистари ҳалокам,
В-аз гиряи вай бишӯй покам.

Чарме, ки ба тан зи дом дорад,
Дар бар кафанам аз он гузорад.
Лахти ҷигаре, ки аз даҳан рехт,
Боист ҳанутам аз вай омехт.
Гар з-он, ки ваям нашуд муяссар,
Аз хоки раҳаш кунам муаттар.
Тобути маро ҳарири зар каш,
Бар дӯши ваям ягона баркаш.
Магзор, ки дигаре занад даст,
К-ӯ худ ба хатираам ниҳад паст.
Бошад, ки ба хорие чунонам
Бипзираду ҷон диҳад ба ҷонам.
То ҳар ду ба як хатира монем,
Худро ба висол зинда донем.
Ин гуфту ба ҳам ниҳод мижгон
В-он ҳур шитофт сӯи ризвон.
Онро ба занах ҳазор ҷон рафт,
Охир занахе зад, аз ҷаҳон рафт.
Модар, ки бидид ончунонаш,
Афтод, зи тан бирафт ҷонаш.
Барзад ҷигараш шарора бар фарқ,
Дар мавҷаи оби дида шуд ғарқ.
Ҳам сунбулу ҳам суман дудаста
Меканд зи фарқ даста-даста.
Гаҳ зиндаву гоҳ мурда мешуд,
Гаҳ хоста, гаҳ фусурда мешуд.
Биншаст чу модари арӯсам,
Мотамзада бар сари арӯсам.
Не, не, ғалатам, ки он сияҳсар
Маҳрум шуд аз ҷамоли духтар.
Бечора арӯси ман, ки ҷон дод,
Ӯ буд ба мулки Шеробод.
Ин таъзия, к-ӯ фитод акнун,
Аз мотами Лайлияст афзун.

Ҳайронам аз ин фалак, ки чун аст
Ҳар дам ба сари касе-ш хун аст?
З-ин атласи нимранг чандон
Каттони дубоф шуд парешон.
Ҳар ҷо, ки сарест, теғи ӯ ҳаст,
Ҳар ҷо, ки маҳест, меғи ӯ ҳаст.
Рӯзе ду асал диҳад чу занбӯр,
Дар неши пасин барад лаби гӯр.
Гар дод алаф ба наъҷа қассоб,
Ҷуз аз дами теғ кай диҳад об?!
Акнун, ки нишастаем бар хок,
Аз тири аҷал ба синаи чок.
Панде-м ба гӯши дил зи ток аст,
Бар хок нишаста зери хок аст:
Ё пой зи рӯи хок бардор,
Ё фарқ ба зери хок бигзор.

## ХАБАР ДОДАНИ ЗАЙД МАҶНУНРО АЗ ВАФОТИ ЛАЙЛӢ ВА ҶОНСУПОРӢ НАМУДАНИ МАҶНУН БА ҶОНОН ВА САРИ ХУДРО БА ПОИ ҶОНОН ГУЗОШТАН

Эй навҳагар, он қадар ки донӣ,
Месоз ба навҳа, то тавонӣ.
Имрӯз, ки рӯзи марги Лайлист,
В-аз шоха ба хок барги Лайлист,
Мотамзада Қайси зору ҳайрон
Шоҳинсифат аст хонавайрон.
Бар марсия тарзабоние кун,
В-аз навҳа шарарфишоние кун.
То доғи куҳан зи сар бигирам,
Чун шамъ бисӯзаму бимирам.
Доғе, ки фалак ба ҷонам афрӯхт,
Инак, дили Қайс ҳам аз ӯ сӯхт.

Ӯро ба ғамам шарик карданд,
Танхо будам, чӣ нек карданд.
Моем ду ношикебу мафтун
В-аз ишқ ду Лайливу ду Маҷнун.
Ҳам ёр зи даст дода, ҳам лаъл,
Ҳам пой ба санг суда, ҳам наъл.
З-ин ғам, ки ба худ барем дар гӯр,
Дил пуршарару сари пур аз шӯр.
Фардо. ки зи хок сар барорем,
Ҳангомаи ҳашр бар сар орем.
Бар ҳашр занем шӯри дигар,
Бар сур занем сури дигар.
Оҳи дили мо шарар фурӯзад,
Ҳам дӯзаху ҳам биҳишт сӯзад.
То доди худ аз аҷал нагирем,
Даст аз сари ин амал наг ирем.
Фарёд, ки чун ачал пай афшурд,
Ду Лайлии нозанин яке бурд.
Дар ҳасрати он ду мо ду ноком,
Ҳам нанг гузоштем, ҳам ном.
Бегонаву дӯст дар ҳақи мо
Гӯянд сухан, вале на барҷо.
Он як сухане ба ҳайф ронад
В-ин як варақе зи танз хонад.
Он як ба ишора: - Ин чӣ ғул аст,
В-аз баҳри зане чунин малул аст?
Он як ба фусӯс, к-ин ҷавонмард
Шуд дар таҳи хок бо чунон дард.
Эй хасм, ки ҳоли ман табаҳ шуд,
Рӯзам чу ниҳоди ту сияҳ шуд.
Хокат ба дахан, ҳар он чӣ хоҳӣ,
Баргӯ, чӣ сапедӣ. чӣ сиёҳӣ.
Танҳо на ба ман ғами чахон аст,
К-ин сел ба ҳар тараф равон аст,

Рӯзе, ки фитод хонаи ту,
Хонад дигаре фасонаи ту.
Тире, ки ба дигаре фишонӣ,
Рӯзе, ки ба худ расад, бидонӣ.
Тақдир, ки тир дар камон кард,
Танҳо на маро бад-ӯ нишон кард.
Хуш дор, ки тири ин иродат
Як-як ҳамаро расад ба навбат.
Онҳо, ки ба рӯзгори Маҷнун
Буданд басичи кори Маҷнун,
Гирам, ки бад-ӯ фасона гуфтанд,
Хуфтанд ба гӯр ё нахуфтанд.
Акнун, ки ту ҳам ба таъни мой,
Рӯзе ду нарафта аз қафой.
Аз ту дигаре фасона хонад,
Тезе ба бурути ту фишонад.
Ҳон, оқибати ҷаҳон чунин аст,
Пеш он чӣ равад, ҳам ӯ пасин аст.
Ҳар неку бад аз ту бар дигар рафт,
Аз дигарат он сазо ба сар рафт.
Зинҳор ба айби кас мапардоз,
К-он айб туро расад ҳаме боз.
«Ман оба йуоб» [1] агар шунудӣ,
Айби дигаре чаро намудӣ?
Алқисса, шарики ранҷу дардам,
Дар арсаи ишқ ҳамнабардам.
Он рӯз, ки шуд зи Лайлии хеш
Чун тири ҷудо фитода аз кеш,
Дар дашт расиду хона орост,
Ҳам навҳаву ҳам тарона орост.
Гуфтӣ ғазале, суруд хондӣ,
В-аз ҳар мижа рӯди хун фишондӣ.

1. Касе, ки айб гирифт, бар у ӣниз айб гирифта хоҳад шуд.

Ногаҳ зи канори дашт гарде
Бархосту андаруна марде
Меомаду қоматаш хамида,
Чун мотамиён қасаб дарида,
Дар синакашӣ чу мори ташна,
Ташна на ба обу бал ба дашна.
Наздик расиду шуд ҳувайдо
Зайди араб аст, пайки Лайло.
Қайсаш чу ба ҳолате чунон дид,
Аз ҷой давиду фарқ бӯсид.
Гуфт: - Ин чӣ ғиреву изтироб аст,
Оташ на, дилат чаро кабоб аст?
Ёре, ки туро ба ман фиристод,
Баргӯ, киситода, ё ки афтод?
Хоби аҷабе-ш дӯш дидам,
Аз бандагияш тамаъ буридам.
Гар з-он ки чунин шудаст, баргӯй,
Даст аз ману ёри ман ба ҳам шӯй.
Чун Қайс ишорате чунон кард,
Ӯро зи нуҳуфтанӣ аён кард.
Гуфт: - Эй дили ту ба сайқали ҳуш
Оинаи розҳои сарпӯш,
Гар аз ту намешуд ин сароғоз,
Ку дил, ки бурун фишонад ин роз?!
Бархез, ки Лайлӣ аз ҷаҳон шуд,
Чобук ба риёзи ҷовидон шуд.
Онро, ки ту ҷони хеш хонӣ,
Бар ёди ту кард ҷонфишонӣ.
Ҳарчанд фишонд бар ҷаҳон даст,
Ҳам мурдаи ӯст бар ту побаст.
Боз ову зи хонааш бурун ор,
В-он ганҷ ба ганҷи хок биспор.
Наъшаш зи замин нахезад асло,
То ту ба сараш наяфшурӣ по.

Ин аст васияташ, чунон кун,
В-ин ҳоҷати вопасаш раво кун!
Чун шубҳаи вай дари яқин кӯфт,
Пой аз сари рақс бар замин кӯфт.
Чун ғунча, ки бишкуфад зи шабнам,
Чун захм, ки беҳ шавад зи марҳам,
Бишкуфту равон шуд аз паи Зайд
Чун мурғи раҳида аз ғами қайд.
Дар ҳар қадаме суруд мегуфт,
Бар рӯҳи санам дуруд мегуфт.
То бар сари наъши он парӣ шуд,
Чун дид, зиёдатар фарӣ шуд.
З-он пас, ки кашидаш андар оғӯш,
Бардошт ҷаноза бар сари дӯш.
Гӯӣ ба масал ба рӯи сарве
Биншаста ба боли зар тазарве.
Мекард ба пои наъш ҷавлон
Чун бар сари гул ҳазордастон.
Мехонд суруди ошиқона,
К-эй марг, маро бад-ин баҳона,
Мехостиям ба бод додан
В-аз қайди ғамам кушод додан.
Ҳанҷори адам кушода бар хеш
Рафтиву ман аз қафо, ту аз пеш.
Эй бадрақаи раҳи умедам,
Шоми тарабу сабоҳи идам,
Ин марг на муждаи висол аст,
В-ин гӯр на чашмаи зулол аст.
Васле, ки муроди мову ту буд,
Чун шӯъла ниҳон бувад дар ин дуд.
Ҳон, як-ду нафас нарафта ҳолӣ
Хилваткадаро кунем холӣ.
Дасти ду тараф ба гардан ояд,
Тан бо тану ҷон ба ҷон гарояд.

Коми дили худ зи ҳам ситонем,
Ҷовид ба коми дил бимонем.
Бепарда ту аз кафан, ман аз чарм,
Оем фиганда бурқаи шарм.
Ман бор диҳам туро ба зону,
Ту танг кашӣ маро ба паҳлӯ.
Ҳамхоба шавем то қиёмат,
Не таън кашем, не маломат.
Ғаммоз ба хоки мо нишинад,
Боре, зи буруни дар чӣ бинад!
Аллаҳ, чӣ хуш аст домани хок,
Осуда зи биму фориғ аз бок,
Не чанги асас ба ҷайби мо дар,
Не чашми ғараз ба ғайби мо дар.
Не бонги рақиб аз сари бом,
Не санги раис бар лаби ҷом.
Ал-миннату лиллаҳ ин чӣ рӯз аст,
Соз аст, ба зоҳир, арчи сӯз аст.
Эй мункири ишқу душмани Қайс,
Ҳон, даст бизан ба домани Қайс!
З-ин ком, ки Эзадаш раво кард,
Мекун, чу тавонияш ҷудо кард.
Ту ханда ба риши ман чӣ бандӣ?
К-аз хандаи риш ришхандӣ!
Ман пахдуи ёр мекунам хоб,
Ту паҳлуи худ кун аз ҳасад об.
Эй дуст, ба марги ман марез ашк,
К-аз марги ман осмон барад рашк.
Оини нишот дор маслук,
К-ин сур бувад ба сурати сӯг.
Нашкебӣ агар зи вою вайло,
Боре, на ба ман, барои Лайло.
Ашке, ки ба ман фурӯ нишонӣ,
Зинҳор, ба номи ӯ фишонӣ.

Бар турбати ӯ бидам дуруде,
Бар мурдаи ман бихон суруде.
Мегуфту ба дида роҳ мерӯфт,
Мехонд суруду пой мекӯфт.
Мардум ба ғалат, ки ошиқи зор
Шодӣ чӣ кунад ба мотами ёр?
Онро, ки зи ошиқӣ хабар буд,
Ҳар нуктаи ӯ беҳ аз гуҳар буд.
В-он кас, ки надошт бар сар он мағз,
Мегуфт ба танз ҳар баду нағз.
Огаҳ на ки ҳарчи гуфт он маст,
Хоҳад ҳамагӣ ба сикка биншаст.
Мерафт чунин тарона хонда
То турбати ёр дур фишонда.
Шуд навбати он, ки нуқраи хом
Дар бӯтаи хок ёбад анҷом.
Аз дӯш ҷаноза бар замин кард,
Чобук сари даст аз остин кард.
Бигрифт танаш чу ҷон дар оғӯш,
Бар хок ниҳоду гашт хомӯш.
Гӯр аз ду тараф фароҳам омад,
В-аз хандаи марг бо ҳам омад.
Бе ранҷи каланду заҳмати бел
Шуд хок ба ҳам чу об дар Нил.
Ду ахтари саъд шуд ба як бурҷ,
Ду гавҳари пок шуд ба як дурҷ.
Наззорагиён чу ин бидиданд,
Фарёд ба осмон кашиданд,
К-ин мӯъҷиза аст ё фусун аст?
К-аз ҳарчи сухан равад, фузун аст!
Ин сахтзамин ба ҳам чӣ сон шуд,
В-он зинда ба хок чун ниҳон шуд?
Хешони санам ба дастсоӣ
З-он ҳар ду латифаи худоӣ,

К-афсӯс, ки ин ду бебаҳо ганҷ
Рафтанд зи дасти мо ба сад ранҷ!
Чун модари Лайлӣ ин хабар ёфт,
Бар ҷони худ оташи дигар ёфт.
Аз кардаи хеш шуд пушаймон,
Бар турбати он ду шуд хурӯшон.
Афтод ба хоки он ду маҷрӯҳ,
Пардохт хазинаи тан аз рӯҳ.
Он ҳар се тан аз ҷаҳон гузаштанд,
Чун об зи ҷӯ равон гузаштанд.
Ин хона, ки ҳар касе-ш дар шуд,
То пой дарун ниҳад, бадар шуд.
Кас нест, ки дар ҷаҳон бимонад,
Гар монд, на ҷовидон бимонад.
Дунё чу пул асту бар сари пул
Касро нашуда раҳи таҳаммул.
Ин умр, ки ҷуз даме фузун нест,
Ногаҳ ки бурун шавад, дарун нест.
Ғофил манишин, ки чархи бебок
Бас кас чу ману ту карда дар хок.
Ин чанбари ҳафтгонабунёд,
Ҳар кас, ки дар ӯ фитод, афтод.
Осон натавон зи дасти ӯ раст,
Ҷуз он ки ба хуш бияфшурӣ даст.
Дунё, ки аҷузаест дар хаз,
Дасте, ки бар ӯ барӣ, ба лаб газ.
Ангушт чу бар ниқоб гирад,
Аз хуни дилат хизоб гирад.
Ин арбадаҷӯи фитнаангез
Дорад ба ҳалоки ҳар кас истез.
Гӯр аст чунон ки пойгоҳаш,
Ғарра машавӣ ба ҷойгоҳаш.
Занге, ки хӯрад ҳарифро хом,
Парварда кунад ба мағзи бодом.

Гар кохи туро баланд созад,
Ҳамвор ба як каланд созад.
Гар мор забон диҳад, бияндеш,
К-аз зери забон бароварад неш.
Ин доя бувад сиёҳпистон,
Фарзанд аз ӯ намебарад ҷон.
Ту ғофилӣ, эй ҳарифи мағрур,
Мағрур ба коху ғофил аз гӯр.
Ҳуш дор, ки гетии дағобоз
Ногоҳ кунад ситеза оғоз,
Чандон ғами даҳр бар ту ояд,
К-аз вай тану ҷони ту гарояд.
Ноком суи аҷал шитобӣ,
В-он низ ба коми худ наёбӣ.
Чун он ки манам аз ӯ бад-ин рӯз
Аз умри забун ба марги фирӯз
Эй кош, аҷал кашад инонам
З-ин ғамкада то фарасҷаҳонам.
Чун Қайс ба ёрмандии бахт
Дар паҳлуи ёр афганам рахт.
Эй марг, туро куҷост манзил?
Пои ту магар бирафт дар гил?
Гар умр ситеза кард бар ман,
Боре ту нигар ба лутф бар ман.
Ман бо ту ба сад ниёзмандӣ,
Ту бо ману тарфи нозмандӣ.
Фардо чу ҳамебарӣ ба хокам,
Имрӯз барӣ, мадор бокам.
Ман худ шудаам зи ҷони худ сер,
Гар мекушиям, чӣ ҳаст тақсир?
Ҳар ҷо, ки равӣ, зи ту биноланд,
Бар н-омаданат дуо сиголанд.
Ман мунтазирам ба сад тазаррӯъ,
Бар ман накунӣ чаро табаррӯъ?

Гирам, ки ҳаёти ҷовидонист,
Бе дӯст бигӯ, чӣ зиндагонист?!
Онро, ки ҳаёти ҷони ман буд,
Бурдӣ зи барам чу нуқли бедуд.
Ин колбади фусурда то чанд
Дар дудкаши фалак бувад банд?!
Ҷон рафтаву тан нишаста ҳайф аст,
К-ӯ бекасу дар набаста ҳайф аст!
Аз умри азиз нест чизе,
Илло ба ман аст чун пашизе.
Қурбони ту мекунам, гар ой
В-аз қайди танам диҳӣ раҳой.
Шоҳин, ки ба бисту нӯҳ расидаст,
Аз даҳр ғаме чунон надидаст.
Ҳарчанд падар бимурду хоҳар,
Он ақли сар, ин равони пайкар.
Лекин нашуд он қадар фусӯсам,
К-афтода ба мотами арӯсам.
Ин доғ на з-он қабила доғ аст,
К-ӯ оташу пайкарам чароғ аст.
Гар боди туаш накарда хомӯш,
Инак, ману доғи ҷӯш дар ҷӯш.
Ё Раб! Ба ҳақи Худоии хеш
Бахшой ба ҷони бандаи реш.
Ин дард, ки додаӣ, даво кун,
В-ин сайд, ки бастаӣ, раҳо кун.
Ё марг бидеҳ ва ё ки сабрам
Ё барқ фишон ва ё ки абрам.
Бечора дилам, чунон ки донӣ,
Дорад зи ғаме чунин гаронӣ.
Не ҳуш, ки панди ман бигирад,
Не сабр, ки узри ман пазирад.
Чун мӯҳра ба шаш дар ӯ фитода,
Шаш зарбаи ғам ба сар ниҳода.
Беҳбудии ӯ, ки бар ту саҳл аст,
Бинмо, ки бар ин атийя аҳл аст.

Ношукрӣ агар зи ман фузун рафт,
Бар лутфи ту баҳри озмун аст.
Бар ман манигар, ба лутфи худ бин,
Шоҳин чӣ бувад, ки ҷурми Шоҳин!
Онро, ки бибурдӣ аз бари ман,
Чун тоҷ рабудӣ аз сари ман.
Ё Раб! Ба карам азиз дораш,
Дар садри биҳишт деҳ қарораш!
Бипзир гуноҳу раҳматаш кун,
Бонуи сарои ҷаннаташ кун!
Аз чашмаи хулд деҳ раҳиқаш,
Ҳурони биҳишт кун рафиқаш.
Бисмиллаҳ, агар аҷал кунад азм,
Парвона намо маро бад-он базм.
Дар кафшкани бисоти он моҳ
Ин ахтари наҳсро бидеҳ роҳ.
Ин шоха, к-аз он дарахт мондаст
В-аз бахт ба рӯи тахт мондаст,
Ё Раб, ба канори лутфи худ гир,
В-аз шираи тарбият диҳаш шир.
Нахле-ш бузургвор гардон,
Оганда ба баргу бор гардон.
К-аз вай ҳамаро кафи намоя
Ояд чӣ зи мева, чӣ зи соя.
Нанҳад аҷалам чу арра бар сар,
Ман низ зи шохи ӯ хурам бар.
Бар он ҳама, к-аз ту хост Шоҳин,
Бод аз ту иҷобату ҳам омин!

## ДАР ХОТИМАИ КИТОБ ГӮЯД

Сад шукр, ки шуд пазира ин ранҷ,
Дар соли ҳазору сесаду панҷ.[1]

1. Соли 1887-и мелодӣ.

Дар муддати як маҳ андаке кам
Ин ҳусни рафеъ гашт муҳкам.
Чун хома савор шуд бар оҳу,
Ин кӯҳи гарон кашид бар мӯ.
Дар як ҷилаве кашид майдой,
Чунон ки зи каъби гург пайкон.
З-ин гуна саводи жарф агар кард,
Бар чашмаи зиндагӣ гузар кард.
Гар з-он ки равад ба хок ҷисмам,
Боқист аз ин натиҷа исмам.
Бе фикр сухан суруд, он кист?
Нокишта дарав намуд, он кист?
Ҷуз ман, ки ба чирадастии табъ
Бастам талале зй нав дар ин рабъ.
З-он беш ба обу гил занам даст,
Ин кохи баланди чарх шуд паст.
Бас кас, ки ба назми ин фасона
Андохт ханданг бар нишона.
Рафтанд ду-се ба сустгомӣ
Дунболаи Хусраву Низомӣ.
Ҳарчанд, ки роҳ баркушоданд,
Аз роҳ фаротар уфтоданд.
Шоҳин чу қадам ниҳод дар байн,
Гардид бар он ду сонӣ иснайн.
Аз гуфтаи он ду ҳеҷ нагзошт,
Илло, ки дар ин саҳифа бардошт.
Лекин намате ба тоза ангехт,
Симоби дигар ба талқ омехт.
Ин мис ба ҳунар намуд иксир,
К-аз он зару сим шуд қасабгир.
Гирам, ки зиёда з-он ду ҳам нест,
Гар нест зиёда, низ кам нест.
Гар гум шавад он ду нусха аз даҳр,
Ин нусха бас аст шӯҳраи шаҳр.

Ин ваҳй, ки Ҷабраили ақлам
Аз курсии ишқ кард нақлам,
З-он сон қаламам ба лавҳаш орост,
К-аз лавҳу қалам ғирев бархост.
Густох манеҳ ба ҳарфаш ангушт,
То дар дами дашна н-оядат мушт.
Ин нусха, ки абрақест маҳлул,
Аз оташи таъна кай кашад тӯл?
Шеъре, ки ба ин намак бихонӣ,
Гирад намакам, агар бидонӣ.
Эй он, ки ба панҷа афканӣ шаст,
Боре, рақаме зи панҷа то шаст.
Бинам, ки ба қадри он чӣ лофӣ,
Пашмина ва ё ҳарир бофӣ.
Шеър арчи ба хондан аст осон,
Он кас, ки бигуфт, меканад ҷон.
То хондани шеъру гуфтани ӯ
Фарқ аст аён зи шеър то мӯ.
Гар шир ҳамехӯрй, тавонӣ,
Дар мӯй шикофтан чӣ сонӣ?
То кай ба саманд медиҳӣ дав,
К-ин ҳарфи Низомиясту Хусрав?
Он они вай аст, ту зи худ гӯй,
Гард аз рухи худ ба оби худ шӯй.
З-ин бехирадӣ бувад фузунтар,
Гар ҷой равӣ ба пои дигар.
Ҳарфи дигарон аз они мо нест,
Бигзор, ки кисаи фалонист.
Чун пӯст надорӣ, эй сақатзист,
Дар пӯсти кас фитоданат чист?!
Хокам ба сар, ин чӣ гуфтугӯест?
В-ин рой чӣ рой, дар чӣ рӯест?
Эй нафс, магар ғамат шуд аз ёд?
Корат ба ситоиши худ афтод?

Ғамро чӣ ба дасти кам гирифтан,
В-анбонаи худ ба дам гирифтан.
Барбод шудан ба чашми кас чӣ?
В-ангушт задан ба чашми кас чӣ?
То чанд ба худ асир гардӣ?
Шоҳин нашуда ахир гардӣ.
Ҳосид, биҳил, ар бади ту гӯяд,
В-он коҳ, ки дона не, чӣ ҷӯяд?
Ту худ самарӣ ба некномӣ,
Дар пухта шарар манеҳ ба хомӣ.
З-ин нома чу нест ном мақсуд,
Аз оташи кӯҳна боз кун дуд.
Ин нома ба номи ғам кашидам,
Бар номи тараб қалам кашидам.
Як-як ба суруди шеъри мавзун
Додам ғами дил зи сина берун.
Рӯзе, ки ман ин латифа бастам,
З-ин мӯҳра ривоҷи дур шикастам,
Иқбол ба гӯши ҳуш бишнуфт,
Бишкаст, хуҷаста кори вай гуфт.
Чун ақл ба ҳарфи ӯ равон дид,
Таърихи тамом аз ӯ аён дид.
Онро, ки бар ин варақ фитад майл,
Гар дид сақат, бигустарад зайл.
Дар вай чу нисори ман намояд,
Бар ман на, ба ёри ман намояд.
Заҳмат набарад ба даъвати хос,
К-алҳамд кифоя асту ихлос.[1]
То ҳаст зи даври осмон ёд,
Ин нусха ба ёдгор монод!

1. Манзур сураи Фотиха ва Ихлос аст.

# МАСНАВИИ «ТӮҲФАИ ДӮСТОН»

Маро шиква поён надорад гузор,
Ки худ шиква баҳре бувад беканор.
Касе ҳамчу ман уру муфлис мабод,
Нахустин тило в-он гаҳе мис мабод.
Ба кайвон агарчанд улфат марост,
Чу кайвон ба рух нили накбат марост.
Зи рӯи забон меҳрубонӣ кунанд,
Вале кинаҳои ниҳонӣ кунанд.
Ба раҳмат ситояндам андар ҳузур,
Ки дар чашми дониш ҷуз ӯ ҳаст нур?
Вале мавриди кина чун душманам,
Бале, душмани марди нодон манам.
Маро дил ба ғам бар сафиле чунон,
Ки доно ҳамон асту нодон ҳамон.
Надонад тафовут сафеҳ аз фақеҳ,
Кадом аст пунба, чӣ сон аст меҳ.
Агар шир бахшад, нишонад ба хун,
В-агар барфарозад, кунад вожгун.
Шунидам, ҷавоне гунаҳ кард зишт,
Тағоӣ ба хунаш рақам дарнавишт.
Ҷавон гуфт: Набвад туро ҳадди он,
Ки бар хуни мардум нависӣ нишон.
Таго гуфт: Нашнидаӣ ин сухан,
Ки боре гуҳи хол бошад ҷиян.
Ҷиян гуфт: гирам, чунин аст ҳол,
Ту худ гӯ, гуҳи хеш хӯрдаст хол?
Фиғон, к-ин ҳарифони кинозмой,
Ба меҳр-андар оранд халқе зи пой.
Чу фарзанд аз онат ҳамепарваранд,
Ки чун гурба фарзанди худ меҳ(в)аранд.
Аз ин қавм уммеди ёрӣ хатост,
Ки аз душман уммедворӣ хатост.

Аз ин фирқа доманкашон даргузар,
Чу биншастӣ, аз ғурфа афтӣ бадар.
Маро бину барзан ба ғайрат дуҳул,
Пасояндагонрост пешина пул.
Аз он рӯ зи гетӣ шикоят задам,
Зи гетӣ шикоят бағоят задам.
Ки дастур бошад ба ояндагон,
Ба абнои гетӣ ситояндагон,
Ки ин шева доме бувад сайдгир,
Ки гар шер афтад дар ӯ, гӯ: Бимир!
Дар ин дом оқил наяфтад, баҷост,
Чу афтад, маҷоли тапидан куҷост?
Аз ин доми бедона дурӣ гузин,
Сари хештан ҷои дона мабин.
Ман идбор дидам, ту фирӯз бош,
Зи аҳволи ман ибратомӯз бош!

## ДАР СИТОИШИ АМИРИ МАРҲУМ САЙЙИД МУЗАФФАРБАҲОДУР СУЛТОН ФАРМОЯД

Аз ин пеш дарёдиле даргузашт,
Ки дар мотамаш сел аз сар гузашт.
Шаҳаншоҳи Тӯрон, ки мағфур бод,
Ба фирдавс ҳамхобаи ҳур бод.
Худованди афсар, худованди тахт,
Сазои ситоиш, сазовори бахт.
Музаффарбаҳодур, ки Тӯронзамин
Шуд аз юмни ӯ рашки хулди барин.
Чунон комгоре, ки ҳангоми ҷуд
Ба гул нофа бахшиду Ноҳид уд.
Чу дар қасри давлат фурӯ кӯфт кӯс,
Биёрост рӯи ҷаҳон чун арӯс.
Карамро дар офоқ овоза дод,
Ба мулк аз карам зинати тоза дод.

Дар атрофи олам басе сайр кард,
Қадам бар қадам буқъаи хайр кард.
Ба маъмурае гар харобӣ фитод,
Дар ӯ аз нав оини дигар ниҳод.
Ялонро ба бахшиш ба худ банда кард,
Раҳу расми Ковусу Кай зинда кард.
Карон то карони ҷаҳон баргирифт,
Зари бекарон доду кишвар гирифт.
Гадо шуд тавонгар ба даврони ӯ,
Ки бар нотавон буд эҳсони ӯ.
Пазируфт қурси ҷавин аз фақир,
Ба подоши он ангубин доду шир.
Ғубори ғам аз рӯи олам бишуст,
Ба ҷуд аз ҷаҳон номи Ҳотам бишуст.
Ҳунармандро моя бар маҳ кашид,
Сари беҳунар дар буни чаҳ кашид.
Қазо бар чунон мулк хӯрдӣ дареғ,
Ки ӯ аз сари кина оҳехт теғ.
Ба Хатлонзамин хуни мардум бирехт,
К-аз он мотам аз чарх анҷум бирехт.
Ба Фарғона аз кина кард, он чӣ кард,
Ки не зан зи саъйаш бирасту на мард.
Ба душман чунон теғ рондӣ шигарф,
Ки бар хонаи рег селоби жарф.
Бупардохтӣ аз ҷаҳон кинаро,
Бад-он сон ки аз меҳри зар синаро.
Чу ӯ по ба авранги Тӯрон ниҳод,
Қалам бар салотини Эрон ниҳод.
Фаридун агар зинда будӣ ҳаме,
Ба иқболи ӯ банда будӣ ҳаме.
Чу панд аз надимони оқил рабуд,
Зи душман сар, аз дӯстон дил рабуд.
Дили дӯстонро ба худ ром кард,
Сари душман андар хами лом кард.

Хирадмандро барфузуд эътибор,
Ки бар бехирад тира шуд рӯзгор.
Ба доду ситад расм аз он сон ниҳод,
Ки ҷав-ҷав ситониду ман-ман бидод.
Ба ёсо фиристод қаттоъро
В-аз эшон бупардохт иқтоъро.
Сари қавми муфсид ба ханҷар гирифт,
Тани марди муслиҳ ба зевар гирифт.
Низоми ҷаҳонро чу кард устувор,
Баровард коми худ аз рӯзгор.
Бутони суманпайкару симсоқ,
Ки дар ҳусн чун Зӯҳра буданд тоқ.
Шабонгаҳ ба хилватсаро хондашон,
Чу маҳ пеши хуршед биншондашон.
Зи ёқуташон тунги шаккар гирифт,
Ба ёқут мӯҳр аз гуҳар баргирифт.
Дар ин хитта, ки корвон омадӣ,
Зи Рай ё зи Ҳиндустон омадӣ.
Паи армуғон тӯҳфа кардӣ занаш,
Зи Гуҷроту Банголаву Арманаш.
Ҷаҳонро ба шодӣ чунон бигзаронд,
Ки нагзашт он дам, ки шодӣ намонд.
Зи ҳар фирқа донишваре баргузид,
Ки дониш бар ӯ дасти ҳайрат газид.
Надими худу маҳрами роз кард,
Ба инъомаш аз дил гиреҳ боз кард.
Барафзуд бар меҳру маҳ пояаш,
Ки бо Муштарӣ кард ҳамсояаш.
Ҳамаш борагӣ доду ҳам боргоҳ,
Ки аз фахр бар абр судӣ кулоҳ.
Аз он ҷумла Савдои фаррухнажод,
Ки буд оби ҳайвонаш андар савод.
Гуҳар аз садаф хун таровад чунон,
Равон будаш аз дил, сухан бар забон.

Дувум Возехи нуктасанҷ, он ки чарх
Ба ҳар нуктааш ҷон ниҳодӣ ба нарх.
Камолоти он равҳбахшои рӯҳ
Гузаштаст аз меҳру маҳ дар вузӯҳ.
Сеюм Фитрат он меҳри авҷи камол,
Ки буд дар хирад ақли кулро мисол.
Чу бар сафҳа килкаш навиштӣ рақам,
Рақам бар Уторуд кашидӣ қалам.
Чаҳорум сухандони Донишлақаб,
К-аз ӯ фахр дорад Аҷам бар Араб.
Бад-онаш зи Дониш ниҳоданд ном,
Ки оини дониш бад-ӯ шуд тамом.
Дигар аз ҳарифони волошиор,
Ки буданд берун зи ҳадди шумор,
Ба тазкори эшон бупардохтан
Нахоҳад зи нав дафтаре сохтан.
Дар он боргаҳ дар ситоишгарӣ,
Шаҳаншаҳ бад-ӯ дар ниёишгарӣ.
Паи ганҷ дар мадҳ мебурд ранҷ,
Ҳамегуфт мадҳу ҳамехӯрд ганҷ.
Маро ҳам ба дастури он шоирон
Ҳамерафт шеъре бар он остон.
Агар поям дар сухан паст буд,
Аз ӯ ҳар чӣ дархӯрди ман ҳаст, буд.
Кунунам, ки дасте дар ин пеша аст,
Аз ин қавм дар пои ман теша аст.
Агар будӣ он махзани фазлу ҷуд,
Маро пой дар фарқи ин қавм буд.
Дареғо, ки он шоҳи шоҳон бирафт,
Ҷаҳон монд чун ҷисм, аз ӯ ҷон бирафт.
Аз ин бӯстон рахт барбаст гул
В-аз ин шиша берун таровид мул.
Чу гавҳар зи дарё фаротар нишаст,
Хазафпора дар ҷои гавҳар нишаст.

Ҷаҳон навҷавон буд, шуд гандапир,
Ба рух шоҳиди бахт андуд қир.
Чу гетӣ зи Ҷамшед бардошт бахт,
Бар он тахт Заҳҳок андохт рахт.
Шукӯҳе дар оини давлат намонд,
Ба Тӯронзамин зебу зинат намонд. ■,
Сари ишрат омад ба болини хоб,
Бизад осмон бар рухи фитна об.
Ҷаҳондор чун бар ҷаҳон пай фишурд,
Ба бахти Ҷаму афсари Кай фишурд.
Ҷаҳонро бигӯ, бе ҷаҳонбон мамон,
Ки тан хор гардад, чӯ бигсехт ҷон.
Шариат агар хор гардад, равост,
Ки з-он ҳомии дин ҳимоят бихост.
Аз он рӯи миллат ба хокистар аст,
Ки он пушти миллат ба хок андар аст.
Ҷаҳондори ғозӣ чу берун шитофт,
Аодӣ бар ин мамлакат даст ёфт.
Бибурд, он чи мехост аз ганҷу мол,
Ба хуршеди ин давлат омад завол.
Чу ҳукми қазо бар Сулаймон расид,
Нигини ҳукумат ба девон расид.
Дар ин ахд агарчанд он дурри пок,
Чу ганҷест осуда дар зери хок.
Ман ин нома бар номи ӯ сохтам,
Ниҳоли тамаъ аз бун андохтам.
Ҷавонмард он аст, некӣ кунад,
Пас он некии худ дар об афганад.
Маро гар аз ӯ нест рои умед,
Валек ин қадар ҳаст ҷои умед.
Ки аз ҳурмати рӯҳи он шаҳриёр,
Бароранд коми ман аз рӯзгор.
Аз ин мурда уммед кардан равост,
Ки дар зиндагӣ хайри мардум бихост.

Ҳар он мурдае, к-он ба некӣ бимурд,
Беҳ аз зиндае номи некӣ набурд.
На танҳо ман аз вай сурудам сухан,
Ҳазорон ситоянда дорад чу ман.
Хушо ҳоли он кас, ки баъд аз сараш
Бузургон ситоянд дар дафтараш.
Илоҳӣ, равонаш ба раҳмат фурӯз,
Бар ӯ кун шаби тираи гӯр рӯз.
Ба садри биҳишташ ҳаме бор деҳ,
Ҳиҷоб аз миён гиру дидор деҳ.
Азизаш нигаҳ дор, к-ӯ хор нест,
Маёзор, к-ӯ мардумозор нест.
Бар он банда боист раҳмат намуд,
Ки аз бандагон дафъи заҳмат намуд.
Чу омурзӣ он шоҳи фарзонаро,
Биёмурз Шоҳини девонаро.
Нахуст аз карам подшоро бубахш,
Пас он гаҳ туфайлӣ гадоро бубахш.
Кариме, ки бахшид бар офтоб,
Нашояд, ки аз зарра ҷӯяд ҳисоб.
Чу бар баҳр бахшӣ, зи қатра пазир,
Куҷо баҳрбахшо бувад қатрагир?
Пазиро кун, эй довари бандагон,
Гуноҳи ману соири бандагон.
Гуноҳе, ки бунёди ман сӯхтаст,
Ба бунёди ман оташ афрӯхтаст,
Зи аъзои мардум агар сар занад,
Маро аз забон нештар сар занад.

## ДАР ОФАТИ ЗАБОН ВА ЗАҲМАТИ БАЁН ГӮЯД

Забон сурх аз он аст, к-он оташ аст,
Бупарҳез, к-ин оташ одамкуш аст.

Бар ин оташи фитна, к-обаш ҳавост,
Худоро, далерӣ намудан хатост.
Забон бо ту онҳо, ки омӯхтанд,
Туро оташе бар сар афрӯхтанд.
Чу маълум шуд бо ту, инак, забон
Бувад пораи оташе дар даҳон.
Ту дар ҳифзи ин оташи тунд кӯш
Хамӯшу хамӯшу хамӯшу хамӯш!
Мазан дам лаб аз ҳарф, бар ҳам бинеҳ,
Хдворо бар ин шӯъла мадхал мадеҳ.
Чӣ кард он ки савсан забон баркашид,
Магар бар сари хеш ханҷар кашид.
Забон чун ба коми худ андар ниҳуфт,
Гули орзу ғунчаро баршукуфт.
Сухан гар зи дил бар забон оварӣ,
Чунон гӯ, ки ганҷе зи кон оварӣ.
Зи сӣ дона дандон тафовут бикун,
Чунон дон, ки бепоя дорад сухун.
Забонро басе поя боист гашт,
Ки ҳарфе тавонад бар ӯ баргузашт.
Сухансанҷро гӯ: Ба андоза гӯй,
Тавонӣ, мукаррар макун, тоза гӯй.
Ба нодон хамӯшу ба доно сарой,
Ки он хирарӯй асту ин чирарой.
Шикоят макун аз бузургони дин,
Махон осмонро ба гафлат замин.
Ба шоҳон сухан аз сари кин магӯй,
Тазарвӣ ту, пархоши шоҳин маҷӯй.
Туро гар ҳадиси ман аз ёд рафт,
Бидонӣ сари он, ки барбод рафт.
Бияндеш, чун ҳарф нозук равад,
Ки лағзад ба гил, он ки чобук равад.
Макун сӯҳбати подшоҳон тамаъ,
Ки ҳам зар ба ғорат равад, ҳам вараъ.

Чаро рӯи ҳоҷат ниҳӣ бар даре,
Ки нохун набахшад, ки хорӣ саре?
Агарчанд дар баҳр бошад гуҳар,
Бувад латмаи мавҷ аз он бештар.
Зи мавҷаш бияндешу гавҳар маҷӯй,
Ки гавҳар ба қаър асту мавҷаш ба рӯй.
Чунон дон зи шоҳон таманнои меҳр,
Ки ахтар ба зер оварӣ аз сипеҳр.
Машав ғарра, к-афсун ба аҳдат диҳанд,
Агар моҳ бошӣ, ба махдат диҳанд.
Гирифтам, к-аз эшон надорӣ гузир,
Ба гуфтан биёлой шаккар ба шир.
Магӯ нуктае, к-он ҷадал оварад,
Ба бунёди айшат халал оварад.
Ту чун рӯбаҳӣ, подшоҳон чу шер,
Мазан панҷа бар рӯи шерон далер.
Забонро макун ҳамчу шамшер тез,
Ба шамшери худ хуни худро марез.
Забонро гиреҳ бар гиреҳ барфикан,
Фикан, то ки сарбаста ояд сухан.
Суханро чу сарбаста гӯӣ, сазост,
Ки аз бад ба некаш тасарруф равост.
Чу дар ҳарфи зиштат тасарруф бувад,
Махӯр ғам, ки ҷои таваққуф бувад.

•

## ҲИКОЯТ БА ТАРИҚИ ТАМСИЛ

Шунидам, зи асҳоби суннат касе,
Ки бар илму фан буд воқиф басе,
Ба ҷамъе зи аҳли ташаййуъ гузашт,
Яке з-он ҷамоат бар-ӯ чира гашт:
Ки моро сухан дар ҳақи чорёр
Фузун шуд, ту низ он чи дорӣ, биёр!

Бубин, к-он хирадманди ҳозирҷавоб
Чӣ сон дод бо ӯ ҷавоби савоб:
Ки нафрин бар он марди нодон бувад,
Ки бадхоҳи як тан аз эшон бувад.
Ҳарифон ба кинаш кашиданд теғ,
Ки маҳро нишонанд дар зери меғ.
Ҷаҳонхӯрдадон чун бидид ончунон,
Ба тавҷеҳи гуфтор шуд тарзабон:
К-аз он як танам муддао Ҳайдар аст,
Ки гар сар диҳам дар раҳаш, дар(х)вар аст.
Чу доно ба ҳуҷҷат чунин хонд рев,
Баромад зи арбоби пӯзиш ғирев:
Ки мо теғ бар фарқи худ охтем,
Зи ҳангома то дӯст нашнохтем.
Гирифтанд ҳар як ба узр андараш,
Яке по бибӯсиду дигар сараш.
Ба иззат бибурдандаш андар висоқ,
Кашиданд маҳро ба авҷ аз маҳоқ.
Дабире қалам бар расоил гирифт,
Ба андоза зар аз қабоил гирифт.
Чу зар ҷамъ карданд қурби ҳазор,
Ниҳоданд дарвешро дар канор.
Дили марди дарвеш аз он шод шуд,
Зи қайде, ки афтод, озод шуд.
Паёме зад Эзид аз он хӯрдадон
В-аз он фирқаи якдилу якзабон.
Ба раҳмат чунон фирқае дарх(в)аранд,
Ки бо фирқаи худ ба раҳмат даранд.
Чу доно бар эшон кунад лаънате,
Пазиранд, агар оварад ҳуҷҷате.
Хилофи азизони оини мо,
Ки хоянд ангушт аз кини мо,
На тамҳиди миллат, на ташйиди дин,
Ба ҷуз пешаи ҷавру оини кин.

Ҳунар дар ҳасаб ғайри тадлис на,
Падар дар насаб ғайри Иблис на.
Фазиҳатшиоре, ки бар рӯи ҷамъ
Раги гардан афрохт монанди шамъ,
Бигӯянд, ҳин, мард муллои мост,
Чу мулзам шуд, изои ӯ пои мост.
Надонанд, к-ин шиа в-ин суннияст,
Аз ин фирқа номе ҳамин суннияст.
Тариқе бувад сунниёнро азиз,
Ки бар вай набӣ рафт, асҳоб низ.
На роҳе, ки Фиръавну Ҳомон бирафт,
Ки поёни он раҳ ба тӯфон бирафт.
Шиори шариат дар ин қавм нест,
Сунатҳои пешина ал-явм[1] нест,
Чу ҳукме бияфтад бад-эшон гузин,
Фишонанд бар муҷтаҳид остин.
Шуморанд гаҳ ҷуфта бар худ ҳалол,
Ки набвад қиёс эмин аз эҳтимол.
Изоро чӣ нисбат ба лутиписар,
Ки рӯ бар замин асту доман ба сар.
Ба суннат чунин дахли беҷо кунанд,
Ки ҳам хешу ҳам кеш расво кунанд.
Нагиранд бар зимма ҳукми китоб,
Ки тахзиз мумкин бувад дар хитоб.
Чунин ҳукми иҷмоъ маҷзум нест,
Ки иҷмоъро қадр маълум нест.
Чунинайд ин фирқаи булфузул,
Нагардад ба ҳукме далеле қабул.
Нахонда зи фиқҳайн узве тамом,
Фақеҳи замона бароранд ном.
Надонанд меъёри фиқҳ, он ки чист,
Фақеҳ аз муқаллид нафаҳманд кист.

1. имрӯз.

Фақеҳ он ки ҳифзи маворид кунад,
Баёни фурӯъ аз қавоид кунад.
На ҳар кас, ки мӯҳре ба фатво фишурд,
Тавон гуфт номи фақоҳат бибурд.
Гар ин қазя дар мазҳаби мо равост,
Зи мо то ба шиъӣ тафовут куҷост?
Муқаллид чу ҳукме биронад ваҷеҳ,
Ҳам ӯ муҷтаҳид хонаду мо фақеҳ.
Надонанд фанни ақоид кадом,
Ақоид кадом асту фаннаш чӣ ном?
В-аз он ҷумла баҳси имомат чӣ исм,
Чӣ ганҷ аст дар пардаи ин тилисм?
Чаро бар сари ин тилисм аждаре
Барад ҳамла бо аждари дигаре?
Муҳимми хилофат чӣ дорад шиор,
Ки шиъӣ яке донаду мо чаҳор?
Чу воқиф зи таҳқиқи миллат наянд,
Ту суннӣ магӯ, к-аҳли суннат наянд.
Ниҳанд ин ҳадис аз салаф узри ҳол,
Ки ин фан ҳаром асту касбаш вабол.
Салаф гар чунин гавҳаре суфтаанд,
Халаф рамзи он дар кутуб гуфтаанд.
Яке шиъӣ аз сунние бозҷуст:
Имомат бигӯ бо кӣ омад дуруст?
Шунидам ба пире ишорат намуд,
Ки бар хоки маййит «Таборак» суруд.
Гирифтам, яке марди суннатшиор,
Ки шуд амри суннат бад-ӯ устувор,
Чу тӯфон, ки рӯ бар мағок оварад,
Сари хасм ҳамчун ба хок оварад,
Ба қарне аз ин фирқа ёбад зуҳур,
Бар ин тирарӯзон битобад чу хур.
Зи ҳар гӯша бар хуни ӯ ташнае
Барояд, ба зери бағал дашнае.

Чу Нӯъмони Собит ба ёсо диҳанд,
Матои шариат ба яғмо диҳанд.
Гар ин аст з-ин фирқа ҳолу хавос,
Бар аъвомашон марг, моро халос!

## ДАР СИТОИШИ ШАҲАНШОҲИ ОЛИҶОҲ САЙЙИД АМИР АБДУЛАҲАДХОН ФАРМОЯД

Биё, соқӣ, аз бодаи хушгувор,
Ба ратле гарон бишкан аз ман хумор,
Ки аз бода кардам ҳаме тар забон,
Кунам мадҳи Маҳдии охирзамон.
Зи баъди баҳор омад айёми дай,
Дар айёми дай хуш бувад ҷоми май.
Ба сармои дай гармии май хуш аст,
Бидеҳ май, ки гар май бувад, дай хуш аст.
Тавонӣ, ба май мавсими дай гузор,
Ки аз май шавад мавсими дай баҳор.
Дар ин аҳд бе май нишастан хатост,
Ки дай ғамфизо асту май ғамзудост.
Бубин, то чӣ сон гашта бар шоха хушк
Гул андар хасак ҳамчу дар нофа мушк.
Варақ зери шохи дарахтони боғ
Фишонда дирам бар сари буму зоғ.
Бирафт аз чаман сабзиву хуррамӣ,
Чу дар фоқа айш аз дили одамӣ.
Чаманро ба мо муфлисон нисбатест,
Ки дар дай на зеб асту на зинатест.
Қадаҳ деҳ, ки аз май фурӯзем меҳр,
Ки тобад ба моҳу дурахшад ба меҳр.
Ба саҳни чаман базлахонӣ кунем,
Ба ҳангоми дай гулфишонӣ кунем.

Баҳоре барангезам аз табъи хеш,
Ки гардад зи ғайрат дили хулд реш.
Фишонам гул аз мидҳати шаҳриёр,
Ки чун шабнам аз вай таровад баҳор.
Муғаннӣ, даме гӯши барбат битоб,
Ки чандон бинолад, ки дил гардад об
В-аз он об шӯяд зи лавҳи хаёл
Саводи кудурат, ғубори малол.
Чу фасли хазон асту булбул хамӯш,
Ту дар боғ бар рағми булбул хурӯш.
Бизан парда бо ман ба оҳанги соз
Гаҳе аз Сифоҳон, гаҳе аз Ҳиҷоз.
Бикаш, то кушояд зи дил банди ғам
Навои Ироқу суруди Аҷам.
Ба хоро фикан шишаи зӯҳди ман,
Бубар аз дил андешаи зӯҳди ман,
Ки ҳангоми ишрат вараъ хуб нест,
Ба ин шева он пеша марғуб нест.
Ба гоҳи тараб тавба хоҳам шикаст,
Ки хоҳам зи баъди тараб боз баст.
Зи зӯҳди ман андеша бар дил маёр,
Ки ман марди риндам, ба зӯҳдам чӣ кор
Мабин хирқаи ман, ки пашмина аст,
Ки ман захму он хирқаам пина аст.
Агар хирқа бар дӯш дорам аён,
Бувад шишаам зери хирқа ниҳон.
Сарат гардам, эй мутриби хушсуруд,
Бияфшор тарзахма бар хушкрӯӯӯд.
Аз он рӯди хушкам ба обе расон
В-аз он соя бо офтобе расон.
Кадом аст он обу он офтоб,
Маҳе, к-офтоб аст аз вай дар об.
Кадом аст он маҳ? Шаҳи некбахт,
Ки бахташ барад саҷда бар пои тахт!

Зи сесад чу бигзашт қурби се сол,
Бар ӯ қуръаи давлат андохт фол.
Чу нек омад он фол бар номи ӯ,
Ҷаҳон чун падар гашт бар коми ӯ.
Ҳадисе ба «Мишкот» дидам равон,
Ки хуш бод гӯяндаашро равон.
Ҳадисе муборак, хатое саҳеҳ,
Ба асноди тому адои сареҳ,
Ки дар сад зи ҳар сад, ки шарру вабол,
Расад умматонро ба ҳадди камол.
Якеро Худованд сарвар кунад,
Ки тачдиди дини паямбар кунад.
Ба мазмуни ин ҳукм тачдиди дин
Бувад хосай шоҳи Тӯронзамин.
Ба дин равнақе дигар ангехтанд,
Ки з-ин сон муҷаддад барангехтанд.
Биё, шоҳид, аз чеҳра бурқаъ фикан,
Маро оташ андар мураққаъ фикан.
Бикаш ҷоми заррину аз ноби мул,
Барафрӯз рухсора чун сурхгул.
Ба унноби тар чини гесӯ битоб,
Бинеҳ парда аз мушк бар офтоб.
Кулаҳгӯша бар тоқи абрӯ гузор,
Сари моҳи навро ба зону гузор.
Дилам баст ҳиммат ба оҳуи ту,
Ба оҳуи чашми чу оҳуи ту,
Ки чобук бар он тоқи абрӯ нишаст,
Чу бозе, ки бар шохи оҳу нишаст.
Надонист, к-он оҳуи шергир
Ба имои абрӯ кунад сайди шер.
Кунунам, ки дил гашта нахчири ту,
Зи андози мижгони чун тири ту,
Худоро, ки эй турки сайдозмой,
Бар ин сайди лоғар тараҳҳум намой.

Қади туст сарв, эй бути симтан,
На сарве, ки бархезад аз ҳар чаман.
Касе дар чаман дида сарве чамон,
Ки дар пои ӯ дил равад, ҳам равон?
Куҷо сарв аз чашму зулфу узор
Гулу сунбулу наргис орад ба бор.
Туро дурҷи лаъли пур аз гавҳар аст,
Бар он дурҷ мӯҳре зи мушки тар аст,
Ки гӯӣ саводе бувад ошкор,
Ниҳон оби ҳайвонаш андар канор.
Маро з-он савод оби ҳайвон бубахш,
Диле мурда дорам, бар ӯ ҷон бубахш.
Дар ин ҷода чун Хизр шав раҳбарам,
Ки мадҳи Сикандар ба поён барам.
Дар ин аҳд, боре, Сикандар кадом?
Ки дар мадҳи ӯ воҷиб аст эҳтимом.
Сикандар худованди ин кишвар аст,
Ки Искандараш камтарин чокар аст.
Ҳар он кас сар аз мадҳи ӯ баркашад,
Забонаш фалак аз паси сар кашад.
Шаҳаншоҳи Тӯрон, ки ҳафт осмон
Бар ӯ саъдахтар кунад армуғон,
Замину замон зери фармони ӯст,
Фалак резачини сари хони ӯст.
Қазо ҳукми ӯро бувад тарҷумон,
Қадар қадри ӯро бувад посбон.
Уторуд дабире ба девони ӯст,
Зуҳал зерхиште зи айвони ӯст.
Сазад қуббаи чатри ӯ офтоб
Бад-он сон ки маҳ тавсанашро рикоб.
Ба базме, ки фармон диҳад бар суруд,
Ба ромишгарӣ Зӯҳра ояд фуруд.
Ниҳад то ба кинаш чу Миррих пеш,
Хӯрад ханҷари хеш бар фарқи хеш.

Шаҳобе бувад лӯълӯи афсараш,
Кунад заҳмати дев дур аз сараш.
Ниҳад пои ғурбат чу бар рӯи фарш,
Таҳийят бар он фарш ояд зи арш.
Ҳар он курсие, к-ӯ нишинад фароз,
Ниҳад поя бар фарқи курсӣ зи ноз.
Чу бар лавҳи заррин ниҳодӣ қалам,
Ба лавҳи қалам баркашидӣ рақам.
Сухан ҳусни пироя з-ӯ ёфта,
Хирад рифъати поя з-ӯ ёфта.
Бигуфташ, к-аз он оби ҳайвон чакад,
Зи лаб шаҳдаш андар гиребон чакад.
Чу назми тар ангезад аз нӯги килк,
Кашад як ҷаҳон дурри равшан ба силк.
Варақ бар варақ мушки азфар кашад,
Табақ бар табақ лӯълӯи тар кашад.
Маро пояи шеър гар шуд баланд,
Шуд аз юмни он хусрави арҷманд,
Ки ҳар гоҳ аз ин банда шеъре биҷуст,
Биёмӯхт оини шеърам нахуст.
Мани чобукандеши густохдаст,
Ки андешаам дасти амсол баст,
Биёмӯхтам аз ишороти ӯ
Румузи сухангустарӣ мӯ ба мӯ,
Сурудам ба тарзи Низомӣ калом,
Суханро бад-ин тарз додам низом.
Фузудам дар ин пеша аз Анварӣ,
Ки ӯ мӯҳрагар гашту ман ҷавҳарӣ.
Зи ман боварат гар нагашт ин сухун,
Ки бо шохи гул кай расад хорбун!
Бубин, то чӣ сон мадҳи шаҳ мекунам,
Нисори гуҳар чун шабаҳ мекунам.
Ҷаҳоншаҳриёро, Худо ёри туст,
Худо ёру гетӣ мададгори туст.

Туӣ офтобу сарират сипеҳр,
Сарири туро поя моҳ асту меҳр.
Заминро тавон барсутуд осмон,
Ки ту офтобию бар вай равон.
Бизан кӯси давлат, ки навбатбар аст,
Бидон қадри навбат, ки давлатбар аст.
Ба давлат дили дӯст овар ба даст,
Сари хасм бишкан, ки бояд шикаст.
Дили душмани тирагавҳар шикан,
Дар ислом қорурае баршикан.
Ба торак ҳаме тоҷи заррин бинеҳ,
Гиреҳ бар дили Моҳу Парвин бинеҳ.
Барафроз бар чарх пои сарир,
Бурун о чу хуршеду олам бигир!
Ба кайвон бикаш қуббаи боргоҳ,
Бияфзой аз хайли анҷум сипоҳ.
Шаҳо, шаҳриёро, меҳо, меҳтаро!
Саро, сарфарозо, беҳо, беҳтаро!
Чу бахшид Эзид туро сарварӣ,
Чу бар сарвари халқ пайғамбарӣ,
Чунон кун, ки бар сафҳаи рӯзгор
Яке ном монад зи ту ёдгор.
Ба адл андаро ҳамчу Нӯширвон,
Ба ҳар ком бахшой нӯше равон.
Нигини Сулаймон дар ангушт кун,
Гарат дев рӯй оварад, пушт кун.
Маҳил, то нагирад нигинат зи каф,
Ки дев одамиро нахоҳад шараф.
Бадонро бидеҳ гӯшмоле чунон,
Ки некон ба некӣ бимонанд аз он.
Чу бадро бубинанд подош бад,
Ғанимат шуморанд некии х(в)ад.
Сикандаршукӯҳо, сулаймонфаро,
Фалакмаснадо, офтобафсаро.

Чу рӯзии мардум ниҳод осмон,
Бад-он шуд кафи кофии ту чунон.
Чунон кун, нагиранд дар бозхост,
Ки он аз чӣ афзуду ин аз чӣ кост?
Чаро меши фарбеҳ барад аз ту шир?
Чаро монд меши дижам нимсер?
Гадоро чаро матбахӣ нон надод?
Ба мунъим вале хони алвон ниҳод!
Чаро бевазан чархаресӣ кунад?
Чаро бепадар косалесӣ кунад?
Чаро аз ту н-омад ба аҳли ҳунар
Ба ғайр аз кафи хушку рухсори тар?
Чаро зар гирифтӣ қадам бар қадам,
Ба ҳам барниҳодӣ ҳарам бар ҳарам?
Закот аз чӣ масруфи мусриф нашуд?
Чаро хориҷ аз забти мушриф нашуд?
Ба забти мадохил бупардохтӣ,
Бияндӯхтиву барандохтӣ!
Кунун, к-омадӣ, то чӣ дорӣ, биёр
Аз он ҷумла ганҷе, ки бурдӣ ба кор.
Ман аз баҳри он додамат мулку мол,
Ки фаррух шавад халқро аз ту ҳол.
Х,ам аз сарфи ганҷу хам аз зарби теғ
Ниҳӣ шаръро поя бар моҳу меғ.
На аз баҳри он к-офати дин шавӣ,
Ба маҳшар сазовори нафрин шавӣ.
Бузург аст шаъни Худое аз он,
Ки ин подшаҳ гӯяд он бостон.
Машав ғарра дар коргоҳи ҳисоб,
Бувад зарра ҳампаллаи офтоб.
Фаромурзбурзо, таҳамтантано,
Фаридуншикоро, Қубодафкано!
Туро чун зи тоҷи Каю тахти Ҷам
Гуҳар то миён асту зар то қадам.

Шароби ҷавонит андар сар аст,
Тарози каёнит андар бар аст.
Ба пайкар чу кӯҳӣ, ба бозу чу нахл,
Чу абрӣ ба харҷу чу баҳрӣ ба дахл.
Сари шаҳриёрон кашидӣ ба дом,
Задӣ сиккаи шаҳриёрй ба ном.
Чу хуршед, к-офоқ гирад ба нур,
Гирифтӣ ҷаҳонро саросар ба зӯр.
Ҷигаргоҳи гурдон даридӣ ба теғ,
Ки гардун бар ишон бихӯрдӣ дареғ.
Чу теғат ба кундоварон рафт тунд,
Зи полоиши мағз гардид кунд.
Фузудӣ ба қадр аз маҳу офтоб,
Ту худ баҳр гаштиву он ду ҳубоб.
Расидат бад-он поя саъдахтарӣ,
Ки шуд лӯълӯи афсарат Муштарӣ.
Маро бим аз он аст, к-ин иззу шон,
Ки аз ваҳм берун бувад в-аз гумон,
Мабод афканад дар ниҳодат ғурур,
Ғуруре, ки дар давлат орад футур.
Ту ғофил дар айвон бинӯшӣ шароб,
Равад рахти мардум ба тӯфону об.
Ба яғмо бароранд авбош даст,
Набудӣ ба ин фирқа, эй кош, даст!
Агар шерро сар ба зону бувад,
Сияҳгӯш дар беша бону бувад.
Насим аз вазидан агар бозхуфт,
Ба ништар раги хунро пашша суфт.
Фалакборгоҳо, қамартавсано,
Туро офарино, туро аҳсано!
Чу гетӣ туро бар сар афсар ниҳод,
Ба ангуштат ангуштарин барниҳод,
Биронончунон ҳукми ангуштарин,
Ки гар гум кунӣ, гӯяд: «Ангуштар ин!».

Ба ҳар шориъе пои ҳиммат ниҳӣ,
Бинеҳ гар ба ҳукми шариат ниҳӣ.
Манеҳ по зи роҳи шариат бурун,
К-аз ин раҳ бурун мавҷи теғ асту хун.
Тавонӣ, ба роҳи шариат бирав,
Чу рафтӣ, бар ин раҳ ба ҷаннат бирав.
Шариат бувад шоҳроҳи фарох,
Зи ҳар сӯ ба фирдавс пайваста шох.
Бар ин раҳ ҳар он кас, ки ронад фарас,
Бувад матраҳи раҳли ӯ хулд бас.
Шариат ҳаме ҷодаи анбиёст,
Бирав хуш дар ин ҷода, раҳбар Худост!
Аз ин ҷода ҳар кас қадам вониҳад,
Сари хештан дар кафи по ниҳад.
Ба имдоди шаръ он кӣ пардохтаст,
Ба имдоди ӯ кори худ сохтаст.
Шариат, ки Эзид нигаҳбон ба ӯст,
Ту гар саҳл гирӣ, чӣ нуқсон ба ӯст?!
Агар бар шариат мадад медиҳӣ,
Мадад не бар ӯ, бал ба х(в)ад медиҳӣ.
Бувад шаръ дарё, ту киштисавор,
Бикӯш, оби дарё ба ҷунбиш дарор,
Ки чун оби дарё биҷунбад зи ҷо,
Кунад киштӣ аз ҷунбиши он шино.
Зи ҷунбиш ба дарё чӣ ҳосил расад,
Магар киштии ту ба соҳил расад.
Тузуке, ки Темури соҳибқирон
Дар ӯ кард оини давлат баён,
Ба ҳар сафҳа сад ҷо чунин зад рақам:
Ки тавъам бувад шаръу давлат ба ҳам.
Ман ар з-он, ки бо неруи тегу ганҷ
Задам бехи навбат дар иқлими панҷ,
Ҷуз ин ҳеҷам андеша дар дил набуд,
Ки равнақ ба ислом хоҳам фузуд.

Маро, алҳақ, ин азми фаррухасар,
Даровард зери нигин баҳру бар.
Зи ман бо набоир чунин бод панд,
Ки аз шаръ давлат шавад арҷманд.
Бас ин нуктаҳое, ки пардохтам,
Бисуфтам чу дур, бо ту андохтам.
На худ рашҳаи килку лолои туст,
Ҳамон гуфтаи ҷадци волои туст.
Ту чун ҷадди худ гар бар ин сар шавӣ,
Ба ҳар ҳафт иқлим сарвар шавӣ.
Азизон ба ҳар гӯша панде заданд,
Ба ҳар гӯш аз он панд банде заданд.
Шунидам ман аз ту раҳи бандагӣ,
Намудам ба ту арзаи бандагӣ.
Сухан аз бузургону ин ҳеч кас
Ба таблиғи он тарҷумон асту бас.
Манам баски парвардаи хони ту,
Фурӯтар ғулом аз ғуломони ту.
Зи дастам наёяд, ки рӯзи набард
Ниҳам теғ бар фарқи мардони фард.
Мунаҷҷим наям, то ба аҳкоми зич
Занам нукта з-ин гунбади печ-печ.
На набзозмоям, на қорурадон,
Ки асрори тиб бо ту созам баён.
На хунёгарам, то ба оҳанги уд
Сароям ба ҳар парда навъе суруд.
Мусаввир наям, то ба чарми ғизол
Кашам сурати шеру шакли шағол.
Яке марди бечораам з-аҳли илм,
Фурӯ бурда пое ба домони ҳилм.
Гирифтори қайди мавонеъ шуда,
Ба хурдӣ зи ҳар илм қонеъ шуда.
Надониста асрор, хонда тамом,
Ба дониш, вале бар ғалат бурда ном.

Гаҳе хиҷлатам ояд аз номи хеш,
Ки аз қадри ҳолам ситоянд беш.
Киям, то ситоянд хулқам ба ҷой
Ҷавонмарди фарзонаи некрой?!
Ғараз гарчи шӯҳрат бувад бар хилоф,
Вале асли дониш надорад гизоф.
Ба ҳар қисм филҷумла донйшварам,
Гар аз ин фурӯтар, аз он бартарам.
Дар овони нодониву кӯдакӣ,
Ки найро ҳамехондаме борагӣ.
Маро бар дабистони дӯшизагон
Супурданд чун барқ дар найситон.
Буте дидам афтода зулфаш ба рӯй,
Гиреҳ бар гиреҳ, шӯъла ҳамчун ба мӯй.
Қадаш сарв, аммо шуда борвар,
Ду рухсора аз гул, ду лаб аз шакар.
Ман он дидам, аз ҷо биҷунбидаме,
Ба худ ҳамчу зулфаш бупечидаме.
Инонам зи каф рафту сабрам зи дил,
Қадам пеш мондам, фурӯ шуд ба гил.
Чу Маҷнун, ки ишқе ба тифлӣ супурд,
Маро Лайлие ҳамчунон дил бибурд.
Дар он дам, ки ин сон насақ доштам,
Зи девони Ҳофиз сабақ доштам.
Ҳамехондам абёти ширини он,
В-аз он хонданам тоза мешуд равон.
Ба ҳадде, ки тоқат зи ҷонам кашид,
Зи хондан ба гуфтан инонам кашид.
Зи шаб то саҳар шеър мегуфтаме,
Гаҳе дар гуҳар мӯҳра месуфтаме.
Ба Маҷнун, ки устоди ин пеша буд,
Сухан шоху барг асту ӯ реша буд,
Ҳамебурдаме, то бигӯяд тамом,
Ки ғашшаш кадому саминаш кадом.

Зи ишқе, ки дар хурдӣ андӯхтам,
Ҳамин пешаи шеър омӯхтам.
Дар ин син, ки биспардам ин кӯчарах,
Надонам, ки дах буд ё ёздах.
Ба соле ба шавҳар бирафт он нигор,
Маро монд фикри сухан дар канор.
Маро боис ин буд бар шоирӣ,
Бар ин тирабахтиву шумахтарӣ.
Чаро в-арна донодили ҳушёр,
Кунад шеваи шоирӣ ихтиёр?
Ки шеър аст оташ, дигар фан матоъ,
Тавонӣ дар оташ маяфкан матоъ.
Маро нахли дониш басе мева дод,
Ки шеърам бар он барги найсон ниҳод.
Чу дар хурдсолӣ суханвар шудам,
Дар ин баҳр якдона гавҳар шудам.
Ба ҳар фан бупардохтам, баъд аз ин
Маро толеъ омад дар он саъд аз ин.
Ба таҳсили ҳар фан, ки биштофтам,
Сари дасти амсоли худ тофтам.
Кунун он чи омад зи даврон маро,
Ду-се илми расмист сомон маро.
Ки гар арза созам ба иззи бисот,
На огоҳӣ омад аз он, не нишот.
Магар нусхаи шеъре иншо кунам,
Бар он нусха мадҳи ту туғро кунам.
Нигорам зи дунболи мадҳи ту панд,
Ки ҳар як бувад гавҳаре арҷманд.
Ба дастури Саъдӣ, ки дар «Бӯстон»,
Ба мадҳи Абибакр шуд тарзабон
В-аз он бас ба ҳикмат қалам баргирифт,
Зи ҳар гуна пандаш рақам баргирифт.
Туро поя беҳ аз Атобак бувад,
Чу Саъдӣ маро табъи чобук бувад.

Ту бишнав, ман орам сухан дар суруш,
Ки аз ахди пешон бараяд хурӯш.
Гаҳе мадҳу гаҳ панд гӯям туро,
Раҳу расми некӣ биҷӯям туро.
Ниҳам пояи мидҳатат бар фалак,
Кунам соқит аз зимма ҳаққи намак.
Гар он ҷумла пандам нагирӣ ба гӯш,
Яке панд гӯям, ки бо ман маҷӯш.
Гарат некхоҳе ба некӣ ситуд,
Ба подоши ӯ бад нашояд намуд.
Бубин, то чӣ сон ҳарфи ширин задам,
Чӣ сон ангубин аст ҳамчин задам.
Чу мум ончунон чарб кардам забон,
Ки гар афшурӣ, шахд резад аз он.
В-агар ҳарфи талхе ба маъҷуни панд,
Сириштам чу сабри сақутар ба қанд.
Ба нафъаш нигар, не ба талхии он,
Ки талх оварад суду ширин зиён.
Бал аз талхии он тавон бурд пай,
Ки лошак ҳақи туст мазмуни вай.
Ба мӯҳри кӣ дурри ҳақоиқ бисуфт,
Шунидӣ, ки алҳаққу муррун' бигуфт?
Ту донотарӣ аз ман, эй шаҳриёр,
Ба асрори пӯшидаву ошкор.
Вале ин бувад расми ахди замон,
Ки мадҳе бигӯянд, панде дар он.
Гар аз панд холӣ бувад мадҳи шоҳ,
Масал осмонест, холӣ зи моҳ.
Ман аз баҳри он кардам илҳоқ панд,
Вагарна кӣ бурдаст бар Миср қанд?
Нашояд, ки зира ба Кирмон баранд,
Набояд, ки гул сӯи бустон баранд.

1. хакиқат талх аст.

Бувад бо Хито мушк бурдан хато,
Ки мушк оварад корвон аз Хито.
Илоҳӣ, бувад то фалакро мадор,
Илоҳӣ, бувад то заминро қарор,
Ба аҳци ту бодо мадори замон,
Ба даври ту бодо қарори ҷаҳон!
Кулоҳи каёнит бар фарқ бод,
Сарат то камар дар гуҳар ғарқ бод!
Зи бахт он чӣ ҷӯӣ, биёбӣ тамом
Ба ҳаққи Муҳаммад алайҳи с-салом.

## ДАР СИТОИШИ СУХАН ГӮЯД

Сухан ҳаст анқои ин рӯзгор,
К-аз ӯ ном мондасту он низ хор.
Суханвар дар ин аҳд чун кимиёст,
Сухан меҳр гӯӣ, суханвар вафост.
Суханро дар ин аҳд тавқир ку?
Ба рӯи сухан ғоза ҷуз қир ку?
Сухансанҷро ҷои ором нест,
Ба зер-андараш фарш ҷуз дом нест.
Суханро, ки сиҷнаш маҷолис бувад,
Ба сиҷн аст он, к-ӯ муонис бувад.
Чу тӯтӣ, ки ҳар гаҳ суханвар шудӣ,
Зи саҳни чаман дар қафас дар шудӣ.
Наҷӯяд, чу ҷӯяд зи масҷун касе,
Набинад, чу бинад бикоҳад басе.
Магар мустаманде зи ҳамгавҳараш,
Ниҳад пои тимор дар бистараш.
Чу парвона бо оташ афсона аст,
Х,ам афсона бо ӯ, ки парвона аст.
Агар ҷуғд рӯ дар харобӣ кунад,
Дигар ҷуғдакаш ҳамрикобӣ кунад.

Сухандон кунад бо сухандон пасич,
Ки хоҳад задан мор бо мор печ.
Киро заҳра то даст бо ӯ барад,
Ки дидан ҳамон заҳра бар вай дарад?!
Сухан ончунон аст бо халқ хор,
Ки набвад чунон хор дандони мор.
Сухан хор аз он аст, ҳафват азиз,
Ки набвад зи ҳафват суханро тамиз.
Садо, к-аз раҳи ной хезад баланд,
Сухан ғайр аз он бо кӣ афтад писанд?
Кӣ огаҳ, ки ин исмро шахс кист?
Чӣ лафз аст ин исму маънаш чист?
Бувад назми махсус Қуръон, вале
Ҷуз он назм ҳам бошадаш маҳмиле.
Ба Қуръон ҳаме маънии дигар аст,
Ки он маънӣ ин назмро масдар аст.
Як он бар забонҳо равад ҳарф'-ҳарф,
Як ин не тагайюр пазирад на сарф.
Аз он шуд ба миллат хилофе азим,
Яке ҳодисаш хонд, дигар қадим.
Сухан низ маънии дигар дар ӯст,
Магар обгина, ки гавҳар дар ӯст.
Суханро ба зоҳир набояд шинохт,
Ки зоҳирпарастӣ басе фитна сохт.

## ТАСНИД

Шунидам авоне зи Аббосиён,
Ки нафрин бар он боду аъвони он.
Ғулув дошт бар мазҳаби эътизол,
Ҳамеронд аз халқи Қуръон мақол.
Зи ҳар сӯ машоих ба маҷлис бихонд,
Сухан в-он гаҳ аз халқи Қуръон биронд

В-аз ишон дар он қазя ҷуст эътироф,
Ниюшид посух, вале бар хилоф.
Бифармуд, то ханҷар афрохтанд,
Сари бегуноҳон ба дор охтанд.
Чу бар пӯст печид он тирамағз,
Ғалат пӯст барканд аз он қавми нағз.
Бубин, то суханро чӣ мансубҳост,
Чӣ сон аз сухан дар сухан моҷарост.
Сухан шаҳсавору ҳаво ашқар аст,
Ба ин ашқараш рӯ ба ҳар кишвар аст.
Сухан бо ҳаво гар тамаввуҷ кунад,
Дар атрофи олам тафарруҷ кунад.
Ба ҳар сӯ, ки ин хусрави мулки ҷон
Диҳад хайзурони саборо инон,
Бувад баҳри ӯ манзиле сохта,
Зи ҳар кӯ-ш кошона пардохта.
Чу аз раҳ кунад рӯ ба манзил ҳаме,
Занад такя бар маснади дил ҳаме.
Сухан подшоҳест кишварситон,
Ки кишвар ситонад ба ҳарфе равон.

## ТАМСИЛ

Амире, шунидам, ки як чашм дошт,
Ки бар иззу ҷоҳаш фалак хашм дошт.
Бар ӯ суда каъбе алам баркашид,
Давоҷ аз бару тоҷаш аз сар кашид.
Адӯ бар сари тахти якчашма рафт,
Ки аз чашми якчашма сад чашма рафт.
Чу зад лек бар тахти заррина гом,
Ба саблат зи якчашма пурсид ном.
Бигуфташ: - Маро бахт дар накбат аст,
Вале ном баръакси он давлат аст.
Бихандид лангу ба тиббат бигуфт:

Маро кӯрии давлат омад шигифт.
Бигуфташ, ки кӯр асту ҳам кӯр бод,
Ки дар пеши ланге ба пой истод.
Чу донодил ин нукта аз вай шунид,
Зи саффи ниъолаш ба маснад кашид.
Ҳисоре, ки аз вай ба соле ситонд,
Ба ҳарфе дигарбора бо вай нишонд.
Суханро ба пешинагон қадр буд,
На ин кафшкан манзилаш садр буд.
Басо ринд, к-ӯ нуктаи хуш бизад,
Ба базми шаҳон ҷоми беғаш бизад.

## ТАМСИЛ

Яке аз салотини дерин гаҳе
Гузар кард бар нахлаи анбуҳе.
Ки биншонда пире-ш аз нав ба хок,
Ба теғе ҳаме кардаш аз ҳашв пок.
Бад-ӯ гуфт: - Эй пири деринасол,
Бад-ин умр кай бар хурӣ з-ин ниҳол?
Худ ин нахлро одат ин асту кор,
Пас аз бист сол оварад баргу бор.
Чунин гуфт деҳқони донишвараш,
Ки гар ман нахурдам, хурад дигараш.
Чу худ хурдаӣ барги пешинагон,
Дарахте пасояндагонро нишон.
Пазиро шуд ин нукта бо шаҳриёр,
Бибахшид бо ӯ дирам даҳ ҳазор.
Дигарбора гуфт он куҳан хурдадон,
Ки эй дасти ту ғайрати баччагон,
Ба қарне дарахте, ки медод бар,
Бишуд ҳолӣ аз юмни ту борвар.
Шаҳаншаҳ зи ҳарфаш чунон гашт шод,
Ки бозаш дучандони аввал бидод.

Сухан нахли пурбор буд аз нахуст,
Кунун шоха бишкасту шуд реша суст.
Аз ин шох ҳар кас самар мехӯрад,
Чу реша ба гардан табар мехӯрад.
Гирифтам сухангустаре ҳушманд,
Ки ангехтӣ аз наи хома қанд,
Ба ин қавл маҷмӯае густарад,
Ки ҳар назми он оби гавҳар барад.
Саранҷом подош чун барниҳанд,
Ки бо гавҳаре нақди гавҳар диҳанд.
Гузоранд қимат ба байте ҳазор,
Хиёрии он ҳам ба чандин хиёр.
Ба ин фирқа хоранд аҳли калом,
Чу бӯи суман дар машоми зуком.
Надонанд қадри ҳунармандро,
Чу сафродамон лаззати қандро.
Ба таҳсини ашъори пешинагон
Ҳамебинам ангушташон бар даҳон.
Агар нукта ҷӯям, бар он офарин,
Бигӯянд: Шеъри Ҳилолист ин.

## ТАМСИЛ

Яке аз надимони ман бегаҳе
Ҳикоят чунин кард аз аблаҳе,
Ки дар маҳфиле дишаб аз бонги ной
Ҳамезад гиреҳ ашки талхаш ба ҷой.
Зи оҳанги най он қадар мегудохт,
Ки дар об гӯӣ шакар мегудохт.
Чу симои ӯ буд бурҳони ҷаҳл,
Ба ваҷде, ки мекард, бинмуд аҳл.
Шигифтам фузун шуд, ки таҳқиқи соз
Надониста чун ӯ фитад дар гудоз?

Биҷустам аз ӯ, к-эй бар ин шӯъла дуд,
Чӣ ном аст, к-ин шӯъба мутриб суруд?
Ҷавобам чунин дод, к-эй хирарой,
Ба суре надидӣ магар сурной?
Бизад даст бар даст, к-ин ёва кист,
Ки найро зи ман ном пурсад, ки чист?
Ҳамоно барам инчунин аҳмақ аст,
Ки мебинам ин базми беравнақ аст.
Маро ҳарфи ӯ бар дил омад гарон,
Ба нафрин чу алмос кардам забон.
Ман ошуфтам, ӯ низ ошуфта шуд,
Суханҳо ба ошуфтагӣ гуфта шуд.
Фурӯ ҷастам аз ҷои хеш, ӯ ба ҷой,
Ман аз ной бигрифтамаш, ӯ зи пой.
Чунон судамаш ной з-ангушти кин,
Ки мегуфт ноӣ ба ман офарин.
Зи шумии он бехирад саҳни базм
Ғараз, паҳндаште шуд аз баҳри разм.
Туро гар бувад даъвии обрӯй,
Ба даъвои ин қавм ҳуҷҷат маҷӯй.
Алифро алаф гар кунанд эътиқод,
Ба ин говмардум макун инқиёд.
Яке панҷа в-арна зи фӯлод кун,
Яке бозу аз шохи шамшод кун.
Нахустин, ки дар маҷлис орӣ сухан,
Ба муште сари хасми худ баршикан.
Худоё, бар ин қавм тавфиқ деҳ,
Сулуке ба ҳанҷори таҳқиқ деҳ.
Чаро аблаҳе хӯрда соле ҳазор,
Бувад беҳ зи навзодае ҳушёр.
Чаро гуфтаи зиндагон ботил аст?
Камоли сухан мурдани қоил аст!?

Чаро гар кунад шоире каффи ғайб,
Бувад шеъри ӯ холӣ аз нақсу айб.
Суханро валоят нагардад далел,
Ки ҳар як ҷудогона дорад сабил.
Нашояд сухан бо валоё сутуд,
Басо кас валӣ буду шоир набуд.
Паямбар, ки ҳиммат ба ҳар фан гузошт,
Сари ошноӣ ба ин фан надошт.
Валӣ низ агар шеъри зебо бигуфт,
Бар ӯ нест рабти валоят шигифт.
Маро бин, ки дар мудцати умри хеш,
Нарафтам ба масҷид ду-се бор беш,
Чунон густарам шеъри мӯъҷизбаён,
Ки сирри валӣ оҷизояд аз он.
Ғалат гуфтам ин фол аз он қуръа аст,
В-аз он соғар ин бода таҳҷуръа аст.
Маро гар дар ин пеша дасте расост,
Ҳам аз дасти ёрии Саъдӣ бихост.

## ВОҚЕАИ НАВМИЙЯ[1]

Дар овони тифлӣ, ки аз заъфи рой,
Намекардам аз фарқи сар фарқ пой.
Яке рӯз бар одати кӯдакон
Ба ҳар гӯша чун гӯй будам равон.
Чу аз лаъби тифлона пардохтам,
Ба зонуи модар сар андохтам.
Маро дояи хоб баҳри фароғ
Бимолид афюне андар димоғ.
Дар он ғафлатам огаҳӣ ёр шуд,
Хирад гуфт: - Инак, туро кор шуд!

1. Воқеае, ки дар хоб дидааст

Шунидам, ки човуши қудсипаём
Ҳамегуфт: - Ҳон, сӯи айман хиром!
Қадам чун ниҳодам сӯи рост рост,
Ки худ растагорӣ раҳи ростраст.
Яке боғ дидам баророста,
Чу «Бустон»-и Саъдиву бупроста.
Дар ӯ ҳар тараф халқе аз хайл-хайл
Равона чу бар беша аз кӯҳ сайл.
Ба дунболи ишон фитодам чу гард,
Чу гарде ба дунболаи раҳнаворд.
Ба зери дарахте чу гаштем ҷамъ,
Бад-он сон ки парвона бар гирди шамъ,
Яке мурғ дидам ба шохе аз он,
Нишаста чу бар ҷисми нозук равон.
Аз он ҷамъи анбуҳ ҳар кас, ки ҳаст,
Суи ӯ ба такбир мебурд даст.
Ҳаме дидам, он мурғи донониҳод,
Ба дасти касе дасти байъат надод.
Ман аз гӯшае даст кардам дароз,
Ба чанги ман он мурғ омад фароз.
Зи ҳар гӯша бархост бонги баланд:
Муборак туро давлати арҷманд!
Ту Шоҳинӣ, эй кӯдаки растагор,
Кунӣ тоири табъи Саъдӣ шикор.
Саросема барҷастам аз ҷои хеш,
Бидидам ба дасти падар пои хеш.
Дил андар бараш дар тапиш з-ин гумон,
Ки бар ман расид аз сагон чӣ зиён.
Бипурсид: к-эй равшаноии чашм,
Магар бар ту омад зи кобус хашм?
Маро он чи омад, чи воқеъ, чи фарз,
Расондам ба самъи шарифаш ба арз.
Падар чун ба хобам тааммул намуд,

Бар он тахният тахният барфузуд.
Ба таъбири он хоби фаррухасар
Фурӯ рехт аз дурҷи гавҳар шакар.
Чунин гуфт бар модарам, к-эй аҷуз,
Қарин гашт шоми умедам ба рӯз.
Умеде, ки ин сабза бустон шавад,
Навиде, ки ин қатра Уммон шавад.
Яке рӯз бинӣ, ки ин мӯри ланг
Сари аждаҳоён бикӯбад ба санг.
Забонаш чу Саъдӣ ба теғи баён
Бигирад карон то карони ҷаҳон.
Ба Саъдӣ чӣ ҳолат, ки омад падид,
Аз ин ахтари саъд гардад ҷадид.
Фалак хирқаи ӯ бипӯшад бар ин,
Ки бар фарқи маҳ афшурад остин.
Агарчанд умрам ба ҳафтод рафт,
Кунунам ғами пирӣ аз ёд рафт.
Азизе маро гуфт сирре ниҳуфт
В-аз он сир маро буд доим шигифт.
Кунун рост шуд, он чӣ ӯ гуфта буд,
Ғалат мӯҳра гуфтам, ки дур суфта буд.
Чу модар бипурсид аз ӯ сирри ҳол,
Чунин кард он пири доно мақол:

**ҲИКОЯТ**

Дар он дам, ки бастам ба харлоша зин,
Ба азми Бухоро зи Хатлонзамин.
Нахустин Самарқанд шуд манзилам
В-аз он манзили тоза хуш шуд дилам.
В-аз он маъдани фазл қадри ду сол,
Намудам ба таҳсили илм иштиғол.
Дар он мулк як тан зи мардони ғайб,

Ҳамегашт пӯшида ҳусне ба айб.
Ба бар жанда, бар сар кулоҳе се-чор
Мураққаъ чу хуршеду абри баҳор.
Ба зоҳир ба майхона ором дошт,
Ба ботин зи нӯҳ чарх пайғом дошт.
Ба чашми хирад гарчи з-ӯ нур буд,
Ба Махдуми девона машҳур буд.
Маро дар сар афтод коре чунон,
Ки бояд дуое гирифтан аз он.
Шабе рӯз кардам ба ин васваса,
Саҳаргаҳ бурун гаштам аз мадраса.
Чу соя ба дунболи он офтоб,
Задам пӯя, то шуд ниҳон офтоб.
Дар ин фурсатам илтифоте накард
В-аз он нуқл бархе суботе накард.
Саросар имороти он шаҳр дид,
Шабонгаҳ алам сӯи саҳро кашид.
Хурӯшон-хурӯшон чу тири синон
Равон шуд сӯи пуштаи мӯъминон.
Ба ҳар гӯр мерафту мемонд гӯш,
Гаҳе буд хандону гоҳе хамӯш.
Маро кард ишорат ба хоке баланд,
К-аз ин хок лахте бибояст канд.
Замине, ки чун сатҳ ҳамвор буд,
Бифармуд, тасним бинмой зуд.
Магар шуд бар он марди комил аён,
Ки мардест осуда дар зери он.
Чунин зад ба ҳар сатҳи холӣ чумоқ,
Намудам мусаннам ба рифъат чу тоқ.
Чу пардохтам кори ӯ бар мурод,
Бигуфт: - Эзидат пури фаррух диҳод!
Чунин гуфту сар бар сари сина монд,
Сиришк аз ду чашми муборак фишонд.

Замоне хурӯшиду гаҳ маҳв шуд,
Чӣ наҳв аст дарё ҳамон наҳв шуд.
Магар сайди матлаб ба хамми каманд
Кашид, он ки бардошт бонге баланд.
Бигуфт: - Эй ба ҳар нотамомӣ тамом,
Чдшар тофта з-оташи фикри хом.
Туро мо се чиз аз Худо хостем,
Яке з-он ба сад илтиҷо хостем.
Нахустин туро илм бахшиду мол,
Сеюмбора фарзанди соҳибкамол.
Ниҳоли умедат чунон бар диҳад,
Ки завқи маю таъми шаккар диҳад.
Димоғи хирад тоза гардад аз ӯ,
Ҳунар соҳибовоза гардад аз ӯ.
Ба дониш дар офоқ ёбад қабул,
Кунад дар дилаш сирри Саъдӣ ҳулул.
Ба хурдӣ бузурге шавад дар улум,
Ки ӯ моҳ гардад, бузургон нуҷум.
Бирав мунтазир бош, то дар сипеҳр
Битобад ҳамон меҳри фархундачеҳр.
Чу тахмин ба таҳқиқ пайванд ёфт,
Чу ту марди беҷуфт фарзанд ёфт.
Худоро сано гӯю моро дуруд,
Ҳам аз мо бар он пури доно дуруд.
Зи девона бо ӯ саломе расон,
Саломе расондӣ, паёме расон,
Ки офоқу анфус намонад ба ҷой,
Худ он ҷумла фонист, боқӣ Худой.
Гар аҳли ҳузуриву аҳли қиёс,
Ба ҳар раҳ, ки хоҳӣ, Худоро шинос.
Суханро бар ин ҷо чу тақрир кард,
Маро хайрбоде ба тавқир кард.

Вале буд дар сирати ман шигифт,
Аз он сир, ки донои асрор гуфт.
Биҳамдиллаҳам илму давлат зи бахт
Расиду ҳам ин шох руст аз дарахт.
Бар он сир, ки бисруд он кони сидқ,
Шуд ин хоби фархунда бурҳони сидқ.
Падар чун ба модар суруд ин калом,
Ба таҳсили илмам намуд эҳтимом.
Маро дар сарои адаб бор дод,
Адиби сароро гулу хор дод.
Чу зар ҳадя бар устодам намуд,
Ба соле ду равшан саводам намуд.
Қалам баргирифтам, навиштам рақам,
Шудам дар ду-се моҳ софиқалам.
Ба иншогарӣ кардам андеша чуст,
Аз ин шох ҳам барги ғайбам бируст.
Ба назми сухан чун бупардохтам,
Гуҳарҳо ба домон барандохтам.
Бад-он хурдсолӣ шудам хурдадон,
Ки бар ман ҳасад бурд пиру ҷавон.
Шудам з-аҳли дониш ба соле се-чор,
Падарро ба ман барфузуд ифтихор.

## ТАСНИД

Падар, к-Эзидаш музди тоат диҳод,
Беҳин ҷойгоҳаш ба ҷаннат диҳод.
Чу умраш сар омад ба ҳаштоду ҳафт,
Маро хирмани айш бар бод рафт.
Сараш бар висода ҳаме паст шуд,
Саранҷом кори ман аз даст шуд.

Равонаш зи тан роҳи ҳанҷар гирифт,
Маро чун равон танг дар бар гирифт.
Кашид остини карам бар сарам,
Бирафт ашки хунин зи чашми тарам.
Насиҳат ҳамекарду ман дар фиғон,
Ки гул чун зияд дур аз бӯстон.
Пас он ҷумла гавҳар ниҳодам ба гӯш,
Забон чарбу ширин намудам чу нӯш,
Ки эй хоки поят саводи басар,
На як, бал беҳ аз садҳазорон падар.
Дар овони тифлию аҳци шабоб
Ба ширам бупарвардию шахди ноб.
Маро сирри ҳар илм омӯхтӣ,
Чароғам ба сад ҷода афрӯхтӣ.
Яке хидмат аз дасти ман барнахост,
Ки бо вай тавассул намудан равост.
Чӣ вуслат ниҳам бар биҳил хостан,
Ҷуз аз хиҷлату ҷурми худ костан?
Маро ҷуз хато гарчи дар бор ҳаст,
Хато бар хатобахш душвор ҳаст.
Бубахшой бар ман, ки бечораам,
Зи кӯи накӯномӣ овораам.
Шунидам яке рӯз пири куҳан,
Ки дар боби фарзанд мезад сухан.
Чунин гуфт: - Фарзанди фарзонарой,
Ҳамон аст, к-афтад падар чун зи пой,
Ба болини ӯ хатми «Ёсин» кунад,
Ибороти тавҳид талқин кунад.
Гар ин аст оини хидматгарӣ,
Бар ин хидмат инак ману чокарӣ.
Ҷуз ин вуслатам ҳаст, боре, бубахш,
Дами рафтан, эй меҳр, бар ман дурахш.

Падар, к-ин ҳадиси навоин шунуфт,
Даҳонам паёпай бибӯсиду гуфт:
Ки эй чашми ман равшан аз рӯи ту,
Дили зиндаам мурда аз бӯи ту.
Кунам дар ду дунё бад-он ифтихор,
Ки ҳамчун ту фарзанд дорам ба бор.
Ҷуз ин давлате хубтар бо писар
Чӣ бошад, ки бар вай бинозад падар.
Ман алминна[1] дархурди ин давлатам
В-аз ин дархӯрӣ дархури ҷаннатам.
Падар эй, ки розӣ зи эҳсони туст,
Ба қавли паямбар биҳишт они туст.
Паямбар худ ин қазя кардаст акд,
Кафи пои модар биҳиштест накд.
Зи аъмоли шоиста рӯзи пасеч,
Маро ҷуз ризои падар нест ҳеч.
Гар Эзид пазирад фануъмуннаъим[1 2]
Вагарна ману санглохи ҷаҳим.
Ман ин давлате, к-он мадори ман аст,
Нишоти дили сӯгвори ман аст.
Шунидӣ, зи файзи сухан ёфтам,
Сухан ҳаст ганҷе, ки ман ёфтам.
Бувад ҳолати назъ ҳангоми нанг,
Ки дилхоҳи ранҷур н-ояд ба чанг.
Кабобе нахоҳад, ки рони шикор,
Ба тир афканиву ниҳӣ дар шарор.
Агар ганҷаш андар баробар ниҳӣ,
Худ он ранҷ дорад, ки дигар ниҳӣ.

1. шукр (мекунам)
2. неъмати бихишт

Замоне дар он ҳол бояст чарб,
Ки худ деврo боздорад зи ҳарб.
Ба ранҷур узре биронӣ чунон,
Ки ҷои биҳил бар ту бахшад равон.
Хавоси сухан дарнагунҷад ба шарҳ,
Макун қасрро шубҳа бар акси тарҳ.
Наёбад ба такмил қасре низом,
Муҳандис ба як руқъа санҷад тамом.
Суханро Низомӣ ба «Махзан» сутуд,
Аз ӯ бишнав, аз ман набояд шунуд.
Суханро сухандон ситояд, накӯст,
Ки ин шеваи хос махсуси ӯст.
Маро дар сухан гар тамомӣ бувад,
Бувад, кай ба қадри Низомӣ бувад?!
Агарчанд бар назми худ ғарраам,
Ҳам ӯ офтоб асту ман зарраам.
Гар аз «лонабиййа»[1] набудӣ нишон,
Набӣ будӣ он пири мӯъҷазбаён.
Низомиву Саъдӣ дуто гавҳаранд,
Ки дар дурҷи фикрам чу гавҳар даранд.
Ба тақлиди Саъдӣ ғазал густарам,
Ки гӯӣ яке Саъдии дигарам.
Диҳам маснавиро низом ончунон,
Ки рӯҳи Низомӣ шавад шодмон.
Илоҳӣ, бар он ҳар ду раҳмат намой,
Бар он ҳар ду раҳмат ба раҳмат физой.
Пазир аз ман аз юмни он ду азиз,
Ту худ ёварам бошу он ҳар ду низ.

1. ишора ба хадис: «Ло набийа баъди» (Баъд аз ман паямбар нахохад буд)

## ДАР СИТОИШИ ХУД ГӮЯД

Сухан гӯиё тифлу ман модарам,
Ки доим ба шираш ҳамепарварам.
Сухан буд умре ба ҳар дар ятим,
Чу тифле ки монад зи модар ятим.
Рухаш зарду тан лоғару дил нажанд,
Асири шиканҷу қарини газанд.
Зи обои улвӣ фитода канор,
Дилаш беқарору танаш сӯгвор.
Ба ҳар дар, ки месуд рӯи ниёз,
Аз он дар ҳамегашт навмед боз.
Маро раҳм омад, чу дидам чунон,
Ки моҳест дар абри накбат ниҳон.
Ба худ хондамаш аз раҳи эҳтиром:
Ки эй тифли фарзона, бо ман хиром!
Чу фарзанд биншондам андар бараш,
Бипарвардам аз ширу аз шаккараш.
Чу пистон ниҳодам забон дар даҳон-ш,
Ки тан фарбеҳу тоза гардид ҷон-ш.
Ба андак замон шуд ҷавоне бузург,
Бузи лоғаре буд, гардид гург.
Нахустин ки чангаш ба хун тез шуд,
Ба кини манаш азм хунрез шуд.
Тиҳигоҳи номуси ман пора кард,
Сари иззатам хӯрду бар хора кард.
Яке сахра гаштам чунон беиёр,
Ки бар риши ман ханда дорад мазор.
Ба ҳар маҷлис аз ман ҳикоят кунанд,
Нахустин ба шеърам шикоят кунанд.
Ки з-ин сон хирадманди донишписанд
Кашидаст дар пои ҳиммат каманд.

Тамаъ баста бар гарданаш полҳанг,
Гирифта ҳавас ҷайби ораш ба нанг.
Фазоил, ки андӯхт, андохтаст,
Ба касби разоил бупардохтаст.
Зи садри ифодат гирифта канор,
Намуда ба худ кафшкан ихтиёр.
Гадоӣ чӣ фазл аст, к-аз баҳри он
Зи касби фазоил гузаштан тавон?
Чӣ бад ҷоҳил аст он, ки шаръи расул
Гузорад, кунад мадҳи аҳли фузул.
Ба музде, ки аз шеър ҷамъ оварад,
Гумон аст, дар хона шамъ оварад.
Ба ин хомришон на рӯи тиҳист,
Ки деги тамаъшон зи қаля тиҳист.
Сухан, алғараз, бурд аз ман иёр,
Гуле будам, ин шеваам кард хор.
Гуҳар будам, аз мӯҳра камтар намуд,
Ба хокам чу сурма баробар намуд.
Раҳи растагорӣ ба рӯям бубаст,
Зи бори ғамам пушти ишрат шикаст.
Маро буд ҳосил зи гетӣ ба ҷаҳд,
Ҳамин ном, он ҳам фурӯ шуд ба маҳд.
Ҷафои сухан чунки аз ҳад гузашт,
Ба симои ман ранги ғайрат шикаст.
Барошуфтам аз фарти ғайрат ба хеш,
Ки то кай ниҳӣ нӯш дар коми неш?
Суханро, ки хор аст, хораш гузор,
Зи байғӯла дар раҳгузораш гузор!
Агар мор дидӣ фитода зи пой,
Тавонӣ ба помӯза фарқаш бисой!
Ту бо бад чунон кун, ки бо бад сазад,
Сари саг чӣ молӣ, ки дастат газад?

## ҲИКОЯТ БАР САБИЛИ ТАМСИЛ

Ҷавоне чунонам ба хидмат бизист,
Ки аз чордаҳ рафт умраш ба бист.
Сияҳ гашт хатташ ба тарфи узор,
Ниҳон шуд гулаш зери як даста хор.
Ҳамоно ниҳонӣ зи ман кишта буд,
Кунун киштаи хештан медуруд:
Ки аз тӯҳмати содарӯӣ бираст,
Магар аз паи содарӯён бубаст.
Яке рӯз мансубае соз кард,
Ба зеборухе фитна оғоз кард.
Ба таъдиби ӯ азми онам фитод,
Ки бо шаҳна биспорамаш, ҳарчи бод!
Амомабузурге ба ҷаҳде балеғ
Шунидам раҳонидаш аз зери теғ.
Чу он тирагавҳар раҳид аз ҳалок,
Ба он печи аммома печид хок.
Ба афсуни дил кӯдакашро ба даст
Биёвард симе, сабукаш бубаст...
Чу аз бад наоянд ба ҷуз бад падид,
Туро аз сухан то чӣ ояд падид.
Ривоҷе, ки додӣ касод омадат,
Салоҳе, ки дидй, фасод омадат.
Зи ғурбат ба хорӣ фитодӣ аз он,
Бубин ёвахон гаштӣ, эй хурдадон!
Чӣ лозим, мадеҳи касон густарӣ,
Кунад нокасонат мазамматгарӣ!
Чунин рафт андеша нозук маро,
Ба кини сухан кард чобук маро.
Зи болои маснад шудам бар замин,
Суханро ба худ хондам аз рӯи кин:

Ки эй носазовори баргаштабахт,
Зи хора дил, аз рӯй рӯи ту сахт.
Туро ман бипарвардам аз ҷону дил,
Ту пои нишотам нишондӣ ба гил.
Яке тифл будӣ низору нажанд,
Ман аз тарбият кардамат арҷманд.
Зи гарди ятимӣ бишустам сарат,
Ба зевар биёростам пайкарат.
Танатро чу кардам тавоно ба шир,
Ҷавонӣ макун бар парастори пир.
Ту подоши некӣ надонӣ чаро,
Ки дар пояи бад нишонӣ маро?
Ба бадномӣ аз некномӣ кашӣ,
Ба озода хатти ғуломӣ кашӣ.
Маро бо ҳама илму фазлу камол
Бувад ҷойгоҳ аз ту саффи ниол.
Чаро нест, эй нахлу барги ту беҳ,
Ба тарки ту гӯям, ки тарки ту беҳ.
Сухан чун ниюшид аз ман сухан
Биборид аз дӯғ дурри Адан.
Сари аҷз дар пои фикрам бисуд,
Таҳийят суруду тазаррӯъ намуд:
Ки эй аз падар беҳ, зи модар маро,
Бипарварда аз ширу шаккар маро.
Нахоҳам, ки дастат зи домон кашам,
Магар дасти уммед аз ҷон кашам.
Хатое, ки аз ман гирифтӣ, хатост,
Хато кам кун, аз ман хатое нахост.
Баланд аст аз нӯҳ фалак қадри ман,
Бувад арш фарше кам аз садри ман.
Парастори ман низ ҳамчун ман аст,
Гуле, к-ӯ ба сар барниҳад, гулшан аст.

Бувад хирмани маҳ яке донааш,
Бувад шамъ хуршеди парвонааш.
Вале шиква аз ман, на з-ин рӯзгор
Бибояд намудан, ки доност хор.
Манам он, ки оғози ҳастӣ марост,
Саранҷом болову пастӣ марост.
Дар он дам, ки бастам ба эҷод тарф,
Маро буд унвони ҳастӣ ду ҳарф.
Чу мабдаъ зад аз офариниш сухун,
Зи аҷзои ман кард таркиби «кун»[1].
Чи қосир, чи донӣ, чи хосу чи ом,
Ба ҳарфе ду эҷод кардам тамом.
Зи ман безабонон забон ёфтанд,
Забоне ба гуфтан равон ёфтанд.
Ба асмо тахотуб чу вобаста буд,
Ба навъе, ки он теғу ин даста буд.
Ба таълими асмои куллӣ забон
Кушодам, намудам ба ишон баён.
Чу асмои ҷузъӣ, ки ногуфта монд,
Чу буд ин гуҳар саҳл носуфта монд.
Бар ин қисм, ин қавми ғафлатсиришт
Ниҳоданд исме, чи некӯ, чи зишт.
Чу бар рахнае бас даромад сухун,
Маро ном карданду гуфтанд «кун».
Ба ҷое, ки бар ман сипос оваранд,
Бубин, ҷайби номуси ман медаранд.
Аз ин носипосони ҳақношинос
Чунин носазо мекашам беқиёс.
Ту низ ар хурӣ захм, аз ишон бидон,
Зи анбон манолу зи сандон бидон.

1. «бош», ба маънои хасти.

# ТАМСИЛ

Саге тезчанголу пархошҷӯй,
Ки тухми гадоро бикандӣ зи кӯй.
Ба ҳаддодаке роҳ бигрифт танг,
Бад-он сон ки бар гӯри лоғар паланг.
Далерона ҳаддод ҳам баршитофт,
Ба анбонае фарқи он саг шикофт,
Саг афтоду мардум шигифтанд аз он,
Ки сагро ба анбона кушт ин чӣ сон?
Зи сандон, ки пиле дарорад зи пой,
На воқиф, ки дорад дар анбона ҷой.
Бале, аз сухан ҷои озор нест,
Ки худ нуқтаро дасти паргор нест.
Суханро зи гетӣ гар ояд ривоҷ,
Сухан бар сухандон физояд ривоҷ.
Бувад қимати нофа аз қадри мушк,
Набот аст равнакдиҳи чӯби хушк.
Суханҷӯ, ки хор асту беэътибор,
Хусусан дар ин аҳду дар ин диёр.
Сухандон агар толиби равнақ аст,
Ба ришаш бихандӣ, ки «Хуш аҳмақ аст!»
Хирад ку ба абнои ин марзу бум,
Ки як ҷумла зоғанду як ҷумла бум.
Ба аҳли хирад ончунон душмананд,
Ки оинаро зангиён душмананд.
Аз ишон маро нест рӯи умед,
Ки бӯи самар н-ояд аз шохи бед.
Сухан густарам, лек бар азми он
Ки чун ман равам, монад аз ман нишон.
На аз баҳри он бинадаш нокасе,
Ниҳад пеши ман музди гавҳар хасе.

Маро ризқ бахшад ҷаҳонофарин,
Кунам аз чӣ бо бандагон офарин?
Худоро ситоям, ки инам сазост,
Аз он ҷо, ки ман бандаам, ӯ Худост.
Худое, ки дар тан равонам бидод,
Забон офариду баёнам бидод.
Забоне, к-аз ӯ шаҳд резад чу най,
Баёне, к-аз ӯ нашъа хезад чу май.
Биёмӯхт асрори олам маро,
Хирадро нигин кард, хотам маро.
Нигинро ба хотам тавон баргирифт,
Чу бишкаст хотам, нигин сар гирифт.
Манам, к-аз ман оини дониш баҷост,
Ки дониш зару сиратам кимиёст.
Манам гавҳари дурҷи фазлу камол,
Манам ахтари бурҷи хайру навол.
Манам тӯҳфае коин аз осмон
Фиристода бар хокиён армуғон.
Чу ман зодам аз чор модар ҳаме,
Маро доя шуд ҳафт ахтар ҳаме.
Фалак гашт гаҳвораҷунбони ман,
Шуд ангушти Ҷабрил пистони ман.
Масеҳам бупечид дар тайласон,
Ба гӯшам Хизир дод бонги азон.
Замин мужда аз ҷирми атлас гирифт,
Тараб дар ҷиҳоти мусаддас гирифт.
Хирад доягӣ кард аз ишон маро,
Ки парвард аз шири ирфон маро.
Уторуд чу бо Муштарӣ гашт ёр,
Маро з-он ду шуд Рабби навъи шикор.
Ман онам, ки гавҳар бисанҷам ба коҳ,
Зи моҳӣ фурӯтар кунам кадри моҳ.

Гуҳарро кунам мӯҳра ҳангоми қаҳр,
Ниҳам дар мизоҷи шакар таъми заҳр.
Агар осмон, косаи саг кунам
В-агар ақли кул, ҳукми кӯдак кунам.
Агар моҳи нав, наъли хар хонамаш
В-агар бӯи гул, нештар хонамаш.
Ситоям заминро, ки ҳин, торум аст,
Ба талқи пароканда, к-ин анҷум аст.
Магасро ҳумо хонам аз рӯи мадҳ,
Қамарро Суҳо гӯям аз роҳи қадҳ.
Аҷузе, ки нофаш фурӯ шуд ба фарҷ,
Ба ақцаш кунам маҳри дӯшиза харҷ.
Палангина гирам зи дӯши паланг,
Ниҳам панҷаи шери нар зери санг.
Ба чанголи тиҳу диҳам бозро,
Кунам навҳаи сӯгиён созро.
Сари зинда гоҳе дарорам ба хок,
Кунам гард аз чеҳраи мурда пок.
Сутуни фалак созам ангуштро,
Ба гурзи Фаридун занам муштро.
Кумайти сухан зери рони ман аст,
Калиди маонӣ забони ман аст.
Ба ҳар сӯ, ки гардад хаёлам равон,
Ҷанибаткаши ман бувад осмон.
Забони ман аст, он чи фармон диҳад,
Қазо бар сари он қазо ҷон диҳад.
Маро дар бисоти хаёл аст кох,
Ки ҳаст аз басити мусаббаъ фарох.
Дар он кох дорам хазоин ҳаме,
Ки баргирамаш дар сафоин ҳаме.
Кас аз сирри он ганҷ огоҳ нест,
Дар он кох тарорро роҳ нест.

Маро киса дар олами дигар аст,
Бурад дасти худ, ҳар кӣ кисабур аст.
Манам он ки дар унфувони шабоб
Шудам осмоне пур аз офтоб.
Яке не ду-ду, не се-севу чаҳор,
Туро кардам аҳволи хеш ошкор,
Ки омад маро баҳра аз илм чуст,
Ҳаме бехи биншонда шохам бируст.
Маро поя шуд дар балоғат рафеъ,
Баёни маонӣ намудам бадеъ.
Чу дар илми мизон шалойин шудам,
Ба мизони ин илм Шоҳин шудам.
Ба оини ишроқу тарзи назар
Зи асрори ҳикмат шудам бохабар.
Фурӯ хондам асбоби фиқҳи калом,
Шудам дар шиори фақоҳат тамом.
Ба Турон илме, ки марсум шуд,
Ба номи ман он ҷумла мақсум шуд.
Улуме, ки мондаст зоид бар он,
Ниҳодем мавқуфи Ҳиндустон,
Ки гар қоиди бахт раҳбар шавад,
Аз он хоки покам муяссар шавад.'
Худоро, улуме, ки мо хондаем,
На илм аст, дар хутба дармондаем.
Худованд хайри бароат диҳод,
Ки моро нишон аз мақосид бидод.
Агар кам шавад донасадри китоб,
Надонем фарқ, ин чи фасл, ин чи боб.
Қусуре ба таҳсили асҳоб нест,
Сабӯ чун кунад, чашмаи об нест?
Муаллим, ки масруф шуд ҳимматаш
Ба таҳсили аммомаву ришу фаш,

Зи асҳоби ӯ боди саблат бубин,
Зи сират мапурсу ба сурат бубин.
Маро бин, ки бо ин ҳама ҳазму ҳуш
Зи талқини ишон чӣ дорам ба гӯш.
Агар Бӯалӣ сарбаландӣ гирифт,
Зи юмни ҳакими Хуҷандӣ гирифт.
Фалотун намегашт агар раҳнамун,
Арасту намешуд чунон зуфунун.
Гарат ҳарфи кӯдак наяфтад писанд,
Тавонӣ, ба риши адибаш биханд.

## ТАМСИЛ

Ба ақзалкузоти ҷаҳон Садри дин,
Ки ҷояш бувад садри хулди барин.
Яке рӯз хондам яке дарси сахт,
Гиреҳ баста чун бо ман абрӯи бахт.
Магар роҳи ақлам барад деви ваҳм,
Ки аз ман хато рафт дар арзи фаҳм.
Маро андар он қазя эҳмол кард,
Ба нафрини устодам иқбол кард.
Зи нафрини ӯ хира шуд ақли ман,
Ки нафрин ба ман боду бар нақли ман.
Чи нек аст, к-аз худ ғалат густарам,
Ба устоди бечора нафрин харам.
Бад-ӯ гуфтам: - Эй дурратутточи илм,
Камин пояат авҷи меьроҷи илм.
Маро он чи хоҳӣ, ба нафрин навоз,
Неҳ ин мӯҳра бо ғайру бо ман бибоз.
Ҷавобам чунин дод устози кул:
Ки ҷурми давол аст бонги дуҳул.
Гар он хиработин нагуфтӣ чунон,

Хато аз ту ҳаргиз нарафтӣ чунон.
Бале, айби шогирди ҳушёр нест,
Ки устозро ҳусни тимор нест.
Маро ин қадар фазлу дониш, ки ҳаст,
Чу тухми худафтода аз худ пур аст,
Наям, шукри Аллоҳ, ман он марди хом,
Ки дар деги ҳамсоя пухтам таом.
Таоме, ки ҳамсоя бар ман диҳад,
Яке дона дар музди хирман диҳад.
Зи баҳре, ки хоҳам намудан гузар,
Каду аз сари худ ниҳам бар камар.
Гирифтам маро нест дар бар либос,
Кунам бар худ аз ҷилди пайкар либос.
Манам ҷуррашоҳини маънишикор,
Ки н-ояд шикори ман андар шумор.
Чӣ суд он, ки гетӣ ривоҷам надод,
Ривоҷе ба вифқи мизоҷам надод.
Фалак ҷои зангам ба по баст санг,
Ҳамам бол барканду бишкаст чанг.
Чу калмурғ дар чанги тифлон фитад,
Ба рӯзи ман афтад, начандон фитад.
Надонист қадри ман илло касе,
Ки доност бар сирри ҳар кас басе.
Сари хоҷагон Хоҷаи Ҷӯйбор,
Ки нахли саёдат аз ӯ ёфт бор,
Сипеҳрест, бар қутри ӯ офтоб,
Муҳитест, ҳар қатрааш дурри ноб.
Замире дурахшанда дорад чу меҳр,
Ки равшан кунад тӯ ба тӯи сипеҳр.

## ДАР СИТОИШИ ҚУДВАТУ С-СОДОТ САЙЙИД МУҲАММАД ТОҲИР МАЪРУФ БА ӮЗБАКХОҶА МУТАХАЛЛИС БА ЗАРИР

Падар, к-аз ҷаҳон азми реҳлат гирифт
В-аз ин хокдон ҷо ба ҷаннат гирифт.
Маро дӯзахе шӯъла зад дар димоғ,
Ки тасними Кавсар нишондӣ ба доғ.
Шудам тирадил дур аз он дурри пок,
Чу дурре, ки аз ришта афтад ба хок.
Ҳаме гаштаме чун сабо кӯ ба кӯ,
Диле баста хун ғунчасон тӯ ба тӯ.
Хаёлам барошуфта чун зулфи ёр,
Забонам ба хун хуфта чун неши хор.
Дар аснои он ҳарзагардӣ сипеҳр
Маро раҳнамун шуд ба иқболи меҳр.
Гузар ҷониби Ҷӯйборам фитод,
Арӯси тараб дар канорам фитод.
Сарое бидидам дар он сарзамин,
Музайянтар аз қасри хулди барин.
Ки шуд тоза з-он манзили ашрафам
Дил аз бӯи пироҳани Юсуфам.
Шудам дар дар он кохи фаррухасос,
Чу бар турбати некмардон сипос.
Яке қаср дидам чу кохи фалак,
Ки гунҷишки айвон-ш будӣ малак.
Дар ӯ барнишаста яке офтоб,
Ки мешуд маҳ аз талъаташ дар ниқоб.
Ба шакле муборак, ба ҳусне фарӣ,
Сухан гуфта чун дур ба лафзи дарӣ.
Маҳосин чу субҳи саодат сапед

В-аз абрӯи ӯ нав шуда моҳи ид.
Мушобеҳ маро бо падар өнчунон,
Ки як себу ду қисм гуфтан тавон.
Гумонам чунон шуд, ки худ ин сарой
Биҳишт асту дар вай падар карда ҷой.
Ман он дидам, аз ҷо барангехтам,
Зи мижгон ба нолиш гуҳар рехтам.
Ба зорӣ бад-ӯ гуфтам: - Эй қиблагоҳ,
На девам, ки аз ман биҷӯӣ паноҳ.
Чӣ кардам, ки аз ман гирифтӣ канор,
Ниҳодӣ маро ашки хун дар канор?
Ту дар равзаи хулд аз ин сон бизӣ,
Маро гӯ дар оташ зи ҳирмон бизӣ.
Гар аз ман накӯӣ наомад падид,
Худ ангушти маъюб натвон бурид.
Падар бар сариру писар бар замин,
Ту худ гӯ, падар кай писандад чунин?
Нинюшанда аз кашфи ботин, ки дошт,
Шуд огоҳу ҳиммат ба ҳолам гумошт.
Бикард аз навозиш чунон фаррухам,
Ки гарди ятимӣ бирафт аз рухам.
Маро чун падар меҳрубонӣ намуд,
Ба иқболи ман шодмонӣ намуд.
Зи иқболи он пири фархундафар
Маро зинда шуд бори дигар падар.
Ман обои улвӣ нагирам ба чиз,
Ки бо ман писаргир шуд он азиз.
Бад-ин ҳуҷҷат Оли паямбар манам,
Ки фарзанди он покгавҳар манам.
Гар ӯ фахр дорад ба бобои хеш,
Маро фахр бо ӯ аз он аст беш!

## ИНТИҚОЛ АЗ ТАШБИБ БА МАДҲИ УБУВВАТИ САЙЙИДИ МАЗКУР ВА ХОҶАИ МАБРУР

Биё, соқӣ, аз соғари зарнигор
Зари қалби моро бияфзо иёр.
Миси ман ба иксири май зар намой,
Фарохурди он некмаҳзар намой.
Ҳукуқи падар то тавонам гузошт,
Дар ин руқъа мадҳаш бихоҳам нигошт.
Ба девони сидқ он ки дебоҷа аст,
Сари хоҷагон Ӯзбакхоҷа аст.
Фалак Ӯзбакхоҷааш карда ном,
Ки дар сидқ аз ин фирқа омад тамом.
Каримуннасаб, хоҷаи номдор,
Ки дорад бад-ӯ хоҷагӣ ифтихор.
Аз ӯ покии асли ӯ зоҳир аст,
Ки худ номи аслии ӯ Тоҳир аст.
Фурӯзанда моҳе, ки аз фарти нур
Зи моҳӣ фурӯтар ниҳад қадри хур.
Беҳин меваи рӯи хони батул,
Меҳин дудаи хонадони Расул.
Шиори паямбар ба худ карда рост,
Ки мӯе наяфзуду мӯе накост.
Сулуки сунан пешаи хоси ӯст,
Сунанпешаро воҷиб ихлоси ӯст.
Қавидаст дар коргоҳи сухан,
Ки бандад зи ҳар кӯча роҳи сухан.
Кунад фикри ӯ дар дами иртифоъ,
Ба аввалқадам чархи ҳафтум видоъ.
Чунон тунд бар фикри ҳаллу дақиқ,
Ки сӯҳони алмос сояд ақиқ.

Шакар бандаи шаҳди тақрири ӯст,
Хирад волаи ҳусни таъбири ӯст.
Диҳад килки ӯ мушку шаккар чунон,
Ки дар Чину Мисраш барад корвон.
Агар килки ӯ нофа гӯям, хатост,
Ки аз нофа ҳаргиз шакар барнахост.
В-агар хонамаш найшакар, ботил аст,
Ки мушк аз най андӯхтан мушкил аст.
Асои Калимаршаде аждаҳо,
Ки аз дам дамидӣ шарар бар ҳаво.
Бувад килки ӯ аждаҳои дамон,
Ки оби зулол афшурад аз даҳон.
Ба ҳар руқъа килкаш дурафшон шавад,
Бисоти ҷавоҳир фурӯшон шавад.
Гуҳарҳои равшан, ки резад зи килк,
Ба овеза ҳураш бирӯбад ба пилк.
Фаришта ба ҳуре дарафтад ба ҷанг,
К-аз он донаи сабҳа орад ба чанг.
Гуҳарро ба соле кас он сон насуфт,
Ки ӯ худ ба расми бадеҳа бигуфт.
Худоро, чӣ сеҳр аст тақрири ӯ,
Ки эъҷоз айбест дар зери ӯ.
Агар мурдадил бишнавад нуктааш,
Хирад баркушояд раги сактааш.
Ниюшанда ёбад чунон завқи ҳол,
Ки гӯӣ бинӯшид оби зулол.
Агар сеҳр хонам, на ҷодугар аст,
В-ар эъҷоз гӯям, на пайғамбар аст.
Ҷуз он ҳар ду гар харқи одат бувад,
Ҳамин машқи солис каромат бувад.
Тавон гуфтан он пири доно валист,
Ки фарзанди Заҳрову саййид Алист.

Валоят далеле надорад ҷуз он,
Ки бе чашм бинад ҷаҳонро аён.
Гараш чашми сар нест, чашми сир аст,
Ки асрори олам бар ӯ зоҳир аст.
Тахаллус ба шеъраш аз он шуд Зарир,
Ки нодида мӯ мекашад аз хамир.
Гарат чашми ботин бувад раҳнамо,
Бувад такя бар чашми зоҳир хато.
Маро дида андуда беҳтар ба гил,
Ки асрори ғайбӣ бубинам ба дил.
Бувад чашми ботин гар аз айб пок,
Чи ғам, чашми зоҳир бувад айбнок.
Тавон ҷустан аз чашми зоҳир гузир,
Агар чашми ботин бувад дар замир.
Дар он хона гар шамъи равшан бувад,
Худоро, чӣ ҳоҷат ба равзан бувад?
Тавонӣ ба гил равзан андуда гир,
Дил аз заҳмати шаҳна осуда гир.
Нахоҳӣ гар аз мор дидан газанд,
Ба кошона сӯрох дидӣ, бубанд.

### ҲИКОЯТ

Падарро ба пирӣ ду равшан чароғ,
Яке хуфту бар сад ҷигар баст доғ.
Муолиҷ бар он шуд, ки аз рӯи ҳазм
Барафрӯзадаш дида чун шамъи базм.
Падар гуфт, к-он равзани фитнахез
Набошад ба арбоби хилват азиз.
Маро баста беҳ дида аз рӯи халқ,
Ки дарвешро руқъа зебад ба далқ.

Чӣ хуш, к-ин ду Яъқуби Канъони ҳилм
Чунон карда ташйиди аркони ҳилм.
Ки гар Юсуфи биниш афтад ба чоҳ,
Наҷӯянд аз гург тадбири роҳ.
Ҳаводис чу асботашон дар вубол,
Нишонад, нашинанд осудаҳол.
Яке аз саҳобии аъмо чунон
Хаданги дуоро задӣ бар нишон,
Ки бар об санг ар намудӣ хитоб,
Шудӣ об сангу шудӣ санг об.
Яке гуфташ: - Эй Исии рӯзгор,
Хари худ манеҳ беш аз ин зери бор.
Туро мардум аз риш набвад тиҳӣ,
Чаро сина бар риши мардум ниҳӣ.
Нишонда, к-ин пӯзиш аз ӯ шунуфт,
Бар ӯ дурри посух аз ин сон бисуфт:
Асабналамо мин ризоил-Илоҳ,
Миналайни наҳну нуҳиббу ризоҳ.[1]
Худованд аз он ҳар ду хушнуд бод,
Ки з-оини асҳоб доранд ёд.
Нахустин падар гарчи рафт аз ҷаҳон,
Ману ин падар, то чӣ хоҳад замон?
Агар маҳ бирафт, офтобе ба ҷост,
Ки ман шабнамам, ҷазбаи ӯ ҳавост.
Ало дурратуттоҷи[1 2] содоти даҳр,
Ки содотро аз нав афзуда баҳр.
Сиёдат арӯс асту зевар туӣ,
Наҷобат сипеҳр асту ахтар туӣ.

1. Нуқсони нобиноии мо бо ризои Худост,
Ризои ӯро аз чашми худ бештар дӯст дорем.
2. Эй дурри тоҷ

Ту он хоҷаӣ, к-аз раҳи улви шон
Бибӯсад замин пеши ту осмон.
Фалак дар бари ходимат ҷубба аст,
Қамар бар сари хиргаҳат кубба аст.
Туӣ офтоби мани тираҷон,
Ба меҳри туам заррасон парфишон.
Гузорам ба ҳар ҷода гоми ҳавас,
Далели раҳам ҳиммати туст, бас.
Ба таҳрири ҳар нусхае рӯ кунам,
Зи номи ту таъвизи бозу кунам.
Чу оғози ин нусха кардам нахуст,
Маро рӯи ҳиммат ба имдоди туст.
Дуо аз ту бояд, зи ман эҳтимом,
Ки ин нусха ёбад ба хубӣ тамом.
Ҳаме то ки айвони торум бапост,
Ҳаме то ки аҷроми анҷум баҷост,
Зи осеби даврон ба Раббулибод[1]
Вуҷуди шарифи ту маҳфуз бод!

## ДАР САБАБИ НАЗМИ КИТОБ ГӮЯД

Сабоҳе аз ин фикр будам малул,
Ки гетӣ ғаюр асту даврон аҷул.
Бақои ҷаҳон рӯзаке беш нест,
Магӯ уқбаи марг дар пеш нест.
Саранҷоми ҳастӣ ҳамон нестист,
Бақо бар карон дар миён нестист.
Инони нафас тунд чун тавсан аст,
Равон дар ҷасад, нур дар равзан аст.

1. Худои бандагон

Суботи бақо дорад он сон насақ,
Ки дар дасти марди мутолеъ варақ.
Ҳаме осиё тунд гардад ба об,
Чу шуд мунқатеъ об, гардад хароб.
Тан аст аз нафас осиё, бод низ,
Гараш бод хусбад, наярзад ба чиз.
Кӣ дорад ба гетӣ умеди сароб,
Кӣ хӯрдаст чун Хизр оби ҳаёт?
Бақои ҷаҳон бо фано тавъам аст,
Ғанимат шумар, дам ҳамин як дам аст.
Замоне гар ин дам ба поён расад,
Зи мо то чӣ монад, ба ёрон расад?
Ҳамон беҳ, ки монанди пешиниён
Гузорем ояндагонро нишон.
Ки гар шахси мо аз ҷаҳон бигзарад,
Ҳаме номи мо дар ҷаҳон биспарад.
Ба ҷо монад он кас, ки рӯзи пасин
Чу холӣ кунад ҷо, ниҳад ҷонишин.
Зи ҳар кас, ки номе дар айём монд,
Чӣ ғам, гар бимирад, к-аз ӯ ном монд.

## ҲИКОЯТ

Яке рӯз дидам ба роҳе тале,
Тале шӯрбаста чу фарқи кале.
Пур аз равзани мӯру сӯрохи мор,
Дар ӯ сабзаҳо ҳамчу мӯи заҳор.
Чу дидам маро ханда омад аз он,
Ту гӯӣ бибӯидаме заъфарон.
Бипурсидам аз холи худ, к-ин чи тал,
Ки монад ҳаме рост, бо фарқи кал?

Ҷавобам чунин дод он хурдабин,
Ки харпуштаи Калли Мозист ин.
Аз ин тал, ки он кал барафроштаст,
Дар ин раҳгузар ном бардоштаст.
Бале, ҳар киро ном хоҳад гузошт,
Дар ин сафҳа ҳарфе бибояд нигошт.
Кунунам, ки Эзид забон додааст,
Забон пур зи шаҳди баён додааст,
Қалам дар банонам чу ҷавлон кунад,
Вараққо пур аз дурри ғалтон кунад.
Чаро нусхае дар қалам н-оварам,
Ки аз ман диҳад ёд баъд аз сарам?
Яке нусха пардозам аз табъи хеш,
Ки марҳам диҳад хастагонро ба реш.
Далели раҳи растагорон шавад,
Ба чашми азизон азиз он шавад.
Чу берун гузорам аз ин хитта пой,
Бимонад ҳамон зикри хайрам ба ҷой.
Чу туғрои ин азм афрохтам,
Суи хоҷаи хоҷагон тохтам.
Нахустин бибӯсидамаш дасту пой,
Ки худ дасти ӯ буд дасти Худой.
Ба иззи қабулаш ба чандин дуруд
Ниҳодам, маро дар замир ончи буд.
Пас аз шафқат он муқтадои заман
Писандид он азми фаррух зи ман.
Бигуфт: - Эй писар, Эзидат ёр бод,
Дар ин қазя бахтат мададгор бод.
Бузургони мо дастгири туанд,
Чу маънӣ равон дар замири туанд.
Қадам пеш неҳ, то ба манзил расӣ,
Равон аз раҳи дида дар дил расӣ.

Ту ҳар ҷодае сар кунӣ, манзил аст,
Ки дасти бузургон туро маҳмил аст,
Вале дор ҳиммат дар ин раҳ баланд,
Маяфкан ба ҳар кох боре каманд.
Ба андозаи хеш ин роҳ ҷӯй,
Ту баҳрӣ, манеҳ пои ҳиммат ба ҷӯй.
Туро хирқае чобук ояд ба дӯш,
Ки пӯшид Саъдии пашминапӯш.
Аз ӯ монд гар «Бӯстон» ёдгор,
Ту бар дӯстон «Тӯҳфа»-е вогузор.
Чу фикрат баланд асту табъат қавӣ,
Рақам зан чу «Бустон» яке маснавӣ.
Суханро ба хубӣ чунон деҳ тироз,
Ки баъд аз ту гӯянд: «Аҳсант!» боз.
Худоро, ба тифлони ин ҳафт маҳд
Биполой ширу маёлой шаҳд.
Чу бунёди ин кохи олиасос,
Ниҳӣ чун муҳандис ба лавҳи қиёс.
Чу «Бустон» ба даҳ боб пироя деҳ,
Зи ҳар бобаш аҳбобро моя деҳ.
Нахустин дари адлро боз кун,
Зи эҳсон ба дуввум дар оғоз кун.
Ба сеюм дар аз ишқ бинмо сухан,
Ба чорум рақам аз тавозӯъ бизан.
Бинеҳ панҷумин боб баҳри ризо,
Баёни қаноат ба шашшум намо.
Паи тарбият боби ҳафтум гузор,
Раҳи шукр дар боби ҳаштум сипор.
Чу аз сабр фориғ шудӣ дар нуҳум,
Бикун дар муноҷот хатми даҳум.
Расон бар фалак гӯшаи боми ӯ,
Бинеҳ «Тӯҳфаи дӯстон» номи ӯ.

Чу рах мебарӣ ҷониби «Бӯстон»,
Биҷӯ ҳиммат аз рӯҳи Саъдӣ дар он.
Агар рӯҳи Саъдӣ туро ёвар аст,
Чӣ ғам, мӯҳра боз оварӣ гавҳар аст.
Фароҳам зи ҳар гӯша чашми замир
Суи туст, ҳон, эй писар, роҳ гир!
Ба ҳар ҷода чун тавсани роҳвор
Махӯр ғам, ки бар пушти пилӣ савор.
Маяндеш, поёни ин раҳ куҷост,
Бирав, хуш дуои манат дар қафост.
Шудам чунки фоиз ба иззи қабул
Дар ин шева з-он фахри Оли Расул.
Қаламро инон чуст кардам чу барқ,
Саропои ин ҷода ҷустам ба фарқ.
Буридам раҳе танг чун чашми мӯр,
Ки мӯе дар он раҳ нагунҷад ба зӯр.
Яке нусха чун «Бӯстон» сохтам,
Сипас «Тӯҳфаи дӯстон» сохтам.
Чу оғозу анҷоми солаш накӯст,
«Накӯии таърих» таърихи ӯст.[1]
Ман ин дастаи гул, ки бо дӯстон
Ниҳам тӯҳфа, кам набвад аз «Бӯстон».
Ба ҷону сари Саъдии нуктасанҷ
Ки ин нусха ҳафрест мамлӯ зи ганҷ.
Биноест, бас муртафеъ қадри ӯ,
Ки он сӯи курсӣ бувад садри ӯ.
Ҳар он дур, ки Саъдӣ ба «Бустон» бисуфт,
Дар ин «Тӯҳфа» Шоҳин беҳ аз он насуфт.
Гирифтам, надорад ба «Бустон» шараф,
Ту худ гӯ, ба Саъдӣ кӣ гардад тараф?

1. Бо хисоби абчад ба соли 1307 хиҷрӣ (соли 1890 милодӣ) баробар аст.


الهی بر آن بهر دو جهت نگار / مرا بهر دو جهت رحمت فراز
بدر از من از زمین آمد و عزّ / تو خود یاد دارم باش آن هر دو نیز

در ستایش خود گوید

سخن گویا طفل من یاورم / که دایم به شیرش همی پرورم
سخن بود عمری بدر در ستم / چو طفلی که ماند ز مادر یتیم
رخش زرد و تن لاغر و دل نژند / اسیر شکنج و در تن گزند
ز آزار علوی فتاده کنار / دلش بی‌قرار و تنش سوگوار
بهر درگهی سود روی نیاز / ز رانده رهی گشت نومید باز
مرا رحم آمد چو دیدم عیان / که ماهی است در ابر نکبت نهان
نمودم خور اندیش ز راه احترام / که ای طفل فرزانه نامی گرام
چو ز دست شاندم اندر برش / بپروردم از شیر از شکرش
چو بستان نهادم زبان در دهانش / که تن فربه و تازه گردید جانش
باندک زمان شد جوانی ذکی / بز لا عزیز بود گردید کرک

*Пора аз «Туҳфаи дӯстон (дастхатти №2343)*

Бар он ахтаре ҷои эҳсон бувад,
Ки ҳамдӯши хуршеди тобон бувад.
Гуле, к-аз насимаш шавад тоза ҷон,
Чӣ аз заръ хезад, чӣ аз бӯстон.
Сазовори таҳсин бувад Сомирӣ,
Ки дар пеши Мӯсо кунад соҳирӣ.
Ба ҳар зар, ки ваҷҳи таматтӯъ равост,
Чи аз кон, чи аз санъати кимиёст.
Тавон зеби хотам аз он мӯҳра сохт,
Ки халлӣ зи фирӯза натвон шинохт.
Ба ҳарфи ман ангушт мондан ҳамон,
Ба Саъдӣ хати насх рондан ҳамон.
Маро сирри Саъдӣ бувад дар замир,
Ту хоҳ ин фано ё таносух бигир.
Зи ман ҳарчи омад, чи пухта, чи хом,
Зи осори Саъдӣ бувад вассалом!

## БОБИ АВВАЛ

## ДАР АДЛУ ИНСОФ ВА ТАДБИРИ ҶАҲОНДОРӢ

Чӣ лозим ниҳодан ба моҳию моҳ,
Буни найзаву қуббаи чатри шоҳ?
Магӯ: Қуббаи чатр бар моҳ бар,
Бигӯ: Раҳ ба дилҳои огоҳ бар!
Зи лаъли нигин то чӣ орӣ ба чанг,
Ки дасти ту монад аз он зери санг.
На алмос бар афсарат бастаанд,
Ба санге чу Маҷнун сарат хастаанд.
Агар оқилӣ, кибр аз сар бинеҳ,
Сари аҷз бар хоки ин дар бинеҳ.
Маёрой зоҳир ба либси ҳарир,
Бипардоз аз ҳашву ғафлат замир!

Машав ғарра бо мулк, к-он аз Худост,
Ҷуз ӯ қудрати мулкдорӣ кирост?
Агар тоҷи заррин гузорӣ зи фарқ,
Туро аз гадои маҳаллат чӣ фарқ?
Чӣ фарқ он ки шаҳ хуфт бар тахти ноз,
Ки ҳам мурда хусбад ба тахте фароз.
Гарат дод гетӣ ба авранг даст,
Туро кӯдак ангошт, бар маҳд баст.
Ба маҳде, ки кӯдак бихусбад ба айш,
Беҳ аз тахти шоҳиву сад карру тайш.
Бузургии шоҳон ба адл андар аст,
На бо фарри дайҳиму ангуштар аст.
Аморат, ки хонӣ далели камол,
Ба золим бувад ҳуҷҷати сӯъи ҳол.

**ҲИКОЯТ**

Шунидам яке хони фиръавн дид,
Фурӯ монд, к-он фарру он авн дид.
Фурӯ шуд ба ҳайрат, ки ин носипос,
Чӣ дорад чунин неъмате беқиёс?
Ба мунъим касе лофи ширкат занад,
Чӣ сон даст бар хони неъмат занад?
Бигуфташ яке: - Ё Худованди пок,
Чӣ бок ин, ки ширк оварад мушти хок?
Гар аз мушти хоке худоӣ равост,
Замин тӯ ба тӯ, эй бародар, Худост.
Вале, дар азал рафт қисмат бар он,
Ки ин бандаро дӯзах аст ошён.
Аз он додаш ин қадру ин иқтидор,
Ки гардад сиришти бадаш ошкор.
Чунин сиккаи подшоӣ занад,
К-аз он поя лофи худоӣ занад.
Гараш бозгиранд рӯзи ҳисоб,
Намонад бар ӯ узре аз ҳеҷ боб.

Басо кас, ки дорои ин барзах аст,
Чу бигзашт, ҳезумкаши дӯзах аст.
Бишав хок варна ба боде хушат,
Баранд аз раҳи об дар оташат...

## ДАР ГУЗОРИШИ АЙЁМИ НОФАРҶОМ ВА ШИКОЯТИ ХОСУАВОМ[1]

Ду-се рӯз ҷӯёи эҳсон шудам,
Сарояндаи мадҳи дунон шудам.
Бибурдам ба ороиши назм ранҷ
В-аз он кардам офоқро пур зи ганҷ.

---

1. Ин манзума («Дар гузориши айёми нофарҷом ва шикояти хосу авом») дар ҳеч як аз нусхаҳои қаламие, ки мо дар тартиб додани «Куллиёт»-и Шоҳин мавриди истифода қарор додем, мавҷуд нест. Профессор Расул Ҳодизода онро аз «Тазкиратушшуаро»-и Ҳашмат пайдо карда, дар шумораи №7, соли 1972-и маҷаллаи «Садои Шарқ» бо чанд намунаи дигар аз осори Шоҳин ба нашр расондаанд. Он гуна, ки устод дар пешгуфтори нашри ин манзума таъкид кардаанд, «...ин манзума барои равшан намудани мавқеи ичтимоӣ, мазмуни гоявии эҷодиёти шоир ахамияти калоне дорад. Ба назари мо ин манзума дар солҳои охири зиндагии шоир таълиф шудааст. Дар он ҷо шоир тамоми солҳои беҳтарини ҷавонияшро, ки ба тарзи ичборӣ дар доираи дарбор гузаронида буд, ба ёд оварда, афсӯсу надомат мекунад. Иқрор мекунад, ки тамоми мадҳия ва ашъори ситоишгаронаи худро дар хаққи амир ва атрофиёни ӯ аз рӯи маҷбурият навиштааст. Баъд аз ин ӯ касофат ва разолати доираи дарборро ниҳоят далерона ва бо қаҳру ғазаб фош мекунад, симои ҳақиқии манфури амиру вазир ва сохибдавлатонеро, ки ба сари аморат нишаста буданд, ба хонанда ҷилвагар месозад.
   Эхтимоли кавӣ бар он аст, ки Шохин ин манзумаи худро ба ҳеҷ касе аз дӯстони худ нишон надодааст. Мир Сиддиқи Ҳашмат, ки муддатхои дароз дар хабси хонагӣ буд ва бо бисёр одамони муқобили амиру аморат алокаи махфӣ дошт, хамоно ин манзумаи Шоҳинро ба даст оварда, дар тазкираи худ дарҷ кардааст» («Садои Шарқ», 1972, №7, с. 75).

Кафи хушки эшон, к-аз он нам нарехт
В-агар рехт, ҷуз хуни мардум нарехт.
Сурудам ғалат баҳри гавҳарфишон
В-аз он ёва бар худ ниҳодам замон.
Хареро Масеҳо насаб рондаме,
Суроро Сурайё лақаб хондаме.
Сагеро, ки ҷома даридӣ ба дев,
Фаришта аз ӯ даргирифтӣ ғирев,
Чунон барзадам сирати мардумӣ,
Ки гӯӣ назода ҷуз ӯ одамӣ.
Ғалат зарраро гуфтаме офтоб,
Сақат мӯҳраро суфтаме дурри ноб.
Яке, к-аз хирад мағз дар сар надошт,
Маро хома бар акс бихрад нигошт.
Сутудам ба меш ин ки шери ял аст,
Ба шери яла, к-ин шубони галаст.
Дили сахтро барфузудам ба мум,
Деҳи хушкро баргузидам зи Рум,
Яке рӯди хушке, ки дар солу моҳ
Надидӣ аз ӯ тоза рӯи гиёҳ,
Навиштам, ки ин Даҷла асту Фурот,
На бал чашмае пур зи оби ҳаёт.
Агар қалтабон, хондамаш Боязид
В-агар хорбун, гуфтамаш мушкбед.
Ҷабине, ки туршӣ зи сирка барад,
Бигуфтам, к-аз ӯ равшанӣ маҳ барад...

---

Устод Расул Ҳодизода олиҳимматона дар «Куллиёт»-и Шохин ҷо додани ин манзумаро тавсия карданд, ки мо бо арзи сипос онро аз шумораи мазкури маҷаллаи «Садои Шарқ» айнан меорем. Ба андешаи устод ин манзума яке аз порчахои маснавии «Тӯхфаи дӯстон» мебошад. Аз ин рӯ, мо онро дар охири ин маснавии нотамом (бо хатти курсив) ҷой медихем.

Яке коҳбарге, ки бодаш бибурд
Бигуфтам, ки кӯҳест, по дарфушурд.
...Муханнасмизоҷе, ки бар рӯ бихуфт,
Яке сим бар санги ӯ кард ҷуфт,
Ман он гуфтаме Рустами номдор,
Зи чаҳ баркунад Бижани шаҳриёр.
Яке, к-аз ҳунар ҳусни пироя дошт,
Дарахтё, ки ҳам мева, ҳам соя дошт,
Чу дидам ситезандарӯ тофт рӯй,
Маро не аз ӯ ранг омад, на бӯй.
Навиштам пазирои ҳар баддиле
Хиторо хатову балоро бале!
Ба хоки нажан(д) зарри соро задам,
Сари обгина ба хоро задам.
Фитодам ба ному гузаштам зи нанг,
Намудам ба ғам сулҳу бо айш ҷанг.
Камоле, ки аз ҳар фан омӯхтам,
Ба тавсифи бедонишон сӯхтам.
Ба подоши он нуктаҳои баланд
Ба по қайдам уфтод, дар ҳалқ банд.
Турушҷабҳагон сирка ангехтанд,
Сириштанду дар коми ман рехтанд.
Нагуфтанд, к-ин ринди ширинзабон
Табарзад ба мо карда буд армуғон.
...Бад-ин хиратабъони беимтиёз
Тафовут надорад ба ғайр аз бироз.
Ба истабли хар оҳуи нар кашанд,
Ки аз нофи ӯ мушки азфар кашанд.
Надонанд гар қатра гавҳар шавад,
Шавад дар канори садаф гар шавад.
Агар оби най қанд гардад, равост,
Вале ин ҳунар хоҳад аз Миср хост.

Ҳунармандро бо ҳунарманд кор
Ҳунар барфазояд яке сад ҳазор.
Гул аз боғ рӯяд, шавад тозабӯ
В-ар аз роғ хезад, бувад гандабӯ.
Манам даштпаймо ба як шаҳри гул,
Тан аз фоқа уру дил аз ғам малул.
Чу бинам аз он дуннажодон тане,
Чу бӯзинагон хам кунам гардане.
Кунам пӯзишу посухе ончунон,
Ки қай оядам ҳам аз ин, ҳам аз он.
Ҳама девсоранд мардумнамо,
Ҳама ҷавфурӯшанд гандумнамо.
Ҳама меъдаи гарму аз нон тиҳӣ,
Чу деги тиҳӣ к-он бар оташ ниҳӣ.
Агар саҳни оше ба даст оваранд,
Ҳамоно ба ҳисне шикаст оваранд.
Чу бар ташти ҳалво фитад корашон,
Тамошо кун аз дур пайкорашон,
Барораn(д) чу навворисони фақир
Ба тақсими мерос андак нафир.
Сияҳрӯз аз он марди озода кист,
Ки бар рӯзи ин қавми мадрӯз зист?!
Наёмад шабе то дами субҳгоҳ,
Аз ин қавм з-ин рӯз ҷустам паноҳ.
Бариди дуоро валӣ пай заданд.
Манаш Рум гуфтам, суи Рай заданд.
Қиёсе надорам ба худ интизом,
Ки мунтаҷ нашуд бар хилофи маром.
Зи иқболам уммеди бисёр буд,
Чу пардохтам, як-як идбор буд.
Худоё, манам бандаи номурод,
Ба иқболи ман кас назоду мазод!

Маро нахли дониш чу шуд борвар,
Наёвард ҷуз бори накбат самар.
Гар аз илм бардоштам баҳрае,
Хӯрам ҳар дам аз ҷоҳилон даҳрае.
Ба ҳар тарфам ангушти тӯҳмат ниҳанд,
Нафаҳманд ҳарфею заҳмат диҳанд.
Магӯянд, к-ин ҳарфи ногуфтанист,
Хазаф ҳаст, гавҳар чаро суфтанист?
...Сухан гар чунин шаҳватангез нест,
Бад-ӯ ҷои таҳсин ба ҷуз тез нест.
Гирифтам, аз ин ҳар ду рондам сухан,
Ниҳодам ба худ таънаи марду зан.
Ҳамон ришханд аст з-ишон салот,
Ба Эзид сано, бар Муҳаммад салот.
Ба саблат аз он боди нахват даманд,
Ки он ханда ҷуд асту худ Ҳотаманд.
Аз ин тирарӯёни дандонсапед
Маро нест ҷуз ханда музди умед.
Бар он ханда ҳам ҷои шодӣ маост,
Ки бе гиря рустан зи эшон куҷост?!
Падар Эзидаш бод омӯзгор
Шаби тираи гӯру рӯзи шумор.
Маро панд додӣ ба ҳусни амал,
Ки ҳон, эй писар, ёд дор ин масал,
Ки гар золиме хира дар ханда шуд,
Бупиндор, к-аз хук мӯ канда шуд.
Зи абре, ки обе нарезад аз ӯ,
Ғанимат шумар - барқ хезад аз ӯ.
Кулӯхе, ки доим фишорад ғубор,
Шигифт аст, агар барҷаҳад з-ӯ шарор.

Худованди мулке, ки фармондеҳ аст,
Ба сахтӣ ситон, гӯ, ки сомондеҳ аст,
Агар сахт бар худ кашидӣ камон,
Аз ӯ тир чобук равад бегумон.
Ҷаҳонбинию ҳукмронию дод
Сазовори он гурди фарзона бод,
Ки ҷон бар сари марди доно кунад,
Ба коме ки хоҳад, тавоно кунад.
Диҳад ганҷу омӯзад асрори илм,
Кунад ҳосили мулк дар кори илм.
Чу омӯхт анвои ҳикмат тамом,
Диҳад мулки худро ба ҳикмат низом.
Бидон он ки Искандари Файлақус
Ки барзад зи ҳикмат бар афлок кӯс,
Сари сарваронро ба якборагӣ
Даровард зери суми борагӣ.
Ҳакимон адои каломаш шуданд,
Бад-он бениёзӣ ғуломаш шуданд.
Фалотун, ки донои офоқ буд,
Арасту, ки дар мӯбадӣ тоқ буд,
Нишастӣ ба иқболи он шаҳриёр,
Яке бар ямин, дигаре бар ясор.
Бар ӯ нуктаҳои куҳан барзадӣ,
Гаронтар зи гавҳар сухан барзадӣ.
Шунуфтӣ, пазируфтӣ он гуфтаро,
Ба гӯш охтӣ он дури суфтаро.
Ҳамин аст расми ҷаҳонхусравон,
Ки доноситоянду душманситон.
Хилофи амирони ин марзу бум
Ҳуморо надонанд фарқе зи бум.

Кулахдорро зери ҷул даркашанд,
Намадпӯшро хилъати зар кашанд.
Хареро ба минбар хитобат диҳанд,
Ба хуни Масеҳо китобат диҳанд.
Дар ин аҳд ҷуз қаҳбазан мард нест,
Ки дар хотире бим то дард нест,
Ки мезобнӯшони қозурахор
Зи полудаи қанд доранд ор.
Фурӯмояро рифъату поя аст,
Ба хуршед хаффош ҳамсоя аст.
Якеро, ки аз халқ бояд кашид,
Ба фармондиҳӣ ҳалқи халқе бурид.
Дар ин деҳ ки яксон бувад нӯшу неш,
Бувад гови анбар кам аз говмеш.
Ҳакиме, ки рамзи фалак гуфт нек,
Ба маҷлис кунад мадҳи кафлесу дег.
Дуҳулзан касе, к-он шикампарвар аст,
Зиреҳпӯшро бурқаъ андар сар аст.
Маро баҳрае к-аз ҳунар комил аст,
Ба ҳар илму фан фитрате шомил аст,
Бубандам ба фикре ки кардам нахуст,
Тилисме, ки гардад ба қарне дуруст.
Ҳунар дар кафам - бода дар соғар аст,
Хирад дар дилам - об дар гавҳар аст.
Сухан чун зи дил дар қалам оварам,
Бувад оҳуе, к-аз ҳарам оварам.
Арӯсони маънӣ кашам дар канор,
Ба ин пардапӯшон манам пардадор.
Тароват диҳам назмро ончунон,
Ки ман боғбон бошам, ӯ бӯстон.
Чунон килки ман нукта ширин задӣ,
Ки хонандаро ҷон ба рақс омадӣ.

Ба ин донишам лек дар ин диёр
Чу оина беқадр дар рангу бор.
Ба хокам фишонанд, к-ин ёвасанҷ
Ба худ фахр дорад чу Қорун ба ганҷ.
Чаро илмро поя бар зар ниҳад,
Чаро илм бистонаду зар диҳад.
Чу таҳсили дониш барои зар аст,
Ба зар он ки дониш ситонад, хар аст.
Надонанд таҳсили фазлу камол
Бувад баҳри уқбо, на аз баҳри мол.
Зи ҳикмат ба қадре ки огаҳ шавӣ,
Ба мабдаъ бад-он қадр ашбаҳ шавӣ.
Шавад бар ту фоиз зи мабдаъ сувар,
Ки нахле шавад з-он сувар борвар.
Раҳӣ аз баҳимию одам шавӣ,
Яке аз ҳакимони олам шавӣ.
Дареғо, ки ин аблаҳон беҳисанд,
Тавонгар ба зар, дар ҳунар муфлисанд.
Надонанд - з-аблаҳ хирадманд кист,
Кадом аст чуна ва ё қанд чист?
Бувад корашон ганҷ анбоштан,
Дар он моҳасал ранҷ бардоштан.
Гадоро набахшанд як ҳабба сим,
Ки ин ганҷ дорад ниҳон бар гилем.
Зи моли ятимон ситонанд боҷ,
Ба қуттоъи тамғо бубахшанд тоҷ.
Ба золим бароти аморат диҳанд,
Ки номуси мардум ба ғорат диҳанд.
Чу донишваре шӯъла дар фан гирифт,
Чароғи ҳунар зери доман гирифт,
Ба назми дарӣ оби гавҳар бибурд,
Тариқи Низомию Хусрав сипурд.

Паи тарбия дар ҳисораш кунанд,
Чу гил парда дар рӯи кораш кунанд.
Нишонанд дар кафшкан, к-эй фақеҳ,
Ки инак сари туст пои сареҳ.
Қалам гиру чобук кун андешае,
Фурӯ неҳ ба пои хирад тешае.
...Тавонӣ, ба ҷуз ёва ҳарфе марон,
Ту худ ёвагӯ бошу мо ёвахон.
Қаламзан чӯ туғрои девон кашад,
Кумайти сухан дар таҳи рон кашад.
Биёлояд он гуна ҳазлу мазоҳ,
К-аз он саҳфа гардад яке мустароҳ.
Ба шӯхӣ суханҳои дилкаш кунад,
Нишандае ҷон аз он х(в)аш кунад.
Чу ояд равон навбати дастранҷ,
Ҳамон ранҷ бинад ба подоши ганҷ.
Ба подоши хидмат бад-он хурдадон
Сафоле наомад, чӣ имкони нон?
Гудозад ба он фоқа то зинда аст,
Ки бори харе аз чӣ харбанда аст.
Ба девонагӣ рӯй андӯхтан
Бувад беҳ аз ин дониш андӯхтан.
Чӣ лозим ба дониш шудан арҷманд,
Ки пои ту нодон кашад дар каманд.
Маро зиндагонӣ ба талхӣ гузашт,
Ки номам зи дониш шакарсанҷ гашт.
Дар ин умр, к-аз сар фаротар нарафт,
Чи хунҳо ки чун оҳам аз сар бирафт.
Зи дониш чӣ ҳосил, чу иқбол нест?!
Ки натвон тиҷорат, агар мол нест.
Матои ҳунар ҳаст, бозор ку?!
Бад-ин ҷинси қосид харидор ку?!

Чу абнои гетӣ ба ҷаҳл андаранд,
Хирадмандро бар гулӯ ханҷаранд.
Ба донишваре гар биёбанд даст,
Кунандаш ба як дашна бар хок паст.
Аз ин қавм уммеди равнақ кирост,
Тафаққуд ба доно зи аҳмақ куҷост?!
Аз эшон маро поя гар барфузуд,
Ба аҳли хирад ҷои уммед буд.
Надорад сарангушти ман нохуне,
Ки хорам ба фикрат паси гардане!
Маро нест чатре, ки бар сар кашам,
На ҷуръат, ки аз ҷанб сар баркашам.
Забонам бувад чун чунин пуркараҳ,
На сӯзам муборак, на бахтам фараҳ.

# БАДОЕЪ УС-САНОЕЪ

# БИСМИЛЛОҲИ Р-РАҲМОНИ Р-РАҲИМ

*Алҳамду лимубдиъиссанойеъ ва мухтареъ ил-бадойеъ ва с-салоту ало қоид ил-умам ва шавореъ ил-ҳикам ва с-салому ало расулиҳи ва саҳбиҳи л-муқтассин би осориҳи л-муқтабисин мин анвориҳи ва баъда файақулу ал-фақир Мир Муҳаммад Шамсиддин ал-мутахаллис би ги-Шоҳин*[ſ] аз он ҷиҳат, ки *тарокуми навоиб*[1 2] *ва тазоҳуми масоҳиб*[3] мӯҷиби ихтилоли афкор ва боиси инҳирофи атвори ӯ гардида буд, хост, ки ба *муқтазои ҳол*[4] *маҷмӯату ш-шикояпг*[5] пардозад ва дар адои шикоят дастури ғариб оғозад, чунон ки нигорандаро алалфавр эҷоби ханда ва баъдалфавр эроси гиря тавонад намуд ва агарчи истидъои мавориди иштико эроди давоъӣ бикост, аммо чун давоъии буко муаллифро мустадъии иштикост, муҷавваз надонистӣ, ки дар эроди *мо йадуллу ала л-иштико*[6 7 8] бар *мо йуҷиб ул-буко*[1] намояд, *чи тачвизи мо пгастакриҳуҳу н-нафсу ала л-гайри миммо таҳмилуҳу қоидату л-мурувва ала л-габн ва з-зайр** аст. *Фалоҷарам, би авни л-лоҳи таъоло ва минҳу тазмиру мункабиёпги маонӣ, қитъатан-қитъатан*[9] дар *зимни музҳикопги мабонӣ фиқратан-фикрапган*[10]

---

1. ситоиш офарандаи санъатхо ва ихтироъкунандаи зебоиҳоро ва дуруд ба роҳнамои умматҳо ба роҳи хирад ва салом ба паёмбараш ва саҳобаҳои пайрави роҳи ӯ ва бархурдорони нурҳояш ва пас фақир Мир Мухаммад Шамсиддин, ки дар дафтарҳои ашъораш Шоҳин тахаллус кардааст, мегӯяд...
2. ҷамъи бадбахтихо
3. душмании хамрохон
4. заруратихол
5. силсилаи шикоят
6. он чӣ ба шикоят ишора мекунад
7. он чи воҷиби гиря асг
8. ҷоиз будани он чӣ шахс аз ноҳаққӣ ва зиён бар вай нафрат дорад (ғайр аз он чӣ, ки қоидаи ҷавонмардӣ таҳаммул мекунад
9. ночор, бо мадади Аллоҳ таъоло, ки кам кардани нуқсонҳои маонӣ аз ӯст, китъа-қитъа...
10. дар вақти фақра-фақра эҷод кардани суханҳои шӯхиомез...

то он ҷо, ки хомаи бадоеънигори саноеъгузор сурати нигоришу симати гузориш во намуда, аз *тамҳиди (омода намудани) мо йақтазӣ сурур ул-қалб ва букоу л-айн'* ҷамъ шуд байни нақизайнро, ки алҳақ санъатест бадеъ ва ин рисола мавсума ба *«Бадоеъ ус-саноеъ» муояна (мушоҳида)* фармуд:

*Ин нусха, ки аз шоибаи нақс барист,*
*Маъҷуни мураккабе зи тозиву дарист.*
*Ҳар кас, ки аз ӯ бихӯрд чун шориби хамр,*
*Аввал бинамуд ханда в-он гоҳ гирист.*

*Фаҳо ано асраъу фимо ашраъу:*[1] [2]

Аз каловаи аҷуз бар чеҳраи арӯс турра оростан маҳзи хаёл аст, номумкин ва аз кунҷолаи ҷувоз ба гӯсфанди охурӣ дунба пиростан сарфи муҳол аст, ман зомин. Нафаси сахти говро дами Исавӣ пиндоштан аз харист ва оташкови нонворо асои Калим ангоштан ғояти бехабарӣ. Хирси кӯҳро бо хатиби масҷиди калон муқояса хатост ва бӯзинаи даштро бо рӯдзани маҷлиси бузургон муносибат норавост. Ҳарчанд сари харро дар ташти зар гиранд, аммо дарозии он гувоҳи ҳол аст. Ва ҳар қадр хуни мазлумро бо шароби инабӣ яке шуморанд, аммо рехтани он вубол. Шалғами пухта бо нуқраи хом ҳамранг аст, тафовут ту медонӣ ва обгина бо алмос ҳамсанг аст, агар метавонӣ. Нофи аҷузро тушбера гумон натвон кард. Гирам, тавон кард, натвон х(в)ард. Сари кал чун косаи чинӣ шаффоф аст, нохуне бояд зад, то аз он хун бинӣ ва аз ин мӯ. Чашми ятимро бо чашмаи чоҳ қавӣ алоқаест, ковише бояд дод, то аз он нам нагирӣ ва аз ин ҷӯ. Пунба пиҳ нест ва қалтабон фақиҳ. Чӣ суд, ки нодон ақл надорад ва доно ёрои нақл. Фазилати Ибни Ҳаннабақа бар Ибни

1. омода намудани он чи ки шодии дил ва ашки чашмонро меорад...
2. акнун мешитобам, то шурӯъ кунам

Сино моҷароест *мухтасири ниам ул-инқилоб ва лав алайно.*[1] Олати шайхи ҳарам дар баёзи шаър ва раховати асаб ҳамшакли думи рӯбоҳ аст, хайётро гӯ, то барои хоҷа аз он пӯстине бисозад. Мӯи пайкари ҷайра кам аз дук нест, беваро хабар деҳ, то ба ҷиҳати таҳсили қути атфол каловае бипардозад.

Субҳоналлоҳ, каҷкӯли гадо сафинаи кадом дарё шуда ва ба деги мадраса оши кадом маърака сурати имзо ёфта? Кадбонуи матбахро чӣ расида, ки харзаи говро чун рӯдаи гӯсфанд ба шила меандозад ва маъзур, ки зоҳир ба мизоҷаш ин месозад. Агар аз барф, масалан, бинои манора осон аст, пас манора чаро махсуси масҷиди калон? Кӯсаро мӯи ибт ва она ивази саблат ва риш нест ва ҳатки пардаи бакрати духтаронро чораи елим ва ширеш. Каллаи гӯсола чун таҳаммули юғ надорад, садои он зери хок ва хари хокӣ чун тоқати каша надорад, ҷои он миёнаи хасу хошок. Аммо ҳайронам аз инқилоби даҳр, ки онро ба мех набастаанд ва аз инъикоси давр, ки инро ба ҷул наороста. Мӯрчаи асбакро зери зин намекашанд. Боис чист? Донистам, ки чист, кер ё тӯдакаш нест. Дасти каду ҳам ҳукми дастор дорад, чаро бар сар намегузоранд? Магар аз деги ҷомашӯӣ покиза набаромада? Ҷуворипоя низ ҳамшакли чумоқ аст, аз чӣ сабаб ба даст намегиранд? Оё ба дастгаҳи харродӣ надаромада?

Аз роҳи меъда он чӣ мегузарад, ҳамон ноштост, ки хоҷа мехӯрад ва он чаро полуда ва ин олуда? Муфтии ҳирс бояд, ки бо кулли сонй фатво бидиҳад, то аз ин қибал ғаромате ба зиммаи он мумсик нанизанд. Фарҷи қаҳба кӯлвори дарвеш аст, ҳарчи дар он ҷамъ кунад, барои захираи хеш, чун манъ аз он норавост, ин низ барои муфтиёни диёр ҳоказо. Ҳуқуқи модар агар аз роҳи додани шир аст, бетафовут ҳукми гови мода гир. Ва агар вуҷуби эҳтироми падар аз тариқи бахшиши симу зар аст,

1. Чӣ хуш аст тағйирот, ҳатто ба мукобили мо бошад!

кӯдакони симкафалро бо зарбозони камбағал ҳукм аз ин қибал аст. Мӯҳтасибро чӣ ҷои сиёсат ва шаҳнаро чӣ маҳалли ҳиросат?!

Аллоҳ, Аллоҳ, дунё турфа тамошогаҳе шуда. Афсӯс, ки дидаи бино ва дили огоҳе нест, ки то он чӣ ба дида бинад ва он чӣ ба дил гузорад, ба сафҳа нигорад. Ислом исме* шуда дар миёнаи он алифу лом. Агар аз инсоф пурсӣ, ҳақиқати он соф. Ҳарфи дин бар гӯшҳо чун мутолабаи дайн гарон ва сурати шаръ дар дидаҳо чун айн уш-шарр ва шарр ул-айн аён. Илм чун алам дар мазорҳо хуфта, бо ҳар кӣ аз айни он истифсор рафта, «лам» гуфта. Чашм бар вай кушодан амал аст, то бидонӣ, ки илмро чи рутбаву маҳал. Аз устухони паҳлӯи ятим паргола бояд дод, то пораи ҷигари бевазан аз хилоли дандони ин зангиёни одамихор ситонидан тавонӣ. Ва домани паризоди саломат аз кафи ихтиёр бояд ниҳод, то дар гӯшаи узлат аз санги маломати ин одамиёни девсор эмин бимонӣ. Чун қулзуми ҳаводис дар талотум аст, кадуи миён санги пост ва чун ғубори алоиқ дар тарокум аст, сурма низ ҳиҷоби босира аст, агарчи тӯтиёст.

Бода он ҷо, ки хумор нашканад, пунба бар даҳони шиша неҳ ва об ҳар гоҳ ки бар номияи нахл қуввват наяфзояд, дами теша беҳ. Фарҳод аз ҷӯе, ки канд, шир хӯрд ё хун? Ишқ фитнаангез аст, на ҷурми Лайливу на гуноҳи Маҷнун. Расвоӣ насибаи қаландар асту оташ вазифаи самандар. Лаънат бар васвасаи хаёл бод, ки ғолибан дастмояи малол аст. Риши гов сохтан кам мӯҳлика аст, ки худро дар таҳлукаи шона андохтан? Ҳубоб, агарчи хаймаи истиқомат занад ҳам, равон аст ва савсан агарчи садзабон аст, ҳамчунон *маътал ул-баён.*[1] [2] Доғам аз дасти фикри ноқис, ки муаддӣ ба ҳусули камол нест. Кайк аз мӯза берун мекунад, аммо воқиф на аз

1. ба маънии гуноҳ, айб, хато
2. гунг, лол

ҳодисаи саг дар ҷувол. Обмӯрӣ агар аз боғ калон аст, гила на аз кундии хор ё аз пастии девор, аблаҳии боғбон аст. Кӯдаке шалвори ҳарир, пеш аз он ки модар хиштаи он биншонад, то ҳашароти шаҳвонӣ аз хатароти нафсониро дар он мазиқ роҳи мурур ва убур намонад, дар по кард ва бо ҳамсарони худ ба расми тифлон бозича барпо. Чун пайкари нозукаш аз садамаи бозӣ кӯфта ва гарди савдо аз ҳавошии хотираш рӯфта гардид, ҳам ба одати кӯдакона дар сояи тути бедона паҳлӯ ба хок дод ва сар ба хоби гарон ниҳод. Кӯдаке навболиғ, ки ҳамвора наззорааш ҳамчун насим ҷосуси ҳаволии доман ва зери домани ӯ буд, аз ҷуфтаи симинаш хабар ёфт ва аз сарчашмаи насимаш асар, лоҷарам, ба ҷаҳде ки метавонист ва ба навъе ки медонист, ба асби тезҷавлон аз роҳи хишти тунбон, чунон ки писанди хотири ҳар сомеъ ва қоил уфтад, гаште бемоил зад, кӯдак зерина чун дар ҳуққа шер дид ва дар ҷубба тир, саросемавор даст дар банди шалвор ҳамебурд ва шигифт ҳамехӯрд, ки қуфл ҳамчунон бар дари ганҷина овехта ва ганҷ чаро беруни дар рехта. Савдо турфа тақозоҳо дорад ва хаёл шигарф таманноҳо. Оҳо, фаоҳо, аз ин сӯхтани нафас чӣ хезад, ҷуз он ки оби рухи ҳарзагард бирезад. Хомтамаъ мағзсӯзи димоғ аст. Зинҳор аз ин бода, ки санги аёғ аст, оина чандон бо худ наздик мабар, ки аз таъсири нафаси ту занг гирад. Ва дар муҳимми кӯшиш аз риояти эътидол магзар, ки матлаб диранг пазирад, чӣ ҷои салбу эҷоб аст ва итолаи баҳс ғолибан дар муфиди ҷавоб. Ифроти акл муворриси ҳайза, амрест маълум. Ва иксори заҳк мӯҷиби гиря, рамзест мафҳум. Якдастӣ агар айби кор аст, чаҳорпоӣ низ ҷои ор, чандон махусб, ки мурдаат пиндоранд ва на он қадар бедор, ки бегурдаат шуморанд. Зулф агар хам хӯрад, шикане хуш аст ва агар бипечад, анҷумани шабуш. То нисбат қобили тааддуди эътибор аст, аҷзои қазия чаҳор мапсанд ва агар тафриқаи зотӣ исбот кунад, бар риши муддаӣ биханд. Бозори ибрат гарм аст, оҳ аз ин савдогарони бешарм, натъе ба хона

намеоранд, ки ғилофворе барои кери меш пардохта ояд ва ё шонаи харитае ба ҷиҳати риши гов сохта ояд.

Хок бар каллаи арбоб, ки дар печи саллаи он ҷуфти дук нест ва туф бар саблати оқсақол, ки дар ҷуфтии он қуввати чук. Бибӣ поча дароз карда, калла ку? Бордон холӣ шуд, ғалла куҷо? То кай анбон беорд, то чанд дар ғилоф корд? Синаи кафлез сӯрох шуда, ки ба деги палав сар фурӯ намеорад. Ва бинии корди ош теғ кашида, ки бар заволаи угро дандон намефишорад. Чоле, ки ғами кампир намехӯрад, шаллоқ дар паси хояаш, ки на аз ӯ хонагӣ манфиат мебарад, на ҳамсояаш.

Чошт ба зӯҳр пайваста, ҳанӯз кисаи арбоб сар ба мӯҳр ва рӯз ба поён расида, маъазолика, хонаи оқсаққол бесомон. Ҳайҳот, ҳайҳот, магар муддаиён аз иқомати байййна маъзуранду мункир мутаҷосир бар ямини зӯр? Ё қозӣ аз қатъи мухосама мӯътал аст ва ё аркони иғво мухтал. Вагарна ин ҳақношиносон ин ҳама носипос набуданд, ки ҳастанд.

...Бояд ки қорураро мешикастанд. Чӣ шуд, дар сақфи хона кӯз нест, дар зери она сипӯз? Бале, вуҷуди ашё манут бар таҳияи асбоб аст ва инъиқоди қазо (ҷаласа, баргузории ҳукм) ё мавқуф бар субути аҳком аст, хоҳ салбу хоҳ эҷоб. Мӯътабарони аср, ки хориҷ аз ҳадди иҳота ва ҳасранд, чун ақл нест, аз хавоси умур чӣ интизоъ тавонанд намуд ва бе муавванати дос аз киштаи эътибор чӣ хоҳанд даравид? Иртифои офтоб донистани тамҳиди устурлоб мехоҳад ва нашъаи шароб дуболо кардан - ҳаловати нуқлу малоҳати кабоб. Дарё пур аз гавҳар аст, ку шиновар? Осмон саросар ахтар аст, лекин куҷо ситорашумар? Мор мӯҳра дорад, киро заҳра? Хор гул дорад, киро таҳаммул? Рӯспӣ то уҷра нагирад, тан ба ҷимоъ надиҳад ва сӯфиро то ваҷд нарасад, гӯш ба самоъ нанихад. Удро дар оташ фикан, агар толиби бухурӣ, бода дар қадаҳ гир, агар моили сурурӣ. Девори қасри баландро

пояи уруҷ каманд аст, гиряи тифли гаширо илоҷи хомӯ”тй ҷанд.

Калом аз рабт уфтод ва маром аз забт. Чӣ кунам, он қадар мушаввашам, ки турраи дилдор аз ман касби парешонӣ мекунад ва хотири махмур истифодаи саргаронӣ. Жӯлидагии мӯи Маҷнун вақфи саропои ман аст ва олудагии тарфи домани Лайлй нақши пироҳану қабои ман. Аз ман то сояи девор фарқи уфтодагӣ як қадам аст ва то нусхаи ботил тафовути беэътиборӣ як рақам.

Ҳар гоҳ чун гул сар ба иртифоъ афрозам, *ало касри л-унқ'* гил мехонанд ва ҳар вақт ба ороиши асбоби девонагӣ пардозам, *ало рагми унф*[1 2] оқил медонанд. Боре, ту низ кӯси шӯҳрат мазан, то ҳарами худро дар пои дуҳул набинӣ ва силсилаи эътибор маҷунбон, то чун гардани муҷрим зери ғул нанишинӣ. Гӯшаи узлат роҳате дорад, ки дар биҳишт нест ва пояи шӯҳратро офатҳоест, ки дар сарнавишт на.

Қурбони он қаландаре, ки дар кунҷи дайр фориғ аз ташвиши ғайр шароб мемазад ва кабоб мегазад...

Ҳар кӣ дар ин шак орад, кофар аст. Гирифтам, ки таҳсили омолу амонӣ, ки иборат аз таксири зуруф ва авонист, чӣ суд кунад, ки дар он обе ба фароғбол ва дар ин шаробе ба ҷамъияти ҳол хӯрдан натавонӣ ва чун пиёла ҳар гоҳ даҳан пур кунӣ, ҳамчун чойник аз роҳи бинӣ бигардонӣ. Дунё ҳар қадр ҳавас, андакаш бас аст.

*Он шунидӣ, ки кӯдаки танноз,*
*Ки бад-ӯ буд чашми олам боз,*

ба завқи гунҷишк аз дида сиришк ҳамеборид. Лутии дағал, ки латоифи ҳияли он дастуруламали ҳар камбағал буд, аз ҳақиқати ҳодиса иттилоъ ёфт ва ба исъофи мароми ӯ

1. бо шикастани гардан
2. баркасд (сарфи назар аз хостан)

бишитофт, то ба тақрибе гунҷишкаш дар мушт ниҳод ва харзааш дар пушт ва чандон афшурд, ки гунҷишк дар мушти кӯдак мурд. Ту низ ғофил мабош, ки аз ин тилисми найранг ҳар чӣ ба чанг дарорӣ, ҳамчунон ки гирифтаӣ, бедиранг супорӣ.

Даҳр ғаюр аст, даврон аҷул, хоҳ шодмон бош, хоҳ малул.

Тухми ҳирс коштан хирмани надомат бардоштан аст. Сухани бенифоқ муҷиби сидқ аст. Билиттифоқ пунбадона дандон намешавад ва соғуи ангур яхдон...

Оҳани ростро ба даст каҷ кардан натавон ва хонаи лоиро ба орд гаҷ намудан ҳамчунон. Аз сабади боғча бар сар дастор оростан ва аз шиканбаи гӯсфанд дар кун шалвор пиростан хориҷ аз мизони ақл ва берун аз андозаи нақл аст. Аз рӯдаи кайк чиллаи камон ва аз думи муш банди тунбон ба ҳусул намеанҷомад. Лоеҳ аст, ки аз тоҷи хурӯс бодбез ва аз синаи мокиён теғи тез ба зуҳур намепайвандад. Возеҳ аст, аз ҳалвои қоқатӣ лаълии хушбори маърака ва аз шитоланги лаклак калиди ғалақа амрест номаъқул ва аз пӯсти мор сарбанди тӯр ва санги пойхӯрак аз хонаи занбӯр қоидаест номаъмул. Не, не, ғалатам, ки ӯхдаброву корозмо нест, вагарна аз сафедии чашми қурбонӣ нишолло задан саҳл кор аст ва аз мӯи сари аҷуза ҳалвои таре андӯхтан нодушвор. Байзаи мурғ ҳам вақти зарурат ивази аккол бозичаи атфол шавад дур нест ва абраи шутур низ гоҳи ҳоҷат бадали дастанбӯяи атри димоғи арбоби иззу ҷалол гардад, номаҳзур. Аз гили шароб нили рухсораи кӯдаки зоҳид намекунанд, вагарна дар дафъи захми чашм як ба як аст. Хиштаи тунбони бонуро ба ҷиҳати иртиш бар сари хоки хоҷа намедиҳанд, вагарна мустаҳиқи он лак дар лак. Мӯҳтасибзодаро, агар ба шофа зарурат уфтад, ери риндон тайёр аст, тамҳиди собун чӣ ҳоҷат. Духтари шаҳнаро, агар аз истеҳмом гузир набошад, оғӯши мастон кам аз гармхона нест, рафтани

ҳаммом чӣ лаҷҷоҷат. *Ҳасбатанлиллоҳ,*[1] ин ҳама каҷдору марези рӯзгор ва андозу маҷунбон кори мани ошуфтаболи шӯридаҳолро бад-ин ҳарзахаёлиҳо ва сақатсиголиҳо андохта. Азизон хуб медонанд, ки табъи ваққод ва фикри нақҳоди маро дар забти дақоиқ ва дарки ҳақоиқ аз мабодии олия бисёр фаротарӣ агар набошад, андак фурӯтарист. Пас, ин андешаҳои ботил бе мӯҷибе нахоҳад буд, ки мекунам ва ин ройҳои отил бе боисе натавонад буд, ки мезанам.

Яке аз салотини мозия, ки аз сарир ба ҳасир омад, дабири дабиристон шуд ва амири кӯдакон. Фоиқе чун аз сураташ бар сираташ вуқуф ёфт, боиси ихтиёри он пояи ҳақир, ки лоиқ ба ҳоли амир набуд, пурсид. Гуфт: Аз аморати булдон ба ҳукумати вулдон тасаллӣ мекунам. Ман низ аз ибрози масоил ва эҳрози фазоил, чунонки собиқи ҳол ва нахустин иштиғоли ман буд, бо имлои ин мавҳумот ва иншои ин музахрафот ташаффии хотир кунам, муддаиёнро ҷои эътироз ва эътирозро маҳалли интиҳоз нахоҳад буд. Маъазаллоҳ, агар санноъи паранду парниёнро дастгаҳу дӯкон аз абрешим холӣ монад, дар ихтиёри ҳирфаи пашминабофӣ узраш муайян аст. Ва агар қанноди чобукдастро дар кори шаҳдомезию шакаррезӣ халале рӯ диҳад, дар иртикоби санъати дӯшобпазӣ ваҷҳаш муайян. Чармабозии занон аз бе..ерии шавҳар аст ва қанду равған хӯрдани тифлон аз беширии модар. Агар нон дар дастурхон аст, ба хидмати дастур ё хон кӣ равад ва агар об дар кӯза аст, пой дар мӯза кӣ кунад?

Калходро чун ба чанг ба синаи кабк ва рони бат намерасад, лоҷарам, ба сайди ғук қаноат дорад. Чун кабку батро қуввати муқовама ва маҷоли мухосама нест, ночор сари итоат дар пои боз мегузорад. Гург дунбаи гӯсфанд мехӯрад, агар сари саг дар каманд бошад. Хоҷа аз дузд дар шаб эмин мехусбад, агар девори саро баланд бошад.

1. АзбароиХудо!

Кал масҳ намекашад, ки наззорагиён дар яминанд ва хар бонг намезанад, ки дарандагон дар камин. Қаҳбаро дар фарҷе кӯҳна анҷуман дар хилват аст ва муҳтабисурриҳро дар пои духӯл хилват дар анҷуман. Сарбоз агар дар машқ ҳозир нашавад, ангор ки милтиқ дар гарав аст ва агар қулфа дар дасти сартарош зоҳир гардад, пиндор, ки к..ри кӯдак дар ғарав. Ороиши вусмаву ғоза аз нозебоии арӯс аст ва бомдавиҳои мокиён аз ноҳифозии хурӯс. Бангиро бо косаи кӯкнор чӣ кор - магараш дар сархона банг нест ва девонаро аз тифлон чӣ ҷои озор - зоҳиран дар даст санг на. Лӯлӣ дар хона нанишинад, чӣ кунад - кӯча пур аз гил ва лутӣ тақво нагузинад, чӣ созад - бачча ноқобил.

Ӯзбаке, кӯбкоритозеро, ки дар кӯбкоритозӣ беанбоз буд, шунидаам, ки ҳалқаи тақво дар гӯш кард ва дироаи диръ бар дӯш, ҷуз гӯшаи хонақоҳ дар сояи хуру моҳ ҳам нанишастӣ ва як қалам дари омаду шуд ба рӯи ҳама бастӣ. Соиле пурсид, ки «Эй ӯзбак, *аслаҳаллоҳу аҳволак,*[1] ин тариқи савоб аз кӣ омӯхтӣ ва ин чароғи ҳидоят аз куҷо афрӯхтӣ?». Дар ҷавоб гуфт, ки *«Огп топамаганимдан шул пӯқларни ҷеб ҷурубман!».*[1]

Оре, саргаронии хоҷа аз бебодагист ва замингирии шомиёна аз беходагӣ. Гӯсоларо аз мех бикшо, бубин, то чи ғанҷу далол мекунад ва фалсафиро аз гуфтугӯ манъ манмо, бингар, то чӣ баҳсу ҷидол. Агар об дар пушт набошад, чӣ қазибу чӣ ангушт ва агар ламс дар мушт набошад, чӣ шиками қоқуму чӣ дӯши хорпушт.

Сабр агарчи талх аст, ширинии он дар мазоқи мунҷамидулахлот тоҳир мегардад. Неш агарчи тунд аст, аммо гувориши он дар мизоҷи мӯҳтариқуддам боҳир.

Сафровӣ агарчи таъми қандро талх гуморад, ҳам далели ихтилоли ҳисси ӯст. Ва сӯфистой вуҷуди оламро тобеи эътибор пиндорад, содиқаш махон, ки ҳарзагӯст. [1 2]

---

1. Худо корҳоятро ислоҳ созад.
2. Асп, ки наёфтам, ҳамин гӯҳҳоро хӯрда гаштам.

Аҳвал агар якеро ду хонад, оина дар муқобилаш дор, то чорпоии худро ба шаҳодати мушоҳида донад ва остини рад бар эътиқоди худ афшонад ва эътиқоди худро дар басораи эътимод нанишонад.

Расвоӣ борест, ки дӯши ҳеч хар ба манзил намебарад ва беҳаёӣ пардаест, ки панҷаи шери нар намедарад. Чӣ гӯям? Охир нашнидаӣ, ки ширзимае аз мутафалсафин, ки худро *уқулуннос*[1] *ва муҷассам аз ақл мин ал-қадам ило р-раъс*[2] медонанд, *куллу мо нушоҳиду мин ал-анфус ва л-офоқро мавҷуд би л-бахт ва л-иттифоқ*[3] мепиндоранд ва шуюни таъсироти қудрати ҷоили ҳақ намеангоранд, агар ҳол чунин аст, ки муҳийёти мумкина мин ҳайси ҳай-ҳай аз буқъаи Лайса ба арсаи айс хуруҷ карда ва аз ҳаҷлаи иститор ба минассаи иштиҳор уруҷ, пас аз ин аъёни собита, чӣ нотиқа ва чӣ сомита ва аърози койина, чӣ ноия ва чӣ дония, чаро пайкари худҳо ба эвари вуҷуди азалӣ н-ороста? Ва ин навбовагони чамани феълу қабул дар он равзаи минӯӣ норуста. Онро, ки дар садри ҷалол бор аст, дар сафи ниъол чӣ кор?

Гадо бар оши маърака агар даст ёбад, рӯи дегро ба машкоб намегузорад. Ҳаловате, ки дар неши харбуза аст, дар поёни он нест ва назокате, ки дар духтарон аст, дар бевагон не. Шир хуб аст ё мост? Ин куҷову он куҷост? Оши тозабуғро ба оши шабмонда кӣ баробар карда? Фасли харифро бо мавсими рабеъ кӣ ҳамсар? Гирифтам, иқтизои табоеъи мазкураро ба шурути молоязолӣ таълиқ кунанд, ҳанӯз хориҷ аз қонуни таҳқиқ аст, чӣ он шурут вуҷудист ё адамӣ, бе эҳтимоли зиёдат ва камӣ. Агар адамист, ё адами сирф аст ва ё адами вуҷуд. Агар адами сирф мақсуд аст, *фаҳува мутаҳаққиқ фӣ л-азал фатамма* [1 2 3]

1. аклҳои одамон, маҷ. гулҳои сари сабад.
2. тачассуми акл аз сар то по...
3. ҳар он чиро ки мо аз инсонҳо ва осмонхо мебинем аз будани бахту барор...

*ва ода л-халал*[1]. Ва гар адами мавҷуд мурод аст, мавҷуд холӣ аз ин нест, ки азалист ё лоязолӣ. Бар тақдири аввал тараёни адам бар мавҷуди азалӣ норавост *ало мо тақаррара мин зобитати ил-ҳукамо*[1] [2]. Бар тақдири сонӣ *фа л-калом фиҳи ка л-калом фӣ л-муҳийёт.*[3] [4] Ва ин низ шӯшаест аз он набот ва хӯшаест аз он баннот ва агар он вуҷудист, *факамо қулно фӣ т-тақдири с-сонӣ*,* дод аз дасти нодонӣ. Офаридаро чӣ ҳад, ки бар офаринанда инкор кунад, *ал-иёза билзоҳ.*[5]

Ҳакиме аз ин ҷамоаи мазкура ва тоифаи мазбура сурате дид бар девор ба хубтарин зебу нигор, монанди рассомон хома бар даст дошт ва сар ба сафҳаи сина паст. Бо фақеҳе, ки камтар аз сафеҳе медонист, ба сарангушти ҳақорат ишорат кард, ки дар банони тасвир хомаи таҳрир барои чист? Рост гӯ, дабири девон аст ё муҳандиси айвон? Фақеҳ гуфт: Надидӣ, ки ҳолӣ суратмисолии худ мекашад? Ҳаким аз боди нахват барошуфт ва ёваи беандоза бар фақеҳ гуфт. Фақеҳ аз роҳи инкисор ба қадами эътизор даромад, ки эй ҳаким, инсоф пеш ор ва эътисоф бигзор, ки дар ин қазийя мисдоқ масали соири *султа ала л-асад ва булта ан ин-нақд* шуда, ё на, чӣ ҷумлаи аҷроми улвия ва сифлия ба раъйи ту ба таъсири завоти худҳо сурати вуҷуд ва зуҳур ёфтаанд ва рухсати сукун ва убур. Пас, ин тимсоли шалҷамӣ муварриси вуҷуди худ гардад, чӣ ҷои ибову истинкоф ва чӣ маҳалли такзибу хилоф?

Уштур ҳамаро бардошт, ба элак чаро мелангад? Сӯфӣ бо ҳама сулҳ кард, бо риндон аз чӣ сабаб меҷангад? Дарёдаркашонро ним ҷуръа чӣ фавқи шабаъ ва одамигоёнро харкурра чӣ ҷои вараъ. Қултоқи писаре,

---

1. Дар азал амалӣ гашта будааст, ба ниҳоят расидааст ва боз вайронӣ бар вай чира шудааст.
2. Бар он чӣ хакимон мукаррар кардаанд.
3. ... сухан дар он чун суханест дар мухийёт
4. ва чи тавре ки дар тақдири дуюм гуфтем...
5. Ба Худо паноҳ мебарам.

ки ҳангоми нуъӯз то сиёҳии мӯй таҳаммул мекунад, дар ғайбаи ҳашафа таммул раво надорад. Ва бебокдухтаре, ки аз бегона парҳез ҷоиз намедорад, аз писари ҳамсоя чӣ эҳтимоли гурез? Чун об аз сар гузашт, чи як найза, чи сад ва чун хонаро сел бурд, чи ҳасир ва чи намад.

Омадем бар сари сухан. Ва агар таъсири он шурутро дар вуҷуди нафси худ машрут ба шурути ухро доранд, *файаҳулу нанқулу л-калом илайҳо ва наътаризу алайҳо ва ҳоказо инна ода фӣ даварон, таъаддо файаталсул'* ва давр ҷуз дар соғар ва тасалсул ҷуз дар турраи маъшуқ, балки ҳар ду ҷуз дар давраи фалак ботил аст. Оҳ, аз ин даварoти мутасалсила, ки ҳар яке аз он ҳамчунин аблаҳеро дар оломи кавну фасод бармеангезад, ки обрӯи як олам донишро ба хоки тира мерезад. Эй басо ҳариф ул-баён, ки неши забонаш дар кавну фасод ангушт мезанад ва басо ҳадиду л-лисон, ки ҷалодати баёнҚш бар синаи ҷаллод мушт. Агар доираи баҳсу ҷидол барпо шавад, ҳангомаи сагу шағолро гарм менамояд ва агар нoираи ҷӯшу хурӯш боло гирад, воқиаи намак дар бода ва пунба дар гӯшро муояна мефармояд. Хок дар мушт аст, то дигаре чашм боз накунад ва қозура бар ангушт аст, то дигар даҳан фароз надонад, ки чароғи лоларо аз тасарруфи бод зиёне нест ва гули тасвирро аз расидани мавсими дай эҳтимоли хазоне. Хдлқаи чашм доми пои нигоҳ намегардад ва решаи ҷигар каманди гардани оҳ. Ойинаи фӯлодро чӣ эҳтимоли шикастагӣ аз талаққии санг, пои сарсарро чӣ имкони кӯфтагӣ аз дарозии фарсанг. Камон ҳар қадар ки тирро дур андозад ҳам, қариб ба нишон аст ва банон ҳарчанд ки пои қаламро муҳкам гирад, ҳамчунон равон.

Аз даридани ҳанҷараи муаззин ба риндони пунбадаргӯш чӣ зарар ва аз рехтани дандонаи шамшер

1. ...мегӯянд, баъд мо сухане бар иловаи он мегӯем, пас боз бар он эътироз мекунем ва монанди хамин. то вакте ки давр зада бозмегардад, аз хад мегузарад ва бефосила боз идома меёбад



*Пора аз «Бадоеъ ус-саноеъ» (дастхатти №1075)*

ба далерони ҷавшанпӯш чӣ хатар? Ҳар чӣ аз макореҳи даврон ба қаландар расад, маҳмил саҳеҳ дорад ва ҳар чӣ аз фазоиҳи замон ба озодагавҳар - таъвили сареҳ. Ҳар чӣ ояд, писанданд ва ҳар кӣ гузарад, биханданд. Бангиеро дидам чилим дар чанг, ки ҳангоми кашидани банг ҳам аз боло сурфа мезад, ҳам аз поён тез, як қалам болову поён растахез. Гуфтам: Ин чӣ башоат ва он чӣ шаноат? Бихандиду гуфт: чӣ хуш бувад, ки барояд ба як карашма ду кор.

Чун тирабахтӣ муҳити ҷамеи ҷиҳоти аҳволи мост, бар тақдири инқилоб низ аз фирӯзии иқболи мо ҷои умед нест. *Из ас-солибату л-кулиййа лав инъакасат лаинъакасат канафсиҳо.*[1] То дӯстони якҷиҳати хотирафсурда ва дилпажмурда моро ба татмеи табадцули шар ва ваболи имрӯзаи мо ба хайр ва наволи фардо тасалло надиҳанд, ки напиндорем ва ҷомаи ҳирсу ози моро ба зебу зевари қалб мапардозанд, ки бовар надорем. Беҳтар он ки таҷаррӯъи косоти заҳр кунем ва таҳаммули шадоиди даҳр. Мустасқиро чун аз шурби адвия мусаккини атш нагардад, ирхои инон дар хӯрдани об салоҳ аст ва чун мустафтиро сукуки даъво аз роҳи сиҳҳат ба мӯҳри фатво нарасад, тарки мулозамати оқсаққол ва арбоби фалоҳ (кунад). Байт:

*Мо озмудаем дар ин шаҳр бахти хеш,*
*Бояд бурун кашид аз ин варта рахти хеш.*

Ҳам ба муқтазои ин мақол мехоҳам, ки аз тангнои зиндагӣ, ки машғалаи он ҷуз харбандагӣ нест, ба олами фано, ки фарохнои озодист ва холӣ аз татовул ва бедодӣ, пои рехдат фаро ниҳам ва вопасмондагонро хайрбод кунам ва дуо диҳам, то бубинам он ҷо чӣ гуна ҷост ва кадом қисм боду ҳаво. То кай чун кирми мазбала ба ҷиҳати пур кардани ҳавсала дар миёни қозура ва кумез исрофи

1. Агар инкори кулли акс ёбад, акс аз чизе чун худаш аст.

авқот тавон намуд? Худованди хуру моҳ ва нигорандаи сапеду сиёҳ огоҳ ва гувоҳи аҳволи ман аст, ки аз зиндагӣ дилгирам ва аз ҷон сер. Сарвро аз он сарсабзӣ чӣ ҳосил, ки *аладдавом'* пои истиқоматаш дар гил бошад ва лоларо аз он сурхрӯӣ чи тоил, ки *муддатулумр*[1] [2] доғи надоматаш дар дил, рӯзе ба шаб намегузорам, ки ҳодисае ҳойил ба хитоби *кайфа асбаҳта*[3] [4] мулоқотам нанмояд ва шабе ба рӯз намерасонам, ки воқеае мушкил ба адои *кайфа амсайтад* мувохотам нафармояд. Бо ин парешонии хаёл саломати мақол ва салоҳияти аҳвол аз ман чашм доштан аз бебасоратист, чи мӯй парокандани занон нишони мусибат аст, талошии ситорагон далели қиёмат.

Ҳиндуеро дидам ба либоси ислом ороста, бар сари мақбараи мусулмонон нишаста буд. Баъд аз тамҳиди муқаддамот ва таҳният, ки филҳақиқа дар ҳаққи он таъзият менамуд, гуфтам: - *Ё ахӣ,*[5] пуштаи хомӯшон ҷои гуфтугузор нест ва марқади мурдагон маҳалли иқомату қарор. Чаро ба мактаби ислом дарнаёӣ ва аз адиб илтимоси таълим нанамоӣ, то воқиф ба аҳкоми шаръ тавонӣ шуд ва ориф ба ҳақиқати аслу фаръ? Ҳинду об аз дида бирехт ва хок бар сар бибехт ва гуфт: - Аз мақулаи имон калимае беш бар забон наронда будам ва аз кутуби аҳли ислом сатре зиёд нахонда будам, ки саблати дойирам буриданд ва пардаи нангу номусам дариданд. Бим дорам, ки калима калом шавад ва сафҳа тамом, риш аз заҳанам биравад ва сар аз тан. Аз нанги саблати кӯтоҳ дар ойина бар рӯи худ нигоҳ кардан наметавонам ва аз номуси к..ри хунполо дар ҳузури мардум сар боло. Худоро, инсоф деҳ, ки бо ин ду инфиъоли шигарф чӣ гуна дар ислом тарф тавонам баст ва ба кадом дасту дил гардани куфр хоҳам

---

1. доимо
2. тамомиумр
3. Субҳат чӣ гуна буд (Чӣ тавр хобкардӣ)?
4. Бегохат чӣ гуна буд?
5. Эй бародар!

шикаст. Акнун, ки дар сарои ҳиндувонам бор нест ва дар маҳаллаи мусалмонон заҳраи иқомату қарор, инак ману ин сари мазор, то чӣ ояд аз гардиши рӯзгор.

*Ало ҳозо,'* чароғи афрӯхтаро ҷое, ки равған диҳанд, доман мезананд, чӣ умеди рӯшноӣ. Ва кӯдаки навомӯхтаро, ҷое ки сим диҳанд, бим медиҳанд, чӣ тамаи ошноӣ. Агар гулӯла ба гӯр расад, ба ёрмандии борут аст ва агар мурда ба гӯр равад, низ ба дастёрии тобут. Асби қочқурро бе додани ем натавон тохт ва кӯдаки олғурро бе бахшиши сим натавон бохт. Хамир ба қуллоб гузор, то моҳӣ сайди ту гардад ва донаро зери дом неҳ, то мурғ дар қайди ту. Ҳаюлоро то маҳалли сурат насозанд, ранги вуҷуд нагирад ва симро то дар бӯта нагузорӣ, нақши сикка напазирад. Фарёд аз ин доягон бемеҳр, ки ба атфоли худ ҷои шир хун медиҳанд ва фиғон аз ин муханнастинатон, ки бо занони худ ивази кер кун. Об ба шир зам мекунанд ба ҷиҳати андӯхтани қаймоқ ва пар аз тир барои дӯхтани қалпоқ. Мурғи хонагиро аз бедонагӣ ҳаром мекушанд, то ҳалол шавад ва чӯҷаи сихпарро ба сих мекашанд, то шағол набарад. Ҷаҳон заъфаронзор аст ва ҷои ханда бисёр. Мутаҳаййирам, ки бо ин ҳама мушоҳидаи ғароибомӯз наззорагиён аз ханда маъзуранд ва бо ин ҳама атрсоии димоғ атса номакдур. Ҳарчӣ бодо бод ва ҳарчи обод обод. Ғами даҳр хӯрдан кори оқил нест ва андӯҳи дунё беҳосил, чӣ ҳарзадавиҳои кӯчаи авҳом широк аз наълайни яқин гусастан аст ва ҳалқафишориҳои тамаи хом дари роҳат ба рӯи хеш бастан.

Озодагавҳареро гӯянд, ба марги падар андӯҳ намехӯрд ва гиря намекард. Гуфтанд, ки маросими таъзияи падар чаро ба ҷо наёрӣ ва ашки ҳасрат аз дида бар рухсор наборӣ? Гуфт: - Маъзур, ки мизоҷи мардӣ шеваи занон барнамедорад ва димоғи қаландарӣ шиори абнои замон. То зиндаам, таъзияти мурдагон нагирам ва

1. Баҳаминтариқ

чун бимурдам, зиндагон, *казолика.*[1] Оре, ки ашки дидаи мотамӣ оби ҳаёти мурда нест, зиндаро чӣ суд аз гиристан ва нигоҳи вопасин риштаи пои умри басарбурдаи мурдаро чӣ фоида аз гиристан. Билҷумла, гила аз шумии бахт аст, на аз дигарон ва шиква аз хушкии баҳр аст, на аз шиноварон. Шуллони мир, агар ба навкар нарасад, гилаи мир аз танхоҳ аст ва ротибаи вазир гар ба аскар нарасад, шикваи вазир аз-подшоҳ. Лутӣ кай к.. дод, ки дарвеш на..ойид ва матбахӣ кай устухон андохт, ки саг нахойид? Тарра фолуда мегардад, ку шаҳд? Кӯдак осуда мехуспад, куҷо маҳд?

Туфанг бе тир киро аз по нишонд ва паланг бе чанг киро аз ҷо фишонд? Оҳан то тафта накунӣ, дар чӯб наравад ва тир то дар оташ надиҳӣ, аз тӯб наҷаҳад. Заминро дона деҳ, то хирман даравӣ ва тӯтиро шакар деҳ, то сухан шунавӣ. Шуғли булбул дар қафас ҳамон ҳифзи нафас аст. Сарв сарсабз аст, аз он рӯ ки озод аст ва қумрӣ, ки гирифтор аст, ҳамвора дар фарёд. Гул чаро шукуфтахотир набошад, ки зар дорад ва булбул чӣ сон ошуфтахаёл набувад, ки паҳлӯ ба хокистар мегузорад.

Дағобозиҳои фалак чун кабӯтар дар катакам карда ва душворангезиҳои даҳр дар дидаи роҳатам намак. Агар чун гунҷишк хона кунам, ҳоҷиби остона тузоқи тифлон аст ва агар чун гӯсфанд азми саҳро намоям, қойиди тариқ таёқи чӯпон. Ҳар тараф ки чун шоҳи шатранҷ рух мениҳам, кишт мехӯрам ва чун гурба бар ҳар хона, ки сӯқ мезанам, пишт мешунавам. Замона ҳар заҳри коғазпече, ки омезад, чун кадуи нос дар коми ман мерезад ва гетӣ ҳар дуди талхе, ки ангезад, чун найи қалён дар димоғи ман мебезад. Ҳамвора чун деги ҳариса насибаи ман каллоқ аст ва ҳамеша тақдири ман чун кӯдаки мактабгурез фаллоқ. Даст ҳар ҷо ки мегузорам, чун кафи муздур олуда ба неш бармедорам ва паҳлӯ ҳар ҷо ки мефишорам, чун пушти

1. хамчунин

ҳаммол оганда ба реш. Гӯшаи хотирам чун дӯкончаи наддоф маҷмаи парешонист ва хилвати дидаам чун хонаи ойина манбаи ҳайронӣ. Тахтаи машқи хазону наколам ва бозичаи дасти шарру вабол. Чун парвезан захираи ман аз орд нухол аст ва пайваста чун гов сармояи ман аз хирман пухол. Агар бар рӯи ҳарир нишинам, ҳасир аст ва агар аз сари ҳасир бархезам, ҳарир. Шир дар косаи ман чуғрот аст ва мавиз дар кисаи ман қарақот. Агар ба сурати шер бароям, ҳамон фарши қолӣ хоҳам буд ва як қалам аз ҳар ойина зуҳур кунам, ҳамон шабаҳмисоле. Чун бахт баргашт, ҳол ин аст ва чун хотир ошуфта шуд, мақол чунин. Шиша бар санг расад, ночор садо кунад ва ришта бар захма хурад, лобуд наво. *Муфаттауу л-батн*[1] дар г..з задан маҷбур аст ва *мумталиъу л-меъда*[1 2] дар орӯғ додан маъзур. Фисқи ринди камбағал махсуси рони писар нест ва бонги хурӯси бемаҳал мавқуфи вақти саҳар. Оши кочӣ ба орди ҷуворӣ маҳсур нест, аз гили каҷ ҳам пухта шавад, сурати ҷувоз дорад ва угрои так ҷуз ба равғани нидав мақсур не, аз елими гудохта ҳам сохта ояд ниҳояти имтиёз.

Бе каду дар баҳр шино кардан душвор аст. Дастори зоҳид бар камар неҳ ва бе дастор дар маърака ҳозир шудан ор аст, хонаи лаклак бар сар гузор. Агар зербағали ҷома танг аст, аз бӯи ид қуфлак андохтан чӣ ҷои нанг ва агар фасли тобистон кулоҳи ироқӣ бар сар ниҳодан душвор аст, аз чалпаки мурда арақчин сохтан чӣ маҳалли ор? Камар дуастара кардан аз симу зар чӣ ҳоҷат, аз зарниху оҳак низ таъбия мӯҳтамал аст ва доруи мусҳил аз ширу сано пухтан чӣ лозим, аз оби чоҳу тути баччахӯрак ҳам ин танқия мумкинуламал. Бодбараки кӯдакон ивази сипару қалқон ба дафъи зарби теғу таъни тир ба кор меравад, уқлоқи занон бадали ночаху синон дар

1. шикамкушода
2. шикампур

шикофтани сина ва даридани ҷигар кор медиҳад. Таоми гулӯсӯзро ба роҳи бинӣ хӯрдан одати қадим аст ва оши шабмондаро бо сиркои кӯҳна фурӯ бурдан шеваи лаъим аст ва аз хонаи анкабут пашшахонаи тобистон расмест маълум ва аз телпаки ҳинду манқали зимистон тариқест марсум. Косаи сангпушт миҷмараи маҷлис мегардад, ба шарте ки сипанди он аз дунболаи мӯр кунанд ва ридои зоҳид чанбараи моҳӣ мешавад, ба шарте, ки шабакаи он равзанаи гӯр намоянд.

Сафҳаи ҷаҳон аз хутути имтиёз орист ва ҷаҳл дар мизоҷи ҳар тоифа сорӣ. Оҳ аз ин бесаводон, ки исми аъзамро исми азим мехонанд ва лифофаи рақимаро лавотаи руқя медонанд. Гӯсола то гов ва мошоба то палов фарқе натавонанд намуд. Ҳабс то ҳавз ва маҳзар то манзар имтиёзе нахоҳанд фармуд. Тугмаи кулоҳу қуббаи боргоҳ яксон аст. Шамсаи айвону моҳи осмон ҳамчунон. Бе ғоила кӯкнориро монанд, ки аз фарти истеъмоли мукаййифоти талх олати ҷимоаш чун рӯда ба салх гаравида буд. Рӯзе ба ҳукми иттифоқ бо кӯдаки айғоқ табъи афсурдааш майлон кард ва шаҳвати хушкидааш сайлон. Чун иҷмои тарафайн бар муҳимми муҷомаа мунъақид шуд, аз сардии қиво ба якбора об дар пушти кӯкнорӣ мунҷамид гашт. Ҳарчанд қазиби бенасиби худро дар миён кард, рони кӯдак масос медод. Ҳеҷ гуна осори *шадда асаба ва мадда ҳалва*[1] аз он эҳсос намекард ва ғайр аз он ки чун хорпушт сар дар зери мӯи она фурӯ мебурд ва вуҷуди худро солису иснайн мешумурд. Кӯдак аз рӯи ғазаб гуфт, ки эй булаҷаб, магар нашунидаӣ, ки дар г.. хӯрдан қошуқ даркор аст ва дар гӯсола бастан қозуқ. Кӯкнорӣ саросема даст дар зери рони кӯдак кард ва чамадони ӯро ба даст овард, росттар аз мил шуда буд ва сахттар аз дандони пил. Аз хашме ки дошт, фарёд бардошт. Гуфт: - Эй рӯсабизода ҳанӯз зарбати к..ри ман бовари ту нагашта, бо он ки як

1. шиддат диҳад асабро ва дароз созад халоватро

ваҷаб аз он тарафи ту гузашта? Кӯдак аз шунида мулзам шуд ва аз гуфта музҳам. Бале, мард дар назари ин тоифа муаннас аст, аз он ки худҳо муханнасанд ва ҷомаи тақво дар ҳузури ин ҷамоа мулаввас аст, чаро ки худҳо олудаи наҷасанд. Агар ойина пеши рӯй гузоранд, ҳарчи ба худ бинанд, ба дигаре шуморанд. Ҳар ҷо қӯшест, ишон гови он қӯшанд ва ҳар ҷо гӯшест, ишон хари он гӯш. Думи рӯбоҳро илоқаи аммома донанд ва пои даволро шерозаи ҷома хонанд.

*Аъозу биллоҳи мин ғайратиҳим ва мо алҳиқно бизумратиҳим. Аллоҳума арино л-ҳаққа ҳаққан ва арзуқно итбоаҳу ва арино л-ботила ва арзуқно иҷтинобаҳу ва ааф анно замароти л-алфози ва с-сақатоти л-алҳоз.*[1]

1. Паноҳ металабем ба Худо аз кирдори эшон ва моро ба зумраи онҳо надароварад. Худовандо! Ҳдқро бар чашми мо ҳамчунон ки ҳаст, нишон деҳ ва ба он пайравӣ намуданро насиб бигардон ва ба мо ботилро нишон деҳ ва аз он дурӣ чустанро биёмӯз ва харобии забон ва нуксони андешаро бар мо бубахш.

# ТАВЗЕҲИ НОМҲОИ ХОС

**АБДУЛАҲАД** номи яке аз амирони сулолаи Манғитиён аст, ки ҳукмронияш ба солҳои 1885-1910 рост омадааст.

**АБӮБАКР** (БӮБАКР) ас-Сиддиқ (572-634) яке аз чаҳорёрони ҳазрати паямбар Муҳаммад (С), халифаи аввал аз хулафои рошидин аст.

**АЗИЗИ МИСР** лақаби подшоҳ ва ё нахуствазири Мисри қадим; лақаби Юсуфи Канъонӣ мебошад.

**АЛӢ** бинни Аби Толиб (соли 661 фавтидааст), яке аз чаҳорёрон, писари амм ва домоди ҳазрати паямбар Муҳаммад (С), халифи чаҳорум аз хулафои рошидин аст.

**АНВАРӢ** Авҳадуддин, дар ибтидои асри XII таваллуд шуда, умрашро сарфи хидмат ва ситоиши Султон Санҷари Салҷуқӣ кардааст. Ӯ дар радифи Фирдавсӣ (дар достонсаройӣ) ва Саъдӣ (дар ғазал) дар қасида паямбари шеър дониста шудааст. Дар ҳақиқат, Анварӣ қасидаи форсиро ба пояҳои баландтарин расонд ва аз ин ҷост, ки дар сабқати қасида бисёр шоирон ба пояи ӯ расиданро орзу мекардаанд. Шоҳин низ чун қасидасарои бузург аз ҷумлаи он шоирон буд.

**АНУШЕРВОН** (НУШИРВОН) шахсияти таърихӣ, подшоҳи 21-уми сулолаи Сосониён буд, ки баъд дар достонҳо ва таърихномаҳо чеҳраи ҳамосӣ пайдо кард. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Анушервон шоҳи одил ва раиятпарвар аст. Ба василаи тасвири чеҳраи Анушервон Фирдавсӣ консепсияи «шоҳи ормонӣ» ва «давлати ормонӣ»-ро инкишоф додааст. Фирдавсӣ аз кишваркушоиҳои Анушервон ва маҳз дар замони ӯ ба авҷи тараққиёти иқтисодӣ ва фарҳангӣ (аз Ҳинд омадани бозии шатранҷ, китоби «Калила ва Димна», ба дарбор омадани Бузурҷмеҳр...) расидани Эронро хабар додааст. Ривоятҳои Фирдавсӣ, ахбори таърихномаҳо ва нақлу достонҳои халқӣ боиси боз ҳам васеътар роҳ ёфтани қиссаҳои Анушервон ба адабиёти асримиёнагии форсу

тоҷик ва намунаи додгарӣ ва раиятпарварӣ гаштани номи ӯ шуд.

**АРАСТУ** (Аристотолис, Аристотел) ҳаким ва файласуфи Юнони қадим (тав. 384 - ваф. 322 то милод), устод ва мураббии Искандари Мақдунӣ буд. Ӯ дар ташаккул ва инкишофи илмҳои фалсафаву мантиқ, таъриху табиатшиносӣ ва поэтика саҳми бузург гузоштааст. Арасту дар таърихи фалсафаи Ғарбу Шарқ, аз ҷумла форсу тоҷик мақоми хос дорад. Ибни Сино, Форобӣ ва дигарон пайрави ӯ буданд.

**АФЛОТУН** (Фалотун, Платон) - файласуфи идеалисти Юнони қадим (тав. 428 - ваф. 348 то милод), шогирди Суқрот, асосгузори идеализми объективӣ, муаллифи зиёда аз 30 мунозираҳои фалсафӣ. Шоирони классики форсу тоҷик номи ӯро аксаран чун рамзи хираду дониш талмеҳ мекунанд.

**БАРЗУ** яке аз қаҳрамонҳои достонҳои ҳамосии харкҳои эронӣ, аз он ҷумла «Барзунома» аст. Барзу писари Сӯҳроб ва набераи Рустам аст. Мувофиқи достон Кайхусрав ноҳияи Ғур ва Ҳиротро ба Барзу бахшида, дархост кард, ки одилона ҳукмронӣ кунад ва пушту паноҳи барзгарон бошад. Достони ҳамосии «Барзунома» вуҷуд дорад, ки дар аввали асри 11 бо қалами Хоҷа Амиди Атоӣ нигошта шудааст ва аз корнамоиҳои Барзу ва хонадони Рустам ҳикоят мекунад.

**БАТУЛ** лақаби Фотима, духтари Муҳаммад пайғамбар (С) аст.

**БЕҲЗОД** Камолиддин (1455 - 1535) бузургтарин мусаввир, наққош ва минётурнигори тоҷик, ки дар Ҳирот зиндагӣ ба сар бурдааст ва дар Шарқ бо лақаби «Монии Сонӣ» ва дар Ғарб бо номи «Рафаели Шарқ» шӯҳрат дорад. Ҳокими Ҳирот султон Ҳусайни Бойқаро чун сарпараст барои такмили ҳунари рассомию хаттотию ороишгарии Беҳзод тамоми шароитро муҳайё карда буд. Беҳзод бо Ҷомӣ ва Навоӣ наздикӣ дошт. Баъди он ки

Исмоили Сафавӣ Ҳиротро забт намуд, ӯро ба Табрез бурд. Дар Табрез Беҳзод дар китобхонаи шоҳӣ ба рассомӣ ва ороиши китобҳо машғул гашт. Ниҳоят ӯ боз ба Ҳирот баргашт ва ҳунарашро дар ин ҷо идома дод. Санъати Беҳзод ба воситаи асарҳои зиёди ӯ, ки дар осорхона ва китобхонаҳои бузургтарини дунё маҳфузанд, дар тӯли асрҳои пасин ба мардум гизои маънвӣ мебахшад. Аз ин ҷиҳат дар адабиёти классикии баъди асри 15-и тоҷик номи Беҳзод чун шахсияти фавқулодца истифода мешавад.

**БОЯЗИД** ал-Бистомӣ Тайфур бинни Исо (соли 875 фавтидааст) сӯфии машҳури форс ва сарвари силсилаи тасаввуфии Тайфурия, бунёдгузори яке аз ҷараёнҳои асосии тасаввуф дар ислом аст. Ӯ дар шаҳри Бистом, воқеъ дар шимолу гарби Эрон ба дунё омадааст ва ҳеҷ вақт аз Бистом берун нарафта будааст. Баъд аз маргаш миёни сӯфиён ончунон шӯҳрат ёфт, ки ӯро Султон ул-орифин меномиданд. Дар таълимоти ӯ ҳолати *галаба, сукр, фанофиллоҳ ва меъроҷ* мавқеияти асосӣ доранд.

**ГАРШОСП** (ГАРШАСБ) номи яке аз паҳлавонони афсонавии халқҳои эронист. Бо номи Гаршосп дар Авесто, «Бундаҳишн» ва осори адабии асрҳои аввали ислом метавон дучор омад. Симои Гаршосп баъд аз ислом дар «Китоби Гаршосп»-и Абулмуайяди Балхӣ (то замони мо нарасидааст) пурра таҷасссум ёфтааст. Асадии Тӯсӣ дар асоси ин асар достони «Гаршоспнома»-ро офаридааст. Гаршосп дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Гаршоспнома» паҳлавони систонӣ ва ниёи Рустами Достон аст.

**ИСКАНДАР (СИКАНДАР) Искандари Зулқарнайн** (356 - 323 то милод) низ гӯянд, яке аз қаҳрамонҳои адабиёти форсу тоҷик аст. Манбаи ин ном зиндагӣ ва фаъолияти шоҳи Мақдуния, лашкаркаши ҷаҳонгир Искавдари Мақдунӣ мебошад, ки ҳамзамононаш Клитарх, Онесикрит, Плутарх, Куртсий Руф корномаҳои воқеии ӯро навишта буданд. Номи Искандар ба осори адабиву таърихии форсу тоҷик ҳанӯз аз замонҳои қадим ба воситаи

«Роман дар бораи Александр»-и Каллисфен, осори паҳлавӣ, Қуръон ва ғайра интишор ёфта, дар ҳар давр бо рангу тобишҳои нави адабиву бадеӣ таҳаввул кардааст. Корномаи Искандар дар осори манзуму мансури адибони классики форсу тоҷик, инчунин назму насри омиёна бо номи «Искандарнома» тасвир ёфтааст. Ӯро ба Курӯши Кабир низ нисбат медиҳанд.

**ИСО** (Исои Масеҳ, Исои Марям) яке аз пайғамбарон аст. Рӯзи таваллуди Исо алайҳиссалом мабдаи солшумории мелодист. Исо алайҳиссалом бо амри Худо аз як атса ё бод дар раҳми Марям пайдо шуд. Х,анӯз аз гаҳвора Таврот мехонд ва қавми Бани Исроил мешуниданд. Чун ба балоғат расид, мӯъҷизаҳо нишон медод, ки аз асари он мурдаҳо зинда мегаштанд, дарвешон тавонгар, кӯрон бино ва беморон тандуруст. Бар қавми Бани Исроил аз нузули Қуръон ва омадани пайғамбари охирзамон Муҳаммад (с) башорат дод ва ҷуҳудон бар қасди куштанаш шуданд. Аммо аз он хонае, ки ҷуҳудон иҳота карданд, Исо (а) бо амри Худованд ба осмон рафт ва тибқи ваъда дар замони Даҷҷоли малъун, ки Имом Маҳдӣ бо ҷамоати мӯъминон дар Байтулмуқаддас бошад, берун омада бо ӯ разм карда, ӯро хоҳад кушт ва тобеони худро ба дини Муҳаммад (С) хоҳад хонд. Дар адабиёти классикии тоҷик аз қиссаи Исо (а), ба вижа, дами мӯъҷизаосои ӯ бисёр тасвир ва талмеҳ кардаанд.

**ИСФАНДИЁР** яке аз қаҳрамонҳои асотир, достону ривоятҳои халқҳои эронӣ, осори таърихӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошад. Исфандиёр яке аз образҳои машҳури адабиёти қадим ва асрҳои миёнаи тоҷик, рамзи қаҳрамонӣ, диловарӣ, фидокорӣ дар роҳи ватан мебошад. Саргузашти қаҳрамонӣ ва достонии Исфандиёрро намояндагони адабиёти классикӣ зиёд талмеҳ кардаанд.

**КАЙХУСРАВ** дар устураҳои эронӣ шоҳи сеюм аз сулолаи Каёниён буда, номаш аз Авасто бархостааст.

Дар «Шоҳнома» таҷассуми шоҳи одил буда, дар шеъри форсӣ низ аз ӯ бисёр ном мебаранд.

**КАЙҚУБОД** дар устураҳои эронӣ ва таърихномаву достонҳо шоҳи эронӣ ва бунёдгузори сулолаи Каёниён аст. Дар замони подшоҳии ӯ лашкари Афросиёб шикаста шуда, миёни Эрону Тӯрон марз ба вуҷуд меояд ва оромӣ барқарор мешавад. Дар шеъру қасидаҳои шоирони форсу тоҷик номаш чун рамзи подшоҳе, ки кишвараш орому муқтадир аст, талмеҳ мешавад.

**КАЛИМ** лақаби ҳазрати Мӯсост ба ифтихори ҳамсӯҳбат бо Худо гаштанаш (ниг.: **МӮСО).**

**ҚАЙСАР** унвони императорони Рум (Сезар), ки дар қиссаву достонҳои форсӣ ёд мешавад.

**МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ** (858 - 922) мутафаккир, шоири форсу тоҷик, зодаи Тӯси Форс, яке аз саромадони тасаввуф аст. Номи пуррааш Абулмуис Ҳусайн ибни Мансур ибни Маҳмои Байзовӣ. Бобояш Маҳмои форс оташпараст будааст. Мансури Ҳаллоҷ маълумоти ибтидоиро дар шаҳрҳои Восит ва Тестер гирифтааст. Асосҳои тасаввуфро аз Саҳл ибни Абдуллоҳи Тестерӣ, Ҷунайди Бағдодӣ ва дигар шайхони сӯфия омӯхтааст. Ба Хуросону Мовароуннаҳр, Балху Ҳирот, Хатлон, Аҳвоз ва Ҳинду Чин сафар карда, таълимоти тасаввуфии худро тарғиб намудааст. Таълимоти тасаввуфии Мансури Ҳаллоҷ ба ҷаҳонбинии Боязиди Бистомӣ шабоҳат дорад. Андешаҳои ӯ тобиши пантеистӣ дошта, моҳиятан мухолифи аҳкоми ислом буданд. Бинобар ин аҳли шариат Мансури Ҳаллоҷро барои тарғиби афкори зиддидиниаш таъқиб карда, ба куфру илҳод айбдор намудаанд. Ӯро зиндонӣ карда, баъди 8 моҳи азобу шиканҷа аз роҳи овехтан ба дор ба қатл расонданд. Душманони Мансури Ҳаллоҷ бо ин қаноат накарда, таълифоти ӯро нобуд сохтанд. Аз 49 номгӯй китобҳои ӯ танҳо ашъори пароканда ва «Китоб ут-тавосин» («Китоби саркашӣ») мондааст, ки асосан назария ва амалияи тасаввуфро фаро гирифтаанд.

Дар назми форсӣ қиссаи ба дор овехта шудани ӯро зиёд талмеҳ кардаанд.

**МОНӢ** Зиндиқ ибни Ҳуммад (225-276) асосгузори монавия аст. Монӣ охири солҳои 30-и асри 3 ба Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон сафар карда, бо будцоия, браҳмания ва зардуштия шинос мешавад. Ӯ дар Мадоин соли 242 ба тарғиби дини худ шурӯъ кард, ки онро шоҳи Эрон Шопури 1 маъқул донист. Баъди ин монавия хеле вусъат ёфт. Таълимоти монавӣ хусусияти дуалистӣ дошта, унусурҳои зардуштия ва масеҳиятро дар бар гирифтааст. Дар фарҷом Монӣ аз тарафи коҳинони зардуштӣ таъқиби сахт дид ва аз Эрон гурехт. Соли 273 ба Мадоин баргашт, аммо аз коҳинони зардуштӣ амон наёфт ва оқибат ба дор кашида шуд. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик номи ӯро асосан чун рассоми сеҳрқалам талмеҳ мекунанд.

**МУЗАФФАР** аз амирони сулолаи Манғитиён аст (падари амир Абдулаҳад), ки ҳукмронияш ба солҳои 1860 - 1885 рост омадааст.

**МУЗТАРИБ** (Мулло Абдулмаҷид), соли 1884 дар Бухоро таваллуд ёфта, соли 1896 / 97 дар ҳамон ҷо фавтидааст, шоири тоҷик аст. Тазкиранависон (Возеҳ, Мӯҳтарам, Айнӣ) Музтарибро шоири соҳибистеъдод ва соҳиби «тарзи ҷадида» (Мӯҳтарам) ба қалам додаанд. Музтариб дар ҳамаи жанрҳои шеърӣ қувва озмудааст. Қасидаҳои ӯ аксаран дар мадҳи амир Музаффар ва писари ӯ амир Абдулаҳад суруда шудаанд. Музтариб махсусан дар ҳаҷву мутоиба ва ғазал табъи баланд доштааст.

**МУИЗЗӢ** (Абӯабдуллоҳи Муҳаммад) шоири забардасти қасидасарост, ки соли 1049 таваллуд гашта, соли 1126 фавтидааст ва маликушшуарои аҳди Маликшоҳи Салҷуқӣ буд. Аз захми тири Султон Санҷар фавтидааст. Шоҳин ба нишони эътироф ва эътиқод аз ӯ ёд мекунад.

**МӮСО** (Мӯсои Калим, Калим, Калимуллоҳ) мувофиқи ривоятҳои Таврот, Инҷил, Қуръон пайғамбари мурсал аст. Вобаста ба Мӯсо (а) қиссаву ривоятҳое

мавҷуданд, ки дар адабиёти форсу тоҷик зиёд истифода мешаванд. Аз ҷумлаи онҳо то 40-солагӣ чӯпонӣ кардан ва дар ин син ба пайғамбарӣ расидан, дар кӯҳи Тӯри Сино бо Худо роз гуфтан, қиссаи Сомирию гӯсолапарастии ҳамқабилаҳояш, мӯъҷизавӣ будани асои Мӯсо *(Яди байзо)* ва ғ. хеле машҳуранд.

**НАКИСО** (Нагисо, Нигесо) навозанда ва ҳофизи бузурги форсу тоҷик (нимаи дуюми асри 6 ва нимаи аввали асри 7) буда, дар ахди Хусрави Парвиз (590-628) ҳунарварӣ кардааст. Ӯ дар навохтани чанг маҳорати комил доштааст.

**НӮҲ** аввалин пайғамбар аст. Як гурӯҳ аз қавми ӯ аз Худо рӯй гардониданд ва ба пайғамбарии ӯ шак оварданд. Нӯҳ аз Худо барои онҳо ҷазо дархост. Худо ваъда дод, ки ба сари қавми шаккок тӯфоне хоҳад овард ва ба Нӯҳ фармуд, ки дарахти соҷ бинишонад ва аз чӯби он киштие бисозад. Нӯҳ аз дарахти соҷ киштии бузурге сохт. Дар табақаи аввал ҳайвонот, дар табақаи дуввум хешон ва дар табақаи сеюм паррандагонро ҷой дод. Тӯфони азиме бархост. Ҳамаи мавҷудот, ба ғайр аз Нӯҳ ва киштинишастагон ғарқ шуданд. Пас аз тӯфон киштии Нӯҳ дар кӯҳи Ҷудӣ қарор гирифт.

**ОЗАР** номи падари Иброҳими пайғамбар аст, ки бутгар ва ҳайкалтарош буд.

**ОСАФ** номи вазири Сулаймон аст, ки вазири хирадманду ботадбир буда, корҳои давлатиро ба тартибу танзим меовардааст. Осаф дар адабиёти классикии форсу тоҷик яке аз номҳои маълум, тимсоли доноиву ботадбирӣ дар умури идораи давлат мебошад.

**РУСТАМ** қаҳрамони асосии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, симои машҳури осори шифоҳӣ ва адабиёти хаттии қавми эронист. Ӯ аз паҳлавон Зол ва Рудоба - духтари Меҳроби ҳокими Кобул зода мешавад ва ҳанӯз дар кӯдакӣ аз ӯ нишонаҳои паҳлавонӣ падид меоянд (куштани Пили Сапед). Ӯ соҳиби аспи мӯъҷизавӣ бо номи Рахш аст.

Рустам бузург шуда, муттакои асосии шоҳони эронӣ дар муқобили тӯрониён бо сарварии Афросиёб мегардад. Шоҳи нахустини каёниён Кай Қубодро ӯ ба сари тахт меорад ва борҳо Кай Ковусро аз марг наҷот медиҳад. Ӯ соҳиби Ҳафтхон аст. Фоҷиаҳое, ки аз сари Рустам мегузаранд (марги Сиёвуш, бо дасти худи ӯ кушта шудани писараш Сӯҳроб, ҷанги ӯ бо Исфандиёр) нуқгаҳои кулминатсионии «Шоҳнома»-и Фирдавсиро ташкил додаанд. Сарчашмаи достони Рустам ба силсиладостонҳои халқии мардуми сокини Зобулу Систон - сакоиҳо мерасад, ки ин мардум дар нимаи дуюми ҳазораи 1 то милод дар ҳудуди ин шаҳрҳо муқим шуда, аввалан ба давлати Ҳахоманишиён ва баъдтар ба давлатҳои дигари ҳукмрони ин ноҳия ва Эрон (Ашкониён, Сосониён) тобеъ будаанд. Мувофиқи ривоятҳои таърихнависони арабу эронӣ сакоиҳо китобе доштаанд бо номи «Сакасарон» («Сарони сакоиҳо»), ки дар он қиссаву ривоятҳои зиёде дар бораи паҳлавонону ҳукмронони сакоиҳо ҷамъоварӣ шуда буд; дар он ривояту достонҳо дар бораи Рустам чун яке аз сарварони сакоиҳо вуҷуд доштанд. Номи Рустам чун паҳлавони зӯру тавоно дар осори қадимаи эронӣ чун «Ёдгори Зарирон», «Дарахти асурик» ва порчаҳои мансури суғдӣ вомехӯрад. Номи Рустам рамзи мардонагиву шуҷоат, ҷоннисорӣ ба ватан ва ҷавонмардиву саховат аст.

**САЛМО** номи зани зебои араб аст, ки номаш дар шеъри даврони ҷоҳилияи арабҳо, ба вижа, сардафтари назми араб Имрулқайс зиёд вомехӯрад.

**САНҶАР** ҳокими Хуросон буд, ки солҳои 1118 - 1156 ҳукмронӣ кардааст.

**САҲБОН** дар давраи сулолаи умавиён зиндагӣ карда таҳти ҳимояти Муовия будааст. Ӯ на ҳамчун шоир, балки чун нотиқ ва хатиби ҳунарманд шӯҳрат дорад. Саҳбон хатиби муқтадир ва фасеҳзабон буда, метавонистааст соатҳои дароз хаста нашуда ваъз гӯяд. Аз машҳуртарин хутбаҳои ӯ «аш-Шавҳо» ном дошта,

намунаи олии балоғату фасоҳати сухан мебошад. Бисёре аз суханварони форсу тоҷик аз Рӯдакӣ то Шоҳин аз рӯи ҳамин ҳунараш номи ӯро талмеҳ кардаанд.

**САЪДӢ** (Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ) намояндаи бузурги адабиёти классикии форсу тоҷик (1204 - 1292), ки яке аз паямбарони шеъри форсӣ (дар радифи Фирдавсӣ ва Анварӣ) дониста шудааст. Саъдиро падари ғазал ва дар наср («Гулистон») нотакрор меҳисобанд. Шамсидцин Шоҳин чуноне аз осори ӯ маълум мешавад, дар шеър Саъдиро устоди худ медонад ва «Тӯҳфаи дӯстон»-и нотамоми худро дар пайравии «Бӯстон»-и ӯ оғоз намуда будааст.

**СОМИРӢ** дар қавми Бани Исроил заргаре буд ва насаби хоҳарзодагӣ бо Мӯсо алайҳиссалом дошт. Дар ҷавонӣ аз зери суми аспи Ҷабраил мушти хоке бо худ нигоҳ медошт. Гӯсолае сохту Бани Исроилро фармуд, ки онро чун Худо парастиш кунанд ва чун он мушти хок ба даҳони гӯсола андохт, гӯсола ба сухан даромад. Аксар аз қавми Бани Исроил ба гӯсолапарастӣ машғул шуданд, то замоне ки Мӯсо алайҳиссалом он гӯсоларо бо санг соида ба дарё андохт ва он қавмро аз ин фитна халос кард. Дар «Ғиёс ул-луғот» (ҷ. 1, с. 407) чунин омадааст: «Номи марде бошандаи шаҳри Сомира, ки ӯ аз баъзе осор Ҷабраилро мешинохт. Хоки зери пои модиёни Ҷабраилро бардошта, дар ҷавфи гӯсола, ки аз нуқраву тилло гудохта буд, андохт, гӯсола зинда шуд ва ба овоз омад. Ва ҷамъи касирро аз уммати Мӯсо (а) ба сабаби гӯсола гумроҳ сохт».

**СУЛАЙМОН** яке аз пайғамбарон, писари Довуд пайғамбар (а) аст, ки чун ангуштарии давлат дар ангушт ниҳод, тамоми ҷину инсону ҷонварон ва бод дар итоати ӯ даромаданд. Шавкату шукӯҳи тамом дошт, аммо ҳар рӯз занбиле бофта мефурӯхт ва аз он нони ҷавине пухта дар Байтулмуқаддас бо дарвешон мехӯрд ва дуояш ин буд, ки «Ё Худованд, бо дарвешон дарвешам, бо маликон

малик ва бо пайғамбарон пайғамбар, маро раҳм кун, ки ман шукри ин неъмат чӣ гуна тавонам гузорид». Қиссаҳои зиёде дорад (чун меҳмонияш дар назди шоҳи мӯрчагон ва аз пои малах зиёфат хӯрдан, пайғоми Ҳудҳуд аз мужи Сабо ва малика Билқис, қиссаи Осафу ангуштарини ӯро рабудани Истархи дев ва ғ.) ки шоирони форсу тоҷик зиёд аз онҳо талмеҳ кардаанд.

**СӮҲРОБ** паҳлавони ҳамосаҳои эронӣ, писари Рустам аст. Модари Сӯҳроб Таҳмина духтари шоҳи Самангон аст, ки Сӯҳробро пас аз рафтани Рустам аз Самангон ба дунё меорад. Рустам аз ин огоҳ нест. Сӯҳроб дар хидмати Афросиёб аст ва бо фармони ӯ ба муқобили эрониён меҷангад. Номи Сӯҳроб бо достони ғамангез дар бораи ҷанги ӯ бо падараш Рустам пайванд аст, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» онро бо сӯзу гудоз тасвир кардааст. Рустам бо ҳила Сӯҳробро ба марг мерасонад ва танҳо пас аз сухани вопасини Сӯҳроб ва дар бозуи ӯ дидани бозубанди худаш ӯро мешиносад. Ин достон нуқтаи кулминатсионии тамоми фоҷиаҳои «Шоҳнома» ва рамзи сарнавишти талхи қавми эронист.

**УМАР** ал-Хаттоб ал-Форуқ (585-644), яке аз чаҳорёрони ҳазрати паямбар Муҳаммад (С), дуввумин халиф аз хулафои рошидин аст.

**УСМОН** бинни Аффон (575-656), яке аз чаҳорёрони ҳазрати паямбар Муҳаммад (С), халифи сеюм аз хулафои рошидин аст.

**ФАҒФУР** унвонест, ки дар қиссаву ривоятҳо, достонҳои ҳамосӣ мардуми эронӣ аз подшоҳони қадими Чин ёд кардаанд. Чунонки маълум аст, шоҳони Чин худро «писари Худо» меномиданд. Эрониён ин номро ба забони худ гардониданд, яъне «бағ» («фағ») - «худо» ва «пур» - «фарзанд».

**ФАРИДУН** аз қаҳрамонҳои асотири қадимии қавми эронӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсист. Аз маълумоти китобҳои «Ригведа» ва Авесто («Обон-яшт», «Дрвасп-

яшт», «Зомиёд-яшт», «Ясно» ва ғ.) бармеояд, ки қиссаву ривоятҳо дар бораи Фаридун дар ҳазораи 2-и то милод вуҷуд доштаанд. Устураи Фаридун, ному насаби ӯ пурратар дар осори паҳлавӣ (Китобҳои «Бундаҳишн», «Минуи хирад» ва ғ.), таърихномаҳои исломӣ («Таърихи Табарӣ»...) ва ғ. омадааст. Дар таърихномаҳои арабӣ ҷашни Меҳргон ба замони Фаридун, ба ёди пирӯзии вай бар Заҳҳок мансуб дониста шудааст. Мувофиқи маълумоти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Фаридун аз авлоди Ҷамшед буд. Фаридун панҷсад сол ҳукмронӣ карда, дар охири умр кишварашро дар байни се писараш - Эраҷ, Салм ва Тур тақсим кард. Дар қиссаву ривоятҳо Фаридун подшоҳи одил ва ботадбир аст ва дар шеъри форсӣ зиёд ёд мешавад.

ФАРОМУРЗ аз рӯи ривоятҳои ҳамосӣ писари Рустам аст ва аз ӯ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Барзунома», «Баҳманнома» ва «Ҷаҳонгирнома» сухан меравад. Манзумаи ҳамосие низ бо номи «Фаромурзнома» вуҷуд дорад, ки дар пайравии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз тарафи муаллифи номаълуме дар ҳудуди 1500 байт дар охири асри 11 ва аввали асри 12 навишта шудааст ва тасвири саргузашту қаҳрамониҳои ӯро дар бар мегирад.

**ФАРҲОД** қаҳрамони як силсила достонҳои ишқист, ки як варианти достони «Хусрав ва Ширин» мебошанд. Фарҳод бо ранҷу азоб (кандани кӯҳ ва овардани об) ба васли Ширин расидан мехоҳад. Ҳамин лаҳзаи қиссаи Фарҳод дар шеърҳои форсӣ бештар талмеҳ мешаванд.

ХИЗР номи шахсияти динист, ки оби ҳаёт хӯрда, умри абадӣ ёфтааст.

**ҲАССОН** ибни Собит (вафоташ соли 674), шоири араб, ки дар навиштани қасида устоди комил будааст. Бисёр шоирони қасидасарои форсу тоҷик (аз Рӯдакӣ то Шоҳин) дар фахрияҳояшон худро ба ӯ баробар мекарданд.

**ҲОРУТ** фариштае, ки ҳамроҳи Морут ном фариштаи дигар ба зане аз ҷинси инсон ошиқ шуда, ба ғазаби Худо гирифтор гаштанд ва дар чоҳи Бобул овехта шудаанд ва агар касе ба талаби ҷоду ба сари он чоҳ равад, ба вай ҷоду таълим медиҳанд.

**ҲОТАМИ ТОЙ** Абӯсафона Ҳотам ибни Абдуллоҳ ибни Саъди Тоӣ (соли таваллуд ва фавташ номаълум аст), шоири араб аст. Микдори ками ашъораш то замони мо расидааст. Ҳотами Тоӣ дар ашъораш диловарӣ, саховат ва ҷавонмардии ҷанговаронии бадавиро васф кардааст. Оид ба Ҳотами Тоӣ дар адабиёти араб, форсу тоҷик ва турк бисёр ривояту қисса ва достонҳо ба вуҷуд омадаанд ва симои ӯ намунаи олӣ ва ормонии караму саховат аст.

**ҶАБРАИЛ** (ҶИБРИЛ) яке аз чаҳор малоики муқарраби Аллоҳ (дар қатори Микоил, Исрофил, ва Азроил) аст. Бо номҳои Рӯҳуламин, Рӯҳулқудус, Номуси Акбар, Амини ваҳй низ зикр мешавад. Ҷабраил Закариёро аз вилодати Яҳё ва Марямро аз вилодати Исо (а) башорат додааст. Ҷинс надорад ва аз нур офарида шудааст. Ӯ дар давоми 22 сол ба ҳазрати паямбар Муҳаммад (С) оятҳои Қуръонро ваҳй овардааст. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик аз ӯ зиёд ном бурда мешавад.

**ҶАМШЕД** (ҶАМ) дар устураҳои эронӣ ва ҳамосаҳо подшоҳи сулолаи Пешдодиён, писари Таҳмурас мебошад; дар Авасто Йима ном дорад. Дар «Шоҳнома» подшоҳии ҳафтсадсолаи ӯ тасвир карда шудааст. Ҷамшед ба одамон ба ҷои пӯсти ҷонварон пӯшидани либосҳоро аз матоъ ёд дод, давлатдориро асос гузошт ва табақаҳоро ба вуҷуд овард. Аҳриман дар дили Ҷамшед ғурур ва худхоҳиро ҷой дод. Ҷамшед худро Худо пиндошт ва барои ин ба ҷазо гирифтор гашт. Бузургон ба ҷои ӯ Заҳҳокро ба подшоҳӣ хостанд. Заҳҳок ба Эрон лашкар кашид ва Ҷамшедро кушт ва ҳазор сол дар Эрон ба бедод подшоҳӣ кард, то набераи ӯ Фаридун аз Заҳҳок подшоҳӣ гирифт ва қассоси Ҷамшедро ситад. Дар адабиёти форсу тоҷик ба номи

Ҷамшед чун шоҳи одилу раиятпарвар, ки замони ӯ асри зарин ном гирифтааст, ишораҳои зиёд рафтааст.

**ҶОМӢ** (Нуриддин Абдураҳмон) намояндаи барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик аст, ки соли 1414 дар дар шаҳри Ҷом (дар Афғонистони имрӯза) ба дунё омада, соли 1492 дар Ҳирот даргузаштааст. Муаллифи се девон, «Баҳористон» (дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ), «Ҳафт авранг» ва чандин асарҳои дигар мебошад. Шамсидцин Шоҳин бо эҳтиром ва ихлоси хосса дар ашъораш аз ӯ ном мебарад.

**ЮСУФ** пайғамбар (а) писари пайғамбар Яъқуб (а), ки сураи дувоздаҳуми Қуръон аз қиссаи ӯ иборат аст. Аз ғояти зебоӣ бо номи Юсуфи соҳибҷамол машҳур аст ва таъбир кардани хобҳо низ аз ӯ оғоз ёфтааст.

**ЯЪҶУҶ** (Яъҷуҷу Маъҷуҷ) номи қавмест дар устураҳои мусулмонӣ, ки дар як сарзамини дурдаст умр ба сар мебаранд ва паҳнкунандаи нопокиҳо дар рӯи замин мебошанд. Дар Қуръон омадааст, ки пеш аз қиёмат Яъҷуҷу Маъҷуҷ сад церо, ки Искандари Зулқарнайн миёни ду кӯҳ барои бастани роҳи онҳо сохта буд, мешикананд, оби дарёҳоро дармекашанд, инсонҳоро аз рӯи замин нест мекунанд ва ба сӯи осмон тир меафкананд. Худованд барои нест кардани онҳо кирмҳоро мефиристад, ки ба гӯшу гулӯҳояшон даромада, онҳоро ба нестӣ мерасонанд.

# ВОЖАҲО

# А

Абас - бефоида, беҳуда; бесабаб; *маҷ.* ранҷ, маломат, кулфат; *маҷ.* иллат, айб.

Абқар - номи мавзеи афсонавӣ; шаҳре дар Байнаннаҳрайн, ки бо матоъҳои нафис шӯҳрат ёфтааст.

Абқарӣ - мансуб ба Абқар; либоси нафис, ҷомаи ҳарир.

Аблақ - хар чизи дуранга, сафеду сиёҳ, ало.

Аблуҷ // Аблуч - қанди печак.

Абно - ҷ. **ибн.**

Абра - ашк.

Абрақ - хоки бо гилу санг даромехта; талқон; ҳар чизи рангоранг.

Абраш - сурху сафед, рангоранг, ҳарранга; асп, аспи ало.

Абтар - думбурида, кӯтохдум.

Абхал - б^хил.

Абҳар - ёсуман, наргис, киноя аз чашми зебо.

Ав // ов - сайд, шикор.

Авво - саги бисёр уллоскашанда;яке аз бурҷҳои осмон, ки манзили сездаҳуми Моҳ аст.

Авн - ёрӣ, ионат.

Авон (бо алиф) - вақт, мавсим.

Авон (бо айн) - сарҳанги девони подшоҳӣ, посбони давлатӣ.

Авранг - тахт, тоҷ, шукӯҳ, зебоӣ.

Авродд - ҷ. вард; ҷ. вирд.

Автод - ҷ. ватад.

Авҳом - ҷ. **вахм.**

Адён - ҷ. **дин.**

Ағад(д) - одаме, ки дар пешонӣ ё рӯй ғуррӣ (омоси мушак) дорад. Шутурҳо пас аз гирифторӣ ба бемории тоун ғурридор мегаштанд.

Аған(н) - одаме, ки овозаш аз бинӣ мебарояд, манқа, қабеҳ, зишт, мурдор.

Ағбар - гардолуд, хокранг, ғуборолуд.
Адам - нестӣ.
Адан - номи шаҳр дар соҳили ҷанубии Яман, ки бо марвориди аълосифат шӯҳрат ёфтааст; 0 а) *дурри Адан* дурри холиси хушоб, ки аз Адан меоварданд. б) киноя аз дандони ёр, аз ашк, сухани пурқимат.
Адван - фурӯмоятар, ҳақиртар.
Адим I - пӯст, чарм.
Адим II. - нестшуда.
Адӯ (адув) - душман.
Аёдӣ - ҷ. яд; *маҷ.* некӣ, эҳсон, дастгирӣ ва ҳимоят.
Аёғ - ҷом, пиёла, паймона.
Азал - рӯзи нахуст, ки ҷовидон аст.
Аздод - ҷ. зид.
Азоим - ҷ. азимат.
Азфар - хушбӯ, холис (дар бораи мушк).
Азимат - азоимхонӣ, афсунхонӣ, фусун, ҷоду.
Азуб - ширин (дар бораи об).
Айвон - кӯшк, қаср, кох.
Айғоқ (вожаи ӯзбекӣ) - шаттоҳ.
Айём - ҷ. явм.
Айман - номи водӣ, ки мувофиқи ривояти динӣ Мӯсо (а) дар он ҷо бо Худо сӯҳбат доштааст.
Айн - дида, басар, чашм.
Айнайн - шакли дугонаи айн.
Айс - ноумедй.
Акл - хӯрдан.
Аккол - пурхӯр.
Акмал - мукаммалтар, донишмандтар.
Акҳал - сурмагунчашм; раги ҳафтандом, раги миёнаи даст.
Ақиқ - навъе аз санги қиматбаҳо, ки сурхранг ва зарди норанҷист; 0 *ақиқи яманӣ* а) ақиқи машҳуре, ки дар Яман ҳосил мешавад. б) киноя аз лаби сурхи соҳибҷамолон

Ақъақ - паррандаест ба ҳаҷми кабӯтар, думи дароз ва ранги сафеду сиёҳ дорад, шояд ҳамонест, ки тоҷикон аккаи думдароз, ё алошақшақа гӯянд.
Асас - посбони шабгард, посбони шабона.
Алалфацр - зуд.
Алам I - ғам.
II - байрақ.
Аллоқа - овеза.
Алоиқ - ҷ. **алоқа.**
Амал - умед.
Ам(м) - бародари падар; амак.
Амвот - ҷ. **маййит.**
Амдо - қасдан.
Амзиҷа - ҷ. **мизоҷ.**
Аммома // Амома - салла, дастор.
Аммора - диҳандаи амр (ба корҳои бад, аксаран *нафс* дар назар аст).
Амо - кӯрӣ, нобиноӣ.
Аморӣ - маҳмиле, ки ба пушти фил ё шутур мебананд ва дар он менишинанд, маҳд, каҷова.
Амсула - дарс, таълимот.
Амтор - ҷ. матар.
Амосил - ҷ. амсула.
Анбар - модцаи хушбӯ, ки аз меъда ва рӯдаи моҳии анбар ҳосил мекунанд.
Анбоз - рафиқ, шарик, ҳамдам, ҳамроҳ, ҳамроз.
Анбоқ - ҷ. **набақ.**
Анбон(а) - халтаи чармини сафарӣ; озуқахалта. *маҷ.* шикам, меъда.
Ангубин - асал.
Андалеб - булбул.
Анис - дӯст, ҳамдам.
Анқо - мурғи афсонавӣ, ки гӯё дар кӯҳи Қоф зиндагӣ мекардаст; *маҷ.* чизи ноёфт.
Ано - заҳмат, ранҷ, машаққат.
Анодил - ҷ. **андалеб.**

Анфос - **ҷ. нафас.**

Анфус - ҷ. **нафс.** 0 *анфусу офоқ* олами ботинӣ ва зоҳирӣ.

Анҷум - ҷ. **наҷм.**

Аодӣ - ҷ. адӯ.

Араз - аломати зоҳирии ашё, ки ба зоти худ қоим намебошад.

Арбаъа - чор.

Арғувон // Арғавон - дарахтест, ки гулҳояш бағоят сурх мешаванд.

Арзал - разилтар, фурӯмоятар; нокас, пастҳиммат.

Ароик - курсӣ, тахт.

Аррода - олати ҷангии монанди манҷаниқ, ки дар қадим бо он ба тарафи душман санг меандохтанд.

Арса - саҳна, майдон.

**Архоъ - ҷ. рахоъ.**

Асав - пир, сустшуда, нотавон.

Асад - шер; номи бурҷи панҷуми соли хуршедии эронӣ, ки ба моҳҳои июлу август рост меояд.

Асбот - ба маънии писарони писар ва писарони духтар (авлод); уммати Мӯсо алайҳиссалом, чаро ки уммати ишон авлоди дувоздаҳ писарони Яъқуб алайҳиссалом буд.

Асдоф - ҷ. **садаф.**

Асмо - ҷ. **исм.**

Асокир - ҷ. аскар.

Асфо - баргузидатар, софтар, холистар.

Асқуф - ҷ. сақф.

Асҳоб - ҳамсӯҳбатон ва ҳамсафони Муҳаммад пайғамбар (С).

Асҳор - ҷ. **сеҳр.**

Атам - тамомтар, комилтар, пурратар.

Атийя(т) - бахшиш, ато, тӯҳфа, ҳадя.

Аторуд *П* Уторид - сайёраи Тир (Меркурий), ки дар истилоҳи ҳайати қадим *дабири фалак* номида мешуд.

Атҳор - ҷ. **тоҳир.**

Атфол -л- **тифл.**
Атш - ташнагӣ.
Афаф - аккоси саг.
Афзал - аз ҳама фозилтар.
Афифа - покдоман, боҳаё, бошарм.
Афозил - ҷ. **афзал.**
Ахгар - оташпора, лахча.
Ахёр - ҷ. хайр.
Ахзаб - сабз.
Ахзар - сабз, кабуд, нилгун, киноя аз осмон.
Ахзал - нам, тару тоза.
Аҳад - як; воҳид; фард, нафар.
Аҳвал - олус, каҷбин, чашмкаҷ.
Аҳсанта - нидо ба арабӣ, маънояш «Офарин!».
Аҷал(л) - ҷалилтар, бузургтар.
Аҷам - қавмҳои эронӣ ё мардуми ғайри арабу турк; Оҳанге аз «Шашмақом».
Аҷз - нотавонӣ, бечорагӣ.
Аҷр - мукофот, музд, подош, иваз, бадал.
Аҷром - ҷ. **ҷирм.**
Аҷул - шитобкунанда, бошитоб.
Ашал(л) - одами шал, фалаҷ.
Ашбаҳ - монанд.
Ашкол - шаклҳои геометрӣ ё рамзҳо, ки фаҳмидани онҳо барои одами ноогоҳ душвор аст.
Ашқар - асп; аспи пӯсташ сурхи моил ба зардӣ.
Ашмал - муяссар.
Ашраф - муборак.
Ашҳаб - сиёҳу сафед; аспи хокистариранг, хинг.
Аъвом - ҷ. **ом.**
Аъвон - ҷ. **авн;** мададгорон, ёридиҳандагон.
Аъдал - аз ҳама одилтар.
Аъдо - ҷ. адӯ (адув).
Аъёд - ҷ. ид.
Аъён - бузургон; мавҷудот, зотҳо, аслҳо.
Аълам - аз ҳама донишманд.

Аълом - ҷ. **алам.**
Аъмо - кӯр, нобино.
Аъроз - ҷ. **араз.**

## Б

Бадеъ - аҷиб, ғариб, беназир.
Бадрақа - қофиласолор, посбон, нигаҳбон.
Баёз - сафедӣ.
Базл - харҷ, сарф.
Базла - латифа, аския, сухани шӯхиомез дар ҷавоб.
Байғӯла - гӯша, кунҷ.
Байза - тухм.
Баййина - далел.
Байъат - иттифоқ, паймон.
Бақиа - ҷойгоҳ.
Балия - бало, сахтӣ, азоб; ранҷ, кулфат; иллат ва беморӣ; бадбахтӣ, фақирӣ, мӯҳтоҷӣ.
Банг - маводи нашъаовар, мухаддир.
Банон - ангуштон, сарҳои ангуштон.
Банҷ - муарраби **банг.**
Баргустувон - пӯшиши зиреҳцори ҷанговарон; болопӯши зиреҳцор барои муҳофизати асп дар рӯзи ҷанг.
Барзах - чизе, ки дар миёни ду чизи ба ҳам муқобил воқеъ бошад; гардана, гарданаи миёни ду баҳр, гулӯгоҳ.
Барӣ - пок, холӣ, соф; дур аз касе, чизе.
Барид - қосид, пайк, номарасон.
Бароат - устодй, тавоноӣ, фазилат.
Барода(т) - хунукӣ.
Барот - хат, ҳуҷҷат.
Басал - пиёз.
Басар - чашм.
Басит - гилем, қолӣ; фарох, паҳновар; 0 *басити ҷаҳон* рӯи ҷаҳон.
Басич - омодагӣ ба сафар, тайёрии кӯч.
Басора - сӯфа, айвон.

Баст - кушодагӣ, вусъат.

Бат - мурғобӣ, киноя аз зарфи шароб, ки ба шакли мурғобӣ сохта шудааст.

Бахур - модцах,ои хушбӯй, ки дар вақти сӯхтан бӯи атромез диҳанд; гиёҳҳои хушбӯй.

Баҳман - моҳи ёздаҳуми соли шамсӣ, ки ба 22 январ - 20 феврал рост меояд.

Баҳимӣ - ҳайвонӣ.

Баҳром - сайёраи Миррих (Марс), ки ситорашиносони қадим онро ситораи фитнаву ҷанг, шум ва наҳс медонистанд.

Башоат - кори нафратовар, кароҳат.

Башора(т) - мужда, хабари хуш.

Баъир - шутур.

Бевар - ба забони паҳлавӣ даҳ ҳазор.

Бемар - бешумор, беҳад, фаровон.

Бесутун - номи кӯҳест дар наздикии Кирмоншоҳ, ки бар он нақшу нигор ва хатҳои мехии қадими форсӣ кандакорӣ шудааст.

Бирка - ҳавз.

Бироз - саргин.

Бирҷис - сайёраи Муштарӣ, ки онро ситораи хушбахтӣ ва қозии фалак ҳисоб мекарданд.

Биҳил - бахшиш (бахшиши гуноҳ); омурзиш.

Бобзан - сихи кабоб.

Боқӣ - ҳастӣ. 0 *олами боқӣ* аз рӯи таълимоти ислом дунёи пас аз марг.

Бор - қабул. 0 *бор додан* қабул кардан.

Борӣ (боре) - як бор; яке аз номҳои Худо; ҳамин тавр, инак.

Босира - чашм, қувваи биноӣ.

Ботил - дурӯғ, фиреб.

Боҳил - ғайриқабул.

Боҳир - форам.

Боҷ - андоз, хироҷ, пуле, ки роҳдорон аз савдогарон мегиранд.

Буқъа - замин, ҷой, дунё, оромгоҳ *(буқъаи адам - манзили нестӣ).*

Булаҷабӣ - кори аҷибу ғариб.

Булдон - мамлакат, кишвар.

Буруҷ - ҷ. **бурҷ.**

Бурқаъ - чашмбанд, пардаи рӯй.

Бурoқ - аспи афсонавие, ки Муҳаммад пайғамбар (С) дар шаби меъроҷ ба он савор шуда, аз Макка то Байтулмуқаддас ва аз он ҷо ба осмон боло шудааст.

Бурҷ - ҳар як аз дувоздаҳ қисми доираи фалак, ки офтоб дар муддати як сол дар атрофи онҳо мегардад.

Бурҷос - ҳадаф, нишонаи тир.

Бухтӣ - шутури бақувват, калон ва сурхаранг.

Бухур - хушбӯӣ.

Бӯқ - шайпур.

Бӯта - зарфе, ки дар он нуқра, тилло ва ғ. об мекунанд.

Бӯъд - дурӣ.

## В

Вабол - гуноҳ; *маҷ.* зарар, зиён; сахтӣ, азоб.

Ваго - ҷанг, муҳориба.

Вайҳак - вой бар ҳолат!; хушбахт бош!

Ваққод -сӯзон, дурахшон.

Ваҷор // виқор - тамкин, вазнинӣ, гаронборӣ.

Валӣ - бузургвор; дӯсти Худо.

Валоё - ҷ. **валӣ.**

Валоят - бузургӣ, валигӣ.

Вараъ - парҳезгорӣ, тақводорӣ, порсоӣ.

Вард - гул.

Васмат - айб, нуқсон.

Ватад - мехчӯб.

Ваҳал - лой,гил.

Ваҳй - паёме, ки Худо ба пайғамбарон мефиристод.

Ваҳм - хаёл, гумон, тасаввур; воҳима, бим.

Ваҷҳ - рӯй, симо; тартиб, сурат, тарз; далел, сабаб; пул, маблағ; сӯй, ҷониб.

Вирд - зикр, дуо, дуохонии пай дар пай берун аз намоз.

Висода - болишт, болин.

Висоқ - банд, қайд; аҳду паймон; манзил, хона.

Вифқ - мувофиқ.

Вифоқ - мувофиқат, якдилӣ, иттифоқ, созиш.

Воруна - вожгун.

Вузӯ - таҳорат.

Вузӯҳ - равшанӣ, аёнӣ.

Вулдон - кӯдакон.

Вуслат (бо син) - хоҳиш, илтиҷо.

Вусул - расидан.

## Г

Гав - чуқурии чоҳмонанд.

Гавҳар - марворид, санги қиматбаҳо; *маҷ.* асл, зот, асл, сиришт. *маҷ.* нажод, насаб.

Гарева - тал, пушта. 0 *гареваи сахт* киноя аз дунё.

Гарзиш - додхоҳӣ, зорӣ.

Гаронҷон // Геронҷон - коҳил, танбал, суст.

Гизоф // газоф // гузоф - ҳарза, беҳуда; дурӯғ, хато, гунох.

Гипо - як навъи хӯрок, ки биринҷро ба даруни ишкамба андохта медӯзанд ва дар об ҷӯшонда мепазанд.

Гоз - миқроз, қайчӣ.

Гоз // Гож - аҳмақ.

Гӯр - хари саҳрой.

## Ғ

Ғавр - мағок, чуқурӣ; *маҷ.* умқ ва чуқурии маънои чизе.

Ғайба - тиркаш, ҷаъба; ниҳонгоҳ.

Ғайрат - рашк, ҳасад; саъю ҳаракати бисёр; ҷуръат, ҷасорат.

Ғалақа - чӯбест, ки ба воситаи он дар аз ақиб баста мешавад.

Ғаммоз - чашмакзан; суханчин.

Ғамом - абр.

Ғаним - душман, қиб, хасм.

Ғано - дороӣ, тавонгарӣ.

Ғанҷ//ғунҷ - карашмаву ноз.

Ғарав - най, қамиш.

Ғарра - фирефта, мағрур.

Ғарро - муаннаси *агар(р);* аспе, ки дар пешонияш доғи сафед бошад; *маҷ.* сафеду тобону дурахшон.

Ғассол - мурдашӯ.

Ғаш(ш) - омехтани чизҳои камарзиш дар чизҳои пурбаҳо (чун тилло, нуқра, мушк, шароб ва ғ.) ба мақсади фиреб.

Ғелак - ?

Ғизол // Ғазол - оҳу; 0 *гизоли хутан* оҳуе, ки дар кӯҳистони Чин, аз ҷумла Хутан, зиндагӣ мекунад ва аз нофаш мушки хушбӯй мегиранд.

Ғилмон - ҷ. ғулом. 0 *гилмону вилдон* ғуломбачагон ва навҷавонони хушрӯй.

Ғоза - гулгуна; сурхие, ки занон ба рӯй мемоланд.

Ғозӣ - касе, ки дар роҳи дини ислом меҷангад; ҷанговар.

Ғоила - бадӣ, шар, кинаи пӯшида.

Ғолия - таркиби сиёҳранге аз хушбӯиҳои гуногун, мисли мушк, анбар ва ғ.

Ғошия - зинпӯш, ҷули асп, полон.

Ғул - дар ривоятҳо деве, ки ба ҳар шакл даромада, одамонро аз роҳ мебаровардааст.

Ғул(л) - занҷир, тавқи оҳанин, ки ба даст ва гардани зиндониён меандозанд.

Ғулу(вв) - аз ҳад гузаштан, ифрот; инод, саркашӣ; ҳуҷуми бо издиҳом, ҳуҷуми якбораи ҳама.

Ғурра - сафедии пешонии асп. 0 *гурраи гарро* пешонии тобон, аввали рӯз, аввали сафедии рӯз.
Ғуроб - зоғ.
Ғурфа - болохона.
Ғусн - шох, шохча.
Ғусун - ҷ. **ғусн.**

## Д

Давол // дувол - тасмаи чармини ғафс, ки бо он нақора менавозанд ё бор мебананд.
Давоб(б) - ҷ. **добба.**
Давой - ҷ. **доия.**
Давоҷ - болопӯш, рӯйҷо, ҷойпӯш; қабо, ҷомаи васеъ, ки тамоми баданро пӯшонад.
Давҳа - дарахти калон.
Дағдаға - тарс, бим, ташвиши хотир; майлу хоҳиш, орзу, ҳавас.
Дад - ҳайвонҳои ваҳшии даранда.
Дай - зимистон.
Дайн - қарз.
Дайёр - сокин, муқим, истиқоматкунанда, аҳли диёр.
Дайр - ибодатхона ва хонақоҳи насрониён ё оташпарастон.
Дақиқ ул-бол - дақиқандеша.
Дақиқ ур-раъй - дақиқназар.
Далв - номи бурҷи ёздаҳуми соли хуршедии эронӣ, ки ба моҳи январу феврал рост меояд.
Далқ - либоси пашминаи дарвешон.
Дамдама - овоза, шӯҳрат, *дамдама чидан* - ном баровардан.
Дамон - чобук, чолок.
Даноим - пастӣ, разилӣ.
Даранг - оҳистагӣ.
Дарвеза (дарюза) - гадоӣ, садақаталабӣ.

Дарроҷа - манораи мутаҳаррик барои муҳосираи қалъа, ки лашкари муҳосиракунандаро низ муҳофиза мекард.

Дастанбӯя - меваи хушбӯи хурд аз ҷинси харбуза ва умуман ҳар чизи хушбӯй, ки барои бӯидан ба даст гирифта мегарданд.

Даҳра - ханҷари дудама.

Дижам - андӯҳгин, ғамгин; хашмгин; парешон, ошуфта; тира, пажмурда.

Димор - ҳалок, несту нобуд, вайронӣ.

Дироа - зиреҳ, ки аз тунукаву ҳалқаҳои оҳанӣ барои либоси ҷангӣ омода карда мешуд.

Диръ - либос аз зиреҳ.

Дисор - либоси рӯ, ҷома.

Дият - хунбаҳо.

Добба - ҳайвони чорпои саворӣ ва боркаш.

Доӣ - даъвокунанда, даъвогар.

Дом - ҳайвонҳои ваҳшие, ки даранда нестанд. 0 *дому дад* ҳайвонҳои ваҳшии ғайридаранда ва даранда; ҳалқае, ки барои дастгир кардани паррандагон ба кор бурда мешавад.

Донг - шашяк; воҳиди вазн.

Дони(я) - наздик.

Дор - хона, қаср. 0 *Дор ул-амора* қасри подшоҳӣ.

Доия - хоҳиш, ирода; қасду оҳанг.

Доӣ - дуокунанда, ё даъвогар.

Дувал - ҷ. давлат.

Думмал - пуччак, думбал, чипқон.

Дунбал - *ниг.* думмал.

Дурра // Дирра - тасмаи чархии махсус, ки мӯҳтасиб бо он гунаҳгоронро мезад.

Дурҷ - сандуқчае, ки дар он ҷавоҳирот нигоҳ доранд.

Дӯлоб - чархаи обкашӣ аз чоҳ.

Дӯшоб - шарбат аз ангур ё хурмои ҷӯшонидашуда, ширинӣ.

## Е

Елим - шиpeш.

## Ё

Ёбу - аспи боркаш.
Ёсо - ҷазо; ҷазои қатл.

## З

Забт - ба даст даровардан, тасарруф кардан; идора кардан, ба тартибу назм даровардан.
Займарон - райҳони ёбоӣ, гиёҳҳои хушбӯй.
Заҷан - манаҳ.
Зал - чакраи об.
Залил I - беэътибор, мутеъ; хор, забун, ҳақир, гумроҳ.
II - соядор, сояафкан.
Залла - таоми зиёдатӣ, ки меҳмонҳо пас аз зиёфат бо худ баранд.
Залом - торикӣ, торикӣ.
Замзам - номи чоҳ ва чашмаест дар Макка, дар назди хонаи Каъба.
Замон I // Замона // Замонат- замон, вақт; *маҷ.* сарнавишт, марг.
II - кафолат, гарав.
Зан(н) - гумон.
Занбил - сабад; халтаи чармии гадоён.
Заннат - бахилӣ.
Зангор - ранги зарди моил ба сабз.
Зар - тилло. 0 *зари шашсарӣ* тиллои холис.
Зарир - гиёҳи зардест, ки бо шираи он матоъҳоро ранг мекунанд; *маҷ.* зард.
Зарних // Зирних // Зарниқ - гӯгирди бо доруи маргимуш омехта.
Зарроб - касе, ки сикка мезанад, сикказан.
Зафт - калонҷусса, фарбеҳ.

Захма - мизроб, нохунаки танбӯр.
Заҳк - ханда.
Заҳор - поинтари шикам, шармгоҳ.
Заҳра - моеи сабзтоби талх, ки дар ҷигар пайдо мешавад; ҷуръат, далерӣ.
Заҷр // Заҷар - ғам, ғусса.
Зеҳ - ресмони камон; ороиши гиребон.
Зил(л) I - соя; паноҳ, ҳимоя. 0 *залла л-лоҳ (арабӣ)'*, дар паноҳи сояи Худо будан; 0 *зилли залил* а) сояи доимӣ; б) *маҷ.* ҳимояи пурра.
II - меҳрубонӣ, ҳалимӣ.
Зимом - лаҷом, инон, маҳор.
Зиндиқ - бедин, бехудо.
Зирва - қуллаи кӯҳ, сари кӯҳ; баландӣ, ҷой ва мақоми баланд.
Зироъ - газ; ченакест аз оринҷ то нӯги ангушти миёна (тахминан 48 см.)
Зифоф - ҷашни арӯсӣ, тӯй.
Зиҷ // Зич - ҷадвали нуҷумӣ бо нишондоди вазъи ситорагон, ки ба асоси он тақвимро тартиб медоданд.
Зоил шудан - нест шудан.
Зоича - он чӣ ки мунаҷҷимон баъд аз муайян кардани мавқеи ситорагон дар бораи вуқӯи ҳодисае пешакӣ муайян мекардаанд.
Зуҷоҷин // Зуҷоҷина - шишагин, булӯрин.
Зуннор - риштае, ки дарвешон, зардуштиён ва кашишони насронӣ ба миён мебастаанд.
Зуҳал - номи дигари сайёраи Кайвон, ки наҳс ҳисоб мешуд.
Зӯҳра - сайёраи Ноҳид, ки онро мутрибаи фалак меномиданд ва олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушию хурсандӣ мешумурданд.

## И

Ибн - писар.

Ибт - таги каш.
Ибтикор - чиз ё кори наверо оғоз кардан.
Ибром - исрор, пофишорӣ.
Идбор - бадбахтӣ, тирабахтӣ.
Иёр кардан - санҷидани дараҷаи софӣ ва холисии тило ва нуқра.
Из(з) - ҳурмат, эҳтиром.
Изо - азоб, ранҷ.
Изтирор - дармондан; беихтиёрӣ, дармондагӣ, тангдастӣ, парешонӣ. 0 *аз изтирор* хоҳу нохоҳ, ноилоҷ, ба таври иҷбор.
Изъон - мутеъшавӣ, итоат кардан, фармонбардорӣ кардан, эътироф кардан.
Иксир - кимиё, ҷавҳари афсонавӣ, ки гӯё ба воситаи он мисро ба тило табдил додан мумкин аст. 0 *иксири аъзам* санги фалсафӣ.
Иксор - зиёдӣ.
Иктисоб - касб кардан, ҳосил кардан, ба даст даровардан.
Иқд - гарданбанд, сангҳои қиматбаҳои ба ришта кашида.
Иқол - ресмоне, ки бо он пои шутурро мебанданд; банд, побанд.
Иқомат - истифода. 0 *иқомати баййина* истифодаи далел.
Иқон - бовар кунондан; яқин ҳосил кардан; бовар, яқин.
Иқтоъ - буридан, қитъа-қитъа кардан; замин, деҳ ё мулке, ки подшоҳони қадим ба вобастагони худ инъом мекарданд.
Илал - ҷ. **иллат.**
Иллат - сабаб, боис, ваҷҳ; беморӣ, нуқсон.
Илоқа - ресмон, фаши сала.
Илҳоқ - илова; 0 *илҳоқ кардан* илова кардан, ҳамроҳ кардан.
Имзо - гузаронидан, ҷорӣ кардан.

Иморӣ - маҳмил, каҷова, ки бар пушти шутур барои саворӣ мебанданд.

Имтидод -дарозӣ.

Имтиёз - фарқ гузоштан миёни як чиз аз чизи дигар.

Имтинон - миннатдорӣ.

Инкисор - шикаста шудан; шикастагӣ; итоат.

Инқиёд - итоат кардан, фармонбардорӣ кардан.

Иннин - шахсе, ки аз қуввати мардӣ маҳрум аст; ҳез.

Инод - ситеза кардан, саркашӣ.

Инон - лаҷом, ҷилав, афсор.

Интизоъ - кашида баровардан, канда баровардан, кашида гирифтан.

Инъиқод - баста шудан.

Интиҳоз - муқовимат, норизоӣ.

Ионат - ёрӣ, кӯмак.

Интисом - бӯй кашидан.

Инфиол - таъсир гирифтан; шарм, хиҷолат, ҳаё.

Инфисол - ҷудоӣ.

Инҳироф - аз роҳ баромадан, рӯ гардондан, дигаргуншавӣ.

Инҳилол - ҳал шудан, аз ҳам ҷудо шудан; пӯсидан, нест шудан.

Инъиқод - маҷлис, даъват.

Ирам - *(Боги Ирам, гулзори Ирам)* номи боғи афсонавӣ, ки онро малик Шаддод дар Арабистони Ҷанубӣ байни Санъо ва Ҳазрамавт дар Димишқ сохта будааст. Шаддод дар Ирам тамоми сифатҳои биҳиштро муҳайё кардааст, вале вориди он нагашта ҷон додааст. Ирам дар адабиёти форсу тоҷик чун киноя аз мавзеи хушманзар ва боғи мусаффову рӯҳафзо ба гунаи густурда ба кор бурда мешавад.

Иродат - хоҳиш, хостан.

Ирос - пайдоиш.

Ироқ - оҳанге аз «Шашмақом» ва номи давлати арабӣ дар қисмати осиёии Шарқи Наздик.

Ирқ - раги бадан; раги хешӣ.

Иртидод - муртадӣ, аз имон рӯй тофтан.
Иртикоб - иҷро.
Иртифоъ - баландӣ.
Иртиш - порчаи матоъ, ки пас аз гузоштани мурда андар гӯр ба ҳозирини он ҷо диҳанд.
Ирфон - шинохтани Худо, шинохтан, донистан.
Ирхо - фаровардан, поин кардан.
Иршод - роҳнамоӣ.
Исм I - ном. 0 *исми аъзам* номи бузург (номи Худо дар назар аст).
II - гуноҳ, айб; хато.
Иснайн - ду (шумора).
Исоба - рӯймоле, ки ба сар ё пешона мебанданд.
Исор - пошидан, афшондан.
Истабл - аспхона, саисхона.
Истибдод - худрой, худкомӣ.
Истиғоса - ёрӣ хостан, додхоҳӣ кардан, фарёд барои илтимоси ёрӣ.
Истидома - давомдорӣ, ҳамешагӣ, устуворӣ.
Истидрок - дарк кардан, фаҳмидан.
Истикбор - такаббур кардан.
Истиктоб - нусхабардорӣ; ба навиштан маҷбур кардан.
Истиқро - татаббӯъ, пайравӣ кардан.
Истинкоф - ҳавобаландӣ, нодида гирифтан.
Истисвоб - ба дурустии коре розигӣ додан.
Истисқо - беморий обхӯра.
Истисъод - некбахтӣ ҷустан, саодат хостан, саодат, хушбахтӣ.
Иститор - пӯшидагӣ, пардапӯш.
Истифоза - талаби файз кардан, ато хостан, файз гирифтан.
Истифсор - пурсидан, хабар гирифтан, тавзеҳу тафсир хостан.
Истихлос - раҳоӣ ҷустан, талаби халосӣ кардан.
Истиҳмом - ҳамом кардан.

Исфаҳон - оҳанге аз «Шашмақом» ва номи шаҳр дар Эрон.
Исъоф - кӯмак.
Итола - дарозӣ.
Иттисол - пайвандӣ.
Ифрит - мавҷуди зишт ва нопок; дев, аҳриман.
Ифрот - аз ҳад зиёд.
Ифтироқ - ҷудо шудан, ҷудоӣ, фироқ.
Ифтиқор - камбағал шудан, ниёзманд шудан, мӯҳтоҷ шудан, камбағалӣ.
Ихтилол - халалёбӣ.
Иҳроз - комёб шудан, пирӯзӣ ёфтан, даст ёфтан.
Иҷлол - бузург доштан, бузургқадр гардонидан.
Иҷмоъ - ҳамфикрии комили эмомон дар масъалаҳои дин.
Ишроқ - дурахш; таълимоти фалсафии Афлотун дар Шарқи мусулмонӣ.
Иштико - шикоят, шиква.
Иштиол - барафрӯхтан, шӯълавар шудани оташ; даргирифтан.
Иштиғол - кор, машғулият.
Иштиёқ - шавқ.
Иштиҳор - шӯҳратхоҳӣ.
Иътиёр - меъёр гузоштан.

## К

Кавкаб - ситора.
Кавкаба - чӯбе, ки ба нӯгаш қуббаи сайқалдор шинонда шудааст ва пешопеши подшоҳон мебурдаанд; аҳли рикоб; *маҷ.* ҳашамат, ҷоҳу ҷалол.
Кавн - ҳастӣ.
Кавокиб - ҷ. кавкаб.
Кавсар - номи чашма ё дарёи афсонавӣ дар биҳишт.
Кадвода - бунёд, таҳкурсӣ.
Кадевар - кадхудои хона, деҳқон, боғбон.

Каён - ҷ. кай; подшоҳони сулолаи Каёниён.

Кай - подшоҳ, шоҳаншоҳ, лақаби шоҳони қадими Эрон.

Кайвон - сайёраи Зуҳал (Сатурн), ки наҳс шуморида мешавад.

Кайф (кайфият) - дар забони арабӣ **чигунагӣ (сифатӣ).**

Кайфа - ҳиссачаи саволӣ ба забони арабӣ: **чӣ гуна?**

Кайфар I - ҷазо, сазо, подош, мукофоти некӣ ва бадӣ;

II - зарфи тағорамонанд, ки ширу ҷурғот ба он мерезанд.

Калаф - доғи сиёҳи сурхча дар рӯи одам; доғ.

Калб - саг.

Калова // Калоба - тӯпчаи ресмон; ресмони хом, ки аз дӯк ба чарха мепечанд, калофа; чархи ресмонресӣ.

Кам - ҳиссачаи саволӣ ба забони арабӣ: чӣ қадар?

Кам(м) (каммият)- дар забони арабӣ чӣ қадар будан (миқдорият).

Камона - чӯби каҷе, ки ба нӯгаш пармаро банд карда, чӯбро сӯрох мекунанд.

Камоҳӣ - ҳамчунон ки ҳаст, ҳақиқат.

Канз - ганҷ, дафина, кони сарват.

Канорискӣ - соҳибкори рус, ки қанди истеҳсоли ӯ дар Бухорои тоинқилобӣ машҳур будааст.

Канпал // Кампал - пораи матои мӯина, ки ҳамчун кӯрпа ва ё пӯшок кор фармуда мешавад.

Каранҷу - хоби ваҳмангез ва тарсовар.

Карим - ном ва сифати Худо; саховатманд.

Карра аш-шуҳур ва л-аъвом - (то вақте ки) моҳҳо ва солҳо гузаронанд.

Каср - 0 *ало каср ил-унқ* маҷбуран.

Катав - касал, бемор.

Катиба - навиштае, ки дар санг ё кошин нақш ба болои дар ё тоқи иморат шинонда шуда бошад.

Катиф // Китф // Кифт - шона, дӯш.

Катон - зағир, ки аз донааш равған мекашанд ва аз нахи пояи он матои суф мебофанд.

Кафоф - он миқдор хӯрок, ки ба инсон кифоя бошад.

Кафшкан - даромадгоҳи хона, дахдез.

Качал - кач, кач̣по.

Каша - тинг (абзори асп).

Кашша - гадо.

Каъб - I. ҳар банди устухон, махсусан буҷулаки пой. 0 *каъби гург* мӯҳрае, ки онро баъзан қосидон ва шотирон ба нишонаи хаста нашудан бар пой мебастанд.

II. исми хос, номи гадои машҳури Араб, ки ҳаммаъно бо *бепул* гаштааст; зидди *Ҳотам.*

Каъба - хонаи чоргӯшае дар шаҳри Макка, ки зиёратгоҳи мусулмонон аст ва дар вақти намоз ба он рӯ мёоваранд; Байтулҳаром.

Кеш I - мазҳаб, дин, расму одоб.

II - тирдон, тиркаш.

III - навъе аз порчаи катонӣ.

Кибрит - олтингӯгирд. 0 *кибрити аҳмар* иксир, кимиё, моддае, ки гӯё моҳияти ҷисмро тағйир медодааст, мас. мисро тило мекардааст.

Кизлик - кордча, корди кач̣и тез.

Кирокаш - касе, ки чизеро (хона ё ҳайвон) ба иҷора гирифта, ба соҳиби он пул медод.

Киром - ҷ. карим.

Кисват - либос, пӯшок.

Китмон - махфӣ доштан, пинҳон кардан.

Кобус - хоби даҳшатовари бимкунанда, сиёҳӣ.

Коин - мавҷуд, махлуқ.

Колива - саросема, гаранг, ҳайрон.

Конун - оташдон, кӯра, оташхона.

Кул(л) - ҳама, ҳамагӣ, тамом. 0 *акри кул* моҳияти рӯҳи илоҳӣ; ақли тамом, акди комил.

Куланг - турна.

Кулола - мӯи печон, ҷингила, 0 *кулолаи мушкин* - мӯи печони сиёҳи хушбӯй.

Кумайт - аспи сурхранги сиёҳтоб.

Кумез // Гумез - пешоб.

Кунгур - дандонаи болои девори қалъа ва қасрҳо.

Кундал - як навъ матои қиматбаҳо.

Кундовар // Гундовар - далер, ҷасур, шуҷоъ, паҳлавон.

Кутал // Кӯтал - *(дар гӯишҳо)* кӯҳтал, роҳе, ки дар кӯҳ ё теппа ба баландӣ меравад.

Куя - ҳашароти ба чашм ноаёнест, ки матоъ ва либосҳои пашмиро хӯрда, вайрон мекунад.

Кӯба - болға, путк.

Кӯс - табл, дуҳул, 0 *кӯси раҳил* - нақоразанӣ барои хабар додани кӯч ва сафар, бонги кӯч.

Кӯтвол - қалъабон, диждбон, маъмури муҳофизаи қалъа.

Кӯҳл - сурма.

Кӯҳлӣ - ранги кабуди торик.

## Қ

Қабеҳ(а) - зишт, бад.

Қабоеҳ - ҷ. **қабеҳ(а).**

Қабоҳ - қабо.

Қав - пилтаи чақмоқ, пахтаи сӯхта, ҳар чизи сабук ва хушки сӯхтанбоб.

Қавад - қасос, ниқор.

Қавунқоқ - харбузаи хушккардашуда.

Қадҳ - таъна (задан), мазаммат.

Қазо - ҳукм; сарнавишт; адо кардан, ба ҷо овардан. 0 *қазо кардан* аз мӯҳлат дертар ба ҷо овардани коре (масалан, намозу рӯза).

Қайроқ - дар гӯишҳо ба маънои *санг.*

Қалён - чилим.

Қаллоқ - шасти моҳидорӣ.

Қалпоқ - кӯлоҳ, каллапӯш.

Қалтабон - нокас, разил; далла, даюс; номӯсфурӯш.

Қаля - як навъ хӯрокест, ки аз гӯшти кӯфта бо иловаи баъзе чизҳои дигар пухта мешавад; қайла.

Қарақот - донаи зелол.
Қария - деҳа, русто.
Қар(р)оба - обдон, зарфи об; шиша, сурохӣ, ҷом.
Қарокӯлӣ - мансуб ба Қарокӯл ном мавзеъ дар вилояти Бухоро, ки кони намак дорад.
Қасаб - I. навъе аз матои нафис; катон; либос.
II. найқалам.
Қаттоъ - буранда; дузд, роҳзан.
Қатф - хӯша.
Қаҳба - фоҳиша, зани сабукпо.
Қашав - олати шонамонанд, ки аспро бо он мехоранд ва тоза мекунанд; аспро хор-хор додан.
Қашқалдоқ // Қасқилдоқ - як навъ паррандаи ботлоқӣ.
Қиво - ҷ. қувва.
Қилода(т) - гарданбанд, гулӯбанд, банди гардани ҳайвонот.
Қиматра - саноҷ; қуттӣ, сандуқча.
Қипчоқ -
Қир - моддаи равғании сиёҳи часпак, ки аз нафт ҳосил мешавад; *маҷ.* ранги сиёҳ. 0 *ба қир андудан* қир ба чизе молидан, то ки аз сӯрохиҳои он об нагузарад.
Қирқиюз - номи қабилае аз туркон.
Қирони саъд (саъдайн) - ба ҳам наздик шудани ду ситораи саъд (хушбахтӣ).
Қистав - шитоб, шитобкорӣ.
Қобиз - *қобизи арвоҳ* гирандаи ҷон (Азроил).
Қодима - пешгард (дар лашкар).
Қозуқ - мех.
Қозура - кори бад, гуноҳи сахт; наҷосат, ахлот.
Қоид - роҳбар, доҳӣ, фармондеҳ.
Қоқ - *(дар гӯишҳо)* лоғар.
Қоқум - ҳайвонест монанди санҷоб, ки пӯсташ сафеду гаронбаҳост, киноя аз сафедӣ.
Қоқуртӣ // Қоқуртуқ - (дар гӯишҳо) гулӯ.
Қонун - қоида, дастур; сози мусиқии мардуми Шарқ.
Қор -1. қир.

II. барф; *мач.* бисёр сафед.

Қорура - шиша, зарф; зарфе ба шакли масона, ки пешоби беморро дар он рехта барои муайян кардани беморӣ ба назди табиб мебаранд.

Қосир - кӯтоҳ.

Қоф - номи кӯҳи баланди афсонавист, ки гӯё даври оламро фаро гирифтааст.

Қочқур - гурезпо.

Қубба - гунбад; боргоҳ.

Қуланҷ // Қулинҷ - дарди рӯдаҳо, хала.

Қулзум - баҳр.

Қуллоб - чангак, чангаки моҳигирӣ, сӯзани махсуси кафҷ.

Қултоқ - бағал.

Қумош - матоъ, абрешим.

Қуро - ҷ. қария.

Қуроза - резаҳои оҳан ва тилло; пули сикказадаи майда.

Қусур - камӣ, камбудӣ, нуқсон, кӯтоҳӣ.

Қутр - хате, ки аз маркази доира гузашта, доирарo ба ду ҳиссаи баробар тақсим мекунад.

Қутуф - ҷ. қатф.

Қучоқ - оғӯш.

Қуш - мурғи шикоркунанда.

Қӯт - хӯрок.

Қӯш - хона.

## Л

Лаблоб (либлоб) - гули печак (ошиқи печон).

Лавзина // Лӯзина - ҳалвои бодомӣ. 0 *лӯзина дар сир хӯрдан* фиреб хӯрдан.

Лаганда кардан - кӯрпа ё ҷомаро баъд аз пахта андохтан лаганда мекунанд.

Лаёлӣ - ҷ. лайл.

Лаим - нокас, фурӯмоя, паст, сифла; хасис, мумсик.

Лайл - шаб.
Лайса - нест.
Лалав - замзама.
Лам - ҳиссачаи инкорӣ дар забони арабӣ, маънояш ие, **на.**
Лаолӣ - ҷ. лӯълӯ(ъ).
Латма - зарба, шапотӣ, торсакӣ.
Лаҳв - шодӣ, хурсандй, тараб, айшу ишрат.
Лаҷан // Лажан - гили сиёҳ ва тира, ки дар таҳти ҳавз, ҷӯй, кӯл ва ғ. пайдо мешавад, лойқа.
Лаҷоҷат - истодагарӣ, якравӣ.
Лаъб - бозӣ.
Лаъл - санги қиматбаҳои сурхранги дурахшон; 0 *лаъли руммонӣ* лаъли аълосифат, ки рангаш монанди ранги донаи анор аст; *лаъли Бадахшон* - навъи аълои лаълест, ки аз кӯҳистони Бадахшон ба даст меоранд.
Лиллаҳилҳамд - ҳамд ба Худо.
Ло - ҳиссачаи инкорӣ дар забони арабӣ, маънояш **«не (на)».**
Лоба - сухани ниёзмандона, зориву тавалло.
Лобуд(д) - ночор, ноилоҷ, ногузир.
Лода - беақл, соддалавҳ, гӯл, саги мода.
Лоеҳ - равшан.
Лоло - дурахшон. 0 *лӯълӯи лоло* марвориди дурахшон.
Ломакон - сифати Худо, бемакон, беҷо.
Ломиа - нур, ҷило, шӯъла.
Лоҳавла - мухаффафи дуост: *Ло ҳавла вало куввата илло биллоҳи* Қуввати дафъи бим танҳо ба худо мавқуф аст.
Лоша - тани мурда. *маҷ.* чорпои заиф.
Лоҷарам - ночор, ногузир, бешубҳа.
Лутфи амим - меҳрубонии беандоза.
Луҷҷа - миёнаи дарё, ҷои жарфтарини баҳр, жарфои бетаг.

Лӯъбат - бозича, санам, бут; *мач.* хушрӯй, зебо; аъҷуба, чизи ғалатӣ.
Лӯълӯ(ъ) - марворид, гавҳар.

## М

Маазолика - бо вуҷуди ин.
Мабдаъ - аввал, оғоз. 0 *мабдаъ ва миод* аввалу охир, оғозу анҷом.
Мабодиъ - ҷ. **мабдаъ.**
Мабрур - омурзида; марҳум.
Мавадцат - дӯстӣ, муҳаббат, самимият, ихлос.
Мавкиб - гурӯҳи савора ва ё пиёдаи хоссаи подшоҳ.
Мавқиф - ҷои таваққуф, истгоҳ.
Мавлуд - таваллудшуда.
Мавоқиф - ҷ. **мавқиф.**
Маволид - ҷ. мавлуд.
Мавоҳиб - ҷ. **мавҳиба(т).**
Мавҳиба(т) - ато, бахшиш, эҳсон.
Мавҳум - тасаввуркардашуда, он чизе, ки аз гумон ва хаёл берун меояд.
Мағора - мағок, ғор.
Мадеҳ - мадҳ, ситоиш; қасидаи мадҳия.
Маёмин - ҷ. маймун.
Мазбала - ҷои рехтани хокрӯба ва ифлосиҳо.
Мазиннат - гумон.
Мазиқ - ҷои танг, тангно.
Мазҳар - маҳалли зуҳур, ҷои намоёншавӣ.
Маййит - мурда.
Маймун - муборак, хуҷиста.
Макин - макондор, соҳиби ҷою макон; барқарор.
Макорим - ҷ. **макрамат.**
Макореҳ - **макраҳа.**
Макрамат - иззату эҳтиром; лутфу карам.
Макраҳа - чизи нафратовар, чизи нописанд.

Макҳул - сурмасо, 0 *наргиси макҳул* - киноя аз чашми сурмасо.
Мақар - ҷой, қароргоҳ.
Мақорин - наздик.
Мақосид - ҷ. **мақсад.**
Мақсум - аз азал муайян кардашуда.
Мақсур - маҳдуд.
Мақула - гуфтор, сухан.
Малак - махлуқи осмонӣ, ки аз рӯҳ офарида шуда; фаришта.
Малоик(а) - ҷ. **малак.**
Мамар - роҳ, тариқ, усул.
Мамлӯ(ъ) - пур, моломол, лабрез.
Мандал - хатти доиравие, ки афсунгарон ва азоимхонон дар гирди худ мекашанд ва ба даруни он нишаста дуо мехонанд.
Мандил - рӯймол, дастмол, миёнбанд.
Манқал - оташдоне, ки дар он оташ афрӯхта дар миёни хона мемонанд.
Маноб - иваз, табдил.
Манос - паноҳгоҳ.
Маноҳӣ - ҷ. **манҳӣ(ят).**
Мансуба - тадбири найрангомез.
Мансус - дар матн гуфташуда.
Манут - вобаста, пайванд.
Манҳӣ(ят) - наҳй кардашуда, боздошташуда, манъкардашуда.
Маншур - фармон, фармони шоҳ барои додани насабу рутба ва ғ.; имтиёзнома, номаи имтиёз ва бартарӣ.
Маозаллоҳ - Худо нигоҳ дорад!
Марорат - талхӣ.
Марра ад-дуҳур ва л-азмон - (то вақте ки) дунё ва вақт ҷорист.
Марсум - расм будан.
Мартаъ - чарогоҳ, маргзор.

Масеҳ(о) - лақаби ҳазрати Исо.
Масир I - роҳ, сайргоҳ, ҷойгоҳ, қароргоҳ.
Маснад - тахт, авранг.
Масоба - дараҷа, андоза.
Массос - молиш.
Мастаба - суфача; майкада.
Масҷун - маҳбус, зиндонӣ.
Матал - масал.
Матар - борон.
Матмаҳ - ҷои назар андохтан, назаргоҳ.
Матоф - ҷои тавоф.
Матраҳ - маҳалли андохтан.
Матъун - шахси мавриди таъна қарор гирифта.
Маҳак - санги сиёҳе, ки тилло ва нуқраро бо он соида меозмоянд ва иёр мекунанд.
Маҳзар - хатти паймон.
Маҳзуз - хурсанд, шод.
Маҳзур - ҳазар мекарда.
Маҳмил - каҷова, ки ба шутур ё асп баста ба дарунаш нишаста сафар мекунанд, ҳавдаҷ.
Маҳоқ - охири моҳи қамарӣ, ки моҳ дида намешавад; 0 *дар маҳоқ афтодани моҳ* нопадид шудани маҳтоб.
Маҳор // Миҳор - чӯбе, ки аз бинии шутур гузаронда ба он ресмон мебанданд; инони шутур, ҷилав.
Маҳр - пули нақц ва молу матоъ, ки аз рӯи шариат барои арӯс бар зиммаи домод муқаррар карда мешавад.
Маҳсур - иҳота кардашуда, маҳдуд кардашуда.
Маҷарра - Роҳи Каҳкашон, галаситора.
Маҷд - бузургӣ.
Маҷзум - ҳалшуда.
Маҷоз - дурӯғ, ғайри ҳақиқат.
Маҷҳуд - ҷаҳд, кӯшиш.
Машғала - мағулият, кору бор.
Машкоб - обкаш.
Машрут - вобаста ба шарте.
Машҳун - пур.

Машшота - зане, ки мӯи занонро шона карда ва арӯсонро оро медиҳад.
Маъбар(а) - гузаргоҳ.
Маъдалат - адл, инсоф, додгарӣ, адолат.
Маъдум - несту нобуд кардашуда.
Маълул - бемор, иллатдор.
Маъмур - обод.
Маъмура - ҷой ва замини обод; мамлакатҳои ободон.
Маърака - майдони ҷанг; ҷанг, муҳориба.
Маътал - интизор; ҳайрон, оҷиз.
Маъҷун - сиришташуда, чизи аз чанд модда таркибёфта; доруи таркибӣ.
Меғ - абр; абри сиёҳ; абри сафед; туман; тумани ғафс.
Меҳин - калонӣ.
Меҳр - муҳаббат, ишқ; навозиш, лутф, марҳамат; хуршед, офтоб; 0 *меҳри ховар* киноя аз офтоб.
Меҳроб - тоқи даруни масҷид, ки дар тарафи қибла воқеъ аст.
Меш - гӯсфанд.
Меъроҷ - баромадгоҳ, олати баромадан ба сӯи боло. 0 *шаби меъроҷ* шаби ба олами улвӣ боло рафтани Муҳаммад пайғамбар (С).
Миғфар - кулоҳи филизии ҷангӣ, хӯд.
Мидҳат - мадҳ, ситоиш.
Мизоҷ - сиришт, ниҳод, табиат, хулқ: омезиш; ҳолат.
Мил I - сӯрмачӯб; сихи оҳанини тафсон барои нобино кардани чашм.
II - миқёси паймоиши масофат, сеяки фарсах, ки аз чор ҳазор қадам иборат аст.
Милал - ҷ. миллат.
Минасса - ҷои зоҳир ва намоён шудани чизе; тахт ва курсӣ, ки арӯсро ороста болои он шинонда, ба домод ва дигарон нишон медиҳанд.
Мино - обгина, шиша, сӯроҳӣ, пиёла.
Минӯӣ - биҳиштӣ.
Миод - ваъда, рӯзи ваъда.

Мисбоҳ - чароғ.
Мисдоқ - меъёр.
Мисқаб - парма барои сӯрох кардани ҷавоҳир.
Мисмор - мех.
Мисоқ - паймон.
Мистар - хаткаш.
Мифтоҳ - калид.
Миҳҷа - оташ, дурахш.
Миҷмар(а) - зарфест, ки дар болои он лахча монда, уд, сипанд ва ғ.-ро дуд меандозанд.
Мишкот - тоқ, таҳмон, чароғдон; номи асаре, ки дар он ҳадисҳо ҷамъ оварда шудааст.
Миъҷар - матое, ки занон бо он рӯяшонро пӯшонанд.
Мо - ҳиссачаи саволӣ ба забони арабӣ: чӣ(ст)?
Мод - шаҳри Мидия.
Мозӣ(я) - гузашта.
Молоязолӣ - он чӣ ба охир намерасад, маҳв намешавад.
Морут - *ниг.:* Ҳорут.
Моҳасал - ҳосили ба дастомада.
Мошита - ниг. машшота.
Муаббар - номида шудан.
Муаббир - таъбиркунандаи хоб.
Муavванат - кӯмак.
Муаддӣ - иҷрокунанда, адокунанда.
Муайид - дастгир (Худо дар назар аст).
Муаллам - таълимгирифта.
Муалло - олӣ, баланд.
Муаммар - дарозумр, куҳансол.
Муанбар - анбарсо.
Муаннас - зан, занона.
Муаххаз - чизи гирифташуда.
Мубад // Мӯбад - рӯҳонии зардуштиён (оташпарастои); олим ва донишманди дини зардуштӣ.
Муваррис - ба вуҷуд оваранда.
Мувозот - баробар будан (параллел будан).

Мувосалат - бо касе дӯстии беғараз доштан.
Мувосо - муросо, созиш.
Мувохо - бародарӣ кардан.
Муғтанам - ғанимат шумурдашуда, ғанимат.
Мудаббар - тадбири пешакӣ.
Мудбир - бадбахт, беқарор.
Мудаввар - гирд.
Муддаӣ - даъвокунанда, даъвогар.
Мудғам - пайвастан.
Музабзаб // Музабзиб - ҷунбон, ларзанда; *маҷ.* дудила.
Музахрафот - нақшу нигор; сухани ботил, дурӯғ ва беҳуда.
Музаххам - фарбеҳ.
Музмар - пинҳон, махфӣ.
Музмин - кӯҳнашуда (дар бораи касал).
Музтариб - ошуфта, парешон, мушавваш, бетоқат, бе.
Музҳам - пушаймон.
Муин - мададгор.
Мукаддар - тира, сиёҳ.
Мукаййифот - маводи мухаддир.
Мукорӣ - касе, ки ҳайвоноти боркашро ба кироя медиҳад.
Муктаниф - паноҳанда, паноҳҷӯянда.
Муктаҳал - (чашми) сурмасо.
Муқаввас - камоншакл. 0 *гардуни муқаввас* киноя аз. осмон.
Муқаддар - дар ҳукми такдир қарор дошта.
Муқаддир - қудратманд.
Муқаннаъ - пардапӯш, ниқобдор.
Муқарнас - бинои тоқу равоқдори баланд ва пурнақшу нигор, киноя аз осмон.
Муқаттар - қатрадошта.
Муқбил -хушбахт.
Муқтадо - оне, ки ба вай иқтидо ва пайравӣ мекунанд, пешво.
Муқтасир - иктифокунанда, қонеъшаванда.

Мул - шароб, май.
Мулаввас - ифлосшуда, олуда.
Муламмаъ - рангоранг, нақшин.
Мултаҳад - мулҳид, бехудо.
Мулҳим - илҳомёфта.
Мумтанеъ - манъ кардашуда, номумкин, муҳол.
Мумтаҳан - озмудашуда.
Мунаввар - равшан.
Мункар - инкоршаванда, ношоиста, зишт, номуборак.
Мунқалиб - чаппа.
Мунодо - нидошуда.
Мунтаҳаз - бархоста. 0 *мухталиф ул-мунтақаз* дар вақти гуногун бархостани ду кас ё ду чиз.
Мунтақад - сара кардашуда, сара.
Мунтаҷ - натиҷа, ҳосил.
Мунфаил - шармсор, хиҷолатманд, хиҷил.
Мунҳазим - мағлуб, шикастхӯрда, фирорӣ (аз майдони ҷанг).
Мунҳим - бахил, мумсик, пурхӯр.
Мунҷамид - яхбаста. 0 *мунҷамидулахлоқ* одами ахлоташ сахтшуда.
Муншӣ - котиб, нигорандаи хат.
Мунъим - соҳиби неъмат, тавонгар.
Муодил - баробар, мусовӣ, баробарқимат.
Муолиҷ - табиб.
Муоҳада(т) - аҳду паймон кардан.
Мураққаъ - ҷомаи аз порчаҳои матоъҳои гуногун бо ҳам дӯхташуда; ҷомаи дарвешон.
Мурассаъ - ороста бо сангҳои қиматбаҳо.
Мураххам - буридашуда, кӯтоҳшуда.
Мурувват - мардонагӣ, ҷавонмардӣ, инсоф.
Муршид - иршодкунанда; пир, шайх.
Мусаббаъ - ҳафтгона. 0 *басити мусаббаъ киноя* аз сатҳи кураи замин (бо ҳафт иқлим).
Мусаккин - таскиндиҳанда.
Мусаллас - секунҷа, сегӯша, сегона.

Мусаллам - таслимшуда, тобеъшуда; муносиб;муайян, яқин; бешубҳа, бебаҳс.
Мусалло - ҷойнамоз, саҷҷода; намозгоҳи умумӣ; номи ҷои пурсафое дар Шероз, ки намозгоҳ будааст.
Мусалсал - силсиладор, ҳалқадор.
Мусаммар - бо мех парчин кардашуда.
Мусаммо - исм дода шуда, номидашуда.
Мусаннам - баландшуда.
Мусаттар I - сатршуда, навишташуда.
II - пӯшида, пинҳон.
Мусаттаҳ - ҳамвору тахт кардашуда, пахн.
Мусаххар - тасхиршуда, мағлуб кардашуда.
Мусаҷҷал - навишташуда, сабтшуда.
Муслим - мусулмон.
Мусодама - бархӯрд, низоъ.
Мусомата - баҳс дар атрофи андозаи самтҳо.
Мустақбал - оянда, дур.
Мустаманд - ғамгин, андӯҳгин; ошиқ, гирифтор.
Мустароҳ - ҷои фароғат.
Мустасқӣ - толиби об, ташна; он кӣ аз об хӯрдан сер намешавад.
Мустатоб - пок.
Мустафтӣ - пурсандаи ҳалли даъво ё фатво.
Мустаҳиқ - арзанда, ҳақдор.
Мустаҳлик - ба ҳалокат расанда.
Мустаъмал - истеъмолшаванда.
Мустаъсал - решакан кардашуда, нест кардашуда.
Мустаъҷал - ба ҳолати марг расида.
Мусҳаф - вараққҳои саҳифабанд, китоб; Қуръон.
Мусҳил - исҳолкунанда, дарунравкунанда (дар бораи дору).
Мутаввалот - чизҳои дароз ва муфассал.
Мутарро - ботароват, тару тоза; мусаффо.
Мутаҳҳар - пок, тоза.
Мутаҷосир - ҷасоратманд.
Муташобеҳ - монанд.

Мутолаба - талаб кардан аз касе чизеро.
Муфаззал - дӯстдошта (дар бораи касбу кор).
Муфаттихулабвоб - кушояндаи дарҳои баста; осонкунандаи мушкилиҳо (яке аз сифатҳои Худо).
Муфт - бепул, бе музд, ройгон.
Мухайяр - ихтиёрдор.
Мухаммар - хамир кардашуда, сиришташуда.
Муханнас - хунсо, нару мода.
Мухосама - кори даъвӣ дар маҳкама.
Мухтал(л) - дурӯғ; халалдоршуда, зиёнёфта.
Мухтор - соҳибихтиёр.
Муҳакким - ҳукмкунанда.
Муҳаққар - назарногир, хурд.
Муҷомаа - ҳамхобагӣ.
Муҷтаҳад - ҷаҳднок, боҷаҳд.
Мушаммар - ҳисобшаванда.
Мушриф - дар баландӣ воқеъбуда; сармуҳосиб ва сардори девон; муфаттиш.
Муштарӣ - номи бузургтарин сайёраи низоми офтоб (Юпитер), ки онро Бирҷис ва Ҳурмуз низ мехонанд ва муборак медонанд.
Муҷавваз - раво, ҷоиз.
Муҷмал - хулоса кардашуда.
Муҷодала - баҳсу ҷидол.
Муҷорӣ - гузаштанӣ, ҷорӣ шуданӣ.
Мӯриёна - занги оҳан.
Мӯҳлика - хатарбор.
Мӯҳмал - беэътибор, беаҳамият, бекору матрук.
Мӯҳтабисуррих - шахсе, ки ҳавои шикамаш намебарояд.
Мӯҳтазар - одами дар ҳолати назъ, ҷонканӣ қарордошта.
Мӯҳтамал - имкон доштани эҳтимол.
Мӯҳтариқуддам - одами хунаш ҷӯш ё хундарҷӯш.
Мӯҳтасиб - назораткунанда ба иҷрои аҳкоми шариати ислом.

Мӯҳҷа - дил, хун, равон, зиндагӣ.
Мӯътараф - эътирофшуда.
Мӯътакиф - гӯшанишин, хилватнишин, танҳонишин.
Мӯътал - дасткашида, рӯтофта.
Мӯътод - одаткарда, хӯгирифта.

## Н

Набақ - дарахти сидра, дарахти биҳиштӣ.
Набӣ - пайғамбар.
Набоир - ҷ. набера.
Навбова - ҷавони наврас; меваҳои аввалин.
Наввоб - ҷонишин, волӣ; лақаби амирон ва шоҳзодагон.
Навол - бахшиш, ато.
Навола - хӯрок, ғизо, таом.
Наддоф - титкунандаи пашм ва пахта; ҳаллоҷ.
Наим - неъмат, мол; неъматдиҳанда; рӯзи хуш, некӯаҳволӣ.
Найир - нурпошанда, нурдиҳанда, равшанкунанда. 0 *найири асгар* моҳ; *найири аъзам* офтоб.
Найранҷ - муарраби найранг.
Накав - 0 *бори накав* боре, ки ба он даст расондан мумкин нест, боре, ки сару кор доштан бо он боиси ташвиши зиёд мешавад.
Накбат - бадбахтӣ, сахтӣ, машаққат, ранҷ, хорӣ.
Накол - уқубат, ранҷ, азоб; ҷазои сахт.
Накд - пул; пули холис.
Наққод - танқидкунанда.
Нақизайн - ду чизи мухолиф.
Намат - тарз, усул.
Намоя - рӯиш, сабзиш, афзоиш.
Насақ - тартиб, низом.
Нас(с) - матн.
Наср - *«Насри талқин»*, оҳанги «Шашмақом»; ғалаба, пирӯзӣ.

Натақ - дар гӯишҳои Самарқанду Бухоро ба маънии *овоз*.
Натъ - суфра, суфраи чармин; фарш, фарши чармин.
Нафй - инкор, рад.
Нафс - ҷон, рӯҳ, табиати инсон.
Нахват - ҷасорат, нотарсӣ; худпарастӣ, худбинӣ, такаббур, ғурур.
Нахҷал - пӯчидан.
Наҳзат - бедорй, бедоршавӣ. 0 *муттафиқ ун-наҳзат* якҷоя, дар як вақт бедор шудан.
Наҳй - манъ, манъ кардан, боздоштан.
Наҷм - ситора.
Наҷоҳ - муваффақият, барор.
Нашид - фарёд; суруд, шеър.
Нашканҷ // нишгун - пӯчиш (чимдӣ).
Наъл - по, пошнаи пойафзор.
Наъҷа - гӯсфанд.
Наъш - тани беҷон, мурда, ҷасад.
Ниам - ҷ. неъмат.
Ниғушо(к) (нағушо(к)) - оташпараст, габр.
Нидав - равғани зағири дурдолуд.
Низор - хароб, лоғар, суст.
Нилуфар - навъе аз гулҳои обӣ, ки баргҳояш калон, гулаш сафед ва зарданг буда, бо баромадани офтоб аз об сар берун меоварад ва баробари фаромадани офтоб дар об фурӯ меравад.
Ниол - ҷ. наъл.
Нисаб - ҷ. нисба(т).
Нисбат - рабт, пайванд (дар хешӣ); ҳисоб.
Ниҳеб - ҳайбат, тарсу бим.
Ништар // Нештар - як навъ корди ҷарроҳӣ, ки бо он раг мезананд.
Ниюшидан - гӯш кардан.
Ноира - шӯъла, оташ.
Ноия - дур.
Нотиқ(а) - сухангӯ, гӯё.

Ноқа - шутур.
Нол - най, қамиш, наи миёнковок.
Номия - нерӯи рустан, сабзиш.
Нор - оташ'.
Норван - як навъ дарахти зебои бемеваи серсоя, ки чӯбаш сахт аст.
Носия - пешонӣ, рӯй, чеҳра.
Нотиқа - сухангӯ.
Нофа - халтачаи мушкдор, ки аз нофи оҳу ҳосил мешавад; хушбӯии аз нофи оҳу тайёр кардашуда.
Ночах // ночих - табарзин, найзаи майда.
Ноҷа - табарзин.
Ноҳид - сайёраи Зӯҳра.
Ношто - гуруснагӣ, аз пагоҳӣ чизе нахӯрдан.
Нудрат - кам, камёб.
Нузл - хӯрок барои меҳмон, зиёфат.
Нузул - фуруд омадан, поён рафтан.
Нуқл - газак.
Нухол(а) - сабӯс.
Нӯш - ҳар чизи ширин ва гуворо, ҳамчун асал ва ғ.

## О

Обгина - шиша, ойина, сӯроҳӣ, пиёла.
Обнӯс - дарахти сиёҳранги чӯбаш сахт, ки дар сохтани чизҳои қиматбаҳо истифода мешавад ва дар вақти сӯхтан бӯи хуш медиҳад; *мач.* сиёҳ, тира. 0 *кохи обнӯсӣ* киноя аз осмони тира.
Обо - ҷ. аб(б). 0 *обои сабъа* афлок, олами боло; ҳафт сайёра.
Огин - пур, моломол.
Одам - номи аввалин инсон, ки Худо онро аз гил офаридааст ва бо васвасаи шайтон аз гандуми мамнӯъ хӯрда бо занаш Ҳавво аз ҷаннат ронда шудааст.
Ожир - зиёд, бисёр, фаровон.

Озар -1. оташ; сӯзу гудоз, дард, ғам; оташи муқаддас, ки дар болои оташкада месохтанд; *мач.* оташкада;
II. номи моҳи нӯҳуми соли шамсии эронӣ.
III. номи падари ҳазрати Иброҳим (а).

Оқ(қ) - каси ба лаънати падару модар гирифторшуда.

**Ол -1. сурх.**
II. хонавода, насл, аҳл. 0 *Оли Набӣ* аз насли пайғамбар.

Олғур - тамаъкор.

Олом - ҷ. алам.

Олӣ (бо алиф) - сурх, сафҳаи олӣ - сафҳаи сурх.

Олӣ (бо айн) - баланд.

Ом - I. мардуми авом, бегона.
II. сол.

Омол - ҷ. амал.

Омос - дамидагӣ, варам.

Омоҷ - нишон, нишона, ҳадаф.

Она - пушти олати ҷинсии мардону занон.

Онакалон - модаркалон.

Ораз - рухсора, чеҳра, рӯй.

Ориз - пайдошаванда; воқеъшаванда.

Отил - бекор, беҳуда, аз кор монда.

Отифат - меҳрубонӣ, шафқат, илтифот.

Охтан - берун кардан, баровардан.

Очор - сабзавоти ба сирка ё намак хобондашуда; нонхӯриш, туршии иштиҳокушо.

Ошӯр(о) - рӯзи даҳуми моҳи муҳаррам, рӯзи куштани имом Ҳусайн, ки ҳар сол дар ин рӯз шиаҳо мотам гиранд.

Оҳод - ҷ. аҳад.

## П

Пайғора (байғора) - маломат, сарзаниш, таъна.

Палангина - аз пӯсти паланг дӯхташуда.

Палла - каффаи тарозу; дараҷа, мартаба.

Палолак (палорак) - шамшер, теғи ҷавҳардор.
Палтар - аспи савории сафарӣ.
Паранд - абрешим.
Парвезан - ғирбол, элак.
Паргола - пина, васла, ямоқ; ҳисса, пора.
Парма (пармӣ) - асбобест, ки дами аз боло ба поён равандаи мудаввар дорад ва бо он чӯбро шикоф мекунанд.
Парниён - абрешим.
Парчам - пӯпаки абрешимӣ, мӯй ё думи гови кӯҳӣ, ки ба нӯги байрақ ё найза мебастанд.
Пасич // Пасеч // Пасиҷ - азми чизе, майли чизе, тайёрӣ ба сафар, тайёрии куч.
Патак - илова аз матои пашмии ғафс ба даруни кафш.
Пина - парча, чизи порашуда; васла, порае, ки ба ҷои даридаи либос ва чизҳои дигар дӯхта ё васл карда мешавад.
Пиҳ - равғани рӯи гӯшт; чарбу.
Поку - теғи сартарошӣ.
Полҳанг - тасма ё ресмоне, ки ба канори лаҷоми асп мебанданд.
Пон - дарахтест, ки баргҳои сурхаш чун мухаддир барои хоидан ва чун ранг барои сурх кардани лабҳо ба кор бурда мешавад.
Пӯя - дав, тохт, рафти тезу тунд, гашти босуръат.

## Р

Рабъ - манзил, кӯй.
Рабеъ - баҳор.
Равза - боғи биҳишт.
Равоҳ - бегоҳӣ, шом, аввали шаб.
Равҳ - хушӣ, шодӣ, хурсандӣ, осоиш.
Рағад - хӯроки покиза.
Разеъ - ширхор.
Разил - паст, фурӯмоя, нокас.

Разоил - ҷ. **разил**
Райб - шак, шубҳа.
Рақима - нома.
Рамад - бемории чашм, ки ба сурхӣ ва пуробии он оварад.
Расм - урфу одат; нақш, тасвир; андоз, хироҷ.
Ратл I - ченаки вазн, баробари 449,28 г.
II - пиёла, паймона, ҷом, қадаҳ; пиёлаи шароб.
Рафъат - баландӣ, улвият; *маҷ.* бузургӣ, ҷоҳу ҷалол.
Рахна - сӯрохӣ.
Раховат - мулоимӣ, нармӣ; сустӣ.
Рахоъ - фаровонӣ, зиёдии неъмат.
Раҳл - каҷова барои нишаст дар маркаб.
Раҷо // Риҷо - умед, орзу, чашмдошт.
Рашид - он кӣ роҳи ростро ёфтааст.
Рашҳа - таровида.
Рев - фиреб, макр, тазвир, ҳила.
Риёз - ҷ. **равза.**
Разф(а) - кулчаи зону.
Ридо - болопӯш, або, ҷома.
Рикоб - узангу; *маҷ. аҳли рикоб* атрофиёни подшоҳ. 0 *рикоби гирон* ботамкинӣ, устуворӣ, дар ҷанг собитқадам будан.
Рифқ - меҳрубонӣ, лутф, дӯстдорӣ, боилтифотӣ.
Роғ - домани фарохи сабзу хуррами кӯҳ, марғзор.
Род - паҳлавон.
Роиқ - соф, латиф.
Рой - раъй, фикр, андеша.
Рок - оҳанге аз «Шашмақом» ва мусиқии ҳиндӣ; яке аз сабкҳои мусиқии муосири урупоӣ.
Роят - байрақ, алам, ливо.
Румҳ - найза.
Руқя - сеҳр ва афсун.
Руқъа - хат, нома; порча, порчаи коғаз; васла, пораи матоъ, ки даридаи либосро бо он дарбеҳ кунанд.
Руспӣ // Русбӣ - фоҳиша.

Руста (рустӣ) - навъе аз ҳалво.
Русум - ҷ. расм.
Рутаб - хурмои тару тоза.
Руфӯ - ба василаи бофтан ё дӯхтан ислоҳ ва дарбеҳ кардани либосу палоси дарида.
Рӯз - 0 *рӯзи шумор* рӯзи қиёмат.
Рӯй - I. чеҳра, симо.
П. филизи сахт, ки аз омезиши он бо филизоти дигар, чун мис ё алюминий, биринҷ ё хӯла ҳосил мегардад.
Рӯҳуламин - Ҷабраил.
Рӯъят - дидан, биниш; ҳолати тобонӣ ва дидашавандагии қурси моҳ дар осмон.

## С

Сабат - далел.
Сабил - роҳ, хайротшуда, қурбоншуда, зоеъ.
Сабзоб - оби кӯкнор.
Сабқат - пеш гузашта рафтан аз касе ё чизе; кӯшиши бартарӣ ёфтан аз касе.
Саблат - мӯйлаб. 0 *саблати дойир* мӯйлаби гирд.
Сабо -1. боде, ки аз тарафи шарқ мевазад; шамоли форам, насими салқин.
II. номи шаҳре дар Ямани қадим, ки маликаи Билқис (зани Сулаймон пайғамбар) он ҷо ҳукмронӣ мекард.
Сабҳа // Субҳа - тасбеҳ, донаҳое, ки ба ришта кашида шудаанд.
Сабъа - ҳафт.
Савдо - сиёҳ.
Савқ - рондан,рониш, ҳаракат.
Савмаа - ибодатгоҳ.
Савоб - музд ва подоши хайр, кори хайр.
Савобит - ҷ. собита.
Савод - сиёҳӣ; сиёҳнавис; атроф ва музофоти шаҳр, сарзамин, мамлакат. 0 *саводкорӣ* сиёҳ пӯшидан.

Савсан - гулест, ки баргҳояш борику баланд буда, рангорангу зебост.

Садаф - ҷилде, ки дар даруни он як навъ ҷонвари хурди баҳрӣ ҷой мегирад ва ин ҷонвар моддаеро истеҳсол мекунад, ки тадриҷан ба гавҳар табдил меёбад.

Садма - зарба, садама.

Садр - қафаси сина; аввал, оғоз, аввали чизе; пешгоҳ; миёна, марказ; болонишин, сардор, сарвазир; олитарин унвони илмӣ дар Бухорои асрҳои охир, ки пас аз ӯроқ ва судур меояд.

Сазо - лоиқ, шоён; ҷазо, мукофот.

Саййид - бузург, сарвар, пешво; лақаби авлрди ҳазрати Муҳаммад пайғамбар (С).

Сайл - сел.

Сайрафӣ - сарроф, заршинос.

Сайт // Сит - шӯҳрат, номи нек; овоза.

Сайф - тобистон.

Сак // Чак - санад, ҳуҷҷат.

Сак(к)у - поя, таҳкурсӣ аз санг.

Сақанқур - ҷонвари сусмормонанди обӣ ва хушкӣ.

Сақар - табақаи поинтарин ва вазнинтарини дӯзах.

Сақат - носазо, дашном, *сақат гуфтан* - дашном додан.

Сақим - бемор, касал, дармонда.

Сақутар - мансуб ба Сақутар, ки ҷазираест дар уқёнуси Ҳинд; навъе аз доруи исҳол.

Сақф - шифти хона, шифти қаср ва ғ.; киноя аз осмон.

Салаб - навъе аз либоси ҷангӣ ҳамчун ҷавшан ва хафтон.

Салам (саллам) - баҳо додан, санҷиш.

Салаф - пеш ва пешинагон, гузаштагон, падарон ва бобоён.

Салб - инкор, муқобили *эҷоб;* аломати тарҳ дар илми ҳисоб.

Салх - рӯзи охирини моҳи қамарӣ; ба нестӣ расидан.

Сам(м) - заҳр.

Самак - моҳӣ.

Самандар - ҷонвари афсонавие, ки гӯё дар оташ пайдо мешавад ва агар аз оташ барояд, мемирад.
Самовӣ - мансуб ба само.
Саммок - моҳигир.
Сана - сол; *маҷ*. замон, давр.
Сандал - чӯби хушбӯ ва доругӣ.
Саноеъ - ҷ. **санъат.**
Санноъ - созандагон.
Санҷ // синҷ - сози мусиқӣ; ду табақчаи филизии доирашакл, ки ба ҳам мезананд.
Санҷоб - як навъи ҷонвари ҷангалӣ, ки пӯсташ пурмӯю нарму латифи хокистарранг буда, дар либосҳо ба кор мебаранд.
Сапал - кафи пой.
Сареҳ - дуруст.
Сарир - ҷои хоб; тахт, авранг, маснади шоҳӣ.
Сарӣ (саро) - замин, хок.
Сармад - доим, ҳамеша.
Сародиқ// Суродиқ - саропарда, хайма, чодир.
Сарсар - шамоли сахт, боди тунд ва баландовоз.
Сарфа - суд, фоида. 0 *сарфа бурдан* баҳра бурдан, фоида дидан.
Сатват - қаҳр; қувват, сахтгирӣ; шавкат.
Сатр - чизҳои пӯшиданӣ.
Саф(ф) - 0 *саффи ниол* пойгаҳ, ҷои кафшкашӣ; сафи охирин.
Сафеҳ - камақл, аҳмақ, аблаҳ, нодон.
Сафина - киштӣ; маҷмӯаи ашъор, баёз.
Сафоин - ҷ. **сафина.**
Сафро - зард.
Сафровӣ - гирифтори беморbudи илтиҳоби талха.
Саҳбо - маи сурх.
Саҳм - тарс, бим, ваҳм; тир; баҳра, ҳисса.
Саҳоб - абр.
Саҳоба - ҳамсӯҳбатон ва ҳамсафони Муҳаммад-пайғамбар (С).

Саъд - саодат, некбахтӣ; таъсири неки ситораҳо, ки гӯё боиси хушбахтӣ мешавад. 0 *саъди акбар* киноя аз сайёраи Муштарӣ, ки ситораи саъд ҳисоб мешуд; *саъди асгар* киноя аз сайёраи Зӯҳра.

Саълаб - рӯбоҳ.

Сиво - ғайр аз.

Сигол - фикр, андеша. 0 *шумсигол* бадандеш.

Сиголидан - фикру андеша кардан, чора ҷустан, машварату маслиҳат кардан.

Сиға - чизи қиматбаҳо.

Сиём - рӯза.

Сиёҳгӯш // Сияҳгӯш - ҳайвонест даранда аз ҷинси гурбаи ваҳшӣ, ки гӯё доимо аз дунболи шер гашта, боқимондаи хӯроки ӯро мехӯрдааст.

Сиканҷ - сирка.

Сикка - оҳане, ки бо он пул зарб мезананд; пули зарбшудаи филизӣ, пуле, ки ба рӯяш номи подшоҳ зарб шудааст.

Силӣ - шаппотӣ, торсакӣ.

Силтав - тела додан, ҷунбонидан.

Симок - номи ду ситора (Симокайн) дар поёни бурҷи Асад: *Симоки Аъзал ва Симоки Ромеҳ.*

Симот - хон, ё мизи пур аз нуқл.

Синд - номи дарё ва вилояти ҳамном дар Покистон.

Синон - нӯги найза, нӯги теғ.

Сипанҷ - гузаранда, нопойдор. 0 *сарои сипанҷ* - дунёи бебақо.

Сипӯз - сӯрохии шармгоҳи зан.

Сирка//Сирко - моеи хеле турш, ки бар асари вайроншавии май ҳосил мегардад ва дар хӯришу дорусозӣ аз он кор гиранд.

Сит - овоз, овоза, шӯҳрат.

Ситеғ - рост, боло.

Сифл - паст, поён.

Сифлӣ//Суфлӣ - паст; поинӣ.

Сиҷн - маҳбас, зиндон.

Собита - ситорае, ки мувофиқи тасаввури ситорашиносони қадим дар як ҷо барқарор аст ва ҳаракат намекунад.
Собиҳ - шиновар, оббоз.
Соғу - чӯби дарахти ангур.
Содот - ҷ. **саййид.**
Сой - саъйкунанда.
Сокин - бошанда.
Солис - сеюм.
Сомит(а) - хомӯш, гунг.
Сорӣ - сирояткунанда, гузаранда аз чизе ба чизе.
Соро - холис, соф (дар бораи тило, мушк ва анбар).
Сотгин - қадаҳи калони шаробхӯрӣ.
Софил - паст.
Соҳат - масоҳат, арса, майдон, дашт.
Суғба - фирефта, фирефташуда.
Судоъ - дарди сар.
Суккон - ҷ. **сокин.**
Сукук - ҷ. **сак.**
Сулук - роҳ рафтан; дар тасаввуф - роҳ, тариқа, тарзи зиндагонии аҳли тасаввуф, зиндагонии дарвешона ва парҳезгоронаи сӯфиён.
Сум - заҳр.
Сунан - ҷ. **суннат.**
Суннат - роҳ, равиш, одат; ибодат ва одате, ки аз ҳазрати Муҳаммад (С) мондааст ва онро сунниҳо ба ҷо меоранд.
Сунъ - эҷод ва офариниш; он чи сохта ва офарида шудааст.
Сур I - девори қалъа.
II - ҷашни арӯсӣ.
III - шайпур, бӯқ.
Сурайё - Парвин, ки аз шаш ситорачаи як ҷо ғуншуда иборат аст
Суроҳӣ - зарфи гардандарози шароб.
Суфистой - файласуфи гаравидаи таълимоти софистӣ.

Суҳо - ситорае бисёр хурд дар Банотуннаъш, ки дар паҳлӯи ситораи дуюм аз се ситораи Банот меистад.

## Т

Тааб - сахтӣ, ранҷ, азоб; хастагӣ.
Тааззум - ғурур, ҳавобаландӣ.
Тааллуқ - алоқамандӣ, вобастагӣ ба чизе; *маҷ.* дилбастагӣ, ишқу муҳаббат.
Тааллул - баҳона барои таъхир.
Тааммул - андеша, фикр, тааммул.
Тааххур - ақиб мондан.
Табадцул - дигаргун шудан, табдил ёфтан.
Табарзад - наботи сафеду шаффофи хеле сахт, ки аз ғояти сахтӣ бо табар шикастан лозим будааст.
Табаррук - баракат доштан, муборак донистан.
Табаҳинтизоъ - табаҳкор, бегонасоз, ҷудоиандоз.
Табиат - сиришт, ниҳод, одат, хӯ.
Табира - нақора, табл, дуҳул.
Табла - сандуқчае, ки дар дуконҳои атторӣ ба даруни он атриёт нигоҳ медоранд.
Табоеъ - ҷ. табиат.
Таборакаллоҳ - Худо хайр кунад.
Табошир - моддаи сафед; бӯр; кинояаз сафедии субҳ.
Таваққӯъ - чашмдошт, умед; орзу; хоҳиш, илтимос; пурсиши садақа.
Таваллӣ // Тавалло - дӯстӣ ҷустан, дӯстӣ; илтимос, илтиҷо; ҳукмронӣ,волигӣ.
Тавассул (бо син) - хоҳиш, илтиҷо; восита шудан, наздикӣ ба чизе, наздикшавӣ.
Таваҳҳум - тарс, ваҳм; гумон, тасаввур.
Таваҳҳуш - рамидан аз одамон, тарсидан.
Тавқеъ - мӯҳри подшоҳӣ.
Тавқир - иззату ҳурмат кардан, мӯҳтарам шумурдан; эҳтиром.
Тавозӯъ - хоксорӣ кардан, фурӯтанӣ намудан.

Тавора - девора, чапарак, девори аз шохҳо кашидашуда.
Тавсан - аспи ҷавони ромнашуда, аспи саркаш; асп.
Тавшеҳ - оростан, зинат додан.
Тавъ - фармонбардорӣ, моил, хоҳишманд, омода будан.
Тавъам - ҳамзод, яке аз ду бачае, ки ҳамроҳ таваллуд мешаванд; ҳамроҳ, якҷоя.
Тагарг - жола.
Тағофул - қасдан худро ба ғафлат андохтан, худро ба нодонӣ задан, бепарвоӣ.
Тадлис - фиреб додан; пӯшидани айби коло; фиребкорӣ; дар либоси салоҳ фасод кардан.
Тазаллум - шикоят аз зулм, додхоҳӣ.
Тазарруъ - илтиҷо, илтимос бо хориву зорӣ.
Тайласон - як навъ ҷомаи дароз ва беостин, ки ба сару дӯш меафканданд.
Тайлоқ - гӯсола.
Тайш - сабукфикрӣ, аз роҳи ақл баромадан.
Так - давидан, тохтан; 0 *так задан давидан, тохтан;* 0 *сарро так кардан* сарро хам, паст кардан.
Такрир - такрор.
Таковар // Таговар - тезрав, тундрав, даванд (дар бораи асп ва шутур).
Тақаддум - пеш рафтан.
Тақаддус - муқаддасӣ, порсоӣ; покӣ, покизагӣ.
Тақал - бо ҳила зорӣ кардан.
Тақим кардан - дар бозии бузкашӣ бузро дар рикоб гирифта тохтан.
Тақора - тағора.
Тақсир - нуқсон, камбудӣ.
Тал(л) - пушта, теппа, кӯҳи паст.
Талал I - ҷисм, тан; вайрона, хароба.
II - ҷ. тал(л).

Талеа // Талиа - гурӯҳи пешгарди лашкар; *маҷ.* аломати пешакӣ; тулӯъ, баромад (дар бораи офтоб). 0 *талааи субҳ (хуршед)* тулӯи офтоб.

Талозум - пайванди мустаҳкам, аз ҳам ҷудо набудан; риоя кардан (дар бораи паймон).

Талқ - як навъ санги сафедранги қабат-қабат аст, ки дар оташ намесӯзад.

Тамаввуҷ - мавҷ задани об, мавҷзанӣ, талотум.

Таматтӯъ - лаззат бурдан, манфиат, фоида.

Тамғо // тамға - мӯҳр, нишона.

Тамиз - фарқ, имтиёз ва ҷудо намудани сара аз носара, нек аз бад.

Тамҳид - омодасозӣ.

Танг - тасма, расан, ресмоне, ки бо он чизеро дар болои ҳайвони боркаш мебанданд.

Танз - тамасхур, истеҳзо.

Танин - овоз, суруд.

Танқия(т) - тоза кардан, пок кардан; пок ва тоза кардани даруни одами бемор аз модцаҳои нодаркор ба воситаи хӯрондани доруҳои махсуси мусҳил.

Таноҳӣ - ҳад, андоза. 0 *ҳакими таноҳӣ юл-абъод* ҳакими андозашинос.

Таносух - якдигарро нест кардан; рафтани рӯҳ аз як қолиб ва даромадани он ба қолиби дигар, кӯчидани рӯҳҳо.

Тансух // Тансӯқ - чизи нодир, камёб, инъом.

Таоқуб - таъқиб намудан.

Тар(р)а - сабзавоти хӯрокӣ; хӯриш аз сабзавот.

Тарашшӯҳ - чакидан, таровидан.

Тардид - дудилагӣ, шакку шубҳа.

Тароз // Тироз - зинат, нақшу нигор.

Тарозидан // Тирозидан - ориш додан, оростан, перостан.

Тарокум - ҷамъшавӣ.

Таррор - кисабур, дузд; ҳилагар, маккор.

Тарсиа - бо ҷавоҳир зинат додашуда.

Тарф I - канор, канора. 0 *пирфи кулоҳ шикастан* кулоҳро каҷ мондан, киноя аз моҳи нопурра.

II- камарбанди зарин ва нуқрагин. 0 *тарф бастан* омода шудан.

Тарфа *Н* Тарфат - як лаҳза. 0 *тарфат ул-айн* як мижа задан.

Тасалсул - печ-печон; пайвастагӣ.

Тасаррум - ба охир расидан, гузарон будан (дар бораи вақт).

Тасвид - навиштан, сиёҳ кардан.

Тасним - баланд кардан; баландӣ сохтан; дар «Тафсири Қуръон»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар боби сураи «Мутаффифин» дар шарҳи ин калима омадааст: «Обест, ки аз тахти арш ба биҳишт мерезад... Аз он наздикшудагони боргоҳи иноят... менӯшанд».

Татмиъ - тамаъхоҳ, хоҳишманд кардан.

Татовул - дастдарозӣ кардан.

Таф(ф) - гармӣ, ҳарорат, оташ.

Тафаззул - лутфу марҳамат.

Тафаққуд - меҳрубонӣ, пазирой, меҳрубонӣ кардан.

Тафарруҷ - сайру гашт, саёҳат.

Тафаррӯҳ - фароҳёбӣ, хурсандӣ, шодӣ, истироҳат.

Тафоул (бо айн) - ангезаи кимиёӣ.

Тахотуб - гуфтугӯ.

Таҳлука - тарси ҳалок.

Таҳриз - барангехтан, иғво кардан, таҳрик кардан.

Таҳаммул - бардошт, сабр.

Таҳамтан - оҳанинтан; лақаби Рустам.

Таҳассур - афсӯс хӯрдан, ҳасрат кардан.

Таҳвил - аз ҷое ба ҷое гузаштан.

Таҳзиз - барангехтан, ба шӯр андохтан.

Таҷаммул - ороиш, ҳашамат, шукӯҳ, дабдаба.

Таҷаррӯъ - ҷуръа-ҷуръа нӯшидан.

Таҷрид - гӯшанишинӣ.

Ташаффӣ кардан - шифо бахшидан.

Ташт - тоси калони мисӣ, лаган, тағора; 0 *ташта зар* киноя аз офтоб; *ташти фирӯза* киноя аз осмон.
Таъбия - нишондан, ҷой додан, насб кардан; таъбия кардан - омода, мувофиқ кардан.
Таъвиз - тӯмор барои дафъи бало ва захми чашм.
Таъвил - баён кардан, шарҳ додан, тафсир кардан.
Таъйид - дастгирӣ.
Таълиқ - алоқаманд, пайванд
Таън - шикофтан, зарба задан (бо найза).
Таърис - арӯсӣ, тӯй.
Таъҷил - зуд, бе фосила.
Таяммум - аз набудани об бо хок ва рег таҳорат кадан.
Тибат - хубӣ, форамӣ, некӯӣ.
Тибоъ - табиат, хӯ, хислат.
Тимор - ғам, андӯҳ; ғамхорӣ, парасторӣ, нигоҳубин.
Тир - сайёраи Аторуд, ки дар ҳайати қадим ба шакли котиб тасвир мешуд.
Тироз - зинат, нақшу нигор; номи як шаҳри қадимист дар ҳудуди Туркистон ва Хитой, ки бо соҳибҷамолони худ машҳур будааст.
Тиҳ // Теҳ - биёбон, бодия, биёбони бе обу алаф.
Тиҳу - бедона.
Тоба - зарфи паҳни фулузӣ барои бирён кардани гӯшт, моҳӣ ва ғ.
Тозу // Тозӣ - навъи саги шикорӣ.
Тоил - суд, манфиат.
Торак - фарқи сар.
Торум // Торам - хонаи чӯбини токдор, хиргоҳ; хавоза, хавозаи ток; девора; гунбаз; 0 *торуми ахзар* киноя аз осмон.
Тоту - аспи пастқад.
Тоҳир - пок.
Тубо - дарахти серсояи афсонавӣ дар ҷаннат, ки меваҳои гуногун в хушбӯй дорад.
Туз // Тузӣ - матои нафис аз катон.
Тузоқ - дом.

Тузук - оиннома; қонун.

Туғро - рамз аз ҳарфҳои аввали ном ва лақаби подшоҳ дар сари фармонҳо; навъе аз хатти насх.

Тулай - (ӯзбекӣ) дар гӯиши мардуми Бухоро ба маънии *пуропур*

Тумшуқ - *(дар гӯишҳо)* фук, манаҳ.

Тунбак - асбоби мусиқӣ, ки имрӯз бо номи таблак машҳур аст.

Тунбон - шалвор.

Тунг - зарфи даҳантанги об, шароб ва ғ.

Тураб - ҷ. **турбат.**

Турбат - хок.

Турктоз - ба мисли туркон ҳуҷум кардан, нохост ҳуҷум овардан.

Турмасак - (ӯзбекӣ) аз ҷоят нохезон шав!?

Турунҷ - мевае аз ҷинси лиму, афлесун, ки хушбӯй ва обдор аст.

Турфа - чизи нав, чизи камёб, нодир, аҷаб, ҳайратангез.

Тутпис - ҳалвои чун тахтасанг сахт, ки аз тути хушк ва мағзи чормағз пас аз кӯфтан омода карда мешавад. 0 *тутписи Дарвоз* тутписи беҳтарин.

Тутуқ - парда, чодир.

Тӯзқоқ - бо намак хушк кардашуда (масалан, моҳӣ).

Тӯғ I - дарахтест, ки ҳезуми он муддати дароз месӯзад.

II - мӯи думи асп, ки ба байрақ мебастаанд; байрақ, алам, парчам.

Тӯр - кӯҳе, ки дар он ҷо Мӯсо (а) бо Худо сухан гуфтааст.

Тӯтиё - туршии рӯҳ, ки онро дар қадим чун доруи дарди чашм кор мефармудаанд, санги сурма; доруи мураккаб, ки барои равшании чашм ба кор мебаранд.

Убувват - падарӣ.
Убур - гузаштан.
Убус - чини абрӯ.
Уд - чӯби хӯшбӯй.
Узмо - шакли занонаи сифати арабии *азим.*
Узор (изор) - рухсор, гуна.
Уқба - хатар, саранҷом.
Уқлоқ - аловшӯр, аловкоб.
Уқул - ҷ. **ақл.**
Улв - *ниг.* улув.
Улвӣ - баланд, боло, осмонӣ.
Улув - баландӣ, бартарӣ.
Улулазм - соҳиби азму иродаи бузург.
Улуфа - хӯрок, таом.
Уммаҳот - ҷ. ум(м), уммаҳат. 0 *уммахрти арбаъа* киноя аз чор сифати Худо (аввал, охир, зоҳир, ботин) ва ё чор унсур (об, хок, бод, оташ).
Уммон - номи вилоят ва шаҳр дар нимҷазираи Арабистон; номи баҳрест дар канори ҳамон кишвар, ки бо марворидаш машҳур аст; *маҷ.* баҳр, дарё.
Унноб - дарахт ва меваи челон, ки сурх ва монанди санҷид аст.
Унс - меҳрубонӣ.
Унф - бинӣ. 0 *ало рагми унф* сарфи назар аз хостан ё нахостани касе.
Унфувон - аввали ҳар чиз. 0 *унфувони шабоб* аввали ҷавонӣ.
Ур - бараҳна, луч, урён.
Уруҷ - ба баландӣ майл кардан.
Урф - қонунгузории дунявӣ.
Ус(с) - поя, бунёд, асос.
Уср - мушкилӣ, фақр, мӯҳтоҷӣ.

Устурлоб - асбобе, ки ба воситаи он дар расадхонаҳо гардиши ситораҳоро мушоҳида мекунанд ва меомӯзанд.

Усул - ҷ. асл, қоидаҳои асосии ҳар илм, асосҳои ҳар илм (усули калом, усули фиқҳ, усули шеър...).

Усфур - гунҷишк.

Ухро - дигар (муаннаси охар).

Уҷра - пули кироя.

Уштулум - дуруштӣ, ҷанг.

Ушшоқ - ҷ. ошиқ; яке аз оҳангҳои «Шашмақом».

## Ӯ

Ӯлка - кишвар, сарзамин.

Ӯлоқ (вожаи ӯзбекӣ) - бузе, ки онро барои кашидан ба миёни аспсаворон андозанд ва ин бозиро «Бузкашӣ» гӯянд.

## Ф

Фавоиҳ - ҷ. фоиҳ, фоиҳа.

Фазиҳат - расвоӣ, беобрӯӣ, шармандагӣ.

Фазоеҳ - ҷ. фазиҳат.

Фазоил - ҷ. фазилат (дониш).

Файсал - ҳакам шудан дар ҷудо кардани ҳақ аз ботил.

Фалақ // Фаллоқ - олати ҷазо дар мактаби кӯҳна, иборат аз як чӯби дароз, ки дар ду нӯгаш тасмаи чармӣ мебастанд. Пас онро аз пои бача гузаронда, метофтанд ва бардошта меистоданд. Дар ин вақт мактабдор ба қадри гуноҳаш ба кафи пои бача бо чӯб мезад ва агар гуноҳаш вазнинтар бошад, пои бачаро бо кордча чок карда ба он намак мепошиданд.

Фарас - асп.

Фарвадин // Фарвардин - моҳи якуми соли шамсӣ, ки аз 21 март то 20 апрелро дар бар мегирад, моҳи аввали баҳор.
Фарз - фармудаи Худо, ки иҷрояш ҳатмист.
Фарзин - яке аз мӯҳраҳои шатранҷ.
Фариқ - ҷамоате аз мардум, тоифа, гурӯҳ.
Фарӣ - хуб, форам.
Фароҳишта - овезон.
Фарҷ - шармгоҳи зан.
Фарт - аз ҳад зиёд.
Фарқадон - шакли дутогии калимаи *фарқад*, ки ду ситораи дурахшон аз галаситораи ситораи Дубби Асғар мебошанд, киноя аз ниҳояти баландӣ.
Фарҳанҷ - муарраби **фарҳанг.**
Фасод - табоҳӣ, вайронӣ; зоеъшавӣ, костан, камшавӣ, нобудшавӣ.
Фассод - хунгиранда, рагзан.
Фатонат - ҳушёрӣ, зиракӣ, бофаросатӣ.
Фирқа - гурӯҳ.
Фирош - бистар, ҷои хоб, рахти хоб.
Фоиз - комёбшаванда, ноилшаванда. 0 *фоиз шудан* муваффақ шудан.
Фоиқ - баландпоя.
Фоиҳ // Фоиҳа - паҳншаванда, даманда (дар бораи хушбӯӣ); хушбӯибахш.
Фоқа - факр, камбағалӣ.
Фолиқ ул-исбоҳ - кафонандаи субҳ, киноя аз офтоб.
Фолуда - полуда, тоза, соф.
Фонӣ - нестӣ. 0 *олами фонӣ* аз рӯи таълимоти ислом дунёи пеш аз марг.
Фохир - боифтихор, аъло, беҳтарин.
Фохира - муаннаси **фохир.**
Фундуқ - як навъи мағздона, ки пӯсташ сурхтоб аст; киноя аз ангушти ҳинобаста.
Фурӯҳишта - озодшуда, овезон, ба пастӣ рафта.
Фурӯъ - ҷ. фаръ, қисмҳои ғайриасосии илм

# Х

Хабоис - ҷ. **хабиса.** 0 *уммулхабоис* шароб.

Хабис - шум, зишт.

Хабиса - рафтори зишт.

Хад - рухсора, гуна, сурат.

Хадев (хидев) - подшоҳ, Худо.

Хаз(з) - навье аз матои абрешимӣ.

Хазаф - сафол; сафолин, зарфи сафолин.

Хайбар - номи мавзее, ки Алӣ бар он тасаллут ёфта буд ва аз ин рӯ ӯро Хайбаргир яке аз лақабҳост.

Хайёт - дӯзанда.

Хайзурон - як навъи най.

Хайл // Хел - қавм, гурӯҳ, гала. 0 *хайли анбӯҳ* гурӯҳи зиёди одамон.

Хайр - нек (дар бораи одам).

Халаф - аз пас оянда; ворис, писар.

Хал(л) - сирко.

Халлӣ - холӣ, беарзиш.

Халоиқ - ҷ. **халқ.**

Харвор//хирвор - боре, ки як хар бардошта метавонад; ченаки вазн баробар ба 300 кг.

Хариф - тирамоҳ, поиз, мавсими баргрезон, фасли дарав.

Харқ - сӯрох, рахна, шикоф. 0 *харкр одат* кор ва амали берун аз одат.

Хасак - хор.

Хасм - душман.

Хатира - қабр, гӯр.

Хафо - пӯшидагӣ, пинҳон ва махфӣ будан.

Хафоф - сабук будан.

Хафранҷ - вазнинӣ, гаронӣ (дар хоб), кобус.

Хаффош - кӯршабпарак.

Хаҳӣ - хуш; чӣ хуш!

Хашансор - як навъи мурғобӣ, ки сари сафед ва тани тиранг дорад.

Хиёр I - бодиринг.
II - ирода, ихтиёр.
Хизоб - ранг аз ҳино ва вусма барои ороиши мӯй, рӯй ва панҷаҳои дасту по.
Хилол - чӯби дандонковӣ.
Хинг - асп, аспи сафеду хокистарранг.
Хиргаҳ // Хиргоҳ - манзил, хайма, чодар.
Хисоф - сабад аз бофтаҳои нахл.
Хитом - поён, тамом.
Хишта - муфлис, нодор.
Ховар - самте, ки офтоб дар он ғуруб мекунад, мағриб, ғарб; самте, ки офтоб дар он тулӯъ мекунад, машриқ, шарқ.
Хозан // Хозин - хазинадор, нигаҳбони хазина.
Хонагӣ - дӯстдошта, маъшуқа.
Хос - худӣ, хеш.
Хотам - ангуштарии шоҳон, ки дар нигини он мӯҳр канда шудааст.
Хулд - бақои доим ва ҳамешагӣ, ҷовидонӣ; биҳиш, ҷаннат, фирдавс.
Хулус - ихлос.
Хулф - хилоф.
Хурдадон - касе, ки борикиҳо ва ҷузъиёти корҳоро медонад, бориксанҷ, нуктадон, борикбин.
Хутва - фосилаи байни ду по дар вақти роҳ рафтан, қадам, гом.
Хуҷаста - хушбахт, фархунда, муборак.

## Ҳ

Ҳабба - дона (меъёри вазн).
Ҳаббазо - офарин, аҳсант, марҳабо, чӣ хуб.
Ҳавдаҷ - тахти равон, каҷовае, ки ба асп ё шутур баста, ба он менишинанд.
Ҳавза - ноҳия, доира.
Ҳавсала - бардошт, бурдборӣ, сабр, ғайрат.

Ҳаволӣ - атроф.
Ҳавос(с) - ҷ. **ҳосса.**
Ҳаддод - оҳангар.
Ҳадид - оҳан. 0 *ҳадид ул-лисон* шахси забонаш тез.
Ҳадиқа - боғ.
Ҳадис - сухан, ҳикоя, ривоят.
Ҳазиз - поён, пастӣ, нишеб.
Ҳак(к) - тарошидан, кандан; кандакорӣ.
Ҳазм - эҳтиёткорӣ, дурандешӣ; матонат, устуворӣ.
Ҳазор - булбул; рақам.
Ҳазора - номи қабилае дар кӯҳистони шимоли Афғонистон.
Ҳазордастон - киноя аз булбул, андалеб.
Ҳазрат - ҳузур; даргоҳ, остона; калимаи таъзим ва эҳтиром дар вақти зикри касони бузург (пайғамбар, подшоҳ...).
Ҳайза - ҳазм нашудани ғизо дар меъда.
Ҳаййиз - доира, ҳудуд.
Ҳайта//ҳита - доира, иҳота.
Ҳақиқ ул-бол - дурустандеш, соҳиби андешаи ҳақ, рост.
Ҳал(л) - гудозиш, гудохта.
Ҳал - ҳиссачаи саволӣ ба забони арабӣ: **оё ...?**
Ҳалла - ҷой, маҳалла.
Ҳалв - ширинӣ.
Ҳаллол - ҳалкунанда, касе, ки ҳал мекунад, гиреҳҳоро мекушояд..
Ҳамал - барра; яке аз дувоздаҳ бурҷи фалак; моҳи якуми шамсӣ, ки офтоб дар бурҷи Ҳамал мемонад ва он ба 21 март то 20 апрел рост меояд.
Ҳамим - оби гарми бо зардоб олуда, ки ба дӯзахиён диҳанд (ҳамими фалақӣ, шояд зардоби одаме, ки ба фалак кашида шудааст, *ниг.* **Фалак).**
Ҳамом - кабӯтар.
Ҳамора - ҳамвора, ҳамеша.
Ҳамӯл - бурдбор, пуртоқат.

Ҳанзал - як навъ кадуи ёбой, кадуи талх.

Ҳанут - хушбӯиҳое, ки барои пошидан ба бадан ва кафани мурда тайёр мекунанд, монанди мушк, кофур ва ғ.

Ҳанҷар(а) - ҳалқ, гулӯ.

Ҳанҷор // Ҳинҷор - роҳ, тариқ, қоида, андоза; роҳи рост, ҷода.

Ҳарам - ҷое, ки даромадан ба он манъ аст; атрофи хонаи Каъба; ҳавлии дарун, сарои подшоҳон; зан, каниз, ҳамсар.

Ҳарза - беҳуда.

Ҳарим - атроф.

Ҳарир - абрешим, шоҳӣ.

Ҳариса - оше, ки аз гандуми кӯфта, гӯшт ва равған тайёр мекунанд.

Ҳариф - рафиқ, шарик, (баъзан) рақиб.

Ҳасаб - шараф, бузургӣ, фазилат, шӯҳрат, бузургии мард аз рӯи насаб, мол ва ғ.

Ҳасбатанлиллоҳ - аз барои Худо.

Ҳасир - бурё.

Ҳаср I - манъ.

II - ҳад, андоза, ҳисоб кардан, андоза гирифтан.

Ҳассод - ҳасуд.

Ҳатк - пора кардан, парда даридан, бадному расво кардан касеро.

Ҳафват - хато, иштибоҳ, лағзиш.

Ҳафр - ҷоҳ.

Ҳафт - шумораи миқдорӣ, ки дар фарҳанги исломӣ ба бисёр ашё ва мавҷудот ишора мекунад. 0 *ҳафт кишвар (ҳафт икрим)* киноя аз тамоми дунё, рубъи маскун. Аз рӯи ақидаи ҷуғрофияшиносони қадим замин ба ҳафт минтақа тақсим шуда, ҳар кадом ба яке аз ҳафтситора мансуб шумурда мешуд.

Ҳафтхон - ҳафт кори душвору хавфнок. 0 *ҳафтхоии чарх* ҳафт ситораи осмон.

Ҳаҷаруласвад - санги сиёҳи муқаддас дар хонаи Каъба.

Ҳаҷим - гафс, фарбеҳ, бузургҷусса.

Ҳаҷла - хонаи оросташуда барои арӯс.
Ҳашам - хизматгорон, навкарони подшоҳӣ.
Ҳашв - он чи, ки чизеро бо он пур мекунанд.
Ҳаюло - модда, модцаи аслӣ, моҳияти ҳар чиз, гавҳар.
Ҳаюн - шутур, шутури тезрав.
Ҳибола - дом, тӯр.
Ҳикд - кина, бадбинӣ.
Ҳилидан - **ҳиштан.**
Ҳилм (ҳилмат) - нармӣ, хайрхоҳӣ, ботадбирӣ.
Ҳилолӣ - мансуб ба ҳилол, ба шакли ҳилол; киноя аз **ҷом.**
Ҳима - ҳезум.
Ҳирбо - бӯқаламун.
Ҳирз - паноҳгоҳ, ҷои эмину мустаҳкам; нигоҳдорӣ, муҳофизат; тӯмор.
Ҳирмон - маҳрумият, навмедӣ.
Ҳиросат - посбонӣ, муҳофиза, нигаҳбонӣ.
Ҳирфа - касаба.
Ҳисн - қалъа.
Ҳисом // Ҳусом - шамшер, теғ.
Ҳита - доира.
Ҳиҷо - ҳаҷв.
Ҳиҷоб - парда, ниқоб, рӯпӯш.
Ҳиҷоз - номи шаҳр дар Арабистони Саудӣ; оҳанге аз «Шашмақом».
Ҳиштан - тарк кардан, партофтан, мондан; сар додан, аз даст додан.
Ҳодис - нав, ба қарибӣ. 0 *ҳодису ҳадим* наву кӯҳна.
Ҳоил - даҳшатнок, воҳиманок, даҳшатангез, ҳавлангез.
Ҳола - доираи ғуборолуди равшан дар гирди моҳ, хирмани моҳ.
Ҳомил - боркаш.
Ҳосид - ҳасуд, бахил.
Ҳосир - ҳадгузоранда, андозакунанда.
Ҳосса - қуввае, ки ба воситаи он чизеро ҳис мекунанд ва дармеёбанд.

Ҳоҷиб - пардадор, дарбон.
Ҳошо - ҳаргиз, ҳеҷ гоҳ.
Ҳубуб - вазиш, вазидан(-и бод).
Ҳук(к)ом - ҷ. ҳоким.
Ҳуққа - қуттӣ.
Ҳулал I - ҷ. ҳуллат.
II - ҷ. ҳалол.
Ҳуллат - либос, ҷома, куртаву эзор.
Ҳулй // Ҳулӣ // Ҳулйа // Ҳилй // Ҳилӣ // Ҳилйа - зинат, асбоби зинат, либоси ороиши занон; зоҳир, аломатҳои зоҳирӣ.
Ҳулул - расидан, фаро расидан, рӯй додан; (дар фалсафа) маҳлул шудан, омехтан ва шакли дигар гирифтан.
Ҳумо - ларза.
Ҳур // Ҳуро - зани бисёр зебо дар ҷаннат. 0 *ҳури ин* занони сафедпӯсти шаҳлочашм.
Ҳусом - шамшери тез, дами шамшер.
Ҳут - моҳӣ; номи бурҷи дувоздаҳуми бурҷҳои осмон.

## Ч

Чавгонлаъб - чавгонбозӣ.
Чакак - паррандаи хурдҷусса.
Чалак - зарфи чӯбин, ки дар он асал мегиранд.
Чалипо - салиб, дор.
Чанбар(а) - доира, чанбарак, ҳалқа, тавқ; қайд, банд; каманд.
Чапандоз - асптози бузкаши моҳир, човандоз.
Чашм - 0 *чашми хурӯс* киноя аз май.
Чилим - зарфи махсуси пури об барои кашидани тамоку ва банг.
Човуш - пешрави корвон ё зиёратчиён.
Чоруқ - пойафзор аз пӯсти каллаи гов.
Чоқ - дар гӯишҳо ба маънои *хуш*.
Чуғд // чугз - бум, ки мурғи наҳс ва бехосият ҳисоб мешавад.

Чумоқ - гурзи оҳанине, ки шаш парра дорад, шашпар.
Чуна - заволаи хамир; як хел ҳалвои камбаҳо.
Чуст - зуд, тез.

## Ҷ

Ҷаал - чизи гузошта мешуда.
Ҷабал - кӯҳ.
Ҷабҳа - пешонӣ.
Ҷаввола - оташи баланди печон.
Ҷавзо - номи бурҷи сеюми соли хуршедии эронӣ, ки ба моҳҳои майу июн рост меояд; гӯспанди сиёҳи миёнсапед;
Ҷавқ - гурӯҳ, тӯда, гурӯҳи мардум.
Ҷавоз - раҳоӣ, рухсати раҳоӣ.
Ҷавор - паҳлӯ, наздикӣ, ҳамсоягӣ.
Ҷавоҳир - ҷ. **ҷавҳар.**
Ҷавҳар - муарраби **гавҳар.**
Ҷадал - баҳсу мунозира; мунокиша, хархаша; ҷангу ҳарб; саъйу кӯшиш.
Ҷадӣ - номи бурҷи даҳуми соли хуршедии эронӣ, ки ба моҳҳои декабру январ рост меояд.
Ҷазаъ - бесабрӣ, беқарорӣ, нолаву зорӣ.
Ҷазба - ба худ кашидан, кашиш.
Ҷалил - бузург, азим; боазамат.
Ҷалодат - маҳкамӣ, устуворӣ. *маҷ. бераҳмӣ.*
Ҷам(м) - фаровонӣ, сершуморӣ.
Ҷамоза - шутури тезрафтор.
Ҷандал - санг.
Ҷанибаткаш - мирохур, раис.
Ҷаннат - биҳишт.
Ҷараб - яке аз бемориҳои пӯст, хориш.
Ҷаҳим - дӯзах, оташи дӯзах.
Ҷаҳул - касе, ки аз ҳад зиёд нодон аст.
Ҷибол - ҷ. **ҷабал.**
Ҷинон - ҷ. **ҷаннат.**

Ҷирм - ҷисмҳои осмонӣ, монанди Моҳ, Офтоб ва ғ.
Ҷифа - ҳайвони мурдори бӯгирифта.
Ҷиҳат - тараф, *шаш ҷиҳат* - шаш сӯ, шаш тарафи ҷаҳон: пеш, пас, рост, чап, боло, поин.
Ҷоил - гузошта. 0 *ҷоил уз-зулмот* гузорандаи зулмот, киноя аз шаб.
Ҷомеъ - масҷиди калон.
Ҷориҳа - корд, ханҷар, шамшер.
Ҷубба - либоси боло, ки остинҳои фарох дорад.
Ҷуд - саховат, бахшиш, эҳсон.
Ҷул(л) - болопӯши аспу хар ё хачир ва ғ. барои роҳат нишастан бар онҳо.
Ҷуллоб - шарбати қанд, ки бо гулоб омезанд, то дору шавад.
Ҷумал - абҷад.
Ҷурра - наринаи ҳар ҷонвари чаранда ва паранда, махсусан бози нар.
Ҷӯлоҳа - гуруснагӣ, гурусна.
Ҷӯъ - гуруснагӣ, гурусна.

## Ш

Шааф - шодӣ, шефтагӣ, шайдоӣ.
Шаба(ҳ) - санги сиёҳи барроқи нарм, мӯҳраи сиёҳ.
Шабаъ - серӣ.
Шав - *шав гирифтан* рамидан, ҳаросидан.
Шағаб - шӯру ғавғо, мағал.
Шавкат - қудратмандӣ, бузургӣ, ҷило, шукӯҳ.
Шайх - пир, мӯйсафед; пири тариқат.
Шақ(қ) - шикоф; чок, шикофта, нима.
Шақиқа - чаккаи пешонӣ.
Шақоиқ - як навъи гули лола.
Шалойин - шӯхшанг.
Шалҷам - шакли арабишудаи шалғам.
Шамма - хурдӣ, камӣ.
Шамома - бӯи хуш.

Шамса - қурси зарандуд, ки дар қуббаҳо, гунбазҳо, иморатҳо насб мекунанд.

Шанбалид - гиёҳест, ки гули зардранги он бӯи тез дорад ва дар сари роҳҳо мерӯяд.

Шангарф - ранги моил ба сурхӣ.

Шаноат - разолат, пастӣ, манфурӣ.

Шаранг - харбузаи талхи саҳрой.

Шарирӣ - бадӣ.

Шароеъ - ҷ. **шаръ.**

Шартия - номаи паймон, аҳднома, мувофиқа.

Шарфа - кунгураи биноҳои бошукӯҳ; болохона.

Шарҳа - порча, луқма; пӯрчаи гӯшт, буридаи гӯшт.

Шаръ - оину тариқати дини ислом, қонунҳои ислом.

Шаст - сарангушт; чангаки моҳигирӣ; ҳалқаи ангуштармонанде, ки барои кашидани зеҳи камон ба сарангушт гузошта мешавад ва ғ...

Шат(т) - соҳил.

Шатал - касеро бо суханҳои дурӯғ фиреб карда, аз паи худ овора кардан; инъоме, ки қиморбоз пас аз бурдан ба дигарон диҳад (чутал низ гӯянд).

Шаҳна - доруга, посбони шаҳр.

Шаҳоб // Шиҳоб - ситораи дурахшони паррон.

Шаъшаа - пароканда ва парешон шудани нур ва равшании офтоб ба ҳар тараф.

Шеъро - яке аз ду ситораи дурахшон *(Шеърои шомӣ, Шеърои ямонӣ).*

Шибл - бачаи шер.

Шибҳ - мисл, монанд.

Шигарф - бузург, олиҷаноб.

Шиканҷ - печ, тоб, шикан; печу хам; ранҷ, азоб.

Шикеб - сабр, таҳаммул, тоқат, бурдборӣ; ором.

Шиқҷ(а) - нимаи чизе; пора, қисм.

Шила - дар гӯиши Бухоро **найранг.**

Шилтоқ - дар гӯишҳо ба маънои *макру фиреб.*

Ширзима - тӯда, издиҳом.
Широк - банди кафш, тасмаи кафш.
Шито - зимистон.
Шитоланг - буҷули по, устухони пошнаи по.
Шоб - ҷавон.
Шоиба - нуқсон, доғ, омёзиш, гумон.
Шом - номи қадимии Сурия.
Шомил - фарогиранда, дарбаргиранда.
Шоръ - кӯча, хиёбон.
Шотир - чусту чолок.
Шоҳид - тамошобин, бинанда, соҳибҳусн, соҳибҷамол.
Шуллон - хӯрок барои мардум.
Шуъоъӣ - равшаноии мутааллиқ ба нур.
Шӯг - афсона.
Шӯша - порчаи яклухти ягон чиз.

## Э

Эдар - ин ҷо, дар ин ҷо.
Эдун - ҳоло, ҳозир.
Эҷоб - воҷиб ва зарур гардонидан, қабул кардан; исбот намудан; ақци муомила (масалан, никоҳ).
Эҳмол - бепарвоӣ, сахлангорӣ; таъхир, фурӯгузорӣ; танбалӣ, беҳавсалагӣ.
Эҳсон - бахшиш; накӯӣ, лутфу марҳамат.
Эҳтизоз - ҷунбиш, ларзиш; *мац.* хушҳолӣ, шодмонӣ.
Эҳтизор - расидани аҷал.
Эҳтимом - саъю кӯшиш.
Эҳтишом - ҳашмат, зебоӣ.
Эҳтиҷоҷ - ҳуҷҷатоварӣ, далеловарӣ, барои исботи чизе далел овардан.
Эҷоб - зарур(ат).
Эътизор - узрталабӣ, узрхоҳӣ.
Эътикоф - ибодати доимӣ, гӯшанишинӣ, чилланишинӣ.
Эътилол - иллат пайдо кардан.

## Ю

Юмн - бахт, толеъ, иқбол, некбахтӣ, хушбахтӣ; баракат; некӣ, хубӣ.

Юср - осонӣ, дорой, некӯаҳволӣ.

## Я

Явм - рӯз; як шабонарӯз.

Яд - даст. 0 *яди байзо* киноя аз дасти мӯъҷизакори Мӯсои пайғамбар, ки агар дасти худро дар бағал карда берун мебаровард, мисли офтоб медурахшид.

Ямин - тарафи рост, дасти рост, боигарӣ; ёвари қозӣ, ки аз тарафи рости ӯ меистад.

Ямн (ямин) - тарафи рост.

Ярақон - беморие, ки бар асари он дар бадан ва чашм зардӣ пайдо мешавад, бемории зардпарвин.

Ясав - қатор

Ясор - тарафи чап, дасти чап; боигарӣ, дорой.

Яср (ясор) - тарафи чап.

Ял - паҳлавон.

Ялмон - зарби шамшер.

Ятоқ - бистарӣ; 0 *ятоқ кардан* бистарӣ кардан.

Яхча - тагарг, бороне, ки ба шакли ях меборад, жола.

МУНДАРИҶА

**Пешгуфтор......................................................................................3**

**Мухтасаре дар шарҳи рӯзгори Шоҳин............................................. 6**

**Дар бораи тартиб ва танзими куллиёт............................................ 16**

**Ғазалиёт.........................................................................................25**

**Қасидаҳо....................................................................................... 215**

**Мусаддасот ва мухаммасот.........................................................  277**

**Тарҷеъбанд ва таркиббандҳо.......................................................... 295**

**Қитъаҳо.........................................................................................301**

**Рубоиёт.........................................................................................304**

**Шеърҳои нотамом ва фардиёт........................................................ 313**

**Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»..........................................................318**

**Маснавии «Тӯҳфаи дӯстон»...........................................................462**

**Бадоеъ ус-саноеъ.......................................................................... 538**

**Тавзеҳи номҳои хос.......................................................................560**

**Вожаҳо..........................................................................................574**

*Шамсиддин Шоҳин*

# КУЛЛИЁТ

Муҳаррири
саҳифабандӣ ***М. Саидова***
Тарроҳ ***Ф. Раҳимов***

**Ба матбаа 25.07.06 таҳвил гардид. Чопаш 02.08.06 ба имзо расид. Андозаи 84x108'/$_{и}$. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 20,0. Адади нашр 1000 нусха. Супориши №51/06.**

**Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе,**
**кӯчаи Н.Қаробоев, 17 а.**

**Дар матбааи нашриёти *«3%0Л»* чоп шудааст.**
**734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.**
**Тел.: 221-95-43. Е-таИ: додПг@таИ.ги.**